ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН ВА ЭҲЁИ МИЛЛАТ

7

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН ВА ЭҲЁИ МИЛЛАТ

## ҶИЛДИ 7

ДУШАНБЕ
«ИРФОН»
2007

ББК 10 + 2 · 4 - 5
Р – 80

Мураттиб *С.Фаттоев*

**Эмомалӣ Раҳмон**
**Р – 80** Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди ҳафтум. – Душанбе: «Ирфон», 2007, 480 саҳ.

**Эмомали Рахмон**
Независимость Таджикистана и возрождение нации.

**1203002010 – 010**
**Р ---------- – 2007** **ББК 10 + 2 · 4 - 5**
**М 501 (12) – 2007**

ISBN 978-99947-30-34-7

ISBN 978-99947-30-34-7

© Эмомалӣ Раҳмон, 2007

# СУХАНРОНӢ
# ДАР ҲУЗУРИ ОМӮЗГОРОН ВА ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲИ АВРУПОЮ ОСИЁИ БА НОМИ Л.Н.ГУМИЛЁВ

Остона, 5 майи соли 2006

**Профессорҳо ва омӯзгорони мӯҳтарам!**
**Донишҷӯёни гиромӣ!**
**Дӯстон!**

Лутфан иҷозат фармоед, пеш аз ҳама ба роҳбарият, ҳайати олимону омӯзгорон ва тамоми кормандони сершумори донишгоҳи Аврупою Осиёи ба номи Лев Николаевич Гумилёв барои ташкили ин мулоқот, пазироии гарму ҷӯшон ва эҳтироми самимона миннатдорӣ баён намоям.

Бовар дорам, ки дониш, фарҳанг ва маънавиёт моҳияти ҳақиқии инсоният ва сарвати бебаҳои халқҳо ва мамлакатҳо мебошад. Ва одамоне, ки онҳоро дар дилу дидаи ҳар узви ҷомеа ҷой мекунанд, ҳақиқатан захираи тиллоии ҳар халқу миллат мебошанд. Ман аз мулоқот бо аҳли донишгоҳи шумо хеле хурсандам.

Вазифаи инсонии худ мешуморам, ки ба шумо барои ба ман сазовор донистани унвони профессори фахрии донишгоҳи Аврупою Осиё самимона ташаккур изҳор намоям. Ман ин унвонро ҳамчун эътирофи садоқати халқи худ ба идеалҳои дӯстӣ ва ҳамкорию ҳамгироии қитъаҳои Аврупою Осиё қабул менамоям.

**Дӯстон!**

Мо дар ҷаҳоне зиндагӣ дорем, ки онро хусусиятҳои ниҳоят мураккаби рӯйдодҳо, омилҳо ва тамоилҳои хеле зиёд ва бо ҳамдигар вобаста, гуногун, серсоҳа ва қисман ба якдигар мухолиф фаро гирифтаанд. Ҷаҳони мо ҳам

имкониятҳо ва эҳтимолияти бузурги таърихӣ, ташаккули ниҳоят ҷиддӣ, таҳдидҳо ва санҷишу имтиҳонҳои бузургро барои тамоми халқҳо ва мамлакатҳо дар бар мегирад. Ҷаҳони мо ҷаҳонест, ки дар он тағйироту дигаргуниҳои амиқ ва ҳатто инқилобӣ хусусияти афзоишёбанда ва фарогиранда доранд, онҳо ба тамоми минтақаҳо ва давлатҳои ҷаҳон, ба ҳамаи соҳаҳо ва ҷиҳатҳои ҳаёти мо таъсири рӯзафзун ва нуфузёбанда мерасонанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯз тақдири халқҳо ва мамлакатҳо ба ҳамдигар вобастаанд, минтақаҳо бо ҳамдигар равобити ҳамаҷониба доранд ва талаботу таҳдидҳои замони имрӯза хусусияти умумӣ касб намудаанд. Ҷаҳони мо бо ҳукми тақдир бояд ин воқеиятро ба назар гирифта, мувофиқи онҳо амал кунад. Дар ин маврид мо бояд на манфиатҳои маҳдуди миллию давлатӣ, балки ҳадафу манфиатҳо ва арзишҳои ҳақиқатан умумибашарӣ ва ҷаҳониро ба роҳбарӣ гирем.

Чунин вазъияти воқеӣ таҳқиқоти муназзами тамоми ҷиҳатҳои умумии зуҳуроти зикршударо аз ҷониби намояндагони доираи васеи илмҳои ичтимоию гуманитарӣ, муҳаққиқон, коршиносон ва умуман тамоми омӯзгорон қотеона талаб менамояд.

Ин зуҳуроти мураккаб ва пурихтилофи дохилӣ дар маркази таваччӯҳи роҳбарони сиёсии давлатҳо қарор доранд, ки бояд ҷараёни ба ҳамагон фаҳмои нақшаҳои ояндаи пешрафтро асоснок ва таъмин кунанд.

Ин ҷо дар бораи ҳар кадоми онҳо муфассал сухан рондан ҳоҷат надорад. Бинобар ин таваҷҷӯҳи шуморо ба проблемае ҷалб карданиам, ки барои Тоҷикистон, Қазоқистон, инчунин мамлакатҳои дигари минтақа аҳамияти ҳаётан муҳим дорад. Ин проблемаи ҳамкории тамоми минтақаҳои Аврупою Осиё бо назардошти ҷиҳатҳо ва талаботи асосӣ ва зуҳуроти умумибашарии асри ХХ1 аст.

Тоҷикистон, Қазоқистон ва мамлакатҳои дигари Осиёи Марказӣ дар қисмати марказии қитъаи Авруосиё ҷойгир шудаанд. Бинобар ин тақдири воқеии ин қитъаҳо аз бисёр ҷиҳат ба ҷидду ҷаҳд ва самараи ҳамкорию ҳамгироии мо вобаста мебошад.

Таъкид кардан зарур аст, ки Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи том ва аз ҷиҳати таърихию фарҳангӣ муташаккил таркиб ёфта ва тараққӣ кардааст, зиёда аз ин минтақаи мо дар давоми давраи хеле тӯлонии таърихӣ яке аз марказҳои тараққикардатарини ҷаҳон ба шумор мерафт.

Аз нуқтаи назари таърихӣ ҳаминаш ҳам хеле муҳим буд, ки минтақаи мо минтақаҳои дигари аз ҷиҳати таъриху фарҳанг пешрафта, Осиёи Шарқӣ, Ҷанубӣ ва Ғарбиро ба воситаи Роҳи бузурги абрешим ва инфраструктураи бомуваффақият ба ҳамдигар пайванд мекард ва як навъ омили амалии ҳамкории бисёрсоҳаи байниминтақавӣ ба шумор мерафт.

Осиёи Марказӣ аз замонҳои қадимтарин бо қитъаи Авруосиёи Шимолӣ, хусусан сарзаминҳои руснишин, ҷанубии Урал ва ҷануби Сибир аз ҷиҳатҳои таърихӣ, генетикӣ ва фарҳангӣ муносибот ва равобити ҳамаҷониба дошт. Ин равобит зери таъсири омилҳо, тамоилҳо ва рӯйдодҳои хеле гуногун ва ҷиддии таърихӣ вусъат ёфта, ғанӣ гардида ва густариш ёфтаанд.

Таърих исбот кардааст, ки ҳуҷуми муғулҳо ва идомаи ҷангҳои дохилии байниқабилавӣ баъди барҳам хӯрдани ҳокимияти онҳо , ҳамлаҳои ғоратгарона ва шӯришу исёнҳои гуногун, инчунин аҳамияти бештар пайдо кардани нақши роҳҳои бехавфу хатар ва аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатбахши баҳрӣ, минтақаҳо ва мамлакатҳои наздибаҳрӣ на танҳо нақши пайвасткунанда ва транзитии Осиёи Марказиро коҳиш доданд, балки омили асосии хеле қафо мондани он аз роҳҳои асосии истиқрор ва пешрафти тамаддуни муосир гардиданд.

Дар асри XX, дар доираи тақдири нави таърихӣ, минтақаи мо ва Авруосиёи Шимолӣ ба пешрафти назарраси иқтисодӣ , технологӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ноил гардид, дар минтаҚа сохторҳои муташаккил ва пешрафтаи иқтисодии техникӣ ва илмию фарҳангӣ, намунаи муосири инфраструктураи истеҳсолию техникӣ ва иҷтимоӣ бунёд карда шуд, дар он намунаи имрӯзаи мутамаддини ташкили ҳаёт ва фаъолияти иҷтимоӣ ба вуҷуд оварда шуд.

Вале аз дидгоҳи талаботи замони имрӯза ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ мо равшан дарк мекунем, ки дараҷаи имрӯзаи пешрафтамон ба талаботи рӯзафзуни халқҳоямон, манфиатҳои тӯлонии тараққиёти босубот ва тақозои имрӯза мувофиқат намекунад. Ҳатто ба дараҷа ва дурнамои тараққиёти Осиёи Марказӣ ва тамоми Авруосиёи Шимолӣ аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо дода мешавад. Бештар аз ин баъзе муаллифони алоҳида хусусияти ноумедона ва ҳатто манфии пешрафти иҷтимоию иқтисодии минтақа ва умуман ояндаи моро дидаю дониста таъкид менамоянд.

Дар робита саволи мантиқӣ ба миён меояд, ки оё дараҷаи имрӯзаи тараққиёти Осиёи Марказӣ ва умуман

Авруосиё воқеӣ ва қаноатбахш мебошад? Агар пешрафти он воқеӣ ва қаноатбахш бошад, ҷараёни минбаъдаи онро чӣ гуна таъмин кардан мумкин аст? Самтҳои асосӣ ва афзалиятноки нақшаҳои умумии стратегӣ кадомҳоянд? Роҳҳо ва усулу воситаҳои ба даст овардани ин ҳадафи ҳақиқатан таърихӣ кадомҳоянд? Дар асоси таҳлили воқеии тамоми ин омилҳо изҳор кардан мумкин аст, ки ин ҳадафи олиро ба даст овардан имконпазир мебошад. Зеро Осиёи Марказӣ ва Авруосиёи Шимолӣ барои тараққиёти босубот ва дарозмуддат тамоми шароиту имкониятҳои заруриро доранд, ин пеш аз ҳама захираҳои ниҳоят фаровони сӯзишворӣ, энергетика, захираҳои стратегӣ ва ҳаётан муҳими об, захираҳои ниҳоят калони тамоми намудҳои сарватҳои зеризаминӣ, нерӯи хеле бузурги ақлонӣ ва илмию техникӣ, шабакаи ба қадри кофӣ тараққикарда ва доманадори инфраструктура, иқтисодиёти ба ҳамдигар вобастабудаи тамоми минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Авруосиёи Шимолӣ, инчунин хусусияти ҳамдигарро бештар ғанӣ гардонидани онҳо мебошанд.

Ин ҷо аҳамияти таърихӣ ва амалии анъанаҳои босуботи ниёгон ва халқҳои мо дар бобати дастгирии ҳамдигар, эҳтироми мутақобала ва ҳусни ҳамҷавории ҳақиқиро махсус қайд кардан зарур аст. Чунин имкониятҳо ва омилҳо худ аз худ, ҳатто дар мавриди кӯшишҳои фаъолонаи мамлакатҳои алоҳида ҷараёни босуръати пешрафт ва дараҷаи сифатан нави рушди онҳоро таъмин карда наметавонанд. Дар ин маврид таҳия кардан ва муттасил амалӣ сохтани барномаҳои стратегии ҳамаҷониба асоснокшуда ва аниқи оқилона тараққӣ додани минтақа ва тамоми ҳудуди Авруосиё талаб карда мешавад.

Стратегияи комплексии доманадор ва аз ҷиҳати маъною мундарича мукаммал бояд самтҳои асосии афзалиятнокро дар бар гирифта ва ифода кунад, ки амалӣ сохтани онҳо пешрафти сифатан нав ва дараҷаи арзандаи зиндагии шоистаи ҳар нафар сокини Осиёи Марказӣ ва Авруосиёи Шимолиро таъмин карда тавонад. Мо дар арафаи интихоби таърихии самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ ва бемайлон амалӣ сохтани онҳо дар давоми солҳои наздик қарор дорем. Акнун дар бораи онҳо нисбатан муфассалтар сухан ронданиам.

Бешубҳа, самти асосии пешрафти мо иқтисодиёт ва тамоми меъёрҳои ба он вобаста мебошанд. Дар ин маврид, ба ақидаи мо масъалаи асосии пешрафти босуръат ва босуботи иқтисодиёти мамлакатҳои мо комплекси энергетикӣ ба шумор

меравад, бояд гуфт, ки дар минтақаи мо захираҳои ниҳоят фаровони сӯзишворӣ ва гидроэнергетикӣ мавҷуданд ва истифодаи саривақтию самарабахши онҳо бемуҳобот асоси боэътимоди тараққиёти иқтисодиёт хоҳад гашт. Инчунин ҳаминро ҳам нодида гирифтан мумкин нест, ки проблемаи истихроҷу истифодаи энергия дар давоми солҳои наздиктарин ба проблемаи асоситарини иқтисодию иҷтимоӣ, геостратегӣ, аз ҷумла геополитикӣ табдил хоҳад ёфт.

Комплекси энергетикӣ бояд ҷузъиёти муҳимтарини ба ҳамдигар вобастабударо бо назардошти тараққиёти муттасили макроиқтисодӣ ва вазъияти умумии иқтисодӣ бо роҳҳои самарабахш ҳамоҳанг созад. Дар замина манбаъҳо ва захираҳои доимоамалкунанда ва барқароршавандаи энергия аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Дар байни онҳо истихроҷи қувваи барқ, бешубҳа, мақоми марказӣ дорад. Истифодаи ҳамаҷонибаю самарабахши захираҳои гидроэнергетикӣ ба иҷрои вазифаҳои тараққиёти ҳамаҷониба ва серсоҳа имконият фароҳам месозад. Ин ҷо танҳо як мисол меорам – амалӣ сохтани барномаи стратегии энергетикии мамлакати мо дар давраи то соли 2025 имкон медиҳад, ки ҳадафҳои зерини ҳаётан муҳими дорои аҳамияти умумибашарӣ ба даст оварда шаванд:

**Якум,** зиёда аз талаботи мардуми ҷумҳурӣ бештар аз 50 миллиард киловатт-соат қувваи арзон ва тозаи барқ истеҳсол карда, амалан талаботи рӯзафзуни аҳолии Осиёи Марказӣ, инчунин Афғонистону Покистон ва мамлакатҳои дигари ҳамсоя ба қувваи барқ қонеъ гардонида шавад;

**Дуюм,** бештар аз ду миллион гектар замин қобили кишт гардонида, вазъияти мелиоративии миллионҳо гектар замини кишт беҳтар карда шавад. Ин дар шароити афзоиши аҳолии Осиёи Марказӣ ва Афғонистон аҳамияти калони на танҳо иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ низ дорад;

**Сеюм,** захираҳои бебаҳои об дар минтаҷа ба таври оқилона танзим карда шавад, ки ин ҳам, бешубҳа, ба манфиати тамоми мамлакатҳои минтаҷа мебошад;

**Чорум,** дар Тоҷикистон ва Афғонистон ба истихроҷи сарватҳои хеле фаровон ва қимматбаҳои стратегӣ (хусусан мис, антрасит, уран ва ғайра) сар карда, саноати истихроҷкунанда ва коркарди маъдан ба таври куллӣ такмил дода шавад. Дар ин маврид танҳо мамлакати мо метавонад истеҳсоли алюминийи дараҷаи олиро аз 400 ҳазор тоннаи имрӯза дар як сол то 1,5 -2 миллион тонна зиёд кунад.

**Панҷум,** муҳити умумии экологии Осиёи Марказиро хеле беҳтар мегардонад.

Махсус қайд кардан лозим аст, ки ин нақшаи стратегӣ ба тараққиёти босуръати қариб ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт мусоидат мекунад ва иншоотҳои дар он пешбинишуда сердаромад буда, хароҷоти онҳо дар муддати кӯтоҳ бароварда мешавад. Зиёда аз ин, ин нақшаи стратегӣ пешрафти соҳаҳои дигари иқтисодиётро тезонида, имкониятҳои содироти молро аз мамлакати мо ва тамоми минтақа хеле бештар гардонида, таваҷҷӯҳи сармоягузоронро бештар сохта, ба афзунтар гардонидани нерӯи умумии иқтисодии тамоми минтақа кӯмак мерасонад.

Афзалияти дуюми ҳатмии байниминтақавӣ, ба ақидаи мо, тараққиёти инфраструктура ба маънои васеи он мебошад. Фаъолияти инфраструктураи муосир самараи ҳамкории минтақавӣ ва байниминтақавиро якбора афзунтар гардонда, нақши транзитӣ ва пайвасткунандаи Осиёи Марказиро ҳамчун чаҳорсӯи қулай ва аз ҷиҳати иқтисодӣ нисбатан муфиди ба ҳамдигар пайвастани минтақаҳои муттасил ва босуръат тараққиёбанда – Осиёи Шарқӣ ва Ғарбӣ, инчунин Авруосиёи Шимолӣ чандин баробар афзуда, мамлакатҳои моро ба соҳили баҳрҳои гарми ҷанубӣ ва бозорҳои мамлакатҳои мутараққӣ наздик сохта, бо роҳҳои табиӣ ҳамроҳ шудани онҳоро ба марказҳо ва системаҳои муҳимтарини пешниҳоди сармоя, технологияи навтарин ва хизматҳо таъмин карда, инчунин ба шабакаҳои глобалии иттилоотӣ ва алоқа пайваст месозад.

Бартарии муҳимтарини сеюм, бешубҳа, бояд ҳамкории доманадори иҷтимоию фарҳангӣ ва гуманитарӣ гардад, ин пеш аз ҳама дар соҳаи маориф хеле зарур аст, зеро маҳз дар ҳамин ҷо хусусиятҳои арзишмандтарини шахсият ва ояндаи воқеии халқҳо ва мамлакатҳои мо ташаккул меёбанд.

Дар баробари ин ҳамин омилро зикр накардан мумкин нест, ки айни замон монеаҳои нави соҳаи маориф имкониятҳои таҳсилро дар ҷумҳуриҳои дигар ва ба мамлакатҳои дигар фиристодани донишҷӯёнро барои таҳсил комилан маҳдуд сохта метавонанд. Эътироф накардани дипломҳои ҳамдигар ба қатъ гардидани асосҳои фазои воҳиди гуманитарӣ сабаб шуда метавонад.

Инчунин ҳалли проблемаҳои ҳамкории ҳамаҷонибаю самарабахш дар соҳаи илм ва технологияи олӣ хеле муҳим мебошад, дар ин соҳа ҳамкорӣ ва амалӣ сохтани барномаҳои муштарак мувофиқи талаботи замон ҳаётан муҳим ва ба манфиати ҳамагон аст.

Вусъат додани равобити умумии маънавию фарҳангӣ ва гуманитарӣ шарти зарурии ба даст овардани ҳадафҳои

миллию минтақавӣ ва ояндаи умумии мо мебошад. Мо бо ҳукми таърих ва тақдир дӯш бар дӯши ҳамдигар зиндагӣ мекунем, ба ҳамдигар дӯстони наздикем ва бояд ҳамеша ҳамин тавр боқӣ монем.

Бинобар ин мо бояд барои вусъат додани равобити озоди ҳамаи шаҳрвандонамон ва хусусан ҳамкории ҳамаҷонибаю муттасил ва доимии ходимони илму фарҳанг, санъат, олимон, адибон, рассомон, ҳунарпешагон ва одамони дигари эҷодкор шароити мусоидтаринро муҳайё созем. Ин масъалаҳо бояд дар шароити душвортарини умумии миллӣ, минтақавӣ ва умумибашарӣ ба таври якҷоя ва вобаста бо афзалиятҳои дигари миллию минтақавӣ, хусусан таъмини суботи вазъият ва амният ҳал карда шаванд.

Ин ҷо махсус таъкид кардан зарур аст, ки ба даст овардани ин афзалиятҳо ва таъмини беҳтар кардани сифати онҳо ба ҳамаи мамлакатҳо, халқҳо ва ҳар нафар сокини Осиёи Марказӣ ва Авруосиёи Шимолӣ, аз дараҷаи диди стратегӣ ва иродаи хайрхоҳонаи ҳар роҳбари сиёсӣ вобаста мебошад. Дар асоси ин гуфтаҳо ёдовар мешавам, ки нақшаҳои дурнамои пешрафти иқтисодиёт ва таъмини рӯзгори осоиштаи мардуми минтақаи мо аз бисёр ҷиҳат ба дастовардҳои олӣ дар соҳаи ҳамкории минтақавӣ вобаста мебошад. Ин, ба ақидаи мо, бояд то ҳадди имкон шаффоф буда, ба доду гирифти озоди сармоя, мол, хизмат ва қувваи кор кӯмак расонад.

Ҳоло, ки ҳамаи ин ҳадафҳо ба даст наомадаанд, мо аз ҷиҳати иқтисодӣ зиёни калон мебинем. Дар ин бобат чунин далелро мисол овардан мумкин аст. Барҳам додани монеаҳои беасос ва сунъии иқтисодӣ имкон медиҳад, ки бе ягон хароҷоти иловагӣ тараққиёти дукаратаи иқтисодии ҳамаи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ таъмин карда, нерӯи иқтисодии онҳо мустаҳкамтар сохта, таъминоти минтақа дар самтҳои муҳимтарини стратегӣ беҳтар гардонида, шароити зиндагии шаҳрвандони мо хеле беҳтар карда шавад.

Боварӣ дорам, ки Тоҷикистон ва Қазоқистон дар бобати ба даст овардани ин ҳадафҳои стратегӣ саҳми арзанда гузошта метавонанд. Муваффақиятҳои Қазоқистони бо мо дӯст дар ҳамаи соҳаҳо, хусусан дар соҳаи иқтисодиёт ба ҳамагон маълум аст ва мо ба он баҳои баланд медиҳем.

Дар иҷрои муваффақонаи стратегияи иқтисодӣ таҳти роҳбарии хирадмандонаи дӯсти ман Нурсултон Абишевич бо роҳҳои самарабахшу оқилона мувофиқ намудани ислоҳоти амиқи сохторҳои иқтисодиёт ва тараққиёти босуръати қариб ҳамаи сохторҳои он ва дар баробари ин нигоҳ доштан ва

мустаҳкам намудани вазъияти босуботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти махсусан муҳим дорад.

Маълум аст, ки давлатҳои мо якбора мустақил гардида, бо душвориҳои хеле калони воқеӣ рӯ ба рӯ гардиданд. Ин пеш аз ҳама шароити зиндагии дар миқёси ИҶШС пасттарин, ба ҳамдигар мувофиқ набудани сохторҳои иқтисодӣ, якбора канда шудани равобити иқтисодӣ ва хусусан муқовимати мусаллаҳонаи дохилӣ мебошанд. Зарари танҳо ҷанги дохилӣ ба иқтисодиёти мамлакати мо зиёда аз 7 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Маблағи зарари умумӣ, аз ҷумла аз қаламрави мамлакат баровардани моликияти қимматбаҳои соҳаҳои дорои технологияи олӣ, таҷҳизот, инчунин воситаҳо ва захираҳои стратегӣ ва ғайра аз 10 миллиард доллари ИМА бештар аст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии дохилӣ дар соли 1996 каме бештар аз 32 фоизи дараҷаи соли 1991- ро ташкил дод. Яъне гуфтан мумкин аст, ки ҳаҷми истеҳсоли солонаи он аз се ду ҳисса кам шуд.

Мо нақшаи стратегии ба даст овардани сулҳ ва созгории миллиро бемайлон амалӣ сохта дар шароити ниҳоят мураккаб ва душвор роҳи ислоҳоти амиқи тамоми соҳаҳои зиндагиро пеш гирифтем. Суръати ислоҳотро, хусусан дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт тезонида, мо бо қадамҳои боварибахш дар роҳи тараққиёти муттасили иқтисодӣ пеш рафтем. Суръати афзоиши миёнаи солонаи истеҳсоли маҳсулоти умумии дохилӣ дар давраи солҳои 2000- 2005 қариб 10 фоизро ташкил дод, афзоиши умумии он аз 60 фоиз ҳам бештар буд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат дар ин давра 70 фоиз ва хариду фурӯши мол ду баробар афзуд.

Соли 2000 маблағи қарзи берунии мамлакати мо қариб ба ҳаҷми солонаи маҳсулоти умумии дохилӣ баробар буд. Ба мо муяссар гардид, ки ҳаҷми онро дар аввали соли 2006 нисбат ба ҳаҷми солонаи маҳсулоти умумии дохилӣ то 30 фоиз кам кунем. Айни ҳол мо дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва самтҳои гуногуни инфраструктура барномаҳои калон, аз ҷумла сохтмони се нерӯгоҳи барқи обиро амалӣ месозем. Барои онҳо ба маблаги қариб се миллиард доллари ИМА сармояи хорӣҷӣ ҷалб карда шудааст. Мо имрӯз имконияти воқеӣ дорем, ки суръати тези тараққиёти тӯлонӣ ва босуботи ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва инфраструктураро таъмин намоем. Яке аз марҳалаҳои имрӯзаи нисбатан муҳим ва арзишманди пешрафти давлати навбунёди мо тараққиёти муттасил ва ҳатто рӯзафзуни соҳаи иҷтимоӣ мебошад. Ин ояндаи наздик шароити зиндагии ҳамаи сокинони

Тоҷикистонро ба таври воқеӣ хеле беҳтар хоҳад кард. Ҳадафи асосии мо ҳамаҷониба ва ба таври мутавозин инкишоф додани инсоне мебошад, ки ба талаботи замони имрӯзаи муттасил тараққикунанда ва пур аз ихтилоф ҷавоб дода тавонад.

Мо фахр мекунем, ки Тоҷикистони соҳибихтиёр иштирокчии фаъол ва эътимодбахши муносибатҳои имрӯзаи байналхалқӣ мебошад. Мо нақшаҳои стратегии амиқ андешидашуда ва масъулиятноки сиёсати беруниеро муттасил амалӣ месозем, ки на танҳо ба манфиатҳои олии мо, балки ба тамоилҳои минтақавию ҷаҳонӣ, орзую омоли тӯлонии қариб ҳамаи қувваҳои сулҳдӯст ва бунёдкори ҷаҳон комилан мувофиқ мебошад.

Бовар дорам, ки Тоҷикистон дар роҳи бунёди асосҳои ҷомеаи имрӯзаи демократӣ қадамҳои мустаҳкам гузошта, вазифаҳои стратегии тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоиро муваффақона ҳал намуда, тадричан ба қатори давлатҳои мутараққии ҷаҳон ҳамроҳ мегардад.

**Дӯстони азиз!**

Халқҳои мамлакатҳои мо имсол 15-солагии истиқлолияти давлатии худро ботантана ҷашн мегиранд. Мо ба пешвози ин ҷашни бузург тайёрӣ дида, аминем, ки Тоҷикистон ва Қазоқистон зимни ҳамкории доманадор бо Федератсияи Русия, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва давлатҳои дигари манфиатдор на танҳо нақшаҳои стратегии пешрафти босуботи миллиро муваффақона амалӣ месозанд, балки ҳамчун давлатҳои муттасил пешрафтаистода ба як навъ воситаи ҳамкорӣ ва ҳамгироии самарабахшу серсоҳаи минтақавӣ ва Аврупою Осиё табдил хоҳанд ёфт. Ва минтақаи мо дар оянда минтақаи обод ва шукуфои Замин хоҳад гашт.

Ин вазифаи бузурги ҷавонони мо ва хусусан донишҷӯён мебошад. Давраи донишҷӯйӣ давраи беҳтарини зиндагии инсон аст. Орзу дорам, ки шумо, донишҷӯёни азиз, сарвати ҳақиқатан беҳтарини давраи ҷавонӣ – тафаккури мустақилона ва мувофиқи талаботи замони имрӯзаро ба даст оред.

Дар хотима бори дигар ба Шумо аз таҳти дил ташаккур гуфта, орзуҳои беҳтарини худро иброз медорам.

**Ба диққататон ташаккур.**

## СУХАНРОНӢ
## ДАР ҲУЗУРИ ИШТИРОКЧИЁНИ
## АНҶУМАНИ СОҲИБКОРОН

Остона, 5 майи соли 2006

**Намояндагони мӯҳтарами доираҳои тиҷоратӣ!**

Аз имконияти мулоқот бо шумо хеле хушнуд гаштам.

Муносибатҳои ҳар давлат пеш аз ҳама дар асоси муносибатҳои одамон, ҳам шахсони расмӣ, ҳам ходимони сиёсию илмӣ, фарҳангӣ, ҳунармандон ё шаҳрвандони қаторӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин муносибатҳо нақши соҳибкорон хеле калон аст, ки дар ҳамаи давру замонҳо ба равнақу ривоҷи муносибатҳои халқҳо ва давлатҳо мусоидат кардаанд.

Ҳаминро сарвати бебаҳо мешуморам, ки халқҳои мо дар давоми асрҳои тӯлонӣ дар паҳлӯи ҳамдигар зиндагӣ карда, ба ҳамдигар эҳсосоти самимонаи эҳтиромӣ мутақобала ва ҳусни таваҷҷӯҳ доштанд ва доранд. Мо бояд ин сарватҳоро эҳтиёт карда, дар шароити нав боз ҳам афзунтар гардонем, ки имкониятҳои беҳудуди мустаҳкам кардан ва вусъат додани ин анъанаҳо ва муносибатҳои хайрхоҳонаро дучанд мегардонанд.

Мавқеи давлатҳои мо дар ин хусус ягона аст, ки ба ин ҷараёни таърихӣ дар заминаи анъанаҳои дерина ва имкониятҳои фаровони ҳамкорӣ бояд ҳамаҷониба мусоидат кунем.

Мо аз муваффақиятҳои дӯстони қазоқ самимона хурсандем, ки дар давоми чанд соли охир дар роҳи таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва ободию шукуфоии ин сарзамини ба мо дӯст ва меҳмоннавоз қадамҳои бузург ба пеш гузоштаанд. Ин комёбиҳо дар саросари ҷаҳон эътироф шудаанд ва Қазоқистон имрӯз дар байни мамлакатҳои собиқи шӯравӣ аз ҷиҳати пешрафти иқтисодиёт ва ҳаҷми ҷалби сармоя яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ҳамаи ин имкон дод, ки нерӯи сармоягузории ширкатҳои Қазоқистон чандин

баробар зиёд гаштааст. Ин имконияти ҳамкории моро дучанд васеътар мегардонад.

Ба ақидаи ман, чанд соли оянда, барои ба зинаҳои боз ҳам баландтар бардоштани равобити тиҷоратию иқтисодии ҳар ду кишвар мувофиқи имкониятҳои онҳо аҳамияти ҳалкунанда хоҳанд дошт.

Қазоқистон имрӯз яке аз ҳамкорон ва шарикони асосии мо мебошад. Маблағи хариду фурӯши мол танҳо дар давоми ду соли охир қариб ба ним миллиард доллар расид, ки ин нисбат ба натиҷаҳои умумии 5 соли гузашта хеле бештар аст. Ин тамоюли мусбат давом дорад ва пешбинӣ карда мешавад, ки маблағи хариду фурӯши мол имсол дар байни Тоҷикистону Қазоқистон ду баробар меафзояд.

Бо вуҷуди ин, агар ба ҷузъияти дохилии хариду фурӯши мол таваҷҷӯҳ зоҳир кунем, дар он саҳми захираҳои ашёи хом хеле зиёд аст. Чаро мо якҷоя кӯшиш намуда, коркарди амиқи онҳоро ба роҳ монда, маҳсулоти тайёрро ба бозори хориҷӣ намебарорем?

Ҳамин тавр, кишварҳои мо барои ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакати мо имкониятҳои калон доранд ва мо онро ҳамаҷониба маъқул дониста ва дастгирӣ мекунем. Ин ҷо чанд далелро мисол оварданиам, ки ба ақидаи ман, дар бораи имкониятҳои фаровони сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд.

**Аввалан,** ин умумияти мафкура, фарҳанг, забон ва технологияи мост. Ба ин анъанаҳои умумии деринаро зам кардан лозим аст, ки ман дар бораи онҳо сухан рондам. Мо бо ҳамдигар бо осонӣ муносибат карда метавонем, зеро ҳамдигарро дер боз мешиносем ва дар як система кору таҳсил ва зиндагӣ кардаем.

**Сониян,** ин вазъияти босуботи сиёсии Тоҷикистон аст. Чи тавре ки баъзе рӯйдодҳои охирин нишон медиҳанд, ин омил дар шароити имрӯза дар бобати таъмини амнияти сармоягузорӣ, имконияти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ бо воситаҳои қонунӣ нақши ҳалкунанда мебозад.

Тоҷикистон дар ин бобат аз рӯйи ақидаи коршиносони мӯътабари байналхалқӣ ва соҳибкорон, баъди Қазоқистон дар минтақа яке аз мамлакатҳои барои сармоягузорӣ диққатҷалбкунанда мебошад. Ҳаминро ҳам ба инобат гирифтан лозим аст, ки сармоягузорони хориҷӣ аз имкониятҳои мо ба тозагӣ хабардор мешаванд, ҳол он ки дар мамлакати шумо дар ин бобат таҷрибаи хеле калон андӯхта шудааст.

**Далели сеюм,** ин имконияти фаровони ҳамкорӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти мо ва шароити мусоиди сармоягузорӣ мебошад. Сиёсати иқтисодӣ ва молиявии мо озод аст, ин дар роҳи тиҷорати озод ва вориду хориҷ сохтани сармоя ягон монеа ба миён намеорад, дар мамлакати мо мубодилаи комили дохилии пули миллӣ таъмин карда шудааст.

Қонунҳои мамлакати мо барои сармоягузорон силсилаи имтиёзҳоро муқаррар мекунад, ки ба ҳаҷми маблағҳои гузошташуда вобастаанд, дар мамлакати мо барои рақобат имкониятҳои хуб муҳайё карда шудаанд, мо дар байни симоҳои воқеӣ ва ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқи онҳо ягон фарқ намегузорем.

Бояд гуфт, ки такмили қонунҳо бо мақсади муҳайё сохтани шароити мусоидтари рушди соҳибкорӣ давом дода мешавад. Маълум аст, ки мамлакатҳои мо узви ҷомеаи иқтисодии Аврупою Осиё буда, вазифаҳои вобаста ба ин ба зиммагирифтаашонро аниқ иҷро мекунанд. Ин, албатта, ба манфиати кор мебошад.

Мавҷудияти мутахассисони варзида, қувваи арзони корӣ ва корхонаю муассисаҳои ёрирасон, воситаҳои замонавии алоқа низ хеле муҳиманд. Ин омилҳо ба он мусоидат мекунанд, ки таваҷҷӯҳ ба иқтисодиёти Тоҷикистон хусусан дар давоми ду соли охир хеле афзуд. Мо чанд сол пеш ҳамагӣ дар бораи сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишварамон дар ҳаҷми чанд миллион доллар сухан мерондем, вале имрӯз сухан дар бораи миллиардҳо доллар меравад. Ин имкон медиҳад, ки ба иҷрои барномаҳои хеле калон шурӯъ карда шавад.

Акнун дар бораи соҳаҳои сармоягузорӣ чанд сухан гуфтаниам. Мо пеш аз ҳама ба амалӣ сохтани имкониятҳои гидроэнергетикии худ манфиатдорем, ки Тоҷикистон дар ин бобат дар миқёси ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. Имрӯз ба ин соҳа мароқи калон зоҳир карда мешавад ва мо ҳамроҳи шарикони эронӣ ва русиягиамон ба сохтмони ду нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда шурӯъ кардем, айни ҳол нақшаи анҷом додани сохтмони нерӯгоҳи нисбатан калони барқи обии Роғун муҳокима карда мешавад, ки ба қонеъ гардондани талаботи мамлакатҳои минтақа ба қувваи арзони барқ имконият медиҳад. Инчунин дар мамлакати мо барои сохтмони нерӯгоҳҳои хурди барқӣ имкониятҳои калон мавҷуданд.

Ин ҷо аҳамияти минтақавии барномаҳоро дар соҳаи гидроэнергетика ва беасос будани далелҳоеро таъкид

карданиам, ки ҳамаи инро рад карданӣ мешаванд. **Аввалан,** тавре ки зикр шуд ин ба содироти қувваи барқ имкон медиҳад, ки на танҳо ба манфиати Тоҷикистон ҳамчун мамлакати содиркунанда, балки ба манфиати мамлакати ҳамсояи мо, аз ҷумла Қазоқистон ҳамчун давлати интиқолдиҳандаи қувваи барқ мебошад. **Сониян**, ин имкониятҳои боз ҳам оқилонатар истифода бурдани об ва бо об беҳтар таъмин намудани тамоми минтақаро бештар мегардонад, ки дар шароити Осиёи Марказӣ проблемаи хеле муҳим аст. **Баъдан**, ин имконияти қобили кишт гардондани заминҳои нав, бо кор таъмин кардани теъдоди зиёди одамон ва ғайраро ба миён меорад.

Соҳаи дигар истихроҷи захираҳои фаровони маъдан мебошад, ки сарзамини мо аз онҳо хеле бой аст. Ин пеш аз ҳама ба фулузот, сангҳои қиматбаҳо ва маъданҳои полимерӣ дахл дорад. Гуфтан мумкин аст, ки барои истихроҷи навъҳои гуногуни сӯзишворӣ, аз ҷумла нафту газ ва хусусан ангиштсанг имкониятҳои калон мавҷуданд.

Тоҷикистон мамлакати кишоварзист, ки дар он номгӯйи фаровони сабзавоту мева ва зироатҳои техникӣ парвариш карда мешавад. Коркард ва дар бозори хориҷӣ ба фурӯш баровардани онҳо ба сармоягузорон даромади калон дода метавонад.

Мо, ҳамчунин ба рушди соҳаи туризм, аз ҷумла, туризми кӯҳнавардӣ ва солимгардонӣ мароқи калон зоҳир мекунем, ки барои ҳамкорӣ дар ин соҳа имкониятҳо хеле зиёданд. Танҳо барои ин соҳаҳои дахлдори ёрирасонро ба вуҷуд овардан лозим аст.

Умуман, барои ҳамкории мутақобилан муфид дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт имкониятҳо вуҷуд доранд ва сармоягузорони хориҷӣ имрӯз бо мо бештар аз пештар ҳамкорӣ мекунанд. Хурсандиовар аст, ки дар байни он сармоягузорони қазоқ ҳам ҳастанд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти бонкҳо ҳам торафт вусъат меёбад. Вақтҳои охир бонкҳои калонтарини Қазоқистон, аз ҷумла «Казкомерсбонк» ва «Туроналембонк» ба ҳамкорӣ бо мамлакати мо мароқ зоҳир намуда, бо муассисаҳои молиявии мамлакати мо ҳамкорӣ мекунанд.

Дар бобати ҳамоҳанг сохтани ҷиду ҷаҳди сармоягузорони қазоқ Фонди сармоягузорони ин мамлакат нақши калон дорад. Он барои сармоягузорӣ ба соҳаҳои истихроҷи маъдан, бофандагӣ,коркарди маҳсулот ва истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ имкониятҳоро ҷустуҷӯ мекунад. Бояд гуфт, ки захираи ашёи хоми онҳо дар Тоҷикистон хеле фаровон аст.

Яке аз ширкатҳои калонтарини Қазоқистон дар бобати истихроҷи фулузоти қиматбаҳо «Чоролтин» ният дорад, ки дар Помири Шарқӣ ба истихрочи маъдан шурӯъ намояд. Ин масъала айни ҳол мавриди баррасӣ қарор дорад.

Мисолҳои дигари ҳамкорӣ хеле бисёранд. Ин дар бораи мароқи рӯзафзуни тоҷирону соҳибкорони қазоқ ба амалӣ сохтани барномаҳои иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Мо инро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, ба шумо пешниҳод менамоем, ки ҷидду ҷаҳди худро афзунтар гардонед.

Анҷумани имрӯза яке аз воситаҳои хеле хуби ба роҳ мондани равобити зарурӣ мебошад. Хеле хуб аст, ки дар бораи мунтазам гузарондани он пешниҳод ба миён гузошта шуд. Инчунин, ба ақидаи мо, аз имкониятҳои Комиссияи байниҳукуматии ҳамкории иқтисодии Тоҷикистону Қазоқистон самарабахштар истифода бурдан зарур аст.

Бовар дорам, ки шумо ҳамчун қисмати нисбатан фаъоли ҷомеа ба ҳамкорӣ бо мо манфиатдор буда, ба вусъат додани равобиту ҳамкорӣ ва муносибатҳои халқҳои бародари мамлакатҳоямон саҳми арзанда мегузоред ва бо намунаҳои ҳамкории мутақобилан муфид муносибатҳои анъанавии дӯстонаамонро беш аз пеш ғанитар мегардонед, ки таърихи чандинасра доранд.

**Ташаккур.**

# ИДИ ЗАФАР ИДИ АБАДИСТ

## ТАБРИКОТ
## БА ШАРАФИ РӮЗИ ҒАЛАБА

Душанбе, Боғи Ғалаба, 9 майи соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Мӯҳтарам собиқадорони ҷанг!**
**Афсарон ва сарбозон!**

Шуморо ба муносибати Рӯзи Ғалаба, ки воқеан дар таърихи башарият санаи муҳим буда, шаҳодати торумор ва бартараф карда шудани як манбаи пуриқтидори хушунату зӯроварӣ ва зулму ситам дар ҷаҳон, яъне фашизм мебошад, табрику муборакбод менамоям.

Дар мубориза ба муқобили фашизми гитлерӣ ва нобуд сохтани ин зуҳуроти хунхори қудратхоҳу истилогари асри ХХ дар баробари тамоми кишварҳои тараққихоҳу сулҳпарвари ҷаҳон Тоҷикистон низ саҳми арзанда дорад. Ҳанӯз аз оғози ҷанг фарзандони тоҷик дар қатори аввалинҳо дар ҳайати ду дивизия ба ҷабҳаи ҷанг рафта буданд.

Умуман, аз кишвари мо беш аз 290 ҳазор нафар бевосита дар задухӯрдҳои шадиди ҷанги зидди фашизм иштирок намуда, аз худ ҷасорату мардонагиҳои бемисл зоҳир кардаанд.

Дар баробари он ки Рӯзи Ғалаба ҳамчун ид таҷлил мегардад, аз ҷониби дигар санаи ёдбуд ва пос доштани хотираи неки шаҳидони Ҷанги дуюми ҷаҳон мебошад. Фашизм дар солҳои муборизаи хунини худ ба сари инсоният он қадар қурбониву харобӣ ва ғаму кулфат овард, ки захми он то ҳоло шифо наёфтааст.

Азоби маънавии оқибатҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон барои мо – тоҷикон ҳам ҳадду канор надорад, онро бо ченак муайян кардан ғайриимкон аст.

То кунун модарон, хоҳарону бародарон, ҳамсарон ва фарзандони қурбониёни ин ҷанг аз фироқи ҷудоӣ аз наздикони худ азият мекашанд. Аз захмҳои ҷисмонӣ бошад, маъюбони он ҳоло ҳам дар азобанд.

Аз ин рӯ, мо ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки номи қурбониён, корнамоиҳои ҳарбии иштирокчиёни муҳорибаҳо ва заҳматҳои пурмашаққати мардуми тоҷикро дар солҳои ҷанг нодида гирем ва аз хотир фаромӯш созем.

Дар солҳои ҷанг дар ақибгоҳ мардуми мо - асосан пиронсолон, занону духтарон ва наврасон, ки бори вазнини зиндагиро ба зимма гирифта буданд, бо вуҷуди душвориҳо барои таъмини ҷанговарон бо озуқа, сарулибос ва дигар маводи зарурӣ заҳматҳои зиёд кашидаанд. Худ гуруснаву бараҳна буданд, вале ба хотири ғалаба бо ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарастӣ меҳнат мекарданд.

Маҳз аз ин рӯ, дар соҳаҳои саноат ва кишоварзии Тоҷикистон истеҳсоли маҳсулот хеле афзуда буд.

Ҳамзамон бо мақсади хизматрасонии таъҷилии тиббӣ ба ҷанговарон дар пойтахти Тоҷикистон курсҳои кӯтоҳмуддати тиббӣ ташкил гардида, беш аз 20 ҳазор ҳамшираи тиббӣ ва 9 ҳазор нафар санитарҳо тайёр ва ба ҷабҳаи ҷанг фиристода шуда буданд.

Бо ташкили 13 беморхонаи ҳарбӣ ба мамлакатамон зиёда аз 20 ҳазор ҷанговарони мачрӯҳ оварда шуда, 15 ҳазор нафари онҳо баъди табобат боз ба майдонҳои муҳориба баргаштаанд.

Ҳамаи ин далелҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳарчанд Тоҷикистон аз хатти ҷабҳаи ҷанг дур буд, вале ҳамватанони мо бо иштироки бевосита дар муҳорибаҳо ва кӯшишу талошҳои худ дар ақибгоҳ дар Ғалабаи бузург бар фашизм ҳиссаи сазовор гузоштанд.

Барои мо ва наслҳои оянда низ корномаи ҷангӣ ва азму иродаи онҳо дар бартараф кардани хавфу хатар ва таҳдидҳое, ки ба сари аҳли башар омада буд, намунаи ибрат аст ва месазад ифтихор намоем, ки мардуми мо ҳамчун як узви ҷомеаи умумибашарӣ нисбат ба тақдири инсоният бетараф набуд ва нахоҳад монд.

Ҷанги дуюми ҷаҳон бо анҷоми фоҷиабораш ба сокинони сайёра сабақи талхи таърихӣ мебошад. Вале мутаассифона, ҳанӯз дар баъзе нуқтаҳои олам ҷангҳои гуногун ба назар мерасанд.

Илова бар ин, ҳоло дар баъзе кишварҳои аврупоӣ, ки дар гузашта худ дучори ҳамлаи фашизм гардида,

қурбониҳову харобкориҳои зиёд дида буданд, ҳаракатҳои неофашистӣ зуҳур карда, ошкоро ба амалҳои зиддиинсонӣ даст мезананд. Ин, албатта, оқибатҳои хуб надорад.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавии таҳдидҳо ва тамоюлоти марбут ба он, ки метавонанд ба сари ҷомеаи умумибашарӣ фоҷиаҳои ҳалокатбор биёранд, бояд мо оқибатҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро фаромӯш насозем.

Ҳамзамон азму талошҳои кишварҳо ва миллатҳои гуногуни оламро дар бартараф намудани хатари фашизм ҳамчун сабақи таърихӣ арзёбӣ намуда, барои пешгирии таҳдидҳои глобалӣ, аз ҷумла терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятқории трансмиллӣ, офатҳои экологӣ ва техногенӣ кӯшиш намоем.

Дар таърихи навини худ, яъне баъди соҳибистиқлол гардидани давлатамон мо – тоҷикон ба фоҷиаи бузурги миллӣ дучор шуда, онро бо хиради азалии миллати куҳанбунёди худ бартараф кардем. Бо дарки аҳамияти сулҳу субот мо онҳоро ҳамчун арзишҳои бузургтарину муҳимтарини ҳаётӣ қадр ва талқин менамоем.

**Ҳамватанони азиз!**

Шумо хуб дар ёд доред, ки ҳанӯз соли 1994-ум Фармони рақами 1-уми худро дар бораи беҳтар намудани некӯаҳволии моддии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва оилаҳои хизматчиёни ҳарбии ҳалокгардида ба имзо расонида будам.

Соли 1995-ум дар маҷлиси ботантана бахшида ба 50-солагии Рӯзи Ғалаба таъкид доштам, ки бо вуҷуди душвориҳои азими иқтисодӣ, масъалаи ғамхорӣ дар ҳаққи нафақахӯрон, махсусан иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамеша дар маркази диққати роҳбарияти давлату ҳукумат мебошад.

Бо мақсади таҳвияти ҳифзи иҷтимоии иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҳамсарони бесаробонмондаи ҷанговарони дар ин ҷанг ҳалокгардида танҳо дар даҳ соли охир 12 амру фармони Президенти Тоҷикистон интишор ёфта, дар маҷмӯъ ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии онҳо мусоидат намудааст.

Тавре ки борҳо таъкид доштем, мо ҳаргиз ба хору зор шудани маъюбону иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ роҳ намедиҳем. Зеро онҳо на танҳо дар назди Ватан, балки аҳли башар хизмати бузург намуда, инсониятро аз таҳдидҳои фашизми гитлерӣ эмин нигоҳ доштаанд.

Ва мо хотираи қурбониёни Ҷанги Бузурги Ватаниро гиромӣ дошта, ғамхорӣ дар ҳаққи собиқадорони ҷангу меҳнатро қарзи шаҳрвандии худ медонем.

Эҳсоси ватандӯстӣ ва мушкилнописандии онҳо имрӯз барои мо, ки Истиқлолияти давлати худро таҳким бахшида, созандагиву бунёдкорӣ ва ободии Тоҷикистони азизро ҳадафи хеш қарор додаем, намунаи ибрат ва сабақ аст.

Бигузор насли ояндаи Тоҷикистон бо чунин ҳисси бузурги ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори миллӣ нерӯи худро танҳо барои ободии Ватани хеш сарф намояд.

Бо ҳамин нияти нек тамоми мардуми кишварамонро бори дигар бо иди Ғалаба табрик намуда, ба ҳамаи шумо – иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ тансиҳатӣ ва рӯзгори хушу осуда орзумандам.

**Саломат бошед!**

## СУХАНРОНӢ
## ДАР КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА МУБОРИЗАИ ЗИДДИ МАВОДИ НАШЪАОВАР

Душанбе, 15 майи соли 2006

**Мӯҳтарам ҷаноби Раис!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Пеш аз ҳама, мехоҳам ҳамаи меҳмононро хайрамақдам гуфта ва ба Маркази аврупоии таҳқиқи соҳаи амнияти ба номи Ҷорҷ Маршал барои ташкили ин мулоқот изҳори миннатдорӣ намоям.

Имрӯз ҷаҳон дучори таҳдидҳои умумиҷаҳонӣ мегардад, ки барои тамоми ҷомеаи ҷаҳон, сарфи назар аз мамлакатҳо, минтақаҳо ва қитъаҳо, хавф меоранд.

Яке аз чунин таҳдидҳо, бешубҳа, маводи нашъаовар аст, ки на фақат ба саломатии ҳам шахсияти алоҳида ва ҳам умуман башарият зарари ислоҳнопазир мерасонад, балки боиси афзудани ҷиноятқорӣ, хусусан дар чунин шаклҳои хавфноки он, монанди терроризм, аз ҷумла терроризми байналмилалӣ мегардад. Бо назардошти ин, муҳокимаи масъалаҳои муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳо барои муборизаи самарабахши зидди ин офат басо бамавқеъ аст.

Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки мулоқоти имрӯза дар арафаи 15-солагии ҷашни Истиқлолияти давлатӣ пайдо кардани Тоҷикистон сурат мегирад, ки ин сабаби хубе барои ҷамъбаст намудани натиҷаи сиёсати мо ба манзури муқобилат ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва бо иштироки шумо баён кардани фикру мулоҳизаҳоям дар мавриди дидани чораҳои минбаъда барои аз байн бурдани ин таҳдиди умумиҷаҳонӣ мебошад.

Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолияташ дар баробари бисёр проблемаҳои давраи гузариш, ки онҳоро ҷанги дохилӣ мураккаб сохта ва худи мавҷудияти давлатдориро зери хавф гузошт, дучори хавфи то ҳол барои

мо мислаш диданашудае гардид, ки сабаби он маводи нашъаовар буд. Вай ҳаҷман бузург буда ва мавҷуд набудани таҷриба дар марҳалаи аввал ба самарабахшии фаъолиятамон таъсири манфӣ мерасонид.

Дар чунин шароит бо дарназардошти дарки ин ҳаҷм ва оқибатҳои хавфи маводи нашъаовар барои генофонди миллат ва умуман амнияти миллӣ сиёсате пеш гирифта шуд, ки мақсади он муборизаи қатъию беамони зидди ин офат аст. Ин сиёсат дар татбиқи ду барномаи миллии оид ба муборизаи зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, моддаҳои фалаҷкунанда, маводи онҳо ва пурзӯр намудани назорати гардиши ғайриқонунии онҳо ба таври мушаххас таҷассум ёфт, ки чорабиниҳои муҳими онҳо иборат аз пешгирӣ, табобат ва офияти шахсони мубталои бемории нашъамандӣ буд. Системаи мураттаби мақомоти давлатӣ ташкил ёфт, ки вазифаи онҳо иборат аз муборизаи зидди паҳншавии маводи нашъаовар пайваста бо муайян кардани салоҳияту вазифаҳояшон мебошанд. Барои гузоштани таҳкурсии меъёрию ҳуқуқии фаъолияти давлат дар муборизаи зидди маводи нашъаовар, ҷилавгирии ҷиноятҳкории марбут бо онҳо ва ҷазо додани шахсони паҳнкунандаи онҳо кори зиёде иҷро гардид. Соли 1996 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои таъхирнопазир бобати пурзӯр намудани муборизаи зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар» ибтидои ин кор гузошта шуд.

Ба ҳамаи муоҳадаҳои ба ин проблема бахшидашудаи СММ пайвастани Тоҷикистон иқдоми муҳими сиёсӣ ва ёрии зиёде дар ин кор гардид. Имрӯз зикр кардан мумкин аст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши назорати гардиши маводи нашъаовар аслан ба талаботи имрӯза пурра мутобиқ буда, заминаи мустаҳками ҳуқуқии фаъолияти минбаъдаи самарабахшро дар ин самт мегузорад.

Ҳамсоягӣ бо яке аз истеҳсолкунандагони калонтарини маводи нашъаовари ҷаҳон – Афғонистон, ки мо бо он сарҳади бештар аз се ҳазор километраи дорои вазъияти мураккабтарини кӯҳсор мебошем, Тоҷикистонро ба мамлакати мобайние табдил дод, ки дар сафи пеши муборизаи зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар қарор дошта ва ин ба фаъолияти мо дар ин бахш аҳамияти хоса мебахшад. Мо вазъияти ин кишварро, ки дар он ҷанги бештар аз 20-сола идома ёфта ва он ба манбаи асосии истеҳсолу паҳн кардани маводи нашъаовар табдил гардид, ба назар нагирифта наметавонистем. Бинобар ин Тоҷикистон

ҳанӯз моҳи июни соли 1998 дар иҷлосияи махсуси Ассамблеяи Генералии СММ бахшида ба маводи нашъаовар даъват намуд, ки дар атрофи Афғонистон «ҳалқаи зидди маводи нашъаовари амният» ташкил карда шавад.

Дидани чораҳои таъхирнопазири судманд дар сатҳи миллӣ натиҷаи мусбат бахшида ва имкон дод, ки садди боэътимоди роҳи маводи нашъаовар гардем. Барои исбот мехоҳам ба рақамҳо муроҷиат кунам. Дар давоми 10 соли охир бештар аз 60 тонна маводи нашъаовар аз гардиши ғайриқонунӣ бароварда шуд. Ин рақам маънои аз тобеияти маводи нашъаовар начот додани даҳҳо миллион нафар одамони тамоми ҷаҳон ва якчанд миллиард долларро дорад, ки дастраси сохторҳои ҷинояткору террористӣ нагардиданд. Мувофиқи маълумоти СММ, Тоҷикистон аз рӯйи ҳаҷми маводи нашъаовари мусодирашуда дар ҷаҳон ба ҷойи чорум ва дар байни мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҷойи якум баромад. Ҳар сол дар мамлакати мо бештар аз 60 фоизи ҳамаи маводи нашъаоваре, ки дар ИДМ аз гардиши ғайриқонунӣ бароварда мешавад, мусодира гардида ва ин нишондиҳанда нисбат ба Осиёи Марказӣ бештар аз 70 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳоло самти Тоҷикистон дар байни ҳамсояҳои Афғонистон аз рӯйи ҳаҷми қочоқи маводи нашъаовар ҷойи охиринро касб кардааст. Ин далели он аст, ки қочоқчиёни маводи нашъаовар самарабахшии фаъолияти моро пай бурда, маводи нашъаоварро тавассути роҳҳои дигар интиқол медиҳанд.

Солҳои охир дар мамлакат бемории нашъамандӣ коҳиш ёфта, шумораи он шаҳрвандони мо, ки барои иштирокашон дар паҳн кардани маводи нашъаовар дар мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд, кам гардид.

Ҳамаи ин дастовардҳо бе ҳамкории васеи байналмилалӣ, бе кӯмаки самарабахши СММ ва Раёсати оид ба назорати маводи нашъаовари он ва ҷилавгирии ҷинояткорӣ, дигар созмонҳои байналмилалӣ ва мамлакатҳои ҳамкор, аз қабили ИМА, Русия, Ҷопон, давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, Чин, ҳамсояҳои мо дар Осиёи Марказӣ имконнопазир мебуд. Мехоҳам нақши марзбонони Русияро, ки сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро муҳофизат намуда ва дар сафи пеши муборизаи зидди таҷовузи маводи нашъаовар буданд, ба таври махсус қайд намоям.

Аз соли 1999 дар Тоҷикистон даҳ лоиҳаи СММ ва созмонҳои дигари байналмилалӣ бомуваффақият дар амал татбиқ гашта ва боз даҳ лоиҳа дар марҳалаи татбиқшавӣ қарор дорад. Мақсад аз ин барномаҳо дастгирии сохторҳои муборизабарандаи зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, таҳкими заминаи моддию техникии онҳо ва афзун намудани қудрати кадрҳои онҳост.

Ҳамкорӣ бо СММ ва мамлакатҳои мададгор барои ташкилу таъмини фаъолияти минбаъдаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки коршиносони байналмилалӣ фаъолияти онро ба дараҷаи баланд арзёбӣ кардаанд, мисоли равшани самарабахшии ҳамкорӣ мебошад.

Имрӯз Агентӣ ҷузви асосии ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи ҳамаи самтҳои сиёсати давлат дар амри муқобилат ба гардиши маводи нашъаовар маҳсуб мешавад. Таҷрибае, ки Агентӣ дар давоми ин солҳо андӯхтааст, имрӯз муфассал омӯхта ва дар кишварҳои дигар ба кор бурда мешавад. Ман ин мисолро намунаи ҳамкории муваффақонаи СММ ва мамлакати алоҳидаи узви оид ба муборизаи зидди маводи нашъаовар маънидод мекардам.

Бояд қайд намуд, ки проблемаи маводи нашъаовар проблемаи фақат Тоҷикистон ё Афғонистон, ё ин ки Осиёи Марказӣ нест. Ин таҳдиди умумиҷаҳонии мушобеҳи терроризми байналмилалӣ буда, ҳамзамон яке аз манбаъҳои асосии молиявии он маҳсуб мешавад.

Маводи нашъаовар, пеш аз ҳама ба Аврупо ва минтақаҳои дигари ҷаҳон фиристода мешавад, бинобар ин мо ҳамкории байналмилалиро шарти муҳимтарини самарабахшии саъю кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳон дар муборизаи зидди маводи нашъаовар мешуморем.

Мамлакати ман дар иҷлосияи 58-уми Ассамблеяи Генералии СММ дар бораи ташкили эътилофи васеи зидди маводи нашъаовар ҳамчун механизми чунин ҳамкорӣ ташаббус нишон дод ва ин пешниҳод ба феҳрасти «ташаббусҳои муҳимтарини соли 2003 дар соҳаи таъмини сулҳу амнияти байналмилалӣ» дохил шуд. Имрӯз чунин мавқеъ ҳарчи бештар дастгирӣ мешавад. Дар муоҳадаи Париж, ки моҳи майи соли 2003 қабул шуд, ғояи сатҳи нави ҳамкории байни мамлакатҳое, ки аз транзит ва паҳн кардани маводи нашъаовар зарар мебинанд, зикр ёфтааст.

Мо ҳамчунин механизмҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони

ҳамкории Шанхай, ташкилотҳои дигари бисёрҷонибаро барои таҳкими ҳамкорӣ дар ин бахш фаъолона истифода менамоем.

Ёддошт дар бораи ҳамфикрӣ аз рӯйи ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи назорати маводи нашъаовар, ки ҷиҳатҳои васеъ тарини ин проблемаро фаро мегирад, олати муҳими муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ гардид.

Дар асоси дуҷониба низ ҳамкории зич ба роҳ монда шудааст, ки он тавассути бештар аз сӣ ҳуҷҷати ҳуқуқӣ танзим мегардад. Бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси ИМА, Русия, Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, мамлакатҳои дигари Иттиҳоди Аврупо, Ҷопон, Эрон ва албатта, бо ҳамсояҳои дар минтақа будаи мо робитаҳои зич барқарор шудаанд.

Саъю кӯшишҳои Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон васеъ эътироф шуда ва мамлакат соли гузашта узви кумитаи СММ оид ба назорати маводи нашъаовар гардид, ки ин имкон медиҳад, ҳамкориамонро дар заминаи васеъ ривоҷ диҳем.

**Ҷаноби Раис!**

Бо вуҷуди ҳамаи ин тадбирҳо вазъи маводи нашъаовар дар минтақа мураккаб буда ва ба худ таваҷҷӯҳи доимӣ ва саъю кӯшишҳои минбаъдаро талаб мекунад.

Кишти зироатҳои дорои маводи нашъаовар ва шумораи лабораторияҳои истеҳсолкунандаи маводи нашъаовар дар Афғонистон кам нашуда, балки, баръакс, сол ба сол меафзояд. Масалан, дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми маводи нашъаовари мусодирашуда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бисту шаш фоиз афзуда ва ин афзоиш аз рӯйи героин панҷоҳу як фоизро ташкил дод.

Тадбирҳое, ки ҷомеаи ҷаҳон ва ҳукумати Афғонистон барои ба эътидол овардани вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва рафъи бӯҳрони гуманитарӣ меандешанд, мутаассифона, ҳанӯз ба ҳаҷми истеҳсоли маводи нашъаовар таъсири назаррас нарасонидаанд. Аз ин бармеояд, ки дар ояндаи наздик фишори қочоқи маводи нашъаовар чун пештара хеле сахт боқӣ мемонад.

Бинобар ин, бояд ҳам ҷузъу томи ҳарбии гурӯҳи зиддитеррористии байналмилалӣ ва ҳам худи ҳукуматдорони Афғонистон барои нобуд сохтани сохторҳои қочоқи маводи нашъаовар чораҳои қатъӣ бинанд.

Дар айни замон, ба ақидаи комили ман, барои беҳдошти вазъияти ин бахши Афғонистон дидани чораҳои фақат қудратӣ кифоя намекунад. Чорабиниҳо барои дастгирии тағйири тамоили истеҳсолоти кишоварзӣ, кишти зироатҳои интихобӣ, ташкили ҷойҳои нави кор ҳаётан муҳим аст. Ин маънои муборизаи на зидди ҳодиса, балки маънои муборизаи зидди сабабҳоеро дорад, ки истеҳсоли маводи нашъаоварро ба миён меоранд ва онро ҳавасманд мегардонанд.

Бинобар ин, ба таври фаъолона ва самарабахш ҷалб намудани Афғонистон ба саъю кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳон омили ҳатмии муборизаи муваффақонаи зидди ин офат мебошад.

Тоҷикистон инро дарк намуда, бо ҳамсояи ҷанубиаш зич ҳамкорӣ мекунад. Аз ҷумла, Созишномаи байниҳукуматӣ дар бораи ҳамкорӣ дар муборизаи гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, моддаҳои фалаҷкунанда ва прекурсорҳои онҳо имзо гардида, мулоқотҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҳар ду мамлакат мунтазам сурат гирифта ва дар онҳо масъалаҳои такмили ҳамкорӣ баррасӣ мешаванд, мубодилаи иттилоот ба роҳ монда шудааст, дар Афғонистон намояндагиҳои Агентии назорати маводи нашъаовари мо кор мекунанд, ҳамкории байни идораҳои сарҳадии ҳар ду мамлакат ба роҳ монда шудааст.

Ба назари ман, минбаъд, бо назардошти вазъияти рухдода, бояд саъю кӯшишҳои давлатҳоеро, ки дучори таъсири манфии таҷовузи маводи нашъаовар мегарданд, дар заминаи принсипҳои муоҳадаи Париж муттаҳид сохта, гардиши прекурсорҳоро бо мақсади хилофи қонун ба Афғонистон расидани ин мавод таҳти назорати самарабахши байналмилалӣ қарор дода, ба пурзӯр шудани имкониятҳои сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи ҳам давлатҳои ҳамсарҳади Афғонистон ва ҳам ба мустаҳкам гардидани он сохторҳои Афғонистон, ки барои муборизаи зидди маводи нашъаовар тахассус меёбанд, мусоидат карда шавад.

Фикр мекунам, ки мо дар сурати бештар муттаҳид шуданамон, метавонем гардиши ғайриқонунии маводи нашъаоварро аз байн барем ва муҳокимаи ҷиҳатҳои мухталиф ва лаҳзаҳои амалии ҳамкориамон дар мулоқоти имрӯза омили ҳамкории самарабахши минбаъда баҳри имрӯзу фардои наслҳои инсоният мегарданд.

Ба шумо аз самими қалб дар чаҳорчӯби конфронс кори муваффақона орзу намуда ва изҳори умедворӣ мекунам, ки

ғояю пешниҳодҳое, ки дар ҷараёни он баён мешаванд, ба такмили шаклу механизмҳо ва афзун гардидани самараи ҳамкорӣ дар ин кори наҷиб мусоидат менамоянд.

## Ташаккур.

# СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ ДАР ҲАЛЛИ МАСОИЛИ ҶАҲОНӢ НАҚШИ МУҲИМ МЕБОЗАД

## ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ГУРӮҲИ ХАБАРНИГОРОНИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММАИ ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ

Душанбе, 22 майи соли 2006

**– Шумо фаъолияти панҷсолаи Созмони ҳамкории Шанхайро чӣ гуна арзёбӣ менамоед? Ин Созмон дар амри ҳифзи амният, инкишофи ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ва мусоидат ба табодули арзишҳои инсонӣ дар минтақа чӣ нақш дорад? Назари Шумо дар мавриди иқдоми ояндаи кишварҳои СҲШ ба манзури таъмиқ ва тавсеаи ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби ин Созмон чӣ гуна аст? Тоҷикистон ҳамчун узви муҳими СҲШ ба хотири таъмини пешрафти СҲШ кадом иқдомро амалӣ хоҳад кард?**

– Солҳои сипаришуда аҳамияти ҳаётӣ ва зарурати Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ)-ро собит намуданд. Дар ҳадди муайян он ҷавоби давлатҳои минтақа ба таҳаввулоти рухдодаи глобалӣ (ҷаҳонӣ) буд. Тавре дар Эъломияи таъсиси СҲШ зикр гардидааст, он ба тамоюлоти ҳаёти имрӯз, воқеиятҳои минтақа ва манфиатҳои аслии халқҳои ҳамаи давлатҳои аъзои Созмон ҷавобгӯ мебошад.

Дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ Созмон омили муҳими сиёсати минтақавӣ ва глобалӣ гардид, ки ба равандҳои ҷаҳонӣ таъсири мусбат мерасонад. Фаъолияти он чи манфиатҳои ҷории ҳаётӣ ва чи манфиатҳои дарозмуддати стратегии давлатҳои аъзои СҲШ-ро ифода намуда, механизми комилан нави ҳамкории байналмилалиро дар масоили муқовимати комплексӣ ва босамар ба таҳдидҳои муосири амният ва субот ва таъмиқи равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ падид овардааст. Имрӯз Созмон кишварҳоеро (бо ҳамроҳии нозирон) муттаҳид менамояд, ки ба онҳо нисфи башарият, нерӯи бузурги иқтисодӣ, аз ҷумла

захираҳои муҳими ҷаҳонии энергия ва намояндагии фарҳангҳо ва тамаддунҳои гуногун рост меояд.

Агар дар оғоз, дар чаҳорчӯби «Панҷгонаи Шанхай» тамоми созишномаҳо ва қарордодҳо ба танзими масъалаҳои марбут ба марзи собиқи байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Хитой нигаронида шуда бошанд, бо таҳаввули он ва таъсиси СҲШ доираи вазифаҳо хеле васеъ гардид.

Табиист, ки ба мадди аввал масоили таъмини субот ва амнияти шароити мусоиди рушди устувор баромаданд. Инҳо вазифаҳои асосии ҳамаи давлатҳои аъзо мебошанд. Бояд таъкидан зикр кард, ки барои он заминаи муҳими ҳуқуқӣ фароҳам гардидааст, ки зербинои марказии он Конвенсияи Шанхай дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм ва асноди дар асоси он таҳияшуда мебошанд. Сохтори зиддитеррористии минтақавии СҲШ нақши муҳими ҳамоҳангсозӣ дорад.

Дар айни замон возеҳ аст, ки муборизаи муассир бо терроризм, экстремизм, сепаратизм, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ бидуни рафъи сабабҳои зуҳури онҳо имконнопазир аст. Бадин ҷиҳат фақат омезиши манфиатҳои амниятӣ бо равобити динамикии рушдёбандаи мутақобили иқтисодӣ метавонад асоси ҳамкории воқеии дарозмуддатро таъмин намояд.

Боиси қаноатмандист, ки дар солҳои охир ҳамкории иқтисодӣ дар фаъолияти амалии СҲШ вусъат мегирад.

Бо таъсиси Созмон эҳёи «Роҳи бузурги абрешим» хислати амалӣ мегирад. Инкишофи соҳаҳои нақлиёт ва коммуникатсия, ҳамчунин технологияҳои гуногун нақши Осиёи Марказиро ҳамчун пайвандгари Шарқу Ғарб барқарор намуда, бо имконоти мусоиди маблағгузорӣ ба ҳифзи ҳамкории мутақобил ва рангорангию тафовути таҷрибаи таърихӣ мусоидат менамояд. Бо рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шаклгирии бозори дунё ҳамаи кишварҳои аъзо ва нозири СҲШ ҳамсоягон ва шарикони табиии иқтисодӣ боқӣ хоҳанд монд. Дар чаҳорчӯби СҲШ барномаи дарозмуддати ҳамкории бисёрҷонибаи тиҷоратию иқтисодӣ қабул гардида, механизми татбиқи он таҳия шудааст ва самтҳою барномаҳои мушаххас муайян гардидаанд. Шӯрои корӣ ва муассисоти байнибонкии эҷодшуда бояд ба татбиқи онҳо мусоидат намоянд. Мехоҳам нақши мусбати қарзи содиротии имтиёзноки Ҳукумати Хитойро ба маблағи 900 миллион доллар барои давлатҳои аъзои СҲШ бахусус таъкид

намоям, ки ба рушди ҳамкории минтақавӣ такони ҷиддӣ хоҳад дод.

Дар мавриди тавсеа бахшидан ва амиқтар намудани равобити гуманитарӣ бояд таъкидан зикр кард, ки мо имконоти ниҳоят бузург дорем. Давлатҳои аъзои СҲШ дорои таъриху фарҳанги бой буда, тамаддунҳо ва динҳои бостониро соҳибанд ва ҳамкории фаъоли мутақобилаи мо имкон медиҳад халқҳои мо якдигарро беҳтар дарк намоянд, бо ҳам наздик ва рӯҳану маънан бой шаванд.

Иқдоми минбаъдаи густариш ва тавсеаи ҳамкорӣ дар Созмон аллакай муайян гардидаанд. Самтҳои афзалиятнок дар соҳаҳои гуногун муайян шуданд, ки талоши асосӣ дар онҳо мутамарказ хоҳад буд. Бо дарназардошти равандҳои мураккаби ҷории ҷаҳонӣ мо бояд талоши худро қабл аз ҳама дар соҳаи амният ва ҳамкории иқтисодӣ вусъат бахшем.

СҲШ созмони ҷавони байналмилалист ва ташаккули он анҷом наёфтааст. Комилан табиист, ки дар фаъолияти Созмон ва мақомоти доимии он дар марҳилаи кунунӣ ноҳамгунии нисбӣ ва нотакмилӣ имконпазир ва воқеъист.

Аз ин рӯ, шояд танзими баъзе паҳлӯҳои ташкилӣ-созмонии фаъолияти СҲШ зарур мегардад. Тамоми ин масоил дар мулоқоти ҷашнии сарони СҲШ дар шаҳри Шанхай мавзӯи баҳси зарурӣ хоҳад буд.

Бо қаноатмандӣ зикр менамоям, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи ҳамшарикони дар харитаи сиёсии ҷаҳон пайдошудаи СҲШ аст. Қадами таърихӣ дар табдили «Панҷгонаи Шанхай» ба СҲШ, шаш сол қабл дар ҷараёни мулоқоти сарон дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе, моҳи июли соли 2000 гузошта шуд. Ин мулоқот дар таъмини «рӯҳи Шанхай» дар байни кишварҳои аъзо нақши муҳим бозид, ки хусусиятҳои хоси ин «рӯҳ» эътимоди тарафайн, баробарӣ, эҳтиромии рангорангии фарҳанг ва саъю талош барои рушди муштараки устувор мебошанд.

Дар ин робита наметавонам зикр нанамоям, ки маҳз дар асоси «рӯҳи Шанхай» ва бо ҳусни нияти роҳбарияти Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо муяссар шуд масоили мураккабтарини марзӣ дар муносибатҳои кишварҳоямонро, ки аз таърих мерос монда буд, ҳаллу фасл намоем. Ҳалли масъалаи марзӣ барои густариши минбаъдаи ҳамкории дуҷониба асоси хуб гузошт.

Дар мавриди пешниҳодот таъкиди ду нуктаро зарур медонам. Маълум аст, ки яке аз шартҳои муҳими мубориза бо «се бадӣ» ин аз байн бурдани манбаъҳои маблағгузории

нерӯҳои экстремистӣ мебошад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Афғонистон беш аз 1300 км марзи муштараки давлатӣ дорад ва буфер дар роҳи маводи мухаддири афғонӣ ба Аврупо аст, ҷонибдори фаъоли таъсиси эътилофи байналмилалии зидди маводи мухаддир мебошад. Фақат дар сурати муттаҳид намудани талошҳо метавон бо ин таҳдиди глобалии асри XXI, ки манбаи маблағгузории терроризми байналмилалӣ аст, мубориза бурд. Бо дарназардошти ин амр кишвари мо ташаббускори таҳия ва имзои Созишнома дар бораи мубориза бо қочоқи маводи мухаддир дар СҲШ гардид ва ҷонибдори таъсиси маркази ягонаи зидди маводи мухаддир аст. Ва дувум, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои истифоданашуда аст, ки метавон онро ба нафъи пешрафти умумии иқтисодии тамоми минтақа ба таври судовар ва мусоид истифода кард.

Бо дарназардошти имконот ва механизмҳои СҲШ мо чанд барномаи перспективиро дар соҳаҳои гидроэнергетикӣ ва инфраструктураи нақлиётӣ пешниҳод намудем.

Дар миёнаи моҳи сентябр Душанбе сарварони ҳукуматҳои аъзои СҲШ-ро истиқбол хоҳад кард. Умедворам, ки ин мулоқот ба ҳамкории мутақобили иқтисодии кишварҳои мо такони тоза хоҳад дод.

**– Шумо дурнамои рушди Созмони Ҳамкории Шанхайро чӣ гуна мебинед? Аз мулоқоти ояндаи сарони Созмон чӣ натиҷаҳоро интизоред? Ба назари Шумо ин мулоқот чӣ аҳамият дорад?**

– Тавре ки қаблан зикр кардам, тайи солҳои фаъолият СҲШ муассирияти амалии худро собит кард ва омили муҳими сиёсати минтақавӣ ва глобалӣ гардид. Он намунаи гӯёи он шуд, ки чӣ гуна тамаддунҳо ва динҳои гуногун қодиранд ҷиҳатҳоеро дарёфт намоянд, ки онҳоро муттаҳид менамоянд ва барои таъмини манфиатҳои умумӣ кор кунанд.

Созмонро сатҳи баланди эътимод, баробарии аъзо, сиёсати кушода ва омодагии амалӣ ба муколамаи созанда аз созмонҳои ҳамсон фарқ мекунонанд. Нерӯи бузурги Созмони мо низ дар ҳамин аст. Дар робита ба дурнамои Созмон бояд зикр намуд, ки бо такя ба усули қабулшуда ва дар асоси самтҳои муайяншудаи афзалиятнок ва нақшаҳои ҳамкорӣ самараи фаъолияти Созмон баланд бардошта шавад. Ба андешаи ман, амният ва иқтисод бояд дар оянда низ чун шаҳсутунҳои СҲШ боқӣ монанд. Бо такя ба онҳо метавон муассирияти фаъолияти Созмонро таъмин кард ва худи онро ба вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳон созгории зарурӣ дод.

Бо рушди матлуби худ СҲШ барои ҳамсоягони наздику дур ҷаззоб ва муҳим хоҳад гардид. Бо дарназардошти намояндагии васеи Созмон ва иқтидори бузурги иқтисодии он ин амри комилан табиист. Бо ин ҳама, дар ҳалли масоили тавсеа ва густариши ҳамкорони Созмон (нозирон) бояд таносуби дурусти вазифаҳо ва муттаҳидии аъзо бо таъмини муошират озоди байналмилалӣ дарёфт гардад.

Дар мавриди равобит ва ҳамкорӣ бо созмонҳои дигари минтақавӣ ва байналмилалӣ ба назари ман бояд чунин низоми равобити мутақобил таъмин гардад, ки дар чаҳорчӯби он ҳамаи созмонҳо бо ҳам алоқаи мутақобил дошта бошанд ва ҳамдигарро такмил намоянд. Иловатан, ҳаёт нишон медиҳад, ки бояд фаъолияти Котибот ва Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ оптимизатсия (созгортар ва муассиртар) гардад. Ман фикр мекунам, ки ин раванди табиист. Набояд интизор дошт, ки СҲШ ҳалли ҳамаи масоили минтақавиро ба дӯши худ хоҳад гирифт. Мо бояд зарурати дарёфти масоили умумиеро дар назар гирем, ки ба манфиатҳои ҳамагон хидмат намоянд.

Мо душмани эҳтимолӣ надорем: душманони мо «се нерӯи бад» – қочоқи маводи мухаддир, қашшоқӣ ва ақибмондагист. Сарфи назар аз вазъи минтақа ва ҷаҳон дар оянда низ СҲШ бояд доиман сулҳ ва ҳамкориро ҳадафҳои асосии худ донад ва доиман нерӯи воқеии таъмини амният ва шароити мусоиди рушд бошад.

Мо дар остонаи воқеаи муҳим – мулоқоти ҷашнии сарони СҲШ дар Шанхай қарор дорем. Маҳз ҳамин шаҳри зебо ба Созмон ҳастии таърихӣ илҳо намуд. Мутмаинам, ки мулоқоти навбатӣ ба мо имкон хоҳад дод масъалаҳои муҳимтарини Созмонро мавриди баррасӣ қарор диҳем ва роҳҳои баланд бурдани муассирияти фаъолияти онро муайян намоем.

**– Шумо ҷараёни муносибатҳои Хитою Тоҷикистон ва дурнамои ин муносибатҳоро чӣ гуна арзёбӣ менамоед? Хитой ва Тоҷикистон чӣ гуна метавонанд ҳамкории минбаъдаи худро дар чаҳорчӯби СҲШ тақвият бахшанд?**

– Равобити дӯстона бо ҳамсояи бузурги мо – Ҷумҳурии Халқии Хитой дастоварди муҳими таърихии Тоҷикистони мустақил аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой қабл аз ҳама ҳамсоягони наздик ва шарикони боэътимод мебошанд.

Аз қаъри таърих халқҳои тоҷику хитоӣ дар фазои сулҳ, дӯстӣ ва ҳамсоягии нек умр ба сар мебаранд. Дар кишвари

ман аз он қаноатманданд, ки эҳсосоти амиқи дӯстии таърихӣ ва ҳамдигарфаҳмии халқҳои мо дар ҳазораи нав рушди динамикӣ меёбанд.

Дар оғози соли оянда мо 15-солагии барқарор намудани равобити дипломатӣ байни ду кишварро таҷлил хоҳем кард. Дар ин муддати кӯтоҳи таърих кишварҳои мо роҳи бузургро тай намуданд. Дар ин муддат риштаҳои дӯстӣ мустаҳкам шуданд ва ҳамкории мутақобилан судманд тавсеа ёфт.

Дар марҳилаи кунунӣ муносибатҳои Тоҷикистону Хитой дар авҷи худ қарор доранд. Ин ба ҳамаи арсаҳо ва соҳаҳои ҳамкории мо хос аст.

Равобит ва муколамаи сиёсӣ дар ҳамаи сатҳҳо рушд меёбанд. Мулоқоти пайвастаи мо бо Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой ҷаноби Ху Тсзинтао имкони баррасии васеи масоили ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаро фароҳам намуданд. Мо онро омили муҳими таҳкими амният ва фазои мусоиди ҳамкорӣ дар минтақа медонем.

Ифтитоҳи нуқтаи назоратию марзии Қаросу–Кулма ҳамчун самараи ҳусни эътимоди муштарак воқеаи муҳими таърихӣ гардид, зеро ду кишвар аз тариқи роҳи автомобилӣ бори нахуст пайванд гардиданд. Ду соли фаъолияти он зарурат ва аҳамияти иқтисодии онро собит намуд.

Тиҷорати дуҷониба низ бо суръати баланд афзоиш меёбад. Моро ширкати бештар ва фаъолтари Хитой дар рушди иқтисоди Тоҷикистон шод месозад. Мо барномаҳои бузурги ҳамкорӣ дорем, ки татбиқи онҳо равобити иқтисодии моро ба сатҳи сифатан нав хоҳад бардошт.

Муваффақиятҳои муҳим дар ҳамкории ҳарбӣ, интизомӣ, фарҳангӣ, таълимӣ ва ғайра ба даст омаданд. Заминаи зарурии аҳдномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба ташаккул ёфтааст.

Мо бар онем, ки бояд бо такя ба дастовардҳои муштарак сатҳи нави муносибатҳоро таъмин намоем.

Шарти таъмини он аҳди санади навини бунёдии сиёсӣ – Аҳдномаи дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкорӣ мебошад, ки дар муносибатҳои дуҷониба сафҳаи навро боз хоҳад намуд.

Мо аз нияти Нахуствазири Хитой ҷаноби Вэн Сзябо ҷиҳати анҷоми сафари расмӣ ҳангоми мулоқоти сарони ҳукуматҳои СҲШ дар Душанбе самимона истиқбол менамоем. Ин сафари нахустини Сарвари Ҳукумати Хитой ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли таърихи муносибатҳои дуҷонибаи мо хоҳад буд. Шубҳа надорам, ки ин сафар ба

инкишофи минбаъдаи муносибатҳои мо такони тозаи нерӯманд хоҳад бахшид.

Дар мавриди ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар чаҳорчӯби СҲШ, тавре ки қаблан зикр шуд, соҳаи амнияти минтақавӣ афзалиятнок боқӣ хоҳад монд, ки дар он муборизa бо терроризм, экстремизм, сепаратизм ва қочоқи маводи мухаддир аҳамияти хос дорад. Умедворам, ки давлатҳои аъзои СҲШ ташаббусҳои моро дар мавриди таъмини муборизаи муштарак бо қочоқи маводи мухаддир ва созмондиҳии Маркази зидди маводи мухаддир дар чаҳорчӯби СҲШ дастгирӣ хоҳанд кард.

Самти дигари муҳими ҳамкорӣ барои мо дар чаҳорчӯби СҲШ таъмини фаъолияти доимӣ ва босамари роҳи нақлиётии Тоҷикистон-Хитой, ҳамчунин ширкат дар бунёди роҳҳои трансмиллие мебошад, ки бо Афғонистон, Покистон ва Эрон пайванд эҷод менамоянд.

Самти муҳими ҳамкории кишварҳои СҲШ метавонад ҳамкорӣ дар соҳаи туризм гардад. Тоҷикистон қодир аст дар оянда ба яке аз марказҳои туризми кӯҳӣ ва экологӣ дар чаҳорчӯби СҲШ табдил шавад.

Дар ҷумҳурии мо таҷрибаи Хитой дар бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди таваҷҷӯҳ ва омӯзиши хос аст, зеро дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ аҳамияти калон дорад. Дар ин соҳа низ имкони ҳамкории васеъ дар чаҳорчӯби СҲШ фароҳам мегардад.

**– Баъди ифтитоҳи гузаргоҳи назоратӣ-марзии Қаросу-Кулма рушди босуръати тиҷорати марзӣ байни ду кишвар мушоҳида мегардад. Ҳаҷми умумии моле, ки тавассути он ба ду ҷониб дар соли 2005 ворид гардидааст, ҳудуди 20 ҳазор тоннаро ташкил дода, нисбат ба соли пешин 205 фоиз афзудааст. Шумо ин натиҷаро чӣ гуна арзёбӣ мекунед? Ба назари Шумо кадом соҳа имконоти бештари ҳамкории дуҷонибаро дорост?**

– Сохтмони роҳи Душанбе–Хоруғ–Кошғар тавассути аҳбаи Қулма ва ифтитоҳи гузаргоҳи назоратӣ-марзӣ дар соли 2004 анъанаи «Роҳи бузурги абрешим»-ро эҳё менамояд, ки Шарқу Ғарбро мепайвандад ва аҳамияти бузурги на фақат иқтисодӣ, балки сиёсӣ хоҳад дошт. Орзуи дерини халқи тоҷик – дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо ҳамсояи бузурги худ амалӣ гардид. Воқеан бо ифтитоҳи гузаргоҳ робитаҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ фаъол шуданд, мубодилаи мол афзуд, равобити бевоситаи ноҳияҳои марзии ду кишвар тадриҷан шакл мегиранд, барномаҳои туристӣ зуҳур менамоянд. Фаъолияти роҳи

автомобилӣ ба инкишофи тиҷорати минтақавӣ мусоидат намуд.

Тоҷикистон ва ҳамсоягон имкони амалӣ пайдо намуданд на фақат ба бозорҳои Хитой, балки Покистон, Ҳинд, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва бандарҳои уқёнуси ҷаҳонӣ роҳ ёбанд. Ба ин роҳ кишварҳои минтақа, аз ҷумла Афғонистон, ки барои он ин роҳи кӯтоҳтарини расонидани молҳои Хитой ба шимоли он аст, таваҷҷӯҳи рӯзафзун доранд. Дар натиҷа, Тоҷикистон метавонад «пули дӯстӣ» байни Хитой ва Афғонистон гардад. Ин амр ниҳоят муҳим аст, зеро аз бозсозии баъди низоъ дар Афғонистон аз бисёр ҷиҳат амният ва субот дар минтақаи муштараки мо вобаста аст.

Мо бо қаноатмандӣ қайд менамоем, ки дар тиҷорати дуҷониба сол то сол тамоюлоти мусбат нерӯ мегиранд: дар соли 2005 ҳаҷми он ду маротиба афзуд. Бо такя ба дастовардҳои мавҷуда Ҳукумати мо омодааст барои тавсеа ва таъмиқи минбаъдаи ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратӣ, бо дарназардошти наздикии ҷуғрофӣ ва сохтори такмилкунандаи иқтисоди ду кишвар талоши худро вусъат бахшад.

Бад-ин манзур мо имрӯз бо ҳамкорони хитоии худ имкони амалӣ сохтани як теъдод барномаҳои бузургро баррасӣ менамоем, ки равобити иқтисодиву тиҷоратии моро ба сатҳи сифатан нав бароварда тавонанд ва онҳо нақши фаъоли сармояи Хитойро дар иқтисоди мо бозгӯ намуда тавонанд. Ин раванди мутақобилан судманд аст ва ман мутмаинам, ки нақшаҳои муштараки мо ба зудӣ татбиқ хоҳанд шуд.

**– Назари Шумо дар мавриди таҳвияти ҳамкории байни кишварҳои мо дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм чист?**

– Кишварҳои мо шарикони фаъол дар мубориза бо «се нерӯи бадӣ» чи дар чаҳорчӯби СҲШ ва чи дар доираи равобити дуҷониба мебошанд. Чи тавре ки ман қаблан гуфтам, Тоҷикистон ҳамроҳ бо Хитой ин муборизаи беамонро идома хоҳад дод. Созишномаи ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм, ки байни ду кишвар моҳи сентябри соли 2003 имзо гардид, заминаи хуби ҳуқуқии ин ҳамкориро фароҳам овард.

Ба назари мо ҳамзамон бояд мубориза ба таҳдиди дигар, ки хатари он аз таҳдидҳои зикршуда камтар нест – қочоқи маводи мухаддир фаъол гардад, ки аз манбаъҳои

муҳимтарини таъмини молиявии фаъолияти террористӣ мебошад.

Мо дар Тоҷикистон хуб медонем, ки радикализми сиёсӣ ва терроризми байналхалқӣ чӣ меоранд. Бояд зикр кард, ки ин падида ба шароити нав худро мутобиқ ва созгор месозад, тактика ва тарзу усулҳои фаъолияти худро тағйир дода, роҳу воситаҳо ва манбаъҳои таъмини молиявии худро такмил медиҳад. Дар мубориза бо он таҳти кадом шиор ва байрақ қарор нагирад, созиш норавост. Мо дар ин мавқеъ устувор мебошем. Тоҷикистон ӯҳдадориҳои худро мутобиқи Конвенсияи Шанхай дар муборизаи зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм пурра иҷро хоҳад кард.

Асноде, ки дар чаҳорчӯби СҲШ имзо шудаанд, барои таҳвияти ҳамкорӣ ва муқовимати муассир дар баробари таҳдидҳо ва хатарҳои муосир имконоти васеъ фароҳам оварданд. Дар ин росто Сохтори зиддитеррористии минтақавӣ мақоми муҳим дорад, ки ниҳоди ҳамоҳангсози муборизаи давлатҳои аъзо бо таҳдидҳо ва хатарҳои зикршуда гардидааст.

Ба манзури баланд бурдани сатҳи ҳамкории мутақобил дар ин самт давлатҳои аъзои СҲШ якчанд машқҳои муштарак гузарониданд. Дар ҳоли ҳозир мақомоти босалоҳияти марбута ба таҳияи феҳристи ягонаи созмонҳои террористӣ ва террористон машғул мебошанд. Дар ин амр механизми мулоқоти муназзами котибони Шӯроҳои амнияти кишварҳои аъзои СҲШ нақши муҳим доранд.

Маълум аст, ки таҳдидҳои асосии хорӣҷӣ дар фазои СҲШ аз Афғонистон мебошанд. Аз ин рӯ, мо ба ҳалли ҳарчи зудтари вазъи ин кишвар манфиатдорем ва дар ин амр ба фаъолияти Гурӯҳи тамоси «СҲШ-Афғонистон», ки соли 2005 таъсис ёфт, умедҳои зиёд дорем. Ҳамкории фаъоли мутақобили давлатҳои мо, аз ҷумла дар чаҳорчӯби Гурӯҳи тамос ба суботи вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва гуманитарӣ дар Афғонистон таъсири мусбат расонида, барои муваффақияти муборизаи мо бо қочоқи маводи мухаддир мусоидат хоҳад намуд.

Бо истифода аз ин фурсати муносиб, мехоҳам миннатдории самимии худро ба Ҳукумат ва халқи дӯсти Хитой барои кӯмаки доимӣ ва дастгирии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми он изҳор намоям. Ҳамчунин таманниёти беҳтарини хешро ба хонандагон ва бинандагони шумо иброз медорам.

# НАҚШИ ТАЪРИХИИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

## СУХАНРОНӢ ДАР ҲУЗУРИ ИШТИРОКДОРОНИ МАҶЛИСИ ШӮРОИ САРОНИ ҲУКУМАТҲОИ ИДМ

Душанбе, 25 майи соли 2006

**Мӯҳтарам иштирокдорони маҷлиси Шӯрои Сарони ҳукуматҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, пеш аз ҳама, мехоҳам табрикоти худро ба унвонии шумо иброз дошта, ба шумо кори муваффақона орзу намоям.**

Мехостам, ки баъзе фикру мулоҳизаамро дар мавриди Иттиҳодамон ба шумо баён кунам. Ҳоло дар бораи сарнавишти он, дурнамои мавҷудияти минбаъда ва зарурати фаъолияти он ҳамчун сохтори асосии ҳамгироӣ баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ бисёр ҳарф мезананд.

Ба фикрам, **аввалан** ҳузури шумо дар ин ҷо худ аз худ далели равшани он аст, ки ИДМ хилофи бисёр пешгӯйиҳои маъюсона арзи вуҷуд дорад, солим аст ва мавқеъҳои худро аз даст доданӣ нест. **Сониян,** он нақши ҳақиқатан таърихиеро, ки Иттиҳоди мо дар амри ташаккули мутамаддину босуботи ҳар кадоми кишварҳоямон ба ҳайси давлати мустақил бозид, набояд фаромӯш кард.

**Сеюм**, ба фикрам, зарурияти мавҷудияти ташкилоте, ки бо дарназардошти саъю кӯшишҳои умумиамон тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравиро муттаҳид месозад, тақозои замон аст.

Мо бояд кори худро дар чаҳорчӯбаи ИДМ бо набзи замон доимо муқоиса намуда, кӯшиш кунем, ки аз суръати ҳаёти пурталотуми имрӯзаамон ақиб намонем, тадбирҳои мо мутобиқи тамоюлҳои замон бошанд ва ташкилоти мо мутобиқи ҳамон орзую умедҳое, ки халқҳоямон ба он доранд, амал кунад.

Ба назари ман имрӯз дар асри ҷаҳонишавӣ мо бояд барои рӯйи кор овардани имкониятҳои кофиамон ба манзури бо саъю кӯшишҳои якҷоя ноил шудан ба ҷаҳиши қатъӣ барои шукуфоии иқтисодии мамлакатҳоямон ҳамаи чораҳоро бинем.

Масъалаҳои фаъолияти Иттиҳоди мо, таъмини қобили ҳаёт будан ва рушди минбаъдаи он ҳамеша дар маркази диққати Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошта ва пешниҳоди мо дар бораи доир намудани маҷлиси навбатии Шӯрои Сарони ҳукуматҳо дар шаҳри Душанбе тасдиқи ин гуфтаҳост.

Аз ин лиҳоз мехостам қайд намоям, ки масъалаҳои дар доираи ИДМ ташкил намудани минтақаи савдои озод, истифодаи самарабахши муштараки захираҳои обу энергия, коммуникатсияҳои нақлиётӣ, воситаҳои алоқа, телекоммуникатсияҳо ва системаҳои сӯзишворию энергетикӣ, аслан, масъалаи муҳимтарини муносибатҳои мутақобилаи иқтисодии давлатҳои Иттиҳод мебошанд.

Бинобар ин ҳар изҳорот дар бораи робитаҳои зичи иқтисодӣ бидуни барқарор намудани муносибатҳои байнидавлатии мамлакатҳоямон аз рӯйи ин ҷиҳатҳои ҳамкорӣ сирф хусусияти рӯякӣ хоҳанд дошт.

Ҳамзамон, ба нозукиҳои ин проблемаҳои дорои хусусияти хоси иқтисодӣ назар карда, бояд барои он саъю кӯшиш намоем, ки ба сиёсатгардонии онҳо роҳ надиҳем. Кӯшишҳои табдил додани онҳо ба фишангҳои ба якдигар расонидани фишор ба мақсади гирифтани ягон хел фоидаи сиёсӣ хавфи сар задани мушкиливу тазодҳои навро дорад.

Бинобар ин, ба назари мо, онҳо бояд бо дарназардошти манфиати ҳамаи давлатҳои Иттиҳод ва аҳду паймонҳои қаблӣ дар асоси адолату баробарҳуқуқӣ ҳал карда шаванд.

Тоҷикистон, бо дарназардошти манфиатҳои миллиаш ҳамеша тарафдори ҳамкории самарабахш ба манзури шукуфоии мамлакатҳои ИДМ ва халқҳои онҳо, тарафдори ҷустуҷӯ намудан ва дар амал татбиқ кардани шаклҳои нави воқеии ҳамгироӣ буд ва мебошад. Муҳим аст, ки ин ҷустуҷӯҳо боиси ҷудо-ҷудо гаштани саъю кӯшишҳои давлатҳои аъзои ИДМ нагарданд. Тавре ки ҳамаи шумо медонед, имкониятҳои мо дар ин амр хеле зиёданд.

Барои исбот мехостам мисоли тозае орам. Ба ҳамаи шумо маълум аст, ки зимистони имсола бинобар шароити сахти ҳавои ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва хусусан дар Русия, проблемаи таъмини аҳолӣ бо сабзавоту мева мураккаб гардид. Ин проблема, аз ҷумла, бо он сабаб низ сар

зад, ки маҳсулоти номбурда аз мамлакату қитъаҳои воқеи қисмҳои дигари сайёра оварда мешаванд, ҳол он ки ин қазия дар чоҳорчӯбаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ муваффақона ҳал мешуд. Масалан, як худи Тоҷикистон ҳар сол ба Русия садҳо ҳазор тонна сабзавоту мева мефиристод. Ҳоло он рақамҳо умуман қобили муқоиса нестанд.

Дар ҷараёни сафари ба қарибӣ ба Қазоқистон кардаам мо бо Нурсултон Абишевич Назарбоев ба ин проблема низ дахл карда ва қарор додем, ки механизмҳои масъаларо дар заминаи дуҷониба, аз ҷумла бо роҳи муқаррар намудани тарифҳои имтиёзноки интиқоли маҳсулоти тару тоза ва зуд вайроншавандаи кишоварзиро муайян кунем. Аминам, ки ин корро дар доираи Иттиҳод ҳам ба ҷо овардан мумкин аст.

Ин, гуфтан мумкин аст, фақат як мисоли алоҳида буда, он аз имконияти бузурги ҳамкории самарабахшу мутақобилан судманд далолат мекунад ва чунин мисолҳоро дар соҳаҳои дигар низ бисёр пайдо кардан мумкин аст.

**Мӯҳтарам иштирокдорони маҷлис!**

Масъалаҳои такмили минбаъдаи ҳамкорӣ ва таҳкими механизмҳои он ҷиҳати баррасӣ манзури шумо карда шудаанд. Дар онҳо ба соҳаи фарҳанг ва башардӯстӣ мақоми зиёде дода мешавад, ки ин тасодуфӣ нест. Дар шароити имрӯза рушду густариши ҳамкорӣ дар ин соҳа аҳамияти зиёде касб менамояд. Ҳамкории башардӯстона дар тамоми нерӯи ғании фарҳангӣ, илмӣ, маърифатӣ ва иттилоотии миёни халқҳою мамлакатҳои мо вазъияти боварию ҳамкориро фароҳам меорад.

Ин, ғайр аз ин, заминаи хубе барои муваффақона дар амал татбиқ намудани лоиҳаҳои муштараки доманадори иқтисодӣ мебошад.

Мо умедворем, ки ҳамаи тадбирҳои ҳуҷҷатҳои вобаста ба рӯзномаи маҷлиси шумо муваффақона амалӣ мегарданд. Ба масъалаҳои такмили фаъолияти мақомоти Иттиҳод, заминаи молиявии онҳо низ мақоми зиёде дода шудааст, ки ин далели саъю кӯшишҳои доимӣ барои ба ҳамкории бисёрҷонибаи мо бахшидани нерӯи тоза мебошад, зеро дар ҳар механизми ҳамгироӣ бисёр чиз вобаста ба фаъолияти дақиқу мураттаби мақомоти он мебошад.

Бинобар ин, мо ба фаъолияти ин мақомот умеди зиёде дошта ва ҳақ дорем, ки аз онҳо кори бештари мувофиқи мақсадро дар самтҳои афзалиятноке, ки дар ҳуччатҳои

дахлдор муайян шудаанд, талаб кунем. Умедворам, ки раванди ислоҳоти мақомоти Иттиҳод мутобиқи талаботи имрӯза, ба онҳо нерӯи тоза мебахшад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳкими минбаъдаи муносибатҳои боварибахшу амалиаш бо ҳамаи мамлакатҳои минтақа аҳамияти хоса дода, омодаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои муайян дар доираи Иттиҳод, ҳам дар асоси дуҷониба ва ҳам дар асоси бисёрҷониба, ба мақсади зудтар ҳал намудани проблемаҳо ва таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад.

Дар анҷом мехоҳам ба Шумо кори муваффақона ба манзури таҳкими ҳамкории байни мамлакатҳоямон орзу намоям. Умедворам, ки мо бо саъю кӯшиши якҷояамон нерӯи бузурги Иттиҳодро барои ҳамкорӣ пурра истифода карда метавонем.

## СУХАНРОНӢ
## БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ САРҲАДБОНОН

Душанбе, 28 майи соли 2006

**Мӯҳтарам афсарону аскарони Қӯшунҳои сарҳадӣ!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳамаи шумо – хизматчиёни ҳарбии Кумитаи давлатии ҳифзи сарҳади давлатиро ба муносибати иди касбиятон – Рӯзи сарҳадбонон табрик менамоям.

Сарҳади давлатӣ хатти муайянкунандаи қаламрави ҳар мамлакат, нишонаи аввалини мустақилияти давлат ва тамомияти арзии он аст ва сарҳадбонон сипари асосии хатти сарҳади давлатӣ ва муҳофизони дарвозаҳои кишвар мебошанд.

Маҳз аз ин рӯ, онҳо бояд бо интизоми қатъии ҳарбӣ, маҳорати баланди касбӣ, малакаву дониши мукаммал, шуҷоату далерӣ, ҳушёриву зиракӣ ва садоқату ҷасорат намунаи ибрати дигарон бошанд.

Зеро таъмини амнияти миллату давлат, ҳифзи марзу буми Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат ва тақвияти нерӯи мудофиавии он вазифаи муқаддас, пурифтихор ва пуршарафест, ки иҷрои он ба зиммаи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, аз ҷумла шумо – сарҳадбонон гузошта шудааст.

**Ин вазифаи муқаддасро дар сурате сарбаландона иҷро кардан имконпазир аст, ки нахуст аз ҳама моҳияти мафҳуми Ватану ватандорӣ, қимати истиқлолияти давлатӣ, ҳуввияти миллӣ, арзишҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд аз чониби ҳар як хизматчии ҳарбӣ амиқан дарк ва эҳсос карда шавад.**

Қӯшунҳои сарҳадӣ, ки зодаи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мебошанд, аз оғози таъсис, яъне соли 1997 мушкилоти ҷиддиро дар роҳи ташаккули худ сипарӣ намуда, имрӯз ба сохтори муташаккил ва муназзам табдил ёфтаанд ва барои иҷрои вазифаҳои пуршарафу масъулиятноки ҳифзи манфиатҳои Ватан хизмат мекунанд.

Ҳарчанд ки дар он солҳо ҳолати сиёсии мамлакат ниҳоят вазнин ва бӯҳронӣ буд, вазъи иқтисодии кишвари соҳибистиқлоли мо ва имкониятҳои Ҳукумат бисёр маҳдуд буданд, вале мо амалан дар ҷойи холӣ Қӯшунҳои сарҳадиро ташкил кардем.

Дар солҳои минбаъда бо мақсади ислоҳоти куллии соҳа як силсила тадбирҳои заруриро андешидем, ки дар натиҷаи татбиқи онҳо сохтор ва моҳияти қувваҳои сарҳадӣ ба талаботи замон мувофиқ гардонида, имрӯз онҳо ба як сохтори муосири ҳарбӣ табдил дода шуданд.

Бо дарназардошти аҳамияти ҳифзи сарҳади давлатӣ ва таҳкими асосҳои ҳуқуқӣ ва моддии мақоми давлатии таъминкунандаи дахлнопазирии марзҳои Ватанамон мо Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукуматро ба Кумитаи давлатӣ табдил додем. **Чунки таъмини дахлнопазирии сарҳади давлатӣ яке аз омилҳои муҳимтарини ҳифзи истиқлолият, тамомияти арзии кишвар, амнияти миллат ва давлат мебошад.**

Бо вуҷуди мушкилоти гуногуни иқтисодӣ, ки дар солҳои гузашта мавҷуд буданд, таъминоти моддиву техникии кумита тадриҷан беҳтар гардида, риояи тартибу низом ва сатҳи тайёрии касбӣ, омодагии ҳарбӣ, рӯҳияи ватанпарастии аскарону афсарон хеле таҳким ва тақвият ёфт.

Дар ин робита бояд гуфт, ки возеҳтарин намунаи ватандӯстӣ хизмат ба Ватан- Модар аст.

**Хизмат ба Ватан аслан маънои хизмат кардан ба падару модар, ғамхорӣ барои зиндагии ороми наслҳои оянда ва ободии рӯзгори худи инсонро дорад.** Бинобар ин, хизмати ҷавонон дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, аз ҷумла Қӯшунҳои сарҳадӣ, мактаби мукаммали ҳаёт аст, ки ба онҳо дарси ҷавонмардиву шуҷоат медиҳад ва ҷисману рӯҳан обутоб мебахшад.

Хизматчиёни ҳарбӣ бояд бо рафтору одоб ва интизоми қатъии хизматӣ, инчунин садоқат ба савганди ҳарбӣ ва Ватан, ҳомии давлату миллат ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон будани худро воқеан дар амал собит намоянд.

Онҳо бояд муҳофизони боэътимоди амнияти давлату миллат ва манфиатҳои мардум бошанд.

Бинобар ин, мо бояд корро дар ин самт тавре ба роҳ монем, ки ҷавонони мо ба хизмати аскарӣ ва ҳимояи марзу буми Ватан бо ифтихори миллӣ, эҳсоси гарми ватандориву ватандӯстӣ ва адои содиқонаи қарзи фарзандӣ муносибат намоянд.

Зеро чунон ки дар мулоқоти худ бо намояндагони ҷавонони мамлакат бо қаноатмандӣ изҳор карда будам, насли ҷавони солҳои истиқлолият бо донишу ҷаҳонбинӣ, рафтору одоб ва хислатҳои хуби инсонӣ моро ба ояндаи неки онҳо умед мебахшад ва дар навбати худ вазифаи мо – калонсолон аст, ки онҳоро дастгирӣ карда, барояшон шароити мусоиди таҳсил, хизмат ва кор муҳайё намоем.

Бояд таъкид кард, ки вазифа ва масъулияти шаҳрванд дар назди Ватан танҳо бо хизмат дар сафҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ маҳдуд намегардад.

Тавоноии давлат ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ аз ҳар як фарди ҷомеа фаъолияти густурдаро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тақозо мекунад.

Зеро фақат бо ҳамкории муштарак ва доимии Қуввaҳои Мусаллаҳ ва ҷомеа мавҷудияти артиши пурқувватро таъмин карда, сулҳу осоишро дар ҷомеа пойдор нигоҳ доштан мумкин аст.

Аз тарафи дигар, хизматчиёни қуввaҳои сарҳадӣ бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки Ватан ба онҳо қитъаи муҳимтарини қаламрави худ, яъне посбонии сарҳади давлатиро бовар карда супоридааст. Ба ин маънӣ, **хизмат дар марзҳои Ватан ва давлат – хизмати муқаддас аст. Чунки сарҳади давлатӣ низ аз ҷумлаи муқаддасоти миллӣ мебошад.**

**Ва хизмат дар сафҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ бояд мояи ифтихори ҳар як аскару афсар бошад.**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар шароити ҷаҳонишавии проблемаҳои башарӣ, ки солҳои охир босуръат идома дорад, як силсила зуҳуроти барои ҷомеаи ҷаҳонӣ хатарнок, аз ҷумла терроризм ва экстремизм, ҷиноятқории трансмиллӣ ва қочоқи маводи мухаддир торафт қувват гирифта, боиси ташвиши ҷиддии башарият шуда истодаанд.

Яке аз хатарҳои нисбатан нави ҷаҳонӣ муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир мебошад, ки на танҳо ба тандурустии шахсони алоҳида, балки ба оромиву осудагии сокинони бисёр кишварҳо ва умуман сайёра таҳдид менамояд.

Ин хатар боиси афзудани шумораи гурӯҳҳои ҷиноятқор ва зуҳури шаклҳои хавфноки ҷиноятқорӣ, бахусус терроризми байналхалқӣ мегардад.

Тавре ки чанд рӯз пештар дар Конфронси байналмилалии дар пойтахти мамлакатамон – шаҳри

Душанбе оид ба проблемаҳои мубориза бар зидди маводи мухаддир доиршуда таъкид намудам, Тоҷикистон дар тӯли солҳои зиёд **ҳамчун минтақаи буферӣ** давлатҳои Осиёи Марказӣ, Русия ва Аврупоро на танҳо аз воридшавии маводи мухаддир, балки аз паҳншавии гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ эмин нигоҳ дошт.

Дар баробари ин мехоҳам хотирнишон созам, ки мо наметавонем вазъият ва равандҳои кишвари ҳамсоя, яъне Афғонистонро, ки дар он ҷо зиёда аз 20 сол боз ҷангу нооромиҳо идома доранд, ба эътибор нагирем ё миқёси ин проблемаро нодида гирем.

Танҳо бо ҳамин мақсад ҳанӯз соли 1998 дар иҷлосияи махсуси Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир пешниҳод карда будем, ки дар атрофи Афғонистон барои пешгирии маводи нашъадор минтақаи амниятӣ ташкил карда шавад.

Мо барои то қадри имкон ҳал кардани ин масъала дар миқёси кишвари худ тадбирҳои мушаххасро амалӣ намудем ва чунон ки ҷаҳониён медонанд, ба натиҷаҳои назаррас ноил шудем.

Масалан, дар тӯли 10 соли охир аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон бештар аз 60 тонна маводи мухаддир мусодира шудааст, ки ин миқдор мавод метавонист даҳҳо миллион нафар одамонро гирифтори нашъамандӣ намояд ва якчанд миллиард доллар даромади он дар ихтиёри сохторҳои ҷиноятқору террористӣ қарор гирифта, боиси даҳшатҳои зиёд гардад.

**Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид Тоҷикистон аз рӯйи ҳаҷми мусодираи маводи мухаддир дар ҷаҳон ҷойи чорум ва дар байни кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мақоми аввалро ишғол мекунад.**

Ба ибораи дигар, дар мамлакати мо ҳар сол бештар аз 60 фоизи маводи мухаддир, ки дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз муомилоти ғайриқонунӣ бароварда мешавад, мусодира мегардад. Ин нишондиҳанда дар минтақаи Осиёи Марказӣ зиёда аз 70 фоизро ташкил медиҳад.

Рақамҳои зикршуда чунин маънӣ доранд, ки сарҳади Тоҷикистон рӯз аз рӯз мустаҳкам гардида, ба садди ҷиддии воридшавии маводи мухаддир табдил ёфта истодааст. Ҳоло ҳаҷми қочоқи маводи нашъадор аз тариқи сарҳадҳои Тоҷикистон хеле кам гашта, **кишвари мо дар байни ҳамсояҳои Афғонистон дар ин самт ҷойи охиринро ишғол менамояд.**

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки проблемаҳои қочоқи маводи мухаддир ва муборизa бар зидди он мушкилоти танҳо Тоҷикистон, Афғонистон ё Осиёи Марказӣ нест.

Ин хатари глобалӣ дар радифи терроризми байналмилалӣ қарор дошта, ҳамзамон яке аз сарчашмаҳои асосии молиявии он ба ҳисоб меравад ва аз ин рӯ, муборизаи муштарак, ҳамоҳангшуда ва муассири ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, пеш аз ҳама давлатҳои тараққикардаро талаб мекунад.

Махсусан дигаргуниҳо ва таҳаввулоти рӯзафзуни ҷаҳони муосир андешидани тадбирҳои мушаххасро доир ба ҳифзи сарҳади давлатӣ торафт ҷиддитар ба миён мегузоранд.

Бинобар ин, зарур аст, ки барои муҷаҳҳаз ва мукаммал гардонидани ҳайати шахсии Қӯшунҳои сарҳадӣ чорабиниҳои комплексӣ ва амалиёти махсуси сарҳадӣ татбиқ карда шаванд.

Инчунин ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи таълимӣ ва омӯзиширо густариш додан зарурати рӯз аст.

Ҳамаи ин корҳоро ба хотири он анҷом додан зарур аст, ки мо бояд дар роҳи паҳншавии гурӯҳҳои террористиву ифротгаро, инчунин қочоқи маводи мухаддир монеаи устувор эҷод намоем.

Иҷрои ин вазифаи мушкил ва дар айни замон ҷониву ватандӯстона ба зиммаи хизматчиёни ҳарбии Кумитаи давлатии ҳифзи сарҳади давлатӣ вогузор шудааст. Зеро онҳо дар сафи пеши муборизa бо ин падидаҳои манфӣ қарор доранд.

Дар чунин вазъ мавқеи геополитикӣ, геостратегӣ ва минтақавии Тоҷикистон, инчунин масъалаи дар ҳолати суботи устувор нигоҳ доштани вазъи дохилии мамлакатамон аз сарҳадбонон тақозо мекунад, ки ҳамеша дар ҳоли омодабош ва тайёрии доимии ҳарбӣ қарор дошта бошанд.

**Бори дигар таъкид менамоям, ки сарҳади давлатӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ буда, муҳофизат ва ҳимояи он қарзи шаҳрвандӣ ва фарзандии ҳар як фарди бонангу номуси Ватан аст.**

**Дӯстони гиромӣ!**

Тавре ки борҳо хотирнишон кардаем, соли 2005 барои мардуми Тоҷикистон ва махсусан марзбонони мо соли таърихӣ буд. Аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистони

соҳибистиқлол ҳифзи сарҳади давлатӣ пурра ба зиммаи марзбонони тоҷик гузашт.

Мехоҳам дар ин робита як масъаларо ёдовар шавам: дар арафаи ба ихтиёри марзбонони Тоҷикистон гузаштани сарҳади давлатӣ баъзан сару садоҳое баланд мешуданд, ки гӯё марзбонони тоҷик аз ӯҳдаи ҳифзи сарҳад баромада наметавонанд ва қочоқи маводи мухаддир аз сарҳади Тоҷикистон чандин маротиба зиёд мегардад ва мо барои ҳифзи марзҳои ватанамон бори дигар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муроҷиат хоҳем кард.

**Аммо дере нагузашта, натиҷаҳо собит сохтанд, ки баръакс қувваҳои сарҳадии Тоҷикистон аз ӯҳдаи ин вазифаи муқаддасу масъулиятнок бо сарбаландӣ баромада метавонанд.**

**Мардуми Тоҷикистон аз заҳмату хизмати шабонарӯзии шумо – сарҳадбонон сипосгузор аст ва Ҳукумат низ ин ҷасорату фидокории шуморо дар ҳифзи манфиатҳои Ватану миллат баланд қадрдонӣ мекунад.**

**Бинобар ин, ба ҳамаи онҳое, ки дар ин кор софдилона заҳмат мекашанд ва ба Ватан содиқона хизмат мекунанд, миннатдорӣ баён менамоям.**

Имрӯз сарҳадҳои мамлакатамонро фарзандони бошарафи халқи тоҷик посбонӣ ва муҳофизат карда истодаанд. Як мисол: агар дар соли 2005 аз тарафи сарҳадбонон 1840 килограмм маводи нашъаовар мусодира шуда бошад, танҳо дар чор моҳи соли 2006 зиёда аз 900 килограмм маводи мухаддир ошкор ва аз муомилот бароварда шудааст, ки нисфи онро героин ташкил медиҳад.

# КӮШИШҲОИ МО САМАРАИ ДИЛХОҲ МЕДИҲАНД

## СУХАНРОНӢ ДАР МАҶЛИСИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ БАХШИДА БА ПАНҶСОЛАГИИ ТАШКИЛИ СҲШ

Шанхай, 15 июни соли 2006

Пеш аз ҳама, мехоҳам ба дӯстони чиниамон барои ташкили ҳамаҷонибаи мулоқоти идонаи сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, барои истиқболи анъанавии гарму чӯшон ва меҳмоннавозии ҳақиқатан чинӣ самимона изҳори сипос намоям.

Бешубҳа, тайёрии ҳамаҷонибае, ки мизбонони мулоқот ҳамроҳи Котиботи СҲШ гузаронидаанд, раёсати дӯсти умумии мо Ху Тсзинтао дар маҷлис ба муваффақияти кори мо мусоидат карда, ниҳоят имкон медиҳанд, ки ҳадафҳои пешбиникардаи мо ба даст оянд. Мо аз ҳузури роҳбарони мӯҳтарами Муғулистон, Покистон, Эрон, Ҳиндустон ва Афғонистон, инчунин роҳбарони созмонҳои байналхалқию минтақавӣ хеле хурсандем, ки СҲШ бо онҳо муносибатҳои ҳамкории дарозмуддатро ба роҳ андохтааст. Ин, бешубҳа, дар бораи торафт афзун гардидани обрӯю эътибори Созмон шаҳодат медиҳад.

Басо рамзист, ки мо барои таҷлили панҷсолагии ташкили СҲШ дар шаҳри Шанхай ҷамъ омадем. Тавре ки маълум аст, созмони ҳамкории мо дар ҳамин шаҳр ташкил ёфта буд. Моҳи апрели соли равон ба таъсис ёфтани «Панҷгонаи Шанхай» – асоси Созмони ҳамкории Шанхай 5 сол пур шуд. Ин ба мулоқоти мо шукӯҳи тоза мебахшад. Ба шумо маълум аст, ки СҲШ дар бобати мустаҳкамтар сохтани боварӣ ба ҳамдигар, ҳусни ҳамҷаворӣ, сулҳу амният дар минтақа нақши хеле муҳим бозид.

Давлатҳои муассис дар оғози ҳазорсолаи нав Созмони ҳамкории Шанхайро ташкил карда, роҳи ҳақиқатан муҳими стратегиеро пеш гирифтанд, ки давраи гузариши ҳамкории моро ба давраи сифатан нави рушд ифода карда, ба таҳдидҳо, зуҳурот ва тамоилоти марҳалаи имрӯза ҷавоб дода метавонист. Ин як навъ ҷавоби сазовор ва арзанда ба таҳдидҳои асри XXI мебошад. Вақт аҳамият ва зарурати ҳаётии тавлиди созмони моро исбот намуд. Рӯйдодҳои хеле мураккаб ва пур аз ихтилофи ҷаҳон ва минтақаи Осиёи Марказӣ дар давоми панҷ соли охир барои устуворӣ ва қобили ҳаёт будани СҲШ санҷиши ҳақиқӣ ва амалӣ гашт.

Созмони ҳамкории Шанхай дар ин муддат омили муҳими ҳаёти байналхалқӣ ва ташкилоти муттасил инкишофёбандаи байналхалқӣ гардида, худро ҳамчун воситаи самарабахш, ояндадор, муҳим ва зарури ҳамкорӣ нишон дод. Ҳамаи ин ба мустаҳкам намудани муҳити боварӣ ва ошкорбаёнӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ, ҷустуҷӯи амалии роҳу воситаҳои қобили қабули ҳалли проблемаҳои амнияти минтақа мусоидат мекунад.

Ба СҲШ дар назди Ассамблеяи Генералии СММ мақоми мушоҳид дода шуд, ки шаҳодати эътирофи обрӯю эътибори баланди он дар миқёси ҷаҳон мебошад. Имрӯз қаламрави доманадори Аврупою Осиё, инчунин саҳнаи сиёсии ҷаҳонро бе Созмони ҳамкории Шанхай тасаввур кардан душвор аст, ки дар бобати таъмини сулҳу субот, таҳкими ҳамкорӣ, ҳусни тафоҳум ва боварии мутақобала дар минтақа ва тамоми ҷаҳон торафт бештар саҳм мегузорад.

Тавре ки маълум аст, «Панҷгонаи Шанхай» шаш сол пеш дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни мулоқоти сарони давлатҳо дар шаҳри Душанбе ба Форуми Шанхай табдил дода шуда буд. Ин мулоқот дар ҷараёни боз ҳам бештар шаффоф гардонидани «фазои Шанхай» дар муносибатҳои давлатҳои узви созмон нақши муҳим бозид, ки принсипҳои асосии он, тавре ки маълум аст, боварию эътимод ба ҳамдигар, ба назар гирифтани манфиати тарафайн, баробарӣ, ҳусни тафоҳум, эҳтироми гуногунрангии фарҳангҳо ва ҷидду ҷаҳд ба пешрафти умумӣ мебошад.

Ба ақидаи ман, имрӯз вақти он расидааст, ки дар заминаи ҳамин принсипҳо ба ташкили низоми умумии арзишҳои «Ҳамкории Шанхай» шурӯъ карда шавад. Узвияти СҲШ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодани самтҳои нави самарабахши ҳамкории ҳамаҷонибаю доманадорро, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои амният ва ҳамкорӣ ифода менамояд, ки ба

қавли дӯстони чинии мо «пояҳои» Созмон мебошанд. Таъмини сулҳу суботи минтақа вазифаи муҳимтарини давлатҳои аъзои Созмон аст.

Аҳамияти проблемаҳои таъмини вазъияти босубот ва амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ва тамоми қаламрави Созмон дар назди таҳдидҳо ва зуҳуроти нави замони имрӯза торафт бештар мегардад.

Кӯшишҳои муташанниҷ ва тезутунд гардонидани вазъияти минтақа қатъ нагардидаанд. Қувваҳои харобкор аз ниятҳои худ дар бораи ёфтани усулҳои нави истифодаи «се зуҳуроти бадӣ» дар фазои геополитикии Аврупою Осиё даст намекашанд. Дар Тоҷикистон, ки даҳшатҳои ҳамаи ин зуҳуротро аз сар гузаронидааст, хеле хуб медонанд, ки ифротгароии сиёсӣ ва терроризми байналхалқӣ чӣ гуна бадбахтиҳоро ба бор меоранд.

Ин зуҳуроти бадӣ ба дигаргуниҳои саросари ҷаҳон мутобиқ гардида, роҳу усулҳои фаъолияти худ, манбаъҳо ва воситаҳои маблағгузориро такмил медиҳад. Дар мубориза ба муқобили ин зуҳуроти бадӣ, инчунин ба муқобили ҷудоиандозӣ, моҷароҷӯӣ, ифротгарой ва ҷиноятқории муташаккили минтақавӣ ба ягон созишкорӣ роҳ додан мумкин нест. Дар ин маврид ҳаминро ба назар гирифтан лозим меояд, ки қувваҳои харобкор ҳар гуна парчам ва шиорро ҳамчун ниқоб истифода мебаранд. Мо ҷонибдори чунин мавқеи муборизаи устуворона мебошем. Тоҷикистон вазифаҳои ба зимма гирифтаашро мувофиқи Муоҳидаи Шанхай дар масъалаи мубориза ба муқобили терроризм, ҷудоиандозӣ ва ифротгарой пурра иҷро хоҳад кард.

Истеҳсол ва хариду фурӯши ғайриқонунии маводи нашъадор манбаи асосӣ ва муқтадири таъминоти терроризми байналхалқӣ ва такягоҳи молиявии он мебошад. Хариду фурӯши ғайриқонунии маводи нашъадор ҳамчун терроризм проблемаи умумибашарӣ буда, талаб менамояд, ки ба муқобили он муборизаи қатъӣ ва оштинопазир бурда шавад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ бо мамлакатҳои узви СҲШ дар соҳаи мубориза ба муқобили бо роҳи ғайриқонунӣ паҳн кардани маводи нашъадор яке аз самтҳои афзалиятнок аст.

Мо пешниҳод карда будем, ки дар доираи СҲШ Маркази зидди маводи нашъадор ташкил карда шавад. Умед аст, ки давлатҳои узви Созмон ин ташаббусро дастгирӣ хоҳанд кард, зеро он барои ҳамаи мо аҳамияти хеле калони амалӣ дорад.

Расонидани кӯмак ба Афғонистони бо мо дӯст дар бобати табдил додани он ба давлати устувору обод, ки рушди иқтисодии худро бе истеҳсоли маводи нашъадор таъмин карда тавонад, ба манфиати ҳамаи мо мебошад. Созмони ҳамкории Шанхай метавонад ва бояд дар ҳалли ин масъала нақши мусбат бозад. Истифодаи фаъолонаю самарабахши гурӯҳи тамоси СҲШ ва Афғонистон бояд ба ҳалли ин масъала кӯмак расонад.

Афзун гардонидани кӯшишҳои минбаъдаи мо бо мақсади таъмини якҷояи амният боз ҳам бештар вусъат додани ҳамкории мақомоти корҳои хоричӣ, муҳофизи қонун, хадамоти махсус ва мудофиаи давлатҳои аъзо, муқаррар намудани тадбирҳо ва воситаҳои вокуниши фаврии СҲШ нисбати воқеаҳои ғайричашмдошт дар минтақаро пешбинӣ менамояд, ки сулҳу субот ва амнияти минтақаро зери хатар мегузоранд. Мо дар ин бобат умедворем, ки маркази минтақавии мубориза ба муқобили терроризм дар масъалаи пешгирии таҳдидҳои зуҳуроти имрӯза нақши муҳимтарро хоҳад бозид.

Шарти муҳими пешрафти муваффақона дар роҳи амалӣ сохтани ҳадафҳои барномавӣ ва вазифаҳои муҳимтарини Созмон ба кор андохтани ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатҳоямон мебошад. Мо ба натиҷаҳои мулоқоти нахустини роҳбарони порлумонҳои мамлакатҳоямон баҳои баланд медиҳем, ки чанд ҳафта пеш дар Маскав баргузор гардид. Чунин воситаи ҳамкорӣ дар муносибатҳои ояндаи мо нақши муҳим бозида метавонад.

Дар масъалаи таъмини амният бе ҳамкории мақсадноку самарабахш дар соҳаи иқтисодиёт коре кардан имконнопазир аст. Мо дар ин бобат ҳаминро ба назар мегирем, ки давлатҳои узви Созмон барои рушди иқтисодӣ ва ҳамгироӣ дар доираи он бояд тадбирҳои самарабахш андешанд. Амалӣ сохтани онҳо бояд вусъати минбаъдаи ҳамкориро дар соҳаи иқтисодиёт, истифода бурдани шаклу усулҳои имрӯзаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ, таҳияи барномаҳои муштараки мақсадноки ҳамкории иқтисодӣ ва барномаҳои сармоягузорӣ, истифодаи самарабахши имкониятҳои мавҷуда бо назардошти манфиатҳои тарафайн, вусъати минбаъдаи ҳамкории бонкҳо ва муносибатҳои молиявӣ ва қарз дар байни мамлакатҳои минтақаро пешбинӣ кунад.

Ба ақидаи ман, дар доираи амалӣ сохтани чунин барномаи стратегӣ, инчунин фаъолияте, ки ҳадафи он паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар баъзе мамлакатҳои узви

Созмон мебошад ва чи тавре ки маълум аст, ба зуҳуроти ҳар гуна ифротгарой мусоидат мекунад, таҳия кардан ва амалӣ сохтани барномаи махсуси кӯмакҳои доманадор ба ин давлатҳо бо мақсади тадричан баробар сохтани дараҷаи рушди иқтисодӣ аҳамияти фавқулодда муҳим дорад.

Дар давлатҳои узви Созмон бо мақсади ҳар чи зудтар ба даст овардани натиҷаҳои воқеии муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ чунин барномаҳои афзалиятнок, аз ҷумла истифодаи оқилонаи фазои доманадори иқтисодӣ, сарватҳои бузурги табиӣ, қувваи фаровони корӣ, хусусияти ғанитар гардонидани иқтисодиёти ҳамдигар, дараҷаи хеле баланди маърифатӣ ва илмию техникии аҳолиро истифода бурдан зарур аст.

Хурсандиовар аст, ки қарзҳои имтиёзноки барои давлатҳои узви Созмон ҷудокардаи Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соли 2004 дар муддати кӯтоҳ барои амалӣ сохтани бисёр барномаҳои муҳим истифода карда шуд. Ин қарз барои мамлакати ман ҷиҳати амалӣ сохтани барномаи сохтмони роҳи мошингарди Душанбе-Хуҷанд-Чанак ва кашидани хатҳои баландшиддати интиқоли қувваи барқ аҳамияти калони иқтисодӣ дорад.

Боварии комил дорам, ки вусъат додани фаъолияти минбаъда ва афзунтар сохтани нақши Созмон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба тадбирҳои мустаҳкамтар намудани муносибатҳои доманадори давлатҳои созмон, бештар ривоҷ додани муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва бештар сохтани вуруди сармоя таъсири мусбат мерасонад. Анҷумани тиҷоратию иқтисодии Созмон, ки баробари мулоқоти идонаи мо дар Шанхай баргузор мегардад, бояд на танҳо дастовардҳои давлатҳои узви Созмонро намоиш диҳад, балки ба равнақу ривоҷи ҳамкории иқтисодии мамлакатҳои аъзои СҲШ мусоидат кунад.

Сарони ҳукуматҳои мамлакатҳои аъзои СҲШ тирамоҳи соли равон дар Душанбе ҷамъ меоянд. Умед аст, ки мулоқоти онҳо ба ҳамкории рӯзафзуни иқтисодии мамлакатҳоямон нерӯи тоза бахшида, барои боз ҳам бештар сохтани ҷузъиёти иқтисодӣ ва гуманитарии фаъолияти Созмон имкониятҳои нав муҳайё месозад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории рӯз то рӯз густаришёбандаи давлатҳои узви Созмонро дар соҳаҳои фарҳанг, маърифат, гуманитарӣ ва ғайра махсусан ҷонибдорӣ мекунад, ки бешубҳа, дар бобати амиқтар гардидани ҳусни тафоҳум ва ба ҳамдигар

наздиктар шудани халқҳои мамлакатҳоямон нақши муҳим мебозанд.

Эъломияи панҷсолагии СҲШ, ки имрӯз қабул карда мешавад ва дар он ҷидду ҷаҳди умумии мо барои вусъат додани муколама ва ҳамкории давлатҳои узви Созмон дар соҳаҳои гуногун инъикос ёфтаанд, инчунин нақшаҳои наздиктарини ҳамкории бисёрсоҳаи мо дар доираи Созмон муайян гардидаанд, моро даъват мекунад, ки ҷидду ҷаҳдамонро дар бобати амалӣ сохтани ҳадафҳои пешбинишуда дучанд афзунтар созем.

Ин ҷо азми қавии ҳамаи моро дар бобати пурзӯр гардонидани фаъолиятамон дар ин самт таъкид карда, изҳори умед карданиам, ки кӯшишҳои умумии мо дар бобати ривоҷ додани ҳамкорӣ дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай самараи дилхоҳ медиҳад ва мо шоҳиди боз ҳам баландтар гардидани обрӯю эътибор ва нерӯи имкониятҳои он хоҳем гашт.

**Ба диққататон ташаккур!**

# ИН ТАНҲО ОҒОЗИ КОР АСТ

## ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ МУХБИРОНИ ШИРКАТИ ТЕЛЕВИЗИОНИИ «ФЕНИКС»-И ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

Шанхай, 15 июни соли 2006

***САВОЛ:*** **– Шумо ба таъсири Созмони ҳамкории Шанхай, ба таъмини амният ва пешрафти иқтисодии минтақа чӣ гуна баҳо медиҳед?**

***ҶАВОБ:*** – Тавре ки маълум аст, пеш аз таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай барои ҳалли масъалаҳои аз гузашта ба мо меросмондаи сарҳад корҳои тӯлонӣ ва мақсаднок анҷом дода шуданд. Кӯшишҳои пешинаи ҳалли ин масъалаҳо дар миёнаҳои асри гузашта самараи дилхоҳ надоданд, баръакс, баъзан сабаби тезутунд гардидани вазъият ва ҳатто муноқиша мегаштанд. Бинобар ин анҷом ёфтани ҷараёни гуфтушунидҳо дар масъалаи сарҳад марҳалаи наверо оғоз намуд, ки хусусияти асосии он боварии комил ба ҳамдигар буд. Мамлакатҳои мо панҷ сол пеш дар шаҳри Шанхай қарор доданд, роҳи дурусти стратегиеро пеш гирифта, созмоне бунёд кунанд, ки ба нигоҳ доштан ва мустаҳкамтар сохтани ҳамин рӯҳия ва баъдан ба соҳаи ҳамкорӣ табдил додани он мусоидат карда тавонад.

Тоҷикистон яке аз ташаббускорони ташкили Созмони ҳамкории Шанхай мебошад. Созмони мазкур тобистони соли 2000-ум дар Душанбе таъсис ёфт. Ҳамон вақт зарурати табдил додани «Панҷгонаи Шанхай» ба воситаи мукаммал ва самарабахши ҳамкорӣ таъкид карда шуда буд.

Ҳаминаш ҳам махфӣ нест, ки ҳамон вақт баъзеҳо ба қобили кор гардидани созмони нав шубҳа доштанд. Вале фаъолияти муназзами муайян кардани ҳадафу вазифаҳои созмон, муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқӣ, сохторҳои он ва аз ҳама муҳимаш ҳалли муваффақонаи ин масъала ба он мусоидат кард, ки Созмони ҳамкории Шанхай дар муддати

кӯтоҳ дар минтақаи доманадори кишварҳои мо ба омили муҳими таъмини амният ва вазъияти босубот табдил ёфт. Имрӯз обрӯю эътибори созмони мо хеле баланд гардидааст. Тасодуфӣ нест, ки баъзе мамлакатҳо, аз ҷумла Ҳиндустон, Эрон, Муғулистон ва Покистон дар маҷлисҳои мо ҳамчун мушоҳид ширкат меварзанд. Теъдоди зиёди давлатҳои дигар низ хоҳиш кардаанд, ки ба онҳо чунин мақом дода шавад. Айни ҳол воситаи ба роҳ мондани гуфтушунидҳои созмон бо Афғонистон муқаррар карда шудааст. Илова бар ин, созмони мо дар назди Ассамблеяи Генералии СММ мақоми мушоҳидро дорад ва бо бисёр созмонҳои минтақавӣ муносибатҳои ҳамкорӣ ба роҳ мондааст.

Самти асосии ҳамкорӣ дар доираи СҲШ таъмини сулҳу амният мебошад. Таҳдиди чунин зуҳурот, аз ҷумла терроризм, ифротгарой ва ҷудоиандозӣ , ки дӯстони чинии мо онҳоро «се зуҳуроти бадӣ» номидаанд,илова ба паҳн гардидани маводи нашъадор ва ҷиноятҳкории муташаккилонаи минтақавӣ барои қаламрави созмон суханҳои хушку холӣ нестанд. Аз ин рӯ, мо воситаҳо ва роҳу усулҳоеро муқаррар намудем, ки ҳамоҳанг сохтани тадбирҳои моро дар муборизаи самарабахш ба муқобили онҳо таъмин карда тавонанд.

Қобили ҳаёт ва кор будани ҳар гуна созмони минтақавӣ пеш аз ҳама ба сифати ҳамкории иқтисодӣ вобаста аст. Нерӯю имкониятҳои иқтисодии Созмони ҳамкории Шанхай он қадар фаровон аст, ки муқаррар намудани ҳаҷми он ниҳоят душвор мебошад. Давлатҳои аъзои созмон захираҳои адонашавандаи энергетикию сӯзишворӣ, сарватҳои зеризаминӣ, нерӯи ақлонӣ ва умуман қувваи бузурги корӣ, имкониятҳои калони коммуникатсионӣ доранд. Ин ҷо дар бораи қаламрави бузурги онҳо ҳоҷати сухан рондан нест. Ҳамаи ин сарвати умумии мост ва барои ҳамкории ҳамаҷонибаамон дар соҳаи иқтисодиёт шароити мусоид фароҳам меорад. Ҳаминаш ҳам хеле муҳим аст, ки мо метавонем танҳо дар шароити пешрафти мутассили иқтисодӣ ва ободии мамлакатҳоямон ба муқобили таҳдидҳо ва зуҳуроти замони имрӯза бомуваффақият мубориза барем.

Ҳаминаш ҳам мусаллам аст, ки обрӯю эътибор ва нерӯи созмон дар оянда ба он бевосита алоқаманд хоҳад гашт, ки мо ин имкониятҳои фаровонро ба манфиати ҳамаи давлатҳои узви Созмон то кадом андоза амалӣ сохта метавонем.

Ташаббуси Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи додани қарзи имтиёзнок ба мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба

ҳамкории иқтисодии мо нерӯи тоза бахшид. Маблағи қарз дар Тоҷикистон барои тармиму таҷдиди роҳи мошингарде сарф карда мешавад, ки қисми шимолии мамлакатро ба қисми ҷанубии он ва як қисми шарқии ҷумҳурӣ пайваста, рафтуомади нақлиётро ба Чин тавассути роҳи мошингарди Мурғоб – Қулма таъмин хоҳад кард. Инчунин бо маблағи ҳамин қарз дар Тоҷикистон хатҳои интиқоли барқ сохта мешаванд, ки барои мо аҳамияти хеле калон доранд. Ҳамаи ин, бешубҳа, хусусияти минтақавӣ дорад, зеро онҳо ба манфиати ҳамаи мамлакатҳои ҳамсоя мебошанд.

Ин танҳо оғози кор аст. Мо барномаи доманадори ҳамкории ҳамаҷонибаи тиҷоратию иқтисодӣ ва нақшаи амалӣ сохтани онро қабул кардаем, ки соҳаҳои гуногуни ҳамкориро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, Созмони ҳамкории Шанхай аллакай ҳамчун намунаи ҳамкории самарабахш буда метавонад, ки ҳадафи он таъмини пешрафти мутассили иқтисодии мамлакатҳои мо мебошад. Мо азми қавӣ дорем, ки дар оянда ҳам барои ин тамоми тадбирҳоро андешем, иқдомҳои мо ва фаъолияти созмон ба ҳамин самт равона карда шудаанд.

***<u>САВОЛ:</u>*** **– Ақидаи Шумо дар бораи ба истилоҳ «инқилобҳои ранга» чӣ гуна аст, ки солҳои охир минтақаи Осиёи Марказиро фаро гирифтаанд?**

***<u>ҶАВОБ:</u>*** – Мо ба бор кардани ин ё он намунаҳои алоҳидаи пешрафт ва аз хориҷа интиқол додани идеяҳо комилан муқобил мебошем, ки таъриху фарҳанг ва тафаккури моро ба инобат намегиранд. Мо роҳи демократии тараққиётро дар заминаи меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшуда интихоб намуда, онҳоро ба шароити мамлакатамон мутобиқ месозем. Ба ақидаи ман, маҳз ҳамин шарти асосии пешрафт ва роҳи дуруст мебошад.Ин хусусиятҳоро ба назар нагирифта, намунаеро бо роҳи зӯрӣ ба гардани дигарон бор кардан мумкин нест, ки зоҳиран ба касе маъқул бошад. Намунаҳои чунин кӯшишҳои бебарор хеле зиёданд ва дар бисёр мамлакатҳо мушоҳида меёбанд. Ҳаминаш тааҷҷубовар аст, ки онҳо ҳанӯз ҳам такрор мешаванд. Солҳои охир чунин «инқилобҳо» дар баъзе мамлакатҳои собиқи Шӯравӣ рух доданд.

Ба ақидаи ман, сабабҳои вазъияти муташаннич ва ноором дар ҷамъияте мавҷуданд, ки дар он масъалаҳои иҷтимоӣ ҳал нашудаанд ва барои амалӣ сохтани имкониятҳои ҳар фард шароит вуҷуд надорад. Дар замони имрӯза қашшоқӣ, бекорӣ ва ҷиноят проблемаҳое мебошанд, ки хавфу

хатари онҳо аз терроризм камтар нест, зеро ғояҳои таҳаммулнопазирӣ ва таҷовуз дар онҳо ташаккул ёфта ва паҳн мегарданд. Онҳое, ки ин вазъиятро ба манфиатҳои ғаразноки худ истифода бурда, қаҳру ғазаби одамонро барои амалӣ сохтани мақсадҳои нопокашон сафарбар кардан мехоҳанд, ҳамеша ёфт мешаванд.

Аз ҳамин нуқтаи назар ҷиҳатҳои иқтисодии ҳамкории мо дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай ҳамчун самти афзалиятнок баррасӣ карда мешавад.

***САВОЛ:*** **– Шумо ба муносибатҳоятон бо Русия чӣ гуна баҳо медиҳед?**

***ҶАВОБ:*** – Русия барои Тоҷикистон иттифоқчии стратегӣ ва шарики асосӣ мебошад. Моро на танҳо таърихи умумӣ, балки бисёр уқдаҳои дигар ба ҳам мепайванданд, ки муносибатҳои наздику доманадорамонро пешбинӣ мекунанд. Ин пеш аз ҳама фазои воҳиди иттилоотию фарҳангӣ ва гуманитарӣ, равобити серсоҳаи корхонаю ташкилотҳо мебошад, ки баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ қисман канда шуда буданд.

Мамлакати мо солҳои аввали истиқлолияташ бо душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуд ва Русия барои истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ба мо кӯмаки калон расонд. Дар ин давра муносибатҳои мо асосан хусусияти сиёсӣ ва ҳарбию техникӣ дошт, ки дар ҳамон шароит комилан табиӣ буд.

Имрӯз марҳалаи сифатан нави муносибатҳои мо шурӯъ гардидааст ва мо якҷоя таҳкурсии ҳамкории бисёрсоҳаю доманадорро гузоштем, ки амалан тамоми соҳаҳои зиндагиро дар бар мегирад. Ман дар бораи аҳамияти иқтисодии ҳамкорӣ сухан рондам, аз ин рӯ, ин соҳа дар муносибатҳои Тоҷикистону Русия мақоми аввалиндараҷа пайдо мекунад. Мо бо Русия барномаҳои ҳаҷман калони иқтисодиро якҷоя амалӣ месозем, ки на танҳо барои пешрафти иқтисодии Тоҷикистон, балки барои ҳамкории мутақобилан муфид ва тӯлонии ҳар ду мамлакат замина мегузоранд. Сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда бо иштироки Ҷамъияти саҳомии «Системаи ягонаи энергетикии Русия», сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии Роғун ва ғайра аз ҳамин ҷумлаанд. Инчунин дар соҳаи истеҳсоли алюминий , истихроҷу коркарди сарватҳои зеризаминӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ сохтани корхонаҳои бузург пешбинӣ карда мешаванд.

Равобити фарҳангӣ ва илмии мо низ торафт вусъат меёбад. Дар давоми ду соли гузашта Рӯзҳои фарҳанги Русия дар Тоҷикистон ва Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Русия,

инчунин миқдори хеле зиёди конфронсҳои илмӣ ва амалӣ гузаронида шуданд. Мо дар бобати ҳамкорӣ дар соҳаи маориф таҷрибаи калон дорем. Дар бораи ҳамкориҳои Тоҷикистону Русия бисёр сухан рондан мумкин аст. Гуфтан мумкин аст, ки мо ба муносибатҳоямон бо Русия назари нек дорем. Зеро ин барои пешрафти мамлакати мо шароити мусоид муҳайё месозад. Мо манфиатдорем, ки ин муносибатҳо мустаҳкам карда ва амалӣ гардонида шаванд.

***САВОЛ:*** **– Муваффақиятҳои Шумо дар бобати амалӣ сохтани нақшаи «Роҳи нави абрешим» чӣ гунаанд?**

***ҶАВОБ:*** – Таърихан, минтақаи мо ва хусусан Тоҷикистон дар чаҳорсӯи роҳҳои тиҷоратӣ воқеъ буд, ки Шарку Ғарбро ба ҳамдигар мепайваст. Ин бори дигар дар бораи имкониятҳои мамлакатҳои мо дар бобати вусъат додани алоқа шаҳодат медиҳад. Барқарор сохтани Роҳи бузурги абрешим на талаботи ин ё он анъана ё мӯд, балки зарурати ҳаётӣ ва ҳатто зарурати аз ҷиҳати илмӣ ва тиҷоратӣ асоснокшуда мебошад.

Ин барои мамлакати кӯҳистони мо аҳамияти ҳаётан муҳим дорад.Дар шароити Иттиҳоди собиқи Шӯравӣ, ки дорои иқтисодиёти маҳдуд ва сарбаста буд, тамоми равобити истеҳсолӣ дар дохили мамлакат сурат мегирифт ва корхонаю муассисаҳои Тоҷикистон танҳо бо гӯшаю канорҳои дигари Иттиҳод алоқа доштанду халос. Баъди мустақил гардидани Тоҷикистон, ҷорӣ шудани муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ ва озод намудани тиҷорат барои муқаррар намудани муносибатҳои тиҷоратӣ бо мамлакатҳои дигар имкониятҳои сершумор ба миён омаданд.

Мо дар чунин шароит бо ду вазъияти душвор рӯ ба рӯ гардидем. Яъне, бо мамлакатҳои наздиктарини ҳамсояи худ – Ҷумҳурии Мардумии Чин, Афғонистон ва мамлакатҳои дигари Осиё ягон муносибат надоштем. Ҳатто дар дохили мамлакат қисми шимолии он бо қисмати марказӣ бо роҳҳои нақлиётӣ алоқа надошт, зеро роҳи байни онҳо аз мамлакатҳои дигар мегузашт.

Бинобар ин, мо баробари оғоз ёфтани ҷараёни солим гардонидани иқтисодиёт ба вусъат додани шабакаи роҳҳои оҳан ва мошингард диққати калон додем. Имрӯз қисми зиёди роҳҳои мошингарди дохили мамлакат мувофиқи меъёрҳои байналхалқӣ тармиму таҷдид карда шуданд. Дар Тоҷикистон роҳи оҳани Кӯлоб - Қурғонтеппа сохта шуд, ки дар оянда бо пойтахт пайваст карда хоҳад шуд.

Кушодани гузаргоҳи сарҳадии Қулма дар сарҳади Ҷумҳурии Мардумии Чин барои мамлакати мо аҳамияти таърихӣ дорад, зеро ба равнақу ривоҷи тиҷорат дар байни ҳар ду кишвар таъсири мусбат мерасонад. Айни ҳол сохтмони роҳи мошингард ба охир мерасад, ки Қулмаро бо роҳи кӯтоҳтарин бо пойтахт мепайвандад.

Баъди чанд ҳафта туннели Анзоб ба истифода дода мешавад, ки рафтуомади нақлиётро ба қисмати шимоли Тоҷикистон дар давоми тамоми сол таъмин мекунад. Тармиму таҷдиди роҳи мошингарди мазкурро яке аз ширкатҳои чинӣ бо маблағи қарзи ҷудокардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин ба зимма гирифтааст.Дар ин бора дар ҷараёни мулоқоти мо дар Шанхай созишнома имзо карда мешавад.

Боз як ширкати чинӣ чанд сол боз роҳи мошингардеро тармим мекунад, ки мамлакати моро бо Қирғизистон мепайвандад.

Ҳамлу нақли мо тавассути Афғонистон барои кушодани роҳ ба бандарҳои ҷанубӣ барои ба роҳ андохтани тиҷорат имкониятҳои калон ба миён меорад. Аз ин рӯ, дар байни Тоҷикистону Афғонистон якчанд кӯпрук сохта шуд. Айни ҳол сохтмони як кӯпруки калон давом дорад, ки роҳҳои асосии мошингарди ҳар ду мамлакатро пайваст месозад.

Дар Тоҷикистон захираҳои гидроэнергетикӣ хеле фаровонанд.Ва масъалаи истифодаи онҳо ояндаи на он қадар дур ҳал карда мешавад. Ин имкон хоҳад дод, ки қувваи арзони барқ ба мамлакатҳои ҳамсоя дода шавад. Бинобар ин мо имрӯз ния дорем, ки хатҳои нави интиқоли барқро созем. Амалӣ сохтани ин нақша аллакай шурӯъ шудааст. Дар ҳамин ҷо, яъне дар Шанхай дар бораи сохтмони хатти баландшиддати интиқоли барқи «Шимол- Ҷануб» созишнома имзо карда мешавад.Дар ин маврид ҳам мо аз қарзи Чин истифода мебарем.

Ҳамин тавр нақшаҳои мо дар соҳаи равнақу ривоҷ додани муносибатҳои ҳамкорӣ хеле зиёданд, ин бояд барои ҳамкорӣ пеш аз ҳама бо мамлакатҳои ҳамсояи минтақа имкониятҳои нав муҳайё созад. Ҷумҳурии Мардумии Чин дар байни онҳо мақоми хос дорад. Ин аз ҷумла ба пешрафти чунин соҳаҳои анъанавӣ, ки мамлакати моро дар замонҳои қадим машҳур гардонида буданд, аз ҷумла истеҳсолу коркарди пахта, саноати бофандагӣ ва ғайра кӯмаки калон мерасонад.Номи ин шоҳроҳи бузурги таърихиро шарҳу эзоҳ

додан зарурат надорад ва он моро даъват мекунад, ки ҳамкориро дар соҳаҳои гуногун равнақу ривоҷ диҳем.

Мо азми қавӣ дорем, ки барои барқарор сохтани симои нави имрӯзаи Роҳи бузурги абрешим аз ҳамаи роҳу воситаҳо истифода барем.

Дар хотима ба ҳамаи бинандагони ширкати телевизионӣ ва сокинони Сянган, ки чанд сол пеш шарафи боздид аз он ба ман насиб гардида буд, фараҳмандӣ ва рӯзгори осуда, ба кормандони ширкати телевизионӣ муваффақиятҳои нави эҷодӣ орзу менамоям.

# ОРИЁИҲО ВА ШИНОХТИ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

## АНДЕШАҲО ДАР ОСТОНАИ БУЗУРГДОШТИ СОЛИ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

17 июни соли 2006

Истиқлолият дар таърихи давлатдории тоҷикон ва сарнавишти миллати тоҷик оғози марҳилаи сифатан нав гардида, барои шинохт ва дарёфти арзишҳои тамаддуну фарҳанги миллӣ заминаи устувору пойдор фароҳам овард. Марҳилаи навин зарурати омӯзиш ва таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи арзишҳои таърихиву фарҳангии чандинҳазорсолаи миллатро бар пояи воқеияти таърих дар миён ниҳод. Маҳз ба манзури арҷ гузоштан ба мероси таърихиву фарҳангӣ ва сарватҳои моддиву маънавии дар тӯли ҳазорсолаҳо офаридаи ниёгони миллати тоҷик ва нишон додани арзиши ин фарҳанги асил ва беназир барои наслҳои имрӯзу фардо ва ҷаҳониён мо соли 2006-ро Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ эълон кардем ва аҳдофи онро ба таври возеҳ баён доштем. Ба ин маънӣ дар паёми табрикии худ ба муносибати Соли нави 2006 таъкид карда будам: «Ҳадафи асосии бузургдошти Соли тамаддуни ориёӣ ҳамчун мероси сирф фарҳангӣ, асосан пос доштани арзишҳои маънавӣ, илмӣ ва таърихии мардуми тамаддунсозу фарҳангофарини тоҷик мебошад, то ин ки наслҳои имрӯз ва ояндаи миллати мо аз он ба таври васеъ баҳрабардорӣ карда, барои рушду такомули ҳастии худ кӯшиш намоянд. Зеро дар тӯли таърих миллати тоҷик ҳамеша ҳаракатҳои нажодпарастӣ, миллатгаройӣ ва бузургманиширо инкор ва маҳкум месозад».

Дар ин ҷо лозим медонам як нуктаи дигарро илова намоям: вобаста ба эълони бузургдошти тамаддуни ориёӣ сару садоҳое баланд гардиданд, ки гӯё омӯзиши тамаддуни ориёӣ ва арзишҳои он ба сатҳи диёнат ва эҳсоси динии

мардуми мусулмони мо халал ворид мекарда бошад. Чунин гузориши масъала бебунёд ва аз воқеият дур аст. Воқеият ин аст, ки мо тамаддуни ориёиро ҳамчун падидаи сирф фарҳангӣ баррасӣ карда, ба наслҳои имрӯзу оянда омӯхтани онро ба хотири шинохти беҳтар ва амиқтари баромади таърихии миллатамон талқин менамоем. Ва ин амал пояҳои дини мубини исломро, ки аксарияти мутлақи мардуми мо пайрави онанд, заррае халалдор нахоҳад кард. Зеро ислом дар давоми асрҳои дароз ба тарзи ҳаёт ва қисми таркибии зиндагии миллати мо табдил ёфтааст.

Воқеан, тамаддуни ориёӣ бо арзишҳои фарҳангиву ахлоқии хеш дар ташаккули тамаддуни башарӣ ва робитаи тамаддунҳо ва фарҳангҳо нақши бисёр муҳим бозидааст, ки осори таърихии бадастомада дар сарзаминҳои зисти мардумони ориёӣ ва дигар кишварҳо далели он мебошад. Арзишҳои мерос ва фарҳанги ориёӣ на танҳо ифтихори ворисони он, балки ифтихори тамоми башарият ва мероси таърихии башарӣ дониста мешаванд.

Ҷавҳар ва бунёди ин фарҳанг бар пояи андеша ва ахлоқи башардӯстӣ ва мақоми волои инсон устувор гардидааст. Се меъёр ё усули ахлоқ ва ё андешаи тарбияи инсон, ки бо шиори пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек аз номи паёмбари оини ориёӣ гуфта шудааст, дар бунёди худ дар ҳеҷ тамаддуни дигар ҳамто надорад. Китоби муқаддаси мардумони ориёӣ – «Авесто», ки маҳсули андеша ва ҷаҳонбинии фалсафию динӣ ва ахлоқии ин мардумон аст, дар радифи осори арзишманди ҷаҳонӣ қарор дорад ва ин асар ифтихори тамоми мардумони ориёинажод ва башар мебошад. Фарҳанги воло ва хиради тавонои мардумони ориёӣ ва ворисони он буд, ки чунин асар аз ҳазорсолаҳои қабл аз милод то замони китобати он дар аҳди Сосониён аз роҳи ҳифз кардан дар зеҳну ҳуши донишмандон ва фарҳангиён аз насл ба насл интиқол ёфтааст. Ориёиҳо дар таърих давлату давлатдориҳои мутамаддини бузургеро чун Каёниён, Ҳахоманишиён, Кушониён, Ашкониён, Сосониён, Ҳайтолиён, давлатҳои Суғд, Бохтар, Хоразм ва ниҳоятан давлати бузурги миллии Сомониёнро таъсис дода ва дар ин давлатҳо тамаддунҳои дурахшонеро офарида, ба ҷаҳониён ва тамаддуни ҷаҳонӣ арза доштаанд. Ҳамаи ин давлатдориҳо маҳсули хирад ва фарҳанги куҳани мардумони ориёӣ, қабл аз ҳама ориёиҳои шарқи сарзамини Ориё – гузаштагони бевоситаи тоҷикон буда, ифтихори бузурги таърихи мо мебошанд.

Дар ин мақола мехоҳам дар робита ба тамаддуни ориёӣ чанд нуктаро дар мавриди воқеияти корбурди истилоҳи таърихии ориё дар осори куҳан, таҳриф ва сӯиистифодаи номи «арйа» аз ҷониби нажодгароён дар асри XX, чигунагии раванди ташаккули забонҳои ориёии эронӣ дар тӯли таърих ва масоили дигари муҳими шинохти мардумони ориёӣ ва тамаддуни ориёӣ, ки дар илми ҷаҳонӣ мавзӯи баҳсҳои доманадори олимони кишварҳои гуногун мебошанд, баён намоям.

Ошноии донишмандони аврупоӣ ба забони санскрит (ҳиндии бостон) дар нимаи дуввуми асри XVIII ва дарёфти муштаракоту ҳамоҳангиҳои ин забон бо чанде аз забонҳои аврупоӣ дар марказҳои илмии Аврупо, бахусус Олмон масъалаи зарурати омӯзиши муқоисавии таърихии забонҳоро пеш овард. Ҳамин буд, ки дар нахустин марҳалаи пайдоиши забоншиносии муқоисавии таърихӣ дар асри XIX асосҳои грамматикаи санскрит ҳамчун намунаи куҳан аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ бо чанде аз забонҳои дигари ин хонавода мавриди муқоиса қарор гирифт. Бар асоси чунин муқоиса то ҷое назарияи хешовандӣ ва пайванди таърихии бархе аз забонҳо мисли санскрит, юнонӣ, лотинӣ, эронӣ (форсӣ) ва германӣ ошкор ва собит карда шуд. Забоншиноси олмонӣ Ф.Бопп – яке аз донандагони забони санскрит дар асоси муқоисаи санскрит бо дигар забонҳо чанд таҳқиқот анҷом дода, онҳоро таҳти истилоҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ номгузорӣ кард. Баъдан забоншиноси дигари олмонӣ А.Шлейхер бар ивази ин истилоҳ дар забоншиносии Олмон истилоҳи ҳиндугерманиро ворид сохт, ки он фавран мавриди қабули забоншиносони миллатгаро ва қисман нажодгарои он давр қарор гирифт. Ф.Шлегел фарзияеро дар бораи қадимияти санскрит ва аз ин забон ибтидо ёфтани дигар забонҳои ҳиндуаврупоиро пешниҳод карда, бо таваҷҷӯҳ ба мақоми таърихии санскрит ва номи нажоди ориёии ҳиндӣ истилоҳи ориёиро ба кор бурд, ки он баъдан муодили истилоҳи ҳиндуориёӣ қарор дода шуд. Ин истилоҳ аз ҷониби бархе аз забоншиносони охири асри XIX ва оғози асри XX, аз ҷумла забоншиноси рус В.А.Богородитский дар таркиби номи ориёаврупоӣ (ариоевропейский) бар ивази истилоҳи ҳиндӣ, яъне ҳиндуаврупоӣ истифода гардид.

Дар забоншиносии Олмон аз он давра ба баъд истилоҳи ориёӣ (дар забони олмонӣ-ариш) ҳам ба маънои ҳиндугерманӣ, яъне ҳиндуаврупоӣ ва ҳам ба маънои ҳиндуориёӣ ба кор меравад. Дар ҳамин давраи шаклгирӣ ва

таҳаввули андешаҳои мухталиф дар мавриди гузаштаҳои дури таърихи ташаккули қавмҳо, нажодҳо ва забонҳо чанд тан аз донишмандони олмонӣ – бостоншинос Коссин, мардумшинос Мук ва забоншинос Гирт фарзияеро пешниҳод карданд, ки мутобиқи он нахустин мардумони ҳиндуаврупоӣ (дар истилоҳи онҳо ҳиндугерманӣ) дар паҳнои шимоли Германия қарор доштаанд.

Ин назария дар таҳқиқоти як гурӯҳ аз нажодпарастон ба монанди Пенк, Шпрокгорф ва чанде аз ҳамандешони онҳо таблиғ ва мардумони олмонӣ ҳамчун асилтарин ҳомилони ба истилоҳ «нахустнажоди ҳиндуаврупоӣ» муаррифӣ гардидаанд. Бар пояи ҳамин андеша ва гумон нажодпарастон дар зеҳни мардум тафаккури ба истилоҳ нажоди покро ворид сохта, мардумони ориёиро ҳамчун идомабахши мустақими қабоили ҳиндуаврупоӣ ба қалам додаанд. Бояд тазаккур дод, ки ин андеша дар пояи илми забоншиносии муқоисавии таърихӣ ва дастовардҳои ин илм дар он замон аз ҷониби бештар забоншиносони Аврупо рад гардида буд. Бо вуҷуди ин, фарзияи мазкур дар бораи ватани нахустини ҳиндуаврупоиён будани сарзамини Олмон дар оғози асри XX дар миёни нажодпарастон хеле густариш пайдо карда, доираҳои васеъро фаро гирифт.

Дар мавриди ботил будани ин ҳама фарзия ва тахайюлот метавон андешаҳо ва навиштаҳои чанде аз донишмандонро зикр кард. Забоншиноси варзидаи рус академик В.М.Жирмунский матолиби зиёдеро ба забонҳои германӣ оварда, ки дар пояи ҳамин сиёсати нажодпарастӣ мардумони германӣ ҳамчун бумиёни асили нажоди ҳиндуаврупоӣ муаррифӣ гардида, мардумони дигари ҳиндуаврупоӣ, ки ватани нахустини худро тарк гуфта буданд, гӯё дар сарзаминҳои нави сукунати хеш бо дигар қабоили ғайриҳиндуаврупоӣ омезиш ёфтаанд ва ҳамин тариқ асли нажоди худро аз даст додаанд. Ин донишманд дар идома меафзояд, ки нуктаи авомфиребонаи ин назарияи ғайриилмӣ асоси ғояи таълимоти машҳури фашизм дар бораи нажоди «шимолӣ» ва ё «ориёӣ» мебошад, ки бештари намояндагони онро гӯё мардумони германии қадим ва олмониҳои имрӯзӣ ҳамчун ворисони мустақими онҳо ташкил медодаанд. В.М.Жирмунский пас аз баррасӣ ва тавзеҳоти илмӣ дар бораи таърихи қабилаҳои германӣ ва чигунагии ташаккули давраҳои таърихии забони олмонӣ дар робита ба ин бофтаҳои доираҳои нажодпарастӣ чунин нигоштааст: «Ҳамин тариқ, маълумоти таърихӣ дар бораи пайдоиши забон ва

миллати германӣ назарияи фашистиро дар бораи покии нажодии мардумони германӣ ҳамчун сохтакории фаҳш дар таърих ошкор мекунад».

Таърихшинос ва ховаршиноси рус И.М.Дяконов дар таҳқиқоти хеш «Мухтасари таърихи Эрони бостон» дар бораи таҳрифи истилоҳи ориёӣ (ариш) аз сӯйи нажодпарастон ба хотири манфиатҳои нажодиашон чунин овардааст: «Нажодпарастон бо истифодаи вожаи ориёиҳо дар баёни ба истилоҳ «нажоди олии» сохта ва бофтаи худ ин истилоҳро таҳриф кардаанд. Аммо донишмандони асил ҳанӯз то оғози Ҷанги ҷаҳонии дуввум аз ин шеваи корбурди истилоҳи мазкур худдорӣ ва дар муқобили чунин истифодаи он эътироз менамуданд». Вай дар идома бо истинод аз ду донишманди олмонӣ меафзояд: «Ҳамин тавр, соли 1939 Э.Ҳертсфелд ва А.Кис чунин навиштаанд: Маводе, ки мо дар ихтиёр дорем, робитаи ориёиҳоро бо «нажоди шимол»-и Аврупо таъйид намекунад. Мардумони ориёӣ бо лаҳҷаҳои ориёӣ тақрибан аз соли 900 пеш аз милод ба гуфтугӯ кардан оғоз намуда буданд».

Дар бораи мансуб будани номи ориёӣ танҳо ба мардумони эронӣ ва ҳиндӣ ва ё дар маҷмӯъ мардумони ҳиндуэронӣ тақрибан ҳамаи муҳаққиқон назари ягона доранд: яке аз забоншиносони варзидаи франсавӣ дар риштаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуэронӣ А.Мейе дар пажӯҳиши маъруфи хеш (Усули муқаддимотӣ дар таҳқиқи муқоисавии забонҳои ҳиндуаврупоӣ) барҳақ нигоштааст: «Номи этникие, ки бо ин ном мутобиқат мекарда бошад, дар ҳеҷ кадом аз лаҳҷаҳои дигари ҳиндуаврупоӣ вучуд надорад; аз ин рӯ, танҳо лаҳҷаҳои ҳиндуэронӣ метавонанд ориёӣ номида шаванд ва дар Олмон истилоҳи «ариш»-ро дар ҳамон маъное, ки мо ҳиндуэрониро ба кор мебарем, мавриди истифода қарор дода буданд».

Муҳаққиқони таърихи бостон Г.Ф.Илин ва И.М.Дяконов дар китоби дастҷамъии «Таърихи ҷаҳони бостон» дар робита ба мансубияти истилоҳи «арйа» чунин навиштаанд: «Дар миёни ҳиндуэрониҳо (ва фақат дар миёни онҳо) истилоҳи «арйа» ба маънои «наҷиб, асил» хеле маъмул буд. Гумон меравад, ки узви қабилаҳое, ки дар иттиҳоди қабилавии он даврон дар мақоми сарварӣ қарор доштаанд, худро бо ин ном мехондаанд. Аз ин рӯ, қавмҳои дорои забони ҳиндуэронӣ дар истилоҳи илмӣ дар бештар маврид ориёӣ номида мешаванд».

Дар илми забоншиносии ҷаҳон имрӯз истилоҳи ориёӣ ҳамчун номи этникӣ ва номи забони мардумони ҳиндуэронӣ бар пояи мақом ва маънои воқеии таърихии он мавриди қабул ва истифодаи умум қарор гирифтааст. Истилоҳи ориёӣ дар маънои илмӣ дар нисбати номи забони муштараки ориёиҳои эронӣ ва ориёиҳои ҳиндӣ аслан муодили истилоҳи ҳиндуэронӣ мебошад. Баъдан барои тафовут гузоштан миёни шохаи эронӣ ва ҳиндӣ барои шохаи ҳиндӣ истилоҳи ҳиндуориёӣ истифода гардид, ки он ба ҳама забонҳо ва лаҳҷаҳои ҳиндии дорои як манбаи муштарак иртибот дорад.

Дар ҳар маврид истифодаи истилоҳи таърихии ориёӣ ҳамчун муродифи истилоҳи илмии ҳиндуэронӣ дар баёни таърихи дури нажоди эронӣ ва ҳиндӣ ва ё ориёиҳои эронӣ ва ҳиндӣ воқеияти таърихӣ буда, онро наметавон инкор кард.

Дар робита ба ин бояд тазаккур дод, ки аз ховаршиносони варзидаи рус академик В.В.Бартолд дар давроне, ки истилоҳи ориёӣ ба маънои ҳиндуаврупоӣ истифода мешуд, ин истилоҳро бисёр дуруст ва огоҳона ва бо дарки воқеияти таърих барои забонҳои гуногуни шарқии эронии сокинони қадими Осиёи Миёна – гузаштагони тоҷикон ба кор бурдааст. Ба гумони мо В.В.Бартолд истилоҳи ориёиро барои давроне, ки ин мардумон нажоди худро бо ин ном ёд карда ва худро танҳо бо ҳамин ном мешинохтаанд ва дигар мардумон низ онҳоро бо ҳамин ном мехондаанд, хеле муносиб истифода кардааст. Дар ҳоле ки барои забони мардумони ориёии ҳиндӣ истилоҳи ориёӣ ва ё ҳиндуориёӣ мавриди қабул ва истифода қарор дорад, пас чаро дар мавриди мардумони ориёии эронӣ, ки дар доштани ин номи муштараки нажодӣ бо бародарони ҳиндии худ ҳаққи баробар доранд, ин истилоҳро бо дарназардошти мақом ва корбурди таърихии он набояд истифода кард? Ҳол он ки номи «арйа» дар суннати ориёии эронӣ, бинобар манобеи хаттии давраҳои гуногуни таърихии ин мардумон ва осори хаттии дигар мардумон мақом ва корбурди бештар ва суннати тӯлонитар дорад. Бинобар мақоми таърихии номи нажодии арйа (ориё ва ориёӣ) ин истилоҳ, ҳамон тавре ки барои ориёиҳои ҳиндӣ ба кор меравад, ҳамин тавр барои ориёиҳои эронӣ низ ҳамчун номи таърихӣ ва суннатии ин мардумон бояд истифода ва пазируфта шавад.

Забонҳои ҳиндуэронӣ ва ё ориёӣ ба хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ шомил буда, як шохаи муҳим ва таърихии ин хонаводаро ташкил медиҳанд. Забонҳои ҳиндуэронӣ дорои осори бесобиқаи таърихӣ мебошанд, ки он

нахуст дар суннати шифоҳӣ ва баъдан дар суннати бисёр куҳани навишторӣ тайи ҳазорсолаҳо идома дошта ва имрӯз ин осор ҳамчун шоҳиди айнӣ аз гузаштаҳои дури таърихи мардумони ориёинажод ба мерос мондааст. Забонҳои ҳиндуэронӣ бо доштани манобеи муҳим ва арзишманд дар бозсозии нахустзабони муштараки ҳиндуаврупоӣ дар миёни дигар забонҳои ҳиндуаврупоӣ дорои мартаба ва мақоми хоса мебошанд, ки инро пажӯҳишҳо ва баррасиҳои илмии беш аз ду аср дар забоншиносии ҳиндуаврупоӣ ва забоншиносии муқоисавии таърихӣ ба хубӣ собит сохтаанд.

Яке аз муҳимтарин далелҳои раднопазир дар мавриди таърих ва пайванди нажодии мардумони ориёӣ ва ё ба истилоҳи дигар ҳиндуэронӣ муштаракот ва шабоҳату ҳамгуниҳои забонии мардумони ориёии эронӣ ва ориёии ҳиндӣ маҳсуб мешаванд. Муштаракоти забонӣ якҷо бо муштаракоти суннативу динӣ ва фарҳангии ин мардумон аз муқоисаи мероси беназири онҳо дар мисоли «Авесто» ва Ведо бармеояд. Ин ду ёдгории арзишманд бо доштани манбаи муштарак аз офаридаҳои мероси фарҳангии ҳар кадоме аз ин мардумони ҳамнажод маҳсуб мешаванд. Бар асоси пажӯҳишҳои тӯлонӣ ва фарогир дар бахши Авесто ва Ведо аз роҳи муқоисаи мушаххасоти забонии ин осор ҳама он хусусиятҳои овоӣ, дастурӣ ва луғавии забонҳои эронии бостон ва ҳиндии бостон ва дар маҷмӯъ хусусиятҳои забонии муштараки ҳиндуэронӣ дар ҳазорсолаҳои пеш аз милод ба таври дақиқ таҳқиқ, ташхис ва ошкор гардидаанд. Натиҷаи пажӯҳишҳои тӯлонии донишмандони ҷаҳон аз роҳи таҳқиқоти муқоисавии таърихӣ чигунагии робитаҳои забонии мардумони ориёиро аз замони сукунати муштараки онҳо то ба баъд ба таври дақиқ муайян менамояд. Аз муқоисаи забонии Авесто ва Ведо як нуктаи бисёр муҳим дар муошират озоди ин мардумон дар замони сукунати тӯлонии онҳо дар як сарзамин то ба замони муҳоҷират ба сарзаминҳои кунунии иқоматашон таъйид мегардад.

Ҳамчунон ки дар мисоли забони Авесто, бахусус куҳантарин бахши он Готҳо (сурудҳо) ва забони Ведо собит мешавад, тафовутҳои ҷойдошта дар ин осор дар пояи тафовутҳои лаҳҷавӣ миёни ду лаҳҷаи бо ҳам наздики як забони муштарак қарор доранд. Бар асоси он ҳама хусусиятҳои забонӣ муҳаққиқон ба ин натиҷа расидаанд, ки ориёиҳои эронӣ ва ҳиндӣ ҳангоми сукунат дар сарзаминҳои хеш байни ҳам ба таври озод муошират намуда, дар дарки гуфтори ҳамдигар мушкилоти ҷиддӣ надоштаанд.

Муштаракоти забонӣ, фарҳангӣ ва диниву суннатии ориёиҳои эронӣ ва ҳиндӣ худ далели сукунати муштараки тӯлонии ин мардумон дар як сарзамини воҳид мебошад. Пас аз муҳоҷирати мардумони ориёии ҳиндӣ тақрибан дар оғози дуҳазорсолаи пеш аз милод ба Ҳинд замони ҷудоии қавмҳои ориёии эронӣ ва ҳиндӣ оғоз мегардад.

Бо дарназардошти он ки забони Авесто дорои махсусиятҳои лаҳҷавӣ мебошад ва лаҳҷаҳо дар дохили ин забон на ба якборагӣ, балки замоне чанд пас аз ҷудоӣ ё парокандагии як забони муштараки ориёии эронӣ, ё эронии бостон метавонист сурат гирад, ба андешаи бархе аз донишмандон, аз ҷумла В.И.Абаев замони аз ҳам ҷудошавии муштаракоти ориёиро ҳатто метавон ба ҳазорсолаи сеюми пеш аз милод мансуб донист. Тақрибан пас аз ҳазор соли муҳоҷирати ҳиндуориёиён муҳоҷирати як гурӯҳ аз қабоили ориёии эронии сокини Осиёи Миёна ба сарзамини Эрони кунунӣ сурат мегирад. Ин мардумони ориёӣ гузаштагони модҳо, порсҳо ва дигар қабоили ориёии (эронии) ғарбӣ буданд.

Бархе аз муҳаққиқон, аз ҷумла Г.Моргенстерне бар асоси далелҳои забонӣ дар бахши муштаракоти фаровони луғоту истилоҳот дар ин забонҳо ва чанде аз иқтибосоти замони Ҳахоманишиён дар забонҳои ҳиндуориёӣ ба ин натиҷа расидаанд, ки дар асрҳои VI-V пеш аз милод низ кишоварзон ва кӯчиёни ориёии эронӣ ва ҳиндӣ, бидуни шубҳа дар муошират гуфтори ҳамдигарро хуб дарк мекардаанд. Гурӯҳи дигари қабоили ориёии эронӣ аз шарқ ба ҷанубу шарқи Аврупо, ба сӯйи Кавказ ва соҳилҳои Баҳри Сиёҳ муҳоҷират карданд. Ин мардумон скифҳо ва ё қабоили сакоӣ буданд, ки дар асрҳои IX-VIII пеш аз милод ин сарзаминҳоро макони зисти хеш қарор додаанд.

Қабилаҳои дигари ориёинажоди сакоӣ аз Осиёи Миёна ва ё ноҳияҳои ҳаммарзи Қазоқистон ба Туркистони шарқӣ муҳоҷират намуданд. Ин мардумон аз худ осори хаттии фаровоне дар ин сарзамин ба ёдгор гузоштаанд, ки он бо номи ёдгориҳои сакоии хутанӣ маъруф аст.

Бар асоси далелҳои таърихиву бостоншиносӣ ва забониву ҷуғрофӣ пажӯҳишгарон сарзаминҳои густариши мардумон ва забонҳои ориёии эрониро дар ҳудуди бисёр густурдае аз ҷанубу шарқи Аврупо то ба Туркистони шарқӣ ва аз назди Урал ва ҷануби Сибир то ҷануби Эрон муайян намудаанд. Мардумони дигари ориёии шарқӣ, ба монанди бохтариҳо, суғдиҳо, хоразмиҳо ва чанде аз қабоили сакоӣ

барои ҳамешагӣ дар сарзамини таърихии хеш – Осиёи Миёна сукунат ихтиёр кардаанд.

Дар мавриди мансубияти таърихии ин сарзамин ба мардумони ориёӣ, бахусус қавмҳои ориёии эронӣ академик В.В.Бартолд чунин менависад: «То он ҷое, ки метавонем таърихи Осиёи Миёнаро мутолиа намоем, аҳолии бумии он ҳамеша ба қабоили ориёӣ, бавижа ба гурӯҳи эронии мардумони ориёӣ мансуб будааст». Ҳамчунон ки академик Б.Ғафуров дар таҳқиқоти хеш «Тоҷикон» нигоштааст, аз ҳамин мардумон, қабл аз ҳама бохтариҳо ва суғдиҳо, баъдан мардуми тоҷик ҳамчун халқият ташаккул меёбад.

Акнун мепардозем ба чигунагии бунёди номи этникии «арйа». Номи арйа танҳо дар осори хаттии мардумони ҳиндуэронӣ зикр шуда ва танҳо ин мардумон худро ориёӣ хондаанд: дар Авесто аирйа, Ведо арйа, дар катибаҳои замони Ҳахоманишиён арийа, дар забони муштараки ҳиндуэронӣ арйа (ё бо а-и дароз ва ё кашида дар оғоз ба гунаи орйа, мисли ориё). Ин номи нажодӣ барои мардумони ҳамтабори ориёии эронӣ ва ҳиндӣ ва ё дар маҷмӯъ ҳиндуэронӣ ба таври муштарак ба кор мерафтааст. Дар Ригведо ва Авесто арйа маънои асил, наҷиб ва меҳмоннавозро дорад. Ҳамчунин дар матни Авесто ин ном ба маънои озода, арҷманд ва шукӯҳманд низ истифода шудааст. И.Покорни аз донишмандони риштаи забоншиносии ҳиндуаврупоӣ дар фарҳанги этимологии хеш шакли ин калимаро дар нахустзабони ҳиндуаврупоӣ ба гунаи «арио» бозсозӣ намуда ва маънои онро соҳиб ва озода гуфтааст. Ташаккули таърихии ин ном дар осори забонҳои эронии бостон ва ҳиндии бостон бо зикри манобеи илмии қаблӣ аз ҷониби донишмандони шинохтаи аврупоӣ Э.Бенвенист ва М.Майрҳофер мавриди таҳлил ва баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, бар асоси далелҳои решашиносӣ ё этимологӣ бунёд ва маънои он ташхис ва муайян гардидааст.

Истилоҳи арйа (ориёӣ) пас аз даврони авестоӣ ва матни Авесто дар суннати хаттии дигар мардумони ориёии ғарбӣ то даврони Сосониён ройиҷ будааст. Истилоҳи мазкур аз даврони Ҳахоманишиён ба Ашкониён ва аз Ашкониён ба Сосониён идома ёфта ва он ҳамчун ифтихори нажодӣ дар давлатдории ин хонадонҳо ҳифз гардидааст. Истифодаи арйа дар ташкили номҳои ашхос аз замони Ҳахоманишиён то Сосониён ва идомаи чунин номгузорӣ дар осори паҳлавӣ то замони ройиҷ будани ин суннати хаттӣ далели шинохт ва маъруфияти нажоди ориёӣ дар миёни худи мардумони ориёӣ

будааст. Дар замони Ҳахоманишиён ва катибаҳои шоҳони ин хонадон истилоҳи арйа ҳам ба маънои нажод ва ҳам забони ин нажод ёд мешавад. Дориюши I – шоҳи ҳахоманишӣ дар ду катибаи хеш бо ифтихор нажод ва забони худро ориёӣ хонда ва чунин навиштааст: «Ман, Дориюш, шоҳи бузург, шоҳи шоҳон, …писари Виштосп, ҳахоманишӣ, порсӣ, писари порсӣ, ориёӣ, писари ориёӣ (ҳастам)» (Катибаи Дориюш дар нақши Рустам, банди 2). Дар катибаи дигари Дориюш дар Бесутун, ки дар панҷ сутун ба се забон нигошта шудааст, дар матни форсии бостон дар сутуни чаҳорум, сатри 89 дар бораи ин сангнабишта ва забони он чунин омадааст: «Ин набиштаи ман (аст), ки ман кардам. Ба илова ба (забони) ориёӣ буд. Ҳам рӯйи лавҳ, ҳам рӯйи чарм нигошта шуд». Дар идомаи матни ин катиба Дориюш меафзояд: «Илова ба ин насабнома тартиб додам. Пеши ман ҳам навишта ва ҳам хонда шуд».

Ҳамчунон ки мебинем, он чи дар ин катибаҳо омадааст, ба фармони Дориюш навишта шуда ва аз ҷониби вай таъйид гардидааст. Бо таваҷҷӯҳ ба тартиби навиштаи матни аввал Дориюш нахуст аз мансубияти хонаводагӣ, сипас мансубият ба кишвар ва ё сарзамини хеш ва дар ниҳоят аз мансубияти нажодии худ ёдовар шудааст, ки зикри нажоди ориёӣ дар анҷоми сухан низ ба ҳамин далел аст.

Аз ин шоҳиди таърихӣ собит мегардад, ки Ҳахоманишиён нажод ва забонашонро ориёӣ хондаанд ва онро ба ҳама мардумони кишварҳои мутеи шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ ба забонҳои бобулӣ, иломӣ ва оромӣ низ эълом доштаанд ва ба сарзаминҳои гуногун фиристодаанд. Навиштаи Дориюш дар мавриди нажоди вай дар ин катибаҳо на танҳо барои он замон, балки барои ояндагон ва ҳама наслҳои таърихи башарӣ ҳамчун шоҳиди айнӣ аз умқи қарнҳо то ба рӯзгори мо ба ёдгор монда ва он далели қотеъ дар бораи мансубияти ин мардумон ва шинохти онҳо мебошад.

Мардумони дигари ориёии ғарбӣ – модҳо, ки қабл аз Ҳахоманишиён ҳукумат мекардаанд, низ мисли Ҳахоманишиён нажоди худро ориёӣ мегуфтаанд. Чун аз замони модҳо ва забони мардумони мод ҳеҷ гуна осори хаттӣ маҳфуз нест, аз ин рӯ, ба далелҳои дигари таърих метавон муроҷиат кард. Дар як матни бобулии катибаи Дориюш дар Порс (Персеполис) донишмандон ибораҳои «Порсу Мод ва кишварҳои дигар забонҳо»-ро хонда ва ба ин натиҷа расидаанд, ки матлаб аз овардани Порсу Мод дар ин навишта ба он маънист, ки ин мардумон, яъне порсҳо ва модҳо забони ҳамдигарро хуб дарк мекарданд. Ҳамчунин бар асоси

навиштаи Ҳеродот дар он даврон «ҳамагон онҳоро (модҳоро) ориёӣ (шакли юнонӣ ариоӣ) мехондаанд». Далели дигар, ки метавон аз Ҳеродот ёд кард, ин зикри яке аз қабилаҳои мод, аз ҷумлаи он шаш қабилаи модҳо, дар китоби ин таърихнависи юнонӣ маҳсуб мешавад. Номи ин қабиларо Ҳеродот ба гунаи аризантоӣ оварда, ки шакли он дар забони модҳо арйазанту, аз ҷузъҳои арйа - ориёӣ ва занту ба маънои қабила ва дар маҷмӯъ «қабилаи ориёӣ» маънӣ мешавад. Истилоҳи занту ба маънои қабила ҳанӯз аз ҷомеаи ориёии авестоии қабл аз модҳо ва Ҳахоманишиён маълум буда, корбурди ин истилоҳ дар номи қабилаи модҳо идомаи ҳамон суннати куҳани ориёист. Муштаракот ва шабоҳати наздики забони модҳо ҳамчун лаҳҷаи шимолӣ-ғарбӣ ва забони порсҳо (форсии бостон) ҳамчун лаҳҷаи ҷанубӣ-ғарбӣ аз нахустзабони ориёии ғарбӣ ва ё эронии бостони гурӯҳи ғарбӣ имрӯз аз таҳқиқ ва муқоисаи иқтибосҳо аз забони модҳо дар осори форсии бостон ва дигар забонҳои ғайриэронии замони Ҳахоманишиён собит гардидааст. Тафовутҳои ошкоргардида дар ин забонҳо тафовутҳои лаҳҷавӣ буда ва ин омил далели пайванди наздики ин қавмҳои ориёии ғарбӣ дар он даврон мебошад.

Бинобар навиштаи таърихнависони юнонӣ чанде аз қабилаҳо ва мардумони дигари ориёии ғарбӣ бо номи арйа ёд мешудаанд. Ин номҳо дар осори таърихнависони юнонӣ, аз ҷумла Ҳеродот, Арриан, Птоломей, Страбон ва дигарон дар савтиёт ва баргардони юнонӣ маълуманд. Аз ҷумла ариаспаи аз арйааспа «дорандаи аспҳои ориёӣ» – номи мардумони ориёии эронӣ, ки дар канори рӯди Ҳилманд дар Афғонистони кунунӣ сукунат доштаанд, ариакаи аз эронии арйака, яъне ориёиён – номи қабоили ориёии сокин дар поёноби Сирдарё ва ғайра.

Таърихнависи юнонӣ Страбон порсҳо, модҳо, бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиҳо ва сакоиҳоро, ки бинобар қавли ӯ тақрибан ба як забон гуфтугӯ мекардаанд, ба ориёиҳо (дар истилоҳи Страбон арианес) мансуб медонад. Аз ин қавли Страбон метавон дарёфт, ки муштаракоти забонии мардумони ориёии шарқӣ ва ғарбӣ пас аз ҷудошавии онҳо аз сарзамини нахустинашон замони тӯлонӣ ҳифз гардидааст.

Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки дар сарзамини ориёиҳои шарқӣ – Ориёно (Осиёи Миёна ва Афғонистони кунунӣ, ҳамчунин шарқи Эрони имрӯза) мардумони шарқии ориёӣ низ дар даврони модҳо ва Ҳахоманишиён ҳамоно худро ба номи нажоди ориёӣ ёд мекарданд. Бинобар бозёфтҳои

солҳои охир аз Афғонистон дар як сангнабиштаи бохтарӣ забони ин матн арйа, яъне ориёӣ гуфта шудааст. Ин далели таърихӣ исботи он аст, ки яке аз рукнҳои гузаштагони тоҷикон – мардуми бохтарӣ забони худро ориёӣ меномидаанд.

Номи арйа, арйана ҳамчун истилоҳи этникӣ дар таркиби номҳои ашхос ва номҳои ҷуғрофии сарзаминҳои таърихӣ ва ё ватани мардумони ориёӣ ҳам дар Авесто, ҳам дар осори замони Ҳахоманишиён, ҳам дар манобеи юнонӣ ва исломӣ корбурди фаровон дорад, ки ин ҳама далели мансубияти ин ашхос ва ҷойҳо ба нажоди ориёист.

Арйа дар таркиби номҳои хос дар Авесто ва осори ҳахоманишӣ ба забони форсии бостон: Аирйанем Ваеҷа-Эронвиҷ – нахустин сарзамини ориёиҳо, аирйанем хварена, яъне фарри Ориён, Аирйа шайана (Арйа-шайана), яъне ошёни (сарзамин, нишемангоҳ, манзилгоҳ ва ё ватани) ориёиҳо, аирйо - хшуса – номи яке аз кӯҳҳо дар Яшти 8, банди 6: Аирйамана – номи фариштаи (эзиди) нигаҳбон, оштӣ, дӯстӣ ва шодию хушбахтӣ, ба маънои дорои андешаи ориёӣ ва ё ориёандеш, Арийарамна (Ариарамна) – номи чадди Дориюши I ва набераи Ҳахоманиш, ба маънои касе, ки ба ориёиҳо оромиш мебахшад ва ё оромбахши ориёиҳо, Арийа-чисра – ориёчеҳр, яъне аз нажоди ориёӣ, ориёинажод.

Номи нажоди ориёӣ - арйа дар таркиби номҳои хоси ориёӣ дар осори таърихнависони юнонию румӣ ба кор рафтааст, ки он далели шинохти номи ин нажод дар он даврон дар миёни дигар мардумон мебошад. Ба таври намуна: Ариабигнес, Ариамнес, Ариапатҳес, Ариантас, Арибарзанес, Арибазос, Ариамазес, Ариарамнес, Арифарнес, Ариаменес ва ғайра.

Истилоҳи этникии арйа дар таркиби номҳои таърихии ҷуғрофӣ, аз қабили Алан (Алон), Албан ва Арран низ маҳфуз мондааст, ки он иртиботи мустақими ориёиҳоро бо ин сарзаминҳо собит менамояд. Ҳамчунон ки медонем, Алан ин номи қабоили скифӣ (гузаштагони мардуми осетин) ва шакли скифии номи арйа мебошад. Шакли дигари номи этникии ариа ба гунаи ир – дар номи Иристон ба маънои макон ва ё ҷойгоҳи мардумони ориёитабори осетин дар Кавказ маҳсуб мешавад. Ариа дар номҳои ашхоси замони Ашкониён бар асоси осори портии кашфшуда аз шаҳристони Нисо (наздики Ашқобод) низ ба мушоҳида мерасад: Ариабонук, Ариабарзан, Ариамиҳрак, Арианиястак, Ариасохт.

Пас аз осори замони Ҳахоманишиён манобеи дигар дар мавриди номи арйа осори забонҳои портӣ ва форсии миёнаи ашконӣ ва сосонӣ ба шумор меравад. Таҳаввулоти овоии номи арйа дар давраҳои таърихии осори забонҳои бостон ва миёна чунин аст: авестоӣ **аирйа**, осори ҳахоманишӣ **арйа**, портӣ **арӣ**, форсии миёнаи сосонӣ **эр** ё **ир** ба маънои ориёӣ ва ҳам эронӣ; тавассути пасванди - он Эрон (Ирон) - номи кишвар. Дар матни портии ду катибаи замони Сосониён номи кишвари Эрон ба шакли Арйон мутобиқи савтиёти забони портӣ ва дар китоби паҳлавии Динкард (китоби чаҳорум) ба гунаи Арйастон омадааст, ки ин далели истифодаи истилоҳи арйа дар баробари шакли нави он, яъне Эрон дар он даврон мебошад. Аз даврони Сосониён шакли Эрон бар ивази Ориён (Ариана) ба таври расмӣ дар осори давраҳои баъдӣ мутадовил мегардад.

Шакли портии **арӣ** дар муқобили шакли форсии миёнаи сосонӣ бо дарназардошти махсусиятҳои лаҳҷаи шимолӣ-ғарбӣ идомаи гунаи **арийа** аз забони модҳост. Тафовут миёни шаклҳои портӣ ва форсии миёна дар пояи тафовути лаҳҷаҳои шимолӣ-ғарбӣ ва ҷанубӣ-ғарбии забони муштараки ориёии ғарбӣ дар Мод ва Порс сурат гирифтааст. Дар форсии миёна дар баробари маънои истилоҳӣ, маънои бунёдии ариа мутобиқи маънои авестоӣ, яъне **озода**, **асил** ва ё **наҷиб** низ маҳфуз мондааст. Ин маъно ҳам дар катибаҳои сосонӣ дар мисоли катибаи Шопур дар Каъбаи Зардушт (дар матнҳои форсии миёна ва портӣ) ва ҳам осори паҳлавӣ ба кор рафтааст. Якҷо бо ин маъно дар осори паҳлавӣ вожаи мазкур ба маънои гурд, далер ва қаҳрамон низ омадааст, ки онро метавон махсуси забони форсии миёна ва осори он донист.

Дар замони Сосониён ва осори форсии миёна аз шакли арйа бо замимаи пасванди ҷамъбандӣ мутобиқи савтиёти забони форсии миёна номи кишвари Эрон мутадовил гардид. Шакли номи Эрон дар забони форсии миёна таҳаввулоти баъдии истилоҳи Арйана аз даврони модҳо ва Ҳахоманишиён маҳсуб мешавад. Дар замони Сосониён, бинобар осори хаттии он даврон, номи Эрон ҳам ба маънои кишвари таърихии ориёиён ва ҳам эрониён аст. Ба ибораи дигар дар номи Эрон дар аҳди Сосониён якҷо ба маънои кишвари Эрон маънои куҳани он, яъне кишвар ва ё сарзамини Ориён низ маҳфуз мондааст. Ҳамчунин истилоҳи дигари арзӣ дар замони Сосониён – Эроншаҳр ба маънои шаҳриёрӣ ва ё кишвари Эрон, ҳамчун номи расмии шоҳаншоҳии сосонӣ аз истилоҳи куҳани ориёии Арйанам- хшасрам ба маънои

подшоҳии ориёӣ ташкил ёфтааст. Истилоҳи арзӣ ва ё номи кишвари Арйана (Ориён) бори нахуст дар манобеи юнонӣ ба шакли Ариана ба маънои кишвари ориёиҳо зикр мешавад.

Ҳамчунон ки академик В.В.Бартолд дар асоси маълумоти И.Маркварт овардааст, номи Ариана ба маънои кишваре, ки мутеи давлати Ашкониён будааст, бори аввал аз ҷониби Эратосфен (асри III то милод) ёд шудааст.

Дар осори замони Сосониён истилоҳи этникии эронаг (аз истилоҳи куҳани арйанака) ба маънои ориёӣ ва эронӣ ба кор рафтааст. Бинобар осори портӣ ва форсии миёнаи сосонӣ маънои ориёӣ ва ё нажоди ориёӣ ва кишвари Ориё дар он замон дар ин ном ҳанӯз маҳфуз будааст.

Пас аз замони муҳоҷирати ориёиҳои ҳиндӣ ба Ҳинд мардумони ориёии эронӣ дар ватан ва сарзамини хеш – Осиёи Миёна ва дигар манотиқи ҳамҷавори он сокин мондаанд. Дар асоси далелҳои таърихӣ, забонӣ ва ҷуғрофию этнолингвистӣ муҳаққиқон Осиёи Миёна ва сарзаминҳои дигари таърихии ҳамҷавори онро маркази муҳоҷирати ориёиҳо ва густариши забонҳову лаҳҷаҳои ориёӣ ба дигар манотиқи дуру наздик медонанд. Аз манобеи то ба замони мо расида дар мавриди сарзаминҳои мардумони ориёӣ куҳантарин ва муҳимтарин манбаъ ин ёдгории суннатии ориёиён Авесто, аз ҷумла яке аз бахшҳои он Вандидод маҳсуб мешавад. Бахши аввали Вандидод ҳамчун манбаи муҳими ҷуғрофию таърихӣ дар мавриди сарзаминҳои ориёии эронӣ таваҷҷӯҳи бисёр донишмандонро ҷалб кардааст. Дар бандҳои 3 то 20 ин бахш номи 16 сарзамину кишварҳои ориёӣ дар чунин тартиб ёд мешаванд: 1. Ариана Ваеҷа-Эронвиҷ (нахустин сарзамини нимасотирӣ), 2. Гава Суғда шайанам – Суғд (дар тарҷумаи паҳлавӣ Суғдиг-монишн, яъне маскани суғдӣ), 3. Моуру-Марв, 4. Бахдӣ-Балх, 5. Нисайа-Нисо (миёни Балху Марв), 6. Ҳарайва-Ҳирот, 7. Вейкта-водии Кобул, 8. Урва-Хуросон, 9. Хнента-Гургон, 10. Ҳараҳваити-Арахосия, 11. Ҳаетумант-Ҳилманд, 12. Рага-Рай (шарқи Мод), 13. Чахра (ҷое дар Хуросон), 14. Варна, 15. Ҳанта-Ҳинду – сарзамине дар Ҳинд (Панҷоб), 16. Рангҳа-Аранг. Ин бахши Вандидод ҳама сарзаминҳо ва кишварҳои сукунати ориёиҳоро фаро намегирад. Дар Авесто аз дигар сарзаминҳои зисти ориёиҳо, рӯдҳову кӯҳҳо ва баҳру кӯлҳои сарзаминҳои ориёӣ зикр шуда, ки ин ҳама бо истиснои номҳои асотирӣ дар маҷмӯъ ҷуғрофияи кишварҳои ориёиро ташкил медиҳад. Матлаб аз зикри ин сарзаминҳо чигунагии тавсеаи ҳудуди кишварҳои ориёӣ дар ҳазорсолаҳои то милод мебошад. Ин сарзаминҳо

марбут ба мардумони ориёии шарқӣ буда ва ин мардумони ориёӣ баъдан бо номҳои ҳамин кишварҳояшон дар таърих ва осор шинохта шудаанд. Ҳамчунон ки мебинем, дар миёни ин сарзаминҳо кишварҳои ғарби Эрон, ба монанди Мод, Порс ва Порт зикр нашудаанд. Дар ин феҳристи кишварҳо аз Хоразм низ ёд нашудааст. Ҳол он ки Хоразм дар дигар бахши Авесто, аз ҷумла дар Яштҳо (Меҳр Яшт) пас аз Суғд ба гунаи Хвоиризам зикр мешавад. Бо далели он ки Хоразм дар ин бахши Вандидод наомадааст, бархе аз муҳаққиқон нахустин кишвар ва ё ватани ориёиҳо Эронвичро ба Хоразм нисбат додаанд. Аммо ҳамчунон ки И.М.Дяконов бо овардани чанд далел собит менамояд, мафҳуми Эронвич аз ҳудуди ҷуғрофие чун Хоразм густурдатар ва васеътар буда, ин сарзамин паҳнои Осиёи Миёна ва дар маҷмӯъ сарзамини таърихии шарқи Ориёро фаро мегирад. Аз ин рӯ, И.М.Дяконов Эронвичро дар маънои кулл муодили истилоҳи ҷуғрофии Ариана дар осори юнонӣ медонад. Дар ҳар сурат нуктаи муҳим он аст, ки ҷузъи нахусти номи ин сарзамин – Ариана аз номи қавм ва ё мардумони ориёӣ берун омада ва он номи сарзаминест, ки ориёиҳо нахуст дар он сукунат доштаанд. Баҳсҳо атрофи ин ном тӯлонӣ буда, зикри тамоми онҳо аз доираи мақолаи мо хориҷ мебошад.

Феҳристи сарзаминҳо ва дар маҷмӯъ ҳудуди ҷуғрофии зисти ориёиҳо дар ҳазорсолаи пеш аз милод ба баъд далели чигунагии густариши ин мардумон дар он даврони дури таърих дар чунин як ҳудуди паҳновар буда ва ин омили ҷуғрофӣ бо мурури замон тайи қарнҳо иллати пайдоиши тафовутҳо дар лаҳҷаҳо ва забонҳои мардумони ориёӣ гардидааст. Яке аз далелҳои воқеӣ дар мавриди сарзаминҳои нахустини зисти иттиҳоди ориёиён дар ҳазорсолаи то милод аз даштҳои ҷануби Русия то Осиёи Миёна ин бозмондаи номҳои ҷуғрофии ориёӣ дар ин сарзаминҳо ва иқтибосҳои ориёӣ (аслан скифӣ) дар забонҳои славянӣ маҳсуб мешавад, ки таҳқиқотҳои муҳими забоншиносии рус ва Ғарб исботи ин гуфтаҳо мебошанд. Мардумони ориёӣ дар роҳи муҳоҷират ва иқомати тӯлонии хеш то ба Осиёи Миёна, яъне ватани ҳамешагиашон дар он ҳазорсолаҳо аз худ нишони фаровоне бар ҷой гузоштаанд.

Таърихи бисёр дури робитаи забонҳои мардумони ориёӣ ва славянӣ дар таҳқиқотҳои илмии донишмандони шинохта В.И.Абаев, В.Н.Топоров, О.Н.Трубачев, А.А.Зализняк, Д.И.Эделман ва чанде дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Барои огоҳии хубтару бештар аз

робитаҳои таърихии мардумон ва забонҳои ориёию славянӣ алоқамандон метавонанд ба яке аз таҳқиқотҳои чанд сол қабл ба табъ расидаи эроншиноси рус Д.И.Эделман муроҷиат намоянд.

Дар робита ба бархе аз нишонаҳои забонии ориёиён дар теъдоде аз номҳои ҷуғрофӣ дар сарзаминҳои кунунии мардумони славянӣ донишмандони рус номи рӯдҳои маъруферо, чун Дон, Днепр, Днестр ва Об далел оварда ва собит сохтаанд, ки ин номҳо намунаи бисёр куҳан аз забонҳои ориёӣ буда ва ба ин забонҳо мансуб мебошанд.

Номи Дон дар забонҳои славянӣ ба бунёди ин калима дар забони авестоӣ **дону** ба маънои «рӯд» ва идомаи он дар осетинӣ **дон** «рӯд, об» иртибот дорад. Дар робита бо ин бояд афзуд, ки дар Авесто (Обон Яшт, пораи 73) **дону** номи яке аз қабилаҳои тӯронӣ зикр шуда, дар Фарвардин Яшт, пораи 38 аз хусумат ва душмании ин қабила бо қабилаи дигари ориёӣ низ ёд мешавад. Таърихи робитаҳои ориёиҳоро бо мардумони славян дар минтақаи Дунай муҳаққиқони рус ба миёнаи ҳазорсолаи пеш аз милод марбут дониста, ин робитаҳоро дар мисоли дигар забонҳои славянӣ ва балтӣ низ баррасӣ ва таҳқиқ намудаанд. Яке аз бозёфтҳои муҳим дар робита ба куҳантарин сарзамини сукунати ориёиҳо дар навоҳии ҷануби Русия ин осори бостоншиносӣ аз ин манотиқ мебошад. Аз ҷумлаи чунин осор метавон аз бозёфтҳои бостоншиносии Аркаим дар ҷануби Урал (вилояти Челябински Русия) ёдовар шуд. Ҳамчунон ки бостоншиносони рус муайян кардаанд, ин осор таърихи беш аз чаҳорҳазорсола дошта, ба асри XVI пеш аз милод мансуб аст. Аҳромҳои аз ин мавзеи бостонӣ кашфшуда бинобар ташреҳи роҳбари ин ҳайати илмии бостоншиносӣ мероси мардумони ориёӣ мебошанд. Аз ин мавзеъ макони оташ низ кашф шудааст, ки он махсуси суннат ва оини мардуми ориёӣ мебошад. Идомаи ковишҳои бостоншиносӣ дар Аркаим натиҷаҳои дақиқтар ва бештареро дар робита ба тамаддуни куҳани ориёӣ аз ин сарзамин дар интизор дорад.

Ҳамин тариқ, дар асоси далелҳои таърихӣ, забонӣ, ҷуғрофӣ ва этнолингвистӣ аз ҳазорсолаи аввали пеш аз милод сарзаминҳои зисти ориёиҳо густариш ва вусъати бештар доштааст.

Пас аз муҳоҷирати гурӯҳе аз ориёиҳо ба марказ ва ғарби сарзамини Эрони кунунӣ ва заиф гардидани робитаҳои ҳамешагӣ ва наздики забонӣ бо ориёиҳои шарқӣ бо мурури замон миёни забонҳои мардумони ориёии шарқӣ ва ғарбӣ

тафовутҳо падид меоянд. Бино бар ҳудуд ва мавқеи ҷуғрофӣ ва тафовутҳои забонӣ ин забонҳо ва лаҳҷаҳо ба ду гурӯҳи бузурги шарқӣ ва ғарбӣ ҷудо мешаванд. Ҳамин тавр, иттиҳоди ягонаи забонии мардумони ориёӣ дар шохаҳои ҷудогонаи шарқӣ ва ғарбӣ ташаккул ёфта ва ҳар кадоме аз онҳо дар навбати худ нахуст ба лаҳҷаҳо ва баъдан дар маҳоми забонҳои мустақили ориёии шарқӣ ва ғарбӣ шакл мегиранд, ки далели ин забонҳо ва лаҳҷаҳои куҳан ва муосири шарқӣ ва ғарбӣ мебошад. Бар асоси далелҳои фаровони забоншиносӣ, таърихию бостоншиносӣ ва ҷуғрофӣ муҳаққиқон сарзаминҳои зисти ориёиҳо ва густариши забонҳои ориёиро аз миёнаҳои ҳазорсолаи аввали пеш аз милод чунин арзёбӣ кардаанд: даштҳои ҷанубии Русия, соҳилҳои Баҳри Сиёҳ, назди баҳри Азов то шимоли Кавказ (скифҳо ва сарматҳо), Осиёи Миёна, минтақаҳои назди соҳилҳои Сирдарё, қисмати шарқ то Туркистони шарқӣ (мардумони сакоӣ), водиҳо ва воҳаҳои Осиёи Миёна дар ҳавзаи Зарафшон, Қашқадарё ва ноҳияҳои атрофи он (суғдиҳо), поёноби Амударё (хоразмиҳо), болооб ва қисматҳои миёнаи соҳилҳои рост ва чапи Амударё (бохтариҳо), як бахши Хуросон то ҷануби Туркманистон (портҳо), шимолу ғарби Эрон (модҳо), ҷанубу ғарби Эрон (порсҳо). Манобеи дигар дар бораи бархе аз мардумони ориёӣ осори шумерӣ, бобулӣ, эламӣ, юнонӣ ва лотинӣ маҳсуб мешавад. Ба таври мисол, куҳантарин манбаи хаттӣ дар мавриди зикри модҳо ва порсҳо дар сарзамини Эрони кунунӣ солномаҳои шумерии мутааллиқ ба асри IX пеш аз милод ба шумор мераванд. Ин ҳама далели чигунагии густариши мардумони ориёӣ, забонҳову лаҳҷаҳо ва фарҳангу суннати онҳо дар чунин ҳудуди паҳновари ҷуғрофӣ дар ҳазорсолаи аввали пеш аз милод ба баъд будааст.

Сарзаминҳои зисти мардумони ориёӣ ва забони муштараки ориёии бостон якҷо бо лаҳҷаҳои маҳаллии он ҳамин сарзаминҳо ва кишварҳои авестоӣ ба шумор мераванд. Аз нахустзабони куҳани ориёии эронӣ ва ё нахустзабони ориёии бостон, ки дар истилоҳи илмӣ эронии бостон хонда мешавад, ба таври мустақим ҳеҷ гуна намуна аз осори хаттӣ маҳфуз намондааст. Идомаи ин забони муштарак аз забонҳои ориёии бостон забони авестоӣ, забони мардумони мод, форсии бостон, забонҳои суғдии бостон, хоразмии бостон, бохтарии бостон, скифии бостон ва дигар забонҳову лаҳҷаҳои бостонии сакоӣ маҳсуб мешаванд. Аз забонҳои бостон танҳо аз забони авестоӣ ва ориёии замони ҳахоманишӣ (порсии бостон) осори хаттӣ дар дастраси мо қарор дорад. Аз давраи

бостонии забонҳои суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ ва сакоӣ ҳеҷ гуна осор ва ё намунаи осор вуҷуд надорад. Аз ин забонҳо танҳо осори марбут ба давраи миёнаи рушди онҳо то замони мо расидааст.

Куҳантарин намунаи забони ориёии бостон забони авестоӣ дониста мешавад. Забони авестоӣ, бар асоси матни китоби «Авесто», дорои ду лаҳҷа буда, ки лаҳҷаи Готҳо (сурудҳо) дар муқоиса бо лаҳҷаи бахшҳои дигари Авесто қадимтар аст. Лаҳҷаи Готҳо аз нигоҳи вижагиҳои овоӣ ва луғавӣ марбути забонҳои ориёии (эронии) шарқӣ ва лаҳҷаи дигар бахшҳои он дорои ҳам вижагиҳои забонҳои шарқӣ ва ҳам ғарбӣ мебошад. Яке аз далелҳои қадимияти лаҳҷаи Готҳо ин наздикӣ ва муштаракоту ҳамоҳангиҳои он бо забони ведоҳои санскрит маҳсуб мешавад. Муштаракоти забонии «Авесто», бахусус бахши Готҳо ва Ведо, аз муштаракоти он бо забони форсии бостон ва ё забони осори катибаҳои ҳахоманишӣ ба маротиб наздиктар аст. Ин далели забонӣ ва муқоисаҳои забони Авесто бо дигар забонҳои ориёӣ ё эронии шарқӣ, аз ҷумлаи осори забонҳои шарқии давраи миёна, мисли суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва сакоии хутанӣ мансубияти забони авестоиро бо забонҳои ориёии шарқӣ бори дигар собит менамояд. Чун осори забонҳои суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва сакоӣ марбут ба давраи миёнаи ташаккули онҳост, на ба даврони бостонии сохтори ин забонҳо, аз ин рӯ, метавон қазоват кард, ки муштаракот ва ҳамоҳангиҳои забони авестоӣ ба давраи бостонии ин забонҳо боз ҳам бештар ва наздиктар будааст. Ин забонҳои ориёии шарқӣ ва дигар забонҳову лаҳҷаҳои матруки шарқӣ, ки замоне дар сарзаминҳои зисти мардумони ориёӣ ройиҷ будаанд, ҳар кадом шохаҳои гуногуни забонҳои мардумони ориёии шарқӣ маҳсуб мешаванд. Муштаракоти лаҳҷаи Готҳо бо забонҳои ориёии шарқӣ баҳс дар бораи зодгоҳ ва ё ватани Зардуштро, ки дар суннати зардуштии паҳлавии даврони Сосониён онро ба Озарбойҷон ва Мод мансуб медонанд, низ ба нафъи манотиқи шарқӣ бозгӯ менамояд. Ҷалолиддини Оштиёнӣ дар робита ба ин мавзӯъ дуруст оварда, ки таҳрибан ҳама донишмандоне, ки маҳалли таваллуди Зардуштро дар ғарби Эрон донистаанд, таҳти таъсири ривоёти суннатӣ ва устураҳои мазҳабӣ қарор гирифта ва ҳеҷ гуна далеле ҷуз ин ривоёт ироа накардаанд. Бар пояи мантиқ метавон пурсид, ки Зардушт ҳангоми таблиғи оини хеш дар Балх, аз ҷумла дар дарбори Гуштосп бо шоҳ ва мардумони ин сарзамин бо кадом забон муошират мекард? Мусаллам аст, ки ӯ ба лаҳҷаи модарии худ, яъне

лаҳҷаи Готҳо таълимоти динии хешро дар ин сарзаминҳои ориёӣ таблиғ карда ва танҳо ҳамин як забонро медонистааст. Пас лаҳҷаи Готҳо ё худ лаҳҷаи модарии Зардушт барои ин мардумон мафҳум ва қобили пазириш буда, барои он даврони дури таърих ва замони Зардушт ҳамин лаҳҷа аз нигоҳи муштаракоти наздик миёни забонҳои суғдӣ, бохтарӣ ва хоразмӣ барои мардумони ин сарзаминҳо низ ошно ва мафҳум будааст. Тафовутҳои забонҳои ориёӣ ё эронии шарқиро барои он даврон, ҳамчунон ки аз муқоисаи осори давраҳои баъдии ин забонҳо, бахусус суғдӣ ва хоразмӣ бармеояд, на тафовутҳои забонӣ, балки тафовутҳои лаҳҷавӣ бояд арзёбӣ кард.

Бар асоси далелҳои забонӣ ва муқоисаҳои забоншиносӣ бештари донишмандон ватани Зардуштро шарқи Ориё ва ё Эронзамин хондаанд ва ин ақида имрӯз мавриди қабули аксар муҳаққиқон қарор дорад.

Яке аз иллатҳои дар даврони баъдӣ бо номи нажоди ориёӣ хонда нашудани мардумони ориёӣ, ба назари мо он буда, ки ин мардумон, аз ҷумла ориёиҳои шарқӣ, бинобар мустақилияти ҳудуди ҷуғрофӣ ва сиёсии хеш, бо номи кишварҳо ва сарзаминҳои зисташон шинохта ва муаррифӣ шудаанд. Бино бар катибаи Дориюш – шоҳи ҳахоманишӣ дар Оподона ва катибаи дигари вай дар Тахти Ҷамшед номҳои мардумони кишварҳои мутеи шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ, аз ҷумла ориёиҳои шарқӣ чун бохтариҳо, сакоиҳо, суғдиҳову хоразмиҳо, ҳиротиҳо ва дигарон танҳо бо номҳои кишварҳояшон ёд шудаанд. Пас метавон гуфт, ки мардумони ориёӣ, бинобар манобеи хаттӣ ҳанӯз дар замони Ҳахоманишиён, аз асри VI пеш аз милод дар ҳудуди ин шоҳаншоҳӣ мисли дигар мардумони мутеи шоҳаншоҳӣ на бо номи нажод, балки бо номи кишварҳо ва сарзаминҳояшон ёд мешудаанд. Ҳамин равиш баъдан дар ҳама даврони таърих дар зикри мардумони ориёӣ ройиҷ будааст, ки мо инро аз осори таърихиву ҷуғрофӣ ва адабии асрҳои баъдӣ ба хубӣ мушоҳида менамоем.

Мардумони ориёии шарқӣ ва ғарбӣ дар сарзаминҳои зисти худ дар даврони хеле тӯлонӣ арзишҳои динӣ ва фарҳангии хешро тавассути забонҳо ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ ҳифз намудаанд. Ҳамчунон ки аз таърихи гузаштаи ориёиҳо, бахусус ориёиҳои шарқӣ бармеояд, ин мардумон то замони истифодаи хат ва алифбо тамоми арзишҳои зеҳнии хешро аз роҳи суннати гуфторӣ ва ё шифоҳӣ идома додаанд. Аз ин рӯ, бештари забонҳо ва лаҳҷаҳои куҳани ориёӣ бинобар

надоштани суннати хаттӣ аз саҳифаҳои таърих бенишон рафтаанд.

Яке аз гурӯҳи ориёиҳои шарқӣ қабоили гуногуни сакоӣ, аз ҷумла мардумони тӯронӣ маҳсуб мешаванд. Бинобар куҳантарин манбаъ дар мавриди мардумони ориёӣ – «Авесто» тӯрониён яке аз қавмҳои ориёии шарқӣ ва ё сакоӣ мебошанд. Дар мавриди тӯрониён ва мансубияти ин қавм ба ориёиҳо дар илми эроншиносии ҷаҳон таълифоти фаровон анҷом дода шуда ва дар мансубияти нажодии ин мардум ҷойи гумон ва шубҳа вуҷуд надорад. Тӯрониён бо қавмҳои турк, ки ба сарзаминҳои шарқи Ориёно, аз ҷумла ба сарзаминҳои зисти қавми тӯронӣ муҳоҷират карда буданд, ҳеҷ иртиботе надоранд. Ҳамчунон ки дар осори замони Ҳахоманишиён номи тӯр ё тӯрониён дар ҳеҷ ҷой ба кор нарафтааст, ҳамин тавр дар «Авесто» низ номи сака ё сакоӣ зикр нашудааст. Бо ҳамин далел муҳаққиқон қавми тӯрро дар Авесто ҳамон қабоили сакоие медонанд, ки Ҳахоманишиён онҳоро бо номи сака ёд кардаанд.

Яке аз пажӯҳишгарони шинохтаи ҷуғрофияи Эрони бостон И.Маркварт қабилаҳои тӯрониро бо қавми масагетҳо яке медонад. Эроншиноси варзида В.И.Абаев қавми тӯрро дар «Авесто» қавми скиф маънӣ кардааст, ки онҳо қабоили ёдшудаи сакоӣ дар катибаҳои Дориюш мебошанд. Бинобар матни Авесто тӯрониён аз қабилаҳои сакоӣ маҳсуб шуда, дар аҳди ориёии даврони авестоӣ онҳо аз қавмҳои гуногун иборат будаанд. Қобил ба ёдоварист, ки мутобиқи ривояти Авесто на ҳама аҳвоми тӯронӣ барои ориёиҳои аҳди авестоӣ душман ва бегонаву девпараст хонда шудаанд. Дар Яштҳои Авесто (Обон Яшт, Фарвардин Яшт) аз хонадони тӯроние бо номи хонадони Фриён, ки занону мардони порсо ва поксиришти онон дар баробари занону мардони поки сарзаминҳои ориёӣ сутуда шудаанд, ба некӣ ёд меравад. Хонаводаи Фриён бар асоси ҳамин ривояти авестоӣ дар чанде аз осори динии паҳлавӣ низ ситоиш мешавад. Яъне ин қавм ва ё хонадони тӯронӣ, барои ориёиҳои ҷомеаи авестоӣ ҳамкеш ва ҳамтабор мебошад. Дар муқобили ин хонадони тӯронӣ қавмҳои дигари тӯронӣ, мисли қавми Афросиёби Тӯр, аз сахттарин ва бадтарин душманони ориёӣ ва дини ориёиҳо дониста мешавад. Ҳамчунон ки мебинем, яке аз далелҳои хусумат миёни мардумони ориёӣ ва аҳвоми тӯронӣ ҳуҷумҳои пайвастаи ин қавми чодарнишин ва биёбонгарди тӯронӣ ба сарзаминҳои ориёӣ бошад, иллати дигар ихтилофи диниву мазҳабии онҳо ба шумор меравад. Бинобар «Авесто» ва

катибаи Дориюш на қавми тӯронии Афросиёб ва на сакоиҳо Аҳурамаздо – Худои ягонаро намепарастидаанд. Пас ин мардумони чодарнишин ба оини нав нагаравида будаанд.

Номи сарзамини аҳвоми тӯронӣ дар осори замони Сосониён дар ду шакл – Тӯрон ва Тӯристон зикр ва шинохта шудааст. Бинобар осори таърихии пас аз замони Сосониён сарзамини Тӯрон дар ривоятҳо ва достонҳо ба қавми бегонае чун туркон мансуб дониста шуд, ки ин иштибоҳ ва гумон бо бархӯрди миёни туркони кӯчнишин ва эрониён иртибот дорад.

Дар манобеи хаттии даврони Сосониён қавми тӯр ва қабоили турк ҳеҷ гоҳ омехта нашудаанд. Сосониён ин мардумони гуногуннажодро хуб мешинохтаанд ва ин ду номи нажодҳои мухталифу мухолифро хеле дуруст истифода намудаанд. Ҳатто дар «Зардуштнома»-и Баҳром ибни Пажду (соли таълиф 1278 м.), ки манбаи он матни азбайнрафтаи паҳлавист, Тӯрон на кишвари туркон, балки сарзамини барои қабоили турк бегона хонда мешавад. Дар ин достон аз ҳамлаи сипоҳи турку тозӣ ва ҳиндӣ ба ин сарзамин ёд мешавад, ки ин матлаб чунин аст:

Шавад марзи Тӯрон саросар табоҳ
Зи турку зи тозӣ, зи ҳиндӣ сипоҳ.

Ҳамин тавр, пас аз ворид шудани қабилаҳои турк ба сарзаминҳои ориёии шарқӣ, аз ҷумла сарзамини тӯрониён дар достонҳо ва ривоятҳо ин мардумон ба ҷойи тӯрониён шинохта шуда ва дар натиҷаи ин иштибоҳи таърих қавми ориёитабори тӯр ҳамчун қавми бегонаи турк дониста шуд. Дар тӯли таърих метавон мушоҳида кард, ки чи гуна мардумони ориёии шарқӣ ба шумули сакоиҳо ва ё аҳвоми тӯронӣ ва ё хоразмиҳову суғдиҳо дар сарзаминҳои хеш бо қабоили бегона омезиш ёфта ва аз асли хеш дур шудаанд.

Қабоили сакоӣ, ки мардумони чодарнишин ва кӯчӣ будаанд, дар ҳудуди паҳновар ва сарзаминҳои хеле густурда сукунат доштаанд. Яке аз манбаъҳои беҳтар ва дақиқтар дар муқоиса бо дигар манобеи хаттии таърихӣ дар бораи аҳвоми сакоӣ ин катибаҳои замони Ҳахоманишиён маҳсуб мешавад. Дар осори шоҳони ҳахоманишӣ аз ин аҳвоми сакоӣ ёд рафтааст: **сака тиграхауда** - сакоиҳои тезкулоҳ, **сака ҳаумаварга** - сакоиҳои ҳумнӯш (ҳаума=ҳум номи як навъ машрубот), **сака парадрайа** - сакоиҳои он сӯйи баҳр, **сака пара Сугдам** - сакоиҳои он сӯйи Суғд.

Дар катибаҳои Дориюш I сарзамини ин қабоили сакоӣ бо номи Сака зикр шуда, ки он дар манобеи юнонӣ Скифия хонда мешавад. Бинобар навиштаи Птоломей кишвари сакоиҳо ин кишвари чодарнишинон буда, онҳо дар ҷангалзорҳо ва ғорҳо ҳаёт ба сар мебурданд. Аз тавсифи манобеи антиқа чунин бармеояд, ки сарзамини қабоили сакоӣ ҳудуди кӯҳҳои Помиру Олой, Тян-шон ва воҳаҳои Фарғонаву Чочро фаро мегирифтааст. Бар асоси натиҷагириҳои илмии таърихшиносон ва бостоншиносони рус яке аз сарзаминҳо ва марказҳои зисти ҳамешагии қабоили сакоӣ водии Фарғона маҳсуб мешавад. Нуктаи қобили таваҷҷӯҳ дар ин маврид он аст, ки мардумони сакоӣ то замони Александри Мақдунӣ дар Фарғона сукунат дошта, пас аз нуфузи суғдиён дар ин сарзамин онҳо соҳилҳои Сирдарёро макони зисти хеш ихтиёр карданд. Бархе аз муҳаққиқон тазаккур медиҳанд, ки дар даврaҳои охири давлатдории юнону бохтарӣ бештари сокинони Фарғонаро қабоили сакоӣ, аз ҷумла сакоиҳои он сӯйи Суғд ташкил медодаанд.

Бинобар натиҷагириҳои донишмандони Ғарб қабилаҳои гуногуни сакоӣ дар сарзаминҳои фарохи Осиёи Марказӣ зиндагӣ ба сар бурда, баъдан дар чанд манотиқ, аз ҷумла Заранг (Драгиана, Систони баъдӣ) то ба Ҳинд ва Хутан (Туркистони Чин) ворид гардида ва дар ин кишварҳо сукунат ихтиёр кардаанд. Дар мавриди мардумони сакоӣ ва сарзаминҳои сукунати онҳо метавон ба таҳқиқоти пурарзиши профессор Р.Фрай «Мероси Осиёи Марказӣ» муроҷиат кард.

Яке аз масоили муҳими дигар ин забони мардуми Фарғона дар он даврон маҳсуб мешавад. Бар асоси навиштаҳои сайёҳони чинӣ (асрҳои VII-VIII милод) вазъи забонӣ дар Фарғона чунин будааст: Сюан-Тзян оварда, ки «забони фарғониён аз забони дигар кишварҳои ҳамсоя тафовут дорад». Аз бархе манобеи суғдӣ ва арабӣ, ҳамчунин аз натиҷаҳои ба даст овардаи донишмандони рус, бахусус таҳқиқоти профессор В.А.Лившитс дар Фарғона забони махсус мавҷуд будааст, ки он бидуни шубҳа забони шарқии эронӣ маҳсуб мешудааст.

Пас аз таъсиси иттиҳоди давлати туркон дар асрҳои VI-VIII милод Фарғона ба ин давлатдорӣ ворид карда шуда, давраи турксозии мардумони бумии сакоӣ ва суғдӣ дар ин сарзамин оғоз мегардад. Ҳамин тавр, сарнавишти ин мардумони ориёӣ якҷо бо забонҳою лаҳҷаҳои маҳаллӣ дар ин сарзамини таърихӣ ва ватани ориёиҳои шарқӣ аз он замон ба баъд ба дасти аҳвоми бегона ва кӯчнишин супурда мешавад.

Яке аз сарзаминҳои куҳани сукунати мардумони ориёӣ Афғонистони кунунӣ мебошад. Бинобар ҷуғрофиёи «Авесто» дар сарзамини Афғонистон аз ин кишварҳои ориёӣ ёд мешавад: Бахди-Бохтар, Ҳаройва-Ҳирот, Ҳарахваити-Арахозия (ҷанубу ғарби Афғонистон), Ваекарата – дар маҳалли Кобулистони кунунӣ, Воитигаеса-Бодғис. Ҳамчунон ки аз зикри ин кишварҳо бармеояд, сарзамини Афғонистон дар баробари Мовароуннаҳр ва ё Варорӯд яке аз муҳимтарин макони сукунати ориёиҳо дар ҳазорсолаҳои қабл аз милод ба шумор меравад.

Бар асоси манобеи ба дастомада ҳам дар замони Кушониён ва ҳам Ҳайтолиён забони умури идорӣ ва расмии ин шоҳон забони бохтарӣ будааст. Аз эҳтимол дур нест, ки дар замони Кушониёну Ҳайтолиён лаҳҷаҳои маҳаллии забони бохтарӣ низ дар ин минтақа ройиҷ будаанд. Бинобар навиштаи Сюан-Тзян ҳангоми мусофират ба ин манотиқ дар солҳои 30-юми асри VII дар Бомиён «расмулхат, қавоиди динӣ ва сиккаҳо мисли расмулхати Ту-хо-ло (Тахористон) буда, забон каме тафовут дорад»; дар Каписо «расмулхат ба расмулхати Ту-хо-ло бештар шабоҳат дошта, суннат, забон ва қавоиди динӣ то андозае тафовут доранд»; дар Шуғнон «расмулхат мисли расмулхати Ту-хо-ло буда, аммо забон тафовут мекунад»; дар Читрол «расмулхат мисли расмулхати Ту-хо-ло буда, аммо забон дигар аст». Ин сайёҳи чинӣ дар бораи теъдоди фаровони осори адабии маҳфуз дар Тахористон, ки ба қавли ӯ ин осор аз осори суғдӣ бештар будааст, низ маълумоти судманд ироа доштааст. Ин ҳама тафовут дар забонҳои Тахористонро, ки Сюан-Тзян зикр мекунад, марбут ба лаҳҷаҳои гуногуни бохтарӣ буда, дар асри VII дар ин манотиқ истифода мешудаанд. Яке аз ин лаҳҷаҳои мансуб ба бохтарӣ дар сарзамини Афғонистон забони мунҷонӣ ва лаҳҷаи дигари ба он наздик йидга мебошад, ки то ба имрӯз дар ин сарзамин маҳфуз мондаанд.

Забонҳо ва лаҳҷаҳои гуногуни мардумони ориёӣ, ки дар тӯли таърих дар сарзаминҳои сукунати ҳар кадоме аз қавмҳои ориёӣ ташаккул ёфтаанд, аз як забони муштарак берун омадаанд. Вобаста ба ҳудуди ҷуғрофии сукунати мардумон ва аҳвоми ориёӣ аз миёнаи ҳазорсолаи қабл аз милод дар сарзамини Эрони кунунӣ лаҳҷаҳои ориёӣ ба ду дастаи бузург – ғарбӣ ва шарқӣ бахш мешаванд. Ҳамаи забонҳо ва лаҳҷаҳое, ки ба лаҳҷаҳои куҳани ориёии ғарби Эрон марбутанд, ба гурӯҳи ғарбӣ ва ҳама он забонҳову лаҳҷаҳое, ки ба лаҳҷаҳои куҳани ориёии шарқӣ (ҳудуди Осиёи

Миёна ва Хуросон) марбутанд, ба гурӯҳи шарқӣ шомил мебошанд. То миёнаи ҳазорсолаи пеш аз милод миёни забонҳои ғарбӣ ва шарқӣ тафовути назаррас вучуд надоштааст. Аммо аз ин давра ба баъд миёни забонҳои ғарбӣ ва шарқӣ тафовутҳо бештар мегарданд, ки инро дар мисоли муқоисаи тамоми забонҳо ва лаҳҷаҳо дар ҳама давраҳои таърихӣ бар асоси осори ба дастомада метавон мушоҳида кард. Осори хаттии давраҳои таърихии забонҳои ориёӣ якҷо бо осори мероси фарҳангию бостоншиносӣ ва номҳои таърихии ҷуғрофии ин кишварҳо далели қотеъ ва раднопазир дар мавриди гузаштаи дури мардумони ориёӣ дар сарзаминҳои таърихии зисти онҳо то ба имрӯз мебошад. Ҳамчунин номҳои ҷуғрофии таърихии Хуросону Мовароуннаҳр ин худ харитаи густариши забонҳо ва лаҳҷаҳои куҳани ориёии шарқӣ ва муҳимтарин шоҳид аз таърихи сукунати аҳвоми ориёӣ дар ин сарзаминҳо маҳсуб мешавад.

Дар анҷом бояд афзуд, ки аз он забонҳо ва лаҳҷаҳои матруку муосири ориёӣ бештари онҳо ба сарзаминҳо ва мардумони ориёии шарқӣ иртибот дошта ва аз он даврони дури таърих дар ҳамин сарзамин ташаккул намуда ва бархе дар ҳамин сарзамин аз байн рафтаанд. Ин забонҳо ва лаҳҷаҳо ба монанди забонҳои авестоӣ, скифӣ (сакоӣ), суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, забонҳои помирӣ, яғнобӣ, пашту, мунҷонӣ, ормурӣ, парочӣ, йидга, осетинӣ ва дигар лаҳҷаҳои забонҳои муосири шарқӣ нишонаи нажодии мардумони ориёии шарқӣ дар сарзаминҳои таърихии зисти онҳо аз даврони дури таърих то ба имрӯз мебошанд.

Тавре ки аз сайри таърихии тамаддуни ориёӣ дар мисоли пайдоиш, ташаккул, рушд ва густариши он дида мешавад, қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла пешгузаштагони мо, тоҷикон, тавонистаанд силсилаи арзишҳои волоеро эҷод карда, барои башарият ба мерос гузоранд, ки дар давоми садсолаҳои зиёд ҳамчун дастаи нур ва гавҳари тобнок роҳи инсонҳоро ба сӯйи некӣ ва покизагӣ равшан нигоҳ доштааст. Ва қарзи мо, имрӯзиён, ки бино ба қавлу тасдиқи беғаразонаи даҳҳову садҳо донишмандони маъруфи ҷаҳон ворисони ҳамон аҷдоди покандешу некрафтор ва меросхӯрони ҳамон тамаддуни некиву покӣ ҳастем, идома бахшидани роҳи аҷдоди номдори худ ва равшан нигоҳ доштани чароғи афрӯхтаи онҳост.

Бори дигар таъкид месозам, ки мо суннату анъанаҳои неки гузаштагонамон ва арзишҳои волои таъриху фарҳанги

миллатамонро танҳо ва танҳо бо мақсади парваридани эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ дар қалбҳои мардуми худ ва наслҳои оянда гиромӣ медорем. Зеро чунон ки бузургони хирадмандамон гуфтаанд, арчгузорӣ ба гузашта як боли мост ва хизматҳои имрӯзаи мо ба хотири ободии Ватани аҷдодӣ ва осоиши мардум боли дигари мост, ки миллати моро ба сӯйи ояндаи шукуфону осуда қуввати парвоз хоҳанд бахшид.

## СУХАНРОНӢ
## ДАР ҶАЛАСАИ МАШВАРАТИ ҲАМГИРОӢ
## ВА ЧОРАҲОИ БОВАРӢ ДАР ОСИЁ

Алмаато, 17 июни соли 2006

**Мӯҳтарам ҷаноби Раис!**
**Мӯҳтарам сарони давлату ҳукуматҳо!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Иҷозат фармоед, сараввал ба ташкилкунандагони Мулоқоти машвараті бахшида ба ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиё барои фароҳам овардани шароити олиҷаноби тадорукотӣ ба манзури кори самарабахшу амалӣ барои меҳрубонию меҳмоннавозӣ аз самими қалб изҳори миннатдорӣ намоям.

Ҳамаи мо дар давраи баъди мулоқоти аввали машвараті ба зарурату таъхирнопазирии пойдоршавии низоми аз нигоҳи стратегӣ устувори амнийат, субот ва ҳамкории доманадор дар Осиё бори дигар мӯътақид шудем.

Ҳама хуб медонанд, ки Осиё қитъаи калонтарину аз нигоҳи стратегӣ муҳимтарини рӯйи Замин буда ва сулҳу амнияти Осиё гарави амнияту сулҳи тамоми ҷаҳон аст.

Дар шароити имрӯза, ки таҳдиду хатарҳои асосӣ, аз қабили терроризм, ифротгарой, ҷудоиандозӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, ҷинояткории муташаккил, **аввалан,** хусусияти умумимиллӣ ва минтақавӣ касб карда, **сониян,** зуд паҳн гардида ва ин ҳолат хавфи имконпазири онҳоро барои ҳама ва ҳар инсон ба таври хавфнок афзун менамояд, стратегияи самарабахши ҳамкории бисёрҷониба ҳаётан зарур аст.

Дар чунин вазъияти мураккабу ихтилофнок рӯйи кор овардани механизмҳои дастаҷамъии ҳалли проблемаҳо, пайгирона васеъ кардани соҳаҳо ва таҳкими такягоҳҳои амнияту субот тақозо ва амри замон аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар худи маркази Осиё қарор дорад, ҳамаи инро амиқ дарк намуда, аз рӯзҳои аввал изҳор дошт, ки ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон мӯҳтарам Нурсултон Абишевич Назарбоевро бобати тарҳрезӣ ва татбиқи мақсаду ғояҳои ин Форуми басо сернамояндаи Осиё пурра пуштибонӣ мекунад.

Мехостам ба таври махсус зикр намоям, ки дар натиҷаи саъю кӯшишҳои амалии умумӣ дар заминаи принсипҳои эътирофи умумгардидаи тартиботи имрӯзаи ҷаҳон вазъияти ҳамкории умумиҷаҳонӣ ва афзудани боварӣ тадриҷан ва бемайлон ба миён меояд.

Аз ҷониби давлатҳои иштироккунандаи Машварат дар амал татбиқ намудани Санади дар мулоқоти аввали Алмаато қабулшуда ва Эъломия «Дар бораи рафъи терроризм ва мусоидат ба муколамаи тамаддунҳо» барои ба мулоқоти сернамояндаи ҳаёти имрӯзаи байналмилалии қитъаи Осиё табдил ёфтани он фаъолона кӯмак намуд.

Чунин ҳолат қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар чаҳорчӯбаи кори Машварат бо ташаббуси ҷониби Тоҷикистон, ки онро аслан ҳамаи иштирокдорони Машварат дастгирӣ намуданд, ба масъалаҳои муборизаи зидди терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи нашъаовар, ҷиноятқории муташаккили умумимиллӣ бештар диққат дода мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбиқи ҳамкории воқеии зидди террористию зидди маводи нашъаовари умумиосиёӣ ва умумиҷаҳониро, чун пештара, кори аввалиндараҷаю таъхирнопазир мешуморад.

Тавре ки маълум аст, ҳамаи шаклҳои терроризм хавфи трансмиллӣ дошта ва аслан ҳамаи меъёрҳои арзиширо аз байн бурда ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар сабаби таназзули моҳияти иҷтимоию маънавии бисёр одамони ҳам Шарқу ҳам Ғарб мегардад.

Дар робита бо ин чунин ҳолат ба назар мерасад, ки бо вуҷуди чораҳои ҷомеаи ҷаҳон дараҷаи таҳдиди умумиҷаҳонии ин падидаҳои манфӣ чун пештара баланд аст. Ҳамзамон нажодпарастӣ, миллатгароии ифротӣ ва фашизми навбаромад, ҳисси нафрат ба миллатҳои дигар, бадбинии мазҳабӣ, ки дар баъзе мамлакатҳо ба назар мерасанд, ҳар чи ҷиддитару хавфноктар мегарданд.

Қасдан ба дину тамаддунҳо дар навбати аввал, ба дини ислом нисбат додани онҳо басо хавфнок аст.

Ҳамаи мо хуб медонем, ки динҳои ҷаҳон – ислом, насронӣ, яҳудӣ ва буддизм – накӯкорӣ, ҳамфикрӣ, ёрӣ ба

якдигар, таҳаммул, ахлоқу маънавияти волоро таърихан ба таври воқеӣ тарғиб мекарданд ва ҳоло ҳам тарғиб мекунанд. Онҳо ҳаёту сулҳро сарватҳои олӣ дониста ва ислом маънои сулҳу оромии томро дорад. Ва дар чунин шароит кӯшишҳои зӯран таҳмил кардани тахаллусҳо, пайдо шудани чунин истилоҳ, мисли «терроризми исломӣ», ҳамаи ин на фақат баҳои номутаносиб ба воқеа, балки кори қасдан саркардаи хатарнок ҳам мебошад.

Афзудани ҳодисаҳои кирдори ғайрибашардӯстӣ ва ғайриахлоқӣ низ боиси ташвиши махсус мегардад. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ахлоқу маънавият ин ифодаи худи моҳияти инсон аст. Бинобар ин ҳамаи мо вазифадорем, ки ин асосҳои одамгарию мавҷудияти иҷтимоиро бо тамоми қувва ҳифз ва мустаҳкам намоем. Дар ин ҷода мақоми ЮНЕСКО беназиру тағйирнаёбанда аст.

Дар чунин шароит бояд саъю кӯшишҳои мо ҳам дар миқёси умумиҷаҳонӣ ва ҳам дар миқёси минтақавӣ дучанду сечанд гардонида шаванд.

**Ҳамкорони мӯҳтарам!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Мо аминем, ки дар марҳилаи ҳозира ва басо мураккабу масъулиятноки сарнавишти таърихии башарият ҳамаи халқу давлатҳои Осиё аслан манфиатҳои умумӣ доранд, ки созгори манфиатҳои асосии халқу давлатҳои қитъаҳои дигари Замин мебошанд. Ин, пеш аз ҳама, иборат аз муқобилати собитқадамона ва принсипиалӣ ба қувваҳои терроризми умумиҷаҳонӣ мебошад. Дар баробари ин, чунин муносибати ҳақиқатан мукаммалу муназзаме лозим аст, ки дар шароити он ба «меъёрҳои духӯра» ва мақсадҳои маҳдуди сиёсӣ роҳ дода нашавад.

Бояд зарурияти қатъии нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани суботу амнияти стратегии умумии Осиё ва тамоми ҷаҳонро ба таври махсус қайд намоем.

Расидан ба ин мақсади умумибашарӣ бо роҳи собитқадамона дар амал татбиқ намудани чунин тадбирҳои бо якдигар алоқаманд ва якдигарро пурракунанда, аз қабили ривоҷи раванди халъи силоҳ ва таҳкими низоми паҳн накардани аслиҳаи қатли ом, таҳкими низоми меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва мақоми асосии СММ, таъмини ҳамкории воқеии сохтору созмонҳои мухталифи байналмилалӣ имконпазир аст.

Масалан, ҳамкории Машварат бахшида ба ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиё ва Созмони ҳамкории Шанхай қодир аст, ки суботу устувории стратегии Осиёро таъмин намуда ва ба расидан ба чунин мақсад дар миқёси тамоми ҷаҳон ҳатталимкон мусоидат кунад.

Ҳамзамон надидан мумкин нест, ки дар чаҳорчӯби мулоқоти мо, чун пештара, ихтилофоти муайяне дар мавқеи ҷонибҳо аз рӯйи баъзе нуктаҳои асосии эъмори низоми умумиосиёгии амният вуҷуд дорад.

Зиёда аз ин, аз рӯйи баъзе масъалаҳо мавқеъҳои тамоман мухталиф ва баъзан ҳатто зидди якдигар вуҷуд доранд.

Ин ба масъалаҳои истифодаи таҷрибаи иттиҳодияҳои дигари минтақавӣ, проблемаҳои «доираҳои нуфуз» ва кафолатҳои амният, муносибатҳои гуногуни давлатҳои иштироккунанда ба таъсиси сохторҳои ташкилии Машварат ва рӯйи кор овардани механизмҳои фаъолияти доимии он ҳам дахл мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон саъю кӯшишҳои байналмилалиро бобати барқарору таҷдид намудани Афғонистон ба манзури расонидани кӯмак ба эҳёи ин кишвар ба ҳайси узви орому шукуфони ҷомеаи ҷаҳон дастгирӣ мекунад.

Машварат ҳамчун мулоқоти нодири намояндагони Осиё, ки мамлакатҳои дорои фарҳангу анъанаҳои мухталифро дар бар мегирад, қодир аст, ки яке аз механизмҳои фаъолтарине барои ривоҷи гуфтугӯи байни тамаддуну фарҳангҳо гардад.

Аз ин лиҳоз, ҳамкории башардӯстона, ки омили тавонои суботу амнияти ҳам минтақаҳои алоҳидаи таъриху фарҳанг (хусусан дар Осиёи Ҷанубӣ) ва ҳам дар миқёси тамоми қитъаи Осиё мебошад, дар рӯзҳои мо аҳамияти хоса пайдо мекунад. Мо дар ин маврид тасдиқ менамоем, ки қатъномаҳои Ассамблеяи Генералии СММ-ро аз рӯйи гуфтугӯи байни тамаддунҳо, нуктаҳои дахлдори лоиҳаи Эъломияи мулоқоти дуввум, ҳамчунин санадҳои дигар ва саъю кӯшиши созмонҳои байналмилалӣ пурра дастгирӣ менамоем.

Мо тасдиқ менамоем, ки ҷонибдори таъмини ҳақиқии ҳуқуқу озодии асосии инсон мутобиқи Оинномаи СММ, конвенсияю санадҳои байналмилалие мебошем, ки ба таҳкими сулҳ, амният ва суботи Осиё мусоидат мекунанд.

Қитъаи Осиё ва ҷаҳони мо умуман ба чунин тартиботи ҳақиқатан босуботу одилона ва башардӯстонаи ҷаҳон ҳаётан манфиатдоранд, ки бояд манфиатҳои умумиҷаҳониро дарк намуда, ба таври комил қонеъ гардонад. Дар робита бо ин Машварати мо метавонист, ки барои расидан ба ин мақсади наҷиб саҳми арзанда гузорад.

Мехоҳам ба ҳамаи шумо итминон диҳам, ки мо дар оянда ҳам бо ҳамаи давлатҳои аъзои Машварат барои расидан ба мақсадҳои олию дорои аҳамияти таърихии субот, амният, ҳамкории васеъ ва шукуфоии Осиё зич ҳамкорӣ менамоем.

**Ташаккур барои таваҷҷӯҳатон.**

# ИТТИҲОДИ ИҚТИСОДИИ МО ИТТИҲОДИ ОЯНДАДОР АСТ

## СУХАНРОНӢ ДАР МАҶЛИСИ ШӮРОИ БАЙНИДАВЛАТИИ ИТТИҲОДИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ

Минск, 23 июни соли 2006

**Мӯҳтарам Раис!**
**Ҳамкорони мӯҳтарам!**
**Дӯстони азиз!**

Сараввал, ба мӯҳтарам Александр Григоревич ва ба ҳамаи дӯстони белорусамон барои ташкили хуби корамон, барои меҳмоннавозӣ ва истиқболи хуш аз таҳти дил изҳори миннатдорӣ мекунам.

Иттиҳоди иқтисодии мо худро ба ҳайси иттиҳоди бартарию ояндадоштаи ҳамгирӣ бемайлон ва ба таври воқеӣ нишон дода, аслан ба марраи муҳимтарини сифатӣ, ба марраи табдил ёфтан ба сохтори мукаммалу пурарзиши ҳамгироии дорои шакли муосир мерасад: маҳз чунин сохтор ҷавобгӯи манфиатҳои куллии халқҳои мо ва тамоюлҳои муҳимтарини замони мураккабу пурихтилоф мебошад.

Барои расидан ба ин мақсади муҳимтарини стратегӣ маҷмӯи пурраи тадбирҳо, амалу фаъолиятҳои ба ҳам алоқаманд лозим аст.

Чизи муҳимтарину асосӣ иборат аз ӯҳдадориҳояшонро сари вақт ва пурра иҷро намудани ҳамаи давлатҳои Иттиҳод мебошад.

Ман, пеш аз ҳама, Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар назар дорам, ки мутобиқи қарори моҳи январ қабулкардаи сарони давлатҳои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё мебоист дар навбати аввал ба бист созишномаю шартномаҳо ҳамроҳ мешуд. Вай то имрӯз ба чор ҳуҷҷат ҳамроҳ нашудааст, ки дутои онҳо ба сайру сафари бераводиди шаҳрвандони мамлакатҳои мо дахл

дошта ва барои Тоҷикистону Қирғизистон аҳамияти муҳимтарин доранд. Мо то ҳол сабаби ин низоми сахттарини раводидро ба халқҳоямон возеҳ фаҳмонда наметавонем ва, алалхусус, мо ҳоло халқҳоямонро ба дуруст будани амали дар Иттиҳод ба Ӯзбекистон додани чунин мақоми махсус бовар кунонда наметавонем.

Умуман, дар мавриди Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё бояд гуфт, ки, мутаассифона, мо аз мушаххасоти тасдиқшудаи мазмунию муваққатии самтҳои афзалиятнок ва стратегияи умумии ҳамкории ҳамгирой ба таври ҷиддӣ ақиб мемонем. Ин, дар навбати аввал, ба чунин вазифаи асосӣ, монанди анҷоми муваффақонаи раванди ташкили иттиҳоди мукаммали гумрукӣ дахл мекунад. Мо бояд барои анҷоми ташаккули заминаи шартномавии ин иттиҳод, ҳамчунин барои мутобиқ намудани мавқеъҳо бобати ворид шудан ба Созмони умумиҷаҳонии савдо дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин чораҳои мушаххас бинем.

Дар чунин шароит аз ҷониби давлатҳои алоҳида иҷро накардани як қатор қарорҳои муҳим ва ҳатто асосӣ суръати рушду густариши Иттиҳодро суст менамояд.

Мувофиқ гардонидани стратегияи макроиқтисодӣ ва иқтисодии хориҷӣ дар шароити босуръат тағйирёбанда аҳамияти зиёде касб мекунад.

Мо аҳамияти хосаи ҳамкории васею ҳамаҷонибаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиёро дар бахши воқеӣ ва дар навбати аввал, дар самту соҳаҳои афзалиятнок, чун пештара таъкид менамоем. Вай имкон медиҳад, ки нерӯи умумии иқтисодиёти Иттиҳодро хеле афзун намуда, талаботи ҳамаи давлатҳоро ба таври оқилонаю судманд таъмин карда, вобастагии мутақобилаи иқтисодии мамлакатҳоямонро пурзӯр намуда, ба сатҳи баланди зиндагии халқҳоямон ноил шавем.

Ба фикри мо, ҳангоми муайян кардани самтҳои нави афзалиятнок барои соли 2007 ва солҳои минбаъда бояд хусусияти муҳимтарини ҳамкории васеъ ва саривақтӣ дар бахшҳои воқеии истеҳсолию инфраструктурӣ, ҳамчунин дар соҳаи илм ва технологияҳои аълосифат ба назар гирифта шавад.

Рушди бахши нақлиёт ва сохтори он бояд яке аз самтҳои асосии кор гардад. Бояд барои таъмини ҳаракати бемонеаи воситаҳои нақлиёт, мусофирон ва амвол, аз ҷумла бо усули транзит аз қаламрави Иттиҳод, ки ин омили рушди соҳаҳои дигар мегардад, чораҳои мушаххас дида шаванд.

Дар баробари ин бояд ба проблемаи нархи таарруфаҳои (тарифҳои) мустақими интиқоли амвол тавассути нақлиёти роҳи оҳан диққати ҷиддитарин дода шавад.

Татбиқи муваффақонаи стратегияи ҳамгироии муосир фақат дар сурати мавҷуд будани олатҳои асосӣ, пеш аз ҳама инфраструктураи тараққиёфтаи молиявӣ, сохторҳои танзимкунандаи ҳамгирой ва механизмҳои дигаре имконпазир аст, ки барои сари вақт ва ба таври самарабахш ба назар гирифтани талаботу тамоюлҳои нави дорои хусусияти миллӣ, минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ қодиранд.

Қайд намудани он хурсандиовар аст, ки мутахассисони мо аз рӯйи масъалаи лизинг (қарзи дарозмуддат) ба кор шурӯъ намуданд. Мехостем, ки Котиботи Кумитаи ҳамгирой якҷоя бо коршиносони давлатҳоямон асоси ҳуқуқии лизингро ба мақсади дар чаҳорчӯби Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ҷорӣ намудани ин усули пешқадам дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин муайян кунанд.

Ба ақидаи комили мо, ченакҳои иҷтимоию гуманитарии ҳамкориамон аҳамияти ҳар чӣ зиёде пайдо мекунанд: муоширати васею озоди халқҳоямон воситаи ҳатман самарабахшу оқилонатарин ва шарти ривоҷи равандҳои ҳамгирой дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ мебошад.

Мақомоти Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё бояд ба кори мутаносиб намудани қонунгузории бахши суғуртаи тиббӣ ва таъмини нафақа диққати махсус диҳад, зеро мақсади умумии мо иборат аз баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони Иттиҳод мебошад.

Ҳамчунин, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки Котиботи Кумитаи ҳамгирой масъалаи ташкили гурӯҳи кориро оид ба туризм барои муҳокимаи масъалаҳои рушди ин соҳаи ояндадор тарҳрезӣ кунад.

Ҳамзамон, бо дарназардошти ба Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ворид шудани Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ ва васеъ шудани доираи фаъолияти созмони мо мехостем, ки ба масъалаҳои экологӣ, аз ҷумла ба проблемаи барқарор кардани ҳудудҳое, ки дучори фаъолияти манфии корхонаҳои истеҳсолкунандаи уран гардидаанд, диққати махсус диҳем.

Аксарияти давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дорои чунин ҳудудҳо буда ва дар ҳар давлат хавф ба саломатии аҳолӣ ва муҳити зист ба ин ва ё он андоза вуҷуд дорад.

Бо дарназардошти ин пешниҳод мекунем, ки Барномаи мақсадноки байнидавлатӣ оид ба барқарор намудани ҳудудҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, ки дучори таъсири манфии корхонаҳои истеҳсолкунандаи уран гардидаанд, бо ҷалби кӯмаки байналмилалӣ, аз ҷумла Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атом тартиб дода шавад.

Иттиҳоди мо қодир аст, ки барномаҳои стратегӣ ва лоиҳаҳои дорои аҳамияти макроминтақавиро дар энергетика, кишоварзӣ, дар бахши инфраструктура ва коммуникатсия, дар соҳаҳои муҳимтарини илму технология мувофиқи нақша ва бемайлон дар амал татбиқ намуда, ҷузви фаъолу рушдёбандаи иқтисодиёти умумиҷаҳонӣ гардад.

Дар шароити ривоҷу амиқрафти раванду тамоюлҳои глобализатсионии умумиҷаҳонӣ Иттиҳоди мо бояд қобилияташро баҳри ҳамкории васеъ ва моҳирона ба ҳам пайвасти ҳамкории гуногунсатҳ ва бисёрҷониба собит намояд.

Мо вазифадорем, мақсадҳои олии ҳамгироиямонро, ки ормони возеҳи халқҳоямонро баён карда ва ба талаботи афзуда ва зуҳуроти оғози қарни XX1 пурра мувофиқат доранд, бо камоли масъулият дар амал татбиқ намоем.

**Ташаккур.**

# РОҲ ПАЙВАНДГАРИ ҚАЛБҲОВУ МАРЗҲО ВА ОИНУ ФАРҲАНГҲОСТ

## СУХАНРОНӢ БА МУНОСИБАТИ ОҒОЗИ МАРҲИЛАИ ДУЮМИ ТАҶДИДИ РОҲИ АВТОМОБИЛГАРДИ «ДУШАНБЕ-САРИТОШ»

Нуробод, 27 июни соли 2006

**Ҳамватанони гиромӣ!**
**Меҳмонони мӯҳтарам!**

Қабл аз ҳама, шуморо ба муносибати Рӯзи Ваҳдат, ки нӯҳ сол муқаддам муждаи нахустини сулҳу сафо ва ваҳдату ягонагии миллиро ба кишвари мо расонид, табрик менамоям.

Ба шарофати он имрӯз дар Тоҷикистон сулҳу субот, оромиву осоиш ва амнияти саросарии мамлакат таъмин гардида, корҳои бунёдкориву созандагӣ беш аз пеш вусъат ёфта истодаанд.

Дар ин рӯзи фархунда ва барои миллати мо азиз оғоз гардидани марҳилаи дуюми таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Нуробод-Ҷиргатол-Саритош рамзи тантанаи ваҳдат ва таҳкими минбаъдаи истиқлолияти давлативу миллӣ мебошад. Зеро роҳ аз қадимулайём пайвандгари қалбҳову марзҳо ва ойину фарҳангҳо буда, барои ҳар як давлату миллат ба монанди шоҳрагест, ки қаламрави онро ба ҳам васл менамояд.

Дар ойини давлатдории мо, тоҷикон, аз замонҳои хеле қадим сохтани роҳҳо ва бунёд кардани пулҳо аз корҳои нек ва савоб ба ҳисоб мерафт ва аз қаламрави Хуросони Бузург, аз ҷумла Тоҷикистон гузаштани ду шохаи Шоҳроҳи бузурги абрешим шаҳодати он аст.

Махсусан давлати Сомониён дар Шарқ бо мамлакатҳои Ҳинду Чин, нимҷазираи Арабистон ва дар Ғарб бо Аврупо ҳамкориҳои судманди тиҷоратиро ба роҳ монда, дар ин радиф фарҳанги ғановатманди тоҷикон ҳамроҳ бо

силсилаи корвонҳо ва омадурафти бозаргонон дар ин минтақаҳо интишор мегашт ва яке аз василаҳои оламшумул ва ҷаҳонгир гаштани тамаддуни ориёӣ низ роҳ мебошад.

Ҳамчунин роҳ робита ва муносибатҳои ҳамаҷонибаи як кишварро дар тамоми замонҳо бо мамлакатҳои ҳамсоя, минтаҚа ва ҷаҳон ба вуҷуд оварда, бахусус ҳамкориҳои судманди иқтисодиву тиҷоратӣ ва фарҳангиро таҚвият мебахшад. Аз ин рӯ, донишмандон роҳсозиву роҳкушоиро бо тамаддунсозӣ баробар донистаанд.

Аз ин ҷост, ки сохтани роҳ дар ойини давлатдории имрӯзаи Тоҷикистон низ идомаи мантиқии корҳои неку созандаи ниёгони соҳибтамаддун ва фарҳангсолори гузашта ва ҳамчунин яке аз омилҳои пешрафти давлат мебошад. Зеро роҳ, роҳсозӣ ва роҳдорӣ дар ҳар давру замон нишонаи тараққиёт ва фарҳангу маданият ба ҳисоб мерафт.

Дар даврони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мо аз оғози соли 2000-ум то ҳозир барои аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар, махсусан сохтмони роҳу пулҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ якчанд лоиҳаҳои инвеститсиониро дар амал татбиқ намудем, ки роҳи мошингарди Кӯлоб-Хоруғ-ҚулмаҚарокурум, се пул дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон, таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Қӯрғонтеппа –Кӯлоб якҷоя бо пули болои дарёи Вахш ба истифода дода шуд ва сохтмони ду пули дигар аз болои дарёи Панҷ, туннели мошингарди Анзоб ва марҳилаи якуми таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Нуробод-Ҷиргатол-Саритош идома доранд.

Инчунин имсол азнавсозӣ ва таъмиру тармими асосии роҳҳои мошингарди Душанбе-Хуҷанд-Мастчоҳ, Айнӣ-Панҷакент, бунёди нақбҳои Шаҳристон ва Шаршар шурӯъ мегарданд. Соли оянда ба анҷом расидани бунёди пули бузурги байналмилалии Панҷи Поён дар назар дошта шудааст.

Ҳадафи асосии мо аз ҷамъомади имрӯза оғози корҳои сохтмонии марҳилаи дуюми шоҳроҳи мошингарди Душанбе-Нуробод-Ҷиргатол-Саритош буда, он низ идомаи мантиқии сиёсати иқтисодии давлат аст.

Ҳаҷми умумии маблаҳгузории марҳилаи дуюми лоиҳаи мазкур 126 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки дар доираи ин маблаҳҳо таҷдиди 77 километр роҳ, беҳтар намудани ҳолати 12 километр роҳи наздисарҳадии ағбаи ҚарамиҚи Ҷумҳурии Қирғизистон ва беҳдошти ҳолати 60 километр роҳҳои маҳаллӣ, инчунин харидории таҷҳизоту техника дар назар дошта шудааст.

Бо оғоз гардидани ин марҳила зиёда аз 500 нафар коргарон ва мутахассисони маҳаллӣ соҳиби ҷойи кор мешаванд. Барои амалӣ шудани ин лоиҳа саҳми як қатор созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ, бахусус Бонки осиёии рушд хеле назаррас аст. Мо ин қарзро аз бонкҳо ва созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ гирифтаем. Бинобар ин, роҳбарони ноҳияҳои водии Рашт ва вазорату идораҳои масъули ҷумҳурӣ набояд аз анҷомёбии қисми корҳои роҳсозӣ хотирҷамъ шаванд, зеро ҳар як ваҷаб роҳ бо заҳмату меҳнати гарон ва азми пайваста бунёд мегардад ва баръакс онҳо талошҳои пайгиронаро бештар вусъат дода, дар бораи бунёди иншоотҳои хизматрасонӣ ва нуқтаҳои маишиву маданӣ бояд тадбирҳои мушаххас андешанд.

Роҳе, ки имрӯз мо марҳилаи дуюми таҷдиди онро оғоз менамоем, ба ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои Қирғизистон, Қазоқистон, Россия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой бевосита тавсиа бахшида, водии Раштро дар оянда ба дарвозаи асосии шарқии мамлакат табдил медиҳад.

Ҳамзамон баъд аз сукути панҷсадсола яке аз шоҳаҳои Шоҳроҳи бузурги абрешим боз аз нав эҳё гардида, омадурафти бемонеаи нақлиётро дар тамоми сол дар дохили кишвар ва минтақа таъмин менамояд.

Рушди соҳаи нақлиёт яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон аст. Бо ин мақсад аз соли 2000-ум то аввали соли 2006-ум оид ба сохтмону барқарорсозии роҳҳо 4 лоиҳаи инвеститсионӣ, ки маблағи умумии онҳо 273 миллион сомонӣ мебошад, мавриди татбиқ қарор дода шуд.

Дар марҳилаи кунунӣ 14 лоиҳа, ки маблағашон беш аз 1 миллиарду 520 миллион сомониро ташкил медиҳад, амалӣ мегардад. Бояд қайд намуд, ки барои рушди соҳаи роҳсозӣ, махсусан бунёд, таҷдид, тармим ва азнавсозии роҳҳо ҳоло ба маблағи умумии 2 миллиарду 260 миллион сомонӣ 31 лоиҳаи инвеститсионӣ таҳия карда шудааст. Бо татбиқи лоиҳаҳои мазкур дар оянда имконияти транзитии кишвар афзуда, Тоҷикистон тавассути роҳҳои байналмилалии трансосиёӣ бо бандарҳои Покистон ва Эрон пайваст мегардад ва соли 2008 пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо хоҳад ёфт.

**Дӯстони гиромӣ!**

Имсол дар кишвари офтобрӯяи мо ҷашнҳои бузурги сиёсиву фарҳангӣ, аз ҷумла 15-солагии Истиқлолияти

давлатии Тоҷикистон, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб таҷлил ва Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон баргузор мегардад.

Мақсад аз таҷлили ҷашнҳои бузурги миллии мо, пеш аз ҳама шинохти истиқлолияти давлатӣ, фарҳанг ва тамаддуни ғановатманди ориёӣ, пос доштани арзишҳои маънавию ахлоқӣ, эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастӣ ва баланд бардоштани сатҳи худшиносиву худогоҳии миллӣ мебошад. Ва ҳар фарде, ки худро мешиносад, ватанашро дӯст медорад ва ба халқу миллати хеш эҳтиром мегузорад, бояд барои ободиву шукуфоии Тоҷикистони азиз кӯшиш намояд.

Бо ҳамин ниятҳои нек бори дигар шуморо бо Иди Вахдати миллӣ, ки моҳияти асосии сулҳи тоҷиконро ифода месозад, табрик гуфта, ба тамоми коргарону роҳсозон, муҳандисону мутахассисон дар ин роҳи сулҳ ва ҷабҳаи созандагиву ободонии кишвари соҳибистиқлоламон барори кор ва муваффақиятҳо орзумандам.

Умед дорам, ки марҳилаи дуюми ин шоҳроҳ бо азму иродаи қавӣ, сифати баланд ва риояи пурраи технологияи муосир ичро гардида, дар мӯҳлатҳои муайянгардида анҷом меёбад.

**Ҳамеша хонаободу сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!**

# НУСРАТУЛЛО МАХСУМ – ҶОНФИДОИ МИЛЛАТ

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ КУШОДАНИ НИМПАЙКАРАИ НУСРАТУЛЛО МАХСУМ

Рашт, 27 июни соли 2006

**Дӯстони азиз!**
**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Пеш аз ҳама, шуморо ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ, ки он барои мардуми Тоҷикистон воқеан ҷашни иттиҳоду ҳамбастагӣ аст, табрику муборакбод менамоям.

Дар ин рӯзи саид ифтитоҳи нимпайкараи яке аз арбобони давлатӣ ва сиёсии Тоҷикистон Нусратулло Махсум рамзи шинохти истиқлолият ва тантанаи ваҳдату ягонагии миллат мебошад.

Таърих гувоҳ аст, ки асри XX барои миллати куҳанбунёд ва тамаддунсози тоҷик асри талошу муборизаҳо барои эҳёву барқарорсозии давлат ва асри бедории миллат буд. Дар тӯли муборизаҳои халқи тоҷик барои озодӣ, адолат ва барқарор намудани давлати миллӣ, хусусан солҳои 20-уми асри гузашта мавқеи хеле муҳим дорад. Зеро маҳз дар ҳамин солҳо бақои давлату миллат ва тақдири адабиёту фарҳанги тоҷик ҳаллу фасл шуда буд.

Дар ин давра ба арсаи мубориза барои муайян намудани сарнавишти миллату давлати тоҷик як қатор фарзандони баору номуси Ватанамон ба монанди Садриддин Айнӣ, Чинор Имомов, Абдулқодир Муҳиддинов, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ворид шуданд, ки дар натиҷаи кӯшишу талошҳои пайгиронаи онҳо Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурӣ таъсис ёфт.Барои бақову ҳастии миллат, эҳёи давлат, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, озодиву адолат ва

ҳақиқати таърихии халқи тоҷик хизмати Нусратулло Махсум низ басо назаррас аст.

Дар вазъияти ниҳоят ҳассосу мушкил дар сафи аввалин фарзандони сарсупурдаи халқи тоҷик ба муборизa бархостани Нусратулло Махсум нишонаи ватандӯсту ватанпарасти асил будани ӯ мебошад. Кӯшишу талошҳои ӯ пеш аз ҳама дар ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян гардидани марзу буми имрӯзаи он ва шинохти миллати тоҷик беназир аст. Зеро дар он солҳои ҳассосу тақдирсоз бадхоҳони миллати тоҷик намехостанд, ки халқи мо соҳиби ҷумҳурии худ гардад. Аз ин рӯ, Нусратулло Махсум ба ҳайси яке аз роҳбарони ҷумҳурӣ бо ҷасорати фавқулодда ва шуҷоати сиёсӣ барои тақсимоти одилонаи ҳудудӣ, муайян намудани шахсияти миллии мардуми тоҷик муборизa бурда, кӯшиш намуда буд, ки тоҷикон ҳамчун яке аз қадимтарин халқҳои Осиёи Марказӣ ва дорои таъриху фарҳанги чандинҳазорсола эътироф ва шинохта шаванд. Хизмат ва кӯшишу ҷонбозиҳои ҳамин гуна фарзандони бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти миллати тоҷик буд, ки имрӯз давлати мо соҳибистиқлол гаштааст.

Дар таърихи худшиносии миллати тоҷик номи чунин фарзандони барӯманд бо ҳарфҳои заррин навишта шуда, дар хотири мардум абадӣ хоҳад монд.

Дар солҳои дар вазифаи Раиси Кумитаи иҷроияи Марказии ҷумҳурӣ фаъолият намудани Нусратулло Махсум дар Тоҷикистон он қадар корҳои бунёдкориву созандагӣ вусъат ёфта буданд, ки халқи мо садсолаҳои пешин чунин дигаргунсозиҳоро надида буд. Ин пеш аз ҳама таъсиси сохторҳои нави идоракунӣ, рушди тамоми соҳаҳо, бунёди роҳҳо, баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум, созмон додани мактабҳову курсҳои гуногуни касбомӯзӣ, ҷалби занон ба корҳои давлатӣ ва дигар тадбирҳои муассир амалӣ гаштанд. Бо номи ин фарзанди содиқи миллат як давраи томи таърихи халқи тоҷик, як марҳилаи ҳассосу сарнавиштсоз ва бунёдкориҳои азими кишварамон иртиботи қавӣ дорад.

Нусратулло Махсум ба маънои томаш ҷонфидои миллати тоҷик буд.

Ба подоши хизматҳои шоиста ва талошҳои худ ҷиҳати эҳёи давлатдории тоҷикон гирифтори тӯҳмату бӯҳтон ва қурбони беадолатиҳои шовинистиву бадхоҳони халқи тоҷик гардид.

Бо мақсади барқарор намудани ҳақиқати таърихӣ мо имрӯз хизматҳо ва ҷоннисориҳои ин фарзанди вафодор ва

муборизу ватанпарасти халқи тоҷикро баланд қадр менамоем.

Бо бунёди нимпайкараи Нусратулло Махсум мо номи ӯро на танҳо абадӣ мегардонем, балки наслҳои имрӯзу ояндаи миллатро ба он ҳидоят месозем, ки онҳо пайрави чунин мардони ватанпарасти асили халқи худ гашта, бо эҳсоси амиқи худшиносии миллӣ барои ободиву шукуфоии Ватани азизамон кӯшиш намоянд.

Бигузор зиндагии ин марди наҷиб ба ҳар яки мову шумо сабақи зиндагӣ ва корномаи ӯ дар рушди давлату миллатамон ва барои дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани мавқеи Тоҷикистон намунаи ибрат бошад.

# СУЛҲУ ВАҲДАТ – БАХТИ МИЛЛАТ

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Рашт, 27 июни соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони гиромӣ!**

Тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамаи шумо - ҳозирини арҷмандро ба ифтихори ҷашни бузурги Ваҳдати миллӣ, яъне рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа, ки нӯҳ сол қабл аз ин миллатамонро аз вартаи парокандагӣ ва Ватанамонро аз хатари нобудӣ раҳо дода, дар таърихи мо – тоҷикон санади тақдирсоз гардид, самимона табрик мегӯям!

Бо қабул шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа дар Тоҷикистон, ки ибтидои солҳои 90-ум гирифтори даҳшати ҷанги шаҳрвандӣ гардида буд, сулҳу суботи саросарӣ фароҳам омад ва ин рӯйдоди бузург ба марҳилаи созандагиву бунёдкориҳои азим дар сарзамини аҷдодиамон оғоз бахшид.

**Бо гузашти солҳо мо аҳамияти таърихии ин ҳуччати сарнавиштсоз, қимати сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бештар дарк ва қадр менамоем. Зеро маҳз аз баракати муттаҳид сохтани нерӯҳои сиёсӣ ва таъмини ризоияти ҷомеа мо пеш аз ҳама тавонистем истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии Ватани азизамонро ҳифз намоем ва мардуми худро аз парокандагӣ эмин нигоҳ дорем.**

Ба шарофати сулҳу субот ва ваҳдат, ки бо хираду заковати азалии миллатамон, иродаи кулли мардуми тоҷик, инчунин мадади беғаразонаи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва кишварҳои миёнарав муяссар гардид, мо тавонистем, ки дар баробари эҳёи давлатдории тоҷикон,

таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон нуфузу эътибори онро дар арсаи байналмилалӣ ба сатҳи бесобиқа баланд бардорем.

Баъди имзои ин санади тақдирсози таърихӣ мо ба сарҷамъ овардани миллат, яъне ба Ватан ва маҳалли зисти доимияшон баргардонидани қариб як миллион нафар гурезаҳо ва ба раванди ҳаёти осоишта пайвастани онҳо ноил шудем.

Дар ин робита мехоҳам махсус таъкид намоям, ки сулҳу субот, ризоияти ҷомеа ва ваҳдати миллӣ хизмати бениҳоят бузургу таърихии халқи азизи Тоҷикистон аст. Аз ин рӯ, бори дигар дар назди халқи шариф ва миллати сарбаланди тоҷик сари таъзим фуруд меорам.

Дар марҳилаи ҳозира, ки мардуми шарифи Тоҷикистон бо эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастӣ ва хештаншиносиву ифтихори миллӣ созандагиву ободкориро ҳадафи муқаддаси худ қарор додааст, мо тамоми дастовардҳоямонро бо мавҷудияти суботи сиёсиву ҷамъиятӣ ва ваҳдати миллӣ вобаста медонем. **Зеро роҳи ягона ва шарти ҳатмии рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва ободии Ватан суботу оромӣ мебошад. Ва чунон ки борҳо таъкид кардаам, мо бояд сулҳу суботи ҷомеаро ҳамеша мисли гавҳараки чашм ва неъмати азизтарин эҳтиёт ва ҳифз намоем.**

Маросими умумиҷумҳуриявии ҷашни Ваҳдати миллӣ, ки имрӯз дар ноҳияи Рашт таҷлил мегардад, идомаи мантиқии роҳи пешгирифтаи давлат дар бобати таҳкими ваҳдат ва суботи сиёсӣ дар тамоми қаламрави кишвар аст.

Бояд хотирнишон кард, ки водии Рашт мисли дигар гӯшаву канори Тоҷикистон дорои таърихи дуру дароз мебошад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз дар охири ҳазораи якуми пеш аз мелод як шохаи Роҳи бузурги абрешим аз водиҳои Олой ва Рашт гузашта, тавассути Ҳисору Хатлон, Балху Эрону Ироқ ба соҳилҳои Баҳри Миёназамин мерасид ва ин шоҳроҳ Шарқу Ғарбро ба ҳам мепайваст.

Муаррихон ҳамчунин собит намудаанд, ки дар асри ҳафтуми мелодӣ дар қаламрави минтақаҳои Рашту Хатлон ва Ҳисору Бадахшон алифбову хат ва адабиёту фарҳанг васеъ ривоҷ доштааст. **Ва ба шарофати кӯшишҳои гузаштагонамон, ки дар тӯли садсолаҳо ба харҷ додаанд, забону фарҳанг ва ҳуввияти миллии мо – тоҷикон то имрӯз пойдору устувор монд. Бо вуҷуди мушкилоти рӯзгор, ҳуҷуму харобкориҳо ва таъсиру фишори аҷнабиён гузаштагонамон ин арзишҳои волои миллиро аз умқи ҳазорсолаҳо ба ояндагони худ ҳамчун ганҷи бебаҳо ба мерос гузоштаанд.**

Дар густариши забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ фарзандони фарзонаи водии пурсаховати Рашт низ саҳми шоиста доранд. Мероси гаронбаҳои намояндагони доираи адабии Рашт – Мавлавӣ Қасимӣ, Мавлавӣ Шоҳидии Раштӣ, Мавлоно Ҷомии Сонӣ, Абдураҳими Ғармӣ, Хазонӣ, Ҳачрӣ, Насимӣ, Валеӣ, Гулханӣ, Шайх Абдулҳай ва дигарон аз талқини ғояҳои башардӯстӣ, омӯзиши илму дониш ва ташвиқи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ иборатанд.

Ду нафар шоири тавонои асрҳои XV-XVI Мавлавӣ Қасимӣ ва Шоҳидии Раштӣ ҳатто ба «Маснавӣ»-и бузургтарин чеҳраи адабиву ирфонии адабиёти тоҷику форс, ситоишгари ваҳдати миёни халқҳову мазҳабҳо, фарзанди халқи тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ҷавоб навиштаанд, ки дар таърихи ҳавзаҳои адабии он давра камназиранд.

Дар робита ба ин бояд зикр кард, ки бо қарори ЮНЕСКО соли 2007-ум Соли Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ эълон шудааст ва он бо солгарди даҳуми Ваҳдати миллии мо мувофиқ меояд. Чанде қабл дар ҷараёни сафари худ ба Туркия оромгоҳи ин абармарди олами адаб ва ирфонро зиёрат карда будам.

Дар «Маснавӣ»-и Мавлоно ғояҳои олии башардӯстона тарғибу ташвиқ гардидаанд. Зимнан бояд гуфт, ки Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ваҳдатро аз ҷумлаи заруратҳои асосии пайвастагӣ ва робитаи халқҳову динҳо дониста, ҳам дар ҳаёт ва ҳам дар ашъори худ мардумро, сарфи назар аз миллату нажод ва дину мазҳаб, ҳамеша ба дӯстиву рафоқат даъват намудааст. Аз ин рӯ, бо ҳам баробар омадани 800-солагии зодрӯзи Мавлонои бузург, ки соли оянда таҷлил хоҳад шуд ва даҳсолагии ҷашни Ваҳдати миллӣ хусусияти басо рамзӣ дошта, миллати моро ба таҳкими минбаъдаи иттиҳоду ягонагӣ ва тавсеаи худогоҳиву худшиносӣ раҳнамоӣ мекунад.

Воқеан, Мавлоно дар «Маснавӣ»-и ҷовидонааш ваҳдат, дӯстӣ ва робитаи неки инсонҳоро аз ҷумлаи рисолатҳои азаливу аввалини башар мешуморад ва чунин мефармояд:

Мо барои васл кардан омадем,
Не барои фасл кардан омадем.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Мо – наслҳои имрӯза кӯшишу талошҳои фарзандони бонангу номуси миллати тоҷик, аз ҷумла яке аз симоҳои барҷастаи сиёсиву давлатии ибтидои асри гузашта

Нусратулло Махсумро, ки зодаи Рашти бостонӣ буда, дар қатори нахустин роҳбарони мамлакатамон барои ҳамчун ҷумҳурӣ ташаккул ёфтани Тоҷикистон хизматҳои арзанда кардааст, ба таври шоиста қадршиносӣ мекунем. Зеро дар он замони пуртазод марзу буми имрӯзаи Тоҷикистон бо ҷасорати шахсиву сиёсии Садриддин Айнӣ ва талошҳои пайгиронаи Нусратулло Махсум, Ширишо Шотемур, Чинор Имомов ва дигар фарзандони сарсупурдаи миллати тоҷик ҳамчун ҷумҳурӣ муайян карда шуд. Мутаассифона, бадхоҳони халқи тоҷик бо дасисаву тӯҳмат Нусратулло Махсумро ҷисман аз байн бурданд ва ин фоҷиа баъди даҳсолаҳо бори дигар такрор гардид: дар солҳои муқовимати мусаллаҳона муҷассамаи ӯ дар зодгоҳаш нобуд карда шуд.

Вале мо имрӯз ба хотири қадршиносӣ ва абадӣ гардонидани номи неки Нусратулло Махсум муҷассамаи ӯро аз нав барқарор кардем. **Бигузор, номи нек ва кору пайкори мардонаи ӯ, ки танҳо ба манфиати миллати тоҷик ва давлати тоҷикон буд, барои наслҳои имрӯзу фардои Ватани азизамон намунаи ибрати ҷовидона бошад**.

Хотираи неки фарзанди содиқи халқи тоҷик Нусратулло Махсум ва дигар арбобони барҷастаи давлатӣ, аз ҷумла Мунаввар Шогадоев, Тоҷиддин Исоев, Боқӣ Раҳимзода, Мирзо Раҳматов, Маҳмадулло Холов, Мунавваршо Назриев на танҳо барои сокинони водии Рашт, балки тамоми мардуми тоҷик азиз аст. Зеро онҳо ба хотири пешрафти давлату миллати тоҷик содиқона хизмат кардаанд ва номашон ҳеҷ гоҳ аз ёди халқ нахоҳад рафт.

Дар шароити кунунии кишварамон бояд ҳар як фарди бонангу номус мисли мардони фидокоре, ки номи некашон зикр шуд, манфиати Ватан, давлат ва миллати худро аз ҳама боло гузошта, ҷиҳати рушду ободии Тоҷикистони азиз саъю талош намоянд, то наслҳои оянда бо кору номи неки имрӯзиён ифтихор намоянд.

Ватан дар баробари модар муқаддасоти воло буда, дар сарнавишти инсон нақши ҳалкунанда дорад. Бе Ватан инсон бесарнавишт ва беқурбу манзалат аст.

Бесабаб нест, ки арзишҳои волои ватандорӣ ҳанӯз аз даврони ориёиҳо зуҳур карда, дар китобҳои «Маҳабҳарата» ва «Авесто» тавсифу ситоиш шудаанд. Арзишҳои ватанпарастиву миллӣ дар замони давлатдории Сомониён дурахшу ҷилои тоза пайдо намуда, рушду такомул ёфтаанд.

Агар ҳазор сол пеш давлати бузурги Сомониён бинобар зиддиятҳои дохилӣ ва мансабталошиву тахту тоҷхоҳии

бародарони ҳамхун завол ёфта бошад, пас ҳамин иштибоҳи фоҷиабор соли 1992-юм дар оғози роҳи давлати тозаистиқлоли мо – тоҷикон бори дигар такрор шуд. Вале хушбахтона, маҳз **ба шарофати хиради азалии халқ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарварӣ ва ифтихори миллии фарзандони бонангу номуси Ватанамон мухолифати мусаллаҳона сари вақт бартараф ва бақои давлату ваҳдати миллат таъмин карда шуд.**

Илова бар ин, мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки Ватан танҳо марзу бум ва ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ нест. Ватан пайванди ногусастании наслҳои дирӯзу имрӯзу фардо, муҳофизати истиқлолият ва дастовардҳои он, пос доштани хотираи неки аҷдодон, ҳифз ва гиромидошти мероси таърихиву фарҳангӣ ва саъю талоши доимӣ ба хотири пешрафти давлату миллат ва шукуфоии Ватани аҷдодӣ аст.

Тамоми ҳадафҳои мо вобаста ба ободии Ватан танҳо дар сурати ваҳдати воқеӣ ва сулҳу суботи устувор амалӣ мегарданд. Далели равшани онро мо имрӯз дар водии Рашт мебинем, ки солҳои охир аз баракати оромӣ дар ин минтақа бо дастгирии давлату Ҳукумати Тоҷикистон раванди созандагиву бунёдкорӣ вусъати бесобиқа пайдо кардааст.

**Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа Ҳукумати кишвар бо мақсади бартараф намудани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ лоиҳаи барқарорсозии баъди низоъро таҳия ва қабул карда, бо истифода аз сармоягузории хоричӣ, ки зиёда аз 37 миллион сомониро ташкил медод, дар давоми солҳои 1998-2000-ум дар 5 ноҳия 317 иншоотро таъмир ва аз нав бунёд намуд.**

Дар як муддати кӯтоҳ дар водӣ вазъи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба эътидол омада, фаъолияти инфраструктураи бахшҳои нақлиёт, алоқа, энергетика, кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ ва фарҳанг барқарор ва барои рушди онҳо шароиту имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шуданд. Ҳамчунин дар доираи татбиқи лоиҳа ва дар натичаи дастгирии молиявии соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияҳои водӣ истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хеле афзуда, аз ин ҳисоб ҳазорҳо ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шуд ва сатҳи зиндагии аҳолӣ то андозае беҳтар гардид.

Илова бар ин, Ҳукумати мамлакат бо мақсади суръат бахшидан ба рушди иқтисодиву иҷтимоии водӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ аз соли 2000-ум дар ҳудуди ноҳияҳои водии Рашт як қатор лоиҳаҳои инвеститсиониро мавриди татбиқ қарор додааст.

Ҳадафи асосӣ аз татбиқи ин лоиҳаҳо сохтмону таъмир ва таҷҳизонидани иншоотҳои истеҳсолӣ, коммуникатсионӣ, гидроэнергетикӣ, шабакаҳои обрасонӣ, беҳтар гардонидани шароити муассисаҳои таълимиву тиббӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ободонии маҳалҳои зист мебошад.

Ҳоло дар ин самт ба маблағи беш аз 72 миллион сомонӣ корҳо анҷом дода шуда, татбиқи лоиҳаҳои дигар идома дорад.

Ҳамчунин ҷиҳати беҳтар кардани вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг, сохтмони иншооти муҳим ва барои дастгирии буҷетҳои маҳаллӣ аз ҳисоби маблағгузории асосии марказонидашуда ва дигар манбаъҳои буҷети давлатӣ дар солҳои 2001-2005-ум ва нимсолаи аввали соли 2006-ум ба буҷети ноҳияҳои Рашт, Ҷиргатол, Нуробод, Тавилдара ва Тоҷикобод 65 миллион сомонӣ маблағҳои мақсаднок ҷудо карда шуданд.

Чунон ки борҳо таъкид намудаем, барои аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон, инчунин бо мақсади дар тамоми фаслҳои сол дар байни ҳамаи минтақаҳои мамлакат таъмин кардани ҳаракати нақлиёт ва ба як қаламрави воҳид табдил додани Тоҷикистон мо бунёди роҳу туннелҳоро пеш гирифтаем, ки ин бешубҳа воситаи беҳтарини ба якдигар боз ҳам наздик шудани мардум ва таҳкими бештари ваҳдати миллӣ мебошад.

Ба ин хотир, Ҳукумат лоиҳаи таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе - Ваҳдат - Нуробод - Рашт - сарҳади Қирғизистонро таҳия ва қабул намуда, беш аз як сол шуд, ки марҳилаи якуми онро ба маблағи 76 миллион сомонӣ татбиқ карда истодааст. Дар доираи ин лоиҳа ҳоло таъмиру таҷдиди роҳи Душанбе - Ваҳдат - Оби Гарм - Нуробод, инчунин 75 километр роҳҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Файзобод ва Роғун босуръат идома дорад.

**Ба истиқболи Рӯзи Ваҳдати миллӣ имрӯз ба марҳилаи дуюми таҷдиди шоҳроҳи мазкур, яъне Нуробод – Рашт – Тоҷикобод, ки маблағи он 126 миллион сомониро ташкил медиҳад, оғоз бахшидем.** Мувофиқи он роҳи мошингарди зикршуда, роҳи дувоздаҳкилометраи наздисарҳадии Қарамик ва 60 километр роҳҳои маҳаллии ин ноҳияҳо аз нав сохта мешаванд. Бо амалӣ гардидани марҳилаи сеюми таҷдиди шоҳроҳ, ки ҳоло таҳияи ҳуҷҷатҳои техникиву иқтисодии он идома дорад, то охири соли 2008-ум роҳи Душанбе - Саритош мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ пурра сохта, ба истифода

дода мешавад ва **мо дар ояндаи наздик робитаи нақлиётии Тоҷикистонро аз тариқи Ҷумҳурии Қирғизистон бо Қазоқистону Русия ва Аврупо, инчунин тавассути Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо Чин ва дигар кишварҳои Осиё таъмин менамоем**.

Бо фароҳам омадани робитаҳои байналмилалии нақлиётӣ ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо беш аз пеш густариш ва тавсеа хоҳанд ёфт. Аз ҷумла, бо кушода шудани шоҳроҳи Душанбе – Саритош дар ояндаи наздик кишоварзони мамлакатамон, пеш аз ҳама сокинони водии Рашт, ки бо истеҳсоли меваю картошка ва асал шӯҳрат доранд, метавонанд маҳсулоти худро ба бозорҳои Қазоқистону Русия ва Чин бароранд.

Бо ҳамлу нақли арзон ва содироти меваю картошка, инчунин асал аҳолии водӣ имконияти бештар пайдо мекунад, ки сатҳи даромади иқтисодӣ ва зиндагии худро баланд бардорад. **Барои ин ҳоло ба мақомоти дахлдор ва кишоварзони водӣ зарур аст, ки дар доираи барномаҳои ҳукуматӣ ба рушди соҳаҳои картошкапарварӣ, боғдорӣ ва занбӯри асалпарварӣ беш аз пеш суръат бахшида, дар бобати коркарди саноатии онҳо низ тадбирҳо андешанд.**

Ҳамчунин, Ҳукумати Тоҷикистон доир ба азхудкунии заминҳои бекорхобидаи ноҳияҳои водӣ, ки дар саргаҳи об қарор доранд, бояд чораҳои заруриро амалӣ намояд.

Аз соли 2004 то имрӯз дар ҳудуди 5 ноҳия қариб 1000 гектар замин обёрӣ карда шуд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифтааст, ки то соли 2010-ум боз дар 5 ноҳия 7000 гектар заминҳои навро обёрӣ намояд. Худи ҳамин сол 850 гектар заминҳои нав обёрӣ карда мешавад ва ҳазорҳо ҷойи корӣ ташкил мегардад.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Бо дарназардошти вазъи соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва нарасидани кадрҳои маҳаллӣ Ҳукумати Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти соҳаҳои иҷтимоии ноҳияҳои водии Рашт пайваста тадбирҳои амалӣ меандешад.

Дар доираи ин тадбирҳо ҳам аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҳам лоиҳаҳои сармоягузорӣ шароити муассисаҳои таълимиву тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ба эътидол оварда шуда, барои аз ҳисоби занону духтарон ва ҷавонони ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон тайёр намудани кадрҳо афзалияту имтиёзҳо муқаррар карда шудаанд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумат солҳои охир тамоми муассисаҳои таълимии ноҳияҳои водӣ таъмир ва бо ашёву маводи зарурии хониш таъмин гардиданд.

Инчунин бо роҳи бунёди мактабҳои нав дар деҳаҳои дурдасттарин низ масъалаи нарасидани ҷойи нишаст барои хонандагон аз байн бардошта шуд. Танҳо дар ноҳияи Тоҷикобод аз соли 1993-юм то имрӯз шумораи мактабҳо ду маротиба зиёд гардид. Аз ҳисоби маблағҳои Ҳукумат фақат дар соли 2004-ум дар ноҳияи Тавилдара 15 мактаби ибтидоӣ сохта, ба истифода дода шуд. Дар шаш соли охир дар ноҳияҳои водӣ шумораи мактабҳои таҳсилоти умумӣ 26 адад афзуда, онҳо бо 5500 адад мебелу таҷҳизоти нави мактабӣ ва 524 компютер таъмин гардиданд. Барои пурра ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакону наврасони деҳаҳои дурдасти кӯҳистон ҳоло дар ҳамаи ноҳияҳои водӣ, аз ҷумла Рашт, Нуробод ва Тавилдара мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ, Тоҷикободу Ҷиргатол се интернати наздимактабӣ ташкил ва бо тамоми лавозимоти зарурӣ таъмин гардиданд.

Ҳоло дар мактабҳои ноҳияҳои водии Рашт проблемаи асосӣ нарасидани омӯзгорон аст. Дар айни замон мактабҳои минтақа ба зиёда аз якуним ҳазор муаллимони гуногунихтисос эҳтиёҷ доранд. Бинобар нарасидани мутахассисон дар соҳаи тиб низ душвориҳои зиёд мавҷуданд. Ин проблемаҳо солҳост, ки ҳалли худро намеёбанд. Зеро на ҳамаи кадрҳо ва мутахассисони ҷавоне, ки тибқи роҳхатҳо ба ноҳияҳои водӣ фиристода мешаванд, ба ҷойи кор ҳозир мегарданд.

Ҳадафи Ҳукумати ҷумҳурӣ бо фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбия ва тибқи квотаи президентӣ аз ҳисоби духтарону писарони лаёқатманди ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон дар мактабҳои олии мамлакат тайёр кардани мутахассисон, ҳаллу фасли проблемаи нарасидани кадрҳо ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ мебошад.

Дар асоси квотаи президентӣ ҳоло аз ноҳияҳои водии Рашт дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар 878 нафар, аз ҷумла 802 нафар ҷавондухтарон ва дар мактабҳои олии кишварҳои хориҷӣ 46 нафар фарзандони мардуми водӣ таҳсил менамоянд.

Итминони комил дорам, ки онҳо солҳои наздик соҳибихтисос гардида, на танҳо барои рушди ноҳияҳои водӣ, балки ба хотири ободии Тоҷикистони азизи худ хизмат хоҳанд кард.

Дар шароити кунунӣ, ки ҷомеаи умумибашарӣ ва илму техника босуръат тараққӣ меёбанд, падару модарон набояд пойбанди хурофот шуда, барои соҳибмаърифату бофарҳанг, соҳибкасбу соҳибмаълумот гардидани фарзандони худ монеаҳо эҷод намоянд. Мо бояд барои пешрафту тараққиёти давлату миллати худ ва ободиву шукуфоии Ватани азизамон ба таълиму тарбия, донишандӯзиву касбу ҳунаромӯзии фарзандонамон таваҷҷӯҳи доимӣ зоҳир намоем.

Пайғамбари ислом ҳазрати Муҳаммад низ дар ҳадисҳои худ фармудааст: «Талаби илм барои ҳар мусулмон ва зани мусулмон фарз аст», ё худ «Ҳар кӣ илм талаб намояд, Худо ризқашро кафолат кунад». Расули Худо ҳамчунин гуфтааст, ки «Аз гаҳвора то гӯр илм биомӯз». Аз ин рӯ, мо бояд ҷавононро бештар ба донишандӯзиву ҳунаромӯзӣ ҳидоят намоем. Зеро онҳо танҳо бо роҳи омӯхтани илм, азхуд кардани ихтисос дар ҷомеа мавқеи сазовори худро ёфта, бо ҳисси баланди ватанпарастӣ, дарки масъулияти шаҳрвандӣ давлати соҳибистиқлол ва миллати куҳанбунёди хешро соҳибӣ ва идора карда метавонанд.

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Дар айни замон мардуми кишварамон бо шукронаи сулҳу амнияти саросарӣ, ки воқеан сарчашмаи тамоми пешрафту осудагиҳои ҳаёти инсон аст, ба таҷлили 15-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб ва Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон омодагӣ мебинад.

Бо ташкили чорабиниҳо оид ба таҷлил ва бузургдошти чунин рӯйдодҳо ва санаҳои муҳими таърихӣ мо умед дорем, ки сатҳи худшиносиву ҳуввияти миллӣ ва ифтихори ватандории мардум, бахусус ҷавонон беш аз пеш баланд шуда, ҷашнҳои бузурги миллӣ онҳоро ба ватандӯстӣ ва арҷ гузоштан ба мероси ниёгон ҳидоят месозанд.

Мо ифтихор дорем, ки тоҷикон яке аз миллатҳои қадимтарини дунё буда, анъанаву суннатҳои таърихамон аз тамаддуни бузурги ориёӣ сарчашма мегиранд.

Гузаштагони ориёии мо дар ташаккули яке аз аввалин тамаддунҳои башарӣ бевосита саҳм гузошта, ҳамеша ғояҳои инсондӯстиву созандагиро талқин намудаанд. **Аҷдодони мо аз қадим таҳти шиори башардӯстонаи «пиндори нек, гуфтори нек,**

**кирдори нек» ҳаёт ба сар бурда, дар таърихи тӯлонии худ ҳеҷ гоҳ даъвои бартарият аз дигар халқу миллатҳоро накардаанд.**

Дар шароити ҷаҳонишавии проблемаҳо, аз ҷумла таҳдиди хатарҳои терроризм, экстремизм, паҳншавии маводи мухаддир, ҷиноятҳои трансмиллӣ ва хавфи бархӯрди тамаддунҳо **мо мероси таърихиву фарҳангии миллатамонро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода, ба мардуми худ беш аз беш ғояҳои инсондӯстии ниёгонамон ва арзишҳои пурқимати башариро талқин менамоем.** Ҳамзамон бо ин, ба дини ислом чун бузургтарин арзиши фарҳангиву ахлоқии халқи худ арҷгузорӣ намуда, ҳар гуна кӯшишҳои истифодаҷӯй ва даъвоҳои беасосро нисбат ба он маҳкум мекунем.

**Борҳо таъкид кардаем, ки дини мубини ислом дар зоти худ айбе надорад. Баръакс пайравони худро ҳамеша ба парҳезгорӣ аз амалҳои номатлубу зиддиинсонӣ ҳидоят карда, сулҳпарвариро рисолати бузурги имонии ҳар як мусулмон мешуморад. Аз ин рӯ, онро бо экстремизм ва терроризм айнияти додан ва ё ин падидаҳои нангинро бо номи поки ислом пайванд додан ғалати маҳз аст**.

Аслан терроризм ва экстремизм пайравӣ ба ақидаву амалиёти ифротгароёнаву оштинопазир аст, ки моҳиятан хусусияти сиёсӣ ва динӣ доранд. Экстремизми сиёсӣ ва динӣ кӯшиши гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва шахсиятҳои ҷудогона барои ба даст овардани ҳокимият ва иҷрои барномаҳои сиёсии худ буда, ҳадаф ва оқибати он бар зидди манфиатҳои аҳли ҷомеа аст.

Маъмулан ин гуна кӯшишҳои хатарнок муқовимат ва зӯровариро ба миён оварда, суботи ҷомеаро халалдор месозанд. Дар ин замина шаклҳои муборизаи оштинопазир ва интиқомҷӯёнаи экстремизм падид меоянд, ки онҳо дар симои терроризм зоҳир мегарданд. **Аз ин рӯ, мо тамоми шаклҳои зуҳури экстремизм ва терроризмро маҳкум намуда, пешгирӣ ва мубориза бар зидди онҳоро яке аз вазифаҳои асосии ҷомеаи худ меҳисобем.**

Тараққиёту таҳаввулоти босуръати ҷаҳони муосир аз мо тақозо менамояд, ки Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун як давлати демокративу ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ободу босубот муаррифӣ намоем. Ҳоло Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ҳалли проблемаҳои ҷаҳонӣ бо пешниҳодоти мушаххаси худ, ки аз ҷониби ҷомеаи умумибашарӣ пазируфта шудаанд, саҳми сазовор мегирад. Дар қатори онҳо, тавре ки борҳо таъкид намудаем, сулҳофарии мо – тоҷиконро баъзе кишварҳо ва созмонҳои

байналмилалӣ таҷрибаи нодир арзёбӣ карда, барои ҳалли низоъҳо ҳамчун дастур пешниҳод менамоянд. Зеро таҷрибаи Тоҷикистон аллакай ҳамчун яке аз муассиртарин роҳҳои ҳалли муноқишаҳои дохилӣ эътироф гардидааст.

Мусолиҳаи миллии мо дар таърихи навини миллати куҳанбунёдамон дастоварди бузург ва беназир аст. Аз ин рӯ, ҳар фарде, ки худро фарзанди Тоҷикистон медонад ва қадру манзалати Тоҷикистонро азиз мешуморад, бояд ба ин дастовард ҳамеша эҳтиром гузорад ва таҳкими ваҳдати миллиро рисолати шаҳрвандиву қарзи фарзандӣ дониста, ба халалдор гардидани он ҳаргиз роҳ надиҳад.

Ваҳдати миллӣ на танҳо асоси оромиву осудагии халқ, балки кафолати инкишофи давлат ва рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа мебошад. Бояд таъкид кард, ки барои Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба қатори давлатҳои пешрафта расонидан заҳмати дурударози чандинсола кашидан лозим аст. Ғайр аз ин, дар зиндагии мардумамон ҳанӯз ҳам мушкилоти зиёд мавҷуданд. Лекин итминон дорам, ки ҳамаи ин корҳоро худамон бо ваҳдату якдилӣ ва аҳлонаву сарҷамъона анҷом медиҳем ва Ватанамонро бо дастгирии мардуми шарифамон, саъю кӯшиши кадрҳои лаёқатманд ва баору номуси кишварамон обод мекунем. Барои ин, бояд ҳар як шахси ватанпарвару сулҳхоҳ дар замири худ эҳсоси наҷиби ваҳдатро парвариш ва барои таҳкими он ҳамчун арзиши нодир ва азизи миллӣ кӯшишу талош намояд.

Бигузор ваҳдати тоҷикон, ки имрӯз таҳкиму таҳвият ёфтааст, пойдору устувор ва ҷовидонӣ бошад!

Бигузор сарзамини Тоҷикистон, ки воқеан биҳишти рӯйи заминро мемонад, сарзамини сулҳу суботи абадӣ бошад!

Бигузор Тоҷикистон, ки Ватан ва умедгоҳи тамоми тоҷикони дунёст, дар қатори кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мавқеъ ва мақоми шоиставу арзанда пайдо намояд!

Бори дигар ҳамаи шуморо бо ҷашни мубораки Ваҳдати миллӣ табрик намуда, ба мардуми шариф ва сарбаланди Тоҷикистон рӯзгори обод ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзу менамоям.

**Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва рӯзи наҷоти миллат муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# МӮҲЛАТИ ТАҶДИДИ ШОҲРОҲИ ДУШАНБЕ – ЧАНАК ДУ СОЛ ШУД

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ ОҒОЗИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ ТАҶДИДИ ШОҲРОҲИ АВТОМОБИЛИИ ДУШАНБЕ – ЧАНАК

Варзоб, 11 июли соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони гиромӣ!**
**Сохтмончиёни мӯҳтарам!**

Шуморо ба муносибати оғози азнавсозии шоҳроҳи Душанбе – Айнӣ – Истаравшан – Хуҷанд – Бӯстон – Чанак табрику муборакбод менамоям.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки 93 фоизи қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, роҳу роҳсозӣ беш аз пеш аҳамияти хоса пайдо кардааст. Дар давоми 15-соли истиқлолияти давлати худ мо қадру қимати роҳҳоро, ки ҳамеша мардум ва кишварҳоро ба ҳам наздик менамоянд, басо хуб эҳсос кардаем. Аз ин рӯ, дар ин муддат ҳам аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҳам сармояи хориҷӣ бо сарфи беш аз 816 миллион сомонӣ 250 километр роҳҳои дорои аҳамияти умумиҷумҳуриявӣ, 230 километр роҳҳои маҳаллӣ ва 86 километр роҳҳои нави мошингардро таъмиру таҷдид ва бунёд намудем.

Тавре ки дар маросими оғози марҳилаи дуюми таҷдиди роҳи Душанбе-Саритош таъкид доштам, ҳоло вобаста ба таъмиру азнавсозӣ ва бунёди роҳҳо 14 лоиҳа, ки маблағи умумиашон 1 миллиарду 520 миллион сомонӣ мебошад, мавриди татбиқ қарор доранд. Зеро нақши роҳ дар таҳкими вахдати миллӣ, дӯстиву рафоқати миёни мардум, ки аз рафтуомаду дидори ҳамдигар сарчашма мегирад ва дар тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии давлат, густариши

робитаҳои тиҷоратӣ, инчунин баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ бағоят бузург аст.

Тавре ки борҳо таъкид намудаем, ҳадафи асосии Ҳукумат бо бунёду сохтмон ва таҷдиди роҳҳо, туннелу пулҳо аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон ва аз тариқи онҳо дар байни тамоми минтақаҳои мамлакат фароҳам овардани робитаҳои нақлиётӣ, инчунин ба як қаламрави воҳид табдил додани Ватани азизамон мебошад. Дар ин замина мақсади мо тадричан амалӣ мегардад. Дар доираи он имрӯз мо ба азнавсозии яке аз шоҳроҳҳои муҳими мамлакат, ки қисматҳои ҷанубу шимоли Тоҷикистонро ба ҳам пайванд дода, дар ояндаи наздик ба роҳи транзити байналмилалӣ табдил меёбад, оғоз менамоем. Яъне бо азнавсозии шоҳроҳи Душанбе - Айнӣ - Истаравшан - Хуҷанд - Бӯстон - Чанак мо онро бо роҳи байналмилалии Қароқурум-Кулма-Хоруғ-Кӯлоб-Душанбе пайванд сохта, яке аз қисматҳои асосии Роҳи бузурги абрешимро эҳё хоҳем кард.

Бо бунёд ва ба меъёрҳои байналхалқӣ мутобиқ гардонидани он мо на танҳо ҳаракати нақлиёти автомобилиро дар тамоми фаслҳои сол дар миёни пойтахти мамлакатамон ва вилояти Суғд таъмин мекунем, инчунин аз тариқи қаламрави кишвари худ барои робитаҳои нақлиётии давлатҳои ҳамсояи ҷанубӣ ва шарқии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо шароити мусоид фароҳам меорем.

Шоҳроҳи мазкур дар қатори роҳҳои бузурги Осиёи Марказӣ аҳамияти муҳим пайдо карда, тамоми пойтахтҳои кишварҳои ҳамсоя, марказҳои калони саноатӣ, тиҷоративу туризми байналмилалӣ, бандарҳои баҳрии қаламрави Осиёву Аврупоро ба ҳам пайваст менамояд ва барои ҳамлу нақли бевоситаи байналхалқӣ имконият медиҳад.

Мувофиқи лоиҳаи таҳия ва қабулшуда ҳаҷми умумии маблағи таҷдиди пурраи шоҳроҳи мазкур бо дарназардошти азнавсозии 357 километр роҳ, сохтмони 6 километр иншооти зиддитармавӣ, нақби Шаҳристон, ки дарозии он зиёда аз панҷ километр мебошад ва бунёду таъмири 37 пул 977 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Маблағгузории азнавсозии ин шоҳроҳ дар асоси қарордоди миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки чанде пеш дар ҷараёни сафари Президенти мамлакат ба шаҳри Шанхай ба имзо расид, аз ҳисоби қарзи пешниҳоднамудаи ҷониби Чин, ки ба 928 миллион сомонӣ баробар аст, сурат мегирад. Саҳми Ҳукумати Тоҷикистон дар маблағгузории лоиҳаи мазкур 49 миллион сомонӣ мебошад.

Мӯҳлати таҷдиди роҳи мазкур ду сол буда, моҳи августи соли 2008-ум ба истифода дода мешавад. Бунёди нақби Шаҳристон бошад дуюним сол пешбинӣ шудааст.

Бо дарназардошти ба истифода дода шудани нақби Анзоб, ки рӯзҳои наздик ба таври расмӣ ба вуқӯъ мепайвандад ва дар мавриди пурра таҷдид ёфтани роҳи Душанбе - Айнӣ- Истаравшан - Хуҷанд - Бӯстон -Чанак, инчунин сохтмони нақби Шаҳристон вақти ҳаракати мошинҳо дар он 6 соат кӯтоҳ мегардад. Гузашта аз ин, мувофиқи таҳлилу пешгӯии мутахассисони соҳаи нақлиёт шумораи мошинҳои дар ин роҳ ҳаракаткунанда баъди азнавсозӣ ҳар сол 8 фоиз зиёд хоҳад шуд. Яъне дар як шабонарӯз ба ҳисоби миёна тавассути роҳи мазкур зиёда аз 4,5 ҳазор мошини боркаш ва 7 ҳазор автомобили сабукрав рафтуомад карда метавонанд.

Шумораи нақлиёти дар ин самт ҳаракаткунанда пеш аз ҳама дар натиҷаи фароҳам омадани шароити мусоид барои интиқоли молу маҳсулот ва тиҷорат, ки яке аз рукнҳои асосии иқтисоди бозорӣ аст, меафзояд.

Дар сурате ки ба таҳвили молу маҳсулот имконияти васеъ муҳайё ва бозори онҳо зиёд мегардад, ҳатман соҳаҳои истеҳсолӣ, қабл аз ҳама саноати кӯҳӣ, яъне истихроҷу коркарди маъданҳои кӯҳӣ, инчунин соҳаи кишоварзӣ инкишоф ва додугирифти субъектҳои хоҷагидорӣ вусъат меёбад. Ҳамзамон бо афзун гаштани ҳаракати нақлиёт дар ин роҳ иншооти хизматрасонӣ низ зиёд шуда, аҳолии деҳоте, ки ба роҳи мазкур наздиканд, ба худ ҷойи кор пайдо карда метавонанд.

Манфиати иқтисодиву иҷтимоии ин роҳ ҳам барои мардум ва ҳам барои кишварамон дар ояндаи наздик хеле назаррас хоҳад гашт. Бояд зикр намуд, ки иҷрои ҳамаи корҳои ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани роҳро Корпоратсияи «Чайна Роуд»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин бо ҷалби мутахассисону коргарони маҳаллӣ ба зимма гирифтааст. Яъне дар давраи таҷдиди роҳ ва сохтмони нақби Шаҳристон беш аз дуюним ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин мегарданд.

Ҳамин тавр равобити созандаву самарабахш ва ҳамкориву ҳамдастии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамсояи бузурги шарқии худ - Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳам дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои дуҷониба ва ҳам дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай вусъати тоза пайдо намуда, соҳаҳои навро дар бар мегиранд. Шаҳодати аз ҷониби Чин

дастгирӣ ёфтани барномаҳои созандагиву бунёдкориҳои мо бо иштироки мутахассисони он ба наздикӣ шурӯъ гардидани сохтмони нақби Шаршар хоҳад шуд. Ва ҳоло аз ҷониби Чин баррасӣ шудани як қатор лоиҳаҳои дигари бунёдкорӣ гувоҳи сатҳи баланди робитаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории дӯстонаи мост.

Мардуми қадршиноси Тоҷикистон ин иқдомоти кишвари ба мо дӯстро бо изҳори сипос чун падидаҳои нек арзёбӣ намуда, барои таҳкиму густариши ҳарчӣ бештару беҳтари чунин ҳамкориҳо кӯшишу талош хоҳад намуд.

Дар заминаи ин ҳамкориҳо мақсади мо на танҳо аз изолятсияи коммуникатсионӣ баровардану таъмин кардани истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, балки дар ояндаи наздик ба кишвари транзитӣ ва истеҳсолкунандаву интиқолдиҳандаи бузурги нерӯи барқ табдил додани он мебошад.

**Дӯстони азиз!**

Соли 2006-ум бо ҷашнҳо ва тантанаҳои бузурги сиёсиву фарҳангӣ, аз ҷумла 15-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон барои мардуми тоҷик аҳамияти таърихӣ дорад.

Ҳадафи асосии мо аз таҷлили онҳо, пеш аз ҳама таҳкими ваҳдату иттиҳоди миллати тоҷик, истиқлолияти давлатӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, ифтихори миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, пос доштани арзишҳои милливу фарҳангӣ ва шинохти тамаддуни ориёӣ мебошад.

Барои дар сатҳи баланд баргузор гаштани чорабиниҳои зикршуда ҳар як фарди бонангу номус ва ҳар фарде, ки Тоҷикистонро Ватани худ дониста, онро дӯст медорад ва бо он ифтихор менамояд, бояд ин меҳру муҳаббат ва садоқаташро бо ободу зебо гардонидани манзил, кӯчаву деҳа ва шаҳру ноҳияи хеш собит созад.

Аз фурсат истифода бурда, вобаста ба ободкорӣ мехостам ба мардуми ноҳияи Варзоб, ки мо ҳоло дар он қарор дорем, таъкид намоям, ки онҳо барои ба мавзеи ҳақиқии истироҳату туризм табдил додани ноҳияи худ масъулияти баланди ватандориро ба зимма доранд.

Бо дарназардошти сол то сол дар ин мавзеи зебоманзар афзудани шумораи истироҳаткунандагон, сайёҳону меҳмонони хориҷӣ ва ҳамчунин аз он гузаштани шоҳроҳи мазкур бояд дар дараи Варзоб дар баробари беҳбудии вазъи экологӣ ва муҳити табиат ободкориву созандагӣ низ густариш ёфта, ба симои он ҳусну таровати нав дода шавад.

Ба азнавсозии шоҳроҳи Душанбе - Айнӣ - Истаравшан - Хуҷанд - Бӯстон - Чанак оғоз бахшида, ба шумо ва ба тамоми мардуми кишвари азизамон ин иқдоми неки созандагиро бори дигар муборакбод мегӯям.

Барои бунёд ва дар мӯҳлати муқарраршуда бо сифати баланд сохта ба истифода додани ин шоҳроҳи ваҳдату дӯстӣ, шоҳроҳи пешрафту тараққиёт ва шоҳроҳи замонавию ҳамешабоз, ки он орзуи деринаи халқи мост, ба роҳсозон кушоишу барори кор мехоҳам.

**Саломат бошед!**

## СУХАНРОНӢ
## ДАР МАРОСИМИ ХАТМИ
## КОРҲОИ АСОСИИ НАҚБИ АНЗОБ

Айнӣ, 26 июли соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**

**Ҷаноби Олӣ – Раиси мӯҳтарами Ҷумҳурии Исломии Эрон!**

Имрӯз барои мардуми Тоҷикистон рӯзи воқеан таърихӣ ва фаромӯшнашаванда аст ва ин лаҳзаҳои фараҳбахш дар таърихномаи миллати куҳанбунёди мо ҳамчун рӯйдоди бузурги миллӣ сабт мегарданд.

Ба кор оғоз кардани нақби мошингарди Анзоб орзуи ҳазорсолаи мардуми мо буд, ки инак, ҷомаи амал пӯшид.

Аслан бунёди ин иншоот ба афсонае мемонад, ки бо зӯри дасту бозу ва ҳиммату ғайрати мутахассисону коргарони тоҷик ба ҳақиқат табдил ёфт.

Ба ин муносибат тамоми ҳамватанони азиз, мутахассисону нақбканҳо ва ҳамаи онҳоеро, ки дар ин сохтмони бузург саҳми ватандӯстона гузоштанд, инчунин дӯстони эронӣ – сармоягузорону мутахассисони ин кишвари ҳамзабону ҳамфарҳангро барои ёрии бародаронаашон табрик мегӯям ва изҳори сипос менамоям.

Расо ҳафт сол пеш дар маросими оғози корҳои нақбканӣ дар ҳамин майдон изҳор карда будам, ки бо нохун ҳам бошад, аз дили санги хоро нақбро меканем. Ва басо рамзист, ки ин кори бузургро дар остонаи понздаҳумин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизамон ба анҷом расонидем.

Ин воқеаи шукӯҳманд идомаи амалу иқдомоти созандаи Ҳукумати мамлакат ва натиҷаи дастгирии халқамон буда, ба тақдири ояндаи миллат, пешрафти минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ, болоравии сатҳи зиндагии мардум,

таҳкими истиқлолият ва пояҳои давлатдорӣ таъсири амиқ ва такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Бо вуҷуди ин ки қаламрави таърихии кишвари мо яке аз ҳалқаҳои муҳимтарини Шоҳроҳи бузурги абрешим ба ҳисоб мерафт, таҳти таъсири як силсила омилҳо муддатҳои тӯлонӣ дар бунбасти коммуникатсионӣ қарор дошт.

Беш аз навад фоизи ҳудуди Тоҷикистон, ки чун нигин дар маркази Осиё ҷило медиҳад, аз кӯҳҳо иборат аст ва дар давоми даҳсолаҳои зиёд қисматҳои ҷануб ва шимоли онро қаторкӯҳҳои баланд бо ағбаҳои Анзобу Шаҳристон аз ҳам ҷудо нигоҳ медоштанд.

Роҳи мошингарде, ки пойтахти мамлакатро тавассути ағбаҳои Анзоб ва Шаҳристон бо яке аз вилоятҳои калонтарин, яъне вилояти Суғд мепайваст, дар баландии то 3400 метр аз сатҳи баҳр қарор дошта, ҳамасола муддати 6-7 моҳ баста мегардид.

Ва табиист, ки чунин ҳолат барои рафтуомади мусофирон ва ҳамлу нақли молу маҳсулот мушкилоти зиёд эҷод мекард.

Дарозии роҳи оҳан ва мошингарде, ки ба воситаи қаламрави давлатҳои ҳамсоя қисматҳои ҷанубу шимоли кишварро ба ҳам пайваст мекунад, қариб ҳазор километрро ташкил медиҳад, ки аз роҳи дохилии мо се баробар тӯлонитар аст.

Ҳамаи ин мушкилоту проблемаҳо ҷиддан таҳозо мекарданд, ки роҳи пайванди доимии қисматҳои гуногуни кишвар пайдо карда шавад.

Вале бо сабабҳои гуногун то соли 1992 дар ин иншооти дорои аҳамияти стратегӣ ба маблағи ҳамагӣ 12 миллион сомонӣ корҳои омодагӣ сурат гирифта, аз қисми шимолии он 324 метр нақби мошингард ва 327 метр нақби ҳавокаш канда шуду халос.

Минбаъд дар натиҷаи воқеъаҳои маълуми кишвар корҳо умуман қатъ гаштанд.

Ба шарофати сулҳу субот, ки дар кишварамон баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таъмин гардид, Ҳукумат имконият пайдо кард, ки дар соли 1999 кори сохтмони нақбро аз нав оғоз намояд.

Дар ҷараёни бунёди ин иншооти бузург, ки баъзеҳо ба анҷом расидани онро барои кишвари тозаистиқлоли мо қариб номумкин мепиндоштанд, проблемаҳои зиёд мавҷуд буданд.

Пеш аз ҳама техникаву таҷҳизоте, ки дар шароити баландкӯҳ пурсамар фаъолият карда тавонад, масолеҳи

сохтмонӣ ва муҳимтар аз ҳама, мутахассисон ва кадрҳои баландихтисос намерасиданд. Барои кандани ҳар қадами роҳ паси сар кардани чӣ қадар мушкилот лозим омад.

Тавре ки ҳама хуб дар хотир доранд, дар он солҳо, яъне дар ибтидои сохтмон шароити вазнини иқтисодии мамлакат имкон намедод, ки мо ҳамаи масъалаҳо ва мушкилоти пешомадаро сари вақт ҳал намоем. Илова бар ин, аз сабаби дар фасли зимистон қатъ гаштани ҳаракат дар роҳи ағбаи Анзоб ҳатто техника ва масолеҳи заруриро ба иншоот сари вақт расонида наметавонистем. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин мушкилот кор аз ду самт – ҳам аз шимол ва ҳам аз ҷануб босуръат ба роҳ монда шуд.

Аз оғози сохтмон то моҳи январи соли 2004-ум бо қувваи мутахассисону коргарони ватанӣ 1650 метр нақби нақлиётӣ ва 1700 метр нақби ҳавокаш канда, зиёда аз 30 миллион сомонӣ азхуд карда шуд.

Соли 2003-юм доир ба идомаи сохтмон байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ба маблағи 120 миллион сомонӣ созишнома ба имзо расид. Аз ин маблағ аз ҷониби Ҷумҳурии Исломии Эрон 64 миллион сомонӣ ба тариқи қарз ва 30 миллион сомонӣ грант ҷудо гардида, боқимондаи маблағ ҳамчун ҳиссаи Ҳукумати Тоҷикистон таъмин карда шуд.

Бо истифода аз фурсати муносиб дар ҳузури Ҷаноби Олӣ – Маҳмуди Аҳмадинажод, Раиси мӯҳтарами Ҷумҳурии Исломии Эрон, мехоҳам ба сармоягузорон ва ҳамаи мутахассисону роҳсозони кишвари дӯсти Эрон, ки дар татбиқи амалии ин нақшаи беназири мо кӯмаки воқеан бародарона ва беғаразона карданд, изҳори сипос намоям.

Ҳамчунин мехоҳам махсус таъкид намоям, ки нақби Анзоб намунаи аввалин ва возеҳи ҳамкориҳои ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг, яъне Тоҷикистону Эрон аст ва мо умед дорем, ки чунин ҳамкории бародарона дар бунёди иншооти аз ин ҳам бузургтар густариш ва идомаи нек хоҳад ёфт.

Дар таърихи адабиёти чандҳазорсола ва муштараки мо Фарҳоди кӯҳкан бо кандани фақат як ҷӯйи об барои Ширини худ умри абад ёфтааст.

Мо бо заҳмати шабонарӯзии нақбканҳо ва аз файзу баракати дӯстиву ҳамзабонӣ на танҳо барои ободии сарзамини худ, балки барои пешрафт ва густариши робитаҳои гуногунсоҳаи миёни кишварҳои минтақаи Осиёи Миёна ва гузашта аз ин барои қитъаи Осиё аз қалби санги сиёҳ роҳи ҳамвор ва осонгузар сохтем.

Ва бисёр рамзист, ки яке аз аввалин офарандагони тимсоли ҷовидонаи Фарҳод дар адабиёти куҳани мо Низомии бузург доир ба файзи дӯстиву ҳамкорӣ ҳанӯз чанд аср пештар гуфта буд:

Як гули мақсуд дар ин бӯстон
Чида нашуд бе мадади дӯстон.

Бо кушодашавии туннели Анзоб роҳи мошингарди Душанбе-Хуҷанд қариб 30 километр кӯтоҳ шуда, ҳар сол аз ҳисоби хароҷоти ҳамлу нақл дар ин роҳ даҳҳо миллион сомонӣ сарфа хоҳад гашт.

Инчунин мувофиқи Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба шабакаи роҳҳои мошингарди Осиё, ки 26 апрели соли 2004 дар шаҳри Шанхай ба имзо расидааст ва Ҳукумати Тоҷикистон онро бо қарори худ тасдиқ намудааст, бо оғози фаъолияти нақби Анзоб рафтуомади воситаҳои нақлиёт дар қисмати сарҳади Ӯзбекистон-Хуҷанд-Душанбе-Панҷи Поён то Қарочӣ пурра таъмин мегардад.

Амалӣ шудани ин нақшаи муҳим ва бузурги аср имкон медиҳад, ки Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфта, робитаи нақлиётии он на танҳо дар дохили мамлакат тамоми сол таъмин карда шавад, балки роҳи баромади мо ба мамолики наздику дури минтақа ва ҷаҳон, инчунин ба бандарҳои бузурги обӣ, ки камхарҷтарин роҳи ҳамлу нақли бор мебошанд, кушода гардад. Роҳе, ки тавассути нақби Анзоб 600 километр кӯтоҳ мегардад, як қисмати муҳими шоҳроҳи байни Аврупо ва Осиё хоҳад шуд.

Пайванди он бо шоҳроҳи Мурғоб-ағбаи Кулма робитаи кишварҳои Осиёи Марказиро тавассути шоҳроҳи Қароқурум бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ва дигар давлатҳо таъмин месозад. Яъне, дар ояндаи наздиктарин Тоҷикистони соҳибистиқлол ба қаламрав ё роҳи бузурги транзити байналхалқӣ табдил хоҳад ёфт, ки ин ба иқтисоди миллии мо фоидаи ниҳоят зиёд меорад.

**Дӯстони гиромӣ!**

Аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо кардани давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, таъмини рафтуомади озодонаи мусофирон ва ҳамлу нақли молу маҳсулот дар чор фасли сол яке аз ҳадафҳои муқаддас ва стратегии мо буд, ки имрӯз ба шарофати ифтитоҳи нақби Анзоб ба он наздик шудем.

Аҳамияти таърихии нақби Анзоб ва дигар роҳу пулҳое, ки сохта истодаем, низ дар ҳамин аст. Зеро роҳ ғайр аз ин, ки омил ва шарти асосии ободии мамлакат, пешрафти иқтисодиву ичтимоии кишвар ва осудагии рӯзгори мардум аст, инчунин воситаи муҳимтарини таҳкими робитаҳо дар байни одамон ва ҳифзи ваҳдати ҷовидонаи миллӣ мебошад.

Ва чунон ки дар суханронии худ чанд рӯз пештар дар ноҳияи Рашт хотирнишон кардам, Ваҳдати миллӣ дар навбати худ калиди ҳамаи фатҳу кушоишҳо ва татбиқи амалии нияту нақшаҳои мо барои фардои ободу ороми Ватанамон, рӯзгори осуда ва дастархони оростаи мардуми кишварамон мебошад.

Зеро ҳарчанд ки то имрӯз мо бо дастгирии мардуми шарифи Тоҷикистон хеле корҳоро барои ободии сарзамини аҷдодиамон анҷом додем, вале ҳанӯз дар оғози марҳилаи бунёдкориҳои аз ин ҳам бузургтар қарор дорем.

Агар мо хоҳем, ки истиқлолияти Ватани азизамон торафт мустаҳкам гардад, дастовардҳои соҳибихтиёрии кишварамон афзоиш ва таҳким ёбанд, мақом ва нуфузи Тоҷикистон дар миёни давлатҳои ҷаҳон рӯз аз рӯз густариш пайдо намояд, бояд мисли падарону бобоёни худ, ки қариб ҳаштод сол қабл аз қуллаи ин кӯҳҳои баланд бо заҳмати фидокорона ва бо оддитарин асбобу олоти корӣ аввалин роҳро канда буданд, заҳмат кашем, аҳлу сарҷамъона ва содиқонаву софдилона кор кунем.

Имрӯз дар роҳи ба сарзамини воҳид табдил ёфтани Тоҷикистони соҳибистиқлол як иқдоми бузург анҷом ёфт.

Ва дар ин лаҳзаҳои фараҳбахшу таърихӣ бо итминон изҳор медорам, ки бо азму иродаи қавии фарзандони бонангу номуси миллат ва пуштибонии доимии халқамон ба анҷоми дигар нақшаҳои неки худ муваффақ хоҳем шуд.

Бори дигар ҳамаи ҳамватанони азизро бо ин рӯйдоди муҳим табрик гуфта, изҳори умед менамоям, ки нақби Анзоб воқеан ба дарвозаи тиллоии асри оянда ва рӯзгори ободи Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил хоҳад ёфт.

Мехоҳам бо ифтихору хушҳолӣ гӯям, ки пайванди воқеиву доимии Тоҷикистон ба ҳар як фарди миллат муборак бошад!

Саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони мӯҳтарам ва нақбканҳои диловар!

**Аҳсан ба шумо!**

# НОБИҒАИ ШЕЪР ВА ПАЙВАНДГАРИ ДУ КИШВАР

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРҚАДИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ

Деҳлӣ, 6 августи соли 2006

**Дӯстони гиромӣ!**

Мо дар қалби кишвари пурмеҳру фарҳангпарвари Ҳинд бо ихлосу самимият ва эҳтироми амиқи инсонӣ дар марқади мубораки Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил ҳузур дорем. Возеҳ аст, ки вуҷуди ҳар фарди ҳозирро эҳсосоти гарму амиқи инсонӣ лабрез намудааст, ки баёни афкору андешаҳоро мушкил месозад. Иловатан, ҷаҳони Бедили бузург – ҷаҳони ниҳоят рангин ва фарох аст, ки бозкушоии он дар як суханронӣ имконнопазир аст.

Бо он ҳама, талоши шинохти ростин таҳозои фитрии сирати инсон аст ва шинохти мураббиёни маънавияту хиради инсонӣ амрест воҷиб ва муқаддас.

Шинохти Бедил ниҳоят мушкил аст. Зеро ӯ шахсиятест, ки шабеҳи уқёнуси асрор ва маънӣ, бо розу ҷаззобият ва сеҳри маъруфияти бесобиқа. Сарманшаи ӯ аз минтақаи фарҳангии Хуросони бузург буд ва дар қалби Ҳинди гуҳарбор парвариш ёфт. Ӯ зиндагии печида ва пуршӯр, вале шоиста ва неки инсонӣ, фаъолияти созандаи иҷтимоӣ, эҳсосоту аъмоли писандида ва пирӯзӣ бар ҳирси молу сарват ва қудрат дошт. Ӯ аз афроди камназире буд, ки дар амал аз усулу меъёрҳои волои ахлоқӣ ва маънавӣ пайравӣ намудааст. Ва худ намунаи нек ва ибратомӯз барои имрӯзу фардост.

Даврони зиндагии Бедил замоне буд, ки дар тасаввури аксарият аҳди заррини адаб ва фарҳанги форсӣ паси сар гардида буд ва зоҳиран заминаи амалии зоҳир шудани нобиғаи шеъри мисли Мирзо Бедил вуҷуд надошт. Вале хилофи он падидаи беназире зуҳур намуд, ки на фақат рӯҳи

бузурги ин адиби дурахшонро комилан ҷилвагар сохт, балки сабки навинеро рушд дод ва ба авҷи худ бардошт, ки муддати тақрибан сесад сол дар Ҳинд, Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳамчун дастоварди бузурги адабӣ пазируфта шуд ва интишори ниҳоят васеъ ёфт. Таъсири он ба шоирон ва адибони бузурги баъдӣ – Мирзо Ғолиб, Аҳмад Маҳдуми Дониш, Муҳаммад Иқбол, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Туғрал ва дигарон возеҳ аст.

Бедил ва сабки баланди ҳиндии ӯ на фақат доираҳои адабиро тасхир намуданд ва ба ҳунари мусиқӣ (бахусус, «Шашмақом»-и безавол) ҳамроз гардиданд, балки ба ҳар ноҳия ва минтақа, ба ҳар маҳалла ва гузар ва муҳимтар аз он ба ҳар хонадон роҳ ёфтанд. Ба шаҳодати таърих дар Хуросону Мовароуннаҳр чӣ дар шаҳрҳо ва водиҳо ва чӣ дар дараҳои кӯҳистонӣ Бедил аз зумраи шоирони машҳуртарин ва маҳбубтарин буд; маҳфилҳои бедилхонӣ ва бедилфаҳмӣ фаъолияти густурдаи маърифатӣ доштанд.

Девони Бедил дар паҳлӯи Қуръони Карим ва Девони Хоҷа Ҳофиз ганҷи аслии ҳар хонадон буд ва аз насл ба насл ҳамчун мероси арзишманд ва бебаҳо интиқол меёфт. Девони Бедилро зери сари тифли навзод дар гаҳвора мегузоштанд то ин мавҷуди нав соҳиби маърифат ва хиради бедилӣ гардад. Ин суннат ҳатто дар даврони шӯравии сарнавишти таърихии мо нисбатан побарҷо монд. Ҳар гоҳ авроқи навҷавониро варақгардон менамоям, маҳфилҳои бедилхонӣ, ки дар асл мактаби кашфи рози маънӣ буданд, пеши назар ҷилвагар мешаванд. Ба баракати он меҳри адаб, сухани воло ва кашфи асрори ҳастӣ дар замири ман реша давонд. Ва Бедили бузургро дар қатори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Румӣ, Ҳофиз, Иқбол аз пирони маънавии хеш медонам.

Ҳар фард, ки ашъори Бедилро мутолиа менамояд нахустин андешае, ки падид меояд печидагии сабки баён ва нигориши ӯст: ба қавли устод Садриддин Айни забони осори Бедил «душвортарин забони адабии тоҷик» мебошад.

Бедил суннати бостонӣ ва арзишманди шинохти инсон ва ҷаҳони маънавии ӯро (ки таҷаллии барҷастаи он ашъору осори волои Мавлавӣ Ҷалолиддини Румӣ мебошад) шоиста идома дод.

Ва қадаме нав ва ҷиддӣ гузошт: ӯ талош намуд симо ва сирати пурғановату мураккаби инсонро дар паҳнои ҷаҳону кайҳони бекарон ва дорои асрори нокушуда бо диди ҷомеъ, бо омезиши нерӯи қалб ва хирад баррасӣ ва арзёбӣ намояд. Ва сабки баландпарвози пурасрору печидаи ӯ таҳозои ин

амри бузург ва албатта, баёнгари нубуғи нотакрори шоирии ӯст.

Имрӯз, ки ҷомеаи башарӣ даргири тағйиру таҳаввулоти мураккаб, печидагиҳо, таззодҳо, мухолифату бархӯрдҳои гуногун мебошад, Бедил бо сабки пурмағзи худ ҳамдаму ҳамқадами мост. Бечиҳат нест, ки тақрибан тамоми осори ӯ дар Тоҷикистон ва Афғонистон нашр шуда, таҳқиқоти доманадор идома дорад.

Имрӯз дар Эрон низ нашри осори Бедил оғоз ёфтааст ва таҳқиқоти муҳим анҷом мегиранд.

Дарси бузурги Бедил – таъкиди арзиши инсон, ҷавҳари сиратии инсон аст. Ӯ бо забони малакутии шеър суруд:

Як қадам роҳ аст Бедил аз ту то домони хок,
Бар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушёр бош.

Бедил дар оғози асри XXI пайвандгари таърихӣ ва маънавии ду кишвари дӯст – Тоҷикистон ва Ҳиндустон аст. Панди бузурги ӯ дӯстӣ ва ҳамкории ҳамаҷонибаи мо ба манзури таъмини амнияту субот, пешрафт ва шукуфоии кишварҳо ва мардумони мост.

Ман мутмаинам, рӯҳи Бедили бузург дар тақвияти ҳамдилии халқҳои мо мададгори мо хоҳад буд.

**Зиндаву ҷовид бод корномаи бузурги фарҳангӣ ва инсонии Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил!**

**Поянда бод дӯстии таърихии Тоҷикистон ва Ҳиндустон!**

**Раҳмати Худованд ба равони пок ва тобноки ин нобиғаи маънӣ бод!**

# ҲАМКОРИҲОИ ТИҶОРАТИВУ ИҚТИСОДИРО ГУСТАРИШ БАХШЕМ

## СУХАНРОНӢ ЗИМНИ МУЛОҚОТ БО НАМОЯНДАГОНИ ДОИРАҲОИ СОҲИБКОРИИ ҲИНДУСТОН

Деҳлӣ, 7 августи соли 2006

**Дӯстони азиз!**

Ман аз фурсати мулоқот бо шумоён хеле хушнудам.

Муносибатҳои байнидавлатӣ қабл аз ҳама аз муносибатҳои байни шаҳрвандон сарчашма мегиранд. Дар ин росто нақши намояндагони доираҳои соҳибкорӣ, ки аз фаъолият ва нерӯи онҳо пешрафти ҳар як кишвар вобаста аст, хеле муҳим аст.

Сатҳу мазмуни ҳамкориҳои иқтисодӣ бо муносибатҳои сиёсии байнидавлатӣ вобастагии амиқ доранд, зеро бе ин зербино барпо намудани равобити дарозмуддат ва судманд миёни давлатҳо амалан аз имкон берун аст.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки тавассути тоҷирон минтақаву кишварҳо ва қитъаҳои олам робитаҳои мустаҳкам доштанд ва зарурати густариши тиҷорат дар шароити имрӯзаи глобализатсия боз ҳам возеҳтар мегардад.

Хушбахтона, кишварҳои мо дар муддати чандин садсолаҳо робитаҳои гуногунсоҳаи таърихӣ дошта буданд. Ин таҷрибаи бузург тақозо менамояд, ки дар шароити имрӯза низ мо ҳамкориҳои судманди тиҷоративу иқтисодиро поягузорӣ намуда, онро рушду густариш бахшем.

Дар иртибот ба сатҳи имрӯзаи ҳамкориҳоямон гуфтаниам, ки он моро қаноатманд карда наметавонад. Ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвар дар се соли охир поён рафта, соли гузашта аз якуним миллион доллари амрикоӣ ҳам паст буд. Дар шаш моҳи соли равон низ он каме беш аз як миллион

долларро ташкил дод, ҳол он, ки масалан дар солҳои 2001 ва 2002 ҳаҷми он аз сӣ миллион доллар ҳам зиёдтар буд.

Бояд гуфт, ки давлат ва ҳукуматҳои ҳар ду ҷониб ҳам барои таҳвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ ҳавасманданд ва омодаанд, ки тамоми шароити мусоидро барои густариши он фароҳам оранд.

Бо ин мақсад онҳо Комиссияи байнидавлатии ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва илмию техникиро таъсис додаанд, ки он бояд барои дарёфти самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо, беҳдошти фазои инвеститсионӣ, бартараф сохтани монеаҳо ва инчунин таҳкими равобити бевосита миёни доираҳои соҳибкории ҳар ду кишвар хидмат намояд.

Бо истифода аз ин фурсати муносиб, ҳамаи шумоёнро даъват менамоям, ки дар кори ин механизми муҳими ҳамкориҳои дуҷониба фаъолона ширкат намоед. Шумо метавонед ба дастгирии ташаббусҳои худ аз ҷониби мо умед бандед.

Бо мақсади сода кардани тартиби гирифтани раводидҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон чанде қабл Ҳукумати кишвар номгӯйи давлатҳоеро тасдиқ намуд, ки ба шаҳрвандони онҳо раводидҳо зуд ва ба мӯҳлати мадид дода мешаванд ва Ҳиндустон низ, албатта, ба ин номгӯ шомил аст.

**Дӯстони азиз!**

Мехостам вобаста ба самтҳои мушаххаси ҳамкорӣ чанд сухан гӯям. Мо ҳавасманди омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи бойи дӯстони ҳиндии худ дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла, туризм, сохтмон, саноат ва кишоварзӣ, бахши бонкӣ, технологияи навин ва инфраструктура ҳастем.

Дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодие, ки дар кишвари мо дар асоси принсипҳои бозаргонӣ ва меъёрҳои муосири идоракунии корпоративӣ сурат гирифта истодааст, мо ба як қатор дастовардҳо ноил гаштем, ки дар ҷумлаи онҳо рушди бемайлони иқтисодӣ ба ҳадди 10 фоизи солона, барпо кардани шароити озоди рақобат дар ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ, ислоҳоти системаи пулӣ ва рафъи таваррумии аз ҳад зиёди арзи миллӣ бо таъмини мубодилаи озоди он, хусусигардонии моликияти давлатиро метавонам номбар намоям.

Вале дар шароити имрӯза, ин дастовардҳо кофӣ нестанд ва дар назди мо вазифаи таъмини рушди босуръати сифатан нав истодааст. Ин ҳадафро мо нияти дорем тавассути истифодаи самараноки потенсиали иқтисодӣ, қувваи арзони корӣ ва захираҳои бойи табиии худ амалӣ гардонем. Албатта, мо

ҳамчунин ба сармояи хориҷӣ ниёз дорем ва ба мақсади ҷалби ҳар чӣ бештари онҳо қабл аз ҳама барои таҳкими фазои мусоиди инвеститсионӣ таваҷҷӯҳи хос зоҳир намудем.

Дар натиҷа, имрӯз қонунгузории Тоҷикистон шароитҳои имтиёзноки ҷалби сармояҳоро пеш аз ҳама ба соҳаҳои истеҳсолӣ пешбинӣ менамояд. Ин имкон медиҳад, ки ҳаҷми сармояҳои хориҷӣ сол аз сол афзояд.

Мо қабл аз ҳама ба истифодаи сармоя дар чунин соҳаҳои афзалиятнок, ба мисли энергетика, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ, саноати сабук, хӯрокворӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва туризм ҳавасманд ҳастем, зеро ки дар ин соҳаҳо имконоти бойи ҳамкориҳо мавҷуданд.

Барои мисол мехостам дар барои ин имконот дар соҳаи энергетика каме муфассалтар истода гузарам. Тоҷикистон аз рӯйи захираҳои нерӯи барқи обӣ дар олам яке аз ҷойҳои аввалинро доро аст.

Аз он имрӯз танҳо қариб 6 % истифода бурда мешаваду халос, ҳол он ки талабот ба нерӯи барқ дар ояндаи наздик боз ҳам хоҳад афзуд. Алҳол Покистон, Хитой, Эрон, Қазоқистон, Русия ба нерӯи барқ ниёзманд буда, бо мо дар бобати иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои ин соҳа музокирот мебаранд.

Дар бобати сохтмони ду Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2» мутаносибан бо Русия ва Эрон паймонҳои дахлдор ҳосил шуда, сохтмони онҳо шурӯъ шудааанд. Чанде пеш мо бо шарикони хитоии худ татбиқи лоиҳаи бунёди хатти баландшиддати интиқоли барқро баррасӣ намудем ва баъд аз як моҳ онро оғоз хоҳем кард.

Ҳоло мо бо сармоягузорони потенсиалӣ масъалаи татбиқи лоиҳаҳои калонҳаҷми анҷоми сохтмони нерӯгоҳҳои Роғун ва Даштиҷумро баррасӣ менамоем. Самаранокии ин лоиҳаҳо бо якчанд омилҳо собит меёбад. Аввал, ин судмандии иқтисодии лоиҳаҳо, ки бинобар талаботи рӯзафзуни бозори минтақавӣ дар муддати начандон дароз фоидаовар гашта, даҳсолаҳо даромади соф меорад.

Дигар ин ки тавассути дарғоту абанборҳо имкони обёрӣ шудани тақрибан 2 миллион гектар замин дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон ҳосил хоҳад шуд.

Ба ғайр аз ин, ҷиҳатҳои хеле муҳими экологӣ ва иҷтимоии ин лоиҳаҳоро бояд дар мадди назар дошт. Таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои ҳаётан муҳими оби соф аз қабили инҳоанд.

Бо назардошти ин омилҳо, имрӯз диққати ширкатҳои кишварҳои мухталиф ба ин лоиҳаҳо меафзояд ва бо истифодаи

аз ин фурсати муносиб шуморо даъват менамоям, ки дар ин раванд фаъолона ширкат намоед.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захирҳои бойи маъдану металлҳо, аз ҷумла металлҳои нодиру қиматбаҳо мебошад. Шумо аз равандҳои бозори ҷаҳонӣ хуб огаҳед ва медонед, ки тайи чанд моҳи охир нархи тилло, нукра ва дигар металлҳои қиматбаҳо то чӣ андоза боло рафт. Аз рӯйи таҳлилҳо, ин раванд дар оянда низ бемайлон идома хоҳад ёфт.

Кишвари мо дорои имконоти бойи рушди соҳаи туризм мебошад ва мо ба барпо кардани инфраструктураи замонавии ин соҳа ҳавасмандем.

Солҳои пеш саноати сабуки Тоҷикистон яке аз бахшҳои муҳимтарини иқтисод ба ҳисоб мерафт ва имрӯз низ имконоти эҳё ва тараққиёти он мавҷуданд.

Кишвари мо асосан аграрӣ буда, номгӯи зиёди зироатҳои техникӣ ва озуқаворӣ истеҳсол мешаванд, вале коркарди онҳо ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст. Номбар кардани маҳз ин соҳаҳо бесабаб нест. Мо медонем, ки Ҳиндустон дар ин бахшҳо дорои таҷрибаи пешқадам ва шӯҳрати оламшумул аст.

Умедворам, ки тавассути кӯшишҳои муштарак мо дар ин соҳаҳо низ ҳамкориҳои судманд ба роҳ хоҳем монд.

Сатҳи тараққиёти иқтисодиёти Ҳиндустон, доштани технологияҳои баланди истеҳсолӣ ва потенсиали инвеститсионӣ барои инкишоф додани ҳамкориҳо бо кишвари шумо дар сатҳи нав асос мегузорад. Барои ҳамин Тоҷикистон барои ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд бо соҳибкорони Ҳиндустон, алалхусус дар соҳаҳои инноватсионӣ, аз ҷумла истеҳсол ва барномасозии компютерӣ, дорусозӣ ва дигарҳо афзалият медиҳад.

**Дӯстони азиз!**

Барои пазироии самимӣ ва мулоқоти судманд аз шумо сипосгузорам. Орзуи онро дорам, ки ҳар яки шумо дар Тоҷикистон ҳамкорони худро пайдо мекунед ва мо якҷоя шоҳиди намунаҳои зиёди ҳамкориҳои судманди миёни ду халқ ва давлат, ки робитаҳои судманди онҳо аз сарчашмаҳои қадими таърихӣ об мехӯранд, хоҳем гашт.

Ба шумоён комёбиву дастовардҳои нав ва барори кор хоҳонам. Ман ва вазирони Тоҷикистон, ки дар ин ҷо ҳузур доранд омодаем ба саволҳои Шумо ҷавоб гӯем.

# БАРОИ САРМОЯГУЗОРОН ОСИЁИ МАРКАЗӢ ЧУН БОЗОРИ УМУМӢ ҶАЗЗОБИЯТ ДОРАД

## СУХАНРОНӢ ДАР СЕМИНАРИ БАХШИДА БА НАҚШИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВӢ

Деҳлӣ, 7 августи соли 2006

**Мӯҳтарам ҷаноби Раис!**
**Дӯстони азиз!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Бо изҳори сипос ба танзимдиҳандагони ин нишасти байналмилалӣ барои даъват, мехостам назари Тоҷикистонро дар мавзӯи ҳамкориҳои минтақавӣ манзури шумо гардонам. Пӯшида нест, ки имрӯз дар вазъияти нерӯ касб кардани равандҳои ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) ва такрибан хислати фарогир гирифтани хатару таҳдидҳои муосир олами мову шумо хеле нозуку осебпазир аст.

Дар чунин вазъ бархӯрди муносиб бо чунин авомил ба назари мо бо ҳам овардани талошҳо ва фароҳам сохтани шароити мусоид ҷиҳати ҳамкории муассири минтақавию байналмилалӣ барои таъмини амнияту субот ва рушди устувор аст. Тамоюлоти суратгирифта шаҳодат медиҳанд, ки дар асри XXI Осиёи Марказиро тақдири наве интизор аст, чун минтақаи як замон дар ҳукми фаромӯшӣ монда тадриҷан маркази омезиш ёфтани равандҳои глобалӣ мегардад. Вале ба ҳеҷ ваҷҳ роҳ набояд дод, ки Осиёи Марказӣ ҷойи рақобатҳои геополитикӣ ва ташкили блокҳои ҳарбию сиёсӣ гардад, балки потенсиали бузурги захираву имконоти фаровони иқтисодии он ба нафъи мардумони минтақа хизмат намуда, барои ҳамаи онҳое, ки беҳбудии халқҳои минтақаро мехоҳанд, кушода бошад.

Тоҷикистону Ҳиндустон марзҳои муштарак надоранд, вале мову шумо намояндагони як қитъаи Осиё ҳастем, ки

мушкилоти умумӣ ва ё ба ҳам монанд дошта, бо хатару таҳдидҳои яксон рӯ ба рӯ аст. Аз ин лиҳоз фикр мекунам, ки сӯҳбати имрӯзаи мо дар бораи нақш ва аҳамияти ҳамгироии минтақавӣ барои Тоҷикистон мутақобилан судманд аст.

Бояд тазаккур дод, ки пайвандҳову иртиботи мардуми Ҳинду Тоҷикистон анъанаҳои дерини таърихӣ доранд. Қисмате аз асосҳои қаробати халқҳои моро решаҳои умумии забонҳои мо муайян месозанд. Ин қаробат, алалхусус, дар қарнҳои миёна равшан зоҳир шуд, ки он бо вусъати интишори забони тоҷикии форсӣ дар нимҷазираи Ҳиндустон ва арзи вуҷуд намудани адабиёти волои форсӣ дар Ҳиндустон пайванди ногусастанӣ дорад. Эҷодиёти бузургони адаб чун Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Зебуннисо ва садҳои дигарон маншаи ифтихори муштараки мост.

**Дӯстони азиз!**

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои Осиёи Марказист, ки он иборат аз панҷ давлат буда, маҷмӯи нуфусаш қариб ба 60 миллион нафар мерасад. Минтақаи мо мавқеи муҳимтарини геополитикӣ ва геоиқтисодӣ дошта, як навъ пули пайвандгари Осиёву Аврупост. Шумо ба хубӣ огаҳед, ки садсолаҳо қабл аз ин дар ин мавзеъ масири Роҳи бузурги абрешим аз Аврупо ба Ҳинду Чин мегузашт.

Муддатҳои мадид Осиёи Марказӣ нақши як маркази диниву фарҳангӣ ва илмии олами исломро адо мекард. Ва имрӯз низ аз лиҳози захираву имкониятҳо аз манотиқи сарватмандтарини дунё маҳсуб мешавад, ки дар он бузургтарин захираҳои энергетикӣ, нафт, газ, инчунин потенсиали азими гидроэнергетикӣ, канданиҳову маъданҳои табиӣ мавқеият доранд.

Бар асари пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1991 минтақаро марзҳои ҷадиди давлатҳои навзуҳур ҷудо карданд. Дар роҳи муносиботи бозаргонӣ ва равобити инсонӣ монеаҳои сунъӣ эҷод карданд, шабакаи умумии обиву энергетикӣ тақсим шуд, ки ҳамаи ин омилҳо ба бӯҳрони шадиди иқтисодӣ оварда расонд.

Дар Тоҷикистон бошад, он бӯҳрон бо ҷанги шаҳрвандӣ тавъам омад, ки фақат хисороти иқтисодии он беш аз 10 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод. Дар айни замон барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба ифтитоҳи сарҳадот ва пайдоиши имконияти эҳёи равобит бо ҳамсоягони худ дар Осиё – Чин, Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон ва кишварҳои

дигар мусоидат намуда, барои рушду густариши иртибототи мутақобилан судманди ҳамсоягӣ замина муҳайё сохт.

Баъд аз як моҳ кишвари мо понздаҳумин солгарди Истиқлолияти хешро таҷлил хоҳад кард. Мо дар ин солҳо сангинтарин мушкилоти дохилӣ-таъмини сулҳу истиқрор ва ваҳдати миллиро ҳаллу фасл намуда, зербинои давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро гузоштем. Ба шарофати татбиқи як қатор барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ сатҳи зиндагии мардум боло рафт. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар 5 соли охир 60 фисад афзоиш ёфт. Ва ин рушди устувори иқтисод барои аз вартаи камбизоатӣ бурун овардани чаҳоряки аҳолии кишвар имконият дод.

Дар байни давлатҳои татбиққунандаи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола аввалин шуда Тоҷикистон Стратегияи миллии рушдро барои солҳои 2007-2015 тартиб дод, ки он дар Созмони Милали Муттаҳид муаррифӣ шуд.

Тӯли 15 соли истиқлол сиёсати хориҷии мо ба таъмини манфиатҳои миллӣ, сулҳу субот, фароҳам сохтани шароити мусоид барои рушди устувор равона гардида буд. Дар айни ҳол мо ҳамеша ҳамкориҳои минтақавиро омили асосии таъмини истиқрор ва рушди иқтисодӣ меҳисобидем, чун дар шароити ҳамбастагии рӯзафзуни кишварҳо дар миқёси глобалӣ аксарияти масоили таъмини сулҳу амният марбут ба ҳамкории иқтисодист.

Аъмоли террористии 11 сентябри соли 2001 ва амалиёти минбаъдаи зиддитеррористӣ дар Афғонистон барои ба омили муҳимтарини муборизa бар зидди интишори терроризми байналмилалӣ, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир мубаддал шудани Осиёи Марказӣ такони ҷиддӣ доданд. Баробари он таваҷҷӯҳи аҳли олам ба минтақа, сарватҳои бойи табиии он ва алалхусус захираҳои нафту газ, имконоти энергетикӣ, аз ҷумла потенсиали гидроэнергетикии он, мушкилоти иқтисодиву иҷтимоии Осиёи Марказӣ ба маротиб афзуд.

Ва имрӯз динамикаи рушди кишварҳои минтақа марбут бар он аст, ки онҳо то чӣ андоза дар рӯ ба рӯйи ин таҳдиду хатарҳои ҷадид, аз қабили терроризми байналмилалӣ, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ ва сатҳи баланди камбизоатӣ истодагарӣ карда метавонанд.

Бо дарки амиқи миқёси ин хатарҳо мо кӯшиш дорем, ки стратегияи худро бо дарназардошти зарурати объективии таъсиси системаи ягонаи амнияти минтақавӣ барпо намоем.

Баъди амалҳои мудҳиши террористӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико олам возеҳан дарк намуд, ки худро аз терроризми байналмилалӣ бо тарзу усулҳое, ки то ба ҳол истифода мешуданд, ҳимоя карда наметавонад, балки таҳозои саъю талошҳои дастаҷамъии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба миён омад. Ҳанӯз дар ибтидои солҳои 90-уми қарни гузашта Тоҷикистон дар байни кишварҳои собиқ шӯравӣ аввалин шуда бо табиати ваҳшатбори терроризми байналмилалӣ ва экстремизм рӯ ба рӯ гашт. Мо дар роҳи интишори ин хатар ба кишварҳои дигари минтаҳа нақши як навъ сипарро адо намудем.

Дар он замон ҳанӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ миқёси глобалии хатари терроризмро дарк накарда буд. Афғонистон, ки бо он мо марзҳои тақрибан якунимҳазор километрӣ дорем, ба ҷавлонгоҳи нерӯҳои террористӣ мубаддал гашта буд. Аз ин лиҳоз, кишвари мо аз аввалинҳо шуда таъсиси эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ ва амалиёти онро дар Афғонистон ҷонибдорӣ намуд. Алҳол мо дар тамоми чорабиниҳои минтаҳавию байналмилалӣ бар зидди зуҳуроти экстремизму зӯроварӣ ширкати фаъол дорем.

Аз ин рӯ, иштирок дар фаъолияти созмонҳои минтаҳавиро омили муҳимтарини таъмини амнияти дастаҷамъӣ ҳисобида, қабл аз ҳама дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони Ҳамкориҳои Шанҳаӣ ширкат меварзем.

Ба назари мо, калиди пирӯзӣ дар муборизa бар зидди терроризм ва экстремизм маҳв намудани сабабу иллатҳо мебошад, ки аз мушкилоти иқтисодию иҷтимоии дар ҷомеа ҷойдошта сарчашма мегиранд.

Алалхусус муҳим аст, ки мо ҳамагон ба сабабҳои ба таври бесобиқа зиёд шудани аъмоли харобиовари террористӣ бе айбҷӯӣ ва ба дину идеологияҳои муайян нисбат додани он ҷавоб ёбем. Бояд сабабҳои аслии падидаро ҷуст, ки асоситарини онҳо паст будани сатҳи рушд, мушкилоти демографӣ, миқёси калони бекорӣ, қашшоқӣ ва камбизоатист.

Ба мисли пештара қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон яке аз хатарҳои асосӣ ба сулҳу субот дар Осиёи Марказист, ки он манбаи таъмини молиявии терроризми байналмилалӣ, экстремизм ва ҷинояткории трансмиллӣ аст. Ин проблема имрӯз характери глобалӣ касб намудааст ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ чун яке аз хатарҳои асосӣ ба инсоният дар асри XXI эътироф гардидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки худ тавлидкунандаи маводи мухаддир нест, ба иллати мавқеи геополитикии худ ва масофаи

тӯлонии сарҳадоташ бо Афғонистон дар роҳи маводи мухаддири он яке аз кишварҳои транзитӣ гаштааст. Қаламрави Осиёи Марказӣ дар маҷмӯъ ба яке аз роҳҳои интиқоли героин аз тариқи шимол – яъне Осиёи Марказӣ – Русия – Аврупо мубаддал шудааст.

Бо камоли таассуф имрӯз бояд зикр кард, ки талошҳои байналмилалӣ барои маҳви сели маводи мухаддир, ки аз Афғонистон маншаъ мегирад, ғайриқаноатбахш аст.

Мутаассифона, аз ибтидои амалиёти эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ тавлиди маводи мухаддир кам нашуда, балки се баробар афзудааст.

Бо дарки мураккабии вазъият Ҳукумати Тоҷикистон барои аз байн бурдани хатари маводи мухаддир чораҳои ҷомеъ меандешад. Яке аз самтҳои муҳимтарини он рушду густариши ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалист.

Кишвари мо ба ҳамаи конвенсияҳои Созмони Милали Муттаҳид дар мавриди маводи мухаддир ҳамроҳ шуда, дар барномаҳои мубориза бар зидди он ширкати фаъол меварзад. Бо мусоидати Созмони Милали Муттаҳид мо соли 1999 Агентии зидди маводи мухаддирро дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додем, ки ҳоло эътирофи байналмилалӣ пайдо намуда, яке аз хадамоти фаъоли зидди маводи мухаддир гаштааст. Ҳоло ҳиссаи Тоҷикистон дар мусодираи маводи мухаддир дар Осиёи Марказӣ ба 70 фисад ва дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба 55 фисад расидааст, ки аз рӯйи он Тоҷикистон ҷойи аввалро ишғол менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки ҳақиқати воқеӣ ва табиати глобалии ин хатар дар ҷаҳорчӯбаи Созмони Милали Мутаҳид ҳанӯз аз соли 1998 бо як теъдод ташаббусҳои байналмилалӣ баромад намуд, соли 2003 бошад, ҳамшарикии глобалии зидди маводи мухаддирро пешниҳод кард. Ҳамчунин дар доираи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай мо пешниҳод намудем, ки маркази муттаҳидаи зидди маводи мухаддир таъсис дода шавад.

Мехостам таваҷҷӯҳи Шуморо боз ба як омили ҷиддии амнияти минтақавӣ ҷалб намоям. Ман Афғонистонро дар назар дорам, чунки амнияти Осиёи Марказӣ ва минтақаи бузургтар аз он асосан бо Афғонистон иртибот доранд. Сарфи назар аз талошҳои ҳукумати ин кишвар ва эътилофи байналмилалӣ зери роҳбарии ИМА ва нерӯҳои байналмилалӣ вазъи низомию сиёсӣ дар он ҷо ҳанӯз печида аст. Чунон ки ҳаводиси охир бозгӯ менамоянд, зербинои иҷтимоиву сиёсии

ҳаракати «толибон» ҳанӯз побарҷост ва он метавонад вазъро ҷиддан халалдор намояд.

Шабакаи террористии «Ал-Қоида» ҳанӯз маҳв нашудааст, ки шаҳодати он амалиёти террористии вақтҳои охир рухдода аст. Дар дасти мардум ҳанӯз силоҳи ғайриқонунӣ зиёд аст. Комилан возеҳ аст, ки ниёз ба ҳамоҳанг ва муттаҳид намудани саъю талошҳо барои азнавсозии баъдиҷангии Афғонистон, пуштибонии фаъолияти ҳукумат барои эҳёи иқтисод, таҳкими сохтори давлатӣ, таъмини сулҳу субот шадид аст. Мо пайгирона барои ҳамкории васеи байналмилалӣ бо Афғонистон ва ба фаъолияти созмонҳои минтақавию байналхалқӣ ҷалб намудани он мекӯшем. Чунин ҳамкорӣ барои Афғонистон имкони таҳкими раванди сулҳро тақвият бахшида, кишварро тадричан шомили ҷомеаи ҷаҳонӣ месозад.

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дурнамои суботи устуворро дар Осиёи Марказӣ бе рушди ҳамкорию ҳамгироии минтақавӣ тасаввур намудан аз имкон берун аст. Имрӯз дар Осиёи Марказӣ имконоти фарох барои татбиқи тарҳу лоиҳаҳои сармоягузории бузургҳаҷм дар заминаҳои гуногуни иқтисод, созмон додани бозори ягонаи молу сармоя зуҳур мекунад. Сармоягузорони хориҷии эҳтимолӣ бозори минтақавиро чун як чизи воҳид тасаввур менамоянд, барои онҳо Осиёи Марказӣ чун бозори умумӣ ҷаззобият дорад.

Ҳамгироии иқтисодӣ метавонад ба омили қавии рушди устувори иқтисодии минтақа мубаддал гашта, барои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва боло бурдани некӯаҳволии мардум мусоидат намояд. Чуноне ки аз гузориши СММ дар бораи рушди инсон дар минтақа бармеояд, фақат аз байн бурдани монеаҳои сунъии ба миён омада метавонад маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои Осиёи Марказиро 50 фисад боло бибарад. Аз ин лиҳоз, Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори таҳкими равобит, тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд байни кишварҳои минтақа буду ҳаст.

Таҳкими равандҳои мусбат дар Афғонистон барои ҳамкории минтақавӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои дарозмуддати коммуникатсионӣ ва ҳамлу нақл, ки имкони вуруд ба бандарҳои баҳриро муҳайё месозанд, шароити мусоид фароҳам меорад. Шохроҳҳои наве, ки бисёрвариантӣ буда, масиру гузаргоҳҳои Роҳи бузурги абрешимро эҳё менамоянд, шабакаи ягонаи ба ҳам пайванди коммуникатсиониро танзим

намуда, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ имконоти васеи расидан ба бозорҳои навро фароҳам меоранд. Тоҷикистон имкон дорад, ки ба маркази ҳамлу нақли байналмилалӣ, ки Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро бо минтақаи сареъ рушдёбанда – Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бипайвандад, мубаддал гардад. Соли 2004 мо роҳи автомобилгарди Душанбе-Хоруғ-Қулмаро ба истифода додем, ки он ба шоҳроҳи Қароқурум баромада, Тоҷикистонро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳонид ва минтақаро бо Покистон ва Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёву Уқёнуси Ором пайванд дод ва тиҷорати минтақавиро нерӯи тоза бахшид. Ҳоло мо пружаҳои нави сохтани шоҳроҳҳои трансмиллиро аз қабили роҳи оҳани Қашғар-Саритош-Ҷиргатол-Душанбе-Панҷи Поён-Қундуз-Ҳирот-Машҳад, шоҳроҳи автомобилӣ бо айни ҳамин масир, ки Тоҷикистонро бо Афғонистону Покистон ва Эрону Ҳинд пайванд бахшад, баррасӣ мекунем. Дар ин росто қобили зикр аст, ки байни Афғонистону Тоҷикистон мо пулҳои зиёд бунёд менамоем, ки аз онҳо се пул дар истифода қарор доранд ва пули стратегии Панҷи Поён-Қундуз бо кӯмаки ИМА идома дорад, ки ҷузъи ҷудонопазири шоҳроҳи трансафғонӣ хоҳад шуд.

Самти дигари ояндадори ҳамкориҳои минтақавӣ, ба ақидаи мо, татбиқи ҳадафмандонаи истифодаи босамараи захираҳои об ва имконоти энергетикии Осиёи Марказӣ аст. Минтақаи мо аз лиҳози бойигариҳои табиӣ минтақаи сарватманд аст, ки дар он яке аз ҷойҳои аввалро захираҳои оби нӯшокӣ ишғол намуда, барои иқтисодиёт, инсон ва муҳити зист аҳамияти ҳаётан муҳим доранд. Вале манбаъҳои он номутаносиб ҷойгир шудаанд. Қисмати бузург, яъне 90 фисади онҳо аз Тоҷикистону Қирғизистон сарчашма мегиранд. Аз ин миқдор тақрибан 60 фисади онҳо ба кишвари мо рост меояд ва мо аз лиҳози маҷмӯи ҳаҷми захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон ҷойи 8-умро ишғол менамоем, ки потенсиали солонаи он 527 миллиард киловатт-соат аст. Тоҷикистон дар ояндаи наздик метавонад ба содиркунандаи бузургтарини барқ дар минтақа мубаддал гардад. Дар ин росто мо бо ширкати Федератсияи Русия, ИМА, Чин ва Эрон пружаҳои бузургеро ҷиҳати бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ, ҳамчунин хатҳои интиқоли барқ амалӣ менамоем, ки онҳо дорои аҳамияти милливу минтақавӣ буда, дар оянда имкон хоҳанд дод, ки як теъдод кишварҳои минтақа мисли Афғонистон, Эрон, Покистон ва Ҳиндустон бо нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза таъмин карда шаванд. Мо аллакай имрӯз пружаи хатти

интиқоли баркро дар масири Тоҷикистон-Афғонистон-Покистон ва Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон баррасӣ намуда, барои татбиқи он дар ояндаи наздик замина мегузорем.

Мисоли таъмини Осиёи Марказӣ бо обу барқ возеҳан нишон медиҳад, ки на кӯшишҳои худтаъминкунӣ, балки фақат ҳамгироии ҳамаи кишварҳои минтақа дар фазои умумии иқтисодӣ масъалаи рушди устуворро чӣ дар сатҳи кишварҳои алоҳида ва чӣ минтақа ҳаллу фасл хоҳад кард.

Бо назардошти аҳамияти масъалаи об ва табиати глобалии он Тоҷикистон қарор кард, ки таваҷҷӯҳи аҳли ҷомеаи ҷаҳониро ба он ҷалб намояд. Имрӯз ғайрикофӣ будани об дар минтақаҳои гуногун ба тарзҳои мухталиф зоҳир мегардад.

Такрибан шашяки аҳолии кураи Замин ба оби мусаффо дастрасӣ надорад, сеяки он бошад – ба об барои мақсадҳои хоҷагӣ. Агар тарзи таъмини об тағйир наёбад, соли 2025 ҳар як одами сеюми сайёра танқисии обро эҳсос хоҳад кард. Бо назардошти ин нуқтаҳо СММ бо ташаббуси Тоҷикистон соли 2003-ро Соли байналмилалии оби тоза эълон намуд. Баъдан дар идомаи он мо пешниҳоди эълон намудани солҳои 2005-2015 чун Даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт»-ро манзур намудем, ки он бо қарори иҷлосияи 58-уми Ассамблеяи Генералӣ тасдиқ карда шуд.

Аҳамияти ин ташаббусро қабл аз ҳама мо дар он мебинем, ки об чун манбаи ҳаётан зарурии инсоният, чун омили муттаҳидкунанда, сулҳофаранда ва ҳамкории мутақобилан судманд хидмат намояд.

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Имрӯз минтақаи Осиёи Марказӣ чун минтақаи бузургтаре, ки мову шуморо дар бар мегирад, имконоти васеи густариши ҳамкориро дорост. Барои кишварҳои он роҳҳои навини тиҷорат ва роҳ ёфтан ба бозорҳои ҷаҳонӣ кушода мешаванд.

Яке аз омилҳои мусоиди он ҳамсоягӣ бо кишварҳоест, ки иқтисоди сареан рушдёбанда доранд ва дорои қаробати забониву таърихӣ ва фарҳангӣ ҳастанд. Табиист, ки дар байни онҳо Ҳиндустон мақоми хоса дорад. Мо онро баланд арзёбӣ менамоем ва аз имкони эҳёву рушди равобит бо кишвари шумо бо қадрдонӣ истифода хоҳем кард. Ҳоло дар харитаи сиёсии ҷаҳон Ҳиндустон мақоми кишвареро дорост, ки нерӯи худро торафт таҳвият мебахшад, соҳибқудрат ва обрӯманд мебошад.

Мо шоҳиди рушди босуръати кишвари шумо ҳастем, комёбиҳои мутахассисини шуморо дар соҳаҳои технологияи пешрафта ва барномаҳои компютерӣ баланд арзёбӣ мекунем ва шайдои таърих, фарҳанг ва тамаддуни кӯҳан ва волои шумо ҳастем.

Алалхусус ман баҳои баланди мавқеи пайгирона ва ҳадафмандонаи кишвари шуморо дар муборизa бар зидди нерӯҳои аҳримании терроризм ва экстремизм қайд карданӣ ҳастам. Моро дарки амиқи зарурати муборизаи беамон бо ин хатари глобалӣ ба ҳам меорад, чунки мардумони кишварҳои мо зиёдтар аз кишварҳои дигар аз ин бало зарар дидаанд. Тасодуфӣ нест, ки дар ин ҷода мо ҳамкории хубу босамар дорем.

Кишварҳои мо барои рушди равобит дар заминаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ имконоти зиёд доранд. Намунаи возеҳ ва неки он муаррифии осори ду фарзанди бузурги кишварҳои дӯсти мо – Робиндранат Тагор ва Бобоҷон Ғафуров мебошад. Ин амри хайр бо талошу ихлоси муҳаққиқони ду кишвар анҷом гирифтааст ва баёнгари дӯстӣ ва ҳамкориҳои таърихии халқҳои мост. Ин ҳамкории васеъ ва мутақобилан судманди Тоҷикистону Ҳиндустон ҷавобгӯи манфиатҳои мардумони мо, суботу истиқрор ва пешрафт аст. Ман мутмаинам, ки натиҷаҳои ин сафар ба кишвари зебои шумо барои рушду густариш ва тавсеаи муносибатҳои мо такони тозае хоҳанд бахшид. Дар хотима бароятон самимона комёбиҳоро таманно менамоям.

**Ташаккур.**

## РОҲСОЗИВУ РОҲКУШОӢ – НИШОНАИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН

## СУХАНРОНӢ ДАР ҶАМЪОМАДИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА ИФТИТОҲИ БУНЁДИ НАҚБИ МОШИНГАРДИ ШАҲРИСТОН

22 августи соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони арҷманд!**
**Роҳсозони мӯҳтарам!**

Шуморо ба муносибати оғози сохтмони нақби Шаҳристон, ки дар баробари ҷанубу шимоли Тоҷикистонро ба ҳам пайваст намудан, дорои аҳамияти муҳиму стратегӣ буда, дар ояндаи наздик ба роҳи транзити байналмилалӣ табдил дода хоҳад шуд, табрик менамоям.

Воқеан, калимаи «роҳ» дар фарҳангҳои тафсирӣ ба маънои «ростӣ» низ меояд ва ибораҳои «роҳи рост» ва «роҳи сафед», ки асосан покиву накӯкорӣ ва дуои некро ифода месозанд, дар адабиёти фарҳангофарину тамаддунсози тоҷикон собиқаи чандинҳазорсола дорад. Бинобар ин, роҳсозиву роҳкушоӣ дар ҳама давру замон нишонаи рушди мамлакат, пайвандгари фарҳанг ва маданияти ҳамон насл ба ҳисоб меравад.

Маҳз бо дарназардошти масъалаи аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ додани Тоҷикистон, мо бунёду сохтмон ва таҷдиди роҳҳо, туннелу пулҳоро яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумат қарор додем, ки ба ин восита на танҳо равобити нақлиётии дохили кишвар, балки ҳаракати автомобилии байналмилалиро тавассути қаламрави кишварамон таъмин намоем.

Давлат ва Ҳукумат дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бо мақсади рушди соҳаи нақлиёт як қатор

лоиҳаҳои инвеститсиониро татбиқ намуда, танҳо дар солҳои 2006-2008 беш аз 1,5 миллиард сомонӣ маблағ пешбинӣ намудааст.

Имрӯз бо шурӯъ шудани корҳои сохтмонӣ дар нақби Шаҳристон, хатми корҳои асосии нақби «Истиқлол» ва таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе-Айнӣ-Истаравшан-Хуҷанд-Бӯстон-Чанак ба шабакаи ягонаи коммуникатсионӣ табдил ёфта, ҳаракати корвони мошинҳои сабукраву боркаш дар тамоми фаслҳои сол бо пойтахт ва вилояти Суғд таъмин мегардад.

Нақби мазкур дар баробари нақбҳои «Истиқлол», Шаршар ва Чормағзак барои Тоҷикистон аҳамияти бузурги стратегӣ дошта, кишвари моро бо шоҳроҳҳои муҳимтарини Осиёи Миёна, Чин, Афғонистон, Эрон, Покистон ва Аврупо пайваст менамояд.

Чанде пештар бо ҳамроҳии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод ба муносибати хатми корҳои асосии нақби «Истиқлол» ширкат намуда, изҳор карда будам, ки нақби Анзоб вокеан ба дарвозаи тиллоии асри оянда ва рӯзгори ободи Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил хоҳад ёфт.

Лоиҳаи сохтмони нақби Шаҳристон ду моҳ қабл аз ин дар асоси Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ба имзо расид ва аз ҳисоби қарзи давлати Чин, ки барои рушди соҳаи коммуникатсия пешниҳод гардида буд, сурат мегирад.

Нақби мазкур аз қисмати ҷануб дар баландии 2760 метр ва аз қисмати шимол 2640 метр аз сатҳи баҳр сохта мешавад.

Тибқи лоиҳаи таҳия ва қабулшуда арзиши сохтмони нақби Шаҳристон 175 миллион сомонӣ ва дарозияш зиёда аз 5 километр мебошад.

Ғайр аз ин, дар дохили нақб барои ҳолатҳои садамавӣ ва таъмини бехатарии ҳаракати мошинҳо 10 майдончаи истгоҳи нақлиёт бунёд карда мешавад.

Мӯҳлати ба истифода додани ин иншооти бузург 31 моҳ, яъне то моҳи августи соли 2009 пешбинӣ шуда, бо азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе-Айнӣ-Истаравшан-Хуҷанд-Бӯстон-Чанак анҷом меёбад. Дар марҳилаи бунёди туннел ва азнавсозии роҳи зикршуда зиёда аз ду ҳазор нафар шаҳрвандамон соҳиби ҷойи кор ва маоши хуб мегарданд.

Чуноне ки зикр карда будем, баъди ба истифода дода шудани нақби мошингарди «Истиқлол» роҳи Душанбе-Хуҷанд 30 километр кӯтоҳ ва ҳаҷми умумии хароҷоти ҳамлу

нақли молу маҳсулот, инчунин омадурафти мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ дар як сол зиёда аз 15 миллион сомонӣ кам мешавад.

Бо кушодашавии нақби Шаҳристон бошад он боз камтар шуда, мӯҳлати ҳаракати мошинҳои сабукрав 6 соат ва мошинҳои боркаш аз Душанбе то Хуҷанд қариб як шабонарӯз кӯтоҳ мегардад.

Бо дарназардошти он ки роҳи Душанбе-Айнӣ-Истаравшан-Хуҷанд-Бӯстон-Чанак яке аз шоҳроҳҳои асосии Тоҷикистон ба шумор меравад ва пас аз пурра ба истифода дода шудан тавассути он ҳамлу нақли молу маҳсулот ва омадурафти мусофирон чандин маротиба меафзояд, ҳамчунин тиҷорату соҳибкорӣ ва додугирифти субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамаҷониба густариш хоҳанд ёфт.

Гузашта аз ин, дар ояндаи наздик дар ин шабакаи воҳиди коммуникатсионӣ иншооти хизматрасониву алоқа низ сохта мешавад, ки ҳам ба суди давлат ва ҳам ба манфиати мардум буда, сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии дар ду тарафи роҳи мазкур ҷойгирбударо баланд мебардорад.

Зикр бояд кард, ки корҳои асосии сохтмони нақби Шаҳристонро Корпоратсияи «Роуд энд бриҷ»-и Чин ба зимма гирифта, он ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ хоҳад шуд.

Махсусан дар солҳои охир равобити кишвари мо бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамаҷониба густариш ёфта, ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар сатҳи баланди якдигарфаҳмӣ қарор доранд.

Ба ибораи дигар ташбеҳ намоем, зарбулмасали тоҷикии «ҳамсоя дасти ҳамсоя мегирад» дар амал татбиқ шуда истодааст.

Ман шахсан аз номи худ ва халқи шарифи тоҷик ба ин иқдомоти созандаи кишвари дӯсту ҳамсояи бузурги шарқиямон Ҷумҳурии Мардумии Чин изҳори сипос менамоям ва итминони комил дорам, ки дар оянда низ равобити судманд ва ҳамкориҳои самарабахши Тоҷикистон бо Чин дар тамоми соҳаҳо густариш хоҳанд ёфт.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Соли 2006-ум барои миллати тоҷик соли тақдирсоз мебошад. Махсусан ҷашнҳои бузурги милливу давлатӣ, аз ҷумла 15-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700- солагии шаҳри

Кӯлоб ва таҷлили Анҷумани навбатии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон торафт наздик мегарданд.

Мақсади асосии мо аз таҷлили ин ҷашнҳои бузурги сиёсиву фарҳангӣ, қабл аз ҳама таҳкими ваҳдату ягонагӣ, худогоҳиву худшиносии миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастӣ ва махсусан ифтихор аз арзишҳои тамаддуни чандинҳазорсолаи миллати тамаддунофарини тоҷик мебошад.

Имрӯз бо нияти бунёд кардан ва шурӯъ гардидани корҳои сохтмонӣ дар пойгоҳи нақби Шаҳристон ҷамъ омадани мутахассисону роҳсозон, нақбканону сохтмончиён ва мардуми зиёде низ ба хотири ободии Тоҷикистон аст.

Аз ин рӯ, марому ҳадафи сиёсати кунунии давлату Ҳукумати Тоҷикистон вусъат додани корҳои бунёдкориву созандагӣ буда, бояд ҳар як фарди баору номус барои обод шудани Ватани азизамон хидмати арзандаи худро гузорад, то ки барои наслҳои минбаъда шароити хубу мусоидро фароҳам оварад.

Пас аз ба истифода додани нақбҳои «Истиқлол»-у Шаҳристон, Шаршару Чормағзак ва шоҳроҳҳои асосии кишвар ҷумҳурии мо пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ меёбад. Бинобар ин, бояд мардуми шарафманди тоҷик даст ба даст дода, баҳри шукуфон шудани Тоҷикистон сидқан ва софдилона хизмат намоянд.

Итминони комил дорам, ки дар оянда низ бо азму иродаи қавӣ ва пуштибонии мардуми меҳнатдӯсту заҳматписанди тоҷик аз ӯҳдаи татбиқи нақшаҳои азими иншооти коммуникатсионӣ ва созандаи худ ба музаффариятҳои бузург муваффақ хоҳем шуд.

Бигузор ин нақб роҳи пайвандгари дилҳо ва марзҳои ягонагиву ваҳдати комили Тоҷикистон бошад!

Бори дигар шуморо бо оғози сохтмони ин иншооти бузурги коммуникатсионӣ табрик гуфта, бароятон кушоиш ва барори кор орзумандам.

**Ҳамеша хонаободу сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз ва меҳмонони гиромӣ!**

## БИНОИ НАВИ МАКТАБ – АРМУҒОНИ ҶАШНӢ

## СУХАНРОНӢ
## ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ БИНОИ НАВИ МАКТАБИ МИЁНАИ №53-И НОҲИЯИ ҒОНЧӢ

22 августи соли 2006

**Омӯзгорони гиромӣ!**
**Фарзандони азиз!**
**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Шуморо қаблан ба муносибати ҷашнҳои 15-солагии Истиқлолият, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб табрик менамоям ва ин бинои нави мактаб, ки ҳоло ифтитоҳ шуд, бароятон ҳамчун тӯҳфаи идонаи Сарвари давлат тақдим мегардад.

**Инчунин ба ҳамаи шумо ин армуғони ҷашнӣ ва оғози соли хониши навро, ки ба он рӯзҳои башумор мондааст, муборакбод мегӯям.**

Тавре ки шумо хуб медонед, давлату Ҳукумати Тоҷикистон рушди соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати худ эълон кардааст.

Дар доираи татбиқи ин сиёсат дар сартосари мамлакат баланд бардоштани сифату самараи таълиму тарбия ва дар чаҳорчӯбаи созандагиву бунёдкорӣ сохтмон ва таъмиру азнавсозии биноҳои муассисаҳои таълимӣ, инчунин беҳбудии шароит ва таъминоти онҳо бо воситаҳои техникаи ҳозиразамони компютерӣ дар назар дошта шуда, тадриҷан амалӣ карда мешаванд.

Дар натиҷаи таваҷҷӯҳи пайвастаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ҳоло дар қаламрави вилояти Суғд сохтмони мактабҳои нав ва синфхонаҳои иловагӣ тадриҷан вусъат меёбанд.

Ҳоло дар маҷмӯъ дар ҳудуди вилоят бунёди 10 бинои нави мактаб ва дар 22 мактаби дигар сохтмони 164 синфхонаи иловагӣ ба нақша гирифта шуда, пайдарпай сохта ба истифода дода мешаванд.

Илова бар ин, бо маблағҳои аз Фонди захиравии Президент ҷудогардида танҳо соли ҷорӣ 18 бинои мактабҳои қаламрави вилоят таъмиру тармим карда шуданд.

Маҳз ба шарофати чунин ғамхории давлат шумо имрӯз соҳиби бинои нави мактаби дорои тамоми шароитҳои зарурӣ гаштед, ки шояд солҳо дар орзуяш будед.

Он бо дарназардошти басо фарсуда гардидани бинои қаблии мактаб ва дар муассисаҳои таълимии маркази ноҳияи Ғончӣ бинобар афзоиши шумораи хонандагон ва нарасидани ҷойи нишаст аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ дар муддати шаш моҳ сохта, ҳоло ба истифодаи шумо гузошта мешавад.

Минбаъд дар ин бино дар баробари толибилмони мактаби миёнаи №53, инчунин аз ҳисоби хонандагони мактабҳои рақамҳои 1 ва 16 дар ду баст 450 нафар таҳсил менамоянд.

Бояд гуфт, ки дар ноҳияи Ҷаббор Расулов низ имрӯз айнан чунин бинои нави мактаб ба истифода дода мешавад ва мо дар ифтитоҳи он иштирок хоҳем кард.

**Ҳадафи аслии мо аз фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои таҳсили шумо – насли наврас аз он иборат аст, ки ҳамааатон соҳиби дониши мукаммал, забондон, аз дастовардҳои илму техникаи муосир бархурдор ва бо омӯзиши касбу кор ва ихтисосҳои гуногун дар ободсозӣ ва тараққиёти Ватани азизи худ омода бошед.**

**Зеро ояндаи Тоҷикистон дар дасти шумо хоҳад буд.**

Боиси қаноатмандист, ки бо дарки ин воқеият шумораи донишҷӯёни мактабҳои олии мамлакат аз ҳисоби хатмкунандагони вилоят тадриҷан меафзояд.

Соли гузашта аз вилоят дар маҷмӯъ беш аз 6 ҳазор нафар, аз ҷумла 2345 нафар духтарон ба донишгоҳу донишкадаҳо дохил шуданд, ки ин нисбат ба соли 2004-ум мутаносибан 455 ва 187 нафар зиёд мебошад.

Имсол тибқи квотаи байнидавлатӣ 50 нафар хатмкунандагони мактабҳои вилоят ба донишкадаҳои олии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дохил шуданд.

Барои рушди соҳаи маорифи вилоят дар баробари афзун гардидани маблағгузории буҷетӣ дар соли ҷорӣ ва соли

2007-ум аз ҳисоби грантҳои хорӣ беш аз 20 миллион сомонӣ маблағҳои иловагӣ ҷудо карда мешаванд.

Мо барои соҳибмаълумот ва соҳибихтисос шудани шумо тамоми имкониятҳо ва шароитҳоро фароҳам меорем.

Вале рисолати имрӯзаи шумо танҳо ва танҳо хуб таҳсил кардан ва дӯст доштану муқаддас донистани Ватани аҷдодии худ аст.

**Бо ҳамин умед ба шумо бори дигар ифтитоҳи бинои нави мактабро муборак гуфта, хониши хубу аъло орзумандам.**

**Саломат бошед!**

# АЗ САБАҚҲОИ БУЗУРГИ ТАЪРИХӢ ИСТИФОДА НАМОЕМ

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ ОСОРХОНАИ ВИЛОЯТӢ ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД

23 августи соли 2006

**Ҳозирини мӯҳтарам!**
**Дӯстони азиз!**

**Ҳамаи шуморо қаблан бо понздаҳумин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, ки мо ҳоло дар остонаи таҷлили онҳо қарор дорем, табрик намуда, ифтитоҳи осорхонаи таърихиро ба тамоми сокинони вилояти Суғд муборакбод мегӯям.**

**Дар арафаи ин ҷашнҳои бузурги миллиамон сохта ба истифода додани бинои нави осорхонаи вилоятӣ, ки воқеан муаррификунандаи мероси гаронбаҳои таърихии миллати тамаддунсози мост, шаҳодати дар амал татбиқ гардидани сиёсати фарҳангии давлат ва ҳадафҳои созандагиву бунёдкорӣ мебошад.**

Осорхонаи таърихӣ, ки ҳоло дари онро барои ҳама боз намудем, ба умеде бунёд шуд, ки сокинони вилояти Суғд аз тариқи он бо таърихи кӯҳани миллатамон аз наздик ошно гарданд. Зеро огоҳӣ аз рӯзгори қадими халқи худ, ворид гардидан ба саҳифаҳои пурифтихори созандагиву қаҳрамониҳои фарзандони сарсупурдаи миллат омили пуриқтидори тарбияи мардум дар рӯҳи ватандӯстиву худшиносӣ мебошад.

Ба шарофати имкониятҳои бузурги замони истиқлолият дар понздаҳ соли таърихи навинамон мо тавонистем ҳазорҳо саҳифаҳои пурмазмуни таърихамонро аз нав рӯшан созем ва ба таваҷҷӯҳи ҷомеа расонем.

**Хусусан шиносоӣ бо таърихи давлатдории Сомониён ҳисси ифтихори миллии мардуми Тоҷикистонро дар давраи ниҳоят пурҳассосу фоҷиабор боло бурда, ба ваҳдат, сулҳу субот ҳидоят кард ва ба мо дар ободсозии Ватани ачдодиамон қудрати бузурги созандагӣ бахшид.**

Мо минбаъд низ кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки барои устувор гардидани ҳисси ифтихор аз ватану ватандорӣ ва умеди мардум ба ояндаи дурахшони мулки тоҷикон аз ҳамаи омилҳои ақлонӣ, аз ҷумла аз сабаҳҳои бузурги таърихӣ истифода намоем.

Дар ин бобат истифодаи имкониятҳои осорхонаҳои таърихӣ хеле муфид аст. Бо дарназардошти ин, Ҳукумати Тоҷикистон солҳои охир дар маркази вилоятҳо ва дигар шаҳру ноҳияҳо даҳҳо осорхонаҳои навро сохта ба истифода дод, ки ҳоло дар хизмати мардуми кишвар ва сайёҳону меҳмонони хориҷӣ қарор доранд.

Бунёди осорхонаи таърихии вилояти Суғд, ки ҳанӯз дар даврони шӯравӣ макони муайян надошт ва мудом аз як ҷой ба ҷойи дигар кӯчонида мешуд, дар ҳаёти фарҳангии вилоят ва ҳамчунин мамлакат рӯйдоди назаррас аст.

Мо хуб медонем, ки асосгузори ин осорхона яке аз фидоиёни таърихи миллатамон, зиёии асил Ҳоҷӣ Мирзохӯҷа Мирсобиров буд, ки соли 1926-ум аз ҳисоби маблағҳои худ ва ашёҳои таърихии ҷамъкардаи хеш ба таъсиси ин осорхона замина гузоштааст.

Бо дарназардошти аҳамияти ҳаётӣ ва бо мақсади бунёди чунин як муассисаи бузурги фарҳангӣ мо зарур донистем, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷет ва Фонди захиравии Президенти мамлакат дар маркази вилоят аз рӯйи лоиҳаи махсус бинои мазкури осорхонаи таърихиро бунёд намоем.

Дар шафати Қалъаи қадимии Хуҷанд ҷой гирифтани Осорхонаи нав хусусияти рамзӣ дорад. Зеро ин қалъа муҳофизатгоҳи қаҳрамони миллати тоҷик – Темурмалики шуҷоъву далер мебошад, ки барои ҳимояи Ватани худ дар ин ҷой камин гирифта, ба муқобили ачнабиён аз худ диловариҳои бесобиқа зоҳир кардааст.

Дар баробари ин ёдгории таърихӣ Осорхонаи вилоят имрӯз дорои зиёда аз 18 ҳазор экспонат буда, ба маърази тамошобинон гузошта шудааст, ки ҳар яки он собиткунандаи таърихи пурғановати миллати тоҷик мебошад.

Мардуми бошарафи вилояти Суғд ва ҳамаи меҳмонони он акнун имкони густурда пайдо карданд, ки тавассути тамошои ин осорхонаи замонавӣ аз таърихи кӯҳан ва

саҳифаҳои пурарзиши миллатамон маълумот ва таассуроти нек ҳосил намоянд.

Борҳо таъкид доштаем, ки мақсади асосии мо аз рӯй овардан ба таърихи кӯҳани халқи худ ба хештаншиносиву худогоҳии миллӣ ҳидоят намудани наслҳои имрӯзу ояндаи Ватани азизамон аст. Зеро шахсе, ки аз таъриху фарҳанги миллати худ огоҳ аст, дорои ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори миллӣ гардида, ҳамеша дар талоши ободсозии Ватани худ мешавад.

Умедворем, ки осорхонаи мазкур дар оянда дар ин ҷода нақши муассир мебозад ва кушодашавии онро бори дигар ба ҳамааатон табрик мегӯям.

**Саломату сарбаланд бошед!**

# АРЗИШҲОИ ОРИЁӢ ДАР ТАМАДДУНИ ҶАҲОНӢ

## ЧАНД АНДЕШАИ ДИГАР ДАР ОСТОНАИ ҶАШНИ СОЛИ БУЗУРГДОШТИ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

29 августи соли 2006

Иттиҳоди ягонаи қавмҳои ориёӣ, тақрибан дар ҳазорсолаи сеюми пеш аз милод, ба ду шоха, яъне ориёиҳои ҳиндӣ ва ориёиҳои эронӣ ҷудо шуд. Баъд аз ҳазорсолаи дуюми пеш аз милод қавмҳои ориёии эронӣ пас аз муҳоҷират аз нахустин сарзаминҳои сукунати хеш ба сарзаминҳои паҳновар ва бо иқлими барои чорводорӣ ва кишоварзӣ муносиби воҳаҳои Хоразм, Суғд, Марв, Бохтар, Ҳирот, водии Кобул, Гургон, Ҳилманд ва дигар ноҳияҳои шарқи Ориё, ки дорои обҳои фаровон ва заминҳои ҳосилхез буданд, пароканда шуда, ин сарзаминҳоро макон ва ватани ҳамешагии худ қарор доданд. Зикри сарзаминҳои ориёӣ дар бахши аввали китоби Вандидод дар тартиби махсус бо ишора ба мансубияти ҷуғрофии ҳар яке аз ин минтақаҳо ба қавмҳои ориёии шарқӣ омадааст.

Пас аз муҳоҷирати гурӯҳе аз қавмҳои ориёӣ ба ғарб ва ё сарзамини Эрони кунунӣ ориёиҳои эронӣ ба шохаҳои шарқӣ ва ғарбӣ ҷудо шуда, ҳамин тариқ мардумони ориёии мод ва порс дар ғарби Эрон барои ҳамешагӣ сукунат ихтиёр намуда, ин кишварро ватани дигари хеш қарор доданд. Аз ҳамин давра ҳудуди ҷуғрофии сарзаминҳои ориёӣ дар қисмати ғарб - дар маркази тамаддунҳои қадими Шарқ вусъат пайдо кард. Замони ворид шудани қавмҳои ориёии мод ва порсро ба сарзамини Эрони кунунӣ метавон давраи нахустини шинохти ориёиҳо дар миёни милали дигари Шарқи қадим донист. Куҳантарин маълумот дар бораи ду қавми ориёии мод ва порс ба қарни IX пеш аз милод, бо зикри онҳо дар осори ошурӣ иртибот дорад. Дар навиштаҳои шоҳи Ошур

Салмансари III (солҳои 859-824 пеш аз милод) модҳо ва порсҳо ба шаклҳои «омодаи» ва «парсуа» зикр шуда, аз сукунати онҳо дар ин минтақа ёд гардидааст. Бинобар ин манбаи ошурӣ ориёиҳои моду порс нахуст дар ноҳияҳои шимоли ғарб ва қисматҳои ғарби Эрон сокин будаанд. Ин мардумон баъдан ба ҷануб ворид шуда, давлатҳои мустақили худро ташкил додаанд, ки яке давлати Мод ва дигар давлати Ҳахоманишиён мебошад.

Қавмҳои гуногуни ориёии шарқӣ бо таъсиси давлати Мод ва Ҳахоманишиён вориди таърих гардида, бархе аз ин сарзаминҳо нахуст ба давлати Мод ва дар замони Ҳахоманишиён ба ин шоҳаншоҳӣ вобаста шуданд. То ин замон сарзаминҳои шарқи Ориё, чун Бохтар, Суғду Фарғона ва Хоразм бо доштани ҳудудҳои марзӣ мустақил буданд.

Пас аз шикасти шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ аз ҷониби Искандари Мақдунӣ шарқи Ориё ба тасарруфи давлати Юнону бохтарӣ ворид шуда, мардумон ва кишварҳои ин сарзамин замони тӯлонӣ таҳти нуфузи тамаддуни юнонӣ қарор гирифтаанд. Баъд аз таназзули давлати Юнону бохтарӣ дар асри II пеш аз милод Бохтар ва Суғд ба давлати Кушониён шомил гардиданд. Бо гузашти чанд аср Кушониён Хоразмро низ ба тасарруфи худ медароранд. Аммо дар ин давра мардумони шарқи Ориё, новобаста аз таъсири тамаддунҳо ва фарҳангҳои дигар, ҳамеша арзишҳои забонӣ, фарҳангӣ ва суннатҳои маҳаллии худро дар чунин бархӯрди тамаддунҳо ҳифз намудаанд.

Таърихи таъсиси нахустин ва қадимтарин ҳукуматҳои ориёӣ маълум нест. Аммо бинобар яке аз куҳантарин сарчашма - китоби Авесто мардумони ориёӣ ҳанӯз то замони Зардушт дорои ҳукуматҳои маҳаллӣ буда, шоҳони онҳо дар достонҳо ва таърихномаҳои ориёӣ зикр ва мавриди ситоиш қарор гирифтаанд. Нахустин ҳукуматҳои маҳаллии ориёӣ, бинобар ривоятҳои асотирӣ, ки ба даврони қабл аз таърих мансубанд, бо номҳои Пешдодиён ва Каёниён шинохта шудаанд. Ин ҳукуматҳои ориёӣ ба сарзаминҳои шарқи Ориё иртибот доранд. Куҳантарин манбаъ дар бораи Пешдодиён ва шоҳони пешдодӣ Авесто мебошад. Номи Пешдодиён дар даврони Сосониён баргардони истилоҳи авестоии «парадота» буда, аз ҳамин замон ин шоҳони асотирӣ дар суннати паҳлавӣ ва аз паҳлавӣ ба достонҳои «Шоҳнома» ворид мешаванд. Бар асоси ривояти паҳлавӣ бунёдгузори сулолаи Пешдодиён Ҳушанг (дар Авесто Ҳаушангҳа) будааст. Ҳама шоҳони

пешдодӣ, ки дар достонҳо ва ривоятҳои ориёӣ зикр шудаанд, шахсиятҳои асотирӣ мебошанд.

Силсилаи дигари сулолаи шоҳони ориёии шарқӣ Каёниён буда ва ин шоҳон дар суннати куҳани ориёӣ унвони «кавйа»-ро (дар Авесто «кавай») ба худ доштаанд, ки он дар осори паҳлавӣ ба гунаи «кавӣ», дар «Шоҳнома» ва осори дигар ба шакли «кай» маълум аст. Истилоҳи «кавӣ» ё «кай» дар миёни ориёиҳои шарқӣ, бинобар шарҳи донишмандон, ба маънои сарвар ва ё раиси қабила ба кор мерафтааст. Ин табақа ҳамчун пешвои дин дар иҷрои фароизи динӣ масъул буда ва ҳамзамон дар мақоми сарвари қабила қарор доштааст. Мақоми «кай» ва ё «каён» ҳамчун шоҳ бар асоси достонҳои қаҳрамонии ориёӣ ба пайдоиш ва таҳкими ҳукуматҳои каёнӣ иртибот дорад, ки ин воқеиятро ковишҳои бостоншиносӣ дар воҳаҳои Марв, Бухоро, Хоразм ва дигар минтақаҳои шарқи Ориё дар мавриди зиндагии шабеҳ ба шаҳрнишинии ин мардумон таъйид менамояд. Дар ҳар сурат, тартиби ҳукумати ин шоҳони каёнӣ бар асоси суннати авестоӣ ва паҳлавӣ чунин аст: Кайи Кавод, Кайи Аливаҳ, Кайи Ковус, Кайи Аршан, Кайи Пишин, Кайи Биярш, Кайи Сиёвуш, Кайи Хусрав ва Кайи Гуштосп. Гуштосп охирин шоҳи каёнӣ аз хонаводаи Каёниён буда, шахсияти таърихии ӯ дигар силсилаи Каёниёнро воқеияти таърихӣ бахшидааст.

Таърихи асотирӣ ва нимасотирии шоҳони каёнӣ дар замони Ашкониён бар асоси ривоятҳо ва афсонаҳо гирдоварӣ шуда ва дар аҳди Сосониён танзим ва китобат гардидааст. Ҳамин тариқ, таърихи Каёниён аз тариқи осори паҳлавӣ дар ғарби Эронзамин маъруфияти бештар пайдо кардааст. Дар баробари унсурҳои асотирӣ дар достонҳои Каёнӣ унсурҳои таърихӣ низ ҳифз шудаанд, ки онҳо як давраи таърихи иттиҳоди қавмҳои ориёиро дар шарқи Ориё то замони Кайи Гуштосп дар Бохтар фаро мегирад. Бар асоси маълумоти манбаъҳои юнонӣ ва осори бостоншиносӣ метавон ба ин натиҷа расид, ки ҷуз давлати Модҳо дар шарқи Ориё то замони Ҳахоманишиён давлатҳои Бохтару Хоразм ва Суғд низ вучуд доштаанд.

Давлати Хоразм, ки ноҳияҳои ҳудуди Марву Ҳирот ва минтақаҳои атрофи Модро муттаҳид мекард, аз ҷониби Куруши Кабир барҳам зада шуд. Пас аз ин шикаст ва аз даст додани сарзаминҳои ҷанубӣ хоразмиён ба сӯйи шимол ба сарзаминҳои соҳили Амударё муҳоҷират намуда ва дар он ҷо ба ҳокимияти хеш идома доданд.

Мавҷудияти давлатҳои Бохтар ва Хоразмро дар шарқи Ориё дар замони таъсиси давлати Модҳо муҳаққиқон дар асоси маводи таърихӣ таъйид кардаанд, ки имрӯз ин назар мавриди қабул қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, ҳанӯз то замони шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ дар шарқи Ориё ҳукуматҳо ва ё иттиҳоди қавмҳои ориёии шарқӣ вуҷуд дошта, маркази яке Бохтар ва дигар Ҳирот будааст.

Қабилаҳои ориёии ғарбӣ пас аз сукунат дар сарзамини Эрони кунунӣ бо дигар мардумони мутамаддин ва шаҳрнишини ошуриҳо, бобулиҳо, эломиҳо ва дигар мардумони бумии ин сарзамин дар робита қарор гирифтанд. Бо вуҷуди он, ки ориёиҳои муҳоҷир муддати тӯлонӣ мутеи ин давлатҳои нерӯманд буданд, аммо бо мурури замон қудрати сиёсиро дар як қисмати ин сарзамин ба даст оварданд. Ориёиҳои ғарбӣ дар тӯли чанд аср ба таъсиси иттиҳоди бузурги қавмҳои ориёӣ муваффақ гардиданд, ки ин иттиҳоди ориёӣ баъдан дар ташкили давлатдории онҳо нақши муҳим бозидааст. Ҳеродот аз дувоздаҳ қабилаҳои бузурги ориёӣ, ки дар он давр дар минтақаи ҷануби Эрон зиндагӣ мекарданд, ном мебарад. Дар ин ҷумла ҳам қабилаҳои мод ва ҳам порс шомиланд, ки шаш қабилаи онҳо модҳо ва шаш қабилаи дигар порсҳо будаанд. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи иттиҳоди қабилаҳои мод нахустин давлати Модҳо таъсис дода шуд, ки ин рӯйдоди таърихӣ нуфуз ва мартабаи ориёиҳоро дар миёни кишварҳои минтақа афзун ва шӯҳрати онҳоро боло бурд. Ҳамчунин таъсиси шоҳаншоҳии Мод ва бахусус ҳахоманишӣ дар оғоз ва идомаи робитаи ин кишварҳо ба шарқи Ориё ва эҳёи пайвандҳои таърихии ин мардумон нақши муҳим бозид. Баъд аз пайвасти сарзаминҳои шарқи Ориё, аз ҷумла Бохтар бештар муштаракоти суннатии ориёӣ аз шарқ ба марказҳои тамаддуни шоҳаншоҳии ориёӣ дар ғарби Эронзамин интиқол гардид. Аз он давра ба баъд сарнавишти як бахши муҳими фарҳанги ориёӣ ба ғарби Ориё ва мардумони ориёии ғарбӣ пайваст шуд.

Аз соли 550 пеш аз милод пас аз шикасти давлати Мод аз ҷониби Куруши Кабир давлати Ҳахоманишиён таъсис ёфт, ки он дар Шарқи қадим яке аз империяҳои бузург ба шумор мерафт. Ин шоҳаншоҳӣ, ки 220 сол идома дошт, кишварҳо ва мардумони гуногунро муттаҳид сохта, воқеан яке аз марказҳои бесобиқаи тамаддунҳо, фарҳангҳо, забонҳо ва оинҳову суннатҳои гуногун гардида буд. Шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ бо вуҷуди он, ки як марҳилаи нав дар таърихи давлатҳои Шарқи қадим ба шумор мерафт, унсурҳои

фаровонеро аз сохтори идории давлатҳои Ошур, Бобул, Элом ва мод ба мерос гирифта буд. Суннату анъанаҳои мардуми мод ва давлати Модҳо ҳамчун мероси муштарак ба тамаддуни ҳахоманишӣ ворид шуда, бо арзишҳои фарҳангии ин шоҳаншоҳӣ омезиш пайдо карданд. Муштаракоти наздики забонӣ, фарҳангӣ ва суннатии ин ду қавми ориёӣ аз ҷониби таърихнависони юнонӣ хеле воқеъбинона зикр ва тавсиф шудаанд. Ҳамчунон ки аз таҳлил ва таҳқиқи унвонҳои давлатӣ ва дарбории аҳди Ҳахоманишиён бармеояд, бештари унвонҳои расмӣ дар ин шоҳаншоҳӣ аз сохтори идории шоҳаншоҳии Мод ба мерос омадаанд.

Тасарруфи давлати Ҳахоманишиён аз ҷониби Искандари Мақдунӣ ба ин шоҳаншоҳии нерӯманди ориёӣ дар Шарқи наздик хотима гузошт ва дар натиҷа дар таърихи тамаддуни ориёӣ ва дигар кишварҳои минтақа давраи нав, ки бо номи эллинизм маъруф аст, оғоз гардид. Ин давра дар таърихи тамаддуни ориёӣ ҳамчун яке аз давраҳои бархурд ва робитаи тамаддунҳои бегона бо тамаддунҳои маҳаллӣ шинохта шудааст. Эллинизм дар собиқ сарзаминҳои мутеи империяи ҳахоманишӣ аз замони Искандар оғоз гардида, то ба инқирози давлати Селевкиҳо ва Юнону бохтарӣ идома пайдо кард. Бо вуҷуди таъсир ва нуфузи эллинизм дар ин кишварҳо суннату фарҳанги куҳани ориёӣ ҳам дар марказҳои шоҳаншоҳии собиқ ва ҳам вилоятҳои он ҳамчун арзишҳои маҳаллӣ дар миёни мардум маъруфият дошт.

Бо ҳамин далел дар даврони Ашкониён ва баъдан Сосониён эҳёи дубораи суннати ҳахоманишӣ оғоз гардид, ки дар ҳифзи ин арзишҳо Сосониён ҳамчун ворисони аслии Ҳахоманишиён нақши бештар доштанд. Бояд зикр кард, ки суннати аҳди сосонӣ дар мӯҳтавои худ идомабахши арзишҳои тамаддуни ҳахоманишӣ дар замони дигари таърихӣ дониста мешавад. Дар аҳди Сосониён бозгашт ба эҳёи сабки меъмории ҳахоманишӣ оғоз шуд. Ҳамин тариқ, меъмории суннатӣ бар ивази меъмории юнонӣ ривоҷ ёфта ва шаҳрҳои зиёде дар сабки меъмории суннатӣ эъмор гардиданд, ки ин равиш дар таърихи шаҳрсозӣ то ба он замон бесобиқа буд.

Дар аҳди Ашкониён, бахусус давраи аввал бо вуҷуди ҳифз ва эҳёи арзишҳои маҳаллӣ ва бозгашт ба суннати гузашта, таъсир ва нуфузи тамаддуни юнонӣ ва анъанаҳои эллинизм дар осори ин давра ҷой дошт. Ҳамин таъсир дар санъати меъморӣ ва дигар ҳунарҳои замони Сосониён низ ба мушоҳида мерасад.

Дар даврони ашконӣ, дар замони подшоҳии Меҳрдоди I миёни Шарқу Ғарб, яъне шоҳаншоҳии ашконӣ бо императории Рум ва аз ҷониби дигар бо давлати Чин робитаҳо оғоз гардиданд. Натиҷаи ин робита истифодаи роҳи корвонрав байни Чин ва сарзаминҳои императории Рум буд. Ҳамин тариқ, шоҳроҳи тиҷорат миёни Шарқу Ғарб аз кишвари Чин аз тариқи Туркистони шарқӣ ба Хуросон омада, аз Балху Марв ва Ҳамадону Тайсафун гузашта, ба ҷониби Шарқи наздик расид. Ин роҳ шоҳроҳи бузурги ҳамлу нақли мавод ва ҳамзамон роҳи иртиботи тамаддунҳову фарҳангҳои сарзаминҳои гуногун дар масири таърих ба шумор мерафт. Бар пояи чунин иртиботот ва имконот дар замони Сосониён робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо дигар сарзаминҳову кишварҳо боз ҳам густариш пайдо кард, ки инро аз осори ин давра ба хубӣ метавон мушоҳида кард.

Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки дар замони шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ ва ҳам ашконию сосонӣ сарзамини ғарби Эронзамин яке аз нуқтаҳои интиқоли тамаддунҳо ба минтақаҳои дигар, аз ҷумла ба сарзаминҳои шарқӣ маҳсуб мешуд. Аз ҳамин минтақа тамаддуни юнонӣ пас аз даврони ҳахоманишӣ ба Бохтар ва дигар сарзаминҳои шарқи Ориё убур намуда, аз ҳамин роҳ нуфузи ин тамаддун ба тамаддуни кушонӣ сурат гирифт ва он то ба ҳудуди Суғд рахна кард.

Ориёиҳои шарқӣ аз ҷумлаи суғдиён ва бохтариён - ин гузаштагони тоҷикон дар баробари ориёиҳои ғарбӣ бо арзишҳои фарҳангии хеш дар тамаддуни муштараки ориёӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ нақши сазовор гузоштаанд. Мероси таъриху бостоншиносӣ якҷо бо маълумоти манбаъҳои хаттӣ дар мисоли Авесто ва осори замони ҳахоманишӣ, сосонӣ, ҳамчунин маълумоти манбаъҳои юнониву чинӣ ва осори давраи аввали исломӣ мақоми ин мардумонро дар бунёди тамаддунҳо дар тӯли таърих ба таври возеҳ нишон медиҳанд. Осори суғдии пайдошуда аз сарзамини таърихии Суғд, ба монанди шаҳри бостонии Панҷакент, деворнавиштаҳои шаҳри қадимии Афросиёб дар наздикии Самарқанд, осори хаттии фаровон аз Туркистони Чин аз Турфон ва Дун-Ҳуан, сангнавиштаҳо аз маҳали Читрол дар шимоли Покистон ва дигар маҳалҳо баёнгари густариш ва нуфузи тамаддуну фарҳанги Суғд дар замонҳо ва қарнҳои гуногун дар ин сарзаминҳо мебошад.

Суғдиён, ки дар ҳудуди ҳазорсолаи дуюми пеш аз милод дар сарзамини хеш, яъне минтақаҳои Самарқанд ва водии Зарафшон сукунат доштанд, дар ҳазорсолаи аввали

пеш аз милод як қисмати Мовароуннаҳрро низ соҳиб шуда, дар ҳамсоягӣ ва ҳаммарзӣ бо дигар қавмҳои ҳамнажоди ориёии бохтарӣ, хоразмӣ ва қабилаҳои сакоӣ умр ба сар мебурданд. Пас аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ва ишғоли Самарқанд – пойтахти Суғд шумори зиёди ин мардум ба сӯйи шарқ ва марказҳои Чин муҳоҷират намуданд ва масири Роҳи абрешимро барои худ макон қарор доданд. Он суғдиён, ки дар ватани худ монда буданд, пас аз раҳоӣ аз тасаллути Селевкиҳо боз нуфузи иқтисодӣ ва фарҳангии худро дар минтақа барқарор намуданд. Ҳамин буд, ки суғдиён бо кишвари Чин робитаҳои бозаргониро оғоз намуда, ҳамзамон бо ин робитаҳои фарҳангиро низ ба роҳ андохтанд. Аз тариқи ин робитаҳо тамаддун ва фарҳанги мардумони ориёии шарқӣ ба сарзамини Чин роҳ пайдо кард, ки далели он кашфи осори фаровони хаттӣ аз Чин мебошад. Дар зимни ин робитаҳо дар таърихномаҳо ва солномаҳои чинӣ дар бораи Суғду Бохтар ва ободиву шукуфоии онҳо маълумот оварда шудааст, ки он барои омӯзиши робитаҳои таърихӣ ва густариши робитаҳо миёни Тоҷикистону Чин ва собиқаҳои тӯлонии дӯстии ин ду миллат дар марҳилаи кунунӣ ва дурнамои ояндаи ин робитаҳо бисёр муҳим хоҳад буд.

Кашфи осор ва навиштаҳои фаровони монавӣ, зардуштӣ, масеҳӣ ва буддоӣ дар яке аз ғорҳои Дун-Ҳуан бо номи Ғорҳои ҳазорбуддо далели чигунагии робитаи оинҳо ва тамаддунҳо дар он даврон дар сарзамини Чин мебошад. Осори суғдии маҳфуз дар ин ганҷинаи таърихӣ бозёфти нодир ва беназири бостоншиносии асри XX буда ва имрӯз ин осор якҷо бо дигар осори бадастомада аз ин маҳал дар китобхонаи миллии Париж ва музеи Британия нигоҳдорӣ мешаванд. Осори дигари суғдӣ, ки аз харобаҳои Турфон ба даст омадааст, далели густариши тамаддуни суғдӣ дар хориҷ аз сарзамини Суғд маънӣ мешавад. Ташреҳи мазмун ва мӯҳтавои ин осор аз ҷониби донишмандони аврупоӣ нақши муҳоҷирони суғдиро дар таблиғи оинҳо ва фарҳангҳову суннатҳои гуногун ва нақши забони суғдиро дар таълифи осори тамаддунҳои мухталиф ба ҷаҳониён бозгӯ менамояд. Имрӯз ин осор бо мӯҳтаво ва арзишҳои забониву фарҳангӣ ва таърихии худ ба ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамчун арзишҳои фарҳанги башарӣ ворид шудаанд.

Мардумони Суғд, сарфи назар аз нуфузи сиёсии бегонагон ва таҷовузи қавмҳои бегона, тавонистанд, ки арзишҳои фарҳангӣ ва суннатии худро ҳифз намоянд. Ҳарчанд аз қарни VI милод (тақрибан дар ҳудуди соли 560

милодӣ) Мовароуннаҳр, аз ҷумла Суғд ба дасти хонҳои турк афтода буд, аммо мардумони Суғд бо тамаддуни шаҳрнишинии худ ба ин қавмҳои бегонаи кӯчнишин таъсири амиқи фарҳангӣ гузоштаанд. Яке аз далелҳо дар мавриди ин таъсир дар асри VI милод ба сифати забони навишторӣ ва расмии туркони шарқӣ ва ғарбӣ қарор гирифтани забони суғдӣ мебошад, ки ин омил дар нуфузи тамаддунҳо муҳимтарин далел ба шумор меравад.

Яке аз омилҳои рушд ва густариши тамаддунҳоро дар сарзамини Суғд то ба Чин метавон дар сиёсати эҳтиром ба ҳамзистии озоди динҳо ва оинҳо донист. Эҳтироми озодии динҳо ва озодии боварҳову ақидаҳо дар мисоли ҳамзистии динҳои гуногун дар он замон аз омилҳои муҳим дар рушди тамаддунҳо гардида буд.

Қарни VII милод яке аз даврахои пешрафт ва таҷдид дар ҳаёти фарҳангии Суғд ва мардумони он маҳсуб мешавад. Дар ин давра тиҷорат ва робита бо Чин тавсеаи бештар пайдо карда ва вобаста ба ин пойтахти Суғд – шаҳри Самарқанд то давраи аввали исломӣ дар мақоми яке аз марказҳои муҳими тамаддун қарор мегирад. Дар ин давра дар ин маркази Суғд ҳунари меъморӣ бо унсурҳои воридшуда аз дигар ҳунарҳои меъморӣ, ба мисли юнонӣ, ҳиндӣ, сосонӣ ва чинӣ равнақ пайдо мекунад. Осори кашфшудаи суғдӣ аз сарзамини Суғд ва хорич аз он далели барҷаста аз мақоми ин кишвари ориёии шарқӣ дар таъсиси тамаддуни шаҳрнишинӣ дар як давраи тӯлонии таърих мебошад.

Муҳимтарин офаридаҳои тамаддуни ориёӣ дар шарқи Ориё ба Бохтар иртибот дошта, ин сарзамин пас аз ворид шудан ба ҳайати империяи ҳахоманишӣ мавқеи муҳими иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро касб менамояд, ки инро навиштаи Ҳеродот дар бораи мақоми ин сарзамин дар баробари Бобул, Миср ва қабилаҳои сакоӣ дар замони Куруши Кабир ва лашкаркашии ӯ ба ин сарзамин таъйид менамояд. Яке аз тавоноиҳои иқтисодии Бохтар, бинобар навиштаи Ҳеродот пардохти боҷ аз ин сарзамин ба хазинаи давлати марказӣ буда, аз бист минтақа ва ё вилояти тобеи шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ Бохтар беш аз ҳама боҷ мепардохтааст. Дар замони давлати Юнону бохтарӣ дар Бохтар тамаддуни юнонӣ ва эллинистӣ густариш пайдо намуда ва пас аз инқирози давлати юнониён низ нуфузи ин тамаддун дар Бохтар муддате идома ёфтааст.

Пас аз таъсиси империяи Кушониён дар Бохтар як тамаддуни кушонӣ бо унсурҳои суннатии маҳаллӣ падид

омад. Дар давраи Кушониён тамоми минтақаҳои шарқи Ориё ба монанди Суғд, Бохтар, Тахористон ва Хоразм ба қаламрави ин империя ворид гардиданд. Империяи Кушониён, ки аз рӯди Ганг то Осиёи Марказӣ густариш дошт, тамаддунҳо ва фарҳангҳои гуногунро дар худ муттаҳид сохта буд. Ин давра дар таърихи тамаддуни Шарқ, аз ҷумла Ҳинд, Покистон, Осиёи Марказӣ ва Эрон нақши барҷаста гузоштааст, ки осори фаровони давраи Кушониён баёнгари рушди фарҳангу тамаддун дар он даврон мебошад.

Бунёди давлати Сомониён дар муҳимтарин марказҳои тамаддуни Суғд - Самарқанду Бухоро тасодуфӣ набуда, балки он ба мақоми таърихии ин сарзамин иртибот дорад.

Ҳамчунон ки мебинем, сарнавишти тамаддунҳои башарӣ яксон нест. Дар таърих на ҳама тамаддунҳо пойдор ва устувор мондаанд. Бархе аз тамаддунҳо маҳв ва чанде дигар дар натиҷаи омезиш бо тамаддунҳои бегона аз байн рафтаанд. Иддае аз тамаддунҳои куҳан танҳо бар асоси осор ва мероси таърихиашон шинохта шудаанд, ки тамаддунҳое чун ҳеттӣ, шумерӣ, бобулӣ, эломӣ ва ғайра ҳамчун тамаддунҳои Шарқи қадим аз ин ҷумла мебошанд. Аммо дар муқобили ин сарнавишти талхи таърих тамаддуни ориёӣ, ки бо гузаштаи чандҳазорсолаи худ маъруф аст, дар тӯли таърих ҳамеша дар ташаккул ва таҳаввул буда, суннат ва арзишҳои фарҳангии он дар миёни қавмҳои гуногуни ориёӣ ҳифз гардидаанд.

Бо вуҷуди шикасти империяҳо ва давлатдориҳои ориёӣ ва тохту тозҳои пайдарпайи бегонагон аз замони Искандари Мақдунӣ ба баъд ва ворид шудани хисороти фаровон ба арзишҳои фарҳангии ин мардумон, онҳо ҳамеша дар ҳифзи мерос ва суннатҳои гузаштаи худ устувор будаанд. Ҳатто тамаддуни юнонӣ, ки аз барҷастатарин тамаддунҳои аҳди бостон мебошад, натавонист суннат ва тамаддуни ориёиро дар сарзаминҳои ишғолкардаи хеш маҳв намояд. Таърих шоҳид аст, ки тамаддуни ориёӣ бо вуҷуди таъсир ва нуфузи тамаддуни юнонӣ асолати худро ҳифз намуда, пас аз шикасти давлати юнониён бар пояи арзишҳои маҳаллии худ устувор ва пойдор мондааст ва замоне чанд пас аз таъсиси шоҳаншоҳии ашконӣ ва сосонӣ тамаддуни юнонӣ бо мурури замон дар муқобили тамаддуни ориёӣ нуфуз ва эътибори худро аз даст додааст.

Пас аз таъсиси нахустин шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ яке аз роҳҳои робита ва густариши тамаддуни ориёӣ бо дигар тамаддунҳо ин сохтмони роҳҳо байни кишварҳои мутеъ ва

дигар сарзаминҳои дуру наздик буд. Ин иқдом робитаи империяи ҳахоманиширо дар ҳамлу нақл ва тиҷорату бозаргонӣ ба ҷаҳони онрӯза таъмин намуд. Сохтмони роҳҳои баҳрӣ ва заминӣ якҷо бо таъсиси муомилоти пулӣ барои густариши тиҷорати байналмилалӣ дар он замон дар байни милали Шарқи қадим заминаи воқеӣ фароҳам овард. Таъсиси ин роҳҳо буд, ки маркази шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ бо сарзаминҳои Бобул, Миср, Ҳинд кишварҳои Осиёи ғарбӣ ва сарзаминҳои Суғду Бохтар, Хоразм ва дигар минтақаҳои шарқи Ориё дар робитаи доимӣ қарор гирифт. Мавқеи табиӣ ва ҷуғрофии империяи ҳахоманишӣ, бахусус марказҳои он омили муҳим дар иртиботи кишварҳо ва мардумон ба шумор мерафт. Мавқеи ҷуғрофии ин кишвар дар чаҳорсӯи роҳҳои иртиботии Шарқу Ғарб дар баробари таъсири мусбат аз нигоҳи амният таъсири манфӣ низ дошт. Аммо бо вуҷуди ин, роҳҳо ягона пайвандгари кишварҳо, мардумон ва тамаддунҳову забонҳои мухталиф дар он замон будаанд.

Ориёиҳо дар ҳар давраи таърих аз донишҳои замони худ бархурдор буданд ва илму донишро ҳамчун натичаи хиради инсон меомӯхтанд. Ин мардумон ҳанӯз аз ҷомеаи авестоӣ бо офаридаҳои диниву фалсафӣ ва адабии хеш дар шинохти ҷаҳон ва дарки асрори кайҳон бар пояи донишҳо ва андешаҳои динӣ бархурд намудаанд. Афкори динӣ ва фалсафии ориёиҳо қабл аз даврони таърих дар 21 китоб, ки бо номи Авесто маъруф аст, гирдоварӣ ва танзим шуда буд, аммо мутаассифона аз ин донишномаи мӯътабари мероси куҳани ориёӣ танҳо панҷ китоб маҳфуз монда, дигар бахшҳои он бо мурури замон аз байн рафтаанд. Бояд зикр кард, ки бинобар хулосаи донишмандон ин бахшҳои гумшудаи Авесто асосан марбут ба осори ғайридинӣ буда, онҳо донишҳову мушоҳидаҳои ин мардумонро аз замонҳои дур фаро мегирифтаанд.

Бинобар ривояти осори паҳлавӣ матни комили Авесто, ки дар ду нусха – яке дар Ганҷи шоҳигон, яъне Ганҷи шоҳон ва дигар дар Дизи нибишт маҳфуз буд, бо фармони Искандари Мақдунӣ ба юнонӣ тарҷума шуда, баъдан матни асли он сӯзонида шудааст. Ба ҳар ҳол ба он далел, ки Авесто қурбони оташкашиҳо ва оташсӯзиҳои Искандари Мақдунӣ ва лашкариёни ӯ гардидааст, наметавон шубҳа кард. Аммо баҳс атрофи матни Авесто дар замони Ҳахоманишиён аст, ки оё шакли навиштории он бинобар суннати динии паҳлавӣ вуҷуд доштааст ё не? Дар ин маврид ба ҷуз ривояти осори паҳлавӣ манбаъ ва далели дигар мавҷуд нест. Аммо воқеияти танзими

Авесто дар замони Ашкониён дар асоси алифбои оромӣ ва китобати он дар аҳди Сосониён дар асоси алифбои онрӯзаи авестоӣ аз ҷониби бисёр донишмандон мавриди қабул қарор гирифтааст.

Қобил ба ёдоварист, ки дар суннати ориёӣ мисли дигар мардумони Шарқи қадим илму фан ба уламои дин ва рӯҳониён вобаста буда, ҳама гуна илму дониш дар доира ва салоҳияти оташкадаҳо ва маъбадҳо баррасӣ мешудааст. Аз ин рӯ, осори илмию фалсафӣ низ ҳамчун ҷузъи осори динӣ дар чаҳорчӯби афкори динӣ маънӣ мегардид, ки чунин равиш аз муқаррароти маъмулӣ ба шумор мерафт.

Ҳахоманишиён ҳамчун империяи муқтадир бо дигар кишварҳои мутеи шоҳаншоҳӣ ва кишварҳои дигари дуру наздик робитаҳои мутақобилаи фарҳангӣ доштаанд. Яке аз манбаъҳо дар мавриди чунин робитаҳо сарчашмаҳои юнонӣ маҳсуб мешаванд. Бар асоси манбаъҳои юнонӣ мартаба ва шӯҳрати муғон дар миёни юнониён ва донишмандони юнонӣ то ҷое будааст, ки бархе аз донишмандони Юнон худро шогирдони мактаби муғон номидаанд. Бинобар қавли Диадор бештари файласуфони Юнон аз мактабҳои уламои Шарқ баҳра бардоштаанд ва Гераклид дар ҳалли мушкилоти фалсафа аз таҷрибаи донишҳои фалсафии замони Ҳахоманишиён истифода кардааст. Бинобар бархе ривоёт дар замони Искандари Мақдунӣ осор ва афкори фалсафии ориёӣ ба юнонӣ баргардон шуда ва ин осор танҳо дар забони юнонӣ маълум будааст, ки дар замони Шопури I-шоҳи сосонӣ чанде аз ин осор бо дарназардошти арзиш ва мӯҳтавои суннатиашон пас аз гузашти замон дубора ба паҳлавӣ тарҷума шудаанд. Дар қарнҳои аввали давраи исломӣ бархе аз ин гуна осор ба арабӣ тарҷума гардида ва матни паҳлавии онҳо мисли дигар осори ғайридинӣ бо мурури замон аз байн рафтааст. Сарнавишти осори илмӣ ва таърихиву фалсафӣ пас аз аҳди Сомониён ба қатъ гардидани суннати сосонӣ иртибот дорад.

Пас аз қатъи суннати хаттии авестоиву паҳлавӣ ва аз истифода хориҷ шудани забони форсии миёнаи сосонӣ донандагони хат ва забони паҳлавӣ аз ҷумлаи мӯъбадону дастурон танҳо дар ҳифзи осори динӣ кӯшида, осори ғайридиниро ба дасти фаромӯшӣ супурдаанд. Танҳо дар чанде аз китобҳои паҳлавии зардуштии асри IX милод, ки манбаи онҳо бахшҳои гумшудаи Авесто низ мебошанд, метавон бархе аз арзишҳои илмӣ ва фалсафии куҳани ориёиро дар дохили осори динӣ ва афкори динӣ пайдо кард. Ин осор

дар таърихи ташаккули андешаҳои илмӣ ва диниву фалсафии мардумони ориёӣ дар баробари матни Авесто аз муҳимтарин ва мӯътабартарин манбаъ дониста мешавад.

Дар замони шоҳаншоҳии Мод ва Ҳахоманишиён робита миёни тамаддуни ориёӣ ва тамаддунҳои пешрафтаи шумерӣ, бобулӣ, эломӣ ва юнонӣ барои рушди баробар ва мутақобилаи тамаддунҳои кишварҳои мутеи шоҳаншоҳӣ заминаҳои устувор гузошт. Яке аз илмҳое, ки дар суннати ориёӣ собиқаи таърихии бештар дорад, илми пизишкӣ дониста мешавад. Бинобар китоби Авесто дар ҷомеаи авестоии ориёӣ пизишкон дар се гурӯҳ муаррифӣ шудаанд: нахуст мӯъбадон ва ё рӯҳониён аз ҷумлаи уламои дин, ки бо дуо дармон мекарданд, дигар гиёҳпизишкон, ки беморонро бо доруҳои гиёҳӣ дармон мекарданд ва ниҳоят ҷарроҳон, ки бо теғ амали ҷарроҳӣ анҷом медоданд.

Дар китоби паҳлавии Динкард, ки манбаи он бахшҳои гумшудаи Авесто мебошад, тандурустӣ ду навъ дониста мешавад: тандурустии ҷисм ё тан ва тандурустии ҷон ва равон. Дар иртибот бо ин, пизишкон низ ба пизишкони ҷисмонӣ ва пизишкони рӯҳонӣ ҷудо шудаанд. Дар Динкард усули муолиҷа дар панҷ навъ ёд мешавад, ки онҳо иборатанд аз суханони яздонӣ, оташ, гиёҳ, теғ ва доғ кардан.

Бинобар маълумоти бархе аз манбаъҳо дар аҳди Ҳахоманишиён дар шаҳрҳои бузурги ин шоҳаншоҳӣ бемористонҳо вуҷуд дошта ва онҳо аз ҷониби шаҳрдорон бо дору ва пизишкон таъмин мешудаанд. Дар ин давра донишҳои пизишкӣ ва таҷрибаи он аз шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ ба дигар кишварҳо интиқол мегардад. Бинобар хулосаи чанде аз таълифот илми пизишкӣ дар аҳди Ҳахоманишиён дар муқоиса бо даврони ошуриҳо, бобулиҳо ва эломиҳо пешрафтҳои бештар дошта, дар чанд маврид тибби юнонӣ аз он баҳра бардоштааст.

Яке аз масъалаҳои бунёдии фарҳанги ориёӣ аз замони ҷомеаи авестоӣ фарҳанги покии инсон ва беҳдошти муҳити зист, замин, обу ҳаво, дар маҷмӯъ табиат ва иқлими зист мебошад. Дар суннати ориёӣ покӣ аз муҳимтарин муқаррарот ва меъёри зиндагии хонаводагӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Суннати ориёӣ донишҳои фаровонеро аз гузаштаҳои дур дар шинохти замин, кӯҳҳо, баҳрҳо, рӯдҳо, кӯлҳо, кишварҳо, гиёҳҳову ҳайвонот ва ғайра андӯхтааст, ки яке аз манбаъҳои мӯътабар дар ин маврид китоби паҳлавии

Бундаҳишн буда ва он бар асоси манбаи авестоӣ ва андешаҳову донишҳои куҳани суннатӣ танзим шудааст.

Аҳди сосонӣ яке аз давраҳои равнақи илми тиб, нучум, риёзиёт ва фалсафаву таърихнигорӣ маҳсуб мешавад. Дастоварди муҳими ин давра дар таърихи тамаддуни башарӣ таъсиси академияи Гунди Шопур мебошад, ки он аз ҷониби Шопури I – шоҳи сосонӣ бунёд ёфта буд. Ин дорулилм аз бузургтарин маркази илмии замони худ ба шумор рафта, дар он аз дигар кишварҳо низ донишомӯзон ба дониш ва парвариш фаро гирифта мешуданд. Дар ин академия, ки он замон нақши байналмилалӣ касб карда буд, илми тиб ва фалсафа мақоми бештар доштаанд. Яке аз маъруфиятҳои академияи Гунди Шопур бемористони он буд, ки то дер замон аз марказҳои маъруф ба шумор мерафт. Дар ин академия бо фармони Шопури I он осореро, ки дар замони Искандари Мақдунӣ ба юнонӣ тарҷума гардида буд, дубора аз юнонӣ ба паҳлавӣ баргардон намуданд.

Дар ин марказ ҳамчунин бархе аз осори илмиро аз Ҳинд гирд оварда ва ба паҳлавӣ тарҷума кардаанд. Дар замони Хусрави I – маъруф ба Хусрави Анӯшервон академияи мазкур яке аз марказҳои табодули афкори байналмилалии он замон қарор гирифта, дар он аз таҷрибаи пизишкии донишмандони эронӣ, ҳиндӣ, юнонӣ ва суриёнӣ истифода мешудааст.

Таҳқиқгарони таърихи илм давраи шукуфоии илмро дар сарзамини Ҳинд ба робитаҳои ин кишвар бо давлати Сосониён ва саҳми донишмандони ориёинажод медонанд. Дар робита ба ин метавон аз саҳми чанд тан аз хонаводаи муғони Систон, ки дар асри VI милод ба кишвари Ҳинд муҳоҷират карда буданд, ёдовар шуд. Ин хонаводаи муғони Систон дар таълифи китобҳои риёзӣ ва нучум дар Ҳинд саҳми бузург гузошта ва дар миёни мардумони Ҳинд бо унвони муғони эронӣ маъруф будаанд.

Дар даврони Сосониён дар баробари фалсафаи суннатии ориёӣ, ки бар пояи андешаҳои динӣ устувор буда ва бо номи фалсафаи муғон шинохта мешуд, ба фалсафаи Юнон ва тарҷумаи осори фалсафии он низ таваҷҷӯҳи махсус сурат гирифтааст. Дар замони Хусрави I бархе аз файласуфони юнонӣ, ки аз мактабҳои Юнон ва Осиёи Хурд ронда шуда буданд, ба пойтахти Сосониён паноҳ оварданд. Чанде аз ин файласуфон дар фалсафа ва мантиқ осор таълиф намуда ва дар бунёду рушди ин илм дар аҳди Сосониён саҳм гузоштаанд.

Илми дигаре, ки дар замони Сосониён мавриди таваҷҷӯҳи шоҳону дарбориён қарор дошт, илми ситорашиносӣ буд. Аз ин илм дар осори паҳлавӣ истилоҳоти фаровонеро метавон пайдо кард. Бештари ин истилоҳоту мафҳумҳо ба забони арабӣ ва илму тамаддуни исломӣ ворид шудаанд, ки ин яке аз далелҳои равнақи илми мазкур дар замони Сосониён маънӣ мешавад. Бар асоси табақабандии ҷомеаи сосонӣ пизишкон ва ситорашиносон ба табақаи сеюм шомил буданд, ки ин далели мақоми ин илмҳо ва табақаи мазкур дар ҷомеаи сосонӣ мебошад.

Суннати ориёӣ дорои таърихи куҳан дар гоҳшуморӣ ва тақвим мебошад. Гоҳшуморӣ аз даврони Ҳахоманишиён ривоҷ пайдо карда, дар сарзаминҳои шарқи Ориё низ густариш намудааст. Дар аҳди Ашкониён ва Сосониён тақвими куҳан бо номҳои рӯзҳо ва моҳҳо ёд мешавад. Бояд гуфт, ки ориёиҳо бо доштани суннати тӯлонӣ дар тақвим дар миёни дигар мардумон маъруфият доштаанд. Далелҳои таърихӣ шоҳиди маъруфияти илмҳои он давр, бахусус ситорашиносӣ дар сарзаминҳои шарқи Ориё, чун Бохтар, Суғд ва Хоразм мебошад. Бинобар осори суғдии кӯҳи Муғ дар бораи тақвими суғдӣ метавон аз чигунагии илми ситорашиносӣ дар ин минтақа огоҳӣ пайдо кард. Имкон дорад, ки ин тақвим дар сарзаминҳои дигаре чун Бохтару Тахористон ва Хоразм низ ҳамчун тақвими муштарак истифода мешудааст.

Агар мардумони ориёӣ дар даврони империяи ҳахоманишӣ дар тамаддуну фарҳанг ва ҳунари замони хеш ба пешрафтҳои хуб расида бошанд, дар замони Ашкониён, Сосониён, Кушониён ва баъдан Сомониён ба марҳилаҳои нави рушди тамаддун муваффақ гардидаанд.

Яке аз муҳимтарин омил дар тамаддуни башарӣ ва шинохти арзишҳои он хат буда, бунёди ҳама пешрафтҳо дар заминаҳои фикрӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ ба пайдоиши хату алифбо вобастагии қавӣ дорад. Беҳуда нест, ки дар шинохти таърихи тамаддунҳо ҷомеаи пеш аз пайдоиши хатро даврони қабл аз таърих ва замони пас аз пайдоиши онро даврони таърих номидаанд. Дастоварди бузурги мардумони ориёӣ дар баробари таъсиси давлатдориҳои муқтадир бо ихтирои хату алифбо ва таълифи осори бузурги хаттӣ дар давраҳои гуногун иртибот дорад. Имрӯз таърих шоҳиди осори беназири мероси тамаддуни ориёӣ дар чандин навъи хат мебошад.

Ихтирои хат дар таърихи давлатдории ориёиҳо ба замони Ҳахоманишиён мансуб аст. Хати ҳахоманишӣ, бо

вуҷуди он ки бар пояи хати бобулӣ эҷод гардидааст, аммо аз нигоҳи шакл ва теъдоди аломатҳо аз алифбои бобулӣ ва эломӣ ба куллӣ тафовут дорад. Хати мехии ҳахоманишӣ танҳо барои забони форсии бостон, яъне забони модарии Ҳахоманишиён ва мутобиқ ба савтиёти он ихтироъ гардида ва он махсуси катибаҳо ва навиштаҳои танҳо забони форсии бостон мебошад. Ихтирои хати мехӣ дар замони Ҳахоманишиён як табаддулоти муҳим дар сиёсати фарҳангии ин шоҳаншоҳӣ, бахусус Дориюши I маҳсуб мешавад. Агар Ҳахоманишиён дар алифбо барои забони модарии худ иқдом намегузоштанд, ин забони куҳани ориёӣ ва ё форсии аҳди бостон мисли забони дигари ориёии модҳо бе ҳеҷ гуна нишони хаттӣ барои ҳамешагӣ ба дасти фаромӯшӣ мерафт. Дар давраи Ҳахоманишиён дар баробари форсии бостон аз забон ва хати бобулӣ, эломӣ ва оромӣ низ истифода мешуд.

Дар шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ мисли шоҳаншоҳии Мод забони умури идорӣ ва асноди девондорӣ забони эломӣ буд, ки чунин вазъ бо суннати тӯлонии забони эломӣ дар умури давлати Элом то замони модҳо пайванди мустақим дорад. Дар замони Ҳахоманишиён, тақрибан аз асри V то милод забони дигари умури идорӣ барои ирсоли аснод ба дигар кишварҳо забони оромӣ қарор гирифт. Чунон ки мебинем, бо вуҷуди он ки забони ориёӣ ва ё форсии бостон забони модарӣ ва давлатии шоҳони ҳахоманишӣ ва забони табақаи ҳоким ва давлатдор буд, бо надоштани суннат ва собиқаи хаттӣ дар умури идории шоҳаншоҳӣ мавриди истифода қарор нагирифт. Хати мехии ҳахоманишӣ махсуси навиштаҳои рӯйи санг, деворҳо, сутуни кохҳо, зарфҳо, фулузот, сафол ва мӯҳрҳо буда, ин алифбо хусусияти хуби ороишӣ дошт.

Бояд зикр кард, ки якҷо бо анҷоми шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ суннати хати мехӣ низ қатъ гардида ва намунаи ин забони куҳани ориёӣ дар осори асрҳои VI-IV пеш аз милод дар мисоли навиштаҳои замони ҳахоманишӣ ҳамчун ганҷинаи нодири қарнҳо ба ёдгор мондааст.

Ихтирои хати мехӣ дар замони Ҳахоманишиён дар таърихи тамаддуни қавмҳои ориёӣ воқеан як рӯйдоди муҳим ва табаддулоти бузурги фарҳангӣ буд. Ислоҳоти хат дар баробари суннати ошурӣ, бобулӣ ва эломӣ дар маркази шоҳаншоҳӣ мақому мартаба ва ҷойгоҳи ин забонро дар таърих муайян намуда, намунаҳои осори онро аз он рӯзгор то ба замони мо ба ёдгор гузошт. Аммо ин хат дар сарзаминҳои шарқи Ориё густариш пайдо накард ва танҳо дар навиштани

катибаҳои форсии бостон дар чанд маркази шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ маҳфуз монд.

Баъдан дар замони Ашкониён, Сосониён ва дар давлатҳои Суғд, Бохтар ва Хоразм аз алифбои оромии шоҳаншоҳӣ истифода шуд, ки дар натиҷаи ворид кардани ислоҳот ба он ин алифбо дар ҳар кадоме аз ин кишварҳо хусусияти маҳаллӣ пайдо карда, бо савтиёт ва меъёрҳои ин забонҳо мутобиқ карда шуд. Дар замони Сосониён бар асоси алифбои паҳлавии китобӣ алифбои авестоӣ танзим гардид, ки он яке аз комилтарин алифбо дар таърихи осори мардумони ориёӣ маҳсуб мешавад. Алифбои авестоӣ дар ҳифзи куҳантарин мерос ва арзишҳои фарҳангии мардумони ориёӣ-матни Авесто ва забони он нақши бузург бозида, ин мероси арзишмандро аз хатари нобудӣ эмин нигоҳ дошт.

Мардумони ориёӣ дар таърих ба ҷуз ин навъи хат дар таълифи осори худ аз дигар алифбоҳо низ истифода кардаанд, ки яке аз онҳо алифбои юнонӣ мебошад. Дар Бохтар аз замони давлати Юнону бохтарӣ дар навиштани осори бохтарӣ ба таври расмӣ хати юнонӣ мавриди истифода қарор гирифт ва он чанд қарн пас аз даврони ҳокимияти юниониҳо дар замони Кушониён низ дар Бохтар ривоҷ дошт. Ин суннати хаттӣ пас аз замони Кушониён қатъ гардид.

Намунаи дигари хат алифбои монавӣ буда, он дар навиштани осори монавии портӣ, форсии миёна ва суғдӣ истифода шудааст. Бо ин хат осори гуногуне аз Туркистони Чин ба даст омада ва ин осор яке аз манбаъҳои муҳим ба забонҳои эронии миёна маҳсуб мешавад.

Аз гузаштаи таърихии мардумони ориёӣ осори фаровони фарҳангӣ ва адабӣ ба мерос мондааст, ки ин ганҷи бузург ба замони Модҳо, Ҳахоманишиён, Ашкониён, Сосониён, Кушониён, ба мардумони Суғд, Бохтар, Хоразм ва дигар ворисони онҳо мансуб аст. Ҳамаи ин мерос бо номи мероси ориёӣ шинохта шуда, як бахше аз осори гузаштаи мардумони ориёӣ мебошад. Бештари осори таърихӣ дар натичаи ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои қарнҳо, лашкаркашиҳо, ҷангҳо ва ғорату оташзаниҳои аҷнабиён маҳв гардида ва ё ба тасарруфи бегонагон даромада ва дар натиҷа аз байн рафтаанд. Гурӯҳи дигари осор, ки дар зери вайронаҳои кохҳо ва шаҳрҳои қадима хобидаанд, имрӯз интизори ковишҳои бостоншиносӣ буда, пас аз бозёфт метавонанд ба ҷаҳониён муаррифӣ шаванд.

Дар робита ба ин мехоҳам аз як аъмоли харобкоронаи аҷнабиён дар маҳви осори Тахти Ҷамшед ёдовар шавам.

Ҳамчунон ки таърих шоҳид аст, лашкаркашон ва сипоҳиёни юнонӣ ва мақдунӣ пас аз ишғоли Тахти Ҷамшед ашёи гаронбаҳо, ёдгориҳои дохили онро шикаста ва ё пора сохта, баъдан кохро ба оташ кашиданд, ки дар натиҷа ин ёдгории нотакрор ва беназири меъморӣ батамом вайрон гардид. Ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ аз хазинаи Тахти Ҷамшед шумораи зиёди пораҳои ашёи шикаста пайдо шуд, ки ин гувоҳи аъмоли лашкариён дар ғорати ин хазина мебошад. Пораҳои шикастаи зарфҳои шишагини шаффоф дар зери иморат, бинобар ақидаи мутахассисон, аз ашёи гаронбаҳои он давр буда, яке аз дастовардҳои ҳунари замони Ҳахоманишиён ба шумор мерафтаанд.

Қадимтарин мероси хаттии мардумони ориёӣ ба замони Ҳахоманишиён ба катибаҳои шоҳони ҳахоманишӣ мансуб аст. Ин суннат пас аз Ҳахоманишиён дар замони Сосониён низ идома ёфта, баъдан навиштани катибаҳо дар Бохтару Суғд ва дигар сарзаминҳои шарқи Ориё маъмул мегардад. Катибаҳои шоҳони ҳахоманишӣ дар маҷмӯъ дар се забон - форсии бостон бо тарҷумаҳои бобулӣ ва эломӣ ва катибаҳои сосонӣ низ дар давраи аввал дар се забон – форсии миёна, портӣ ва юнонӣ нигошта шудаанд. Тарҷумаи юнонӣ махсуси катибаҳои давраи аввал буда, дар давраҳои дигар ин суннат қатъ мегардад. Дар замони Ҳахоманишиён ва Сосониён бархе катибаҳо танҳо ба як забон, яъне ба форсии бостон ва форсии миёна навишта шудаанд.

Пас аз шикасти шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ суннати хати мехӣ қатъ гардида, ҳамин тариқ забони форсии бостон аз истифода хориҷ мешавад. Аз он замон ба баъд то аҳди Ашкониён ва Сосониён аз намунаи забони пас аз давраи Ҳахоманишиён ҳеҷ гуна осори хаттӣ ба мушоҳида намерасад. Ин давра замони маҳви яке аз забонҳои ориёии бостон дар таърих дониста мешавад. Ҳамин тавр, давраи забонҳои ориёии бостон якҷо бо суннати хаттии онҳо қатъ гардида, марҳилаи дигари осори забонҳои ориёӣ ва ё эронии миёна дар суннати дигари хаттӣ оғоз мешавад. Аз ин давра осори фаровоне аз забонҳои ғарбӣ (портӣ, форсии миёна) ва шарқӣ (бохтарӣ, суғдӣ, сакоии хутанӣ ва хоразмӣ) ба мерос мондааст.

Осори дигар аз замони Ҳахоманишиён лавҳаҳои гилин бо забони эломӣ маҳсуб мешавад. Ин осор солҳои 1933 ва 1934 ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ аз пойтахти ин императорӣ-Тахти Ҷамшед ба даст омада, иборат аз чандин ҳазор лавҳҳои гилин бо матнҳои кӯтоҳи идорӣ бо хати мехии

эломӣ мебошанд. Ин осор як бахше аз бойгонии шоҳ Дориюши I буда, чигунагии муқаррарот ва сохтори умури идории шоҳаншоҳии ҳахоманиширо дар бахши молиёт ва ҳисобдорӣ дарҷ менамояд. Ин матнҳо маълумоти ҷолиберо дар бораи таъминоти иҷтимоии коргарону хидматгорон ва ҳаққи заҳмати онҳо дар бар гирифтаанд. Ин осор ҳамчун манбаи нахустин ва асноди воқеӣ аз ҳаёти иҷтимоии давраи аввали шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ дар асри VI то милод буда, ба бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии он давр равшанӣ меандозад. Мазмун ва мӯҳтавои ин осор баёнгари пешрафтҳои муҳими низоми шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ ва созмонҳои марбутаи иҷтимоии он дар замони Ҳахоманишиён арзёбӣ мешавад. Омори молӣ ва боҷу андози замони ҳахоманишӣ бар асоси маводи пайдошуда далели дигари низоми иқтисодӣ ва молии он давр мебошад.

Масъалаи дигари тамаддуни ҷомеаи ориёӣ дар аҳди бостон ин эҷоди қонунҳо ва муқаррароти дигари ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад. Дар ҷомеаи ориёии асри авестоӣ қонунҳои ҷомеаи иҷтимоӣ бар пояи ахлоқи динӣ эҷод гардида, ин қонунҳо як бахши ахлоқи диниро ташкил медоданд, ки намунаи онҳо наскҳо ва ё китобҳои ҳуқуқии Авесто буданд. Ин бахшҳои Авесто мисли дигар бахшҳои гумшуда пас аз замони Сосониён аз байн рафтаанд. Манбаи ягона дар ин маврид китоби паҳлавии Динкард мебошад. Ин китобҳо ва ё пораҳои ҳуқуқии ҷомеаи авестоӣ, ки дар замони Сосониён мавриди истифода буданд, ниёзҳои ҷомеаро ба таври воқеӣ наметавонистанд қонеъ созанд. Аз ин рӯ, дар аҳди Сосониён тафсирҳо ва ташреҳи фаровоне ҳамчун дастурҳои ҳуқуқӣ танзим ва таълиф шуданд. Яке аз чунин қонунномаҳо дар бораи ҳуқуқи шахс дар ҷомеаи сосонӣ маҷмӯае бо номи «Модигони ҳазор додситон» мебошад, ки дар он масоили ҳуқуқии он давр бо пайравӣ аз муқаррароти ҳуқуқии ҷомеаи авестоӣ ташреҳ гардидааст.

Яке аз арзишҳои беназири мардумони ориёинажод санъат ва ҳунари меъморӣ ва муҷассамасозӣ ба шумор меравад, ки далели он пайкараҳо ва ёдгориҳои замони Ҳахоманишиён, Ашкониён, Сосониён ва дигар хонадонҳои ориёии шарқӣ ба шумор мераванд. Меъмории замони ҳахоманишӣ, ки дар он унсурҳои меъмории суннатии дигар мардумони тобеи шоҳаншоҳӣ низ истифода шудааст, сабки махсуси ин давра дониста мешавад. Ин осор ва мероси дигари фарҳангӣ, ки имрӯз дар осорхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд,

баёнгари тамаддунофарии ориёиҳо дар таърихи башарӣ мебошад.

Мероси ориёӣ ба даврони гуногун ва забонҳои мухталифи ориёӣ мансуб буда, дар чандин навъи хат танзим шудааст. Ҳарчанд пайдоиши нахустин осори хаттии мардумони ориёӣ мансуб ба замони ҳахоманишист, аммо таълифи нахустин офаридаҳои ин мардумон дар мисоли Авесто ба давраҳои дури таърих мерасад. Авесто ёдгориест, ки бахшҳои куҳани он дар замон ва макони гуногун дар шарқи Ориё эҷод шуда, дар замони тӯлонӣ дар суннати гуфторӣ аз роҳи ҳифз кардан аз насл ба насл ба мерос мондааст. Дар бораи замони китобати Авесто бар асоси маълумоти китобҳои паҳлавӣ донишмандон андешаҳои гуногун иброз доштаанд, ки такрори ин баҳсҳо дар ин мақола зарур нест.

Гирдоварӣ ва танзими Авестои кунунӣ дар замони Сосониён, дар даврони подшоҳии Ардашери I, Шопури I ва Шопури II дар 21 наск ё китоб анҷом гирифтааст. Иқдоми муҳими дигар дар замони Сосониён дар асри VI ин тарҷума ва тафсири Авесто ба паҳлавӣ буд, ки анҷоми чунин кор дар шинохти матни Авесто ва мушкилоти он бисёр муҳим арзёбӣ мешавад. Пас аз замони Сосониён аз 21 китоби Авесто панҷ бахши он маҳфуз мондааст, ки он аз чаҳор як ҳиссаи ин ёдгориро ташкил медиҳад. Авесто беш аз ду аср мавриди омӯзиш ва таҳқиқи донишмандони ҷаҳон қарор гирифта, дар ин давра бисёр масъалаҳои вобаста ба ҷомеаи ориёӣ, забон, таъриху суннати ин мардумон ва дигар масъалаҳои шинохти ин ёдгорӣ баррасӣ гардидаанд. Ин китоб куҳантарин манбаъ дар бораи ҷуғрофияи ҷаҳони ориёӣ, кишварҳову сарзаминҳои шарқи Ориё ва қавмҳои ориёии шарқӣ – гузаштагони мо – тоҷикон, дар ҳазорсолаҳои пеш аз милод мебошад. Авесто ба ҷуз мероси динӣ ҳамчунин муҳимтарин манбаъ дар бораи асотири куҳани мардумони ориёӣ ва боварҳову эътиқодоти онон, вазъи иҷтимоии ҷомеаи ориёӣ дар он даврони дури таърихи қавмҳои ориёӣ маҳсуб мешавад. Авесто куҳантарин намунаи забони ориёӣ буда, дорои ду лаҳҷа - лаҳҷаи Готҳо ва лаҳҷаи бахшҳои дигари он мебошад.

Чунон ки аз омӯзишу муқоисаи бахшҳои Авесто бармеояд, ҳам Готҳо ва ҳам қисмҳои дигари Авесто дар ду лаҳҷаи махсус ба сарзаминҳои шарқи Ориё ё Шарқи Эронзамини таърихӣ мансубанд, ки инро муқоисаҳои забонӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ ва суннатии ин ёдгорӣ собит месозад. Забони авестоӣ дар бунёди худ намунаи забони пок ва

беолоиши ориёии бостон буда, баъдан дар мақоми забони динӣ қарор мегирад ва дар ҳамин мақом дар иҳотаи забонҳои шарқии суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва забонҳову лаҳҷаҳои сакоӣ дар шарқи Ориё аз забони маъмулии муошират хориҷ шуда, дар мақоми забони динӣ ё забони китоби Авесто қарор гирифтааст ва бо номи ин китоб «забони авестоӣ» хонда шудааст.

Яке аз давраҳои шукуфоӣ ва рушди осори хаттӣ дар суннати ориёӣ ба маънои воқеии он аҳди Сосониён мебошад. Замони Сосониён яке аз давраҳои бозгашт ба шинохти суннату ифтихороти ориёӣ ва таъриху тамаддуни гузаштагон дониста мешавад. Дар ин давра якҷо бо дигар навиштаҳои форсии миёна осори бузурги адабиёти паҳлавӣ эҷод шуд, ки мазмун ва мӯҳтавои ин мерос ба давраҳои дури шинохти таърихи воқеӣ ва асотирии мардумони ориёӣ мерасад. Маҳз ҳамин осор буд, ки гузаштаҳои дури таърих ва тамаддуни мардумони ориёӣ зинда гардонида шуда ва достоне чун «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ин таърихро дубора зинда сохт. Адабиёти паҳлавӣ, ки иборат аз осори гуногуни диниву фалсафӣ, ҳуқуқиву ахлоқӣ ва таърихиву адабӣ мебошад, ягона манбаъ дар шинохти тамаддуни гузаштаи мардумони ориёӣ ва арзишҳои фарҳангии он маҳсуб мешавад.

Дар замони Сосониён осори фаровоне таълиф гардида буд, ки як бахши муҳими онро таърихномаҳову солномаҳои паҳлавӣ ташкил медод. Ин осор низ мисли бештар китобҳои паҳлавӣ пас аз замони Сосониён маҳв гардида, мӯҳтавои бархе аз онҳо дар тарҷумаҳои юнонӣ ва арабӣ маҳфуз мондаанд. Сарнавишти мероси таърихии замони Сосониён, ки як ҷузъи муҳими арзишҳои тамаддуни куҳани ориёист, мисли дигар мероси таърихию фарҳангӣ анҷом ёфтааст. Дар дигар марказҳои тамаддуни ориёӣ, аз ҷумла Бохтару Суғд ва Хоразм низ пас аз истилои араб ва дигар кишваркушоёни бегона сарнавишти мероси ин мардумон чунин будааст.

Ва, тавре ки аз сайри мухтасари таърихӣ мебинем, бо вуҷуди чунин сарнавишти талху сангин аз тамаддуни ориёӣ ба тамаддуни ҷаҳон мероси фаровоне бо арзишҳои волои фарҳангӣ ворид гардидааст, ки он як бахши муҳими фарҳанги башариро ба наслҳои имрӯзаи халқу миллатҳои гуногуни олам муаррифӣ менамояд.

Ва мо, тоҷикон, ки дар баробари як силсила миллатҳои дигар меросдори мустақими ориёиҳои хирадманду некандеш ҳастем, бо гузаштаи пурбори худ ифтихор мекунем, онро меомӯзем ва наслҳои имрӯзу фардои миллатамонро тавре

тарбия карда, ба камол мерасонем, ки онҳо низ тавонанд ба ганҷинаи тамаддуни башар дурдонаҳои пурқимат ҳамроҳ намоянд ва барои боз ҳам беҳтару гуворотар шудани зиндагии ояндаи худ ва дигарон ҳиссагузор бошанд.

# ФАРҲАНГИ СУЛҲ

## МАЪРӮЗАИ ИЛМӢ
## ДАР РӮЗИ ДОНИШ ДАР ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН

1 сентябри соли 2006

**Устодону омӯзгорони гиромӣ!**
**Донишҷӯёни азиз!**

Кишвари азиз ва мардуми бостонии мо дар остонаи таҷлили бошукӯҳи ҷашнҳои бузурги миллӣ – 15 солагии истиқлоли Ватан, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва баргузории Анҷумани шашуми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон қарор доранд.

Ин ҷашнҳои хуҷаста ҳар хонадонро фараҳманду хушнуд ва ҳар қалби фарзанди Ватанро аз эҳсоси ифтихор аз неъмати муқаддаси озодӣ ва истиқлол, ваҳдати шикастнопазири миллӣ, мақоми шоиста ва эътибори баланди Тоҷикистони мустақил дар ҷомеаи ҷаҳонӣ лабрез намудааанд.

Басо рамзист, ки сароғози таҷлили онҳо Рӯзи дониш аст, ки худ рӯзи ниҳоят саид ва нек аст. Бад-ин ҷиҳат Шумо, омӯзгорону донишҷӯён ва дар симои Шумо тамоми устодон, донишҷӯён, мактабиён ва кулли мардуми шарифи кишварро ба Рӯзи дониш ва фарорасии ҷашнҳои мазкур сидқан табрик менамоям.

Итминон дорам, ки Шумо дар фазои сулҳу ваҳдат бо амалу фаъолияти созанда дар ин ҷашнҳо ва рушди Ватани азиз саҳми шоиста хоҳед гузошт.

**Дӯстони азиз!**

Дар ин маҳфили гарму самимӣ мехоҳам роҷеъ ба ду арзиши ҳаётӣ ва ҷовидонӣ - сулҳ ва дониш бо паҳлӯҳо ва ҷанбаҳои ниҳоят зиёд ва зиндагисози онҳо сӯҳбат намоям. Ин

ду арзиш зотан ва хислатан пайванди ногусаста доранд ва шарти бунёдии бақои инсон мебошанд. Зарур аст дар партави онҳо вазифаҳои муҳимтарини мо ба манзури ояндаи дурахшони Ватан муайян ва мушаххас шаванд.

Таърих гувоҳ аст, ки миллати тоҷик қадимтарин мардуми минтақаи бузурги таърихии Осиёи Марказӣ ва аз мардумони бостонӣ ва соҳибтамаддуни ҷаҳон аст. Ниёгони ориёии мо эҷодгарони дастовардҳои бузургтарини башарӣ ва тамаддуни хосу нотакрори таърихӣ бо низоми оқилона ва созандаи равобит ва фаъолияти ичтимоӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, фарҳанги шаҳрсозӣ ва шаҳрдорӣ, суннати бузурги таърихии давлатдорӣ ва падидаҳои дигари созандаи инсонӣ буданд.

Қобили зикри хос аст, ки маҳз тамаддуни ориёӣ ва суннати давлатдории он фарҳанги хос ва пешрафтаи сиёсӣ ва идориро эҷод намуд, ки онро метавон фарҳанги сиёсии сулҳ ва ҳамкорӣ номид.

Ин фарҳанг аз усулу ғояҳои "Авесто" бахусус асли "пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек" сарчашма гирифта, таҷассуми томи он "Эъломияи Куруши Кабир" – нахустин эъломияи ҳуқуқи инсон дар таърихи башар аст.

Маҳз дар сиёсати амалии ин нахустин раҳбари сиёсии инсондӯст эътироф ва эҳтироми мақом, шарофат ва ҳуқуқҳои фитрии инсон адолат, инсоф ва ҳамкории васеъ омилҳои бунёдии субот ва сулҳ шинохта шуданд ва онҳо пойдевори нерӯманди маънавии давлатдории ориёӣ гардиданд. Сулҳ ба навбати хеш шарти ободӣ, пешрафт ва сатҳи шоистаи зиндагӣ будааст. Мо авроқи рангини муборизот, лашкаркашиҳо, қиёмҳо, ҳаракатҳо ва ҷангҳоро мутолиа намуда, саҳнаҳои фидокорӣ ва қаҳрамониро бо эҳсосоти баланд мепазирем.

Ниёгони мо таърихан мардуми мубориз, ватандӯст ва истиқлолхоҳи фидокор буданд ва шиори аслии зиндагиашон бо ин байти ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ хулоса шудааст:

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Муборизаи муқаддас барои озодӣ ва истиқлол ҳадафи волои таъмини бақо ва давоми таърихии онҳо ва пешрафти кишвару саодати мардумро дошт. Ва он имконпазир нест бе ваҳдат, талоши созандагӣ, оромӣ ва осудагии афроди миллат, равобити ҳасана ва дӯстона бо ҳамсоягони дуру наздик. Бад-ин ҷиҳат, қаҳрамонии Рустаму Исфандиёр ва бахусус Сиёвуши таърихӣ ин ҳадафи волоро дорад ва талоши

давлатҳои бузурги ориёӣ - Каёниён, Ҳахоманишиён, Ашкониён, Кушониён, Сосониён ва Ҳайтолиён асосан дар самти дастёбӣ ба ин ҳадафи бузурги таърихӣ ва ҳаётӣ будааст.

Дар ин фарҳанги сиёсӣ сулҳ бо истиқлол, адолат ва пешрафт пайванди табиӣ дорад; сулҳ тақозои заифон нест, балки сулҳ мазҳари шуҷоат, ҳиммат ва хиради сиёсии озодагон ва ҷаҳонсозон аст.

Баъди интишори ислом дар Хуросони бузург фарҳанги сиёсии ориёӣ (чун усулу арзишҳои тамаддуни ориёӣ дар маҷмӯъ) бо арзишҳо ва меъёрҳои исломӣ омезиши табиӣ ва арзишманд ёфт.

Ҳамагон хуб медонем, ки дини муқаддаси ислом дар ҷумлаи арзишҳои волои башарӣ сулҳро бахусус таъкид доштааст ва ҳатто яке аз маънохои худи номи "ислом" сулҳ ва амонӣ аст. Ва вақте мегӯем "ассалому алайкум" (яъне ба Шумо амонӣ хоҳонам) ва "хотири ҷамъ" таманно менамоем, муроди аслӣ ва қалбии мо сулҳу амонӣ ва оромии рӯҳу равон, тану ҷисм ва кишвару Ватан аст.

Адаби оламгири мо аз ашъори шаккарину чун оби кӯҳистон мусаффои сардафтари он устод Абуабдуллои Рӯдакӣ то осори сардафтари адабиёти муосири мо устод Садриддин Айнӣ саршор аз ғояи сулҳ аст. "Шоҳнома"-и безавол, ки таҷаллии рӯҳи ҷовидонаи ватандӯстӣ ва озодихоҳии мардуми озодаи мост, ҳамзамон достони ситоиши хирад, сулҳ ва созандагист.

Таъкиди арзиши ҳаётӣ ва волои сулҳ дар давраҳои мудҳиш ва хатарноки таърих возеҳтар аст. Масалан, дар даврони ҳуҷуми маргбори муғул, ки хуни миллионҳо афроди бегуноҳ ва масъум мисли наҳр ҷорӣ буд, тамоми осори ободӣ яксара харобу нобуд сохта мешуд ва тантанаи ҷанг, зӯр, ваҳшатафканӣ гӯё возеҳ буд, Саъдии бузургвор бо шинохти амиқи таҷрибаи башарӣ суруд:

Агар пилзурӣ, агар шерчанг,
Ба наздики ман сулҳ беҳтар, ки ҷанг.

Ва дар ҳамин давра Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ арзиши инсонро ба арши аъло бардошт.

Пайванди ниҳоят табиӣ ва амалан ногусастаи арзишҳои волои ичтимоӣ – озодиву истиқлол, донишу маърифат, хираду тадбир, сулҳу дӯстӣ ва ҳамкорӣ дар ниҳоди миллат асолат ва ҳуввияти милливу таърихии тоҷиконро таҳвият ва таҳкими матлуб бахшидааст. Ба баракати он

миллати мо аз ҷараёноти мудҳиш ва хунини таърих бо ҳифзи асолату ҳуввияти худ берун омада, дар муддати ниҳоят кӯтоҳи таърих ба эҳё ва пешрафти ҳайратангез ноил гардидааст.

Ин омил дар даврони тӯлонӣ, ки мо аз давлати асили миллӣ маҳрум будем ва таҳти фишори рӯзафзуни омилҳои харобгар қарор доштем, ҳамзамон ба ҳифзи асолат нақши бузурги иҷтимоӣ ва маънавии миллати моро таъмин намуд. Барои эҳёи миллӣ ва истиқлоли баъдӣ заминаи таърихӣ мавҷуд буд. Таъсиси Ҷумҳурияти Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон бо ҳама иштибоҳоту поймолсозии ҳуқуқҳои таърихии тоҷикон ва фишори шадид ба усулу арзишҳои асолату ҳуввияти миллӣ дар сарнавишти таърихии мо воқеаи муҳим гардид.

Ташаккули сохторҳои навин дар даврони шӯравии таърихи мо, қабл аз ҳама саноат, инфраструктура, илми муосир, низомҳои муосири маориф ва тандурустӣ, фарҳанги нави иҷтимоӣ дар такомули сохторҳои миллӣ ва шаклгирии раванди бедорию истиқлолхоҳӣ нақши муҳим доштанд.

Бинобар омилҳои ниҳоят зиёди объективӣ ва субъективӣ, дохилӣ ва хоричӣ бӯҳрони сохтории Иттиҳоди Шӯравӣ дар охири солҳои 80-уми асри XX ба авҷи худ расид ва дар оғози солҳои 90-ум ин давлати абарқудрат фурӯпошӣ шуд. Бар асари ин раванд ва таҳаввулоти дигари бузурги таърихӣ миллат ва кишвари мо ба истиқлол ноил шуданд ва баъди садсолаҳои ноумедию сарафкандагӣ имкони таъсис ва таҳкими давлати мустақили миллӣ фароҳам гардид. Дар таърихи ҳазор соли охир ин дастоварди арзишмандтарин ва неъмати волою муқаддас буд.

Шарти муҳимтарини ҳифз ва таҳкими истиқлоли деринтизор ваҳдати шикастнопазири миллӣ, таъмини фазои сулҳу суботи комил ва сиёсати ягонаву ҳадафманди миллӣ буд. Бо камоли таассуф, на фақат ин ниёзҳои ҳаётии миллӣ таъмин нагардид, балки мухолифати сиёсӣ шиддати рӯзафзун касб намуда, натиҷаи фалокатбори он ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Тавре Шумо огоҳед, роҷеъ ба сабабҳо, омилҳо, мазмун ва хусусиятҳои ҷанги шаҳрвандӣ назарҳои гуногун иброз шудаанд.

Мо хоҳони онем, ки ин масоили ниҳоят ҳассосу нозуки таърихи мо масъулона ва воқеъбинона бо омӯзиши дақиқи ҳамаи омилҳо - чӣ омилҳо ва сабабҳои дохилӣ (аз ҷумла мушкилоту нуксҳои даврони шӯравӣ), чӣ омилҳову сабабҳои минтақавию байналмилалӣ (бахусус, ғаразҳо ва дахолатҳои

ошкори баъзе нерӯҳо ва гурӯҳҳои хорич̄ӣ) - бо нақш ва мақоми мушаххаси худ баррасӣ ва арзёбӣ гарданд.

Таъкиди ин нукта зарурист, ки дар ин марҳалаи сарнавиштсоз ҳам ҳукумат ва ҳам мухолифини сиёсии он қодир ба дарк ва татбиқи ҳадафҳои волои миллӣ нагардиданд. Он нерӯҳое, ки масъулияти тақдири миллатро ба дӯш доштанд, мазмуни аслӣ ва ниҳоят зиддиятноки таҳаввулот ва тамоюлоти ҷаҳонӣ, бахусус ҳадафҳо ва ғаразҳои баъзе кишварҳои хорич̄ӣ нисбат ба Тоҷикистонро дарк карда натавонистанд.

Ҷанги шаҳрвандӣ, ки тадричан миқёси фоҷиабори худкушии миллиро пайдо мекард, сабабгори фурӯпошии сохтори сиёсӣ-идорӣ, анархияи сиёсӣ бо нақши амалии дастаҳои зиёди ғайриқонунӣ ва зиддиқонунӣ гардида, барои истиқлоли ҷавони мо хатари марговар эҷод намуд.

Бо камоли масъулият таъкидан иброз медорам, ки маҳз дарки амиқи зарурати наҷоти миллату Ватан ва ҳифзи истиқлоли кишвар тамоми нерӯҳои масъул, огоҳ ва ватандӯсти кишварро дар саъю талоши фидокорона барои таъмини сулҳ, ризоияти сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ иродаи матин ва шикастнопазир бахшид. Ба манзури дастёбӣ ба ин ҳадафҳои волои миллӣ мо стратегияи ҷомеъ, санҷида ва муассиреро таҳия ва пайгирона татбиқ намудем, ки баъдан ҳамчун таҷрибаи нодир ва арзишманд дар сатҳи ҷаҳон эътироф гардид.

Оғози амалӣ ва накӯи он Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ буд. Баъди гузашти қариб 14 сол мо бори дигар мутмаин мешавем, ки дарвоқеъ Иҷлосияи XVI, иҷлосияи наҷотбахш ва тақдирсоз буд.

Бо баргузории Иҷлосияи XVI саҳифаи нави таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона оғоз гардид. Шумо огоҳед, ки стратегияи сулҳ ва ризоияти сиёсии тоҷикон борҳо мавриди баррасӣ ва арзёбӣ дар минбарҳо ва сатҳҳои гуногуни илмӣ ва сиёсӣ будааст. Қобили ёдоварист, ки стратегияи мо дорои рукнҳо ва усулҳои зиёди муассиру созанда буд, ки ҳар кадом омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаро тақозо доранд. Дар ин ҷо таъкиди чанде аз онҳоро зарур медонам.

**Якум,** дахлнопазирӣ ва тағйирнопазирии усул ва арзишҳои бунёдӣ, қабл аз ҳама озодӣ, истиқлол ва давлати мустақили миллӣ.

**Дувум,** ҳифзи хислат ва мазмуни низоми сиёсии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ

ва иҷтимоӣ, ки интихоби тамоми мардуми кишвари мост ва дар Конституцсия ифодаи олии қонунӣ дорад.

**Севум,** ба назар гирифтан ва қонеъ намудани манфиатҳои сиёсии аҳзоб ва гурӯҳҳои сиёсӣ дар доираи низоми плюрализми сиёсӣ, қонунҳо ва сохторҳои зарурӣ ва татбиқи онҳо тавассути механизмҳои гуногун, аз ҷумла мақомот ва идороти давлатӣ, ҳамчунин ниҳодҳои хос, назири Шӯрои ҷамъиятӣ, Комиссияи мусолиҳаи миллӣ, Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон.

**Чаҳорум,** истифодаи васеи ниҳодҳо ва сохторҳои суннатӣ ва анъанавӣ, усул ва арзишҳои ҷовидонаи миллӣ, хиради азалӣ ва ақли солим, пандҳои пурҳикмати ниёгон, машварату таҷрибаи хирадмандон, бузургсолон, нерӯи бузурги аҳли адаб, фарҳанг ва ҳунар.

**Панҷум,** ҳамкории созанда ва муассир бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва кишварҳои дӯст, ки мехостанд ба таъмини суботу оромӣ дар кишвари мо холисона мусоидат намоянд.

Мо иддао надорем, ки таҷрибаи таъмини сулҳ ва ризоияти миллии мо намунаи универсалӣ ва ягонаи ҳалли низоъҳо мебошад. Бо он ҳам дар шароити афзоиши рӯзафзуни хатарҳои гуногун дар кишварҳо ва минтақаҳои гуногун ин таҷриба ҳамчун намунаи ҳалли муваффақонаи мавриди истифодаи эҷодгарона қарор хоҳад гирифт. Бори дигар дар таърихи мо собит шуд, ки сулҳ ва ваҳдат шарти ободӣ ва пешрафт аст: дар ҳамон соли 1997 коҳиши иқтисодӣ қатъ шуд ва дар муддати ҳамагӣ панҷ сол оқибатҳои бӯҳрони сиёсӣ бо нерӯ ва талоши фидокоронаи мардуми шарифи Тоҷикистон асосан рафъ гардиданд. Зиёда аз он, ба баракати ризоият ва ваҳдати миллӣ ва татбиқи стратегияи санҷидаи ислоҳоти бунёдии ҷомеа мо ба шоҳроҳи рушди босуръат ва устувори иқтисодӣ дохил шудем.

Дар солҳои 2001-2005 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ солона ба ҳисоби миёна дар ҳудуди 10 фоиз афзуда, ҳаҷми афзоиши умумии он дар 5 сол 60 фоизро ташкил дод. Маҳсулоти умумии саноатӣ зиёда аз 70 фоиз ва тиҷорати хориҷӣ беш аз 2 маротиба афзуд.

Татбиқи муваффақонаи стратегияи иқтисодӣ ба ҳалли масъалаҳои ниҳоят муҳими иҷтимоӣ, қабл аз ҳама рафъи камбизоатӣ, тадричан боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ва татбиқи тадричии комёбонаи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола мусоидати фаъол менамояд.

Имрӯз ҳудуди нисфи буҷаи кишвар барои соҳаҳои ичтимоӣ муайян шудааст. Ва кӯмакҳои байналмилалӣ низ асосан ба ин соҳаҳо равона мешаванд.

Ҳадафи бартар ва аслии мо камоли маърифатӣ, маънавӣ ва ахлоқии инсон аст. Мо нисбатан қаноатмандем, ки имрӯз дар Тоҷикистон 99 фоизи аҳолӣ босавод буда, ҳудуди 3800 мактаб, беш аз 20 коллеҷ, 38 донишгоҳу донишкада фаъолияти босамар доранд. Теъдоди муассисоти таҳсилоти олӣ нисбат ба даврони қабл аз истиқлол 3 маротиба ва шумораи донишҷӯён қариб 2 баробар афзудааст.

Мо имрӯз маорифро самти афзали сиёсати дохилии кишвар эълом дошта, иқдомоти муҳим ва таърихиро амалӣ менамоем.

Мо барои такомулу рушди забони модарӣ, фарҳанг ва маънавияти миллӣ, таъмини фазои солими ахлоқӣ, тақвияту таҳкими ҳамаҷонибаи асолату ҳуввияти миллӣ талоши ҳаррӯзӣ дорем. Вале бояд хуб донем ва амиқан дарк намоем, ки дар даврони равандҳою таҳаввулоти босуръат, зудтағйирёбанда ва зиддиятноки таърихи башар зиндагӣ ва фаъолият дорем.

Мо ҳамагон вазифадорем, ҳамқадами замон бошем ва кишвару миллати худро бидуни осебу зарар ба уфуқҳои навини пешрафт ва амалан сатҳи навини рушд пеш барем. Агар нек нигарем калиди аслии дастёбӣ ба ин ҳадаф ваҳдат ва маърифат аст.

Мо бояд бо саъю талоши ҳаррӯзӣ ваҳдати комил ва шикастнопазири миллиро таъмин намоем. Барномаҳои зиёди имрӯзӣ ва ояндаи иқтисодӣ ва инфраструктурӣ ҳамзамон бо ҳадафи пешрафти умумӣ ба манзури татбиқи комёбонаи ин ниёзи ҳаётӣ ва таърихии мост. Вале бояд таъкидан зикр дошт, ки шарти аслии татбиқи амалан ҳама барномаҳо ва ҳадафҳои мо дониш ва маърифати сатҳи имрӯзии ҳамагонист. Возеҳ аст, ки агар мо мутахассисони сатҳи баландро тарбия нанамоем, объектҳои бузурги иқтисодӣ ва инфраструктурии мо самараи матлуб нахоҳанд дод.

Агар мо шинохти дақиқи равандҳои мураккаби дохилӣ, минтақавӣ ва глобалиро соҳиб набошем, Ватани азизи худро аз гирдоби таҳаввулот, дахолатҳо ва барномаҳои харобгари баъзе гурӯҳҳо ва ҳалқаҳои бадхоҳ комилан эмин дошта наметавонем. Моро маърифати навини ҳамагонӣ мебояд. Калиди он дар низоми маорифи мост. Ин низом бояд ҳамқадами замон ва таҳаввулоти босуръати рӯз бошад ва муассирияту самараи сатҳи нав касб намояд.

Мо дар мавриди масоили мубрами маориф борҳо ва муфассал сӯҳбат намудем, ки зикри онҳо дар ин маҳфили аҳли зиё ва дониш зарур нест. Дар ин ҷо мехоҳам таваҷҷӯҳи Шумо ва тамоми зиёиёни кишварро ба чанд проблемаи ҳаётию стратегӣ ҷалб намоям, ки барои ояндаи кишвар аҳамияти бузурги амалӣ доранд.

Таҳлили тамоюлоти муҳими дохилӣ ва ҷаҳонӣ бозгӯ менамояд, ки низоми маориф бояд муташаккил, муназзам ва қодир ба пазириши таҳаввулоти навин бошад. Ин низом бояд тавре созмондиҳӣ ва татбиқ гардад, ки дар он аз мураббию муаллим то вазири маориф вазифаҳои дақиқи функсионалии худро пурра ва дар сатҳи баланд амалӣ намоянд ва самараи умумии амалкарди он татбиқи комёбонаи стратегияи миллии маориф бошад.

Вазифаи муҳимтарини амалии рӯз пурра созгор намудани низоми маориф дар ҳама зинаҳои он (бахусус, зинаи таҳсилоти олӣ) бо ниёзҳо ва тақозоҳои рӯзафзуни давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аст.

Мо вазифадорем, ки таълиф ва нашри китобҳои дарсӣ ва раванди таълими тамоми фаннҳои гуманитарӣ ва иҷтимоиро дар сатҳи баланд таъмин намоем, зеро ин фаннҳо, қабл аз ҳама, забон, адабиёт, таърих, сират ва симои шахсияти миллии мо ва асолату ҳуввияти моро ташаккул медиҳанд. Бад-ин ҷиҳат, ҳар фарди ватандӯст ва соҳибмаърифат бояд забони модарии худро хуб фаро гирад ва аз таъриху адаб, ки мактаби воқеии инсоншиносист, хуб огоҳ бошад.

Возеҳ аст, ки дар айёми рушди ҳайратангези илму техника ва таҳаввулоти бузурги глобалӣ, бахусус бо назардошти барномаҳои стратегии иқтисодӣ ва инфраструктурӣ омӯзиши амиқи фанҳои дақиқ ва равияҳои техникӣ, ҳамчунин забонҳои англисӣ ва русӣ аҳамияти хоси амалӣ пайдо намудааст. Татбиқи муваффақонаи он аз тариқи таъмини сатҳи баланди таълим дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, таъсис ва густариши шабакаи мактабҳои типи нав ва ихтисосӣ, такмили таҳсили техникӣ, миёнаи махсус ва олӣ имконпазир аст. Зарур аст дар ин самтҳо иқдомоти мушаххас ва асоснок амалӣ гарданд.

Густариши шабакаи ихтисосҳои табиӣ ва техникӣ дар сатҳи таҳсилоти олӣ ногузир аст. Маҳз бо дарки он донишкадаҳои нави энергетикӣ ва кӯҳию маъдан таъсис шуданд ва номенклатураи ихтисосии донишгоҳҳову донишкадаҳо васеъ гардид. Вале бояд доиман мадди назар дошт, ки масъалаи муҳимтарини тамоми сатҳи таълим - қабл

аз ҳама, таҳсилоти олӣ - масъалаи сифат аст. Ҳадафи аслии мо дар ин арса тарбияи мутахассисони сатҳи баланди муосир мебошад. Мо имрӯз донишгоҳҳою донишкадаҳои зиёд ва шояд аз ҳад зиёд дорем, вале сатҳи касбию ихтисосӣ ва интеллектуалии аксари хатмкунандагон ва дараҷаи дониши донишҷӯён ҷавобгӯи талаботи рӯз нест.

Дар ин ҷо бояд ёдовар шуд, ки дар 10-12 соли охир бо баҳонаҳои муносибатҳои нав, талаботи бозор ва зарурати рақобати озод, вале аслан бо ҳадафҳои маҳдуд ва ғаразҳои хос шабакаи донишгоҳҳо ва донишкадаҳо хеле васеъ шуд. Аксари донишгоҳҳо ва донишкадаҳои навтаъсис бидуни доштани шароити зарурӣ ва ҳатто ҳадди ақалли нормативии таълимӣ-методӣ ҳазорҳо афродро бо қабули пули таҳсил пазируфтанд ва санади хатм доданд.

Ман ошкор изҳор медорам, ки ҷонибдори рақобати озод ва ташаккули сектори ғайридавлатии таҳсил мебошам. Ин тақозои рӯз аст. Вале рақобати солим ва созанда ба манзури сатҳи баланд ва касби донишҳо ва ихтисосҳои нав зарур аст. Мо ҳаққи маънавӣ ва қонунӣ надорем нисбати сарнавишти ҷавонон, беэътиборшавии касб ва ихтисос, густариши падидаҳои коррупсионӣ ва бахусус оқибатҳои ногувор барои ҷомеа ва мардум бетафовут бошем. Шумо хуб медонед, зарари амалии табиб ва муаллими бедониш барои ҷомеа то чӣ ҳадд аст. Ва ё мисоли барои Шумо равшантар: агар агроном ва мутахассиси дигари соҳаи кишоварзӣ дорои донишу малакаи касбӣ набошад, магар зарари кору амали ӯ кам хоҳад буд? Маҳз бо назардошти оқибатҳои ногувори дарозмуддати ин воқеъият мо ба танзими ҷиддии сохтори таҳсилоти олии кишвар даст задем. Ин кор бояд хислати муназзам, санҷида ва масъулона касб намояд. Имрӯз дар донишгоҳҳо ва донишкадаҳо шӯъбаҳо ва ихтисосҳое мавҷуданд, ки ҳатто як устоди соҳиби ихтисоси олӣ - доктор ва ё ҳадди ақалл номзади илм надоранд. Ин бахусус ба ихтисосҳои соҳавии ҳуқуқ ва иқтисод марбут аст. Возеҳ аст, ки мо ба тарбияи чунин мутахассисон ниёз дорем. Зарур аст ин амри ҳаётӣ дар донишгоҳҳои мӯътабар ва дорои тамоми шароиту имконоти сатҳи имрӯзӣ сурат гирад. Зимнан, ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои мӯътабари дунё дар ин кор муфид хоҳад буд.

Масъалаи дигари муҳимтарин - ин таҳкими базаи илмӣ-методӣ ва моддӣ-техникии донишгоҳҳо ва донишкадаҳо аст. Мо аллакай ба татбиқи ин самти барномаи таҷдид ва навсозӣ дар Донишгоҳи омӯзгорӣ шурӯъ намудем ва он муваффақона идома дорад. Дар назар аст сохтмони шаҳракҳои Донишгоҳи

давлатии миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон мутобиқи нақша идома ёбад ва базаи илмӣ-лабораторӣ ва методӣ-таҷрибавии онҳо таҷдид ва тақвият шавад. Зарур аст лабораторияҳо ва марказҳои хоси ихтисосҳои навин эҷод шаванд. Ва шабакаи илмӣ ва иттилоотӣ ба шабакаҳои глобалӣ ва захираҳои ҷаҳонӣ роҳ ёбад.

Дар ин маврид бояд зикр кард, ки Донишгоҳи Шумо базаи нисбатан хуб дорад. Вале ба назари ман тақвияти бештар ва навсозии муттасили он ва пайванди он бо шабакаҳои имрӯзӣ зарур аст. Зеро мо амалан ба "инқилоби аграрӣ" (яъне таъмини сатҳи сифатан нави низоми кишоварзӣ) ниёз дорем ва он ба нерӯи баланди ихтисосӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси экологӣ, иқлимӣ ва технологӣ амалан имконпазир аст. Ба Вазорати кишоварзӣ зарур аст дар мавриди рушди Донишгоҳи аграрӣ пешниҳодоти мушаххас ва асоснок манзур намояд.

Масъалаи дигари муҳимтарини низоми таҳсилоти олӣ пайванди бештар ва амиқ бо истеҳсолот, корхонаву муассисот аст. Ин имкон медиҳад мутахассисони оянда малакаи хуби касбӣ ҳосил намоянд ва қодир ба фаъолияти босамари амалӣ бошанд.

Ҳамзамон имкони он муяссар мешавад, ки талабот ба мутахассисони соҳаҳои мушаххас беҳтар маълум гардад ва маблағҳои корхонаҳою муассисот ба манзури рушди таҳсилоти олӣ сафарбар гарданд.

Тақвияти нерӯи илмии донишгоҳҳо ва донишкадаҳо аз вазифаҳои муҳими рӯз аст. Зарур аст барномарезии таҳқиқоти илмӣ ҷиддан такмил ёбад. Меъёрҳои асосии арзёбии фаъолияти илмӣ кашфи масоили нокушода ва дорои аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ, сатҳ ва сифати таҳқиқ, мақоми шоиста ва зарурӣ дар илми ҷаҳонӣ бояд эътироф ва татбиқ шаванд.

Вазифаи таъхирнопазир таъмини сатҳи имрӯзии ҳамоҳангсозии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар кишвар аз ҷониби Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамкории наздики муассисоти илмӣ-таҳқиқотии академӣ, соҳавӣ ва донишгоҳӣ мебошад. Ҳамзамон густариши ҳамкории байналмилалии илмӣ зарурист. Шаҳсутуни низоми таълимию таҳсилии мо омӯзгор аст. Мо аз он ниҳоят қаноатманд ва сипосгузорем, ки дар муассисоти таълимиву таҳсилии мо даҳҳо ҳазор омӯзгорон фаъолияти ҳаррӯзии созандаи инсонсоз доранд. Онон чароғи маърифат, раҳнамои худшиносиву худогоҳии миллӣ ва мураббии фарҳанги баланди иҷтимоӣ мебошанд. Аксари мутлақи онҳо рисолати бузурги худро чӣ

дар рӯзҳои ниҳоят сангини Ватан ва чӣ дар ин даврони созандагиву рушди ҳамагонии кишвар шоиста анҷом медиҳанд ва ман дар ин рӯзи мубораки дониш сипос ва эҳтиромии амиқи инсонии хешро ба ҳамаи онҳо изҳор медорам.

Мо дар ин рӯзи саид низ ҳаҚ надорем аз зикри он худдорӣ намоем, ки иддаи муайяни муаллимон ва омӯзгорони донишгоҳову донишкадаҳо сатҳи зарурии дониши касбиро доро нестанд, фаъолияти ғайриқаноатбахши педагогӣ ва илмӣ доранд, ба аъмоли зишти тамаъҷӯиву ришваситонӣ даст мезананд ва дар асл ба рисолати бузурги омӯзгорӣ хиёнат менамоянд.

Дар ин росто вазифаи ниҳоят муҳим созмондиҳии такмили ихтисоси омӯзгорони мактабҳои олӣ мебошад. Ин аз он ҷиҳат таъхирнопазир аст, ки имрӯз дар донишгоҳҳо ва донишкадаҳо теъдоди муаллимони ҷавон ва омӯзгорони ҷавони бе дараҷа ва унвони илмӣ рӯ ба афзоиш аст. Истифодаи нерӯи бузурги илмӣ ва илмӣ-методии донишгоҳҳои дорои базаи зарурӣ ва таҷрибаи кофӣ зарур аст. Ҳамзамон таҷрибаи такмили ихтисос дар донишгоҳҳои маъруфи ҷаҳонӣ (бахусус, дар донишгоҳҳои Федератсияи Россия) бояд эҳё гардад ва барои татбиқи муваффаҚонаи он чӣ маблағҳои хоси буҷавӣ ва чӣ маблағҳои худи донишгоҳҳову донишкадаҳо васеан истифода шаванд. ФаҚат татбиқи пурра ва комёбонаи ин вазифаҳои бузург ва ниҳоят зарурӣ имкон медиҳад мо ба ҳадафи таърихии миллии хеш дар соҳаи маориф - таъмини сатҳи муосири ҷаҳонии низоми таълиму тарбия ноил шавем. Ин низом муҳаррики рушди босуръат ва сифатӣ гардида, ҳамзамон камоли фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа ва ҳар фарди он, саодату хушрӯзии мардуми азизи Ватанро таъмин хоҳад намуд.

Ман мутмаинам, ки бо нерӯи бузурги Шумо, устодону омӯзгорони арҷманд ва донишҷӯёни азиз, тамоми аҳли зиё ва кулли халқи шарифи кишвар мо ба ин ҳадафи воло ва таърихӣ дастёб хоҳем шуд. Ба Шумо ва тамоми муаллимону омӯзгорон ва донишҷӯёну донишомӯзони Ватан дар рӯзи саиди дониш ва маърифат сиҳатию саломатӣ, хотири ҷамъ, хонаи обод, рӯҳи қавӣ ва азми матин, саодат ва комгории инсониро сидқан хоҳонам.

Бори дигар ҳамаи Шуморо ба фарорасии ҷашнҳои мубораки миллӣ табрик ва таҳнийт мегӯям.

**Сарфарозу хушбахт бошед!**

## СУХАНРОНӢ
## ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ "ТЕЛЕВИЗИОНИ КӮДАКОНУ НАВРАСОН – БАҲОРИСТОН"

Душанбе, 4 сентябри соли 2006

**Ҳамватанони гиромӣ!**
**Падарону модарон ва фарзандони азиз!**

Дар остонаи ҷашнҳои бузургу муқаддаси миллӣ – 15-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб ва Анҷумани тоҷикону форсизабонони ҷаҳон дар ҳаёти фарҳангиву маънавии кишварамон боз як воқеаи таърихии фараҳбахш ба вуқӯъ мепайвандад. Мову шумо имрӯз шоҳиди ба кор оғоз кардани шабакаи нави "Телевизиони Баҳористон" мешавем, ки барои кӯдакону наврасон пешбинӣ шудааст.

Ба ин муносибат қабл аз ҳама кӯдакону наврасони азиз, падару модарони меҳрубон ва ҳайати эҷодиву техникии телевизиони нави "Баҳористон"-ро самимона табрику таҳният гуфта, барояшон бахту саодат, саломативу умри дароз, ҷустуҷӯву бозёфтҳои эҷодӣ ва дастовардҳои ҳунарии тоза ба тозаро таманно дорем.

"Баҳористон" ном гирифтани шабакаи телевизионии кӯдакону наврасон амри тасодуф нест. Ҳанӯз дар асри понздаҳ яке аз шоҳсутунҳои бузурги адабиётамон Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар пайравии асарҳои панду ахлоқии "Бӯстон" ва "Гулистон"-и Саъдӣ шоҳасари тарбиявӣ ва талқинкунандаи ахлоқи ҳамида "Баҳористон"-и худро офарида, онро ба фарзанди хурдсолаш бахшида буд. Ва ин асар дар тайи садсолаҳо на танҳо дар тарбияи фарзандони шоистаи миллати тоҷик, балки бузургони аҳли башар хизмати арзанда намудааст.

"Баҳористон"-и Ҷомӣ воқеан барои тарбияву ташаккули маънавиёт, одобу ахлоқ, фарҳангу маърифат ва худшиносии чандин насли миллатамон дастури арзандае

будааст. Хушбахтона, дар радифи он, имрӯз "Баҳористон"-и дигар – шабакаи телевизионии кӯдакону наврасон ба кор оғоз мекунад, ки аз рӯйи таҚозои замон дорои шаклу услуб, мазмуну барномарезии хоса ва тарҳу тарзи фаъолияти мукаммали худ мебошад.

Бо боварӣ гуфта метавонам, ки дар доираи барномаҳои ин шабака навниҳолони зиёд тарбия ёфта, дунёи маънавии худро бой мегардонанд, илму дониш меандӯзанд ва таҷрибаву сабаҚи хотирмони зиндагӣ мегиранд. Имрӯз тараққиёти пайгиронаи илму техника ва технологияи замонавиро баъзе ҷомеашиносон чун дастоварди ҷаҳонишавии тамаддуни иттилоотӣ ва меҳвари пешбарандаи ҷомеаи инсонӣ эътироф мекунанд. Аз ин хотир масъалаи тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавонон дар мадди назари падару модар, мактабу маориф ва зиёиёну аҳли ҷомеа ва ҚабЛ аз ҳама Ҳукумати ҷумҳурӣ ҚарОр дорад. Ногуфта намонад, ки маҳз бо ташаббуси роҳбарияти давлат 3-юми сентябри соли гузашта шабакаи фарҳангиву фароғатӣ ва иттилоотии "Телевизиони Сафина" ба кор оғоз намуд ва зиёиёни мо боз як минбари наве барои ибрози назар ва манзури мардум гардонидани дастовардҳои илму фарҳанг пайдо намуданд.

Аз он рӯзе, ки "Телевизиони Сафина" ба фаъолият пардохт, фазои иттилоотии кишвар то андозае шавҚовару тамошобоб гардида, раҚобати солими эҷодӣ ба вуҷуд омад. Шабакаи аввали Телевизиони Тоҷикистон бо техникаи замонавӣ таҷҳизонида шуда, сифати хизматрасонии техникӣ низ беҳтар гардид. ВоҚеан, тамаддуни иттилоотӣ тадриҷан ба Қутбнамои самти нави рушди инсоният табдил меёбад ва ҷаҳони имрӯза ба сӯйи истифодаи имкониятҳои телевизион Қатъитар Қадам мениҳад. Аз шарофати наздикшавии фосилаҳои замонию маконӣ иттилооти сиёсиву иҚтисодӣ, иҷтимоиву маънавӣ ва илмию фарҳангӣ ба осонӣ дастраси мардум, хусусан ҷавонону наврасон мегардад.

Дар айни ҳол мубодилаи беҳадду марзи иттилоотӣ, рушди васоити интернетӣ, коркарду пахши барномаю ахборот ва густариши алоҚаи моҳворавӣ торафт вусъат ёфта, имкониятҳои шабакаи телевизионӣ ва технологияи компютерӣ сол то сол меафзояд.

Густариши тамаддуни иттилоотӣ, телекоммуникатсия ва илми муосир имкон медиҳад, ки мову шумо кишварҳои дуртарини сайёраро Қариб ҳар рӯзу ҳар соат бубинем, аз воҚеаҳои ҷаҳон, дастовардҳои илму техника ва тамаддунҳои мухталиф огоҳ мешавем.

Пешрафти техникаю технологияи телевизионӣ фосилаи фазою вақт ва макону замонро кӯтоҳ карда, чун қосиди ҷаҳонишавӣ ба мо аз бурду бохти иқтисоду сиёсат, илму фарҳанг, техникаву технологияи муосир ва соири риштаҳои дигари фаъолияти башарият маълумот мерасонад.

Ба назари ман яке аз вазифаҳои аввалиндарачаи шабакаи "Телевизиони Баҳористон" баланд бардоштани сатҳи маърифат, илму адабомӯзӣ, густариши ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии кӯдакону наврасон, ошноии онҳо бо дастовардҳои илму фарҳанги халкҳо ва кишварҳои мухталифи олам, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус забонҳои русиву англисӣ, кор бо компютер ва технологияи иттилоотӣ, таблиғи зиндагии солим ва ахлоқи ҳамида мебошад.

Рӯ овардан ба ахлоқи ҳамида, рафтори неку оқилона ва маънавиёту зиндагии солим тақозои замони мураккабу пурҳангомаи асри нав аст. Ман ҳангоми ҷашни 60-солагии ЮНЕСКО дар Париж таклиф намудам, ки яке аз солҳои наздик – Соли ахлоқи ҳамида дар тамоми сайёра эълон карда шавад ва арзишҳои беҳтарини ахлоқи умумибашарӣ аз тариқи васоити ахбор, аз ҷумла шабакаҳои телевизион тарғибу ташвиқ гардад.

Мутаассифона, имрӯз дар аксари шабакаҳои телевизионҳои ҷаҳонӣ коҳиш ёфтани арзишҳои волои ахлоқӣ, фарҳангу маънавиёт, одобу суннат, фарҳанг ва асолати одамият боло гирифта, аксаран филмҳои моҷароангез, ҷангу куштор, ғорату таҳқир, бераҳмию зӯроварӣ пахш мегарданд, ки ин боиси паст задани шаъну эътибор ва мақому мартабаи азалии инсонӣ ва ормонҳои волои башарият мегардад.

Имрӯз дар саросари ҷаҳон талабот ба иттилоот меафзояд ва дар миёни воситаҳои гуногуни ахбор ҷойи телевизионро чизе иваз карда наметавонад. Дар бозори иттилооти ҷаҳонӣ доду ситади барномаҳои телевизион авҷ гирифта, онҳо баъзан бо мақсадҳои ғаразнок ва ҳадафҳои сармоягузорӣ истифода мешаванд. Дар натиҷа суннат ва меъёрҳои ахлоқӣ, аз ҷумла рисолати оила ва оиладорӣ, эҳтироми калонсолон, меҳру муҳаббати самимии инсонӣ, накӯкорию ҷавонмардӣ мекоҳад ва ҷойи онро инсонситезию қасосситонӣ, зӯровариву фоҷиаҳои мудҳиш мегирад.

Маҳз қавӣ гардидани шабакаҳои давлатии телевизионӣ имкон медиҳад, ки мо фазои иттилоотиро аз барномаҳои солиму пурмуҳтаво ғанитар гардонида, шабакаҳои ғайридавлатиро водор созем, то сабку услуб ва тарзи

пешниҳоди барномаҳояшонро шаклан ва мазмунан беҳтар намоянд. Ногуфта намонад, ки телевизионҳои мавҷудаи давлатӣ ҳанӯз танзими барномаҳоро дар сатҳи баланди касбӣ ташкил накардаанд. Сифати баъзе намоишу барномаҳо ба талаботи замон, рӯҳияи имрӯзаи ҳаёт, дигаргуниҳои зиндагӣ ҷавобгӯ нест ва табъу завқи рӯзафзуни тамошобинонро қонеъ карда наметавонанд.

Имрӯз мо бояд ба таҳия ва пахши барномаҳое даст занем, ки завқи зебоипарастӣ, маънавиёт ва сатҳи маърифатнокию фарҳангии мардумро баланд бардоранд ва наслҳои ояндаро дар рӯҳияи баланди ахлоқӣ, худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ тарбия намоянд.

Аз ин хотир Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи таъсиси телевизиони давлатии кӯдакону наврасон "Баҳористон" қарор қабул кард. Рамзист, ки ифтитоҳи ин шабака дар оғози соли нави таҳсили мактабиён сурат мегирад. Зеро ҳадафи асосии таъсиси телевизиони "Баҳористон" мусоидат ба маърифат, илму адабомӯзӣ, ошноӣ бо дастовардҳои техника ва технологияи муосир, муошират бо забонҳои хоричӣ, рушди ҷаҳонбиниву фарҳанг ва ташаккули маънавиёти кӯдакону наврасон аст.

Имрӯз, ки кӯдакону наврасон соҳиби шабакаи телевизиони худ шуданд, мо – калонсолон набояд кӯдаконро танҳо гузорем ва барои шавқовар шудани барномаҳои ҳаррӯзаашон илҳоми эҷодӣ, меҳри падарона ва қудрати маънавиву таҷрибаи мавҷудаи зиндагии худро дареғ дорем.

Итминони комил дорам, ки мову шумо дар баробари рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт, бунёди иншоотҳои бузурги энергетикиву роҳсозӣ ва тадбирҳои дигари ободониву бунёдкорӣ ба тарбияи насли наврас, фароҳам овардани шароит барои ташаккулу такомули дунёи маънавии кӯдакону наврасон ва парвариши ахлоқи ҳамидаву сифатҳои неки инсонӣ ҳамаи тадбирҳоро меандешем.

Алҳол метавон гуфт, ки тамоми шароити зарурӣ барои оғози фаъолияти шабакаи навтаъсиси "Баҳористон" муҳайё мебошад. Бештар аз 135 нафар мутахассисони эҷодӣ ва техникӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гашта, ба наврасону кӯдакон барои офаридани барнома ва дигар самтҳои эҷодӣ ҳаққи қалам дода мешавад. Умед аст, ки "Телевизиони Баҳористон" мактаби воқеии тарбияи барандагону барноманигорони оянда, режиссёрону актёрон, оҳангсозону ҳунармандон ва дигар мутахассисони касбии соҳаи санъат хоҳад шуд.

Аз фурсат истифода бурда, шоирону нависандагон, оҳангсозону рассомон, олимону адибон, санъаткорону рӯзноманигорон, аҳли фарҳангу маориф, падару модарон ва тамоми шаҳрвандонеро, ки тақдири ояндаи кӯдакону наврасон барояшон бетафовут нест, даъват мекунам, ки барои ғанӣ, пурмазмун, рангоранг ва шавқовар намудани барномаҳои "Телевизиони Баҳористон" саҳмгузор бошанд, маслиҳату ҳамкориҳои худро ба роҳбарону кормандони он дареғ надоранд. Бовар дорам, ки "Телевизиони Баҳористон" ба тарбияи кӯдакону наврасони кишварамон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, инсонпарварӣ, донишомӯзӣ, ахлоқу одоби ҳамида, фазилатҳои наҷибу арзишҳои волои умумибашарӣ ҳамаҷониба мусоидат намуда, мӯниси доимии лаҳзаҳои сабақомӯзиву эҷодкорӣ ва истироҳату фароғати онҳо мегардад.

Ба роҳбарияту кормандони "Телевизиони Баҳористон" барори кор орзумандам ва ба фарзандону наберагони азиз ва ҳамаи кӯдакону наврасони кишвар бахту саодат, иқболи баланду рушду камолоти ҳамешагӣ орзу мекунам.

Бигузор "Телевизиони Баҳористон" баҳори умр ва меҳвари шукуфоии бахти шумо бошад!

Бигузор "Телевизиони Баҳористон" ба дилу дидаи шумо – фарзандони азизам, роҳ ёбад ва дӯсту ҳамдами доимиатон гардад!

# ШУКРИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ, ШУКРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

## СУХАНРОНӢ ДАР МАҶЛИСИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА 15-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЛИ БУЗУРГДОШТИ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

Душанбе, 8 сентябри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз ҳамаи моро тантанаи ду ҷашни бузург ва таърихии миллати тоҷик – понздаҳумин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ гирди ҳам овардааст.

**Ин ҷашнҳои фархундаро ба ҳар як фарди миллати куҳанбунёд, соҳибтамаддун ва сарбаланди тоҷик ва ҳамаи меҳмонони азиз самимона табрику таҳният мегӯям.**

Агар санаи аввал аз оғози эҳёи давлатдории миллии мо дар фазои комилан нави сиёсӣ ибтидо гирад, санаи дигар мазмунан ва моҳиятан баёнгари таърихи ҳазорсолаҳои дури тоҷикон мебошад.

Ин ду ҷашни бузург ба сифати рӯйдодҳои барҷастаи сиёсиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангӣ бо раванди дурударози ташаккули фарҳанги давлатдорӣ, роҳи пуршебу фарози расидан ба истиқлолият ва густариш ёфтани ҳуввияти миллӣ пайванди ногусастанӣ доранд ва мазҳари орзуву ормонҳои чандинасраи миллати тоҷик мебошанд.

Мо ин ду ҷашни муқаддас ва бошукӯҳро дар шароити бисёр мураккаб, ҳассос ва зуд тағйирёбандаи ҳаёти башарият истиқбол мегирем. Зеро, ҳарчанд ки инсоният бо нерӯи зеҳнии худ ба ҳазорсолаи нав бо дастовардҳои бесобиқа ворид гардид, вале то ҳанӯз ба як рӯзгори осуда ва зиндагии озод аз

тазоду маҳрумиятҳо нарасидааст ва имрӯз беш аз ҳар давру замони дигар ба сулҳу оромӣ, ҳамкориву ҳамраъйӣ, эҳтиром ва густариши арзишҳои неки фарҳангиву ахлоқӣ мӯҳтоҷ аст.

Хусусан дар давоми даҳсолаи охир низоми оромии нисбии сайёра назар ба даврахои гузашта ба таври ҷиддӣ халалдор гардида, дар минтақаҳои гуногуни олам ҷангу куштор, террору тахрибкорӣ, зуҳури ҷунбишҳои неофашистӣ ва офатҳои табиӣ авҷ гирифтааст, ки ин раванд боиси ба вуҷуд омадани фазои тарсу нобоварӣ ва аз ҳамдигар торафт бегона шудани одамон шуда истодааст.

Таҳдидҳои нав ба тамаддуни ҷаҳонӣ сол то сол доман паҳн карда, амнияти давлатҳои хурду бузурги олам ва тақдири тамоми инсониятро ба хатари ҷиддӣ рӯбарӯ сохтаанд.

Гузашта аз ин, рӯз то рӯз густариш ёфтани ихтилофоти диниву мазҳабӣ, зиддиятҳои милливу нажодӣ, тарғиби ғояҳои миллатгароиву зӯроварӣ ва ҷиддитар аз ҳама, мухолифати тамаддунҳо ва равияҳои сиёсиву идеявӣ, инчунин ба иззати нафси миллатҳо ва динҳои дигар расидан хатари торафт бештар ва харобиовар касб мекунад.

Падидаи аз ҳама хатарноки оғози асри XXI ин шиддати бесобиқаи муборизаи геополитикӣ, бахусус барои дастёбӣ ба захираҳои ҳаётӣ ва стратегӣ ва таъмини назорат аз болои минтақаҳои муҳими геостратегӣ мебошад. Баъди шикасти Иттиҳоди Шӯравӣ ва пош хӯрдани лагери сотсиалистӣ раванди аз нав тақсим кардани ҷаҳон дар байни абаркудратҳои олам то ҳанӯз идома дорад. Шиддати бештари равандҳои зикршуда барои тамоми башарият таҳдиди ниҳоят ҷиддӣ ва ҳатто фалокатбор хоҳад дошт. Зеро, ҳарчанд ки солҳои охир ҷанги сард гӯё ба охир расидааст, вале ҳама медонанд, ки хусусан дар даҳсолаи охир хароҷоти кишварҳои бузург барои ихтироъ ва истеҳсоли силоҳҳои нав ба маротиб афзуда истодаанд.

Мо чунин мешуморем, ки бо талоши якҷоя ва дастҷамъона эмин нигоҳ доштани сайёра аз хатари сар задани ҷангҳои нав ва фалокатҳои техногениву экологӣ, мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ, қочоқи маводи мухаддир, терроризми байналхалқӣ ва экстремизм ва ниҳоят пешгирии бархурди тамаддунҳову дигар хатарҳои мудҳиши глобалӣ аз ҷумлаи вазифаҳои бетаъхири башарият аст.

Имрӯз, ки дар сайёра аз ҷаҳонишавии проблемаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ гуфтугӯ меравад,

ҳамаи кишварҳои олам бояд кӯшиши худро ба як самти ниҳоят муҳим – ҳифзи асолати фарҳанги мардумони сайёра ва таъмини робитаҳои неку созандаи онҳо равона намоянд.

**Ба андешаи мо, ин иқдом яке аз роҳҳои беҳтарин ва муассири начоти башар ва оромиву суботи сайёра аст**. Зеро, ҳарчанд ки имрӯз гуногунрангии фарҳангиву забонии халқҳо ва миллатҳои дунё ҳамчун падидаи нодири таърихӣ таблиғ мегардад, вале барои ҳифзи ин гуногунрангӣ ва густариши он дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳанӯз кӯшиши кофӣ ба харҷ дода намешавад.

Ин проблема миллатҳо ва давлатҳои дорои тамаддуни бостонӣ, аз ҷумла мо – тоҷиконро, ки воқеан ҷонибдори тавсеаи ҳамкории беғаразона дар ин самт мебошем, ба ташвиш овардааст. Чунки дастовардҳо ва арзишҳои муфиди тамаддуни гузаштаро инкор кардан, нақши таърихӣ ва зиндагисози онро барои тарбияи наслҳои имрӯзу оянда нодида гирифтан оқибати хуб надорад.

Баръакс, падидаҳои онро дар мизони меъёрҳои ахлоқиву фарҳангии замони нав санҷидан, унсурҳои беҳтаринашро барои рушди маънавиёти миллатҳову давлатҳо ва умуман башарият оқилона истифода кардан аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин аст.

Тибқи таҳқиқоти муаррихону тамаддуншиносони маъруф инсоният дар тӯли таърихи мавҷудияти худ бисту як тамаддуни ҷаҳониро эҷод кардааст. Аз ҷумлаи онҳо то имрӯз танҳо ҳафт тамаддун нуфузи умумибашарии худро нигоҳ дошта тавонистааст, ки дар миёни онҳо тамаддуни ориёӣ нақши тобнок ва мақоми пуарзише дорад.

Сарнавишти ориёиҳо, ки баробари як силсила халқу миллатҳои олам мо – тоҷикон низ яке аз меросдорони асили он ҳастем, аз ҷумлаи саҳифаҳои басо рангину ҳайратангези таърихи башар аст.

Тамаддуни ориёӣ барои ниёгони мо нақши нуқтаи оғози таърих, арсаи будубош, пайдоиш ва ташаккули нахустин оинҳои давлатдорӣ, фарҳанг, дигар арзишҳои миллӣ ва гузашта аз ин, ҷавлонгоҳи худшиносиву ҷаҳоншиносиро бозидааст.

Бо вуҷуди ин, қарори мо доир ба Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ боиси баланд шудани сару садоҳое гардид, ки гӯё аз ин иқдом бӯйи миллатгароӣ ва нажодпарастӣ меояд. **Вале чунонки борҳо таъкид кардаем, ин иқдоми мо ягон ғарази сиёсӣ ё идеологӣ надорад ва бинобар ин, бо кӯшишҳои**

**ирқпарастиву бадбинии инсон робитае надорад ва дошта ҳам наметавонад**.

Мо аз таърихи қадимаи худ ва аз маъхазҳои зиёд, ки ба забони модарии мо, яъне тоҷикӣ навишта шудаанд, хуб огоҳ ҳастем. Халқи мо дар ягон давру замон ба сари ягон миллат теғ накашидааст. Вале то имрӯз дар ҳудуди кишвари мо ва қаламрави форсизабонон калламанораҳое вуҷуд доранд, ки онҳо ёдгоре аз кирдорҳои ғайриинсонии истилогарони хунрез мебошанд. Халқи мо дар гузаштаҳои наздик низ аз зуҳуроти миллатгароӣ ва нажодпарастии дигарон азобу машаққати зиёд дидааст.

Мақсади мо аз бузургдошти тамаддуни ориёӣ танҳо як назари тозаву холисона ба фарҳанги қадимаи миллати худ ва кӯшиши ошноии амиқтар бо решаҳои таърих ва тамаддуни гузаштаамон аст.

**Мо ин ҳадафи худро борҳо возеҳу равшан эълон доштаем. Зеро миллати тоҷик мисли ҳар халқу миллати дигар дар марҳалаи эҳёи давлатдории миллӣ ва болоравии худшиносии миллӣ ҳуқуқи пурраи маънавӣ дорад, ки таърих ва тамаддуни ориёиро ҳамчун мероси воқеӣ ва собитшудаи ниёгони худ пос дорад, онро омӯзад ва арзишҳои беҳтаринашро барои рушди ояндаи худ истифода намояд.**

**Ва ҳар фарди бонангу номуси миллат бояд донад, ки ачдоди мо – суғдиҳову бохтариҳо зодагони қавми ориёӣ ҳастанд, забони модарии мо баробари дигар забонҳои минтақа, аз ҷумла форсӣ ва дарӣ аз забонҳои қадимаи ориёӣ сарчашма мегирад**.

Дар баробари ин, мо кӯшишҳои ғаразолуди истифодаҷӯиро аз мероси фарҳангӣ барои талқини ғояҳои нажодпарастӣ бо дарки масъулияти таърихиву виҷдонӣ маҳкум мекунем ва фақат мехоҳем, ки наслҳои имрӯзу оянда аз фарҳанги қадимаву рангоранги миллатҳои бостонӣ, аз ҷумла тоҷикон ва арзишҳои волои тамаддуни ориёӣ огоҳу баҳравар гарданд.

Мо мехоҳем, ки таърих ва тамаддуни беш аз панҷҳазорсолаи тоҷикон дар радифи дигар таърихҳо, тамаддунҳо, фарҳангҳо ва оину анъанаҳои ибратбахши халқҳои сайёра омӯхта шавад, дар роҳи камолоти инсон ҳамоно дар хизмат бошад ва ҳамчунин намегузорем, ки он бо ғаразҳои ҷаҳонсӯз ва ҳадафҳои хатарноки геополитикии минтақавӣ ва глобалӣ таҳрифу омехта гардад.

Ҳамзамон бо ин, таъкид месозам, ки мо – созандагони давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ

танҳо бо фарҳанги ниёгони ориёии худ маҳдуд намешавем, нияти эҳё кардани анъанаҳои азбайнрафтаи онҳо ва дину оини фаромӯшшударо низ надорем. **Чунки имрӯз кариб наваду нӯҳ фоизи мардуми Тоҷикистон мусулмонанд ва мо расму оин, анъанаву суннат ва фарҳанги исломии худро гиромӣ медорем**.

Мо кӯшишҳои ба ҳам муқобил гузоштани дину мазҳабҳо ва фарҳангу тамаддунҳоро маҳкум мекунем, ҷонибдори гуфтугӯ ва муколамаи судманди онҳо ҳастем, то ки дар сайёраи мо фазои таҳаммул ва ҳамгироии фарҳангҳои мухталиф рӯз аз рӯз устувор гардад. Ин андешаро ман соли гузашта дар сессияи ҷашнии сивусеюми ЮНЕСКО дар шаҳри Париж таъкид карда будам.

Аз ин рӯ, баробари амалӣ намудани дигар иқдоме, ки дар доираи пешбурди сиёсати давлатсозиву давлатдории навини тоҷикон андешида мешаванд, мо бояд наслҳои имрӯзу фардои миллатро аз мероси бузурги аҷдодӣ огоҳ созем, дар замири онҳо эҳсоси ифтихор аз давлатдории миллӣ, расидан ба қадру қимати давлати мустақили миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, шинохтан ва эҳтиром гузоштан ба мероси гузаштагони хирадманди худро тарбия намоем.

Ҳамзамон бо ин, ҳисси эҳтиром ба арзишҳои фарҳангии дигар халқҳо ва тамаддунҳо ва бетаассуб аз онҳо истифода намуданро парвариш диҳем.

**Бояд гуфт, ки имрӯз дар илми ҷаҳонӣ истилоҳи ориёӣ аслан ҳамчун номи этникӣ ва номи забони мардумони ҳиндуэронӣ истифода мегардад. Ва он ифодаи ҳуввияти милливу таърихии ин мардумон аст.**

Тамаддуни ориёӣ дар давраи давлатдориҳои муташаккилу пешрафтаи таърихии Каёниён, Ҳахоманишиён, Ашкониён, Кушониён, Сосониён, Ҳайтолиён ва як қатор давлатдориҳои дигар ҷанбаҳои гуногуни сиёсиву идорӣ ва иҷтимоии собиту арзишманд, фарҳанги асил ва созанда, меъёрҳои волои ахлоқиву маънавӣ ва робитаҳои қавмиву минтақавиро соҳиб шуда, дар ташаккули суннати бузурги давлатдории ориёӣ ва бунёди ҷамъияти нисбатан пешрафта давраи нави таҳаввули худро сипарӣ кардааст.

Ҳамин тариқ, ҳанӯз то асри VII, яъне зуҳури дини ислом тамаддуни ориёӣ нуфузи ҷаҳонӣ пайдо карда буд. Даҳҳо давлатҳои хурду бузург аз марзҳои Эрон то канораҳои Ҳинд, аз қаламрави Тӯрон то домани рӯдҳои Даҷлаву Фурот таҳти парчами он гирд омада, мардумони ин сарзаминҳо

унсурҳои нахустини арзишҳои башарӣ, пеш аз ҳама оинҳои инсондӯстиро ба оламиён эҳдо кардаанд.

**Агар хизмати таърихии ниёгони ориёии моро ба таври хулоса баён намоем, бояд гӯем, ки онҳо яке аз қадимтарин тамаддунҳои ҷаҳониро офарида, низоми мукаммали идораву давлатдорӣ, санъати асили меъмориву шаҳрсозӣ, тарзи оқилонаву мутамаддини муносибати байни халқияту қавмҳо, эҳтиромӣ оинҳои мухталифи динӣ ва ҷараёну равияҳои гуногуни илмиву фалсафиро барои наслҳои ояндаи башар ба мерос гузоштаанд.**

Бинобар ин, ҳадафи мо аз таҳқиқу омӯзиши таърихи гузаштаи миллатамон ва суннатҳои фарҳанги қадимаи халқамон вусъат бахшидан ба раванди ошноӣ бо арзишҳои умумибашарӣ ва аз худ намудани онҳо, инчунин густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои мутамаддини олам мебошад.

Омӯзиши таърих ва таҷрибаи дар тӯли ҳазорсолаҳо андӯхтаи миллатамон ба мо барои бунёд кардани давлати пешрафта, сулҳдӯст ва фарҳангпарвар, инчунин таҳкими пояҳои давлатдории навин, ваҳдати миллӣ, ҳифзи сулҳу суботи пойдор ва дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносии миллӣ тарбия кардани наслҳои наврас мисли обу ҳаво зарур аст.

**Дар байни миллатҳои мутамаддини олам мисли миллати тоҷик кам халқе вомехӯрад, ки борҳо ба вартаи фаношавӣ наздик шуда, дубора эҳё гардида, баъди ҳар шикасту нокомӣ барои истиқлолияту бақои худ муборизa бурдааст ва аз нав ба зинаҳои баландтари камолот расидааст**.

Хатари мудҳиши беному нишон гаштан ва ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтан ба миллати тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳои мавҷудияташ на як бору ду бор таҳдид кардааст. Бар асари истилои пайдарпайи аҷнабиён ва ҷабран ба сари ниёгони халқи тоҷик таҳмил кардани арзишҳои фарҳангии бегона ҳастии миллат, забон ва фарҳанги чандинҳазорсолаи он борҳо дар сари мӯе қарор дошт.

**Миллати мо дар марҳалаҳои гуногуни ҳаёти худ шаҳрҳои обод, қалъаҳои овозадор, ибодатгоҳҳои қадима, китобхонаву ганчинаҳои беназири фарҳангиро дар коми оташу харобӣ бохтааст, вале иродаи матини абармардони он бар хилофи хостаҳои бисёр душманон ва истилогарони нерӯманд, ки ному нишони миллати тоҷикро аз саҳнаи таърих рӯфтан мехостанд, пойдору бегазанд мондааст**.

Ормони истиқлол дар ҳамаи давру замонҳо фарзандони муборизи, ватандӯст ва донишманди миллати тоҷикро ҳамвора ба нигоҳ доштани ҳуввияти миллӣ, талқину таҳкими оини

давлатдорӣ, пайванди ногусастании наслҳо ва ниҳоят ҳифзи истиқлолияти сарзамини аҷдодӣ раҳнамоӣ карда, дар мушкилтарин давраҳои зиндагӣ ба онҳо нерӯву тавон бахшидааст.

**Муҳимтар аз ҳама, бо шикасти занҷирҳои асорату сарафкандагӣ, ваҳшату куштор ва барбарияти таҷовузгарон халқи мо сирати начиб ва арзишҳои волои маънавӣ ва ахлоқии худро ҳифз кард.**

**Дар ин росто наметавон нодида гирифт, ки то имрӯз афроди ноогоҳ ва аҳли ғараз сифатҳои фурӯтанӣ, сабру таҳаммул, меҳмоннавозӣ, ризоият ва дигар хислатҳои ҳамидаи миллати моро манфӣ арзёбӣ менамоянд, ки комилан хатост. Ин сифатҳо дурдонаҳои сирати миллии мо мебошанд ва бо ҷавҳари озодихоҳиву ватандӯстӣ омезиши накӯ ёфтаанд.**

**Ба шаҳодати возеҳи таърих ниёгони тоҷикон дар тӯли тамоми ҳастии дурударози худ мардуми ватандӯст, муборизу ва фидокор буда, талошу пайкор барои сарзамини аҷдодӣ ва мубориза ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ дар рӯҳу равони онҳо ҳамеша пойдор будааст.**

Онҳо бо аql хиради тавонои хеш истилогарони мулкҳои аҷдодии худро низ тарбия карда, аз байни онҳо олимону адибон ва давлатдорони бомаърифатро ба воя расонидаанд.

Фарзандони шуҷоъ ва хирадманди ниёгони ориёии мо, аз қабили подшоҳони далеру ватанпарвар – Куруши Кабир, Дорои Бузург, Спитамен, Вахшуварт, Канишкои Бузург, Хусрави Анушервон, Тоҳир ибни Ҳусайн, Абдуллоҳи Тоҳир, Яъқуби Лайс ва бахусус Исмоили Сомонӣ таҷассумгари барҷастаи рӯҳи тавонову бешикаст, омезиши ҷасорату иродаи қавӣ, фазилатҳои бузурги сиёсӣ ва инсонӣ ва талошҳои мардона ба хотири давлатсозиву давлатдорӣ ва озодиву истиқлол будаанд.

Ба шарофати талоши пайгиронаи онҳо давлатдории мо аз сароғоз бунёди нерӯманди маънавӣ ва фарҳангӣ касб карда, дар пайкари ду тамаддуни бузурги олам - тамаддуни ориёӣ ва тамаддуни ислом ба камол расида, минбаъд ин тамаддунҳоро тадриҷан рушду нумӯъ ва шӯҳрати ҷаҳонӣ бахшидааст.

**Мо имрӯз ифтихор дорем, ки тоҷикон яке аз қадимтарин миллатҳои ҷаҳон буда, бо осори гаронбаҳои моддӣ ва маънавии худ барои пешрафти фарҳанг ва маънавиёти халқҳои дигар, аз ҷумла минтақаи Осиёи Марказӣ хизмати шоиста кардаанд.**

Таҷрибаи арзишманди гузаштагони мо дар мубориза барои озодӣ ва истиқлол дар асри XX – даврони ниҳоят мураккаби сарнавишти миллати тоҷик аҳамияти фавқулоддаи ҳаётӣ дошт, ки ин масъала то ҳанӯз мавриди таваччӯҳи ҷиддӣ ва баррасиву таҳқиқи ҷомеашиносон ва таърихнигорони мо қарор нагирифтааст.

Дар охири асри XIX ва оғози садаи XX миллати тоҷик таҳти таъсири омилҳои зиёди сиёсиву иҷтимоӣ дар марҳалаи ниҳоят ҳассос ва хатарноки ҳастии хеш қарор дошт.

Дар асри XX – асри муҳими таърихи башарӣ миллати мо даврони пуртазод ва фоҷиаборро паси сар карда, се зинаи инкишофи давлату давлатдорӣ ва роҳи сахту сангини расидан ба истиқлолияти миллиро паймудааст: **аввалан,** таъсис ва ташаккули Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон бар асари шикасти Аморати Бухоро ва таҳаввулоти инқилобии солҳои 1920-1924, **сипас** таъсиси ҷумҳурии иттифоқӣ дар ҳайати Шӯравӣ; **ниҳоят** эълон шудани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва эҳёи давлатдории мустақили миллӣ.

Таъсисёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Бухорои Шарқӣ бо вуҷуди иштибоҳот ва маҳдудкунии ҳуқуқи халқи тоҷик барои пайвастани мо бо решаҳои таърихӣ ва ташаккул ёфтани шакли нави давлату давлатдорӣ мусоидат намуд.

Дар ин марҳалаи тақдирсоз устод Айнӣ, ҳамчунин як гурӯҳ зиёиёни ватанпараст ва шахсиятҳои сиёсӣ, алалхусус Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ва Чинор Имомов фаъолона талош варзиданд.

Ҳамзамон, ташаккули сохторҳои сиёсии идорӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба таври ногузир сатҳи маърифат ва худшиносии таърихиву иҷтимоиро тадричан боло мебурд, ки ин раванд зарурати шинохти таърихӣ ва миллиро торафт возеҳ месохт. Ин тақозои таърихро фарзандони фарзонаи халқи тоҷик Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода амиқан дарк карда, онро оқилона амалӣ месохтанд. Таълифи шоҳасари таърихии «Тоҷикон» аз ҷумлаи хизматҳои бузургу бесобиқаи Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки суннати таърихнигории муосири тоҷикро амалан бунёдгузорӣ намудааст.

**Ва маҳз ба шарофати истиқлолият устод Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур барои хизматҳои бузург ва фидокоронаашон дар назди миллат ва саҳми барҷастаашон**

**барои ташаккулёбии давлатдории навини тоҷикон сазовори унвони олии мамлакат – Қаҳрамони Тоҷикистон гардиданд.**

Таърихи ҳафтод соли ҳамзистӣ дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ даврони муҳим дар ташаккули миллат ва давлату давлатдории мо дар фазои нави сиёсӣ буд. Бо вуҷуди ҳамаи маҳдудиятҳо ва ноқисиҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи татбиқи дастовардҳо ва меъёрҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ, илму технологияи нав, фарҳангу маърифати дунявӣ ва муосири иҷтимоӣ қадами таърихӣ гузошт. Сохти мавҷудаи Шӯравӣ, бо вуҷуди ин ки ҳуқуқи халқҳои қаламравашро оид ба худмуайянкунии миллӣ расман то ҳадди таъсиси давлати мустақил эълон карда буд, вале дар асл равандҳои сиёсати давлати ягона ва амалан унитарӣ, иқтисодиёту иҷтимоиёти мутамарказ, идеологияи воҳид ва фазои ягонаи фарҳангӣ барои ташаккули унсурҳои давлатдории миллӣ ва нуфузи арзишҳои миллӣ монеъ мешуданд ва табиист, ки ба манфиатҳои олии миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ созгор набуданд.

Сиёсати инфраструктураи коммуникатсионии ҷумҳуриҳо низ аз рӯйи манфиатҳои марказ пеш бурда мешуд. Масалан, дар давоми шаш моҳи зимистон ду вилояти бузурги Тоҷикистон – Бадахшон ва Суғд амалан бо пойтахт ва маркази кишвар роҳи мусоиди рафтуомад надоштанд. Ин омилҳо сабабгори бӯҳрони амиқи сохтории низоми сиёсиву иҷтимоии Шӯравӣ ва рушди равандҳои истиқлолхоҳии ҷумҳуриҳо ва халқҳо гардиданд.

Дар чунин марҳалаи ҳассос 9 сентябри соли 1991 дар иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати даҳум Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд.

Ҳамин тавр, дар таърихи пуршебу фарози миллати мо баъди садсолаҳо имкони амалии таъсис додани давлати озод ва мустақили миллӣ фароҳам омад. Вале, мутаассифона, ин имконияти бузурги таърихӣ дар таҷрибаи давлатсозии оғози истиқлолият оқилона истифода нашуд. Дар кишвар тазоҳуроту муқовиматҳои сиёсӣ оғоз гардиданд.

Нерӯҳои навзуҳури сиёсӣ бо ҳидояту раҳнамоии хоҷагони хориҷиашон дар фаъолияти худ ба тундравӣ, сиёсисозии мушкилоти ҷомеа ва баъзан амалҳои харобгаронаи иҷтимоиву сиёсӣ роҳ медоданд. Ҳукумат қодир ба ҳалли масоили мубрами сиёсӣ ва идораи дурусти ҷомеа

нагардид. Ҳам ҳукумат ва ҳам мухолифини сиёсии он дарк карда натавонистанд, ки ҳадафи истиқлол бартару волотар аз ғаразу манфиатҳои сиёсӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ буда, барои тамоми сокинони мамлакат ва хурду бузурги миллат арзиши муқаддас ва бебаҳо мебошад.

Гузашта аз ин, ба назар нагирифтани мазмун ва моҳияти аслии равандҳои ниҳоят мураккаби минтақавӣ ва байналмилалӣ, бахусус ҳадафҳо ва ғаразҳои доираҳои муайяни баъзе давлатҳои хориҷӣ нисбат ба Тоҷикистон ба рӯйдоди мудҳиши сарнавишти мо – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ боис гардид. Идомаи он метавонист хатари ба қисмҳо ҷудо шуда, аз байн рафтани давлати тоҷикон ва пароканда гаштани миллати тоҷикро ба воқеият табдил диҳад.

**Маҳз дарки манфиатҳои олии давлат, масъулияти таърихӣ дар назди гузашта, имрӯза ва ояндаи миллат, аҳамияти истиқлоли Ватан, фарзандони огоҳу солимфикр ва нерӯҳои сиёсии кишварро водор намуд, ки ба хотири қатъи ҷанг, таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ роҳи созиш, ҳамдигарфаҳмӣ ва музокироти осоиштаро пеш гиранд.**

Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 16 то 30-юми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд доир гардид, иқдоми ғайриоддӣ, ҷасурона ва сарнавиштсоз, инчунин оғози роҳи душвори сулҳ, таъмини ваҳдати миллӣ ва ҳифзи тамомияти арзии Тоҷикистон буд.

Музокирот барои сулҳ қариб 40 моҳ идома ёфт ва бо тантанаи хиради азалии халқи тоҷик ва имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон рӯзи 27-уми июни соли 1997 анҷом пазируфт.

Қатъ шудани низои мусаллаҳона ва фароҳам овардани сулҳу субот на танҳо барои миллати тоҷик, балки барои кишварҳои ҳамсоя низ ҷиҳати пешгирӣ намудани хатари паҳншавии ифротгароиву терроризм нақши муҳим бозида, давлатҳои Осиёи Марказиро аз бесуботиву низоъҳои гуногуни хатарнок начот дод. Ҳарчанд ки доираҳои муайяни сиёсии баъзе давлатҳо зидди раванди музокироти сулҳи тоҷикон ва мухолифи анҷоми неки он буданд.

Ҳаёт дуруст будани роҳи интихобкардаи мо, яъне сулҳу созиш ва ваҳдати миллиро исбот кард. Аз баракати сулҳу субот мо тавонистем мақомот ва сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатиро аз марказ то маҳалҳо барқарор кунем, дар як муддати кӯтоҳ зиёда аз як миллион нафар гурезаҳоро

ба ҷойи зисти доимиашон баргардонем ва ба обод кардани харобаҳои ҷанг оғоз намоем.

Ба шарофати сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва аз баракати истиқлолияти давлатӣ мо имкон пайдо кардем, ки бо таърихи миллати куҳанбунёди худ беҳтару бештар ошно шавем, решаҳои тамаддуни гузаштаро ҷустуҷӯ карда, арзишҳои фарҳангии ниёгонамонро барои таҳкими ватандӯстиву худшиносӣ, баланд бардоштани сатҳи ифтихори миллии мардум ва тақвияти пояҳои давлати соҳибистиқлоламон васеъ истифода барем.

Имрӯз Тоҷикистон ба шарофати истиқлолият соҳиби ҳамаи рамзҳои давлати мустақил, яъне Нишон, Парчам ва Суруди Миллӣ мебошад. Дар давоми солҳои аввали истиқлолият мо бо вуҷуди мушкилоти зиёд ба ислоҳоти сиёсӣ, конституцсионӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оғоз кардем. Артиши миллӣ ва Қувваҳои сарҳадиро ташкил намуда, пули миллии худ – сомониро ба муомилот баровардем.

Ҳамчунин моҳи ноябри соли 1994 аввалин Конституцсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд, ки он дар миқёси кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҷрибаи дуюм буд ва мамлакати моро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ муаррифӣ ва қонунӣ намуд. Ин аввалин иқдоми мо дар роҳи ислоҳоти конституцсионӣ буд. Дар чаҳорчӯби он бори нахуст механизми татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои демократии инсон ва шаҳрванд дақиқан муайян гардида, дар асоси талаботи меъёрҳои Конституцсия мақомоти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият ташкил ва такмил гардиданд.

Дар асоси талаботи Конституцсия ва ҳамчун идомаи ислоҳоти конституцсионӣ қонунҳои конституцсионӣ дар бораи Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи судҳо ва ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо қабул гардиданд, ки онҳо барои таҳкими рукнҳои асосии давлати тозаистиқлоли мо мусоидат намуданд.

Ду маротиба – соли 1999 ва соли 2003 баргузор шудани раъйпурсии умумихалқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конституцсия дорои аҳамияти хеле муҳим буда, заминаҳои конституцсионии пешрафту устувории давлатдории навини кишварро гузоштанд.

Таъсиси парламенти касбии дорои ду палатаи мустақил низ яке аз комёбиҳои бузурги давлатсозии мо дар давраи истиқлолият мебошад.

Дар маҷмӯъ, дар муддати 15 сол сохтор, меъёрҳо ва механизмҳои давлати мустақили миллӣ ва низоми демократии сиёсии он ташаккул ёфтанд ва таҳким меёбанд. **Мо ба сӯйи уфуқҳои навин – давлати демократӣ ва пешрафта бо сатҳи шоистаи зиндагӣ ва камоли инсонӣ устуворона пеш меравем. Моро дар ин роҳ панди ниёгон ва нерӯи азими халқи шарифи кишварамон мададгор аст.**

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ дар натиҷаи ҷойгиркунии нобаробари қувваҳои истеҳсолкунанда ҷумҳурии қафомондатарин буд ва сатҳи пасти тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ ба давлати тозаистиқлоли мо аз ҳамон давра ба мерос мондааст.

Ба ин сабаб ва дар натиҷаи сар задани мушкилоти нав дар оғози истиқлол Тоҷикистон дар ҳолати бисёр ногувори иқтисодӣ қарор дошт. Проблемаҳои иқтисодиву иҷтимоие, ки ҳанӯз дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омада буданд, торафт тезу тунд мегардиданд.

Таназзули истеҳсолот авҷ мегирифт, алоқаҳои истеҳсоливу иқтисодии ҷойдошта канда мешуданд, пули ҳамондавра мунтазам беқурб мегардид, буҷети кишвар аз дотатсия маҳрум гашта, қувваҳои истеҳсолкунанда рӯ ба таназзул оварданд, норасоии молҳои истеъмолӣ таҳдидовар ва сатҳи зиндагии мардум рӯз аз рӯз паст мегардид. Умуман кишвари мо гирифтори бӯҳрони шадид ва сохтории иқтисодӣ буд. Бар замми ин ҷанги шаҳрвандӣ танҳо аз нигоҳи иқтисодӣ беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зарари моддӣ расонида, кишварро ба даҳсолаҳо ақиб партофт.

Истеҳсоли маҳсулот дар ин давра аз се ду ҳисса кам гардид. **Дар ин ҷанг талафоти ҷонӣ ба даҳҳо ҳазор нафар расид ва зиёни маънавии он берун аз ҳар гуна ҳисобу китоб аст.**

Дар натиҷа, дар он давра масъалаи мушкилтарин идораи иқтисодиёти давлати соҳибистиқлол ва бароварданӣ он аз ҳолати бӯҳронӣ буд. Бо вуҷуди мушкилоти сангин ва рӯзафзун Ҳукумат якҷоя бо мардуми мамлакат ба ташаккул ва татбиқи сиёсати иқтисодии мустақил оғоз намуд, ки мазмуни асосии онро бунёди низоми муносибатҳои нави иқтисодӣ ташкил медоданд.

Ҳукумат пурра дарк менамуд, ки дар ҳолати мавҷуда гузаштан аз як низоми иқтисодӣ ба системаи нави иқтисодӣ, ки асоси онро муносибатҳои бозаргонӣ ташкил медиҳанд, кори ниҳоят мушкил ва мураккаб аст.

Истиқлолияти давлатӣ моро ба он водор намуд, ки дар қатори ҳалли дигар масъалаҳои ҳаёти кишвар бахусус, таъмини сулҳ ва ризоияти миллӣ ба ташаккули иқтисодиёти миллӣ, сохтори нави идоракунии он, таҳия ва ҷорӣ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба пойдоршавии муносибатҳои бозаргонӣ мусоидат мекунанд, шурӯъ намоем.

Дар ин самт пеш аз ҳама вазорату идораҳои зарурӣ таъсис ва вазифаву салоҳиятҳои вазорату идораҳои давлатии мавҷуда куллан тағйир дода шуданд, қонунҳое, ки муносибатҳои нави иқтисодиро танзим ва равандҳои ислоҳоти иқтисодиро дар соҳаҳои иқтисодиёт муайян менамоянд, қабул ва амалӣ гардиданд.

Саъю талоши Ҳукумат барои бартараф намудани бӯҳрони фарогир дар асоси барномаҳои мақсаднок аз тариқи таъмини либерализатсияи иқтисодиёт, мӯътадилгардонии вазъи макроиқтисодӣ ва рушди воқеии сохторҳои иқтисодӣ пайдарпай амалӣ гардонида шуд.

Ин раванд амалан аз озодкунии нархи ҳамаи молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, аз ҷумла маҳсулоти дорои аҳамияти иҷтимоӣ, ба монанди нону орд, ғалла ва савдои хоричӣ, вусъат додани ислоҳоти воқеии соҳаи кишоварзӣ, бахши молиявию бонкӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ, дастгирии бахши хусусӣ, инчунин такмили заминаи ҳуқуқии ислоҳот иборат буд.

Дар солҳои сипаригашта оид ба ҷорӣ намудани шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот, истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили хоҷагидорӣ ва корхонаҳо, пеш гирифтани сиёсати хусусигардонии моликияти давлатӣ чораҳои зиёде амалӣ карда шуданд.

Ба муомилот баровардани асъори миллӣ - яке аз дастовардҳои бузурги ташаккули иқтисодиёти миллӣ гардид.

Дар самти густариши робитаҳои иқтисодии хоричӣ бунёди корхонаҳои муштарак, густариши робитаҳои мутақобилан судманд бо корхонаҳои мамолики дигар, ҷорӣ намудани савдои озоди беруна ва бо манфиатҳои миллӣ ҳамоҳанг сохтани робитаҳои иқтисодии хоричӣ, тавсеаи ҳамкориҳои бевосита бо кишварҳо ва ташкилотҳои бонуфузи молиявӣ ва иқтисодии байналмилалӣ самараи хуб доданд.

Ҳамаи ин тадбирҳо ва ҳамчунин тавассути рушди устувори иқтисодӣ ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ имконият доданд, ки барои инкишофи иқтисодиёти Тоҷикистон, таҳвияти пояҳои давлатдорӣ ва таҳкими дастовардҳои истиқлолият асоси қавӣ гузошта шавад.

Ислоҳоти замин ва тақсим намудани он ба деҳқонон барои ташкили хоҷагиҳои мустақил густариш ёфт. **Тақсими 75 ҳазор гектар замин ба мардум ҷиҳати таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ, начот додани сокинони кишвар аз хатари гуруснагӣ ва оғози корҳо доир ба таъмини истиқлолияти озуқавории мамлакат тадбири ниҳоят чиддӣ ва саривақтӣ гардид**.

Солҳои минбаъда сиёсати иқтисодии давлат ба такмили муносибатҳои бозаргонӣ, таҳким бахшидани асосҳои рушди устувори иқтисодиёт ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ равона карда шуд. Дар ин раванд ба сиёсати қатъии буҷетиву пулӣ ва андоз, нигоҳдории сатҳи пасти таваррум, ислоҳоти сохторӣ, шаффофияти фаъолияти мақомоти идоракунӣ, рушди ҳамаҷонибаи соҳибкорӣ, хусусан шаклҳои хурду миёнаи он, хусусигардонии корхонаҳои миёнаву калон, қонеъ гардонидани талабот ба микрокредитҳо барои рушди соҳибкорӣ ва дастгирии хоҷагиҳои фермериву деҳқонӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, ҷалби сармоя ба иқтисодиёт, зиёд намудани ҷойҳои корӣ, густариши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва ҳамаи қисмҳои инфраструктураи бозаргонӣ аҳамияти махсус дода мешавад.

Натиҷаи ин кӯшишу талошҳо дар суботи иқтисодӣ, рушди босуръати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ривоҷ ёфтани соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ва паст шудани сатҳи камбизоатӣ равшан таҷассум ёфт.

Тоҷикистон барои истифодаи бештари захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ ва ба хотири таъмини истиқлолияти энергетикӣ дар ҳамкорӣ бо давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон талош дорад, ки силсилаи нерӯгоҳҳои барқи обии хурду бузург ва барои содироти барқ ба хориҷи кишвар хатҳои баландшиддати интиқоли барқро бунёд намояд.

Барои бо ҳам пайвастани минтақаҳои кишвар ва густариши фаъолияти берунаи иқтисодӣ ҳалли масъалаи аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфтан ва дорои роҳҳои нақлиётии ҳозиразамон шудани мамлакат аҳамияти бузург дорад.

Бинобар ин, солҳои истиқлолият вобаста ба азнавсозӣ ва сохтмони роҳи оҳани дохилӣ, силсилаи роҳҳои

автомобилгард аз шимол то ҷануб ва аз ғарб то шарқ, бунёди туннелҳои мошингард ва пулҳои байналмилалӣ корҳои зиёд сурат гирифта истодаанд. Дар оянда низ ин самти сиёсати давлати соҳибихтиёри мо афзалиятнок ҳисобида мешавад, то ин ки Тоҷикистон пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ барояд ва соҳиби роҳҳои ҳозиразамони транзитӣ гардад.

Соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, ки ба душвориҳои зиёд дучор гардиданд, солҳои охир бо суръати назаррас инкишоф ёфта истодаанд. Ҳоло чораҳои зиёд андешида шудаанд, ки рушди ин соҳаҳо дар асоси такмил додани сохтори истеҳсолот, ворид намудани технологияи ҳозиразамони коркарди маҳсулоту ашёи хом ва истиқлолияти озуқавории мамлакат таъмин карда шавад.

Барномаҳои мушаххаси рушди кишоварзӣ, саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт татбиқ гардида истодаанд, ки дар мамлакат коркарди пурраи нахи пахта ва истеҳсоли ҳарчи бештари маҳсулоти ниҳоиро дар бахши кишоварзӣ, алюминий ва дигар металлҳои ранга, сангҳои қиматбаҳо таъмин менамоянд ва дар оянда дар таркиби содироти кишвар ҳиссаи маҳсулоти тайёрро афзун месозанд.

Рушди иқтисоди бозорӣ, яъне ба набзи иқтисоди ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамсадо шудани иқтисодиёти кишвар роҳи интихобнамудаи мардуми кишвар аст, ки барои расидан ба дараҷаи комили инкишофи он боз заҳмату кӯшиши зиёд намудан лозим меояд.

Ҳоло Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамаи самтҳои ислоҳоти иқтисодӣ ба хотири бемайлон ривоҷ додани муносибатҳои бозаргонӣ бо дарназардошти Ҳадафҳои рушди ҳазорсола Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009-ро таҳия карда, онҳоро дар ояндаи наздик амалӣ хоҳад кард.

Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон хуб дарк менамояд, ки сатҳи рушди иқтисодиёт ва сифати зиндагии мардум нисбат ба бисёр давлатҳои пешрафта ҳанӯз хеле паст мебошад.

Дар шароити камзаминии мамлакат, ки 93 фоизи қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, на ҳамаи заминҳои ҳамвор қобили кишту коранд ва ба ҳар сари аҳолӣ ҳамагӣ 0,06 гектар замин рост меояд, ҳалли ин проблемаҳо басо душвор мебошад. Вале мо аз ин ҳолат ва аз ин мушкилот ҳаргиз рӯҳафтода намешавем. **Баръакс, ба шарофат ва шукронаи истиқлолияти давлатӣ, ки ҳар нафас моро**

**рӯҳбаланд месозад, ин мушкилоту душвориҳоро дар шароити сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллии тамоми мардуми кишвар бартараф намуда, ояндаи дурахшони Тоҷикистони азизамонро таъмин мекунем.**

**Дӯстони азиз!**

Дар пешрафти ҳар кишвар омили инсонӣ нақши ҳалкунанда дорад, зеро маҳз афроди соҳибмаърифат, ватандӯст ва мутахассисони баландихтисосу кордон пешбарандаи ҳама гуна корҳо дар самти ҷорӣ кардани дастовардҳои техникиву технологӣ ва иҷтимоӣ, таъмини сатҳи баланди фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа мебошанд.

Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳи доимӣ ва рӯзафзун ба сармояи инсонӣ барои кишвари мо аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин буда, фароҳам овардани шароит барои тарбияи мутахассисони баландихтисоси миллӣ, яъне ташаккули насли нави кадрҳо барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт шарти ҳатмии пешрафти босуръати кишвар мебошад.

Дар ҷараёни татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар давоми солҳои истиқлолият ба мо муяссар шуд, ки як силсила проблемаҳои хеле душвори соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, маориф ва тандурустиро то андозае ҳал намоем.

Бо ин мақсад то соли 2005 қариб нисфи буҷет ба иҷтимоиёт равона карда шуд ва имсол зиёда аз 50 фоизи хароҷоти буҷети давлатӣ барои ин соҳа пешбинӣ гардидааст.

Дар давоми солҳои охир беҳтар шудани нишондиҳандаҳои тамоми бахшҳои иҷтимоӣ ва афзоиши тадриҷии даромади пулии сокинони мамлакат ба мушоҳида мерасад.

Барои таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор, беҳтар кардани сифати бозори меҳнат ва ба ин восита баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум то имрӯз як силсила барномаҳо таҳия ва татбиқ карда шуданд ва қисми онҳо мавриди амал қарор доранд.

Ва тавре ки дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус таъкид карда будам, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, дар навбати аввал кӯмаку ғамхорӣ нисбат ба собиқадорони ҷангу меҳнат, ятимону бепарасторон, маъюбону мӯҳтоҷон ва оилаҳои камбизоат минбаъд низ ҳамчун яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон боқӣ хоҳад монд.

Дар доираи сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон ғамхорӣ ба соҳаи маориф самти афзалиятнок эълон шудааст.

Бояд таъкид кард, ки нобасомониҳои сиёсиву иқтисодии солҳои аввали истиқлолият ба соҳаи маориф зарари зиёд оварданд. Дар кишвар 126 муассисаи таълимӣ пурра аз кор баромад. Зиёда аз 25 ҳазор оила бесаробон ва 58 ҳазор нафар кӯдакон ятим монданд.

Дар минтақаҳои ҷангзадаи кишвар муассисаҳои олӣ ва миёнаи таълимӣ амалан аз фаъолият бозмонданд. Солҳои 1992-1995 зиёда аз 20 ҳазор нафар омӯзгорон ба кишварҳои дигар кӯч бастанд ва қисме аз муаллимону хонандагон ва донишҷӯён гуреза шуданд.

Дар чунин замони душвор Ҳукумати Тоҷикистон ба хотири ояндаи наслҳо дар бораи таъсиси мактаб-интернатҳо барои кӯдакони ятим, литсею гимназияҳои махсус барои хонандагони болаёқат ва муқаррар кардани имтиёзҳо ба кормандони соҳаи маориф як силсила қарорҳои муҳим қабул кард.

Бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодӣ Ҳукумат ҳаҷми маблағгузориро ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат ва сармоягузориҳои хориҷӣ сол то сол зиёд мекунад.

Барои муқоиса зикри як мисол кофист, ки ҳаҷми умумии маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои инкишофи соҳаи маориф дар соли 2000-ум 42 миллион сомониро ташкил кард ва ин рақам соли 2006-ум ба 336 миллион сомонӣ расонида шуд. Яъне дар давоми панҷ сол маблағгузории соҳаи маориф расо ҳашт маротиба зиёд шудааст.

Илова бар ин, маблағи то имрӯз аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷии дар доираи 10 лоиҳа ҷалбгардида 745 миллион сомониро ташкил дода, то соли 2008 боз чор барномаи дигар ба маблағи 280 миллион сомонӣ амалӣ карда хоҳад шуд.

Як мисоли дигар: дар соли таҳсили 1992-1993 дар Тоҷикистон 3320 мактаби таҳсилоти умумӣ амал мекард. Ҳоло шумораи онҳо ба 3910 расидааст. Яъне дар давоми 15 соли истиқлолият миқдори мактабҳо 590 адад ва хонандагон беш аз 400 ҳазор нафар афзуда, ба 1 миллиону 700 ҳазор нафар расид. Ҳоло дар мамлакат 76 гимназия ва 55 литсей фаъолият дорад, ки дар онҳо 55 ҳазор нафар шогирдони лаёқатманд таҳсил мекунанд.

Дар давоми солҳои истиқлолият 25 донишгоҳу донишкадаи нав таъсис дода шуд ва имрӯз шумораи

мактабҳои олӣ 38 ададро ташкил медиҳад. **Ҳоло дар онҳо 123 ҳазор нафар донишҷӯён сабақ мегиранд, ки ин нисбат ба соли 1991-ум 53 ҳазор нафар, яъне беш аз ду баробар зиёд аст.**

Зимнан бояд қайд кард, ки дар давраи истиқлолият донишгоҳҳо ва муассисаҳои олии соҳавӣ низ таъсис гардиданд.

**Аз ҷумла, аввалин бор Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа, мактаби олии Вазорати амният, Донишкадаи сарҳадӣ ва ба наздикӣ ду донишкадаи нав - Донишкадаи маъдан ва кӯҳкорӣ ва Донишкадаи металлургиро таъсис додем, ки барои тайёр кардани мутахассисони миллӣ иқдоми ҷиддӣ ва зарурӣ мебошад.**

Ба туфайли вусъат ёфтани ҳамкориҳои Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷии наздику дур имкониятҳои таҳсил сол то сол бештар шуда истодаанд.

Ҳоло зиёда аз 5000 нафар ҷавонони Тоҷикистон дар донишкадаҳои Россия, Амрико, Канада, Хитой, Япония, Туркия, Ҳиндустон, Миср, Украина, Чехия, Словакия, Австралия ва дигар кишварҳои ҷаҳон сабақ меомӯзанд. Соли 2006 бо мақсади дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва тарбияи мутахассисони барои кишвар зарурӣ дар муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ фонди махсуси Президенти Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Одатан рушди давлати муосирро бе илму технологияи пешқадам ва ҷавобгӯ ба эҳтиёҷоти рӯзафзуни ҷомеа тасаввур кардан душвор аст.

Ҳадафи асосии сиёсати давлат дар соҳаи илм ва техника аз ҷойгиркунии оқилона ва истифодаи самараноки иқтидори илмии кишвар, афзоиши саҳми илм ва техника дар инкишофи иқтисодиёт, навоварӣ дар истеҳсолот, истеҳсоли маҳсулоти ба рақобат тобовар, беҳтар намудани вазъи экологӣ, таҳкими дастовардҳои илмӣ, ҳифзи захираҳои иттилоотӣ ва устувор гардонидани робитаи илму маориф иборат аст.

Бо ин мақсад дар давоми чанд соли охир муассисаҳои нави илмӣ, ба монанди институтҳои илмиву таҳқиқотии давлат ва ҳуқуқ, демография, захираҳои об, гидроэнергетика ва экология, инчунин институти растанипарварӣ ташкил ёфтанд.

Дар давоми солҳои истиқлолият тарбияи кормандони соҳаҳои гуногуни тиб низ хеле такмил ёфта, аз соли 1991 то имрӯз дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон қариб 11

ҳазор духтурони дорои маълумоти олӣ ва умуман дар микёси мамлакат 46 ҳазор нафар мутахассисони дорои маълумоти миёнаи тиббӣ тайёр карда шуданд.

Давлат дар солҳои оянда низ сиёсати худро пеш аз ҳама барои баланд бардоштани сатҳи донишу ҷаҳонбинӣ ва маърифати ҷавонон, таҳвият додани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоӣ равона хоҳад кард.

Понздаҳ соли истиқлолият барои Тоҷикистон ҳамзамон давраи дигаргуниҳои бузурги фарҳангӣ низ буд, ки онҳо барои ташаккули эҳсоси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ, шинохти тамаддун ва таърихи гузашта, инчунин таҳвияти мақому манзалати инсон дар ҷомеа заминаи мусоид ва устувор ба вуҷуд оварданд.

Истиқлолият бо забон робитаи бевосита дорад. Инкишофу рушди забон нишондиҳандаи пешрафт ва комёбиҳои миллат ва давлат аст. **Забони тоҷикӣ, ки аз шевотарин, ғанитарин ва қадимтарин забонҳост, моро натанҳо бо кишварҳои ҳамзабон ва ҳамфарҳанг мепайвандад, балки оинаи таърих ва давлатдории мо мебошад**.

Дар солҳои истиқлолият доираи истифодаи забони давлатӣ хеле вусъат ёфт, асарҳои илмиву адабӣ ва сиёсиву публисистии тоза эҷод шуданд. Зиёиёни мо, чун посдорони забони ширин ва шоиронаи тоҷикӣ дар самти инкишоф додан ва покиза нигоҳ доштани он бояд боз ҳам корҳои бештареро анҷом диҳанд.

Равонӣ, зебоӣ ва шевоии забон нишонаи сатҳи огоҳӣ ва завқи эстетикии ҳар халқу миллат аст. **Мо барои равнақи забони модарии худ боз ҳам бештар ғамхорӣ хоҳем кард, онро ҳамчун гавҳари қиматбаҳои миллӣ ҳифз хоҳем намуд**.

Чорабиниҳои бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён, ҷашнҳои солгарди истиқлолияти давлатӣ, 680-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 675–солагии Камоли Хуҷандӣ, 2500–солагии шаҳри Истаравшан, 1000-солагии «Шоҳнома», 1000-солагии Ҳаким Носири Хусрав ва амсоли инҳо дар пешравии шуури фарҳангӣ ва болоравии ифтихори ватандориву худшиносии миллии мардуми кишвар ва хусусан ҷавонон такони ҷиддӣ бахшиданд.

Таъсиси Консерваторияи миллии Тоҷикистон низ яке аз дастовардҳои давраи истиқлолият аст.

Ба фехристи шоҳкориҳои мусиқии ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шудани «Шашмақом», таваҷҷӯҳи ин созмони бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ ба ёдгориҳои таърихии арзишманди халқи мо, ба мисли Саразм, Аҷинатеппа, Ҳулбук, Қалъаи Ҳисор ва

Истаравшан боз як далели муҳими эътирофи саҳми халқи тоҷик дар тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад.

Бо қарори ЮНЕСКО таҷлил гардидани 2700-солагии шаҳри Кӯлоб низ аз неъматҳои давраи истиқлолият аст.

Дар давраи истиқлолият шӯҳрати санъати тоҷик нисбат ба замони Шӯравӣ даҳҳо маротиба зиёд шуд. Дар ин солҳо гурӯҳҳои ҳунарии мо ба бисёр кишварҳои дуру наздики хориҷӣ сафарҳо карда, сазовори чандин ҷоизаи байналмилалӣ гардиданд.

Соли гузашта сатҳи баланди санъати касбии миллии тоҷикон дар Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва Рӯзи Тоҷикистон дар ЮНЕСКО бори дигар собит гардид.

Ба хотири гиромидошт ва рушди фарҳанг ҳамчун омили муҳимтарини ҳастии миллат ва болоравии сатҳи маърифати мардум ва пеш аз ҳама ҷавонон мо вохӯрии ҳарсолаи роҳбари давлатро бо намояндагони зиёиёни кишвар дар арафаи Наврӯзи бостонӣ ба анъана табдил додаем.

Вохӯриҳои мунтазам бо намояндагони дигар табақаҳои аҳолӣ, пеш аз ҳама занон ва ҷавонон низ барои мо хеле муҳиманд. Зеро занону ҷавонон дар ҷомеаи мо қувваи бузург ва пешбарандаи ҳама гуна нақшаҳои созанда мебошанд ва мо аз онҳо ба хотири ояндаи ободи Ватан умеди зиёд дорем.

**Маъмулан ҳар як миллатро бо адибону олимони маъруфаш мешиносанд ва эҳтиром мекунанд. Миллати мо бо фарзандони донишманд ва адибони машҳури худ дар олам ном баровардааст. Ва имрӯз ҳам адибону олимон ва зиёиёни мо метавонанд корҳое анҷом диҳанд, ки шӯҳрати халқи моро боз ҳам афзунтар созанд ва боиси ифтихори наслҳои имрӯзу фардо гарданд.**

**Ҳамватанони азиз!**

Татбиқи стратегияи сиёсати хориҷии давлати соҳибистиқлоли мо ба даврони ниҳоят мураккаби таърихи кишвар, минтақа ва ҷаҳон рост омад. Ин давра барои кишвари мо шинохти амиқ ва дақиқи масоили дохилӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, диди васеи стратегӣ, азму субот, таҳаммул ва дурандешиву пешбинӣ, дар маҷмӯъ сиёсати ҳамаҷониба санҷидаву эҷодгарона ва ояндасозро тақозо дошт.

Доир ба самтҳои мушаххаси фаъолияти сиёсии хориҷии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар Паёми имсолаи худ

ба Маҷлиси Олӣ муфассал таваккуф карда будам. Бо вуҷуди ин, мехоҳам баъзе нуктаҳоро имрӯз хотирнишон созам.

Ҳадафи аслӣ ва стратегии кишвари Тоҷикистони соҳибистиқлол татбиқи амалии манфиатҳои олии давлат ва миллат, қабл аз ҳама таъмини амнияти, суботи сиёсиву иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди босуръат ва таҳкими иқтидори дохилии кишвар аст.

Дар чаҳорчӯби ин стратегия самти муҳимтарин ва ҳатто марказӣ ин тақвияти бемайлон ва таҳкими мавқеи минтақавӣ ва ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили байналмилалӣ мебошад.

Мехоҳам як нуктаи ниҳоят муҳимро таъкид намоям: мо дар давоми 15 сол вобаста ба шароити хеле мураккаби таърихӣ борҳо зарурати низоми одилона, босубот ва демократии байналмилалиро бар асоси усул ва меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама баробарҳуқуқии ҳамаи субъектҳои равобити байнидавлатӣ ва риояи комили соҳибихтиёрии давлатҳо таъкид намудем.

Ва имрӯз дар оғози асри XXI, ки тазодҳои мухталиф ва таҳдиди хатарҳои ҷиддӣ ба суботи байналмилалӣ рӯз то рӯз шиддат мегирад, мавқеи стратегии сиёсати хориҷии мо комилан ҷавобгӯи манфиатҳои миллӣ, инчунин амнияти ва суботи ҷаҳонӣ аст.

Ба андешаи мо ҳар кишвар сарфи назар аз масоҳат, шумораи аҳолӣ, иқтидори иқтисодӣ ва нерӯи стратегӣ метавонад ва бояд дар таъмини амалии ин манфиатҳо ва бахусус ҳалли проблемаҳои муҳимтарини башарӣ саҳми фаъол ва арзишманд гирад.

Иқдоми зиёди минтақавӣ ва байналмилалӣ, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон дар солҳои охир амалӣ мешаванд, баёнгари дарки ин манфиатҳо ва мавқеи масъулонаи мост.

Бахусус ташаббусҳои таърихии Тоҷикистон дар мавриди Соли оби тоза эълон шудани соли 2003, ки бомуваффақият доир гардид, инчунин татбиқи барномаи чаҳонии Даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» дар давраи солҳои 2005-2015, ки аз ҷониби беш аз 145 давлати дунё расман дастгирӣ ёфт, воқеан ба нафъи тамоми башарият ва ҳар фарди сайёра аст.

Тамоюлоти ҷаҳони имрӯз ҳақиқатеро ошкор месозад, ки он арзиши рӯзафзуни ҳамкории созандаи кишварҳову давлатҳо дар байни худ, сатҳи минтақаҳо ва ҷаҳон буда, маҳз ҳамин ҳамкориҳо гарави амнияти пойдор, пешрафти умум ва ояндаи ороми инсоният аст.

Бо дарназардошти онҳо самтҳои афзалиятнок ва асосӣ, вазифаҳои ҷорӣ ва тактикӣ, усулҳо ва василаҳои таъмини равобити васеъ ва ҳамкории судманд муайян гардида, дар муддати 15 соли истиқлоли Ватан муваффақона амалӣ шуданд.

Агар фаъолияти хориҷии давлати мустақили Тоҷикистон дар солҳои истиқлол дар маҷмӯъ баррасӣ гардад, возеҳ дида мешавад, ки дар ин муддати кӯтоҳи таърихӣ корҳои бузург ва арзишманд сурат гирифтаанд.

Давлати миллии соҳибихтиёри мо аз ҷониби аксари мутлақи кишварҳо расман ҳамчун субъекти соҳибихтиёр эътироф гардид; бо 111 давлати дунё равобити расмии дипломатӣ барқарор гардида, дар 15 кишвар сафорат ва намояндагиҳои доимии Тоҷикистон дар назди созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ фаъолияти босамар доранд.

Имрӯз кишвари мо узви беш аз 50 созмони байналмилалӣ мебошад ва дар ҳалли тамоми масоили муҳими ҷаҳонӣ фаъолона ширкат меварзад.

Кишвари мо аз қадимтарин давраҳо дар меҳвари минтақаи бузурги таърихии Осиёи Марказӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, густариш ва рушди равобити воқеан дӯстона ва ҳамкории васеи мутақобилан судманд бо кишварҳои минтақа самти доимии босубот ва афзалиятноки сиёсати хориҷии мост.

Дар ин маврид мехоҳам як нуктаро, ки аҳамияти усулӣ дорад, таъкид намоям: имрӯз минтақаи мо чорроҳаи пайванди минтақаҳои таърихии ҷаҳон ва ҳамзамон нуқтаи бархурди манфиатҳои геополитикӣ гардидааст.

Агар мо дар асл хоҳони он бошем, ки минтақаи мо – минтақаи рушдёбанда ва дорои сатҳи шоистаи зиндагӣ ва суботи пойдор бошад, бояд монеаҳои равобит ва мушкилоти мавҷудаи ҳамкории босамарро аз байн бардорем, нерӯи худро дар самтҳои афзалиятнок ва дорои аҳамияти стратегӣ мутамарказ намоем.

Ҳамзамон зарур аст, ки сиёсати оқилона ва ниҳоят санҷидаи минтақавӣ амалӣ гардад ва минтақаи мо минтақаи босубот, рушди устувор ва ҳамкории васеъ бошад.

Гузашта аз ин, сиёсати возеҳи усулиро дар мавриди таҳдидҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пайгирона татбиқ кунем ва стратегияи рушди босуботи минтақавиро ба нафъи ҳама кишварҳо бо ҳамдастии кишварҳои пешрафта ҳадафмандона амалӣ созем.

Боиси қаноатмандист, ки вақтҳои охир зарурати чунин ҳамкориву ҳамдастӣ аз ҷониби ҳамаи кишварҳои минтақа возеҳтар дарк мегардад. Ин худ падидаи умедбахшест ва мулоқоти ба наздикӣ доиргардидаи сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ шаҳодати он буд.

Мо таърихан ҳамчун қисми ҷаҳони ислом ташаккул ёфтаем ва дар тамаддуни бузурги исломӣ мақоми барҷаста доштем.

Имрӯз равобити васеъ ва созанда бо ҳама кишварҳои мусулмонӣ ба манзури таъмини манфиатҳои муштарак, пеш аз ҳама пешрафти кишварҳои исломӣ ва зиндагии шоистаи мусулмонон аз афзалиятҳои муҳими стратегияи минтақавӣ ва байналмилалии Тоҷикистон аст.

Мо давлати дунявӣ эъмор мекунем. Вале арзишҳои динӣ, махсусан исломӣ, ки дар тамаддуни ҷаҳонӣ мақоми хосае доранд, аз ҷониби мо эътироф ва ҳимоят мешаванд. Терроризм, экстремизм ва фашизмро бевосита ба эътиқоди мазҳабӣ нисбат додан дуруст нест.

Чунин бархурди носаҳеҳ метавонад дар сатҳи ҷаҳонӣ оқибатҳои нохушро ба вуҷуд орад. **Бинобар ин эҳтироми воқеӣ ба динҳо ва тамаддунҳо барои амният ва оромии сайёраи мо аҳамияти ниҳоят муҳим дорад.**

Ҳамзамон бояд доимо дар мадди назар дошт, ки ҳадафи аслӣ ва стратегии мо - бунёди ҷомеаи пешрафта ва мутамаддини демократӣ мебошад.

Дастёбӣ ба он ва хусусан эҷоди сохторҳои нерӯманд ва муосири иқтисодӣ, инфраструктурӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва ичтимоӣ бе ҳамкории фаъол ва ҳамаҷониба бо кишварҳои пешрафта ва мутамаддин, ҳамчунин дигар давлатҳои босуръат рушдёбанда амалан ғайриимкон аст.

Мо дар давоми понздаҳ сол барои таҳвият ва нуфузи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, бахусус Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастҷамъӣ ва Ҷомеаи Иқтисодии Авруосиё талоши фаъол ва созанда намудем.

Дар айни ҳол бояд иқрор шуд, ки самараи амалии фаъолияти онҳо ҳанӯз ҷавобгӯи таҳозоҳои ҳамгироии сатҳи муосир намебошад. Дар ин самт таҳозо мешавад, ки ширкати фаъоли ҳамаи давлатҳои аъзо, татбиқи санадҳои қабулшуда ва ҳуқуқу манфиатҳои ҳаётии давлатҳо бо риояи баробарии ҳамаи онҳо таъмин гардад.

Мо хоҳони таҳвияти Созмони ҳамкории Шанхай ва нақши фаъолу созандаи Созмони амният ва ҳамкории

Аврупо, Созмони Конфронси Исломӣ ва созмонҳои дигари байналмилалӣ мебошем.

Ба назари мо, дар шароити ҳассосу нозуки таърихи башарӣ дар оғози асри XXI ҳамаи давлатҳои чи хурд ва чи бузург барои таҳвияти рӯзафзуни амнияту суботи байналмилалӣ ва таҳкими низоми навини муносибатҳои байналхалқӣ бо нақши марказӣ ва танзимкунандаи Созмони Милали Муттаҳид бояд содиқона ва масъулона талош варзанд. Ин бешак ба нафъи ҳамаи давлатҳо ва сокинони сайёра аст ва гарави амнияту оромӣ ва пешрафту саодати ҳамагон хоҳад гардид.

Дар маҷмӯъ, тавре ки қаблан низ таъкид намудам, сиёсати хориҷии мо – сиёсати усулии «дарҳои кушода» барои ҳамкории васеъ ва созанда бо ҳама давлатҳо ва субъектҳои равобити байналмилалӣ, ки ба кишвар ва мардуми мо назари хайрхоҳона ва майли ҳамкорӣ доранд, сиёсати ширкати фаъол дар ҳалли масоили гуногуни минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба хотири таъмини манфиатҳои волои Ватан ва ояндаи неки инсоният аст.

**Ҳамватанони азиз ва ҳозирини арҷманд!**

Дар шароити ҳассос ва печидаи оғози асри XXI масъалаи таъмини амнияти милливу давлатӣ ва оромии ҷомеа аҳамияти аввалиндараҷа ва бағоят муҳим пайдо намудааст.

Тамоюлҳои хатарноки терроризм, экстремизм, ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни сайёра торафт бештар доман паҳн карда истодаанд. Пешгирии ин таҳдидҳо масъалаи муборизаи муштарак ва дастҷамъонаи ҳамаи башарият ва пеш аз ҳама давлатҳои тараққикардаро рӯз то рӯз шадидтар ба миён гузошта истодааст.

**Дар чунин шароит мо ваҳдати миллӣ ва ризояти ҷомеаро, ки миллати тоҷикро аз ҷудоиву парокандагӣ начот бахшид, омили асосии тамоми дастовардҳои имрӯзаи миллат ва давлати худ мешуморем, онро қадр ва ҳифз менамоем.**

**Зеро сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ нодиртарин ва бузургтарин дастоварди понздаҳ соли истиқлолият ва неъмати бебаҳои халқи мо мебошад**.

Миллати мо аз таҷрибаи талхи таърихи худ дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта сабақи фаромӯшнопазир омӯхтааст, зеро ҳанӯз чанд садсола пештар қофиласолори

адабиёти оламгири тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фармуда буд, ки:

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

**Зимнан, бо истифода аз фурсати ниҳоят муносиб эълон медорам, ки соли 2008-ум ҷашни 1150-умин солгарди зодрӯзи фарзанди бузург ва фарзонаи миллати тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таҷлил карда хоҳад шуд**.

Ташкили давлати демократии ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо дарназардошти суннату анъанаҳои давлатдории миллӣ, арзишҳои ахлоқиву иҷтимоӣ роҳест, ки онро мардуми тоҷик баъди чашидани меваи талхи ҷанги шаҳрвандӣ интихоб намудааст ва мо бо ҳамин роҳ устуворона пеш меравем.

Ҳадаф аз ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳарчи бештар фароҳам овардани озодии фаъолият барои шаҳрвандон ва ҳизбҳои сиёсиву иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ба тарзи зиндагии ҷомеаи мутамаддин мутобиқ шудани онҳо ва иштироки доираи васеи мардум дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аст.

Дар ин раванд вусъат бахшидан ба инкишофу таҳкими институтҳои демократӣ, ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мустаҳкам кардани рукнҳои давлатдорӣ қарз ва вазифаи ҳар як фарди ҷомеа мебошад.

Ҷомеаи Тоҷикистон ҳоло бояд имкониятҳои имрӯзаро воқеъбинона арзёбӣ намояд ва дар заминаи ризоияту ваҳдати миллӣ, сулҳу осоиш ва таъмини амният тадриҷан пеш равад.

Мо ба шарофати истиқлолият ба дастовардҳои беназири сиёсиву фарҳангӣ ноил шуда бошем ҳам, **имрӯз иттиҳоду ягонагӣ ва ваҳдати миллӣ, маърифату зиракии сиёсӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва эҳсоси ватандорӣ барои ҳар фарди ҷомеа аз ҳарвақта бештар зарур аст**.

Зеро яке аз рукнҳои асосии ташаккули давлатдории мустақил ва худшиносии миллӣ фарҳангу маърифати баланди сиёсӣ, ватандӯстиву ватандорӣ мебошад.

Вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи мо истиқлолияти давлатамонро мустаҳкам карда, насли наврасу ҷавонро дар рӯҳияи ваҳдату ягонагӣ, ватандӯстиву ифтихори миллӣ, садоқат ба анъанаву суннатҳои таърихиву фарҳангии миллат ва эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ тарбия намудан аст.

Онҳо бояд шахсони соҳибмаърифат, бофарҳанг, эҷодкор, номбардори миллати қадима ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бошанд.

Мо вазифадор ҳастем, ки нерӯи иқтисодии мамлакат ва нуфузу эътибори байналмилалии кишвари худро пойдор ва мустаҳкам намуда, ба наслҳои оянда давлати обод, мутамаддин ва пешрафта, сатҳи арзандаи зиндагӣ, хонаи обод ва рӯзгори осудаву ором бокӣ гузорем.

Ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоби бостонӣ, ки онро ҳамроҳи шумо таҷлил менамоем, як саҳифаи мубораки истиқлолияти давлатӣ ва мояи ифтихори мардуми азизи мост. Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон низ бешубҳа, барои ҳифзи забон, мероси таърихии муштарак ва пешбурди иқтисод, илм, фарҳангу адаби халқҳоямон мусоидат хоҳад кард.

**Ман бори дигар ба мардуми шариф ва бонангу номуси Тоҷикистон, инчунин ба ҷавонони боғайрати Ватани соҳибистиқлоламон муроҷиат карда, таъкид менамоям: ҳамеша бояд дар хотир дошт, ки таҳкими истиқлолият ва давлатдории миллӣ танҳо бо дониши комил, ифтихори миллӣ ва эҳсоси ватанпарастӣ, дарки масъулияти ватандорӣ муяссар мешавад.**

Танҳо инсони хирадманду бомаърифат ва ватандӯсту фарҳангпарвар дар ҷаҳони мутамаддин мақоми шоистаро соҳиб шуда, дастовардҳои истиқлолиятро ҳифзу пуштибонӣ карда метавонад.

Бовар дорам, ки дар тӯли ин понздаҳ соли соҳибихтиёрӣ ҳамаи фарзандони бонангу номуси миллат қадру қимати ин рӯйдоди сарнавиштсозу фархундаро дарк намуда, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пуштибонии амнияти милливу давлатӣ, таҳкими сулҳу ваҳдат ва суботи ҷомеа, таъмини рушди тадричии иқтисодиёт ва ҳадафҳои стратегии созандагӣ, тараққиёти бомароми Ватани азиз ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро аз муқаддастарину волотарин вазифаҳои худ медонанд.

Ман ҳамеша ба таври равшан ва возеҳ гуфтаам ва бори дигар таъкид месозам, ки бо вуҷуди пешрафтҳо ва комёбиҳои бузург мушкилиҳо ва проблемаҳои ҷиддии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ дорем.

Мо тамоми чораҳои имконпазирро меандешем, ки дар муддатҳои кӯтоҳ ин мушкилоту проблемаҳоро бартараф намоем. **Халқи мо аз оромиву осудагӣ шукрона мегӯяд,**

**истиқлолиятро муқаддас медонад, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастиро волотарин эҳсос мешуморад**.

Воқеан ҳам, беҳбудии зиндагии ҳамаи мо вобаста ба ин аст, ки чӣ гуна заҳмат мекашем, ватани худро обод мекунем ва фарзандонамонро ба роҳи созандагӣ сафарбар месозем.

Халқи мо дар тӯли таърих душвориҳои зиёдеро паси сар карда, бо сабру таҳаммул ва меҳнати фидокорона ҳамеша бар мушкилиҳо пирӯз шудааст.

Мо ҳоло хиштҳои аввалин ва мустаҳками давлати соҳибистиқлоламонро гузошта истодаем. Ва дилпур ҳастем, ки душвориҳои ин давраро бо ваҳдати комил ва меҳнати ҳалол бартараф хоҳем кард.

Ва чунон ки дар оғоз таъкид кардам, миллати мо аз қадимтарин давраҳо то ба имрӯз барои озодӣ ва истиқлол ҳамеша талош кардааст ва дар ин роҳ ҳазорон нафар озодамардони худро аз даст додааст.

Яъне барои ҳар як фарди миллати мо чи дар гузаштаҳои дур ва чи имрӯз истиқлол ва озодӣ муродифи калимаи зиндагӣ буда, қимати ин мафҳумҳои муқаддас ва ин неъмати бебаҳо бо ҳаёти ширини инсон баробар мебошад. **Барои ҳар як тоҷики соҳибсавод ва бофарҳанг ин байти шоири тавоно, яке аз саромадони адабиёти асри гузаштаи тоҷик устод Лоҳутӣ аз хурдсолӣ ошно ва азиз аст, ки мегӯяд:**

Зиндагӣ охир сарояд, бандагӣ даркор нест!
Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест!

Имони комил дорам, ки ҳар як фарзанди огоҳ ва бонангу номуси миллат барои ҳифзи истиқлолияти кишвар, рушду нумӯи давлати миллӣ, таҳкими дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони азизу соҳибистиқлол ва шукуфоиву ободии Ватани аҷдодӣ ҳамарӯза заҳмат хоҳад кашид.

Имрӯз, ки мо бо таъриху фарҳанг, анъанаву суннатҳои гузаштагони ориёии худ ва саҳми бузургу фаромӯшнопазири онҳо дар тамаддуни башарият ифтихор мекунем ва баъди гузашти ҳазорҳо сол ба хотири бузургдошти номи неки онҳо ҷашнҳои пуршукӯҳ меороем, **худамон низ бояд барои ободии Ватан, осудагии мардум ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ мисли ниёгони хирадманду сарбаландамон талошу кӯшиши доимӣ намоем, то ин ки наслҳои ояндаи миллат бо кору номи мо ифтихор карда тавонанд**.

Итминон дорам, ки мо аз ӯҳдаи иҷрои ин масъулият ва рисолати таърихӣ мебароем.

Бо изҳори чунин итминон ва бовари нек бори дигар ҷашни пуршукӯҳи понздаҳсолагии истиқлолияти давлатии Ватани азизамон – Тоҷикистон ва бузургдошти тамаддуни аҷдоди хирадманду сарбаландамон – ориёиҳоро ба ҳамаи ҳозирини гиромӣ ва ҳар як фарди миллат самимона табрик гуфта, **дасти дуо мебардорам, ки Худои мутаол сулҳу оромиро дар кишварамон поянда гардонад, рӯзгори ободу осуда ва бахту саодатро ба ҳар хонаводаи тоҷик арзонӣ дорад**.

**Зиндаву ҷовид бод Тоҷикистони соҳибистиқлол!**

**Зинда бод халқи бунёдкор, меҳнатдӯст ва фарҳангофарини тоҷик!**

**Поянда бод давлатдории мустақили тоҷикон ва иди умумихалқии Тоҷикистони соҳибистиқлол!**

**Саломату сарбаланд бошед!**

# РӮ БА БАРНОМАҲОИ МУШТАРАКИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОӢ БИОРЕМ

## СУХАНРОНӢ ДАР МАҶЛИСИ ТАНТАНАВИИ АНҶУМАНИ ТОҶИКОН ВА ФОРСИЗАБОНОНИ ҶАҲОН

Душанбе, 8 сентябри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони гиромиқадр!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

15 сол муқаддам миллати соҳибтамаддун ва куҳанбунёди тоҷик ба марҳилаи тозаи давлатсозӣ ва давлатдории хеш шурӯъ намуд. 15 сол мешавад, ки офтоби истиқлолият дар болои сари мардуми кишварамон шӯълапошӣ мекунад ва миллати саодатманди тоҷик аз нурҳои файзбору равонбахши он нерӯ гирифта, пайи ободонии кишвар, ҳифзи иттиҳоду ягонагӣ ва ваҳдати миллӣ бо дили гарм ва иродаи қавӣ заҳмат мекашад.

15 сол мешавад, ки ҷашни рӯзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба як иди муқаддас ва пуршукӯҳи миллати бофарҳанги мо табдил ёфтааст. Дар ин рӯз мо гирди ҳам омада, шукр мекунем, ки шаҳди меваи ниҳоли истиқлолиятро мечашему нашъунамои имрӯзу фардои ин ниҳоли муқаддас боз дар дасти худи мост.

Ба ҳукми анъана даромадааст, ки ҳар сол дар рӯзҳои ҷашни Истиқлол мардуми саодатманди тоҷик боз якчанд чорабинии таърихиву фарҳангиро таҷлил менамояд, ки шукӯҳу шаҳомати ин ҷашни муборакро ба маротиб меафзояд.

Имсол мо тасмим гирифтем, ки ҳамзамон бо 15-солагии Истиқлолият, Анҷумани шашуми тоҷикону форсизабонони ҷаҳон, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва 2700-солагии шаҳри Кӯлобро баргузор намоем, то ин ҷашнҳои

фаромӯшнопазири таърихиро бо ҳамватанону ҳамзабонони хориҷиамон якҷоя пешвоз бигирем.

Ба ин муносибат ҳамчун Раиси Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ҳар яки шумо меҳмонони арҷмандро ба хонаи умеди ҳамаи тоҷикони ҷаҳон – Тоҷикистони азиз хайрамақдам мегӯям.

Ширкати шумо, меҳмонони олиқадр дар ин ҷашнвораҳо гувоҳи якдилӣ ва эҳтироми самимии ҳамзабонон ва ҳамватанонамон ба таъриху фарҳанги муштараки мо мебошад. Ин рӯзи мубораку саид - рӯзи шодию нишоти тоҷикон бароятон муборак бошад.

Шумо хуб медонед, ки Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизи мо дар ин марҳилаи нави таърихӣ бо осонӣ ба даст наомадааст. Воқеан, расидан ба озодии сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва мустақилият дар зимомдории давлат аз талошҳои якумраи миллати мо буда, ҳукумати муқтадир ва мутамаркази Сомониён як намунаи олии ин талошҳои давлатсозиву давлатдорист.

Ҳатто баъди таназзул дар тайи чандин садсолаҳо шеваю сохтори давлатдории Сомониён аз миён нарафт ва миллати тоҷик ойини тамаддунсозии хешро бо сарбаландӣ идома дод.

Назаре ба солҳои нахустини истиқлолияти Ватанамон кофист, ки то бубинем он бо чи баҳои гароне насиби мо гардидааст. Тоҷикистони тозаистиқлол аз қадамҳои аввалини хеш ба озмоишҳои сахту сангин рӯ ба рӯ шуда, ҷанги таҳмилӣ ҳатто хатари нобудшавии давлату парокандагии миллати тоҷик ва тақсимшавии марзу буми онро ба миён овард.

Вале ақлу хирад, сабру таҳаммул, дурандешиву бурдборӣ ва ваҳдату ифтихори миллӣ, ки дар давоми ҳазорсолаҳо барои тоҷикон аз ниёгон мерос мондаанд, боиси фурӯ нишастани оташи ҷанги шаҳрвандӣ гардида, миллатро аз вартаи ҳалокатбори нобудшавию парокандагӣ раҳоӣ бахшид.

Маҳз ёди он рӯзҳои душвор, хотираи он шаҳидоне, ки тӯъмаи оташи мухолифат гардиданд, қадру қимати истиқлолиятро барои тоҷикон волотару азизтар мегардонад. Мардуми тоҷик ранҷу азобҳо, заҳмату машаққатҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро паси сар намуда, барои нигоҳ доштани давлати соҳибистиқлол, тамомияти арзӣ, ваҳдати миллӣ ва мустаҳкам намудани рукнҳои давлатдорӣ роҳи сулҳ ва сиёсати сулҳофариро пазируфт.

Сулҳу осоиш ва ваҳдати миллӣ раҳнамои миллати тоҷик ба марҳилаи нави зиндагӣ – барқарорсозӣ ва ободонии Ватани азиз гардиданд. Агар ниёгони мо дар аҳди Сомониён намунаи олитарини усул ва сохтори давлатдории мутамаддинро офарида бошанд, пас баъди ҳазор сол давлати имрӯзаи тоҷикон фарҳанги сулҳофарӣ ва ваҳдати миллиро ба ҷаҳониён чун як неъмати бебаҳо ва дастоварди беназир пешкаш намуд.

Ин таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ чун як падидаи нодири ҳаёт пазируфта шуда, баҳри фурӯ нишондани оташи низоъҳои шаҳрвандӣ дар нуқтаҳои мухталифи ҷаҳон истифода мегардад.

Дар ин раванд пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе барои саҳми бузургаш дар эҷоди сулҳ ва сулҳофарӣ соҳиби ҷоизаи ЮНЕСКО ҳамчун Шаҳри сулҳ гардид.

**Дӯстони азиз!**

Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон аз нахустин рӯзҳои таъсисёбии хеш мақсад дошт, ки робитаҳои фарҳангӣ, илмиву адабӣ, иқтисодиву тиҷоратиро бо ҳамватанону ҳамзабонони дуру наздик ба роҳ гузошта, қабл аз ҳама ба таблиғи афкори инсондӯстӣ, интишори арзишҳои умумибашарӣ, ҳифзи ёдгориҳои маданию таърихии тоҷикон ва мероси адабиву фарҳангии форсизабонон кӯшиш кунад.

Дар давоми панҷ Анҷумани гузашта аксари шумо, меҳмонони гиромӣ, ба кишвари мо ташриф оварда, мушоҳида намудед, ки Тоҷикистони тозаистиқлол сол то сол дар тамоми риштаҳои ҳаёти ҷомеа ба дастовардҳои назаррас ноил мегардад.

Албатта, омили асосии ин дастоварду комёбиҳо, пеш аз ҳама дарки арзишҳои муқаддаси истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ, худогоҳиву худшиносӣ, ҳуввияти миллӣ, эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ ва қарзу масъулияти шаҳрвандӣ мебошад.

Мо тавассути бузургдошти ҳазораи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, 680-солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, 675-солагии Шайх Камоли Хуҷандӣ, 1100-солагии таъсиси Давлати Сомониён, 960-солагии Умари Хайём, 2700-солагии Авесто, 1025-солагии Сино, 2500-солагии шаҳри бостонии Истаравшан ҷаҳониёнро бо тамаддуни қадимии хеш ошно намуда, онҳоро бовар кунонидем, ки ояндаи мо дар

таҳкурсии суннатҳои волои умумибашарӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳанги миллӣ сохта хоҳад шуд.

Баргузории Рӯзи Тоҷикистон дар ЮНЕСКО аз эҳтироми ин созмони бонуфузи умумибашарӣ ба фарҳанги миллати соҳибхиради тоҷик далолат мекунад. Чанде аз шумо – меҳмонони гиромӣ дар чорабиниҳои ҷашнии Рӯзи Тоҷикистон дар ЮНЕСКО ширкат доштед ва дар омода намудани он кӯмаки хешро расонидед. Аз фурсат истифода бурда, сипосгузории самимонаи мардуми тоҷикро ба шумо ва дигар бародарони аз чашм дуру ба дил наздик мерасонам.

Боиси сарфарозист, ки чандин иқдомҳои бузурги фарҳангии мо барои рушди шоҳкории мусиқии классикии «Шашмақом», мусиқии миллии «Фалак», таҷлили ҷашни бузургони илму адаб ва фарҳанг, бузургдошти шаҳрҳои бостонӣ ва ёдгориҳои таърихӣ дар ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО амалӣ шудаанд ва мешаванд. Яке аз ин ҷашнҳои бузург 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб мебошад, ки шумо - ҳозирини мӯҳтарам ҳамчун меҳмонони гиромӣ дар таҷлили он ширкат хоҳед варзид.

Ҷойи қаноатмандист, ки чанде аз ин ҷашнҳо ва солгарди ашхоси бузург бо иштироки намояндагони аҳли илму адаби кишварҳои ҳамзабон ва ҳамфарҳанг, қабл аз ҳама Эрону Афғонистон, баргузор гардидаанд. Ва ин робитаҳои илмию фарҳангӣ дар тайи солҳои охир ба густариш ёфтани фазои эътимод, ҳусни ният, равобити неки ҳамкориҳо ва иқдомҳои созанда мусоидат намуданд.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Бояд зикр намоям, ки ҷомеаи башарӣ дар интиҳои асри XX ва оғози асри XXI шоҳиди рӯйдодҳои бузург гардида, низоми устувору комилан ташаккулёфтаи олам рӯ ба таҳаввулоту дигаргуниҳои инқилобӣ овард.

Аз асари омилҳои ҷаҳонишавӣ ва густариши глобализатсия марзбандии ҳавзаҳои геополитикӣ ва иқтисодиву стратегӣ вусъат пазируфта, муноқишаҳои сиёсӣ ва бархурди манфиатҳои иқтисодӣ афзуд.

Сарфи назар аз кӯшишу талошҳо баҳри ба вуқӯъ омадани муколамаи тамаддунҳо хатарҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ торафт бештар афзуда, зуҳуроти барои фарҳангу тамаддун ва ҳастии инсоният хатарнок – терроризм, экстремизм, ҷиноятқории муташаккил, коҷоқи силоҳ ва

маводи мухаддир дар нуқтаҳои мухталифи ҷаҳон рӯ ба густариш ниҳодааст.

Баъзе иқдомоту кӯшишҳои ғаразноки тамаддуни деринаи Шарқу Ғарбро бо ҳам муқобил гузоштан ва дар ҳамин замина ба бархӯрди тамаддунҳо мусоидат намудан аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор низ авҷи тоза мегирад. Таҳқири арзишҳои олии инсонӣ, бозӣ кардан бо эҳсосоти пайравони динҳои мухталиф, афрӯхтани оташи нафрату хусумат дар миёни мӯътақидон ва бо ҳамин васила дину тамаддунҳоро муқобили ҳам гузоштан бешак ба нақшаҳои тарҳрезикардаи иғвогарон мусоидат менамояд.

Борҳо аз минбарҳои баланди бонуфузи байналмилалӣ иброз доштаам ва боз такроран мегӯям, ки мо барои рушди тамаддуни умумибашарӣ бояд аз ҷавҳари фарҳанг, илму маърифат, ҳикмату фалсафаи олӣ, ахлоқу одоби ҳамида, арзишҳои волои динҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла дини ислом истифода барем.

Беҳтарин дастовардҳои тамаддуни ҷаҳониро ҳамқадами замони муосир карда, онҳоро барои ғанитар намудани ҷаҳони маънавӣ, солимгардонии ахлоқ, одоб, суннат, фарҳанг ва дигар арзишҳои ичтимоӣ равона созем.

Бояд ақидаҳои ғаразноку бардурӯғеро, ки динҳои асили ҷаҳониро бо падидаҳои террористӣ, экстремистӣ ва радикалӣ тавъам месозанд, инкор намоем, ниҳоду созмонҳоеро, ки дар зери ниқоби ислом мақсаду ҳадафҳои худро думболагирӣ мекунанд, фош созем, бо онҳо мубориза барем ва нагузорем, ки симои поку муқаддаси исломро доғдор намоянд.

Мову шумо бояд собит созем, ки ислом одобу ахлоқи ҳамида, покизагии маънавӣ, сулҳу осоиш, сабру таҳаммул, инсондӯстӣ ва инсонгароӣ барин арзишҳои олиро талқин менамояд ва амалҳои нангину хунрезиро аз қабили куштор, зӯроварӣ ва бадбиниву хушунат қатъиян маҳкум месозад.

Мехоҳам таъкид намоям, ки ин гуфтаҳо тарғибу таҳмил ва таҷассуми бартарияти арзишҳои дини ислом бар динҳои дигари ҷаҳонӣ нест, ин даъватест барои эҳтирому ачргузорӣ ба тамаддуне, ки беш аз як миллиарду сесад миллион нафар сокинони сайёра пайравиаш мекунанд.

Ба андешаи ман, дар шароити имрӯза роҳу равишҳои тозаи гуфтугӯи тамаддунҳоро пайдо кардан зарур аст. Ҳанӯз дар Иҷлосияи Генералии XXXIII ЮНЕСКО 10-октябри соли 2005 дар Париж иброз дошта будам, ки асри XXI ахлоқи ҳамидаро тақозо дорад.

Агар меъёрҳои умумӣ ва низоми муштараки ахлоқӣ барои тамоми мардуми сайёра мавҷуд мебуд, пас арзишҳои муштараки умумиинсонӣ устувор мемонданд, кӯшишҳои бартаричӯии як идеология бар идеологияи дигар, як дин бар дини дигар ва як ҷаҳонбинӣ бар ҷаҳонбинии дигар аз миён мерафтанд.

Мо дар ин раванд ҷашни Соли тамаддуни ориёиро беҳуда пеш нагирифтем. Ҳадафи бузургдошти ин чорабинии фарҳангӣ аз намоиши бартарии мардуми мо бар дигар миллату халқиятҳо нест. Мақсад пос доштани арзишҳои маънавӣ, илмӣ ва таърихии мардуми тамаддунсозу фарҳангофарин мебошад.

Мо мехоҳем ба ҷаҳониён ахлоқи ҳамидаи ориёиро, ки бар пояи се арзиши волотарини инсонӣ «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» устувор аст, талқин кунем, дар густурдани роҳҳои нави ризоият, ҳамкорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо мусоидат намоем.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, ҳамаи шумо ҳозирини мӯҳтарамро ба муносибати Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ табрику таҳнийт гуфта, зиндагии пурфароғат, сулҳу амонӣ ва рӯзгори орому осударо бароятон таманно мекунам.

**Меҳмонони арҷманд!**

Оид ба мақом ва аҳамияти ҳамоиши тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон дар анҷуманҳои қаблӣ андешаҳоямро иброз дошта будам. Ва имрӯз такроран мегӯям, ки ин созмони бонуфуз аз рӯзҳои нахустини таъсисёбии хеш як пуле миёни мардуми Тоҷикистон бо ҳамватанону ҳамзабононамон гардид, ки онҳо бо амри тақдир ва гардиши айём берун аз хоки аҷдодӣ умр ба сар мебаранд.

Маҳз ҷасорату самимияти аксари шумо – ҳозирини гиромӣ ва дигар ҳамватанонамон буд, ки бо вуҷуди вазъи шадиди сиёсии кишвар дар ҷаласаҳои нахустини Анҷуман иштирок намудед.

Ҳатто баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ қувваҳои бадхоҳе мавҷуд буданд, ки кӯшиш менамуданд вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвари моро ба ҷаҳониён мураккаб нишон диҳанд ва муносибати дигар давлатҳоро бо Тоҷикистон халалдор созанд.

Аммо шумо ва дигар дӯстони ҳақиқии миллату давлати тоҷикон дар чунин шароити душвор ба Ватани мо сафар

менамудед, ҳақиқати воқеии вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистонро ба чашми худ дида, ба ҷаҳониён мерасонидед.

Мо ва шумо ҷомеаи ҷаҳониро бовар кунонидем, ки давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бо такя ба арзишҳои волои умумибашарӣ, фарҳанги қадимаи аҷдодӣ, заковату хирад ва анъанаҳои неки давлатдории ниёгони сарбаланди хеш баҳри бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷаҳду талош дорад.

Миллати сарбаланду соҳибфарҳанги тоҷик тақдирашро ба дасти хеш гирифта, бо нияти сулҳу ҳамкорӣ ва иқдомҳои бунёдкориву созандагӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваст.

Тоҷикистони навин дар як муддати кӯтоҳ обрӯ ва нуфузи байналмилалии хешро боло бурда, ҳамчун як субъекти комили ҳуқуқи муносибатҳои байналхалқӣ пазируфта шуд.

Фақат дар соли 2005 аз ҷониби ташкилоту созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ Созмони Милали Муттаҳид, Иҷлосияи Генералии 33-юми ЮНЕСКО, Саммити умумиҷаҳонии Тунис, Созмони Конфронси исломӣ қабул гардидани пешниҳодоти Тоҷикистон вобаста ба ҳаллу фасли проблемаҳои глобалӣ тасдиқи гуфтаҳои болоӣ мебошад.

Тавассути таҷлили Рӯзи Тоҷикистон дар ЮНЕСКО ва Рӯзи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия мо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ собит сохтем, ки миллати тоҷик бо ҳунари воло ва санъати беназири худ метавонад дар рушди тамаддуни башарӣ саҳми муносиб гузорад.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Афзудани эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии кишвар моро водор месозад, ки муносибат ва ҳамкориҳои хешро дар доираи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон боз ҳам таҳкиму густариш диҳем.

Ногуфта намонад, ки ҳамкориҳои мо бештар дар доираи робитаҳои фарҳангӣ сурат гирифта, асосан бо гузаронидани ҷашнҳо ва бузургдошти фарзандони фарзонаи халқу миллати хеш иктифо мекунем.

Ҳол он ки мо бояд дар якҷоягӣ ҷанбаҳои мухталифи таърихи миллат, забону мероси хаттӣ, илму адабиёт, анъана ва суннатҳо ва арзишҳои маънавию фарҳангиро, ки як баҳри беканорро мемонанд, мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор диҳем.

Маҳз ба ин васила мо имконият пайдо мекунем, ки мероси таърихӣ, дастовардҳои илмию фарҳангӣ, анъанаю суннатҳои миллӣ, нобиғаҳои барӯманди хешро таблиғ намуда, ҷаҳониёнро бо арзишҳои нодири тамаддуни ориёиву исломиамон ошно созем.

Фикр мекунам, вақти он расидааст, ки шумо - аъзои Анҷуман дар рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Тоҷикистон низ иштироки фаъолона дошта бошед.

Имрӯз имконоти захиравии Тоҷикистон ва меъёрҳои қонунгузории мутобиқи талаботи иқтисоди ҷаҳонӣ кишвари моро ба минтақаи ҷолиби сармоягузорӣ мубаддал гардонидаанд.

Натиҷаи сиёсати дурусти иқтисодии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва боварии ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, ки дар кишвари мо ҳоло даҳҳо лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ ба маблағи садҳо миллион доллари амрикоӣ пайгирона амалӣ мешаванд.

Дар ин раванд мебояд, ки шумо – ҳамдиёрону ҳамзабонон низ ташаббуси густурдаву фаъолтар нишон диҳед. Шумо метавонед, ки дар амалӣ намудани барномаҳои мухталифи иқтисодии барои тарафҳо муфид ширкат варзед, корхонаҳои хоричӣ ва соҳибкорони алоҳидаро баҳри сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ҷалб намоед.

Аз ҷониби хеш Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти фаъолияти иқтисодии тамоми хоҳишмандонро дар ҳудуди кишвар кафолат медиҳанд.

Мо омода ҳастем, ки бо тамоми давлатҳо, созмону ташкилотҳо ҳамкории судманд дошта бошем, агар ин муносибатҳои судманд ба инкишофи ҷанбаҳои иҷтимоии ҳаёти мардумамон, зина ба зина ҳал намудани мушкилоти иқтисодии кишварамон мусоидат намоянд.

Ояндаи ҳар як давлати соҳибистиқлол ба кӯшишҳо дар роҳи устувор намудани рукну сохторҳои давлатдорӣ вобаста аст. Дар ин самт вазифаи аввалиндараҷа таълиму тарбия ва омода намудани коршиносону мутахассисони варзида барои тамоми соҳаю риштаҳои ҳаёти ҷомеа аз ҳисоби насли наврас ва ҷавонон мебошад.

Дастовардҳои навин ва арзишманди илмӣ, кашфиёту бозёфтҳои техникӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва фарҳангӣ дар саросари ҷаҳон имрӯз аз мо парвариш додани нерӯҳои бузурги ақлонӣ ва зеҳниро тақозо мекунанд.

Аз ин рӯ, Ҳукумати Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки ислоҳоти комили соҳаи маорифро пешбинӣ намуда, кадрҳои

миллӣ ва мутахассисони ба шароити иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯро тарбия намояд ва ба камол расонад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва инқилоби илмиву техникӣ як давлат дар танҳоӣ нақшаҳои тадқиқоти бузурги илмиву технологӣ ва дигар корҳои азиму доманадори муосирро ӯҳда карда наметавонад.

Вақти он расидааст, ки мо барномаҳои муштараку дарозмуддати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангиро дар фазои нави минтақавӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ ба роҳ андозем.

Масалан, мактабу донишкадаҳои муштаракро таъсис диҳем, пажӯҳишгоҳҳои якҷояи омӯзиши фалсафа, забон ва фарҳанг, тадқиқотҳои фундаменталии илмиро таъсис диҳем, дар самти мухталифи иқтисодиёту иҷтимоиёт боз ҳам ҷиддитар ҳамкорӣ кунем.

Шумо – аъзои фаъоли Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон набояд аз ин раванд худро дар канор гиред ва дар омода намудани мутахассисон, таҳсили ҷавонони тоҷик дар донишгоҳу таълимгоҳҳои хориҷи кишвар ва дигар самтҳои ҳамкорӣ саҳмгузор бошед.

**Дӯстони азиз!**

Дастовардҳои кулли риштаҳои ҳаёти ҷомеа собит намудаанд, ки миллат ва давлати Тоҷикистон дар интихоби роҳи пешрафти фардои хеш иштибоҳ накардаанд ва марҳилаи душвори гузариш ва озмоишҳои тақдирсозро паси сар намуда, ба марҳилаи нави зиндагӣ ворид гаштаанд.

Имрӯз мо дар ҷабҳаи созандагиву бунёдкорӣ ва ҳадафҳои стратегии расидан ба истиқлолияти озуқаворӣ, энергетикӣ ва коммуникатсионӣ устуворона пеш меравем.

Дурнамои роҳи мо – таҳкими истиқлолият, посдории сулҳу салоҳ, таъмини оромию амнияти ҷомеа, тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ободкорию созандагӣ дар ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои мутамаддин ва пешрафтаи олам мебошад. Ва итминони комил дорам, ки Тоҷикистони азиз дар радифи кишварҳои пешрафтаи олам ҷойи сазовори хешро пайдо хоҳад намуд.

Бо арзи боварӣ ба фардои шукуфону дурахшони кишвари маҳбубамон – Тоҷикистон бори дигар шумо – меҳмонони арҷманд ва ҳозирини мӯҳтарамро ба ифтихори понздаҳумин солгарди Истиқлолият, ҷашнҳои Соли

тамаддуни ориёӣ ва 2700-солагии шаҳри Кӯлоби бостонӣ табрику таҳният мегӯям.

Шумо дар кадом гӯшаи сайёра кору зиндагӣ накунед, Тоҷикистон - ватани аҷдодии тамоми тоҷикони олам бо шумост ва дару дарвозаҳояш бароятон боз аст. Зеро Ватан, модар, забон ва суннатҳои аҷдодӣ муқаддастарин ва волотарин арзишҳои инсонӣ мебошанд, ки дар тору пуд ва тапиши қалбҳои мо реша доранд.

Биёед мову шумо дуои хайр кунем, ки дар Тоҷикистони азизамон сулҳу дӯстӣ пойдор бошад ва нақшаҳои азими созандагиву бунёдкорӣ амалӣ шаванд.

Бигузор мову шумо бо номи Тоҷикистон ифтихор кунем!

Дар охир орзу дорам, ки ҳамеша саломат, хушбахт ва сарбаланд бошед. Рӯзгоратон доимо пур аз файзу баракат ва ситораи иқболатон баланду фурӯзон бошад!

**Хуш омадед, хоки қудуматон тӯтиёи чашми мардуми меҳмондӯсту бародарнавози тоҷик!**

# НАҚШИ АРТИШИ МИЛЛӢ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## СУХАНРОНӢ ДАР ПАРАДИ ҲАРБӢ БА МУНОСИБАТИ 15-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе, Майдони Дӯстӣ, 9 сентябри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Мӯҳтарам афсарон!**
**Сарбозони Ватан!**

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар таърихи миллати тоҷик воқеан дастоварди бузург мебошад ва ҳамаи шуморо ба ифтихори понздаҳумин солгарди он табрику таҳният мегӯям.

Дар давоми беш аз ҳазор сол, яъне баъд аз шикасти давлати бузурги сомониён миллати куҳанбунёдамон ҳамеша дар ормони соҳибдавлативу давлатдорӣ ва ба даст овардани истиқлолияти миллӣ буд ва ин орзуи деринаи аҷдодони гузаштаамон бо ҳукми таъриху сарнавишт дар интиҳои қарни XX амалӣ гардид.

Қобили зикр аст, ки дар тамоми даврахои маҳрумият аз давлатдории худ мардуми соҳибтамаддуну фарҳангпарвари тоҷик ҳуввияти баланди миллӣ ва рӯҳияи истиқлолхоҳӣ дошт. Зеро ғояи истиқлолият дар шуури миллӣ ташаккулу такомул ёфта, мақоми хоса пайдо намуда буд.

Инак, 15 сол шуд, ки мардуми шарифи Тоҷикистон соҳиби давлати мустақили худ буда, имрӯз аз меваи шаҳдбори он баҳраманд аст.

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки дар бораи аҳамияти таърихиву миллии он дирӯз дар маҷлиси бошукӯҳ ақидаҳои худро батафсил баён доштам, воқеан дар ибтидо ба хатари ҷиддӣ дучор шуда буд.

Вале маҳз бо баргузор гардидани иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо таъсис, ташкил ва барқарор карда шудани рукнҳои давлати нави мустақил, инчунин таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ин хавф тадричан аз байн бурда шуд.

Дар солҳои аввали истиқлолият дар шароити нооромиҳои вазъи кишвар мо марҳилаи аз як шакл ба шакли дигари давлатдорӣ, яъне аз сохти сотсиалистӣ ба сохти давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ гузаштани Тоҷикистонро сарфи назар аз мушкилоту душвориҳо ва монеаҳои зиёд бомуваффақият сипарӣ намудем.

Албатта, дар ин самт ба мо пеш аз ҳама азму иродаи мардуми шарифамон, ки соли 1994-ум бо қабули Конституцсияи Тоҷикистон аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ва интихоботи Президенти Тоҷикистон зоҳир карда шуд, мусоидат кард.

Бояд зикр намуд, ки ташаккул ва таҳкими давлатдории муосири миллии тоҷикон дастоварди азими даврони истиқлолият аст.

Барои амалӣ намудани ин тадбирҳои таърихӣ қабл аз ҳама таъсисёбии Артиши Миллӣ, ки яке аз рукнҳои асосии давлати мустақил мебошад ва мо онро дар шароити ниҳоят ҳассоси кишварамон бе ягон заминаҳои меросӣ ба вуҷуд овардем, нақши муҳим бозид.

Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар ибтидо сарфи назар аз заифии заминаҳои моддиву техникии худ ва нарасидани мутахассисони низомӣ аз озмоишҳои воқеии ҳарбӣ гузашта, дар таъмини суботи ҷомеа ва бартараф кардани таҳдиду хатарҳо мавқеи сазоворро касб кард.

Хизматчиёни ҳарбии он, яъне аз афсарони олирутба то сарбозони қаторӣ душвориву норасоиҳои моддиву техникӣ ва иҷтимоиро таҳаммул намуда, барқарорсозии сохтори конституцсионӣ, амнияти давлат ва халқи Тоҷикистонро сарбаландона таъмин карданд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, ба ҳамаи онҳо барои хизмати содиқонаашон ба хотири сулҳу суботи Ватан арзи миннатдорӣ ва сипосгузорӣ менамоям.

**Мӯҳтарам ҳомиёни Ватан!**

Тоҷикистони соҳибистиқлол имрӯз дорои артиши воқеан муназзам буда, он барои ҳифзи истиқлолияти давлату миллат ва марзу буми кишвар қодир ва омода аст.

Бо мақсади ташаккули нерӯи боэътимоди мудофиавии Ватани азизамон мо дар давоми солҳои истиқлолият ҷузъу томҳои вазоратҳои мудофиа, амният, корҳои дохилӣ, Гвардияи Миллӣ, Кумитаи давлатии ҳифзи Сарҳади давлатӣ, Вазорати ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданиро тадриҷан таъсис ва заминаҳои моддиву техникии онҳоро тақвият додем.

Ҳоло дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон қӯшунҳои хушкигард, мудофиаи зиддиҳавоӣ, қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ, қӯшунҳои сарҳадӣ, дохилӣ ва ҳамчунин ҷузъу томҳои десантӣ, зудамал ва дигар навъҳои нерӯҳои мудофиавию ҳарбӣ фаъолият доранд.

Ҳифзи сарҳади давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати мудофиавии давлати Тоҷикистон мебошад. Дар доираи татбиқи он қариб як сол мешавад, ки нигаҳбонии тамоми марзҳои кишварамонро қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии ҳифзи Сарҳади давлатӣ ба зимма гирифта, онро бо маҳорати баланди касбӣ таъмин менамояд, ки ин дастоварди бузург ва шаҳодати истиқлолияти комили давлатамон аст. Аз ин бояд ҳар як фарди Тоҷикистон ифтихор дошта бошад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки имрӯз Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои байналмилаливу минтақавӣ бо мақсади такмили маҳорати мудофиавию ҷангӣ дар озмоишҳои ҳарбӣ фаъолона иштирок карда, борҳо сазовори баҳои баланди коршиносони байналхалқии ҳарбӣ гардидааст.

Бо дарназардошти хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла терроризм, экстремизм, ҷиноятҳкории муташаккилонаи трансмиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва барои таъмини амнияти зарурии халқу давлат Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакатамон маҳорату малакаи мудофиавии худро пайваста такмил ва сайқал медиҳанд, ки ин яке аз омилҳои давлати соҳибистиқлол мебошад.

Ҳамчунин масъалаи бо кадрҳои соҳибихтисос ва мутахассисони болаёқати ҳарбӣ таъмин будани Артиши Миллӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад.

Дар баробари дар Донишкадаи ҳарбӣ ва литсеи ҳарбии Вазорати мудофиа, Мактаби олии Вазорати амният, Донишкадаи сарҳадии Кумитаи давлатии ҳифзи Сарҳади давлатӣ, Академияи милитсияи Вазорати корҳои дохилӣ, инчунин ҳоло дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ дар хориҷи мамлакат низ кадрҳои ҳарбӣ тарбия карда мешаванд.

Зеро асл ва бунёди Қувваҳои Мусаллаҳро мутахассисони ҳарбӣ ташкил медиҳанд ва нуфузи маҳорату малакаи баланди касбии онҳо дар омодагии ҷангии ҷузъу томҳо ва интизоми қавии ҳарбӣ зоҳир мегардад.

Артиш бо низоми махсуси худ, бо хизматчиёни дорои интизоми мустаҳками ҳарбӣ ва ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарастӣ артиш аст. Садоқати ҳар хизматчии ҳарбӣ, яъне аз афсари олирутба то аскари қаторӣ ба Ватан, давлат ва миллати худ аз садоқат ба қасами ёдкардаи ҳарбӣ ибтидо мегирад.

Бо риояи қатъии маҳз чунин тартибу низом ҳифзи боэътимоди кишвар, халқ ва пойдории истиқлолияти давлатро метавон таъмин кард.

Мо итминони комил дорем, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон рисолати ба зиммадоштаи худро бо масъулияти баланди низомӣ ба ҷо оварда, садоқати хешро ба Ватан ҳар лаҳза бо дарки амиқи моҳияти давлату давлатдории миллати соҳибфарҳангу соҳибтамаддуни тоҷик ва ифтихор аз он зоҳир менамоянд.

Бо чунин эътимоди бузург ҳамаи шумо, афсарону сарбозон, хизматчиёну курсантҳо, инчунин собиқадорони сохторҳои низомиву мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва тамоми мардуми шарифи Тоҷикистонро бори дигар бо 15-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ табрик менамоям.

Ба ҳамаатон тандурустӣ, хонаободӣ, рӯзгори хушу осуда, бахту саодат ва сарбаландӣ орзумандам.

**Саломат бошед!**

## ПАЁМИ ТАБРИКӢ
## БА ШАРАФИ ТАҶЛИЛИ 15-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА СОЛИ БУЗУРГДОШТИ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ ДАР ВАРЗИШГОҲИ МАРКАЗИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

9 сентябри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони гиромӣ!**

Бо камоли ифтихору сарфарозӣ дар рӯзҳои таҷлили ҷашнҳои пуршукӯҳи 15-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб тамоми мардуми ватандӯст, фарҳангпарвар ва бунёдкори Тоҷикистони соҳибистиқлол ва меҳмонони олиқадру арҷмандро аз самими қалб табрику шодбош мегӯям.

Имрӯз миллати тоҷик аз шебу фарози таърих ва озмоишҳои сахту сангини садсолаҳо гузашта бошад ҳам, дастовардҳои фарҳанги асил, ҳуввияти миллӣ, забони ноби модарӣ, илму адабиёти оламгирашро нигоҳ доштааст, ки аз ҷавҳари башардӯстонаи тамаддуни ориёӣ ва суннатҳои пурарзиши тамаддуни ислом ибтидо мегиранд.

Ниёгони мо бо талқини афкори пурарзиши «Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» беҳтарин ва равшантарин орзуву омоли инсоният ва рукнҳои ахлоқи ҳамидаро басо орифона ифода намудаанд, ки ин каломи пурҳикмат дар тӯли асрҳо барои ташаккули арзишҳои солими башардӯстона хидмат кардаанд.

Маҳз ҳамин тамаддуни пешрафта, суннату оинҳои дорои ҷанбаи ҳаётӣ, тафаккури зиндагисоз ва маърифати баланди ақлонии ниёгони мо буд, ки онҳо ба ганҷинаи тамаддуни башарият аз Зардушту Монӣ сар карда, то Рӯдакиву Фирдавсӣ, Абӯалӣ Синову Носири Хусрав, Шайх

Аттору Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдиву Ҳофиз, Ҷомиву Сайидо ва садҳо нобиғаҳои илму адабу фарҳангро ато кардаанд.

Дар айни ҳол муҳаббат ба Ватани аҷдодӣ, таърихи пурифтихори миллат ва ниёгони фарҳангдӯсту тамаддунпарвари он набояд чашми моро аз раванди пурталотуми дастовардҳои ҷаҳони муосир, вусъати ақли башарият, пешрафти инқилобии илму техника ва тараққиёти рӯзафзуни давлатҳои мутамаддини олам бубандад.

Баръакс, мо ҳар қадар Ватанамонро бештар дӯст дорем, бояд ҳамон андоза кӯшиш намоем, ки аз қатораи бо суръати кайҳонӣ пешравандаи асри XXI қафо намонем, ҳамкориҳои худро бо кишварҳои тараққикардаи олам густариш бахшем, арзишҳои илмиву фарҳангии умумибашарӣ, дастовардҳои техникаву технологияи муосир ва кашфиёту бозёфтҳои навтаринро омӯзем ва гузашта аз ин ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо симои хосаи худ пайвандем, дастовардҳои истиқлолият ва рукнҳои давлату давлатдории миллиро чун гавҳараки чашм пос дорем.

15 соли Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯйи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем.

15 соли Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, таҳкими меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳаёти озодонаи ҳар фард ва санаи олитарини дараҷаи бахту саодати воқеии миллат мебошад.

Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳуввият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон аст.

Мо имрӯз ифтихор дорем, ки 15 сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди нави миллӣ гардидем.

Асосҳои сохтори конституционӣ, рукнҳои тозаи идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ройиҷ гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад ва шиносномаи миллӣ дар арсаи

ҷаҳонӣ эътироф гардид. Мо яке аз рукнҳои асосии давлатдории мустақил – артиши миллӣ ва нерӯҳои сарҳадиро таъсис дода, ҳифзи марзу буми Ватан ва хати сарҳади давлатиро таҳти назорати худ гирифтем.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои мо дар даврони истиқлолият давлатсозӣ ва давлатдории муосири миллӣ мебошад, ки моҳиятан шакли қонунбунёд, иҷтимоӣ ва дунявиро дорад.

Давраи навини давлатсозию давлатдории мустақилона моро водор сохт, ки роҳи ислоҳоти иқтисодӣ, дигаргун сохтани шакли моликият, ташаккули иқтисодиёти миллӣ ва сохторҳои нави идоракунии онро пеш гирифта, ба густариши муносибатҳои бозаргонӣ ва пайвастани низоми иқтисоди Тоҷикистон ба набзи иқтисоди ҷаҳонӣ роҳ кушоем.

Мо хуб медонем, ки раванди бонизоми пешрафти иқтисодиёт ва инкишофи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ дар шароити имрӯза асосан аз истиқлолияти энергетикиву коммуникатсионӣ ва вусъат пайдо кардани роҳсозӣ вобастагии амиқ дорад.

Бинобар ин, азми қавӣ дорем, ки дар оянда низ ба бунёди иншоотҳои азими гидроэнергетикиву коммуникатсионӣ пешрафти иқтисодиёту рушди саноати миллӣ, коркарди ашёи хому истихроҷи боигариҳои зеризаминӣ вусъат бахшида, дар заминаи созандагиву бунёдкорӣ сатҳи зиндагии мардумро беҳтар намоем.

Нақшаҳои азими созандагиву бунёдкорие, ки барои 10-15 соли оянда пешбинӣ мекунем, маҳз ба хотири рушди бонизоми иқтисодиёти мамлакат, густариши фаъолияти соҳибкорӣ, бештар гардидани ҷойи кори нав, афзун гардидани даромади аҳолӣ, ободиву тараққиёти рӯзафзуни Ватан ва ҳаёти осудаҳолонаи наслҳои ояндаи кишварамон аст.

Мо аз шарофати истиқлолият ба дастовардҳои назарраси сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ноил шуда бошем ҳам, дар марҳилаи мураккабу ҳассоси ҷаҳони имрӯза ба иттиҳоду ҳамраъйӣ, ваҳдати миллӣ, маърифату зиракии сиёсӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва эҳсоси баланди ватандӯстиву ватандорӣ бештар ниёз дорем.

Масъалаи таъмини амнияти милливу давлатӣ, нигоҳ доштани оромии авзои ҷомеа, пойдории сулҳу субот ва таҳкими истиқлолияту ҳифзи дастовардҳои он як қисми таркибии сиёсати давлатии мо мебошад.

Солҳои охир дар ҷаҳон як силсила тамоюлоти хатарнок, аз қабили таҳдиди терроризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятқори трансмиллӣ қувват мегиранд, ки онҳо метавонанд ба оромиву суботи минтақа ва амнияти давлатии кишварҳои алоҳида таъсири ногувор расонанд.

Аз ин рӯ, мову шумо бояд якҷоя хатари вусъатёбии ин амалҳои номатлубро пешгирӣ намоем, барои бақои тақдири миллат, таъмини ваҳдати миллӣ ва амнияти давлат, пойдории сулҳу субот ва оромии ҷомеа тадбирҳои мушаххас андешем.

Мо сиёсати пойдории сулҳу субот, ризоияти ҷомеа ва ваҳдати миллиро, ки давлати тоҷикро аз нобудшавию миллатро аз парокандагӣ начот бахшид, яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлолият мешуморем.

Бовар дорам, ки дар остони 15-солагии Истиқлолият ҳамаи фарзандони бонангу номуси миллати мо рисолату асолати давлатдории миллӣ ва қарзи муқаддаси шаҳрвандиашонро дарк намуда, барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пуштибонии амнияти милливу давлатӣ, таҳкими сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсӣ, таъмини рушди иқтисодиёт ва пешрафти Ватани азиз нерӯю дониши худро дареғ намедоранд.

Эътимоди комил дорам, ки ибтидои қарни ҳазорсолаи сеюм барои мо шоҳроҳи таҳкими истиқлолияти кишвар, пойдории сулҳу субот, рушду нумӯи давлатдории миллӣ ва ҷодаи воқеии кишвари соҳибистиқлоли мо ба сӯйи ояндаи неку осуда, зиндагии сарбаландона ва давлатҳои мутамаддини ҷаҳонӣ хоҳад шуд.

Бигузор иди муқаддаси Истиқлолият барои ҳар фарди соҳибдилу озодаи кишвар саломатӣ, бахту саодат, зиндагии осуда ва сарсабзиҳо оварад!

Поянда бод Ваҳдати миллӣ ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон!

Зиндаву ҷовид бод Тоҷикистони азизу ягонаи мо – модари барҳақи тамоми тоҷикони олам!

Зинда бод миллати соҳибмаърифат, фарҳангпарвар ва тамаддунсози тоҷик!

**Хушбахту сарбаланд бошед!**

# ҲАР ИНШООТИ ИН МУҶТАМАЪ РАМЗИ ХУДРО ДОРАД

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ МАҶМААИ МЕЪМОРИИ «2700-СОЛАГИИ КӮЛОБ»

Кӯлоб, 10 сентябри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини мӯҳтарам!**
**Меҳмонони гиромӣ!**

**Боиси хушнудист, ки дар доираи таҷлили ҷашни шаҳри бостонии Кӯлоб мо имрӯз ба хотири бузургдошти таърихи куҳан ва ба нишони ёдгорӣ аз он мачмааи бошукӯҳи меъмории «2700-солагии Кӯлоб»-ро ифтитоҳ намуда, ба сохтмон ва барқарорсозии Қалъаи қадимаи шаҳр ҳусни оғоз бахшидем.**

**Ҳамаи шуморо ба муносибати ҷашни 2700-солагии шаҳр ва ин рӯйдодҳои фараҳбахш табрику таҳният мегӯям.**

Воқеан барои истиқболи ҷашни Кӯлоби куҳандиёр мо се сол омодагӣ дида, интизорӣ кашидем, то ин ки он бо ҳусну тароват ва шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил гардад.

Дар ин давра на танҳо таваҷҷӯҳи сокинони вилояти Хатлон, балки кулли мардуми Тоҷикистон ба таърихи пурғановат ва серҷабҳаи Кӯлоб ҷалб карда шуд ва огоҳӣ аз он дар боло гирифтани ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ мусоидат кард.

Дар бораи таърихи 2700-сола ва аз он бештари Кӯлоб имрӯз дар чорабинии асосии идона муфассал сухан хоҳам гуфт. Ҳоло дар ин ҷо мехоҳам онро ба таври мухтасар хотирнишон созам.

Далелҳои таърихӣ ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳо, аз ҷумла бозёфтҳои Қалъаи Чармгарон собит менамоянд, ки Кӯлоб дорои таърихи ниҳоят куҳан буда, аз рӯйи мансубияти

худ ба асрҳои неолит ва биринчӣ яке аз шаҳрҳои қадимаи дунё мебошад.

Ҳамзамон мувофиқи таҳқиқи бозёфти боқимондаҳои ҷисми одамони давраи неолит, ки дар Тутқавул пайдо карда шудааст ва хулосаи ниҳоии бостоншиносон чеҳраи онҳо ба ҳиндуаврупоиҳо шабоҳат дошта, аз қавми ориёҳо будаанд.

Ҳанӯз дар давраи давлати Каёниён низ Кӯлоб ҳамчун шаҳр мавҷуд буд. Маълум аст, ки оини давлатдорӣ асосан дар замони Каёниён ба вуҷуд омадааст. Мувофиқи далелҳои таърихӣ давлати Каёниён зиёда аз 600 сол пойбарҷо гардида, дар ташаккули тамаддуни ориёӣ нақши калон дошт.

Дар адабиёти юнонӣ он бо номи Бохтар машҳур буда, чун яке аз давлатҳои пуриқтидори Шарқ эътироф гардидааст. Муаррихи маъруфи юнонӣ Ҳеродот онро бо давлатҳои абарқудрати Шарқ – Миср, Бобул ва Ошӯр дар як радиф гузоштааст. Дастовардҳои бузургтарини давлати Каёниён таснифи «Авесто» ва рушди кишоварзӣ мебошанд.

Бояд зикр намуд, ки ҳоло баъзе паҳлӯҳои таърихи давлати Каёниён, ки Кӯлоб дар ҳудуди он, яъне Бохтар воқеъ буд, аз ҷониби муаррихон ҳанӯз ба таври муфассал мавриди таҳқиқу омӯзиши амиқ қарор нагирифтааст.

Дар сурати пурра ва ҳамаҷониба муайян гаштани он на танҳо ба мо – тоҷикон дар шинохти бештару амиқтари асли худ мусоидат менамояд, балки дар роҳи рӯшан сохтани саҳифаҳои таърихи ҷаҳони мутамаддин низ хидмати бузург хоҳад шуд.

Дар давраи тӯлонӣ, яъне аз асри IX то ибтидои асри XI замони инкишофи босуръати Хатлон буд, ки Кӯлоб яке аз шаҳрҳои он ба шумор мерафт ва дар ин марҳила ҳокимони он дар Хуросону Мовароуннаҳр нуфузу эътибори хосаро касб намудаанд.

Дар натиҷаи он дар баробари вусъати созандагиву бунёдкорӣ муҳити маънавӣ низ хеле густариш ёфта буд. Дар пешрафти фарҳангу адабиёт, хусусан мадрасаҳо, ки шумораашон дар ин ҷо ба зиёда аз бист адад расида буд, нақши муассир доштанд.

Дар робита ба ин, бояд зикр кард, ки онҳо асосан дар асри X, ҳанӯз то марҳилаи мадрасасозии вазири бузурги Салҷуқиён – Низомулмулк бунёд ёфта буданд.

Дар асри XIX дар шаҳр ва манотиқи Кӯлоб шумораи мадрасаҳо беш аз 45 адад ва теъдоди толибилмони онҳо зиёда аз 30 ҳазор нафарро ташкил медоданд. Аз ин маълум

мегардад, ки баъд аз Бухорои шариф дар пешрафти илму маориф ва фарҳанг Кӯлоб мавқеи хос доштааст.

Мувофиқи бозгӯи манбаъҳои таърихӣ дар гузашта низ дар Кӯлоб зироаткориву тиҷорат ва саноат рушду равнақ ёфта будааст. Бинобар фаровонии ғалла онро аз тариқи дарёи Омӯ ба дигар шаҳру вилоятҳо барои тиҷорат интиқол медодаанд.

Ҳамчунин дар тӯли ҳазорсолаҳо парвариши аспҳои зоти хатлӣ ва чорвои хурд ба шуғли асосии аҳолии Кӯлоб мубаддал гардида, ҳар сол аз ин ҷо то даҳ ҳазор сар аспҳои хушзот, инчунин садҳо ҳазор чорво ба Бухорову Самарқанду Фарғона ва дигар манотиқ бурда мешуданд.

Мутаассифона, лашкаркашиву тохтутозҳои ачнабиёни истилогар боиси харобиҳои зиёди шаҳри Кӯлоб шудаанд. Дар натиҷаи сиёсати харобкоронаи онҳо ин сарзамин ҷабру ҷафои беш дидааст.

**Вале сарфи назар аз ҳамаи онҳо мардуми тоҷик забон, адабиёт, фарҳанг ва суннатҳои миллии худро на танҳо нигоҳ медорад, балки густариш ҳам додааст.**

Ба доираи илму адаб ва ирфонии Кӯлоб шахсияти бузург ва мутафаккири барҷаста Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ворид шуда, ба он тақвияти хоса бахшидааст.

Эҷодиёти дигар шоирон, аз ҷумла Шамсиддин Шоҳин, ки дар Бухоро ӯро Афлотуни шоирон мегуфтанд ва Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ ниҳоят ғанӣ ва гуногунранг мебошад.

Дар баробари саҳми арзандаи намояндагони сершумори доираи адабии Кӯлоб дар рушди илм ва адабиёти тоҷику форс эҷодиёти мардумӣ низ дар ин ҷо басо густариш ва дар пешрафти фарҳанги миллӣ мақоми шоиста пайдо намудааст.

Авҷи олии санъати фалакхонӣ, ки ҳамзамон падидаи нодири мусиқии суннатиамон мебошад, аз ин далолат медиҳад.

**Дар шароити имрӯзаи истиқлолияти комили давлати худ мо бояд ба қадри таъриху фарҳанги волои миллатамон, ки сарфи назар аз гирудори замонаҳо ва маҳрумиятҳо аз қаъри асрҳо бо мазмун ва таровати хоса ба мерос мондаанд, бирасем ва онҳоро ба таври шоиста пос дорем.**

**Зеро тавассути онҳо мо метавонем ифтихор дошта бошем, ки ачдодони гузаштаамон аз қавмҳои ориёӣ буда, миллатамон тамаддунсозу фарҳангофарин аст.**

Маҳз ба хотири бузургдошти таъриху фарҳанги пурғановат ва худшиносиву худогоҳии миллии худ мо имрӯз гирди ҳам омада, ҷашни 2700- солагии Кӯлобро таҷлил ва чунин як маҷмааи бузурги меъмориро, ки бо дарназардошти хусусиятҳои давраҳои таърихӣ ва фарҳангу суннатҳои халқамон бунёд ёфт, ифтитоҳ менамоем.

Воқеан муҷтамаи мазкур аз лиҳози тарҳ, сохт ва мазмуни худ ҷолиби таваҷҷӯҳ аст.

**Ҳар як иншооти он рамзи худро дорад, аз ҷумла «Боргоҳи тамаддун» таҷассумгари тамаддуну фарҳанги куҳанбунёд, мучассамаи шерҳо рамзи давлатдорӣ ва тавоноӣ, қатори сутунҳои гунбазпӯш инъикоскунандаи санъати қадимаи меъмориву шаҳрсозӣ, обидаи «Дарахти ҳаёт» рамзи ҳаёт, истиқлолият ва озодии миллати мо мебошанд.**

Осорхона муаррификунандаи тамоми давраҳои таърихи Кӯлоб аст.

Дар санъати муосири меъмории Тоҷикистон ин муҷтамаъ алҳол иншооти ягонаи фарҳангиест, ки бо дарназардошти дастовардҳои меъмории қадима бо тарҳи нав, яъне бо иншоотҳои ба ҳам пайванд сохта шудааст.

Зеро анъанаи сохтмони Боргоҳ ва Қатори сутунҳои гунбазпӯш ҳанӯз дар санъати меъмориву шаҳрсозии давраҳои Суғду Бохтар ва Хатлон маъмул буд. **Эҳёи ин суннат дар шаҳри Кӯлоби бостонӣ имрӯз беҳтарин падидаи моддиву маънавӣ ва фарҳангии миллати тоҷик мебошад.**

Аз фурсат истифода бурда, ба меъморону лоиҳакашон, сохтмончиён ва тамоми онҳое, ки дар бунёди маҷмааи мазкур заҳмат кашидаанд ва саҳм гирифтаанд, арзи сипосу миннатдорӣ менамоям.

Бигузор муҷтамаи «2700-солагии Кӯлоб» ҳамчун рамзи таърихи куҳани миллати тоҷик дар худшиносиву худогоҳии наслҳои ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол хизмати ҷовидона дошта бошад!

Бигузор он ҳамеша талқинкунандаи ғояҳои баланди фарҳанги миллӣ, ватандӯстиву меҳанпарастӣ ва сулҳу ваҳдат бошад!

**Бо ҳамин орзуҳои нек бори дигар ба ҳамаи шумо ҷашнҳои Истиқлол, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва 2700-солагии Кӯлобро муборакбод мегӯям.**

**Саломату сарбаланд ва хонаобод бошед!**

## ПАЁМИ ТАБРИКӢ
## БА ШАРАФИ 2700-СОЛАГИИ ШАҲРИ БОСТОНИИ КӮЛОБ ҲАНГОМИ ВОҲӮРӢ ДАР МАЙДОНИ ҶАВОНОН

10 сентябри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**
**Меҳмонони арҷманд!**

Имрӯз сокинони шаҳри куҳанбунёди Кӯлоб ид доранд. Иди 15-солагии Истиқлолияти давлатӣ, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва ҷашни деринтизори 2700-солагии Кӯлоби бостонӣ, ки таърихан як пораи ҷудонашавандаи сарзамини Тоҷикистони азизи мо мебошад.

Ба муносибати истиқболи ин ҷашнҳои бошукӯҳи давлативу миллӣ, ки ҳоло мо дар ин майдони хуштарҳу замонавӣ барои таҷлили ҷашни 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб ҷамъ омадаем, тамоми мардуми шарифи мамлакат, сокинони сарбаланду ватанпарвари Хатлонзамин ва меҳмонони арҷмандро аз самими дил табрику муборакбод менамоям.

15 соли истиқлолият дар қиёси давлату давлатдориҳои пешинаи миллати тоҷик фосилаи чандон тӯлонӣ нест. Вале мо дар ин фосилаи кӯтоҳ тавонистем, ки пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва рукнҳои давлату давлатдории миллиро гузошта, нақшаҳои азими созандагиву бунёдкорӣ, аз ҷумла ҳадафҳои тақдирсозу стратегии расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, истиқлолияти коммуникатсионӣ ва истиқлолияти озуқавориро пеш гирем.

Пӯшида нест, ки имрӯз раванди бонизоми рушди иқтисодиёт ва инкишофи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ асосан аз пешрафти соҳаҳои саноату энергетика, роҳсозиву аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳонидани мамлакат, инкишофи бахши кишоварзӣ ва коркарди ашёи хом, тараққиёти саноати

миллӣ ва истихроҷи боигариҳои зеризаминӣ ва дар ниҳоят ҳамоҳанг сохтани набзи иқтисодиёти мамлакат бо набзи иқтисоди минтаҚа ва ҷаҳон вобастагии амиқ дорад.

Худатон хуб медонед, ки пас аз оғоз ёфтани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар пешорӯи давлати ҷавону тозаистиқлоли мо даҳҳо мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ падид омада, бӯҳрони азими саросарӣ мамлакатро фаро гирифта буд. Рукнҳои давлатдории собиқа фалаҷ гардида, хатари аз байн рафтани давлати тоҷикон ва пароканда гаштани миллати тоҷик ба миён омад.

Бар асари ҷанги фоҷиабори шаҳрвандӣ садҳо ҳазор ҷавонон қурбон шуда, ба иқтисодиёти мамлакат қариб 10 миллиард доллари америкоӣ зарари моддӣ расид.

Аз ҷумла марзи Хатлонзамин ба ҷабҳаи асосии набардҳои ҷанги таҳмилӣ табдил ёфта, низоми иқтисодиёти бе ин ҳам ақибмондаи вилоятро амалан қариб ба нестӣ овард. Хатари гуруснагӣ ва як пора нонро бо ҳам қисмат кардани мардум на танҳо дар минтаҚаи Кӯлоб, балки дар пойтахти мамлакат ва саросари ҷумҳурӣ таҳдид менамуд.

Идома ёфтани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки аз рӯйи нақшаи баъзе таҳиягарони хоричӣ буд, ҳадафи нобуд сохтани генофонди миллат ва аз байн бурдани давлату давлатдории тоҷиконро дошт, вале фарзандони огоҳ, масъул ва ватандӯсти кишвар, пеш аз ҳама мардуми сулҳдӯсту сулҳпарвари Тоҷикистон оқибатҳои мудҳиши ҷангро андешида, сиёсати сулҳу созиш, музокироти осоишта ва ваҳдати миллиро пеш гирифтанд.

Ба хотири ноил шудан ба мусолиҳаи миллӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти воқеии ҷомеа мо стратегияи асоснок ва муассиреро таҳияву татбиқ намудем, ки баъдан ҳамчун таҷрибаи нодир ва арзишманди сулҳи тоҷикон дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардид.

Мехоҳам ин ҷо нуктаеро ёдовар шавам, ки солҳои аввали истиқлолият барои мо солҳои басо душвору пурмонеаи аз вартаи ҳалокат берун овардани кишвар ва сарҷамъ сохтани мардуми парешонгашта, солҳои ба хотири якпорчагии мамлакат ва сарҷамъии миллат, бурдборона 1180 рӯз идома додани музокироти ҷонибҳо, солҳои раҚибони сиёсӣ ва мухолифони қудратталаби худро аз сангарҳои ҷанг берун оварда, дар сари дастгоҳи давлативу сохторҳои идоракунӣ паҳлӯ ба паҳлӯ кор кардан ва ниҳоят солҳои тантанаи сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ, эҳёи давлатсозиву давлатдории навину болоравии эҳсоси

ватандориву ватанпарастӣ ва худшиносии миллӣ буданд ва роҳи минбаъдаи моро ба сӯйи бунёди давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ кушоданд.

Сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои мо чандон бо осонӣ муяссар нагаштааст. Роҳбарони олимартабаи ҳарду ҷониб ҳафт маротиба дар кишварҳои хориҷӣ мулоқоту музокирот оростанд ва дар маҷмӯъ он 1180 рӯзро ташкил дод, ки 208 рӯзи онро аз субҳ то шом, баъзан то нимаҳои шаб бо баҳсу мунозира ва ҷустуҷӯи роҳи муносиби расидан ба сулҳу оштӣ ва ризояти миллӣ гузаронидем.

Дар он рӯзҳои душвор баъзе шахсиятҳои низомиву сиёсие буданд, ки санг дар бағал ниҳода, на танҳо ба сулҳу оштӣ ва ваҳдати миллии тоҷикон эътимод надоштанд, балки ошӯбҳои мусаллаҳона низ омода намуда, оташи ҷанги шаҳрвандиро аз нав барафрӯхтан мехостанд.

Сад шукри Худованд, ки мо тавонистем мухолифони дохиливу хориҷии сулҳи тоҷиконро бо роҳи фарҳанги сулҳ ба созиш оварем ва дар натиҷа тамомияти арзӣ, тақсимнопазирии марзу бум, сарҷамъии миллат, пойдории усул ва арзишҳои бунёдӣ, қабл аз ҳама озодӣ, истиқлол ва давлати мустақили миллии тоҷиконро нигоҳ дорем.

Дар ҳузури сокинон, бахусус ҷавонони Хатлонзамин ва минтақаи Кӯлоб ин саҳифаҳои фаромӯшнопазири солҳои аввали истиқлолиятро ёдовар шудани ман бесабаб нест.

Зеро мувофиқи шаҳодати осори таърихӣ диёри Хатлонзамин таърихан диёри мардхез, ватанпараст ва истиқлолхоҳ буда, мардуми далер ва озодманишаш на танҳо ба муқобили Искандари Мақдунӣ, тохтутози арабҳову туркҳо ва дигар душманони дохиливу хориҷӣ муборизе бурдаанд, балки дар таҳкими давлатдории миллӣ, пуштибонии истиқлолият, ҳифзи ягонагии мамлакат, сарҷамъии миллат ва барқарорсозии харобаҳои ҷанги шаҳрвандӣ хидматҳои бесобиқа кардаанд.

Бо шарофати истиқлолият, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мо заминаҳои сиёсиву ҳуқуқии давлатдории миллӣ, асосҳои сохтори конституционӣ, рукнҳои тозаи идоракунии мамлакат, пойдевори танзимкунандаи меъёрҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварро ниҳода, ба корҳои азими созандагиву бунёдкорӣ ифтитоҳ бахшидем ва нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ бардоштем.

Аз талошҳои фидокоронаи мардуми сарбаланду меҳнатдӯсти Тоҷикистон, бахусус сокинони вилояти Хатлон

рӯҳияи эътимод ба ояндаи нек ва марҳилаи созандагиву бунёдкорӣ боло гирифта, бунёди роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб арсаи кору пайкор ва ҷабҳаи нави мардонагӣ гардид. Роҳи оҳане, ки дар даврони Шӯравӣ банақшагирӣ ва сохтмонаш даҳсолаҳо кашол меёфт, дар тӯли якчанд сол аз ҷониби коргарону роҳсозони тоҷик анҷом ёфта, шаҳри бостонии Кӯлобро на танҳо бо Қӯрғонтеппаву вилояти Суғд, балки бо ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазоқистон ва Федератсияи Россия пайваст.

Дар айни ҳол навсозӣ ва ба фурудгоҳи байналмилалӣ табдил додани майдони ҳавоии собиқи Кӯлоб имкон дод, ки имрӯз хатҳои нави парвози байналмилалӣ ба шаҳрҳои Москва, Екатеринбург, Астрахан, Саратов ва ғайра ба роҳ монда шавад.

Гузашта аз ин, барои аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо додани Тоҷикистон роҳи байналмилалии мошингарди Кӯлоб-Дарвоз-Хоруғ-Қулма бунёд карда шуд, ки на танҳо минтақаи Кӯлоб, балки тамоми кишварро бо мамлакатҳои ҳамсоя – Чин, Ҳиндустон, Покистон ва дигар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, уқёнусу бандарҳои бузурги ҷаҳонӣ мепайвандад.

Ҳамчунин азнавсозӣ ва таъмири роҳи мошингарди Душанбе-Қӯрғонтеппа-Кӯлоб ба анҷом расонида шуд, ки ба рафтуои мӯътадили мошинҳо мусоидат менамояд.

Имсол сохтмони туннелҳои мошингарди Шаршар ва Чормағзак оғоз меёбад, ки фосилаи рафтуои роҳи Душанбе-Кӯлобро хеле кӯтоҳ хоҳанд кард.

Сохтмони пули Панҷи поён низ босуръат идома дорад ва он на танҳо вилояти Хатлон, балки пойтахти мамлакатро бо кишвари ҳамсояи Афғонистон мепайвандад.

Дар айни ҳол ҳангоми вохӯрии муштарак бо президентҳои Эрон ва Афғонистон тасмим гирифтем, ки аз тариқи ин кӯпрук роҳи мошингарди байналмилалии Панҷи поён-Ҳирот-Машҳадро дастҷамъона ба истифода медиҳем, ки фосилаи умумии роҳи собиқа 650 километр кӯтоҳ хоҳад шуд. Умед аст, ки бо кушода шудани ин пулҳо ва роҳҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ дар ояндаи наздик муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар фазои нави минтақавии кишварҳои ҳамзабону ҳамҷавор густариш хоҳад бахшид.

Гузашта аз ин баҳри таъмини истиқлолияти энергетикии кишварамон мо қадамҳои ҷиддӣ ниҳода, сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-

2»-ро, ки дар минтақаи Хатлон воқеъ аст, вусъати тоза бахшидем, ҳамчунин пеши роҳи хатари ярчфароии нерӯгоҳи барқи обии Бойғозиро гирифтем. Ҳамчунин баъди ба истифода додани кони гази Хоҷа Сартез то андозае мушкилоти сӯзишворӣ дар минтақаи Кӯлоб осон гардид.

Тадбирҳои пайгиронаи ободониву созандагӣ дар арафаи омодагӣ ба ҷашни 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб вусъати тоза пайдо карда, аз ҳама шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сохтмончиёни зиёде ба ёрӣ омаданд.

Дар як муддати кӯтоҳ сохтмони бинои нӯҳқабатаи истиқоматӣ дар хиёбони Исмоили Сомонӣ, се мактаби нави маълумоти миёна, чойхонаи «Истаравшан», бинои боҳашамати «Хонаи бахт», маҷмааи меъмории 2700-солагии Кӯлоб, таъмиру азнавсозии Қасри фарҳанг, варзишгоҳи марказии Кӯлоб, боғи Исмоили Сомонӣ, бозори марказӣ, азнавсозии қалъаи Ҳулбук ва дар маҷмӯъ 130 иншооти ҷашниро аз ҳисоби буҷети давлатӣ, маблағҳои вазорату идораҳо, саҳми вилояту шаҳру ноҳияҳо, инчунин соҳибкорони алоҳида ба сифати баланд ба итмом расониданд.

Боварӣ дорам, ки мардуми Кӯлоб ин дастгирии бародарона ва ёрии беғаразонаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро фаромӯш нахоҳанд кард.

**Дӯстони азиз!**

Ҷашни 2700-солагии Кӯлоб ҷашни ватани куҳанбунёд, ҷумҳурии соҳибистиқлол ва тамоми мардуми Тоҷикистони азизи мост. Шаҳри Кӯлоб аз шарофати ҷашн ободу зебо ва нисбатан замонавӣ шуда бошад ҳам, шаҳрсозиву бунёдкориҳо ҳанӯз поён наёфтаанд.

Баръакс бунёди шаҳри Кӯлоби воқеан замонавӣ ва дорои тарҳи меъмории муосир акнун ибтидо меёбад. Мо азм дорем, ки Кӯлобро дар баробари расонидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва коммуникатсионӣ ба шаҳри саноатӣ ва маркази тиҷоративу маданӣ табдил диҳем.

Барои ин мо, пеш аз ҳама ба шумо ҷавонон -– меъморону шаҳрсозони оянда, муҳандисону роҳсозон, бунёдкорони нерӯгоҳҳои барқи обӣ, кӯпруксозону сохтмончиён, нақбканону лоиҳакашон ва намояндагони дигар касбу корҳои ободониву созандагӣ такя мекунем.

Шумо бояд фаромӯш накунед, ки дар асри XXI – асри илму техника ва дастовардҳои беназири технологияи муосир зиндагӣ мекунед.

Аз ин рӯ вазифадор ҳастед, ки асосҳои илму дониш, бахусус дастовардҳои фанҳои дақиқро омӯзед, аз бурду бохти иқтисоди кишвар ва иқтисоди ҷаҳонӣ огоҳ бошед, аз барномарезии компютерӣ ва истифодаи имкониятҳои он бархурдор гардед.

Баробари омӯхтани забони модарӣ кӯшиш намоед, ки як ё якчанд забони байналмилалии хориҷӣ, бахусус русӣ ва англисиро хуб донед, то ки бо техникаву технологияи муосир ва ҳамкасбони хориҷии худ муошират карда тавонед.

Дар ин сурат шумо на танҳо шаҳри худ, балки саросари ватани азизи худро навсозиву обод карда метавонед, баробари замон қадам мезанед ва истиқлолияти милливу амнияти давлатдории худро пуштибонӣ мекунед.

**Бо ҳамин ниятҳои нек ба шумо ворисони ояндаи миллату давлати тоҷикон иродаи матин, азми қавӣ, маърифати баланд, зиракии сиёсӣ, ифтихори милливу ватанпарастӣ ва худшиносиву ҷаҳоншиносиро орзумандам.**

**Ҳамеша бо ёди Тоҷикистони соҳибистиқлол ва миллати куҳанбунёду соҳибтамаддун ва ободгарди тоҷик зиндагӣ кунед!**

**Ҳастии мо, ифтихори мо, сари баланду хонаи ободи мо – модари ягонаамон Тоҷикистон аст.**

**Ҳамеша хушбахту пирӯз ва сарбаланд бошед!**

**Ташаккур!**

# ҶАШНИ КӮЛОБИ БОСТОНӢ ИДИ ТАЪРИХУ ФАРҲАНГ АСТ

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ БОШУКӮҲИ ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ 2700-СОЛАГИИ ШАҲРИ КӮЛОБ

10 сентябри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини мӯҳтарам!**
**Меҳмонони арҷманд!**

**Бо ифтихору шукргузорӣ аз соҳибдавлативу давлатдории миллати куҳанбунёдамон, ки ба шарофати он мо имрӯз ба бузургдошти таъриху фарҳанги оламшумули худ имконияти густурда пайдо кардаем, ба ҳамаи шумо ва тамоми мардуми шарифу сарбаланди кишварамон Рӯзи истиқлолияти давлатӣ, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва ҷашни 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлобро муборакбод мегӯям.**

Воқеан, аз баракати истиқлолият мо имрӯз барои бузургдошту пос доштани таърих ва фарҳанги пурғановатамон имкон пайдо намудаем. **Дар радифи иди бузурги миллиамон, яъне Рӯзи истиқлолияти давлатӣ, таҷлил гардидани ҷашни Кӯлоби бостонӣ нишони хештаншиносиву худогоҳии мардуми мост.**

Маҳз дар натиҷаи шинохти асли худ ва аз арзишҳои милливу умумибашарӣ бархурдор гардидани мо ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихору ҳуввияти миллиамон боло гирифта, моро беш аз пеш ба таҳкими ваҳдату иттиҳод, созандагиву бунёдкорӣ ва ободсозии Ватани азизи худ ҳидоят мекунанд.

Ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб иди таъриху фарҳанг аст. Тавре борҳо таъкид намудаем, **аҷдодони мо, ки ориёитаборанд, маҳз ба шарофати истеъдоди тамаддунсозиву шаҳрдорӣ, сарфи назар аз гирудору тохтутозҳои ҳазорсолаи**

**аҷнабиёни истилогар ҳастии миллати худро бо фарҳангу забони шевои тоҷикӣ ва бунёди шаҳрҳо эмин нигоҳ доштаанд.**

Ва аз умқи ҳазорсолаҳо ба мо аз худ осори сершумору гаронбаҳои адабиёту фарҳанг ва ёдгориҳои зиёди меъмории таърихиро ба мерос гузоштаанд, ки ин ҳама аз қобилияти баланди фарҳангофариву шаҳрсозии миллатамон шаҳодат медиҳанд.

Манбаъҳои таърихӣ собит менамоянд, ки тоҷикон аз ҷумлаи халқҳои қадимтарини дунё буда, бо шаҳрсозиву шаҳрдории худ дар инкишофи тамаддуни башарӣ саҳми арзанда доранд. Дар қатори даҳҳо шаҳрҳои бостонии Осиёи Марказӣ, ки бо маҳорат ва завқи баланди шаҳрсозии ниёгони мо бунёд шудаанд, шаҳрҳои куҳани қаламрави Бохтару Хатлони қадим маҳсули заҳмату ҳунар ва санъати волои меъмории онҳо буда, дар таърихи миллати мо нақши муҳимро касб кардаанд.

**Аз тадқиқоти бостоншиносон бармеояд, ки сарзамини аҷдодии мо – Ария вейҷаҳи авастоӣ дар замони қадим ду соҳили Амударёро дар бар мегирифтааст. Ҳамзамон ёдгориҳои таърихӣ ва шаҳрҳои қадимае, ки дар ду соҳили он кашф гардидаанд, ба ин гувоҳӣ медиҳанд.**

Қаламрави кунунии минтақаи Кӯлоб ва водии Вахш дар соҳили Амударё ҷой гирифта, ҳанӯз аз даврони шаклгирии ҷомеаи ибтидоӣ бошишгоҳи одамон буд. Бозёфтҳо ва як қатор ёдгориҳои бостонии мансуб ба давраҳои неолит, асри биринҷӣ ва қарнҳои VII-VI пеш аз мелод, ки дар ҳудуди шаҳри имрӯзаи Кӯлоб ва ноҳияҳои Вахшу Қубодиён, аз ҷумла Аҷинатеппаву Тахти сангин пайдо карда шудаанд, бозгӯи таърихи ниҳоят куҳани онҳо мебошанд.

Дар маълумоти ҷуғрофии асрҳои IX-XII дар қатори 12 шаҳри Хатлон номи Искандара, ки ба замони Юнону Бохтар мансуб аст, зикр шудааст. Шаҳри Искандара яке аз номҳои қадимии Кӯлоб мебошад ва дар асрҳои III-I пеш аз мелод ва I-VII мелодӣ ҳамчун шаҳр дорои масоҳати калон буд.

**Дар ҷараёни ҷустуҷӯйҳои археологӣ, омӯзишу тадқиқотҳо, ки солҳои охир сурат гирифтанд, шаҳри қадима ва маҳсули тамаддуни давлати Каёниён будани Кӯлоб низ муайян ва собит гардид.**

Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ Кӯлоб ҳамчун як қисми таркибии Хатлонзамин дар равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр нуфузу эътибори амиқ дошт.

Дар асрҳои IX-X Хатлон, ки ҳудудаш аз қаламрави вилояти имрӯза хеле васеъ буд, яке аз вилоятҳои калонтарин ва дорои шаҳрҳои зиёди Хуросони бузург ба шумор мерафт. Аз ҷумла, танҳо дар ҳудуди минтақаи Кӯлоби имрӯза бо номҳои Искандара, Ҳулбук, Тамлиёт, Мунк, Маранд, Андичароғ, Форғар, Рустоқбек, Корбанг, Борсориғ як қатор шаҳрҳои ободу зебо вуҷуд доштанд, ки ҳоло аз онҳо дар ноҳияҳои кунунии Кӯлоб, Восеъ, Данғара, Ховалинг, Ҳамадонӣ, Фархор ва Балҷувон нишонаҳо ва ёдгориҳои беназири бостонӣ боқӣ мондаанд. Аз тадқиқоти бостоншиносон бармеояд, ки ин ёдгориҳои таърихӣ ба ҳамаи давраҳои гузаштаи инкишофи инсоният тааллуқ доранд.

**Дар миёни ҳамаи шаҳрҳои қадимии ин сарзамин дар гузашта шаҳри Ҳулбук, ки маркази Хатлон маҳсуб меёфт ва ҳоло аз он як маҷмааи бузурги таърихӣ боқӣ мондааст, мақоми хоса дошт.**

Қасри шоҳони Ҳулбук бо сабки хос ва маҳорати баланди меъморӣ бунёд ёфта, дорои иншооти мудофиавӣ, ҳуҷраҳои зист, толорҳои маъмурӣ, шабакаи гармидиҳӣ, таъминоти об, хатҳои интиқоли партов буданд, ки ин ҳама аз санъати беназири шаҳрдориву шаҳрсозии мардуми тоҷик гувоҳӣ медиҳад.

**Дар ободкорӣ ва ҳифзи сарзамини худ гузаштагони мо ҳамеша бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ муносибат доштанд.**

Далелҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки мардуми Хатлон, аз ҷумла Ҳулбук бо дарки амиқи моҳияти Ватан ва ҷасорати хос ба ҳуҷумҳои ғосибонаи дастаҳои пурқудрати ҷангии Искандари Мақдунӣ ва дигар истилогарони аҷнабӣ муқобилиятҳои шадид карда, онҳоро борҳо ба ақибнишинӣ ва шикаст водор кардаанд.

**Дар замири мардуми мо меҳру муҳаббат нисбат ба Ватан аз азал ҷой гирифтааст ва тавассути андешаву ғуруру ифтихори миллӣ, тавре ки зикр шуд, на танҳо забону адабиёту фарҳанги хешро густариш доданд, балки бо асолати тамаддунсозиву бунёдкорӣ ҳастии миллат ва нигоҳдории сарзамини аҷдодии худро таъмин карда тавонистанд.**

**Маҳз ба шарофати чунин хислатҳои азалӣ ва талошу муборизаҳои ватандӯстонаву истиқлолхоҳӣ миллати мо дар асри IX бар хилофи ниятҳои истилогарони аҷнабӣ, ки мехостанд ҳисси ватанпарастиву фарҳангдӯстӣ, ифтихору ҳуввияти миллии тоҷиконро барбод дода, мақому манзалати забони тоҷикиро паст намоянд, соҳиби давлати хеш гардид.**

Дар давраи давлатдории тоҷикон, яъне аз асри IX то ибтидои асри XI, ки он дар таърих бо номи давлати Сомониён маълум аст, дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр созандагиву бунёдкорӣ, ободонӣ, пешрафти шаҳрсозиву шаҳрдорӣ, инкишофи адабиёт, илму фарҳанг ва беҳбудии вазъи иҷтимоии мардум аҳамияти хоса ва суръату сифати бесобиқа пайдо карда буд.

Аз баракати давлати Сомониён дар сарзамини Хатлон низ, ки як ҷузъи қаламрави он ба ҳисоб мерафт, иқтисодиёту иҷтимоиёт, хусусан илму маориф, адабиёт ва фарҳанг рӯ ба инкишоф оварда буданд.

Дар мавриди ҳисси баланди ватандӯстиву ватандорӣ, истиқлолхоҳиву ҳуввияти миллии мардуми Хатлон мехостам хотирнишон намоям, ки аз оғози асри XI агар дар минтақаҳои дигари сарзамини таърихии тоҷикон ҳокимият ба дасти истилогарон гузашта бошад, пас дар Хатлон то асри XV он таҳти идораи ҳокимони маҳаллӣ қарор дошт. **Яъне анъанаи давлатдории тоҷикон, ба истисноии баъзе ҳолатҳо, дар Хатлон то мағлубияти темуриён давом ёфта буд.**

**Ин далели таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки мардуми тоҷик сарфи назар аз забт гардидани Ватани худ ва таҳти фишору мағлубияти аҷнабиён қарор доштанаш, на танҳо рӯҳи истиқлолхоҳиро гум накард, балки то ҳадди имкон аз истиқлолияти давлатии худ даст накашида, онро ҳимоя намудааст.**

Маҳз дар натиҷаи баланд будани рӯҳи истиқлолхоҳии тоҷикон дар қаламрави Кӯлоби бостонӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ муборизаҳои озодихоҳона, аз ҷумла исёни ҳокими Хатлон – Мирка ба муқобили амир Темур, шӯриши сӯфиён таҳти роҳбарии Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, набардҳои озодибахши ҳокими Кӯлоб – Сарабек, шӯришҳои деҳқонон дар Мӯъминободу Ховалинг ва шӯриши Восеъ ба вуқӯъ омада, бо вуҷуди ба шикаст дучор шуданашон ғосибону давлатдорони аҷнабиро аз ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва озодиву истиқлолхоҳии худ ҳушдор карда буданд.

**Аз миёни ҳамаи ин ҳаракатҳо махсусан шӯриши мардум бо сарварии Восеъ нидои шӯҳратёфтаву таърихии ватандӯстона ва истиқлолхоҳии миллати тоҷик гашта буд.**

**Аз ин рӯ, Восеъ дар қатори Муқаннаъ ва Темурмалик дар таърихи миллати куҳанбунёди мо ба ҳайси қаҳрамони халқ эътироф ва шинохта шудааст. Мо имрӯз бо ном ва кору пайкори чунин фарзандони бонангу номуси миллати худ, ки**

**барои озодӣ, истиқлолият ва ҳифзи Ватани аҷдодӣ ҷонфидоиҳо кардаанд, ифтихор менамоем.**

**Дӯстони азиз!**

Дар бораи шуғли асосии мардуми қаламрави Кӯлоб дар тамоми давраҳои гузаштаи таърихӣ ва саҳмашон дар густариши адабиёту фарҳанги тоҷику форс бояд зикр кард, ки онҳо ҳамеша бо заҳматдӯстиву ҳунармандӣ ва завқи баланди эҷодиву маънавии худ шӯҳрати хоса доштанд.

Мувофиқи маълумоти дар китоби «Таърихи Ҳумоюн» дарҷнамудаи Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ ба шарофати рушди ҳунармандиву тиҷорат корвонсаройҳои зиёди Кӯлоб ҳамеша аз бозаргонон ва молу амволи содиротиву воридотӣ пур будаанд.

Дар асоси нигоштаи устод Садриддин Айнӣ бошад матои алоча фақат маҳсули дасти ҳунармандони Кӯлоб буда, либоси аз он дӯхташуда хоси сарватмандони Бухоро гардидааст. **Дар баробари ин шуғли гулдӯзиву куртаи чакан, ки маҳз дар ҳамин сарзамини бостонӣ ба вучуд омада, густариш ёфтааст, намунаи олии ҳунар ва либоси миллии занони тоҷик мебошад**.

Доир ба ҳаёти адабии Кӯлоб зикр намудан бамаврид аст, ки эҷодиёти намояндагони ин сарзамин ҷузъи барҷастаи адабиёти тоҷику форс мебошад. Зеро донишмандон ва шоирону адибони тамоми давраҳои таърихии он бо эҷодиёти баландғояи худ дар инкишофи илм ва адабиёт саҳми сазовор доранд.

Хусусан маҳсули эҷоди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Мавлоно Одил, Бисмил Мулло Бурҳон, Мирзо Рачаб, Маҳмудхоҷаи Балҷувонӣ, Шамсиддин Шоҳин, Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ ва бисёр дигарон дар адабиёти тоҷику форс мақому манзалати баландро касб кардаанд.

Онҳо аз рӯйи тамоми жанрҳои адабӣ асарҳои ҷолибу дилангез офаридаанд, ки дар қатори дурдонаҳои адабиёти классикии тоҷику форс қарор гирифтаанд.

**Яке аз чеҳраҳои шинохтаи илму адаби Кӯлоб донишманду шоири бузург ва орифи Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад, ки ӯ ҳанӯз дар асри XIV дар атрофи худ донишмандон ва адибонро ҷамъ оварда, дар минтаҷа ба инкишофи илму адаб ҳусни оғоз бахшидааст.**

**Дар асоси таҳқиқоти илмӣ муайян шудааст, ки аз оғози асри XVIII доираи адабии Кӯлоб тадричан тавсеа ва инкишоф**

**ёфта, дар марҳилаи минбаъда бештар аз чил нафар шоиру нависандагон ва олимон ба арсаи адабиёт омадаанд. Онҳо бо эҷодиёти ҷолиби худ дар густариши муҳити маънавӣ ва ғанӣ гаштани адабиёту фарҳанги тоҷик хизмати босазо кардаанд.**

Аз ҷумла, зодаи ин диёри бостонӣ Мавлавӣ Холмуҳаммади Хаста, ки баъди таҳсил дар Бухоро ҳаёти худро дар Афғонистон гузаронидааст, бо маҳсули эҷоди худ адиби маъруф ва шахси машҳури ин кишвар гашта буд. Нигоштаҳои ӯ дар адабиёти тоҷику форс мавқеи сазовор доранд.

Саҳми адибони Кӯлобро дар густариши илму адаб зикр карда, мехоҳам хотирнишон намоям, ки **санъати нодири фалаксароӣ маҳсули тахайюлоти бадеии мардуми кӯҳистон буда, он дар ташаккули суруду мусиқии суннатии мо – тоҷикон дастоварди барҷастаи фарҳангӣ мебошад. Дар таҳкими пояҳои он, ки дар баробари «Шашмақом» як рукни муҳими фарҳанги миллист, мардуми Кӯлоб низ нақши қадима дорад.**

Боиси қаноатмандист, ки дар давраи соҳибистиқлолиятии давлатамон мо ин рукнҳои фарҳанги худро на танҳо эҳё, балки то андозае густариш ва тақвият додем. **Зеро онҳо дар баробари ёдгориҳои таърихи қадима аз миллати куҳанбунёду фарҳангофарини мо мероси ҷовидона ва нишонаҳои дурахшандаву тобнок мебошанд. Аз ин рӯ, бояд ҳар як фарди тоҷик бо санъати беназири «Шашмақом»-у «Фалак» ифтихор дошта бошад.**

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Тавре ки борҳо таъкид доштем, ҳадафи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон тавассути ҷалб намудани таваҷҷӯҳи мардуми кишвар ба таърихи гузаштаи миллати хеш ва таҷлили ҷашнҳои таърихӣ баланд бардоштани ҳисси худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ ва бо тақвият додани созандагиву бунёдкорӣ обод гардонидани ҳар як гӯшаву канори Ватани азизамон мебошад.

Ба шарофати ҷашни 2700 -солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, ки баъди қабул шудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баргузории ҷашни 2700 -солагии шаҳри Кӯлоб» дар он созандагиву бунёдкорӣ вусъати тоза пайдо кард, имрӯз симои шаҳр ба куллӣ дигаргун ва ободу зебо гардид.

Бояд зикр намуд, ки дар доираи омодагӣ ба таҷлили ҷашни имрӯза аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва маблағҳои вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо,

инчунин соҳибкорони алоҳида дар маҷмӯъ дар шаҳр зиёда аз 120 иншооти хурду калон сохта, ба истифода дода шуд.

**Иштироки намояндагони шаҳру ноҳияҳои мамлакат дар ободонии Кӯлоб нишони муттаҳидии миллат ва пойдору устувор гардидани ваҳдати миллист, ки дар шароити имрӯзаи ҷаҳони мутамаддин барои давлати соҳибистиқлоли мо аҳамияти ниҳоят хоса доранд**.

**Аз фурсати муносиб истифода бурда, ба ҳамаи онҳое, ки дар давоми се сол дар созандагиву бунёдкорӣ ва ободонии шаҳри Кӯлоб ширкат карда, саҳмгузор гаштаанд, миннатдорӣ ва арзи сипос менамоям.**

Воқеан солҳои охир дар шаҳри Кӯлоб ва умуман вилояти Хатлон бо иқдоми Ҳукумати мамлакат таҳаввулоту дигаргунсозиҳои бузурге ба вуҷуд омаданд, ки мардуми мо онҳоро дар гузашта танҳо орзу мекарданд. Қабл аз ҳама, бо бунёд намудани роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, роҳи мошингарди Кӯлоб-Қалъаи Хумб-Хоруғ-Кулма ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани фурудгоҳи ҳавоӣ мо тамоми шаҳру ноҳияҳои минтақаро аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардем.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумат ҳоло барои ба як маркази бузурги саноативу тиҷоратӣ ва туристии Тоҷикистон мубаддал гардидани шаҳри Кӯлоб тамоми шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд.

Дар айни замон барои аз Кӯлоб бо тайёраву қатораҳо ба дигар шаҳрҳо ва кишварҳо сафар кардан ё содироту воридоти молу маҳсулот ягон монеа вуҷуд надорад.

Ҳамчунин шоҳроҳи тозабунёди мошингард, ки Кӯлоб ва дар маҷмӯъ Тоҷикистонро бо кишварҳои Чину Покистон мепайвандад ва роҳи навтаҷдиди Душанбе-Қӯрғонтеппа-Кӯлоб дар хизмати мардум аст.

Илова бар ин, бо мақсади бехавф ва кам кардани мӯҳлати ҳаракати нақлиёт дар роҳи мошингарди Душанбе-Ваҳдат-Данғара-Кӯлоб чанде пештар ба бунёди нақби «Шаршар» низ шурӯъ кардем, ки он дар се сол сохта, ба истифода дода мешавад. Ҳамчунин сохтмони нақби Чормағзак, ки дарозиаш зиёда аз 4 километрро ташкил медиҳад, оғоз хоҳад ёфт.

Дар ояндаи наздик бошад, бо амалӣ гардидани навбати сеюми сохтмону азнавсозии роҳи автомобилгарди Душанбе-Саритош, ки чанде қабл ба марҳилаи дуюми таҷдиди он оғоз бахшидем, аз Кӯлоб ба Қирғизистон ва аз тариқи он ба Қазоқистону Россия роҳи мошингард кушода хоҳад шуд.

Ҳамзамон барои фароҳам овардани робитаи нақлиёти автомобилӣ бо кишвари дӯсту бародари Афғонистон дар оянда дар ноҳияҳои Фархору Шӯрообод бунёди пулҳо дар дарёи Панҷ дар назар дошта шудаанд.

Дар баробари ба вуҷуд овардани имкониятҳо ҷиҳати рафтуомади бемамонияти нақлиёт, аз ҷумла ҳавоӣ, роҳи оҳан ва автомобилӣ ба дигар кишварҳо, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ ниҳоят зарур аст, барои рушди тамоми соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳр низ заминаҳои мусоид ба миён омадаанд.

Аз ҷумла, солҳои охир бунёд ёфтани як қатор корхонаҳои саноатӣ, ки ба шарофати онҳо зиёда аз 1400 нафар сокинони шаҳр соҳиби ҷойи кор гардида, 46 намуди маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда мешавад ва мавриди татбиқ қарор ёфтани барномаҳои ҳукуматӣ дар соҳаи кишоварзӣ на танҳо ба пешрафти иқтисодӣ, балки ба баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ низ мусоидат менамоянд.

**Барои тараққиёти минбаъдаи шаҳр ва ба маркази калони саноативу тиҷоратӣ, сайёҳӣ, инчунин муттаҳидкунандаи нерӯҳои ақлониву фарҳангии минтақа табдил ёфтани Кӯлоб бояд дар баробари мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳар фарди худогоҳу худшинос ва ватандӯсту ватанпарасти асил аз мавқеи худ кӯшишу талош намояд.**

Фаромӯш набояд кард, ки аҷдодони гузаштаамон аз худ ба мо ёдгориҳои гаронбаҳои меъмориву таърихӣ, илмиву адабӣ ва фарҳангиро ба мерос гузошта, аз насл ба насл моро ҳамеша ба ваҳдату дӯстӣ, ҳусни тафоҳум, ободкориву созандагӣ, меҳнат кардан, омӯзишу донишандӯзӣ, риояи одобу ахлоқи ҳамида талқин кардаанд.

**Рисолати имрӯзаи мо – ворисони қавмҳои ориёӣ ва сомониёни бузург, ки ба ормони чандинасраи ниёгони худ расида, ба давлатдории миллатамон мушарраф гардидаем, баробари таҳкими истиқлолияти давлат, шукуфоии миллат ва рушду ободии Ватани азиз ба ояндагон бо таровати хосу тозаи маънавӣ боқӣ гузоштани дастоварду арзишҳои волои милливу фарҳангӣ мебошад.**

Бо дарназардошти ҳамин асолату рисолати азалии миллӣ ба ҳар фарди хурду бузурги Тоҷикистон, ҳамзамон ба мардуми сарбаланди Кӯлоб зарур аст, ки бо эҳсоси гарми ватандорӣ ва ифтихор аз давлату давлатдории миллати хеш дар марҳилаи созандагиву бунёдкории Ватанамон фаъолона ширкат намуда, барои дар пешрафти тамаддуни

умумибашарӣ саҳми бештар гирифтани миллатамон ва боз ҳам афзун гардидани обрӯву нуфузи давлатамон дар арсаи байналмилалӣ кӯшишу талош дошта бошанд.

**Мо умедворем, ки бо кору пайкори созанда ва иқдому талошҳои арзандаву дастҷамъонаи мардуми Хатлон ва фарзандони бонангу номуси он дар ояндаи наздик шаҳри бостонии Кӯлоб ба шаҳри ҳақиқии саноату тиҷорат ва саёҳат табдил ёфта, боз ҳам шукуфон ва шӯҳратёр мегардад.**

**Ҳамчунин бо хираду заковати зиёиён он ба монанди давраҳои пешин ҳамчун маркази пешрафтаи илму адаб ва фарҳанги миллатамон мақом ва мавқеи сазовор пайдо менамояд.**

**Бо ҳамин умедҳои нек бори дигар шуморо – ҳамватанони азиз, бо ҷашнҳои пуршукӯҳи Истиқлолияти давлатӣ, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва 2700-солагии Кӯлоб табрику муборакбод гуфта, ба ҳамаатон рӯзгори хушу осуда ва барори кору зиндагӣ орзумандам!**

**Саломат бошед!**

# ИФТИТОҲИ МАКТАБИ НАВ – ЯКЕ АЗ ЧОРАБИНИҲОИ ҶАШНӢ

## СУХАНРОНӢ БА МУНОСИБАТИ БА ИСТИФОДА ДОДАНИ МАКТАБИ НАВИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ БАРОИ 640 ҶОЙ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ

11 сентябри соли 2006

**Ҳозирини гиромӣ!**
**Хонандагони азиз!**
**Омӯзгорон ва падару модарони мӯҳтарам!**

Имрӯз дар остонаи ҷашнҳои умумимилливу умумидавлатии мардуми куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик мавриди истифода қарор гирифтани мактаби наву замонавӣ ва хуштарҳу зебо, ки ҷавобгӯйи меъёрҳои байналмилалӣ аст, нишони таваҷҷӯҳи Ҳукумат ба рушди соҳаи маориф мебошад.

Махсусан маросими ба истифода додани бинои мактаби мазкур дар қатори чорабиниҳои дигари ҷашнии 2700- солагии шаҳри Кӯлоб яке аз рӯйдодҳои муҳим ва хотирмоне аст, ки ба болоравии сатҳи маънавиёти кӯдакону ҷавонон мусоидат менамояд.

Воқеан, мактаб даргоҳи муқаддаси омӯзиши илму дониш ва маркази таълиму тарбия буда, барои ташаккул ёфтани ақлу заковат, зеҳну шуур, бедории афкор, одоби шоиста ва ахлоқи ҳамидаи насли наврас заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Ва муаллимону кормандони маориф равшанкунандагони хиради башарият ва афрӯзандагони машъали илму маърифат мебошанд.

Маҳз ба ҳамин хотир рӯзи якуми сентябр Рӯзи Дониш ҷашн гирифта мешавад. Аз ин фурсати муносиб истифода бурда, ҳамаи шуморо бо ҷашни Рӯзи Дониш, инчунин мавриди истифода қарор гирифтани мактаби мазкур табрик менамоям.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва ҳадафи стратегии Ҳукумати Тоҷикистон рушди соҳаи маориф мебошад, ки бо вуҷуди мушкилоти муайяни иқтисодиву ичтимоӣ марҳила ба марҳила сифати таълиму тарбия, сатҳи донишомӯзӣ ва малакаву маҳорати толибилмон беҳбудӣ ёфта истодааст.

Чуноне ки дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар зикр намуда будам, омили асосии пешрафти ҷомеа ва маърифати мардум аз рушди соҳаи маориф вобаста аст.

Аз ин рӯ, бо дарки амиқи ин ҳақиқати таърихӣ бояд ҳар як фарди баору номус, маорифпарвару дилсӯз ва ватандӯсту ватанпарасти кишвар бояд ба рушди ҳамаҷонибаи соҳаи маориф кӯшиш ва талоши ҳамешагӣ дошта бошанд. Ва ҳадафи асосии низоми маорифи Тоҷикистон низ тарбияи шахсияти фаъол ва созанда аст.

Мехоҳам дар ин ҷо як нуктаро хотирнишон созам, ки дар даврони шӯравӣ аҳолии шаҳри Кӯлоб нисбат ба шаҳру ноҳияҳои дигари ин минтаҚа зиёдтар буд, вале мутаассифона, бо фаъолияти камсамари роҳбарони шаҳру вилоят барои сохтани мактабҳо кӯшиш карда намешуд.

Яъне шумораи хонандагон дар шаҳр 50 дар сади теъдоди умумии хонандагони ноҳияро ташкил медод, вале 20 фоизи мактабҳо дар шаҳр ҷойгир буданд, ки эҳтиёҷоти хонандагону омӯзгорон ва волидайнро ҚонеЪ карда наметавонистанд.

Илова бар ин, биноҳои мавҷуда дар тӯли 25-30 соли охир таъмир нагашта буданд ва дар натиҷа вазъи таълимгоҳҳои шаҳру ноҳияи Кӯлоб нисбат ба муассисаҳои таълимии дигари ҷумҳурӣ дар ҳоли ниҳоят ногувор қарор гирифт.

Бо дарназардошти вазъияти мавҷуда ва беҳтар намудани сифати таълим дар шаҳри Кӯлоб аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар давоми се соли охир барои бунёд, сохтмон ва таъмиру азнавсозии мактабҳои шаҳру ноҳияи Кӯлоб як қатор тадбирҳои мушаххас андешида, беш аз 40 мактаб таъмир ва азнавсозӣ карда шуд.

Ҳамчунин соли гузашта барои 624 нафар хонанда мактаби нави замонавӣ сохта шуд ва ҳоло мавриди истифода қарор дорад.

Гузашта аз ин, барои бунёд, таъмиру таҷдиди биноҳои таълимӣ ва сохтани синфҳои иловагӣ се лоиҳаи инвеститсионӣ ҷалб карда шуд, ки ҷиҳати фароҳам овардани

шароити таълим ва баланд гардидани сатҳу сифати дониш ва малакаву маҳорати хонандагон мусоидат намуд.

Имрӯз низ мо шоҳиди ба истифода додани боз як мактаби наву зебо ва хуштарҳу замонавӣ мебошем, ки он тибқи лоиҳаи мувофиқашуда аз се ошёна, 23 синфхона, китобхона, ду синфи компютерӣ, ду синфхонаи лабораторӣ, ошхона, толор ва майдони варзишӣ иборат буда, барои таълими 640 нафар хонандагон пешбинӣ шудааст.

Маблағи иншооти мазкур аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ҷудо шуда, 5 миллиону 448 ҳазор сомониро дар бар мегирад.

Ҳамчунин дар баробари ба истифода додани он 80 нафар муаллимон ва кормандони дигар бо ҷойи нави корӣ таъмин мегарданд.

Бояд зикр кард, ки бинои муассисаи таълимии мазкур дар муддати начандон тӯлонӣ, яъне як солу чор моҳ сохта шуда, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ин амали накӯ боиси дастгирӣ буда, он барои бунёду сохтани мактабҳо намунаи ибрат аст. Аз ин рӯ, ба ҳамаи сохтмончиён барои ичрои вазифаи пурмасъулият ва анҷом додани корҳои хушсифаташон изҳори миннатдорӣ баён менамоям.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳамеша кӯшиш менамояд, ки барои хонандагон шароити мусоиди таълимиро фароҳам оварад.

Бинобар ин, вазифаи асосии шумо – хонандагони мӯҳтарам аз он иборат аст, ки ҳар чӣ бештар вақти худро сарфи мутолиа карда, ҳамқадами чаҳони муосир, техника ва технологияи ҳозиразамон бошед, дар ҷодаи илму ҳунар, касбу камол саъй намоед ва ҳамчун шахсони бофарҳангу бомаърифат дар рушди ҷомеа ҳиссаи арзанда гузоред.

Ҳамчунин аз ҳузури падару модарон ва дигар шахсони ба кори мактабу маориф алоқаманд истифода бурда, таъкид менамоям, ки яке аз самтҳои асосии пешравии кори таълиму тарбияи насли наврас ин ҳамкории доимии волидон ва аҳли ҷомеа бо омӯзгорон ва мактаб мебошад.

Тақдири минбаъдаи мактаби мазкур, ки имрӯз мо ба ихтиёри шумо месупорем, ба муносибати некбинонаи шумо – падару модарони азиз ва омӯзгорони он вобаста аст.

Агар хоҳед, ки ин бинои зебо ва таҷҳизоти замонавии он ба фарзандони шумо муддатҳои дароз хизмат намояд, бо омӯзгорон ҳамкорӣ кунед ва шарики доимии онҳо дар таълиму тарбияи фарзандон бошед.

Дар ин робита орифу шоири маъруфи адабиёти оламшумули тоҷику форс Абдуллоҳи Ансорӣ дар рисолаи «Тӯҳфат-ул- мулук» чунин мефармояд:

Чаҳор чиз ба чаҳор чиз тамом шавад: дониш ба ақл; тоат ба порсоӣ; амал ба сидқ ва неъмат ба шукр.

Бо шукри беандоза ба неъмати бебаҳои миллати мо – истиқлолият, ки имрӯз Тоҷикистон дар роҳи татбиқи корҳои азиму созанда қарор дорад ва ҳар як шаҳрванди кишварро зарур аст, ки дониши худро бо фаъолияти созанда, тинати худро ба порсоиву озодагӣ ва амали худро содиқона анҷом дода, барои шукуфон гаштани Ватани азизамон кӯшиш намояд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Таърихи чандинҳазорсолаи мардуми соҳибтамаддун ва фарҳангофарини тоҷик бо осори ғановатманд ва пурарзиши худ дар тамаддуни ҷаҳонӣ мавқеъ ва ҷойгоҳи хоса дорад.

Бинобар ин дар баробари 15-умин солгарди истиқлолият ҷашн гирифтани Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700 солагии шаҳри Кӯлоб, инчунин баргузор гаштани Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ҳар яки моро вазифадор менамояд, ки бо эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ ва ифтихори баланди миллӣ арзишҳои фарҳангиву таърихӣ ва истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ҳифз ва бо тамоми ҳастӣ барои ободии он кӯшишу талош намоем.

Ҳифзи арзишҳои миллӣ ва омӯзиши таърихи қадимаву навини Тоҷикистон вазифаи муқаддаси шумо – насли наврасу ҷавон ва ояндасози миллат мебошад.

Боварӣ дорам, ки шумо дар оянда саҳифаҳои то ҳанӯз ба мо кашфнашудаи таърихи халқи тоҷикро тадқиқу таҳқиқ карда, барои шинохти бештари асли худ ба мардуми тоҷик хизмати шоиста менамоед.

Имрӯз Тоҷикистони мо ҷашн дорад: ҷашнҳои бузурги сиёсиву фарҳангӣ ва бори дигар шумо ва тамоми мардуми Тоҷикистонро бо ин ҷашнҳои фархунда табрик намуда, бароятон тандурустиву хушбахтӣ ва хониши хубу аъло орзумандам.

**Ҳамеша сарбаланду саодатманд бошед.**

**Ташаккур!**

# ҲАМКОРӢ РИВОҶ МЕЁБАД

## СУХАНРОНӢ ДАР ҲУЗУРИ ИШТИРОКДОРОНИ ШӮРОИ САРОНИ ҲУКУМАТҲО – САРВАЗИРОНИ КИШВАРҲОИ УЗВИ СҲШ

Душанбе, 15 сентябри соли 2006

**Мӯҳтарам иштирокдорони маҷлиси Шӯрои сарони ҳукуматҳо – сарвазирони кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай!**

**Меҳмонони азиз!**

Иҷозат диҳед аз номи Ҳукумат ва халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон шуморо дар мамлакати мо, ки якчанд рӯз пештар понздаҳсолагии рӯзи эълон шудани Истиқлолияти давлатиро таҷлил намуд, аз сидқи дил табрик намоям. Ҳамчунин мехоҳам ҳамаи шуморо бо ҷашни панҷсолагии рӯзи таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай муборакбод намоям.

Масъалаҳои ривоҷу густариши ҳамкории минтақавӣ барои Тоҷикистон ҳамеша вазифаи афзалиятноки стратегияи сиёсати хориҷиаш буданд ва мебошанд. Мо умумияти манфиатҳои мамлакатҳоямон ва проблемаҳои дар наздашон қарордоштаро дарк мекунем. Мо панҷ сол муқаддам, дар рӯзҳои аввали таъсис ёфтани Созмони Ҳамкории Шанхай кӯшиш менамудем, ки ба он чунин сифатҳое бахшем, ки мутобиқ ба саъю кӯшишҳоямон буда ва механизми ҳамкории минтақавӣ ва талаботи замони босуръатамон бошанд.

Воқеан, раванди табдилёбии «Панҷгонаи Шанхай» ба созмон, ки барои фароҳам овардани вазъи нодири боварӣ ба якдигар ва ҳамкорӣ дар чунин фазои васеи Авруосиё мақоми таърихиро касб намуд, соли 2000-ум дар ин ҷо, дар шаҳри Душанбе оғоз ёфт.

Дурустии интихоби умумии моро ба нафъи барқарор намудани муносибатҳои байнидавлатӣ дар заминаи арзишҳои

умумӣ ва муносибати эҳтиромона ба якдигар вақту замон собит намуд.

Панҷ соли гузашта аз давраи дар харитаи сиёсии минтақа пайдо шудани СҲШ онро ба мисоли ҷолибе дар амри чӣ гуна дар заминаи ҳамкории амалии фарҳангу халқҳои гуногун ривоҷ додани гуфтугӯйи самарабахш, дидани чораҳо ва муайян намудани механизмҳои якҷоя барои ҷавоб додан ба хавфу таҳдидҳои мураккаби давраи ҳозира табдил доданд.

Дар маҷлиси имрӯза ҳузур доштани намояндагони олимақоми мамлакатҳои мушоҳид ва Афғонистон боз як далели баланд шудани обрӯи созмони мост, ки мардуми дур аз ҳудудҳои минтақаю қитъа ба фаъолияти он мароқи зиёде зоҳир мекунанд.

Имрӯз мо бо камоли қаноатмандӣ қайд менамоем, ки ҳамкориҳоямон дар ҳамаи самтҳо босуръат ривоҷ меёбанд. Дар давраи аз нигоҳи таърихӣ начандон зиёде дар натиҷаи саъю кӯшишҳои умумиамон муяссар шуд, ки дар амри нигоҳ доштани сулҳу суботи минтақа ба натиҷаҳои назаррас ноил шавем, ҳамкории дарозмуддати мутақобилан муфиди тиҷоратию иқтисодӣ амри воқеият гардид, ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ ривоҷ меёбад.

Ба ақидаи мо масъалаҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, ки шароити рушди устувори мамлакатҳои аъзои СҲШ-ро таъмин менамоянд, дар ин амр аҳамияти асосӣ доранд.

Ин, дар навбати худ, имконияти ҳар давлат ва нерӯи умумии моро барои ҳалли вазифаҳои муҳим ҳам аз нигоҳи муқобилат ба таҳдиду хавфҳои мураккаби замон ва ҳам барои баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии халқҳоямон, рафъи проблемаҳои иҷтимоию иқтисодӣ хеле афзун мегардонад. Мо бо ин васила заминаи ҷиддии рушди ҳамаи кишварҳоямонро дар шароити сулҳу субот ва шукуфоии онҳо мегузорем.

Мехостам оғози татбиқи лоиҳаи калони иқтисодиро, ки бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи ҷудо кардани қарзи имтиёзнок барои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба он қувваи нав бахшид, ба таври махсус қайд намоям. Онҳо дар Тоҷикистон дар заминаи умумимиллӣ, ки ҳамзамон аҳамияти минтақавӣ низ доранд, дар амал татбиқ карда мешаванд. Сохтмони иншооти нақлиётию энергетикии инфраструктурӣ, ки ин маблағҳо барои бунёди онҳо сафарбар шудаанд, ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон қувваи бузург бахшида, ба ривоҷи савдои минтақавӣ ва афзудани нерӯи коммуникатсионии тамоми минтақа мусоидат мекунанд.

Мулоқоти СҲШ дар Шанхай, ки се моҳ муқаддам баргузор гардид, роҳҳои нави фаъолияти муштаракро нишон дод. Дар давраи гузашта бо суръати баланд ичро шудани кори амалӣ дар доираи созмон аз саъю кӯшиши умумии мо ҷиҳати дар амал татбиқ намудани нақшаҳои он далолат мекунад. Мо иҷлосияҳои аввали гурӯҳҳои махсуси кориро аз рӯйи масъалаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ ва аз рӯйи технологияҳои муосири иттилоотию алоқа, ки аллакай як қатор таклифҳои пурқимат кардаанд, аз ҷумла ташаббуси таъсис додани Клуби энергетикии СҲШ-ро, ки қобили дастгирии ҳамаҷониба аст, маъқул меёбем.

Мо умедворем, ки мамлакатҳои мушоҳиди созмон, ки дар бахшҳои зикршуда нерӯи зиёде доранд, ба кори ин мақомот фаъолона ҷалб карда мешаванд.

**Меҳмонони мӯҳтарам!**

Барои расидан ба мақсадҳое, ки мо Созмони ҳамкории Шанхайро ба хотири онҳо таъсис додаем, дар навбати аввал бояд ҳамаи мақомот ва сохторҳои СҲШ мураттаб кор кунанд.

Шӯрои сарони ҳукуматҳо – сарвазирон дар ин боб бояд ҷиҳати расидан ба мақсадҳои мутобиқшуда, ки дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ муайян шудаанд, мақоми муҳими ҳамоҳангсозиро касб намуда, дар заминаи ҳамкории зич бо Котибот татбиқи пешниҳоду ташаббусҳои сарони давлатҳо ва сохторҳои дигари созмонро таҳти назорат гиранд.

Дар амал татбиқ намудани Барномаи ҳамкории бисёрҷонибаи тиҷоратию иқтисодӣ ва Нақшаи татбиқи он, Барномаи фаъолият баҳри дастгирии ҳамкории иқтисодии минтақавӣ дар чаҳорчӯби СҲШ, ҳуҷҷатҳо аз рӯйи ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳангу маориф барои афзун намудани нерӯи созмон аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.

Барои ин бояд мақомоти ихтисосии ҳар давлати аъзои СҲШ ва чунин сохтор, монанди Шӯрои тиҷоратӣ ва Иттиҳоди байнибонкӣ, ки мо самараи воқеии фаъолияти онҳоро интизорем, рӯйи кор оварда шавад.

Ба рӯзномаи маҷлиси Шӯрои сарони ҳукуматҳои СҲШ ворид намудани ин масъалаҳо тартиби саривақтӣ ва муҳим аст. Умедворем, ки қарорҳои қабулшуда ба ҳамкориамон дар ин самтҳо қувваи нав мебахшанд. Барои ин қудрати зарурӣ ва ҳамаи имкониятҳо, асосаш – азму иродаи сиёсӣ мавҷуд аст.

Дар хотима, иҷозат диҳед, изҳори умедворӣ намоям, ки мо бо саъю кӯшишҳои муштарак ва бо мисолҳои нави ҳамкории муваффақона метавонем анъанаҳои мустаҳками ҳамсоягии нек ва ҳамкории халқҳоямонро ғанӣ гардонем, то Созмони ҳамкории Шанхай ҳамеша ба сари вақт дарк намудани талабҳои замон қодир буда ва механизми воқеии ҳамкорӣ дар минтақаи васеи Авруосиё гардад.

Аз самими қалб ба шумо кори муваффақона дар чаҳорчӯби маҷлис ва таассуроти хушро аз дидори сарзамини тоҷикон орзумандам.

**Ташаккур.**

# ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ 15-СОЛА ШУД

## МАҚОЛА ДАР ФАСЛНОМАИ ИЛМИИ «ИРАНО-СЛАВИКА»

Москва, 2 (10) 2006

Асрҳои зиёде халқи мо барои дастёбӣ ба озодии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ пайкор кард. Намунаи комёбӣ дар ин роҳ давлати марказиятёфтаи пурқудрати Сомониён буд, ки баъдан, агарчи иқтидори пешини худро аз даст дод, вале барои наслҳояш ба унвони сармашқ фарҳанги олии давлатдориро ба ёдгор гузошт. Ва миллати тоҷик суннатҳои созандаи дерини худро бо сарфарозӣ идома дод.

Тоҷикистон дар нахустин солҳои истиқлол бо озмоишҳои азиме рӯбарӯ омад. Ҷанги бемаънову нобихрадонае, ки ба халқи мо таҳмил шуд, дар худ хавфу хатари фурӯпошии миллати тоҷикро нуҳуфта дошт.

Вале хирадварзӣ ва солимандешӣ, бурдборӣ ва ифтихори миллӣ, ки мероси гаронбаҳое аз ниёгони мост, оташи ҷанги бародаркуширо хомӯш сохтанд ва миллатро аз порашавии ҳалокатбор наҷот доданд. Халқи тоҷик бо бартарафсозии сахтиҳо ва маҳрумиятҳо роҳи сулҳ ва ризояти миллиро интихоб кард, то аз истиқлолияти миллӣ, якпорчагии арзӣ ва ваҳдати миллӣ дифоъ намояд ва пояҳои давлати миллиро пойдорӣ бубахшад.

Сулҳ ва ваҳдати миллӣ заминаи файзборе барои рушди нерӯҳои пешрави созанда гардид. Агар ниёгони мо ҳазору сад сол муқаддам ба олам намунаи сохтори давлатии комилро пешниҳод карда бошанд, пас давлати феълии тоҷикон барои ҷомиаи ҷаҳонӣ фарҳанги сулҳофаринии воломақомро кашф намуд. Созмонҳои байналмилалии бонуфуз ба ин таҷрибаи нодири сулҳофаринӣ баҳои баланд доданд ва онро ба ҳайси сармашқ ҷиҳати ҳаллу фасли кашокашҳои шаҳрвандӣ дар

нуқоти мухталифи дунё ба кор мегиранд. Дар раванди эҷоди мусолиҳа шаҳри Душанбе – пойтахти Тоҷикистон барои саҳми бузургаш дар кори сулҳ ва созандагӣ барандаи ҷоизаи ЮНЕСКО гардид ва ба унвони Шаҳри сулҳ шарафёб шуд.

Аз рӯи анъана ҳар сол дар рӯзҳои ҷашни Истиқлол дар ҷумҳурии мо як силсила тадбирҳои таърихӣ ва фарҳангӣ анҷом мегиранд, ки ба ҷашн зебоӣ, шукӯҳ ва азамати бештаре эҳдо мекунанд.

Мо имкон пайдо кардем, ки меҳмонони хориҷиамонро дар рӯзҳои таҷлили 1000-солагии «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, 680-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 750-солагии Камоли Хуҷандӣ, 1100-солагии таъсиси давлати Сомониён, 960-солагии Умари Хайём, 2700-солагии Авесто, 1025-солагии Абӯалии Сино, 2500-солагии шаҳри бостонии Истаравшан ва 1000-солагии Носири Хусрав бо тамаддуни куҳансоли худ ошно созем ва бо ин пойбандии худро ба суннатҳо ва фарҳанги олӣ нишон диҳем. Таҷлили Рӯзҳои Тоҷикистон дар Федератсияи Русия бори дигар дӯстии ду кишвари бо ҳам бародари моро ба намоиш гузошт ва ҳунарнамоии устодони санъати тоҷик дар ЮНЕСКО гувоҳе бар эҳтирому арҷгузории амиқи ин созмони байналмилалии маъруфи ҷаҳонӣ ба фарҳанги халқи мо гардид. Дар соли кунунӣ мо ҳамзамон бо 15-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва Соли бузургдошти тамаддуни ориёиро ҷашн мегирем ва Анҷумани 6-уми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон баргузор мешавад.

Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон аз нахустин рӯзҳои ҳастии хеш дар назди худ ҳадаф гузошта буд, ки робитаҳои фарҳангӣ, илмӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратиро бо ҳамватанони хориҷиамон ва халқҳое, ки бо мо ҳамзабонанд, барқарор созад ва густариш диҳад, андешаҳои гуманизм, башардӯстӣ ва дастовардҳои тамаддуни ҷаҳониро тарғиб намояд, аз ёдгориҳои фарҳангию таърихии мардуми тоҷик ва форсизабон пуштибонӣ кунад. Дар давраи баргузории панҷ Анҷуман кишвари мо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомиа ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Бешак, омили асосии ин дастовардҳо ва комёбиҳо дарки дурусти чунин арзишҳои муқаддас барои халқ, монанди истиқлоли давлатӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, худогоҳии миллӣ, муҳаббати ҷӯшон ба Ватан ва қарзи шаҳрвандӣ мебошад.

Маҳз авлавияти ин арзишҳо ҷойгоҳ ва мақоми ҳар миллат ва халқиятро дар ҷомиаи ҷаҳонӣ муайян мекунад.

Асри XXI барои ҷомиаи ҷаҳонӣ бо ихтилофҳо ва рӯёрӯиҳое оғоз ёфт, ки барои худи мавҷудияти бани башар хатарнок аст.

Сарфи назар аз ҳамаи саъю талошҳо барои барқарории гуфтугӯ миёни тамаддунҳо дар ин росто ҳанӯз натиҷаҳои дилхоҳ ба даст наомадаанд. Дар минтақаҳои гуногуни дунё падидаҳои манфие чун терроризм, радикализм, экстремизм ва фанатизм густариш ёфтаанд, ки барои фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳонӣ хатарофарин мебошанд.

Бархе ҳамлаҳои иғвоангези шахсҳо ва гурӯҳҳои ҷудогона метавонанд ба рӯёрӯйии Шарқ ва Ғарб, ба барҳӯрди тамаддунҳо бианҷоманд.

Ин ҷо бояд таъкид кард, ки маҳз бунёнҳо ва арзишҳои ахлоқии олӣ шиддати мушкилоти глобалиро, ки мӯҷиби тезутунд шудани робитаҳои мутақобили миёни тамаддунҳои мухталиф шудаанд, аз миён мебаранд ва ба рушди муносибатҳои самарабахши тамаддунҳо мусоидат мекунанд. Дар марҳилаи феълӣ ҳамкории байналмилалии мутақобили манфиатбахше аҳамияти бештар пайдо менамояд, ки бархе аз таҳдидҳоеро, ки аз падидаи ҷаҳонисозӣ маншаъ мегиранд, коҳиш медиҳад ва бартараф месозад. Раванди ҷаҳонисозӣ набояд ба манфиатҳои миллӣ зарба занад, вагарна метавонад сабаби рӯёрӯйӣ ва мунозиаи миёни миллатҳо ва ҷомиаҳо гардад.

Дар ин робита бояд стратегияе таҳия шавад, ки муносибатҳои байналмилалиро фаро бигирад ва ширкати тамоми давлатҳоро дар ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ, аз ҷумла ҳамкории марказҳои илмӣ ва фарҳангиро тақозо кунад.

Ҳадаф аз таҷлили Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва 2700-солагии шаҳри Кӯлоб дар ҷумҳурии мо таҳким ва рушди ҳамкорӣ бо дигар марказҳои илмию фарҳангист, ки бегумон саҳми муҳиме дар амри барқарории сулҳ ва робитаҳои дӯстона миёни миллатҳо ва халқҳо хоҳад шуд. Ин тадбирҳо бори дигар арзишҳои фарҳангии бузурги умумибашариро, ки дар тамаддуни ориёӣ таҷассуми худро ёфтаанд, ба ҷаҳониён ба намоиш мегузоранд.

Ман борҳо дар ҳамойишҳои бонуфузи байналмилалӣ зимни суханронӣ гуфтаам ва бори дигар такрор мекунам, ки бе ҷалби дастовардҳои илм, фарҳанг ва маориф, инчунин арзишҳои динӣ пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ имкон надорад. Аммо ба шарте ки мо ин ҳамаро бо ҷаҳони муосир ҳамоҳанг созем.

Дар вазъи сиёсие, ки дар марҳилаи кунунӣ эҷод шудааст, бояд роҳҳо ва шеваҳои нави гуфтугӯи миёни тамаддунҳоро пайдо кунем. Ман зимни суханронии хеш дар XXIII Маҷмааи Умумии ЮНЕСКО ба таърихи 10 октябри соли 2005 дар Париж таъкид кардам, ки асри XXI аз мо ахлоқи ҳамидаро таҳозо дорад. Агар тамоми аҳолии сайёра ба кодекси ахлоқии ягона пойбанд бошанд, он гоҳ арзишҳои умумибашарӣ пойдор мемонданд ва иддаоҳои бартарии як идеология бар идеологияи дигар, як ҷаҳонбинӣ бар ҷаҳонбинии дигар ба боди фаромӯшӣ супурда мешуд. Маҳз аз ин дидгоҳ мо Соли тамаддуни ориёиро бузург медорем. Ҳадафи ин иқдоми фарҳангӣ намоиши пайдоиши нажодии вижаи халқи мо ва ё бартаричӯиҳои хосаи ӯ бар нажодҳо, халқҳо ва халқиятҳои дигар нест. Ҳадафи мо таҷлил аз арзишҳои ахлоқӣ, илмӣ ва таърихии халқест, ки тамаддун ва фарҳанги бузургро офаридааст. Мо мехоҳем ба одамони саросари ҷаҳон ахлоқи волои авастоиро муаррифӣ кунем, ки дар олитарин арзиш: «Пиндори нек, Гуфтори нек, Рафтори нек» таҷаллӣ ёфтааст. Мо дар ҷустуҷӯи роҳҳои худ дар амри созиш, ҳамкорӣ ва ҳамфаҳмии миёни тамаддунҳо ба дастовардҳои маънавии фарҳангҳои воқиан башардӯстона, ки фарҳанги ориёӣ аз ин қабил аст, таваҷҷӯҳ зоҳир накарда наметавонем.

Яке аз шартҳои бунёдини пойдории давлати соҳибистиқлол рушди босуботи иқтисоди он мебошад. Бо рушди иқтисодии кишвар кори эҷодгаронаи муваффақиятомез, афзоиши дараҷаи некӯаҳволии мардум, таҳкими мудирияти давлатӣ, дифоъ аз арзишҳои фарҳангӣ ва касби обрӯю эътибор дар ҷомиаи ҷаҳонӣ иртиботи қавӣ доранд.

Мо барои он ки истиқлоли иқтисодии худро таъмин кунем, ба таҳаққуқи барномаи ояндадори рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон пардохтаем, ки эҳё ва коркарди соҳаҳои саноат, энергетика, бунёди роҳҳо, пулҳо ва нақбҳои мошингардро бо тамоми иқтидор дар бар мегирад.

Аз рӯйи таҳқиқи коршиносон, дар дунё захираи манобеи табиии сӯхт ва монанди инҳо рӯз ба рӯз коҳиш меёбад. Аммо Тоҷикистон дорои захираҳои азими энергияи об аст ва қодир хоҳад буд нерӯи барқи арзон ва аз нигоҳи иқтисодӣ даромадзо ва аз нигоҳи экологӣ поку бехавфро содир кунад. Аз ин лиҳоз мо ояндаи иқтисодии кишвари худро дар рушди соҳаи энергетика мебинем. Сохтан ва ба истифода додани нерӯгоҳҳои барқи обие чун Роғун,

«Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2» имконият фароҳам меоваранд, ки корхонаҳои саноатӣ бо тамоми тавонмандӣ фаъол бошанд. Бар ин асос корхонаҳои саноатии нав бунёд мешаванд, ки аз баракати онҳо захоири ғании канданиҳои фоиданок дорой ва сарвати халқи мо хоҳанд гашт. Ҳоло корҳои сохтусоз дар ин се иншооти стратегии азим, ки барои ҷумҳурӣ хеле муҳиманд, идома доранд.

Соли 2005 НБО-и Помир-1 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки 80 дар сади ниёзҳои мардуми Бадахшонро ба нерӯи барқ таъмин мекунад. Корҳои тарҳрезӣ перомуни чаҳор нерӯгоҳи барқи обӣ дар рӯдхонаҳои Зарафшон, Вахш ва Панҷ дар ҷараён аст.

Бунёди корхонаи алюминий дар вилояти Хатлон ва такмилу муҷаҳҳазсозии заводи алюминийи фаъол дар ҷумҳурӣ бо навтарин технология барои рушди муносибатҳои содиротии кишвар имконоти фарохтаре боз мекунанд ва ба таъмини даҳҳо ҳазор нафар бо ҷойи кор мусоидат менамоянд.

Сохтусози роҳҳо ва пулҳо барои барқарории иртиботи Тоҷикистон бо ҷодаҳо ва бандарҳои байналмилалӣ арзиши стратегӣ дорад.

Дар ин робита кори мувофиқсозии роҳи мошингарди Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Қулма, бунёди роҳи Душанбе-Ҷиргатол-Саритош ва пулҳои Панҷи Поёну Ишкошим аз рӯйи меъёрҳои ҷаҳонӣ идома дорад. Сохтмони нақби Анзоб барои халқи мо воқиаи таърихӣ гардид, зеро имкон медиҳад, ки алоқаи коммуникатсионии миёни пойтахти кишвар ва вилояти Суғд, сарфи назар аз фасли сол роҳандозӣ шавад. Алъон мо сохтусози нақби нави Шаҳристонро ба нақша гирифтаем.

Таҳаққуқи комгоронаи ин муҳимтарин нақшаҳо шароите фароҳам меоварад, ки Тоҷикистон дар сафи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон қарор бигирад.

Ман борҳо аз аҳамияти Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон сухан гуфтаам ва имрӯз бори дигар мехоҳам хотирнишон созам, ки ин созмони мӯътабар аз нахустин рӯзҳои таъсис ба унвони пуле хидмат мекунад, ки мо – халқи Тоҷикистонро бо ҳамватанони хориҷиамон, ки бо иродаи тақдир ва ё ба дигар иллатҳо дур аз Ватани ниёгони хеш будубош доранд, пайванд мебахшад ва низ робитаи моро бо халқҳое, ки бо мо ба як забон ҳарф мезананд, қавитар месозад. Маҳз ба шарофати саъю кӯшиши саршор аз матонат ва лабрез аз самимияти созмондиҳандагони он дар аввалин

нишастҳо ва ҷашнҳои Анҷуман намояндагони мамолики Шарқ ва Ғарб имкон пайдо карданд, ки ширкат варзанд.

Ҳатто пас аз имзои Созишномаи сулҳ ва ризояти миллӣ ба таърихи 27 июни соли 1997 баъзе аз бадхоҳон вазъи кишвари моро ошуфта, носолим ва фавқулодда мураккаб тасаввур мекарданд. Онҳо мекӯшиданд, ки ба барқарории муносибатҳои мутақобили ҳасанаи Тоҷикистон бо давлатҳои дигар халал расонанд, то ин ки ҳар чи камтар одамон ба кишвари мо сафар кунанд. Вале дӯстони ҳақиқии халқи тоҷик дар ҳар гуна шароит ба кишвари мо сафар анҷом медоданд, бо чашмони худ воқеияти сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистонро медиданд ва дар ин бора ба аҳли олам нақл мекарданд. Ҳамин тариқ дар хориҷ аз Ватани мо мардум ҳар чи бештар огоҳӣ пайдо мекунанд, ки тоҷикон дорои давлати мустақиланд ва бо такя ба арзишҳои олии инсонӣ, фарҳанги бостонии ниёгони худ, хирад ва суннатҳои неки давлатдории эшон талош доранд, ки давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эҷод кунанд ва ҷомиаи шаҳрвандиро устувор созанд.

Тоҷикистони тозаистиқлол бо вуруд ба низоми робитаҳои байналмилалӣ ба ҳайси субъекти пухтаи ҷомиаи ҷаҳонӣ дар муддати кӯтоҳ обрӯю эътибори байналмилалиашро афзоиш дод. Ин ки дар анҷуманҳо ва созмонҳои байналмилалие чун СММ, 33-юмин Маҷмаи Умумии ЮНЕСКО, Саммити умумиҷаҳонӣ дар Тунис ва Созмони Конфронси исломӣ масъалаҳо ва пешниҳодҳои Тоҷикистон оид ба ҳаллу фасли мушкилоти глобалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, тасдиқи ин гуфта аст. Баргузории Рӯзи Тоҷикистон дар ЮНЕСКО ва Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия ба ҷомиаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки миллати тоҷик бо санъати олии худ қодир аст саҳми арзандае дар пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ гузорад.

Имрӯз потенсиали захираҳои Тоҷикистон ва зербинои қонунгузории мавҷуд, ки ба шароит ва талаботи иқтисоди ҷаҳонии нав созгорӣ доранд, кишвари моро ба минтақаи мусоид барои сармоягузорӣ табдил додаанд. Ба шарофати сиёсати иқтисодии оқилонаи Ҳукумати кишвар ва эътимоди ҷомиаи ҷаҳонӣ ба тарҳҳои гуногуни инвеститсионии муштарак аллакай беш аз 610 миллион доллари амрикоӣ гузошта шудааст. Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти ҳамаи ононеро, ки мехоҳанд ба фаъолияти иқтисодӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бипардозанд, замонат медиҳанд.

Мо омодаем бо тамоми давлатҳо ва созмонҳо ҳамкорӣ кунем, ба шарте ки ин ҳамкорӣ ба рушди соҳаи иҷтимоии халқи мо ва ҳаллу фасли тадриҷии мушкилоти иқтисодии кишвари мо мусоидат намояд.

Ояндаи ҳар давлати соҳибистиқлол ба таҳкиму таҳвияти сохторҳои давлатӣ вобаста аст. Дар ин росто вазифаи асосӣ ва аввалдараҷа таълим, тарбия ва омодасозии коршиносони баландихтисос дар тамоми соҳаҳо ва самтҳои ҳаёти ҷомиа аз зумраи насли наврас ва ҷавонон мебошад. Дастовардҳои илмӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва фарҳангии нав дар саросари ҷаҳон аз мо мавҷудияти потенсиали интеллектуалии бузургро таҳозо доранд. Аз ин ҷиҳат Ҳукумати Тоҷикистон вазифаи ислоҳоти пурраи маорифро ба миён гузошт, ки ба тарбияи кадрҳо ва мутахассисони миллии посухгӯ ба ниёзҳои иқтисоди бозорӣ мусоидат хоҳад кард.

Комёбиҳои назаррас дар тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомиа ба исбот расонданд, ки халқ ва давлати Тоҷикистон дар интихоби роҳи ҳаракат ва пешрафт ба сӯйи ояндаи худ иштибоҳ накардаанд ва мо бо дилпурӣ марҳилаи имтиҳонҳо ва тасмимоти сарнавиштсозро пушти сар гузоштаем ва ба давраи нави таърихи худ ворид мешавем.

Роҳи мо роҳи устуворсозии истиқлол, ҳифзи сулҳу некӯаҳволӣ, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таҳким ва созандагӣ дар ҳамкорӣ бо ҳамаи кишварҳои мутамаддин ва мутараққӣ мебошад.

Бовар дорам, рӯзе фаро мерасад, ки Тоҷикистон ҷойгоҳи шоистаи худро дар радифи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон пайдо хоҳад кард.

Дар поён ба роҳбарият ва ҳайати таҳририяи фаслномаи «Ирано-Славика» изҳори сипосу ташаккур мекунам, ки шумораи махсусашро ба ҷашнҳои таърихӣ ва феълии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшидааст.

## ПАЁМИ ТАБРИКӢ
## БА МУНОСИБАТИ ФАРОРАСИИ
## МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН

22 сентябри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо бо моҳи шарифи Рамазон, ки рӯзи 24-уми сентябр фаро мерасад ва он барои ҳар фарди мусулмон моҳи омурзиши гуноҳҳо, моҳи ибодату мағфират аст, табрик намуда, аз Худованди мутаол бароятон насиб гардонидани тамоми хушиҳои зиндагиро талабгор ҳастам. Бояд зикр кард, ки моҳи шарифи Рамазон танҳо аз рӯзадорӣ ва озурдагии ҷисму покизагии бадан иборат набуда, он озодагии рӯҳ, изҳори имондориву тақво, ҳамгироӣ ва ҳамбастагӣ бо аҳли имонро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, дар ин моҳ мардуми мусулмон бо ҳам бештар қарин шуда, кӯшиш менамоянд, ки бештар ба кӯмаку ёрии якдигар расида, бо нармдиливу ҳиммати баланд бо ҳам муносибат дошта бошанд. Моҳи Рамазон моҳест, ки дар он Қуръони Карим нузул ёфтааст ва ин китоби муқаддас тарғибгари инсондӯстиву адолат, покию ростӣ ва ахлоқи ҳамида мебошад. Дини ислом ҳар як фарди мусулмонро дар ин моҳи шариф барои расонидани нафъи бештар ба аҳли ҷомеа ҳидоят менамояд. Аз ин ҷост, ки дар ин моҳ дар ибодату ҷамъомадҳо, ҳангоми ифтору намози таровеҳ панду насиҳат мавзӯи асосии сӯҳбати рӯзадорон ва ширкаткунандагони ин маросимҳо мегардад, ки он фазилати бузург аст. Ахлоқи баланд ва фарҳанги волои исломӣ бояд роҳнамо ва ҳидоятгари ҳар фарди мусулмон бошад ва онҳоро аз амалу рафторҳои ношоиста нигоҳ дорад. Хамзамон мардуми мусулмон бояд аз ҳар гуна ситеза, тахрибкорӣ, ифротгароиву таассуб дурӣ ҷуста, сабру таҳаммулро пешаи худ қарор диҳад, зеро ин талаби ахлоқиву имонии онҳо мебошад. Мардуми Тоҷикистон ҳамчун ҳама мусулмон аст ва дар шароити кунунии ҷаҳони муосир, ки дар

баъзе кишварҳо дини мубини исломро сарчашмаи ҳар гуна хушунату зӯровариҳо меҳисобанд, мо набояд ба тундравиҳои динӣ созгор бошем. Зеро дини мубини ислом мусулмононро ҳамеша ба сабру таҳаммул даъват намуда, ҳар гуна тахрибкориву ифротгароиро маҳкум менамояд. Дар баробари ин, мардуми мо, ки соҳибтамаддун ва аз фарҳангу арзишҳои бебаҳои исломӣ бархурдор аст, ҳамеша ҷонибдори гуфтугӯи тамаддунҳо мебошад.

Муҳити ҷомеаи имрӯзаи мо барои диндорон комилан озод буда, ҳуқуқу озодиҳои онҳо аз ҷониби давлат танзим мегардад. Мусулмонони кишвар бояд ин муҳитро бо амали неку ахлоқи баланд, муносибати хуб ва ғамхорӣ ба ҳамдигар, хусусан ба шахсони камбизоату мӯҳтоҷ, ятимону бепарасторон солиму гуворотар созанд. Ҷомеае, ки мо ташаккулу такомул медиҳем, дорои тамоюли иҷтимоӣ мебошад ва татбиқи адолати иҷтимоӣ яке аз ҳадафҳои муҳими он аст.

Вобаста ба ин, бояд ҳар фарди мусулмон дар моҳи шарифи Рамазон ибодату таҳвои худро бо амалу корҳои шоиста таҳким бахшида, аз аҳволи ятимону бепарасторон ғофил намонад ва рӯҳу дили худро аз ҳар гуна ғуруру кина озод гардонад ва дар он сурат ба мағфирату омурзиши гуноҳҳо сазовор хоҳад гашт.

Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки бо фаро расидани моҳи шарифи Рамазон дар мамлакатамон маъракаи пешазинтихоботии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз меёбад. Мо умедворем, ки ин чорабинии муҳими сиёсӣ боиси баланд гардидани ҳисси ифтихор аз давлату давлатдорӣ ва худогоҳиву худшиносии мардуми сарбаланди кишварамон гардида, дар таҳкими ваҳдат ва муттаҳидии миллат мусоидат менамояд. Моҳи шарифи Рамазонро ба шумо – ҳамватанони азиз, бори дигар муборакбод гуфта, орзумандам, ки он барои ҳамаи мо моҳи бурдбориву баракат, раҳмату мағфират, хайру саховат ва ҳамдиливу рафоқат гардад.

# ШУМО МАСЪУЛИЯТИ БУЗУРГЕРО БА ЗИММАИ МАН МЕГУЗОРЕД

## СУХАНРОНӢ ДАР АНҶУМАНИ IX ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

23 сентябри соли 2006

**Вакилони мӯҳтарами анҷуман!**

Пеш аз ҳама мехоҳам ба ҳамаи шумо ва тамоми аъзои ҳизбамон, ки шумо намояндагони ваколатдори онҳо мебошед, барои эътимоду боварии ба ман зоҳиркардаатон изҳори сипос намоям.

Ман хуб дарк менамоям, ки пешбарӣ кардан ба номзадии мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на фақат нишони бовару эътимоди шумост, балки масъулияти бузургеро низ ба зиммаи ман мегузорад.

Ин масъулият дар назди миллати тоҷик, ҳар як сокини ин сарзамин, дар назди Ватан ва таърих аст. Мо бояд мақсаду мароми созандаи худ ва корҳои азими шурӯъкардаамонро ба анҷом расонем, то ин ки сифат ва сатҳи зиндагии мардумамонро зина ба зина баланд бардошта, барои рӯзгори арзандаи ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити мусоид фароҳам оварем ва Тоҷикистони соҳибистиқлоламонро ба кишвари осудаву босубот ва пешрафта табдил диҳем.

Бо дарки ҳамин масъулият ва рисолати бузург дар назди наслҳои имрӯзу оянда ман қарор додам дар интихобот аз нав иштирок намоям.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Чанде қабл мо якҷоя бо мардуми шарифи Тоҷикистон ҷашнҳои бузурги миллиамон – понздаҳумин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Соли бузургдошти

тамаддуни ориёӣ ва 2700-солагии Кӯлоби бостониро таҷлил кардем.

Таҳлил ва баррасии муфассали дастоварду дигаргуниҳои дар бахшҳои сиёсати дохиливу хориҷӣ ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат бавуҷудомадаро ман дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар силсилаи суханрониҳои худ ба ифтихори ҷашнҳои зикршуда баён доштам.

Имрӯз зарур мешуморам таваҷҷӯҳи шуморо ба як масъалаи хеле муҳим ва таъминкунандаи рушду такомули минбаъдаи ҷомеа, ки ҳам дастовардҳои гузашта ва ҳам рушди ояндаи мо бо ҳалли он иртиботи ногусастанӣ дорад, ҷалб намоям.

Сухан дар бораи густариш ва таҳкими низоми демократии ҳаёти ҷомеа меравад. Ҳанӯз дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон дошта будем, ки мақсаду мароми мо бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад.

Ин ҳадаф дар Конституцсияи мамлакат бо майлу иродаи аксари мутлақи мардум ҳукми қонунӣ пайдо карда, низоми муосири демократиро поягузорӣ намудааст.

Яке аз принсипҳои муҳими чунин ҷомеа ва давлатро гуногунандешии мафкуравӣ ва сиёсӣ ташкил медиҳад, ки маҳз дар заминаи ин асл имрӯз дар кишвари мо низоми бисёрҳизбӣ ба вуҷуд омадааст ва Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон рукни таркибии ин низом мебошад.

Қобили зикр аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ фаъолият намуда, ҳар яке аз онҳо ҷиҳати ба даст овардани боварии мардум ба майдони сиёсат ворид мешаванд. Ин раванд бояд як падидаи оддӣ ё маъмулӣ бошад, вале ҳатман дар доираи қонунҳои амалкунанда сурат гирад.

Асос ва ҷавҳари ин меъёри сиёсиро бояд риояву ҳифз шудани манфиатҳои олии миллӣ ва давлатӣ аз ҷониби ҳар як ҳизби сиёсӣ ва ҳар узви он ташкил диҳад, **зеро Ватан, миллат, истиқлолият, вахдати миллӣ ва оромиву осудагии ҷомеа муқаддастарин арзишҳое мебошанд, ки ягон ҳизб, гурӯҳ ё шахсе ҳаққи халалдор кардани онҳоро надорад**.

Аз ин рӯ, ҳизбҳои сиёсӣ дар баробари озодона ва мустақилона амалӣ намудани мақсаду мароми худ дар фаъолияти ҳаррӯзаашон бояд ба ин арзишҳои муқаддас содиқ бошанд.

Ҳар як ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва ҳар як фарди алоҳида бояд кӯшиш намояд, ки Тоҷикистон кишвари ободу пешрафта, орому босубот ва мояи ифтихори мардуми ин сарзамини бостонӣ бошад. **Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ҳамеша бо дарназардошти ин арзишҳо фаъолият мекунад ва саъю талош дорад, ки татбиқи онҳоро таъмин намояд.**

**Вакилони мӯҳтарам!**

Ҳизби мо дар замоне, ки хатари пароканда шудани миллат ва ҳамчун давлат аз байн рафтани Тоҷикистони тозаистиқлол ба воқеияти рӯз табдил ёфта буд, дар назди миллат ва Ватан, дар назди наслҳои имрӯзу оянда масъулияти бузурги таърихиро ба дӯши худ гирифт. Бинобар ин, ҳизби моро мардуми кишварамон имрӯз ҳамчун ҳизби зодаи масъулият мешиносанд.

Дар давоми солҳои гузашта дар доираи нақша ва барномаҳои мушаххас дар кишвар корҳои бузурге ба сомон расонида шуданд, ки онҳо пеш аз ҳама маҳсули заҳмати фидокоронаи мардуми сарбаланд ва бонангу номуси мо мебошанд.

Ҳар як дастоварди мо дар навбати худ заминаи боэътимоди рушду такомули устувори соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеаи мо буда, барои расидан ба сатҳи баландтари зиндагии мардум шароит фароҳам меорад.

Дар Барномаи амали Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон мо масъалаҳоеро зикр карда будем, ки ҳалли онҳо барои беҳтар кардани зиндагии мардум, устувор намудани пояҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии давлати соҳибистиқлоламон зарур буданд ва онҳо амалан татбиқи худро пайдо карданд.

Пеш аз ҳама, ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, конституционӣ ва сохторӣ оғоз карда шуд ва раванди боэътимоди демократикунонии ҷомеа густариш пайдо кард, шаҳрвандони мамлакат аз пойбандии идеологияи сиёсии яккаҳизбӣ раҳоӣ ёфтанд ва барои ба вуҷуд омадани низоми бисёрҳизбӣ заминаи воқеӣ фароҳам оварда шуд;

– дар кишвар сулҳу оромӣ барқарор гардид, сарҷамъии миллат таъмин карда шуд ва ваҳдати миллии мардуми Тоҷикистон таҳким ёфта, раванди созандагиву бунёдкории Ватан оғоз гардид;

– обрӯву нуфузи Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол дар арсаи байналхалқӣ баланд рафта, ҳамкориҳои мо бо кишварҳои хориҷӣ хеле густариш ёфтанд ва робитаҳои мутақобилан судманд бо давлатҳо ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва институтҳои молиявӣ вусъат пайдо карданд;

– дар асоси ҷорӣ кардани муносибатҳои нави иқтисодӣ иқтисодиёти кишвар ба қисми ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ табдил дода шуда, ҷалби сармояи хориҷӣ васеъ ба роҳ монда, барои расидан ба ҳадафҳои рушди иқтисоди миллӣ асосҳои муҳим ва зарурӣ ба вуҷуд оварда шуданд;

– дар соҳаи маориф ислоҳоти васеъ ба роҳ монда шуд, аз ҷониби Ҳукумат бо мақсади баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва ғамхорӣ ба кормандони маориф хеле корҳои судманд анҷом дода шуданд;

– мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ба таври бесобиқа баланд гардид, адабиёт ва фарҳанги миллӣ аз ҷониби давлат ҳаматарафа дастгирӣ ёфта, нақши онҳо дар тарбияи ватандӯстӣ, болоравии худшиносии миллӣ ва инсоншиносиву инсонпарварӣ хеле таҳким ёфт;

– таваҷҷӯҳи хоса ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ғамхорӣ ба ятимон, бепарасторон ва оилаҳои камбизоат ҳамчун яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Ҳукумат қарор гирифт ва дар ин самт як силсила тадбирҳои муассир амалӣ карда шуданд.

Имрӯз мо метавонем бо қаноатмандӣ изҳор намоем, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон мақсад ва вазифаҳои барои солҳои наздик пешбиникардаи худро иҷро кард ва давлати мо ба марҳилаи нави созандагӣ ва бунёдкорӣ ворид гардид.

Ин марҳила давраи ниҳоят муҳими устувор кардани пояҳои истиқлолияти давлатӣ, таъмини босуръати инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, рушди ҳамаҷонибаи ҳаёти ҷомеа дар самти демократия ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таҳкими асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

**Акнун давраи ҳалли вазифаҳои бузург ва таърихии нав фаро расидааст, ки мо онро ҳамчун марҳилаи нави созандагию бунёдкорӣ дар давлати соҳибистиқлоламон номгузорӣ кардем.**

Марҳилаи нав аз ҳар як узви ҳизби мо, роҳбарону кормандони сохтору мақомоти гуногун ва ҳамаи шаҳрвандони мамлакат тақозо менамояд, ки ба ҳалли проблемаҳои ҷойдошта эътибори ҷиддӣ дода шавад. Чунки

дар баробари комёбиҳои зикршуда дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ҳанӯз проблемаҳо зиёданд.

Сатҳи густариши ислоҳоти иқтисодӣ, вазъи кунунии саноат, кишоварзӣ, дараҷаи пасти истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, истифодаи техникаю технологияи муосир дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, таркиби савдои беруна, сатҳи камбизоатӣ, норасоии ҷойҳои корӣ, суръати мавҷудаи рушди соҳаҳои иҷтимоӣ моро водор менамоянд, ки вазифаҳои иқтисодии давлатро ҳарчи бештару суръатнок ҳал намоем.

**Вазифаҳои стратегии мо дар солҳои наздик аз таъмини рушди устувори иқтисоди кишвар, истиқлолияти энергетикӣ, озуқаворӣ, пурра раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ, баланд бардоштани сифату сатҳи зиндагии мардум, рушду таҳкими низоми демократӣ ва таҚвияти асосҳои давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва идома додани сиёсати хориҷӣ бо дарназардошти волоияти манфиатҳои милливу давлатиамон иборатанд.**

Имрӯз замоне фаро расидааст, ки мо бояд қабл аз ҳама мушкилоту проблемаҳои иқтисодиро бартараф намуда, барои рушду такомули устувори иқтисоди кишвар заминаи боэътимод фароҳам созем.

Барои ноил шудан ба ин мақсади стратегии худ ташаккули иқтисоди муосиру рақобатнок, таъмини афзоиши босуръати рушд, пешбурди афзалиятноки саноат, кишоварзӣ, инкишофи истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва ба талаботи бозор ҷавобгӯй, таҳкими нерӯи содиротии кишвар ва бунёди ҳарчи бештари ҷойҳои нави кориро аз афзалиятҳои сиёсати иқтисодии худ медонем.

Дар ин раванд таъмин кардани **татбиқи Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015** ва **Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009**, ки мақсади ниҳоии онҳо дар асоси густариши ислоҳоти иқтисодӣ таъмин намудани рушди иқтисодии устувор, паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва ноил гардидан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола мебошад, барои мо яке аз вазифаҳои масъул ба шумор меравад.

Татбиқи самарабахши ин ҳуҷҷатҳо ба инкишофи бомаром ва устувори иҷтимоиву иқтисодии кишвар мусоидат намуда, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ дар соли 2015-ум ба ҳар як нафар беш аз 4 ҳазор сомониро ташкил хоҳад дод.

Барои таъмини **идораи самараноки иқтисодиёт** чорабиниҳои мақсаднок мунтазам амалӣ мегарданд, ки

ҳадафҳои асосии онҳо баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатии марказӣ ва маҳаллӣ, тақвият бахшидан ба низоми худидораи маҳаллӣ, коҳиш додани иштироки давлат дар фаъолияти хоҷагидорӣ, пурзӯр намудани мубориза бар зидди коррупсия мебошад.

Татбиқи сиёсати мутавозини буҷетӣ, нигоҳ доштани қобилияти харидории асъори миллӣ ва сатҳи пасти таваррум, устувории фаъолияти бонкҳо ва сохторҳои молиявӣ, зиёд кардани шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд, ҷорӣ кардани шаклҳои нави қарздиҳӣ аз вазифаҳои навбатии мо дар самти **сиёсати молиявию қарзӣ** буда, ҳаллу фасли онҳо кафолати пешрафти минбаъдаи иқтисодиёт ба шумор меравад.

**Мусоидат ба рушди ҳамаи шаклҳои моликият**, махсусан ба густариши моликияти хусусӣ бо мақсади инкишофи муносибатҳои нави иқтисодӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкории хурду миёна бо роҳи фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти самараноки онҳо омили бунёдии таъмини рушди устувори иқтисоди кишвар мебошад.

Ба мо зарур аст, ки **коркарди пурраи ашёи хоми дохилиро ба роҳ монда, ба иқтидори содиротии мамлакат тақвият бахшем** ва ҳифзи манфиатҳои молистеҳсолкунандаи ватаниро таъмин намуда, ба рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва тавсеаи соҳаи туризм мусоидат намоем.

Бинобар ин, ҷалб намудани сармояи ватанӣ ва хориҷӣ ба иқтисоди кишвар яке аз омилҳои асосии пешрафти мамлакат мебошад, аз ин сабаб таъмини фазои мусоиди инвеститсионӣ ва воридоти технологияи пешқадами муосир самти муҳими фаъолияти давлат аст.

**Ба кор андохтани корхонаҳои саноатӣ ва пурра истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ**, зиёд кардани корхонаҳои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, истеҳсоли маҳсулоти ба рақобат тобовар, зиёд кардани корхонаҳои коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металлургияи ранга ва бо ин мақсад таҳия ва амалӣ намудани барномаи коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз алюминий ва металлу сангҳои қиматбаҳо, инкишофи соҳаи саноати сабук, аз ҷумла коркарди пурраи нахи пахта дар дохили мамлакат асоси пешрафти саноати миллии мо буда, ба рушди иқтисодиёти кишварамон мусоидат мекунад.

Қобили зикр аст, ки **имрӯзу ояндаи Тоҷикистон бо тараққиёти соҳаи энергетика иртиботи ногусастанӣ дорад**, зеро ба таври пурра ба кор даромадани корхонаҳои азими

саноатӣ, аз танқисии барқ раҳо ёфтани мардум, ғанӣ гардидани буҷети давлатӣ, густариши муносибатҳои иқтисодии хоричӣ ва афзудани нуфузи Тоҷикистон дар минтаҚа ва ҷаҳон маҳз аз фаъолияти ҳамин соҳа вобаста аст.

**Дар асоси татбиқи чорабиниҳои мушаххас инкишофи соҳаи энергетика ва истиқлолияти энергетикии кишвар таъмин мегардад.** Дар ин самт бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии калон, миёна ва хурд мавқеи хоса дорад.

Таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар аз сатҳи рушди нақлиёт ва инфраструктураи он вобастагии зич дорад. Сохтмону таҷдиди роҳҳои дорои аҳамияти дохиливу байналмилалӣ ва пулу нақбҳо мунтазам суръат меёбанд. Бинобар ин **Тоҷикистон дар ояндаи наздик комилан бо шоҳроҳҳои байналмилалӣ пайваст гардида, ба кишвари транзитӣ табдил мегардад ва дар натиҷа Роҳи бузурги абрешими қадимӣ воқеан эҳё меёбад.**

Яке аз соҳаҳое, ки аз ҳалли масъалаҳои он дурнамои рушди устувори иқтисодӣ, пешрафти саноати коркард ва афзун намудани иқтидори содиротии кишвар вобаста аст, **соҳаи кишоварзӣ** мебошад.

Қабл аз ҳама, таҷдиди сохтории хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки омили асосии пешрафти соҳа мебошад, ба итмом расонида шуда, устувории молиявии онҳо таъмин мегардад. Оид ба ҳалли масъалаи қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор кори Комиссияи мустақили созмондодашуда фаъол гардонида мешавад.

Барои рушди соҳаи кишоварзӣ маблағҳои зиёд сарф шуда истодааст, ки ба баланд шудани самаранокии истифодаи замин, беҳтар кардани навъҳои сермаҳсули тухмии зироатҳо ва зоти чорво ва ноил шудан ба дастовардҳои нав мусоидат менамоянд.

Имкониятҳои воқеии зиёд намудани истеҳсоли ғалла, картошка, густариши боғу токпарварӣ, сабзавоткорӣ, занбӯрпарварӣ ҳарчи бештар истифода хоҳанд шуд. **Дастгирии давлатии соҳа ҳамеша вусъат меёбад ва дар ояндаи наздик барои истиқлолияти озуқавории кишвар заминаи қавӣ гузошта мешавад.**

**Соҳаи иҷтимоӣ яке аз афзалиятҳои муҳим ва муайянкунандаи фаъолияти давлат мебошад**, зеро мақсаду мароми ниҳоии мо баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар фарди ҷомеа ва муҳайё сохтани шароит барои зиндагии шоиста ва инкишофи озодонаи инсон аст.

Идома додани ислоҳоти оғозшудаи соҳаҳои маориф, илм, тандурустӣ, шуғли аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва фарҳанг

барои амалан ноил шудани мо ба ҳадафҳои зикргардида мусоидат мекунанд.

Дар радифи тадбирҳое, ки дар соҳаи маориф андешида шудаанд, сол то сол зиёд кардани ҳаҷми умумии маблағгузории давлатӣ, баланд бардоштани сифат ва сатҳи таълиму тарбия, дониш ва мувофиқ гардонидани мазмуну мӯҳтавои дастурҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ба талаботи низоми нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, ки ба ташаккули инсони ҷомеаи нав мусоидат мекунанд, аз вазифаҳои муҳим ва навбатии мо дар соҳаи маориф мебошанд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои замони пешрафт ва бо мақсади пайвастан ба ҷаҳони мутамаддини муосир зарур аст, ки дар баробари таҳким ва густариши рӯзафзуни мақоми забони давлатӣ заминаҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, компютерикунонии тамоми муассисаҳои таълимӣ мустаҳкам карда шуда, шабакаи таълимгоҳҳои миёнаи касбӣ мутобиқи талаботи бозори меҳнат густариш дода шавад.

**Дар ин замина батадриҷ баланд бардоштани маоши муаллимони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, олию миёнаи касбӣ ва кормандони муассисаҳои томактабӣ, беҳтар намудани шароити зисту зиндагии онҳо ва зиёд кардани стипендияи донишҷӯён идомаи мантиқии сиёсати давлат дар ин соҳа мебошад**.

Андешидани тадбирҳо дар бобати интихоб ва тарбияи хонандагони болаёқат ва таҳсили онҳо дар мактабҳои олии ватанию хориҷӣ, инчунин таҳия ва ҷорӣ кардани тартиби додани қарз ба донишҷӯёни лаёқатманд ва фарзандони оилаҳои камбизоат ҷузъи заруртарини соҳаи иҷтимоӣ мебошад.

Ин масъала аз он ҷиҳат зарур ва муҳим аст, ки рушди тамоми соҳаҳои иқтисоду маънавиёти миллӣ ба кадрҳои кордон, болаёқат, донишманд ва ватандӯст ниёз дорад. Бинобар ин, ба тарбияи кадрҳои миллӣ бояд муносибати ҷиддӣ ва дилсӯзона сурат гирад.

**Дар таърихи башар илм ҳамеша омили пешбарандаи рушду такомули ҷомеа ба шумор меравад**. Аз ин рӯ, мо зарур мешуморем, ки имкониятҳои азими он ҳарчи бештар мавриди истифода қарор гирифта, маҳсулаш ба нафъи ҷамъият равона гардад. Маҳз бо истифодаи қудрати илм мо бояд нақш ва мавқеи онро дар ҷомеа куллан тағйир дода, эътибори меҳнати зеҳниро баланд бардорем.

Дар ин иртибот муайян кардани стратегияи рушд ва ҳамкории илм, аз ҷумла илмҳои академӣ, соҳавӣ ва донишгоҳӣ, **татбиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015** яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафҳои дар соҳаи илм пешбиникардаамон мебошад.

Истифодаи ҳамаҷонибаи қудрати ҷавонон дар соҳаи илм бо роҳи ҷалби мутахассисони ҷавон ба ин соҳа, махсусан ба илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ аз омилҳои таъминкунандаи пешрафти илми муосири миллӣ мебошад.

**Мусоидат ба рушду нумӯи фарҳанги миллӣ, ҳифз ва эҳёи мероси маънавию ахлоқии ниёгон** ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ талаб менамояд, ки нақш ва мавқеи фарҳанг дар ҳаёти ҷомеа ва тарбияи наслҳои имрӯзу оянда баланд бардошта шавад.

Аз ин ҷост, ки сол ба сол зиёд кардани **маблағгузории муассисаҳои фарҳангӣ аз буҷети давлатӣ ва маблағгузории ғайридавлатии онҳо, пайваста баланд бардоштани музди меҳнати кормандони ҳамаи бахшҳои фарҳанг**, таҳвияти нақш ва мавқеи телевизиони миллӣ, мусоидат ба рушди шабакаҳои ғайридавлатии радио ва телевизион, эҳё ва рушди кинематографияи миллӣ, марказҳои фарҳангӣ, клубу театрҳои халқӣ ва китобхонаҳои оммавӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар солҳои охир барои таъмиру тармим ва нигоҳдории ёдгориҳои таърихӣ кори зиёде ба анҷом расидааст. Мо дар оянда низ ин корро идома дода, сарватҳои бебаҳои моддии миллиамонро эҳтиёт хоҳем кард. Барои ба феҳристи ёдгориҳои моддии ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил кардани Саразм, Ҳулбук, Қалъаи Ҳисор, Қаҳқаҳаи Шаҳристон, Тахти Сангин, Тахти Қубод, Аҷинатеппа ва ғайра чораҳои зарурӣ андешидан лозим аст.

**Ҳифзи саломатии аҳолӣ**, ки гарави пешрафту муваффақиятҳои ҷомеа мебошад, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини давлати Тоҷикистон эътироф шудааст.

Аз ин рӯ, бояд ба ислоҳоти соҳаи тандурустӣ суръат бахшида, ҳарчи тезтар қонун дар бораи суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббӣ қабул шавад ва ташаккули бозори одилонаи хизматрасонии тиббӣ, рақобати солим ва озоди муассисаҳои давлатию ғайридавлатии табобатӣ, таҳвияти низоми ҳифзи манфиатҳои истифодабарандагони хизмати тиббӣ таъмин карда шавад.

Сиёсати имрӯзаи Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба он равона шудааст, ки ҳар фарди ҷомеа аз пуштибонии давлат бархурдор гардида, ба амалӣ намудани ҳуқуқҳои иҷтимоии худ қодир бошад.

**Таҳия ва татбиқи Консепсияи шуғли аҳолӣ барои солҳои 2007-2015** ҷиҳати ба шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор, густариш ва таҚвияти бахши хусусӣ ва соҳибкории хурду миёна бо мақсади фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, такмил додани низоми касбомӯзӣ дар ҳунаристонҳо бо мақсади ташкили омӯзиши касбу ҳунарҳои серталаб ва ба тақозои бозори меҳнат мутобиқ сохтани он, ҷорӣ намудани усулҳои замонавии ҳунаромӯзӣ ва таҷдиди стандартҳои маълумоти касбӣ идомаи ин сиёсати давлатӣ мебошад.

Бо истифода аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ пешбинӣ кардани қарзҳои хурд барои донишҷӯён ва ба талаботи зиндагии муосир мутобиқ кардани таҳсилу фаъолияти онҳо кори зарурист.

**Танзими ҳамаҷонибаи муҳоҷирати меҳнатӣ**, ки имрӯз ба яке аз масъалаҳои ҳалталаб табдил ёфтааст, тақозо мекунад, ки омӯзиши касбии муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ба имзо расонидани санадҳои ҳуқуқии байнидавлатӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ таъмин карда шавад.

Илова бар ин, **давра ба давра татбиқ кардани Консепсияи музди меҳнат**, аз байн бурдани номутаносибии маоши гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон, афзоиши мунтазами музди миёнаи меҳнат, ислоҳоти пурраи низоми нафақа, дастгирии давлатии оилаҳои камбизоат ва шаҳрвандони эҳтиёҷманд, зиёд намудани кӯмакпулиҳо ва таъмини суроғавии онҳо, ғамхорӣ нисбат ба ятимон, маъюбон, нафақахӯрон, пиронсолони бесаробон ва дастгирии ҳамаҷонибаи иҷтимоии онҳо аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии пешбинишуда такмили минбаъдаи низоми сиёсии ҷомеа, давлату давлатдории навин ва дар ин замина таҳким

бахшидан ба ваҳдати миллӣ ва оромию суботи устувори ҷомеа, тартибу низоми ҷамъиятӣ, ҳамаҷониба татбиқ намудани ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зарур аст.

Ҳамзамон бо ин, рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ, аз ҷумла гуногунандешии сиёсию мафкуравӣ, озодии эътиқод ва изҳори ақида, сухан, матбуот ва ташаккули созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва дигар унсурҳои демократӣ, ки ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат хоҳанд кард, яке аз вазифаҳои муҳими Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон мебошад.

Бунёди чунин ҷомеа пеш аз ҳама ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории гурӯҳҳои сиёсиро дар асоси принсипи волоияти манфиатҳои умумимиллӣ ташкил медиҳад.

Дар ин роҳ баланд бардоштани нақш ва мавқеи қонун дар ҷомеа, дарку фаҳмиши дақиқи моҳияти он аз ҷониби ҳар як шахс, эҳтиром ва риояи бечунучарои қонун аз тарафи ҳамаи шаҳрвандони мамлакат, ба одат ва меъёри рафтори ҳатмиву ҳаррӯзаи афроди ҷомеа табдил ёфтани талаботи он кафолати осудагӣ ва пешрафти ояндаи ҷомеа мебошад.

Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз оғози фаъолияти худ ба масъалаи таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир мекунад, зеро эҳтиром ва риояи қонунҳои кишвар кафолат ва шарти аввалиндараҷаи суботу оромӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва рӯзгори ободу осудаи ҳар як хонадон аст.

Дар ҷомеаи демократӣ меъёри муайянкунандаи доира ва ҳудуди ҳар гуна амалу рафтор қонун мебошад. Аз ин ҷост, ки қонун омили асосии татбиқи принсипҳои озодӣ, адолат ва баробарӣ аст ва ҳар фард, созмону ташкилот ва дигар институтҳои ҷомеа масъуланд, ки барои ба даст овардани ин арзишҳои олӣ танҳо дар доираи талаботи муайяннамудаи қонун фаъолият намоянд.

Риоя накардани қонун ва беэътиноӣ нисбат ба талаботи он боиси фалаҷ гардидани мақомоти давлатӣ, ба миён омадани бенизомӣ ва поймол шудани ҳуқуқи инсон мегардад. **Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, эҳтиром ва риояи қонунро ба сифати вазифаи муҳими фаъолияти худ медонад**.

**Ҳизби мо ба меъёрҳои Конституцияи кишвар оид ба арзиши олӣ эълон шудани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ содиқ буда, барои амалӣ шудани онҳо пайваста мекӯшад.**

Тасодуфӣ нест, ки ҳамаи тадбирҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии аз ҷониби ҳизби мо андешидашуда, инчунин чорабиниҳое, ки дар оянда низ амалӣ мегарданд, маҳз бо мақсади таъмини ҳаёти шоиставу арзандаи инсон сурат мегиранд, зеро фақат инсони озод ва соҳибмаърифат ба созандагӣ қодир аст.

Барои ин бояд сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа баланд бардошта шуда, эҳтиром ба қонун дар ҳар як оила аз кӯдакӣ тарбия карда шавад, зеро **маърифати ҳуқуқӣ аз муҳимтарин шартҳои бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд мебошад**.

Ҳизби мо чунин мешуморад, ки марҳилаи таърихии гузариши ҷомеа аз як низом ба низоми дигар ва омилҳои дигари байналмилалӣ боиси афзудани падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ, аз қабили муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои иқтисодӣ, аз ҷумла коррупсия, одамфурӯшӣ, терроризм, экстремизм ва дигар намудҳои ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ мешавад, ки онҳо ҳалли проблемаҳои ҷории ҳаёти ҷомеаро мушкил мегардонанд.

Дар миёни ин қонуншиканиҳо коррупсия ҷомеаи моро ба таври ҷиддӣ ба ташвиш овардааст. **Коррупсия ба сифати ҷинояти вазнин садди роҳи фаъолияти солими давлат гардида, омили боздошти инкишофи иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа мешавад**.

Дар робита ба ин, таъкид бояд кард, ки муборизаи бар зидди ин падида танҳо вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест, балки тамоми ҷомеа, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон низ бояд ба хотири пешгирӣ кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ ва то ҳадди ниҳоӣ коҳиш додани он саъю талоши доимӣ дошта бошанд.

Солҳои охир дар ҷомеаи мо баъзе падидаҳое пайдо шудаанд, ки онҳо ба ахлоқи ҳамида ва фарҳанги миллати тоҷик бегона буда, асосу пояҳои онҳоро коста мегардонанд. Сухан дар бораи одамфурӯшӣ, махсусан хариду фурӯши ҷавонзанону духтарон меравад.

Бо дарназардошти хатар ва зарари ахлоқии ин падидаи нангин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ислоҳи вазъи бавуҷудомада як силсила тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва байналмилалиро андешидааст.

Яке аз таҳдиду хатарҳое, ки ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир

мебошад, ки он на фақат ба саломатии шахсияти алоҳида ва умуман башарият зарари ислоҳнопазир мерасонад, балки боиси афзудани ҷиноятқорӣ, хусусан шаклҳои хавфноки он, монанди терроризм, аз ҷумла терроризми байналмилалӣ мегардад.

Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолияташ сиёсатеро пеш гирифт, ки мақсади он муборизаи қатъӣ ва беамон бар зидди ин хатар аст.

Имрӯз эътироф шудааст, ки экстремизм ва терроризм дар бештари минтақаҳои ҷаҳон бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир робита дорад ва дар баъзе мавридҳо ҳатто зодаи нашъаҷаллобӣ мебошад.

Дар шароити кунунӣ мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, одамфурӯшӣ ва дигар ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллӣ, сохти конституцсионӣ, истиқлолияти кишвар ва амнияти шаҳрвандон вазифаи тамоми мақомоти давлатӣ, ҳар як шаҳрванд, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошад.

**Аз ин рӯ, бояд тадбирҳое андешида шаванд, ки дар асоси онҳо ҳар як фарди ҷомеа ба муқобили ин зуҳуроти хатарнок мубориза барад, оқибатҳои хатарноку зараровари ин падидаҳоро эҳсос намуда, муҳитеро фаро орад, ки имкони ба вуқӯъ пайвастани онҳо аз байн бурда шавад.**

Яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти давлат ва тамоми нерӯҳои фаъол ва созандаи ҷомеаи мо дар марҳалаи ҷорӣ ва даҳсолаҳои оянда – таҳкими пайгиронаи мавқеи минтақавӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақил ва комилҳуқуқи муносибатҳои байналхалқӣ мебошад.

Ин ормони ҳазорсолаи миллӣ буд, ки насиби наслҳои имрӯзи кишвари бостонии мо гардид. Он дастоварди бузурги таърихии мост.

Ҳадафи асоситарини сиёсати хориҷии мо ҳифз ва таъмини манфиатҳои олии Ватан ва мардум, қабл аз ҳама таъмини истиқлол, тамомияти арзӣ, амният ва шароити мусоиди пешрафт ва тақвияти ҳамаҷонибаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва дастёбӣ ба мақоми шоиста ва сазовор дар низоми нави байналмилалӣ аст.

Татбиқи ин ҳадаф ба даврони ниҳоят мураккаби таърихи кишвар, минтақа ва ҷаҳон рост омад. Ин амр тақозои сиёсати ҳамаҷониба санҷидаву асоснок ва эҷодгаронаву ояндасозро дошт.

Бо вуҷуди мушкилоти зиёд мо ба таҳия ва татбиқи муваффақонаи чунин сиёсат ноил гардидем ва дар даврони ниҳоят мураккаб манфиатҳои миллии худро пайгирона таъмин намудем.

Бо камоли қаноатмандӣ изҳор медорам, ки ҳизб ва мақомоти сохтории он дар таҳия ва татбиқи ин сиёсат саҳми муҳим дорад.

Қобили зикри хос аст, ки сиёсати хориҷии мо дар мавриди масъалаҳои асосӣ ва ҷиддии глобалӣ, амният ва суботи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, равобит бо марказҳои қудрат ва давлатҳои хурду бузурги олам равиши усулӣ, босубот ва возеҳ дошт ва ин амр мавқеи давлати соҳибистиқлоли моро тақвият бахшид.

**Мо ин сиёсатро дар оянда низ пайгирона ва масъулона идома хоҳем дод.**

Мо усулан ва содиқона ҷонибдори ҳамкории васеъ ва созанда бо ҳама кишварҳову давлатҳое, ки ба давлат ва Ватани мо назари неку хайрхоҳона доранд, инчунин созмонҳои гуногуни байнидавлатӣ ва байналмилалӣ, шабакаи васеи созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ ва тамоми субъектҳои равобити байналхалқӣ мебошем. Сиёсати мо – сиёсати «дарҳои кушода» ба манфиати Ватан, амният, субот ва пешрафти минтақа ва ҷаҳон хоҳад буд.

Дар чаҳорчӯби он мо вазифадорем, ки шарикии стратегии худро бо давлатҳои аъзои Ҷомеаи Иқтисодии Авруосиё ва кишварҳои минтақа ва ҳамсоя мазмуни амиқтар ва мутавозин бахшем ва манфиатҳои миллии худро шоиста таъмин намоем.

Ҳамзамон зарур аст равобити дӯстонаи мо бо давлатҳои дигари минтақа ва тамоми кишварҳо густариш ва тақвияти матлуб ёбанд. Ин равобит бояд мазмуни амиқтар ва созандаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва техникӣ касб намояд. Нерӯи он бояд беҳтар ва бештар ба нафъи рушд ва пешрафти иқтисодӣ ва инфраструктурии кишвар мусоидат намояд.

Бунёди сохторҳо ва институтҳои демократӣ тақозои густариш ва тавсеаи ҳамкории сатҳи муосирро бо давлатҳои пешрафтаи Ғарб ва Шарқ дорад. Мо дар солҳои гузашта дар ин самт талоши созанда доштем. Зарур аст сатҳ ва мазмуни ин равобит ва ҳамкорӣ пайгирона боло бурда шавад. Бахусус, густариши ҳамкории иқтисодӣ, технологӣ, илмӣ ва техникӣ амри муҳим ва зарурист.

Мо бояд доиман мадди назар дошта бошем, ки сиёсати хоричии мо қодир ба шинохти дақиқи мазмуни аслии равандҳо ва таҳаввулоти минтақавӣ ва байналмилалӣ бошад.

Ин аз он ҷиҳат муҳим аст, ки равандҳою тамоюлоти ҷаҳонӣ мазмуни мураккабтару зиддиятнок касб менамоянд. Мо вазифадорем, ки татбиқи шоистаи ниёзҳои ҳаётии Ватан ва мардумро таъмин намоем. Ҳизби мо метавонад дар таҳия ва амалӣ намудани чунин стратегия саҳми арзанда гирад.

Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маъракаи муҳими сиёсӣ мебошад ва дар рафти он андешаву иродаи интихобкунандагон доир ба сиёсати пешгирифтаи давлат ифода мегардад, кафили амалӣ гаштани ҳадафҳои ҷомеа ва ояндаи дурахшони миллат аст.

Чунон ки борҳо хотирнишон кардаам, мо ҳамеша ҷонибдори интихоботе мебошем, ки ба таври демократӣ, озоду шаффоф ва бо иштироки кулли интихобкунандагон баргузор шавад. Гузашта аз ин, тарафдори интихоботи президентие мебошем, ки он бо роҳи алтернативӣ барпо гардад ва худи халқ тавонад, ки сарварашро озодона интихоб кунад.

Ман дигар ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои мансаби президентиро даъват менамоям, ки барои дар доираи қонунҳои амалкунанда ва мутобиқи меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ, эҳтироми тарафайн барпо шудани ин маъракаи сиёсӣ талош кунанд, то ки ин чорабинӣ ба таҳкими ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва густариши демократия дар кишвари соҳибистиқлоламон мусоидат намояд.

Дар охир бори дигар ба ҳамаи аъзои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ва шумо – вакилони мӯҳтарами анҷуман барои бовариатон изҳори сипос намуда, мехоҳам хотирнишон намоям, ки ҳизби мо дар давоми солҳои начандон тӯлонии мавҷудият ва фаъолияти худ бо вуҷуди мушкилоту проблемаҳо тавонист, ки дар ободиву оромии Ватани азизамон саҳми арзанда гузорад ва дар миёни мардуми кишвар маҳбубияти зиёд пайдо намояд.

Итминон дорам, ки дар марҳилаи нави созандагии сарзамини аҷдодиамон – Тоҷикистон ҳизби мо мисли солҳои гузашта ҳамчун қувваи созандаи ҷомеа саҳми боз ҳам бештар хоҳад гузошт ва нуфузу обрӯи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ва ҳар як узви ҳизб дар байни мардуми мамлакат рӯз то рӯз афзун хоҳад шуд.

Боварии комил дорам, ки мо ҳама якҷоя ва бо азму иродаи қавӣ ва нерӯи созандаи мардуми шарифи Тоҷикистон ба фатҳу зафарҳои боз ҳам бузургтар ноил шуда, Ватани муқаддасамонро ободу зебо мегардонем ва ба мақсадҳои олии худ мерасем.

Ба ҳамаатон дар роҳи пуршарафи ободкории Ватани аҷдодӣ – Тоҷикистони соҳибистиқлол пирӯзиву сарбаландӣ орзумандам!

**Ташаккур!**

# БОЗСОЗИИ НИЗОМИ СОҲАИ МАОРИФ – ТАҚОЗОИ ЗАМОН

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ ҶАШНИ 10-СОЛАГИИ РӮЗИ ТАЪСИС ЁФТАНИ ДОНИШГОҲИ СЛАВЯНИИ ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ

25 сентябри соли 2006

**Омӯзгорони мӯҳтарам!**
**Донишҷӯёни азиз !**
**Меҳмонони гиромӣ!**

Қаблан, ҳамаи Шумо – омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи славянии Русияю Тоҷикистонро бо нахустҷашни ҳаёти ин донишкада – 10-солагии рӯзи таъсис ёфтанаш, ки воқеаи фаромӯшнашавандаю фархундаи ин соли таърихист, аз сидқи дил муборакбод менамоям.

Мо ба қарибӣ 15-солагии Истиқлолияти давлатии мамлакати худ, Соли тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии шаҳри Кӯлобро ҷашн гирифта ва стратегияи рушди босуръати миллӣ барои дурнамои тӯлониро муайян кардем. Бояд ба таври махсус қайд намуд, ки понздаҳ соли гузаштаи истиқлолият дурустию қобили ҳаёт будани роҳи стратегии моро, ки мақсад аз он таҳкими сулҳ, мусолиҳаи умумимиллӣ ва эъмори давлати ҳақиқатан демократист, таъйид намуданд. Мақсадҳои муҳимтарини он иборат аз баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқ дар заминаи татбиқи ҳамаҷонибаи принсипҳои иқтисодиёти иҷтимоитамоил ва рушди воқеии бахши истеҳсолот, эҳтиромӣ ҳуқуқ ва шаъну шарафи шахсият, фароҳам овардани шароити мусоиди такомули ҳамаҷонибаи он буданд. Мо, дар баробари ин ҳамеша саъю кӯшиш менамоем, ки баландшавии сатҳи некӯаҳволии халқ пайваста бо ғанигардонии ҷаҳони ботинии мардум, ташаккули дарки дурусти мақсаду мафҳуми зиндагӣ, таҳкими

маънавият ва хулқу ахлоқи олӣ сурат гирад. Албатта, тавре ман аз ин пеш зикр намудам, мақсади асосии мо иборат аз тарбияи шахси аз нигоҳи иҷтимоию маънавӣ ҳамаҷониба такомулёфтаи замони ҳозира мебошад.

Мо равшану возеҳ дарк менамоем, ки шарти муҳимтарини расидан ба ин мақсад иборат аз мавҷудияти кадрҳо ва мутахассисони босаводу касбан салоҳиятдори мавриди зарурати ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт ва соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Онҳо, бешубҳа, сарвати миллӣ, ганҷинаи заррину бебаҳои Ватанамон маҳсуб мешаванд. Воқеан дар рӯзҳои мо, ки равандҳои мураккабтарин ва пуртаззоди дохилии трансформатсионӣ ва ҷаҳонишавӣ, зеҳникунии босуръати меҳнат ва умуман фаъолияти иҷтимоӣ, рушди босуръати вобастагии ҷаҳон ва ҳатто таҷдиди арзёбии бисёр меъёру арзишҳои устувор сурат мегиранд, қадру қимати нерӯи дарачаи бағоят баланди зеҳнии инсонӣ хусусан афзун мегардад. Дар чунин шароит бозсозии муназзами тамоми сохтори маориф ҳамчун тақозои ҳатмӣ ба миён меояд. Мо, дар баробари ин, вазифадорем, ки аввалан, ҳамаи он чизи беҳтарамонро, ки мутобиқ ба талабҳои зиёди рӯзгоранд, нигоҳ дорем ва сониян, меъёру маҳакҳои олии сатҳи имрӯзаро бемайлон рӯйи кор оварда ва ба ҳамин тариқ, ба фазои маърифатии ҷаҳон фаъолона шомил шавем. Албатта, иштирок дар равандҳои маърифатии ҷаҳонӣ набояд ба ҳуввият ва арзишҳои шуури миллии халқи мо таъсири манфӣ расонад: онҳо бояд дар ҳамаи сатҳҳои системаи маориф мақоми хоса дошта бошанд. Донистани таърих, фарҳанг, адабиёт, фалсафаи халқи худ моҳияти зиёияти миллӣ, айнияти иҷтимоию фарҳангии шахсро муайян мекунад. Бояд ҳамеша дар хотир дошт: касе, ки ба ватани худ содиқ нест, вай ба башарият мутааллиқ нест.

Мо, бо дарназардошти ин тақозои возеҳ, бояд бо масъалаи сифати маориф ҷиддан машғул шавем. Барои ин бояд ҷузъан бинем, ки сатҳи кадрҳои дорои ихтисоси олӣ чӣ гуна аст, донишкадаҳо бо воситаҳои техникии муосири таълим, компютерҳо чӣ гуна мучаҳҳазанд, оё шабакаи интернетро доранд, технологияҳои ихтироотӣ ва усулҳои таълим чӣ тавр ҷорӣ карда мешаванд, коэффитсиенти самаранокӣ чӣ гуна аст? Хурсандиовар аст, ки донишгоҳи шумо барои ҳалли ин вазифаҳои ҳаётан муҳим фаъолона кор мекунад. Вале бояд дар хотир дошт, ки талабот рӯз аз рӯз меафзояд ва сатҳи таҳсилоти дар донишгоҳ ба даст овардашуда бояд ҷавобгӯи вазифаҳои оянда ва тақозои

замони босуръат тараққиёбанда, талаботи рушди давлат бошад. Бинобар ин барои мо муҳим аст, ки мутахассис бо кадом донишу малака донишгоҳро хатм мекунад, вай барои истифодаи донишу малакааш дар амалия то чӣ андоза қодир аст. Ояндаи Ватани мо, ба маънои томаш, вобаста ба ин аст. Барои ҳамин ҳам моҳи декабри соли гузашта вазъи тамоми системаи маориф дар сатҳи Ҳукумат муфассал, амиқ ва аз нигоҳи танқидӣ мавриди таҳлил қарор гирифта ва аслан барномаи комплексии рушди муназзами он то сатҳи муосир пешниҳод карда шуд.

Вазифаи тарбиявии мактаби олиро низ бояд ҳамеша дар хотир дошт. Сифатҳои маънавию ахлоқии донишчӯён ҳамеша бояд омилҳои муҳимтарини фаъолияти донишкадаҳо, ҳамаи омӯзгорон, мураббиён ва кормандони ҳамаи сатҳу дараҷа бошад. Ин кори тамоми ҷомеа аст. Сатҳи баланди маърифатию иттилоотӣ, ки аломатҳои асосии ҷаҳони имрӯзаанд, талабро ба усулу воситаҳои кори тарбиявӣ низ ҷиддан зиёд мекунанд. Дар ин амр зуҳуроти бепарвоӣ ва сохтакорӣ хусусан қобили қабул нест.

Фароҳам овардани муҳити камолоти маънавӣ, рушди ҷисмонӣ, тарбияи эҳтиромии фаъолияти шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ бояд дар ташаккули шахсияти мутахассиси оянда мақоми зиёде дошта бошад. Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки мақсадамон на танҳо тарбияи мутахассис, балки тарбияи шахсиятҳои ҳамаҷониба рушдёфта ва аз нигоҳи иҷтимоӣ масъулиятнок – созандагони шоистаи ҷомеаи демократӣ мебошад.

**Дӯстони азиз!**

Ҳамаи мо хуб мефаҳмем, ки даҳ сол барои донишгоҳ мӯҳлати калон нест. Вале Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон дар ин давраи кӯтоҳ ба туфайли кори поквиҷдононаи профессорону омӯзгорон ва тамоми ҳайаташ яке аз донишкадаҳои олии беҳтарини мамлакатамон гардид. Ман дар хотир дорам, ки чӣ тавр дар давраи барои ҷомеаамон душвор, ки дар он вақт проблемаҳои ҷангу амонӣ ҳанӯз доғи рӯз буда ва масъалаҳои иҷтимоӣ низ кундаланг меистоданд, ба маросими ифтитоҳи донишгоҳ омада ва навори рамзиро қайчӣ кардам. Ин воқеаи хосаи ҳаёти фарҳангию маърифатии Тоҷикистон буд.

Дар соли аввали мавҷудияти донишгоҳ 376 нафар донишҷӯён ба шӯъбаи рӯзона ва 209 нафари онҳо ба шӯъбаи

ғоибона қабул шуданд. Ҷамъ 877 кас таҳсил мекард, ки онҳо аз шӯъбаҳои филологии донишгоҳҳои миллию омӯзгорӣ гузаронида шуда буданд. Имрӯз дар чор факулта қариб 4000 нафар донишҷӯён таҳсил мекунанд. Мебинед, ки донишгоҳи шумо то чи андоза калон шудааст! Он чиз ба назар бештар муҳиму арзанда мерасад, ки аз худи давраи таъсис ёфтани донишгоҳ дар он барои таъмини кафедраҳо бо профессорону омӯзгорони ихтисоснок фаъолона кор бурда мешуд. Ва имрӯз бештар аз 50 фоизи омӯзгорон унвонҳои илмии докторон ва номзадҳои илмро доранд. Ин хеле хуб аст. Олимону мутахассисони дорои ихтисоси олӣ ҳар қадар зиёд шаванд, тарбияи кадрҳои баландихтисос ҳамон қадар беҳтар мегардад. Заминаи иттилоотию методӣ ва моддию техникии ташкили таҳсил босуръат мустаҳкам мегардад. Донишгоҳ миқдори зарурии маводи методӣ ва воситаҳои техникӣ, компютерҳои шахсӣ, лабораторияҳои таълимӣ дорад. Ман китобхонаю қироатхонаи шуморо дидам ва мехоҳам қайд намоям, ки шумо барои кори мустақилонаи донишҷӯён ҳамаи шароитро доред.

Хурсандиовар аст, ки дар донишгоҳи шумо аҳамияти муҳимтарини робитаи маориф бо истеҳсолотро хуб мефаҳманд. Донишгоҳ бо корхонаҳо, ташкилотҳо, донишкадаҳо 52 шартнома бастааст, ки донишҷӯён дар онҳо таҷриба омӯхта ва сипас бисёриашон барои иҷрои кор ба он ҷойҳо даъват карда мешаванд. Илму истеҳсолот дар чунин шароити ғанигардонии мутақобила хеле бурд карда, ба халқ ҳарчӣ бештар фоида меоранд. Кори тадқиқоти илмӣ ҳам умуман хуб ривоҷ меёбад. Самтҳои илмие, ки кафедраҳо аз рӯйи онҳо кор мекунанд, муҳиму ҷавобгӯи талаботи замонанд. Инҳо иборат аз мавзӯи рушди забону адабиёт, таҳқиқи проблемаҳои илмҳои иҷтимоиву гуманитарӣ дар амри таъсири мутақобилаи тамаддунҳои ҷаҳон, проблемаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, рушду густариши ҷомеаи шаҳрвандию ҳуқуқӣ мебошанд.

Донишгоҳ ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи маориф низ ривоҷ медиҳад. Бо донишкадаҳои олии Русия, Белорус, Миср, Урдун ва мамлакатҳои дигари ҷаҳон 18 шартнома дар бораи ҳамкории мутақобилан муфид имзо шудааст. Дар донишгоҳ 114 нафар донишҷӯён аз Федератсияи Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Чин, Афғонистон, Ветнам таҳсил мекунанд, ки мо инро аҳсан мегӯем.

Мехостам мақоми донишгоҳро дар истифодаи забони русӣ дар давлатамон ба таври махсус қайд намоям. Ман аҳамияти онро дар ҷомеаи имрӯза дар баробари забони англисӣ борҳо таъкид карда будам. Сабаб он аст, ки забони русӣ яке аз забонҳои бештар паҳнгардидаи ҷаҳон буда, дастовардҳои маърифатӣ ва илмию фарҳангии башарият бо ин забон интишор мешаванд. Ҳамаи ин шарти зарурии рушди маориф, илм, муколамаи байни фарҳангҳо ва ҳамкории ҳамаҷониба бо шарики стратегиамон – Федератсияи Русия ва бо кишварҳои дигари ҷаҳон аст. Бинобар ин мехоҳам хеле возеҳ бигӯям, ки минбаъд ҳам дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи мо ба забони русӣ таваччӯҳи хоса дода мешавад. Ба зиммаи донишгоҳи шумо масъулияти махсусе барои ҳалли ин масъала гузошта шудааст. Дар ин ҷо мутахассисони беҳтарин ҷамъ оварда шудаанд. Имсол бори аввал донишҷӯён аз рӯйи ихтисоси "Забону адабиёти русӣ дар мактаби ибтидоӣ" қабул шудаанд ва ин тахассусро бояд дар оянда ҳам ривоҷ дод. Ин барои шумо фаъолияти якуминдараҷа буда ва вазъи забони русӣ дар мамлакат аз бисёр ҷиҳат маҳз вобаста ба дараҷаи ташкили таълим ва умуман фаъолияти Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон мебошад.

Мо дар замони ҷолибу пур аз воқеаҳои бузург зиндагӣ дорем. Мамлакати мо бо роҳи интихобкардааш – бунёди давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ устуворона пеш меравад. Вазифаҳое, ки мо бояд барои расидан ба ин мақсад иҷро кунем, вазифаҳои калонанд. Ҳалли муваффақонаи онҳо аз бисёр ҷиҳат ба онҳое, ки имрӯз дар курсии донишҷӯӣ нишастаанд ва ба парвариши ҷавонони босавод, фозил, дорои салоҳияти касбӣ ва ватанпараст вобаста мебошад.

Ин муваффақият воқеан ва бо меҳнати шумо, фаъолияти коллективҳои донишкадаҳои олии мамлакатамон алоқаманд аст. Мехоҳам аз фурсат истифода намуда, ба шумо, профессорону муаллимони мӯҳтарам, муроҷиат кунам. Дар ҳама ҷо қадри мактабу донишкадаҳои олӣ бо қадри муаллимони онҳо қиёс карда мешавад. Муаллим, омӯзгор, мураббӣ – кори асоситарини рӯйи Заминро иҷро мекунад, вай шахсияти инсонро ташаккул медиҳад. Ва мо ҳамаи чораро мебинем, ки муаллим дар ҷомеа ҷойи барояш муносиб, ҷойи шоистаи вазифаи олиашро ишғол намояд. Дар донишгоҳи шумо олимоне машғули фаъолияти омӯзгорию илмианд, ки номашон дар тамоми мамлакат ва берун аз ҳудуди он маъруф аст. Ин на фақат обрӯи донишгоҳро баланд мебардорад,

балки аз он ҳам шаҳодат медихад, ки мутахассисони оянда донишҳои хуб ва малакаҳои касбӣ пайдо мекунанд.

Ташаббус ва шавку ҳаваср барои гирифтани донишҳо, ки маҳз дар коллективи мактабҳо ва донишкадаҳои олӣ тавлид меёбанд, ҳамаҷониба дастгирӣ бояд кард. Бояд ҳангоми таҳсилу ичрои кори амалӣ дар байни ҷавонон малакаи мустақилонаи танқидӣ ҳангоми аз бар намудани донишҳои илмӣ ва муносибати интиқодӣ ба кору рафтори худ ривоҷ дода шаванд.

Ман ҳамчунин мехоҳам ба донишҷӯёнамон, ба ҳамаи ҷавонон муроҷиат кунам. Шумо дар давраи тақдирсози халқамон, дар давраи дигаргунию комёбиҳои бузург таваллуд шуда, ба камол расида ва зиндагӣ мекунед. Роҳҳои ояндадори сарнавишти бузурги шумо бароятон кушода мешаванд. Вале фаромӯш накунед, ки давраи пурҷӯшу хурӯш ба зиммаатон масъулияти бузург ҳам гузоштааст. Худи ҳоло пешгӯӣ кардан мумкин аст, ки маҳз шумо, ки ҳоло ҷавон ва пур аз қувваю умед ҳастед, бояд проблемаҳои нави мураккаби дорои хусусияти умумиҷаҳониро ҳал намоед. Шумо бояд ворисони арзандаи падаронатон, давомдиҳандагони рисолати онҳо бошед, ояндаи Ватани мо дар дасти шумост.

Ман хеле мехостам, ки шумо нисбат ба омӯзгорону устодон эҳтироми бепоён дошта бошед. Ин ҳамеша анъанаи халқи мо буд. Таълимгоҳи азизи худро дӯст доред, муаллимони худро эҳтиром кунед. Вале дар баробари ин фаромӯш накунед, ки таҳсилот фақат дар дарсхонаҳои донишгоҳ маҳдуд намешавад. Донишгоҳ фақат калиди маърифатро медиҳад. Шумо барои ҳамқадами замон шуданатон бояд дар оянда ҳам мунтазам ба мустақилона баланд бардоштани сатҳи дониш ва такмили он машғул шавед. Дар хотир доред, ки тавре Рӯдакии бузург гуфтааст, мактаби асоситарин – ин худи ҳаёт аст.

Дар хотима мехоҳам ҳамаи шумо, омӯзгорони мӯҳтарам, донишҷӯёни азизро бо ҷашни пуршарафи донишгоҳ муборакбод намуда, ба шумо тансиҳатӣ, комёбиҳо дар тарбияи ҷавонон, иқдомоти нав ба нафъи халқ, шукуфоии минбаъдаи Ватани маҳбубу зебоямонро таманно намоям.

## МУАЛЛИМ – РАВШАНГАРИ АҚЛҲО ВА ТАРБИЯТГАРИ МАЪНАВИИ МИЛЛАТ

## СУХАНРОНӢ ДАР ҶАМЪОМАДИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ОМӮЗГОРОН

29 сентябри соли 2006

**Устодони арҷманд ва омӯзгорони азиз!**
**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Шуморо ба муносибати иди касбиатон – Рӯзи муаллимон, ки 1-уми октябр таҷлил мегардад, самимона табрику муборакбод намуда, дар ҷодаи пурифтихори таълиму тарбияи насли наврасу ҷавони Ватани азизамон ба ҳамаи устодону омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф тандурустиву умри дароз, бахту саодат ва барору комёбиҳо орзумандам. Пешаи омӯзгорӣ кори пуршараф аст. Дар ҳама давру замон рисолати бузурги таълиму тарбияи насли наврас, ҳамчунин масъулияти пешоҳангӣ, раҳнамоӣ ва ҳидоятгарӣ бар дӯши омӯзгорон ва устодони соҳибтаҷриба буд.

Маҳз бо ҳидояти омӯзгорону устодон ҳамаи мо соҳиби донишу маърифат, фаросати маънавӣ ва маданияти шаҳрвандӣ гашта, моҳияти ҳаёту масъулияти ватану ватандориро шинохтаем. Аз ин хотир ҳамеша ба муаллим эҳтироми зиёд дорем, бо муҳаббату самимият номи устодони имрӯзаву собиқаро гиромӣ медорем ва аз таҷрибаи бузурги онҳо дар зиндагии худ истифода мекунем. Шумо хуб медонед, ки соли гузашта мо масъалаҳои мубрами соҳаи маорифро мавриди муҳокима қарор дода, барои бартараф кардани камбудиҳо ва беҳтар кардани сифати таълиму тарбия қадамҳои ҷиддӣ гузоштем.

Бо мақсади арзёбӣ намудани бурду бохти соҳаи маориф ва мавриди таҳлил қарор додани он аз диди талаботи имрӯза ва меъёрҳои байналмилалӣ бо кормандони соҳаи маориф

машварати умумиҷумҳуриявӣ доир намудем, ки ин ҷиҳати гузаронидани ислоҳоти минбаъда ва амалӣ намудани як силсила дигаргуниҳои мусбӣ дар соҳаи таълиму тарбия такони ҷиддӣ гардид.

Ҳадафи асосии мо аз гузаронидани ислоҳот фароҳам овардани фазои солим ва шароити мусоид барои таълиму тарбияи насли наврас, бунёди таҳкурсии мустаҳками маориф ва фарҳанг дар ҷомеа мебошад. Мо рушди соҳаи маорифро самти афзалиятноки сиёсати давлат ҳисобида, зиёд намудани маоши кормандони соҳаи маориф, баробар кардани маоши кормандони муассисаҳои томактабӣ ба дараҷаи муаллимони мактабҳои ибтидоӣ, афзун намудани маоши кормандони Академияи илмҳои педагогӣ ва институтҳои тадқиқотӣ, баланд бардоштани стипендияи донишҷӯён, тармим ва таъмири хобгоҳҳо барои донишҷӯёни ятиму бепарастор ва духтароне, ки тибқи квотаи Президентӣ таҳсил менамоянд, инчунин муқаррар намудани имтиёзҳо барои омӯзгорони ҷавон ва таъсиси Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маорифро дар муддати хеле кӯтоҳ ба сомон расондем.

Боиси хушнудист, ки имрӯз дар арафаи иди касбии муаллимон ба беҳтарин омӯзгорони кишварамон, ки дар пешрафт ва рушди соҳаи маориф саҳми арзанда гузоштаанд, нахустин ҷоизаҳоро тақдим менамоям. Дар баробари ин, Ҳукумати Тоҷикистон як қатор барномаҳо ва ҳуҷҷатҳои муҳими дигари меъёриву ҳуқуқиро қабул намуд, ки ҳар кадоми онҳо барои пешрафти соҳаи маориф муҳим ва арзишманд мебошанд. Кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки татбиқ ва иҷрои пурраи ин санадҳо ва нақшаву чорабиниҳоро таъмин намоянд. Бояд таъкид намуд, ки ба хотири баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи насли наврас ҷараёни корҳои нек оғоз шуда бошад ҳам, вале ҳоло дар ин ҷода ҳанӯз тағйироти куллӣ эҳсос намешавад. Ба коллективҳои омӯзгорӣ зарур аст, ки ин масъаларо ҳамеша дар мадди аввал қарор диҳанд, зеро низоми таълим ва раванди он пеш аз ҳама ба сифати дарс вобастагӣ дорад ва ба масъулиятшиносиву фаъолияти эҷодкоронаи омӯзгор алоқаманд мебошад.

Мову шумо хуб медонем, ки ҳазораи сеюм ва қарни XX1 давраи фарогирии технологияи иттилоотӣ дар ҷаҳони муосир мебошад. Мо ки ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошем, набояд аз он қафо монем ва таълими технологияи муосирро ҷорӣ намоем. Барои татбиқи ин ҳадаф мо алоқадри ҳол дар

муассисаҳои таълимӣ шароит ва заминаи мусоид фароҳам оварда истодаем.

Ҳар сол аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сарчашмаҳои молиявӣ барои ба мактабҳо харида додани компютерҳо маблағҳои муайян ҷудо менамоем. Барои иҷрои Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳо аз роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ тақозо мегардад, ки ҷараёни татбиқи онро таҳти назорати ҷиддӣ гиранд ва мусоидат намоянд.

Умедворем, ки дар ин кори хайр ва амалӣ гардидани барномаи компютерикунонии мактабҳо, инчунин соҳибкорон ва шахсони ҳимматбаланди кишвар низ саҳмгузор мешаванд ва ба хотири эҳтиром ва муҳаббату самимияте, ки ба муаллим ва омӯзгор доранд, ин ташаббусро дастгирӣ намуда, теъдоди компютерҳоро дар мактабҳо афзун мегардонанд. Мактаббачагон бояд дарк намоянд, ки тамоми ғамхории давлат ба хотири он аст, ки онҳо соҳиби ҷаҳонбиниву тафаккури солим, донишу маърифати мукаммал ва ахлоқи ҳамида гарданд. Барои ин зарур аст, ки ҳар як хонанда соатҳои дарсиро самаранок истифода намояд, аз сабақи устодон баҳравар шавад ва талаби онҳоро сари вақт иҷро намояд. Дар ин ҷода омӯзгорон бояд фаъолияти хонандагонро таҳти назорат гиранд, ба таълими шогирдон диққати махсус диҳанд, ки ин боиси густариши ҳамкории самарабахш, баланд шудани масъулиятшиносӣ ва сатҳи донишандӯзии талабагон мегардад.

**Дӯстони азиз!**

Ман дар ҷараёни мулоқоти худ бо сарони давлатҳо ҳамеша дар қатори масъалаҳои умдаи ҳамкорӣ, инчунин тарбияи кадрҳоро ба миён мегузорам ва аз онҳо хоҳиш мекунам, ки барои тайёр кардани мутахассисон дар мактабҳои олии кишвари хеш барои ҷавонони мо ҷойҳои иловагӣ ҷудо намоянд.

Вале, мутаассифона, сохторҳои марбута ва муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар масъалаи тайёр кардани хонандагон барои таҳсил дар хориҷи кишвар ба корҳои иловагӣ ва фаҳмондадиҳӣ чандон эътибор намедиҳанд. Ба вазоратҳои маориф ва фарҳанг, раисони шаҳру ноҳияҳо, сардорони идора ва мудирони шӯъбаҳои маориф, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, литсею гимназияҳо зарур аст,

ки аз ҳозир барои тайёр кардани довталабон шогирдони болаёқатро интихоб намоянд, барояшон шароит муҳайё созанд ва тарзи таълими онҳоро зери назорат гирифта, барои омода шуданашон ба таҳсил дар мактабҳои олии хоричи кишвар талош намоянд. Мо доир ба омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ Барномаи давлатӣ қабул намудем. Вале аз рӯйи донишу малакаи довталабон маълум мешавад, ки аз Вазорати маориф сар карда, то раёсат, шӯъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ ба татбиқи ин барнома кам таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд. Дар ин замина Вазорати маориф, сохторҳои маҳаллии он ва роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ вазифадор карда мешаванд, ки масъалаи омӯзиши забони русӣ ва англисиро таҳти назорати ҷиддӣ қарор дода, аз ҳозир барои довталабон курсҳои алоҳида, марказҳои хурди таълимӣ ва маҳфилҳои фаннӣ таъсис диҳанд.

Дар ин ҷода бояд падару модарон низ фаъол бошанд. Барои таълиму тарбияи самарабахш ва соҳибмаърифату хушахлоқ ба камол расидани насли наврас ҳамкорӣ ва робитаи пайгиронаро бо падару модарон вусъат додан зарур аст. Масъулияти падару модарон барои тайёр кардани фарзандон ба зиндагии мустақилона ва омӯзиши дастовардҳои илми муосир аз мактаб камтар нест. Аз ин рӯ, мактаби миллии имрӯзаро зарур аст, ки робитаро бо аҳли ҷомеа, бахусус падару модарон устувор намояд. Ман борҳо таъкид намудаам, ки агар падару модар ба таълими фарзанд таваҷҷӯҳ зоҳир насозад, рафтори ӯро чӣ дар мактаб ва чӣ берун аз он зери назорат нагирад, фарзандаш соҳибмаърифат, дорои донишу фарҳанги баланд ва ахлоқи ҳамида намешавад.

Аз ин рӯ, вақти он расидааст, ки волидайн масъулиятшинос бошанд, ҳамкориро бо мактаб ва омӯзгорон бештар намоянд ва қобилияти зеҳниву ахлоқии фарзандонашонро зери назорат гиранд. Ба Вазорати маориф супориш дода будем, ки дар ҳамаи шӯъбаҳои маориф ва мактабҳо шӯрои ҷамъиятӣ ташкил намуда, дар байни мактаб ва созмонҳои ҷамъиятиву ғайридавлатӣ робита барқарор созад ва фаъолияти омӯзгоронро дар ҳамкорӣ бо ин созмонҳо таҳким бахшад ва бо ин восита ба мактабу омӯзгорон ёрии амалӣ расонад. Дар ин бобат ҳоло масъулияти корӣ, истифодаи усулҳои муназзам ва муассири ҳамкориҳо ба назар намерасанд. Илова бар ин, нуқси ҷиддӣ дар таълиму тарбия фароҳам овардани фазои солими маънавию ахлоқӣ, мавҷуд набудани ҳамоҳангии зарурӣ дар байни мақомоту идораҳои масъул, шӯъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Барои пурра ҳал намудани мушкилоти мазкур моро зарур аст, ки корро дар мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷоннок намоем, ҷараёни таълимро зери назорат гирем, муносибатро бо мактабу маориф куллан тағйир диҳем, фаъолияти фарзандонро дар мактаб ва берун аз он ба танзим дарорем ва аз хурд то бузург барои омӯзишу парвариши хонандагон масъулият эҳсос намоем.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ низ усули кор бояд тағйир дода шавад. Омӯзгорон бояд ба сифати таълим ва раванди он диққати бештар зоҳир намоянд. Зеро дар ин самт гарчанде муваффақият дошта бошем ҳам, ҳанӯз баъзе камбудиҳои ҷиддӣ низ ба назар мерасанд. Мо медонем, ки дар донишгоҳу донишкадаҳои мо олимони зиёду шинохта фаъолият менамоянд, муаллимоне кор мекунанд, ки мактаби илмиву педагогӣ ташкил кардаанд ва мо бо номи ин гуна олимон ва омӯзгорон ифтихор менамоем.

Имрӯз дар зимни афзудани нуфузи техникаву технологияҳои муосир ва зиёд шудани воситаҳои гуногуни иттилоот устодону омӯзгоронро зарур аст, ки усулҳои нави таълимро интихоб намоянд ва ба донишҷӯён маълумоти бештарро пешниҳод гардонанд.

Донишҷӯи имрӯза аз нигоҳи зеҳнӣ, муҳокимаронӣ, таҳлил ва ба даст овардани маълумот аз донишҷӯёни пештара хеле тафовут доранд. Онҳо тавассути интернет ва дигар шабакаҳои маълумотдиҳӣ аз воқеа ва рӯйдодҳои дунё огоҳ мешаванд, дар муқоиса раванди тағйирпазирии ҷаҳони муосирро таҳлил менамоянд ва барои ба даст овардани маводи нави донишафзункунӣ аз техникаи электронӣ истифода мебаранд. Бинобар ин, устодони мӯҳтарам ва омӯзгорони гиромиро низ зарур аст, ки дар ин ҷода бештар аз болои худ кор кунанд, аз ҷараёни инқилобии болоравии техникаву технология ва илмҳои муосир қафо намонанд, донишу малакаи худро пайваста сайқал диҳанд. Ин тадбир маҳз аз меҳнат ва заҳмати инфиродии ҳар як омӯзгор – аз муаллими оддӣ сар карда, то академику профессор вобаста мебошад.

Мо имрӯз аз дастовардҳои даврони истиқлолият ифтихор менамоем ва талаботро ба соҳаи маориф боз ҳам бештар мегардонем. Бинобар ин устодону омӯзгоронро зарур аст, ки ба кори таълиму тарбия диққати бештар диҳанд ва сифати таълимро нисбат ба дирӯза беҳтар намоянд. Мову шумо дар асри XXI зиндагӣ дорем ва илму техника, технологияи муосир бо суръати кайҳонӣ пеш меравад. Дар

чунин шароит бояд фарзандонамон аз қатораи асри нав қафо намонанд, бо асосҳои илму дониши замонавӣ мусаллаҳ гарданд, дар баробари забони модарӣ якчанд забонро донианд, бо техникаву технологияи ҳозиразамон муносибат карда тавонанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ман борҳо таъкид кардаам, ки муаллим равшангари ақлҳо ва тарбиятгари маънавии миллат мебошад. Имрӯз низ бо муҳаббат ва эҳтироми хос такрор мекунам, ки мо бояд омӯзгоронро дӯст дорем, хидмати онҳоро қадр намоем ва хуб донем, ки маҳз муаллимон метавонанд, калиди донишро ба шогирдон тақдим кунанд ва онҳоро дар рӯҳияи ватандориву ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд ва дар дилашон эҳсоси меҳнатдӯстӣ, заҳматкашӣ ва донишандӯзиро ҷой созанд. Дар айни замон дастовардҳои муаллимони мо на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он низ мавриди омӯзишу баҳрабардорӣ қарор мегирад.

Онҳо дар конфронсҳои бонуфузи байналмилалии илмӣ Тоҷикистонро муаррифӣ менамоянд, усул ва роҳҳои раванди ислоҳоти иҷтимоию иқтисодиро дар кишвар дастгирӣ мекунанд ва таҷрибаи андӯхтаи хешро ба шогирдонашон меомӯзонанд.

Имрӯз дар низоми таълим ва ислоҳоти соҳаи маориф дигаргуниҳо ба вуқӯъ мепайванданд ва дар қиёси солҳои гузашта як қатор дастовардҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Аммо дар шароити кунунии пешрафти илму техника ин дастовардҳо басанда нестанд. Ҳоло мактабҳои миёна ва донишгоҳу донишкадаҳои олӣ бояд намунаи маданияти волои иҷтимоӣ, маркази тарбияи маърифати баланди шаҳрвандӣ ва ахлоқи ҳамида бошанд. Мо бояд ба беҳбудии сифати таълими фанҳои гуманитариву ҷомеашиносӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намоем ва дар баробари ин ба рушди илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ диққат диҳем. Шумо хуб огоҳ ҳастед, ки дар кишвар бунёди чандин иншооти азим моро интизор аст ва сохтмони баъзеи онҳо аллакай оғоз гардидааст. Барои дар оянда ин иншоотҳоро ба кор андохтану истифода бурдан қабл аз ҳама ба кишвар мутахассисони болаёқат зарур мешаванд. Аз ин рӯ, мо бояд тарзи таълими илмҳои дақиқ ва табиатшиносиро мукаммалтар намоем, дар соҳаҳои инженерӣ, сохтмон, роҳсозӣ, нақбканӣ, энергетика ва дигар

ихтисосҳое, ки ба шароит, муҳити ҷумҳурӣ ва бозори меҳнат мувофиқ мебошанд, таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир созем. Аз ин лиҳоз, мо ду донишкадаи нав таъсис додем, ки бевосита ба самти пешрафти оянда нигаронида шудаанд.

Бояд гуфт, ки мутахассиси имрӯза бо илму дониши навтарин мусаллаҳ ва аз техникаву технологияи муосир огоҳӣ дошта бошад ва на камтар аз ду-се забонро дар сатҳи баланди касбӣ аз бар намояд. Ин талаботи имрӯзаи давлат ва ҳукумат аз муассисаҳои таълимӣ мебошад. Агар мо ба сифати таълими кадрҳо таваҷҷӯҳ зоҳир накунем, сатҳи касбии мутахассиси ояндаро баланд набардорем ва онҳоро бо маълумоти мукаммали замонавӣ мусаллаҳ насозем, рушди устувори ояндаи кишварро таъмин намудан номумкин аст.

Бинобар ин мо аз Вазорати маориф ва дигар вазорату идораҳое, ки дар тобеияташон муассисаҳои таълимӣ доранд, талаб мекунем, ки ба раванди таълим беҳбудӣ бахшанд, барои таҳкими заминаи моддиву техникии онҳо ёрии амалӣ расонанд ва ҷараёни таълимро ба низоми муайяну мушаххас ва самарабахш ворид созанд.

Ман борҳо доир ба эҳтиром ва арзиши забони тоҷикӣ изҳори ақида намудаам ва боз таъкид мекунам, ки ин забонро, ки мероси пурғановати миллати кӯҳанбунёди мо мебошад, чун гавҳараки чашм нигоҳ дорем ва онро инкишоф диҳем. Дар ин ҷода одоби забондонӣ, тарзи гуфтор ва дурӣ ҷустан аз шеваву лаҳҷаҳо боиси рушди забони модарии мо хоҳад гашт. Мо дар ин замина аз омӯзгорон хоҳиш менамоем, ки сарфи назар аз ихтисоси худ ба забони шевои адабӣ гап зананд, аз лаҳҷаҳо дурӣ ҷӯянд ва кӯшиш намоянд, ки шогирдонашон низ бо забони ноби тоҷикӣ сухандон шаванд ва ба ширингуфториву нозукбаёнӣ одат кунанд ва дар рӯҳияи эҳтиром гузоштан ба забони миллӣ тарбия ёбанд.

**Устодони азиз ва омӯзгорони арҷманд!**

Имрӯз мо ба муносибати иди касбии шумо, ки донишу заковат ва гармии дили худро ба фарзандон ва наслҳои оянда мебахшед, ҷамъ омадаем. Маҳз муаллим барои инсон роҳи донишу маърифатро мекушояд ва ба ҷаҳони ботинии шогирдон тухми ақлу хирад мепошад. Бар асари заҳмати устодон боғи маърифат ва ҷаҳони маънавии наврасону ҷавонон бор оварда, ҷомеа боз ҳам рушду камол меёбад. Мо тамоми таҒйироти иҷтимоиву маънавии ҷомеаро бо номи шумо – муаллимону устодони азиз, пайванд медонем ва

шуморо бовар мекунонем, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ дар оянда низ барои рушди соҳаи маориф таваҷҷӯҳи бештар зоҳир менамояд. Вазифаи давлат аз он иборат аст, ки аҳли ҷомеаро ба мактаб ҳидоят намояд, омӯзгоронашро қадр кунад ва барои рушди бемайлони соҳаи таълим шароит фароҳам оварад. Мо дар ин кори хайр ва амали шоиста қадамҳои ҷиддӣ гузоштаем ва дар оянда низ барои рушди бемайлони соҳаи маориф корҳои назаррасро ба анҷом хоҳем расонид.

Бори дигар кулли муаллимони ҷумҳурӣ ва шумо – устодони азизу арҷмандро бо фарорасии иди касбиатон аз самими дил табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо тани сиҳат, хонаи обод, файзу эҳсон ва саодатмандиву фирӯзиро орзумандам.

Ба шумо – устодону омӯзгорони азиз, барору сарбаландӣ мехоҳам ва умед дорам, ки шогирдонатонро бо шӯру шавқи дучанд дар рӯҳи эҳтиром ба Ватан тарбия мекунед, дар зеҳни онҳо номи муқаддаси Тоҷикистон, Нишон, Парчам ва Суруди миллиро ҷой менамоед ва чун ворисони сазовор ба бунёдкориву созандагӣ раҳнамун месозед. Эътимоди комил дорам, ки бо ёрӣ ва дастгирии шумо мо раванди таълимро ҳадафрасу дигаргун месозем, низому сифати таълимро беҳтар менамоем, шогирдони бомаърифату соҳибмаълумотро ба камол мерасонем ва ба ҳадафҳои неки ислоҳоти маориф ва ташаккули мактаби миллӣ ноил мешавем. Дар ин ҷода ба шумо барору комёбиҳои беназирро орзумандам.

**Саломату хушбахту пирӯз бошед, омӯзгорони арҷманд!**

**Салому дуруду паём ва эҳтироми амиқи маро ба ҳампешагони худ расонед!**

Иҷозат диҳед, дар ҳузури шумо ба нахустин муаллимоне, ки сазовори Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф гардидаанд, нишони сарисинагӣ ва дипломро тақдим намоям ва ба беҳтарин омӯзгороне, ки дар пешрафти соҳа корҳои шоиста ва ибратбахшро ба анҷом расондаанд, тӯҳфаҳои хотиравӣ супорам.

Умед дорам, ки дар оянда низ сафи чунин омӯзгорон бештар мегардад ва таҷрибаи онҳо дар ҷумҳурӣ густариш ёфта, барои рушди ин соҳа заминаи хубе фароҳам меоварад.

**Ташаккур!**

**Саломату сарбаланд бошед!**

# ҲАДАФИ АСОСӢ АЗ БУНБАСТИ КОММУНИКАТСИОНӢ РАҲОӢ ДОДАНИ ТОҶИКИСТОН АСТ

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ ОҒОЗИ СОХТМОНИ ТУННЕЛИ "ШАРШАР"

20 октябри соли 2006

**Ҳамдиёрони азиз!**
**Меҳмонону бунёдкорони мӯҳтарам!**

Шуморо ба муносибати оғози сохтмони нақби Шаршар, ки он барои Тоҷикистон аҳамияти бузурги иқтисодиву ичтимоӣ ва байналмилалӣ дорад, табрику муборакбод мегӯям. Мо дар Тоҷикистон қадру қимати роҳу роҳсозиро ҳамеша хуб эҳсос менамудем. Вале танҳо дар даврони истиқлолият бо татбиқ намудани як қатор барномаҳо доир ба рушди соҳаи нақлиёти кишвар, махсусан бо суръати тоза бахшидан ба бунёди роҳу пулҳои дорои аҳамияти дохилӣ ва байналмилалӣ муваффақ шудем, ки барои аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон заминаи қавӣ гузорем.

Дар чаҳорчӯби ин барномаҳо ба истифода дода шудани роҳи оҳани Қӯрғонтеппа- Кӯлоб, роҳи мошингарди Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қароқурум, се пул миёни Тоҷикистону Афғонистон, хотима ёфтани корҳои асосии сохтмонӣ дар нақби мошингарди "Истиқлол", бунёди туннели "Шаҳристон", таҷдиди роҳи Душанбе-Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, идомаи босуръати таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Нуробод-Ҷиргатол-Саритош, азнавсозии шоҳроҳи Душанбе-Айнӣ-Истаравшан-Хуҷанд-Бӯстон-Чанак ифодаи татбиқи воқеии ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Тоҷикистон мебошад.

Ҳамчунин дар ояндаи наздик оғози сохтмон ва азнавсозии боз як қатор иншооти ниҳоят муҳим, аз ҷумла нақби "Чормағзак", роҳи Дӯстӣ - Панҷи Поён, қитъаҳои Кӯлоб-Шӯрообод, Душанбе - Вахдат - Норак – Данғара - Қӯрғонтеппа - Қумсангир, Кӯлоб - Қалъаи Хумб ва дигар иншооти инфраструктурӣ дар назар дошта шудааст, ки дар муддатҳои кӯтоҳтарин амалӣ хоҳанд гашт.

Махсусан дар кӯҳсорони душворгузари Тоҷикистон кандани нақби мошингарди "Истиқлол" орзуи чандинасраи мардуми кишвар буд ва он, бешубҳа, аз дастовардҳои бузурги марҳилаи кунунии рушди Тоҷикистон аст. Баъди пурра ба истифода додани нақби мазкур нақлиёт ин қитъаи душворгузари роҳро ба ҷойи ду соат дар 10 дақиқа тай хоҳад кард. Афзалияти дигари нақби Анзоб он аст, ки робитаи маркази кишварро бо шимоли Тоҷикистон дар тамоми фаслҳои сол имконпазир намуда, заминаи қавии иқтисоди воҳид ва баҳампайвасти миллӣ хоҳад шуд. Бояд зикр кард, ки мо дар тӯли 7 соли охир дорои мутахассисони зиёди нақбкан ва корозмудаи ватанӣ гардидем, ки онҳо дар оянда метавонанд ҷиҳати бунёди нақбҳои Шаршар, Шаҳристон ва Чормағзак саҳми шоиста гузоранд.

Аз ин рӯ, роҳсозиву роҳкушоӣ, қабл аз ҳама ба густариши робитаҳои тиҷоратӣ, ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, вусъати ҷаҳонбинӣ ва фарҳангӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, дӯстӣ, инчунин ба боло рафтани сатҳи зиндагии мардум мусоидат менамояд. Мову шумо огаҳем, ки 93 фоизи қаламрави Тоҷикистон кӯҳистон буда, 94 фисади ҳамлу нақли молу маҳсулот ва рафтуомади мардум дар дохили кишвар тавассути нақлиёти автомобилӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, бунёди роҳу нақбҳои мошингузари муосир дар кишвари кӯҳистони мо амри зарурӣ ва ҳаётист.

Роҳи мазкур низ аз минтақаи баландкӯҳу душворгузар ва нишебу фарозҳои сангин мегузарад. Дар фаслҳои баҳору тирамоҳ ва зимистон дар ин қисмати роҳ боришоти зиёд рух медиҳад ва бар асари фурӯравии замин, омадани сел ва фаромадани тарма роҳ муддатҳои тӯлонӣ банд гардида, барои ҳаракати нақлиёт мушкилоти бисёреро эҷод менамояд. Дар таърихи ин қисмати роҳ дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ садҳо нафар шаҳрвандони мо қурбон шудаанд.

Ҳамзамон, солҳои охир тавассути ин роҳ ҳаҷми ҳамлу нақли бор чандин маротиба афзудааст, ки дар ҷумҳурӣ нишондиҳандаи аз ҳама болотарин мебошад. Ғайр аз ин, ба иллати афзоиши ҳаҷми ҳамлу нақл ва таъсири офатҳои табиӣ

роҳи мазкур барои таъмир ҳамасола ба маблағҳои зиёд ниёз дорад. Бинобар ин, бунёди нақби Шаршар дар ин минтақа амри зарурӣ ва таъхирнопазир дониста шудааст. Ҳадафи асосии мо аз бунёди ин нақб пеш аз ҳама ба стандартҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои муосир мутобиқ намудани роҳҳо, таҳвили осони молу маҳсулот, омадурафти мусофирон, сарфаи вақт, сӯзишворӣ, таъмини мунтазами ҳамасолаи ҳаракати воситаҳои нақлиёт, кӯтоҳ намудани фосилаи ҳаракати автомобилӣ байни минтақаҳои ҷанубу шимоли мамлакат ва хориҷи кишвар ва дар натиҷа аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ додани Тоҷикистон мебошад. Мувофиқи лоиҳаи таҳия ва тасдиқшуда нақби мазкур дар асоси Созишномаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин сурат гирифта, аз ҳисоби кӯмаки дӯстона ва бебозгашти ин ҳамсояи бузурги шарқии мо – бунёд мегардад. Арзиши лоиҳавии он беш аз 118 миллион сомонӣ ва маблағи умумии сохтмони роҳҳои ду тарафи нақб, зиёда аз 12 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Иҷрои ҳамаи корҳоро дар бобати ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани сохтмони нақб ва кушодани роҳ Ширкати муҳандисии "Корпоратсияи роҳҳои оҳани Чин" бо ҷалби мутахассисону коргарони маҳаллӣ ба зимма гирифтааст. Тибқи мушаххасоти лоиҳаи мазкур дарозии туннел 2 ҳазору 235 метри тӯлонӣ буда, дар як вақт ба воситаи он аз ҳар ду тараф як қаторӣ мошинҳо ҳаракат карда метавонанд. Ҳамчунин дарозии роҳҳои ба нақб пайвастшавандаи қисмати шимолӣ 3,5 километр ва қисмати ҷанубӣ 1,5 километрро ташкил хоҳанд дод. Дар дили кӯҳ нақб кандан ва роҳи зеризаминӣ сохтан кори ниҳоят сангину душвор буда, дар кандани ҳар як ваҷаб нақб ва кушодани ҳар як қадам роҳ паси сар кардани садҳо мушкилот пеш меояд. Бо вуҷуди ин, мӯҳлати ба анҷом расидани сохтмони нақби мазкур 34 моҳ муқаррар гардидааст. Баъди ба истифода додани нақби мазкур вақти гузариши ин масофаи роҳ як соат кӯтоҳ мегардад. Нақби Шаршар қисми таркибии шоҳроҳҳои байналмилалии мошингарди Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Кулма ва Душанбе-Айнӣ-Истаравшан-Хуҷанд-Бӯстон-Чанак буда, бо бунёд шудани он дар ояндаи наздик шароити мусоиде фароҳам меояд, ки тамоми фаслҳои сол ҳам дар дохили кишвар ва ҳам бо давлатҳои ҳамсоя ҳаракати нақлиёти автомобилӣ таъмин гардад. Бояд тазаккур дод, ки чанде пеш дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин азнавсозии

шоҳроҳи Душанбе-Айнӣ-Истаравшан-Хуҷанд-Бӯстон-Чанак ва сохтмони нақби Шаҳристон оғоз ёфтанд.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои созандаи сиёсиву иқтисодии кишварҳои мо бо иштироки мутахассисони чинӣ чанд рӯз пештар сохтмони хатҳои баландшиддати интиқоли барқи "Ҷануб - Шимол" ва "Лолазор - Хатлон" низ шурӯъ гардиданд.

Ин амр аз равобити судманд ва созандаи мо бо кишвари бузурги дӯсту ҳамсоя шаҳодат медиҳад. Мардуми Тоҷикистон аз ин иқдоми нек, ки намунаи ҳусни ҳамҷаворист, сипосгузор аст. Ҳоло дар Тоҷикистон фазои мусоиди ҳамкории инвеститсионӣ мавҷуд аст. Мо ҷонибдори онем, ки бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҳама арсаҳо, аз ҷумла дар бахшҳои иқтисод, иттилоот, илм ва техника ҳамкориҳои дуҷонибаи судмандро рушду густариши тоза бахшем.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз дар пойгоҳи нақби Шаршар коргарону сохтмончиён, муҳандисону роҳсозон, нақбканону васлгарон ва мутахассисони соҳаҳои мухталифи техникӣ гирд омадаанд, ки бо азми қавӣ ба бунёди он шурӯъ намоянд.

Итминони комил дорам, ки ҳамаи шумо, бунёдгарони шӯҳратёри мо сохтмони ин иншооти тақдирсозро дар мӯҳлатҳои муқарраргардида бо сарбаландӣ ба анҷом хоҳед расонд.

Бори дигар шуморо ба муносибати оғози сохтмони нақби Шаршар табрик гуфта, ба ҳамаи мардони майдони кор сари баланд, дасту бозуи қавӣ, тани сиҳат, азму иродаи матин ва дар амалӣ гаштани ин нияти неку созанда кушоишу барори кор орзумандам!

**Пирӯзу саодатманд бошед!**

## ПАЁМИ ТАБРИКӢ
## БА МУНОСИБАТИ ИДИ САИДИ ФИТР

23 октябри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо бо иди саиди Фитр, ки бо хатми моҳи шарифи Рамазон, яъне моҳи ибодату риёзат пагоҳ фаро мерасад, табрик мегӯям. Иди Фитр яке аз суннатҳои дерину мӯътабари мардуми мо ва тамоми мусулмонони ҷаҳон буда, дар зарфи як моҳи риёзат ҳама онро бо таҳаммул ва тавозӯи хоса интизор мешаванд ва фарорасии ин рӯзи муборакро бо хушҳолии зиёд ҷашн мегиранд.

Моҳи Рамазон моҳи раҳмат ва мағфират буда, мӯъминонро ба арзишҳои ҷовидонаи башарӣ, ба монанди некӣ, шафқат, муҳаббат ва иззату эҳтироми якдигар ҳидоят менамояд. Он беҳтарин мактаби одамият ва худсозӣ аст ва дар ин давра мусулмонон бо фазилатҳои ҳамида, аз ҷумла сабру таҳаммул, меҳрубониву самимият, адолату баробарӣ, хайру саховат, омурзиши гуноҳҳо ботину зоҳири худро поку озода мегардонанд. Моҳияти аслии рӯза доштани ҳар бандаи мӯъмину мусулмон низ аз ҳамин рукнҳо иборат аст. Рӯза яке аз рукнҳои панҷгонаи бинои мусулмонӣ ва аз фаризаҳои асосии ислом буда, аслан маънои худдорӣ аз хӯрдан ва нӯшиданро аз субҳ то шом ифода месозад ва ба истилоҳи фалсафаи динӣ ибодатест, ки инсон бо нияти нек ва иродаи мустаҳкам худро озмоиш намуда, ба боргоҳи Худованди мутаол наздикӣ ҷӯяд ва дар ниҳоят ҳақро шиносад. Бо дарки ин маънӣ донишмандон динро ақл гуфтаанд. Дини мубини ислом дар зоти худ ҳамчун як дини барҳақ ва маърифату ахлоқ шинохта шудааст, ки бо ҷавҳари адолату башардӯстӣ, сулҳпарварӣ ва ойини покиву озодагӣ ва накӯхоҳӣ сарчашмаи эътиқод, имон ва раҳоиш мебошад.

Дар баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва таъсиси пояҳои нахустини давлати миллӣ дар кишвари мо

ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар заминаи густариши институтҳои шаҳрвандӣ тавсеа ёфт. Бахусус муносибати давлат ба дин бар асли озодии виҷдон бунёд гардид. Маҳз дар доираи озодии виҷдон ва эҳтиромӣ эътиқодот ҷаҳонбинии инсонҳо муайян мешаванд ва он аз шинохти тамаддун, таърих ва асолати маънавии ҳаёт сарчашма мегирад.

Ба ҳама маълум аст, ки масҷид хонаи Худо буда, ибодатгоҳ ва сарчашмаи ахлоқи нек ва фарҳанги инсондӯстӣ мебошад. Дини ислом таблиғгари мактаби одамият аст. Бояд мавқеъ ва нақши созандаи фарҳанги исломӣ барои беҳдошт ва рушди ҷомеа нигаронида шавад. Аз ин нуктаи назар бояд аҳли рӯҳонияти кишвар ба тарғиби арзишҳои олии умумибашарӣ кӯшиш карда, ба масъалаҳои тарбияи оилавии фарзандон ва ба роҳи нек ҳидоят кардани аҳли ҷомеа ҳамеша таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд. Асоси зербинои дини мубини исломро фарҳанги шинохти илоҳӣ ва инсонӣ ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти ин, ниёгони мо ҳанӯз дар замони Сомониён фарҳанги башардӯстонаи Қуръони каримро дарк намуда, ин китоби муқаддасро ба забони дарии тоҷикӣ тарҷима намудаанд, то ки қалбҳои мардуми фарҳангпарвар ва тамаддунсози тоҷикро тасхир намояд. Бо амри вазири Сомониён Абулфазли Балъамӣ Қуръони азимушшаънро донишманди бузург Ҷарир ибни Табарӣ тарҷима кардааст ва бо фатвои фақеҳону муфтиён хондани намозро бо забони тоҷикӣ иҷозат додаанд, ки ин кор нуфузи забони миллии мардуми моро афзуд ва асолати фарҳангии онро то имрӯз нигоҳ дошт.

Ҳамин далели мӯътамад кофист, ки бо омӯзиши пайвастаи каломи раббонӣ дар адабиёти оламшумул ва таърихи ғанӣ тоҷикон равияҳои ирфонӣ эҷод гардида, дар ин замина олимон ва шоирон асарҳои зиёди фалсафӣ, тафсиру ташреҳи оятҳои қуръонӣ, фиқҳу фатво, суннату ҳадис ва илмиву адабиро офаридаанд.

Чунончӣ борҳо таъкид доштем, бо дарназардошти ҳамин омилҳои таърихиву фарҳангӣ дар даврони истиқлолият мо Қуръони каримро ба забони тоҷикӣ бо хатти кириллӣ интишор додем, то ки мардуми кишварамон аз фармудаҳои Парвардигор ва фарҳанги исломӣ ба таври васеъ бархурдор бошанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Бузургтарин амали савоб ва накӯ дастгирӣ кардани маъюбону ятимон, пиронсолону дармондагон ва оилаҳои камбизоат аст. Чунонки Худованди мутаол дар сураи "Нисо"

мефармояд: "Худойро бипарастед ва ҳеҷ чиз шарики ӯ масозед ва ба падару модар ва хешовандону ятимон ва мискинону ҳамсояи хешованд ва ҳамсояи бегона ва ёри мусоҳибу мусофири раҳгузар… некӣ ва ёрӣ кунед".

Аз ин рӯ, дар арафа ва рӯзҳои ид ба мӯҳтоҷон ба андозаи имкон расонидани кӯмаки моддӣ беҳтарин фазилати иди саиди Фитр мебошад. Бо истифода аз фурсати муносиб дар баробари зикри фазилатҳои ид мехоҳам хотирнишон намоям, ки Тоҷикистони азизи мо ҳоло дар марҳилаи бунёдкориҳои азим ва дар остонаи чорабинии муҳими сиёсӣ – интихоби Президенти худ қарор дорад.

Дар чунин айём аз ҳар фарди ватандӯсту ватанпарвари кишвар тақозо мегардад, ки дар баробари бо ташаббусҳои наҷиб ва меҳнати содиқонаву софдилона дар ободиву шукуфоии Ватан саҳм гирифтан, инчунин бо дарки масъулияти шаҳрвандӣ дар интихобот иштироки фаъолона дошта бошанд. Бояд таъкид намуд, ки нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон аз сатҳи баргузории интихобот вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳар фарде, ки обрӯи Тоҷикистонро қимат медонад, бояд кӯшиш намояд, ки интихобот дар доираи қонун, озод, шаффоф, муташаккилона ва бе ягон мамониат баргузор гардад. Дар баробари ин, онҳо бо истифода аз ҳуқуқҳои конституцсионии худ дар интихоби номзади Президент озод мебошанд.

Аз ин нуктаи назар бояд интихобот ба омили муттаҳидкунандаи тамоми нерӯҳои сиёсии мамлакат табдил ёфта, ба таҳкими бештари ваҳдати миллӣ мусоидат намояд.

Бо ҳамин ниятҳои нек бори дигар ҳамаи шуморо ба муносибати иди Фитр самимона табрик гуфта, бароятон рӯзгори ободу осуда, покии дил ва имони комил орзумандам.

**Иди саиди Фитр муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# МИНТАҚАРО БО НЕРӮИ БАРҚИ АРЗОН ТАЪМИН НАМОЕМ

## СУХАНРОНӢ ДАР КОНФРОНСИ ДУВВУМ ОИД БА ФУРӮШИ НЕРӮИ БАРҚ МИЁНИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ

Варзоб, 27 октябри соли 2006

**Меҳмонони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Қабл аз ҳама, шумо – меҳмонони олиқадрро, ки барои ширкат дар кори Конфронси дуввум оид ба фурӯши минтақавии нерӯи барқ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ба Тоҷикистон ташриф овардаед, хайра мақдам мегӯям.

Кишвари мо, ки дар оғози истиқлолият марҳалаи ниҳоят душвори таърихи навини худро паси сар намуд, ҳоло дар даврони таҳвияти суботи иқтисодиву сиёсӣ, таҳкими дастовардҳои истиқлолияти миллӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум қарор дорад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо давлат ва Ҳукумати мамлакат ҳамаи тадбирҳои заруриро доир ба густариши ислоҳоти иқтисодӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва бо ҳамин роҳ паст намудани сатҳи камбизоатӣ мунтазам амалӣ карда истодааст. Тоҷикистон ҳамчунин кӯшишу талош дорад, ки дар ин самт ҳамаи имкониятҳои воқеӣ, аз ҷумла захираҳои табиӣ ҳарчи бештар ва самаранок истифода бурда шаванд. Кишвари мо дорои захираҳои бузурги энергетикӣ мебошад: мутобиқи натиҷаҳои таҳқиқоти давомдори мутахассисон захираҳои умумии ангишт, масалан, 5 миллиард тоннаро ташкил мекунад, ки истихроҷ ва коркарди онҳо омили пешрафти босубот ва самти муҳими ҳамкории босамар аст. Мо вазифадорем истифодаи ин захираҳо ва манбаъҳои дигари нерӯро оқилона ва дар тавозуни оптималӣ барои истеҳсоли

барқ, гармӣ, бухор, таъмини шароити муосири зиндагии мутамаддин дар тамоми минтақаҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо васеан ба роҳ монем ва дар ин самт ҳамкориро вусъат бахшем.

Имконоти гидроэнергетикӣ аз ҷумлаи захираҳои амалан беохир ва такроран тавлидшаванда ва ниҳоят арзони табиӣ дар сатҳи ҷаҳон мебошад. Захираҳои гидроэнергетикии кишвари мо азим буда, таҷрибаи зарурии истифодаи онҳо низ ташаккул ёфтааст ва такмил меёбад. Ва мо саъй дорем, ки дар ҷараёни истифодаи ин захираҳо на танҳо манфиатҳои миллӣ, балки манфиатҳои минтақавӣ ва глобалӣ низ дар мадди назар бошанд. Ва онҳо амалан омили рушди ҳамкории судманд гарданд. Таъкидан бояд зикр кард, ки азхудкунӣ ва истифодаи босамари захираҳои бузурги энергетикӣ барои мо вазифаи заруртарин ва ҳаётист. Аҳамият ва миқёси ин вазифаро метавон танҳо бо чораҳое, ки кишварҳои дигар оид ба истихроҷ ва истифодаву фурӯши нафту гази дар қаламрави онҳо мавҷудбуда амалӣ менамоянд, қиёс кард.

Таҳлили афзалиятҳои рушди ҷомеаи башарӣ нишон медиҳад, ки дар марҳалаи кунунии тараққиёти инсоният асоси ҳама гуна пешрафт манбаи нерӯ мебошад. Бинобар ин, масъалаи ҷустуҷӯ ва истифодаи сатҳи муосири захираҳои гуногуни он проблемаи глобалӣ мебошад, ки тақдири тамоми башариятро муайян мекунад. Мо ҳамагон хуб медонем, ки маҳдудшавии рӯзафзуни захираҳои нафт, газ ва қисман ангишт ва маводи гуногуни табиӣ сабабгори нигаронии ҷиддии ҳамаи кишварҳо гардидааст. Зиёда аз он, ин масъалаи амалан бӯҳронии глобалӣ метавонад омили шиддати зиддияту барҳурдҳо гардида, амнияту суботи байналмилалиро ҷиддан халалдор созад.

Бо дарназардошти ин тамоюлот ҳамаи кишварҳо бояд барои густариши пайгири ҳамкории васеи энергетикӣ ба манзури рушди ҳамагонӣ, амният ва субот талоши созанда ва фаъол намоянд.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Чунонки шумо медонед, конфронси нахустин оид ба фурӯши барқ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ моҳи майи соли ҷорӣ дар шаҳри Исломободи Ҷумҳурии Исломии Покистон баргузор гардида буд. Ширкаткунандагони он ба як қатор натиҷаҳои умедбахш ноил шуда буданд.

Изҳори омодагии Ҷумҳурии Исломии Покистон барои воридоти нерӯи барқ бо иқтидори то 4000 мегаватт аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва бунёди хати интиқоли нерӯи барқ аз Тоҷикистон тавассути Кобул ба Пешовар аз ҷумлаи онҳо зикршуда буда, оид ба роҳҳои ҳалли ин масъала намояндагони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба мувофиқа расида буданд. Дар ин робита ва бо истифода аз фурсати муносиб мехоҳам шуморо бо дурнамои рушди энергетикаи Тоҷикистон ва нерӯи содироти барқи кишвари мо ба таври мухтасар шинос намоям. Захираҳои бузурги энергетикӣ ва обҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза бо дарназардошти сатҳ ва тамоюлҳои истифодаи онҳо дар арсаи ҷаҳонӣ аз ояндаи дурахшони Тоҷикистон дарак медиҳанд. Кишвари мо аз рӯйи захираҳои энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ дар ҷойи аввал меистад: ҳаҷми умумии солонаи онҳо 527 миллиард киловатт/соатро ташкил медиҳад, ки беш аз нисфи захираҳои умумии энергетикии Осиёи Марказӣ мебошад. Вале иқтидори умумии нерӯгоҳҳои амалкунандаи барқи обии имрӯз ҳамагӣ 4070 мегаваттро ташкил медиҳад. Яъне фақат 3,2 фоизи захираҳои гидроэнергетикии кишвар тавассути нерӯгоҳҳои барқи обие, ки асосан дар дарёи Вахш сохта шудааанд, мавриди истифода қарор доранд. Дар ин самт яке аз хусусиятҳои муҳими Тоҷикистон аз он иборат аст, ки дар ҳудуди он барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ шароити беҳтарини табиӣ ва аз нигоҳи иқтисодиву инженерӣ мусоид фароҳам мебошад. Мувофиқи нақшаҳои мавҷуда дар дарёи Вахш бояд силсилаи иборат аз 9 нерӯгоҳи барқи обӣ вуҷуд дошта бошад, ки иқтидори умумии онҳо бояд 9195 мегаваттро ташкил диҳад.

Ҳоло дар ин дарё 5 нерӯгоҳи барқи обӣ бунёд гардидааст, ки онҳо дар як сол зиёда аз 15 миллиард киловатт/соат қувваи барқ истеҳсол мекунанд. Бузургтарин нерӯгоҳи барқи обии Тоҷикистон – Норак дорои 9 турбина ва иқтидори 3000 мегаватт мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли солонаи нерӯи барқ дар ин нерӯгоҳ ба ҳисоби миёна зиёда аз 11 миллиард киловатт/соатро ташкил медиҳад.

Дар марҳалаи кунунӣ дар Тоҷикистон якчанд лоиҳаи ниҳоят муҳим ва ояндадор амалӣ шуда истодааст. Яке аз онҳо ба охир расонидани навбати аввали нерӯгоҳи "Роғун" мебошад. Иқтидори лоиҳавии ин нерӯгоҳ 3600 мегаватт буда, то имрӯз ба маблағи 804 миллион доллари амрикӣ корҳои

сохтмонӣ ба анҷом расонида шудаанд ва маблағи иловагӣ барои бунёди пурраи он беш аз 2 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Мо тасмим гирифтаем, ки аз соли 2007 сохтмони ин нерӯгоҳро бо маблағҳои ҷумҳуриявӣ шурӯъ намоем ва вусъат бахшем. Лоиҳаи дигар – нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» аст, ки иқтидори он ба 670 мегаватт баробар мешавад. Ҳукумати Федератсияи Русия барои идомаи корҳои сохтмонӣ ва ба истифода додани ин нерӯгоҳ ба маблағи 250 миллион доллари амрикоӣ саҳмгузорӣ намуд. Кишвари мо низ саҳми муҳим дорад. Қобили таъкид аст, ки корҳои сохтмонӣ ва техникиву технологӣ дар ин нерӯгоҳ босуръат идома доранд ва мо умедворем, ки он дар мӯҳлати муайяншуда муваффақона мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

Боз як лоиҳае, ки ба таври муназзам татбиқ шуда истодааст, нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» мебошад, ки иқтидори лоиҳавии он 220 мегаваттро ташкил медиҳад. Сохтмони ин нерӯгоҳ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Исломии Эрон амалӣ шуда истодааст, мувофиқи нақша моҳи апрели соли 2009 ба анҷом мерасад. Бояд гуфт, ки дар сурати ба истифода додани нерӯгоҳҳои барқи обии "Роғун", "Сангтӯда-1" ва "Сангтӯда-2" истеҳсоли солонаи нерӯи барқ ба 31-33 миллиард киловатт/соат мерасад. Яъне амалӣ намудани нақшаҳои мавҷуда имкон медиҳад, ки талаботи иқтисоди Тоҷикистон ба нерӯи барқ пурра қонеъ гардонида шуда, барои содироти он имконияти васеъ ба вуҷуд ояд.

Бо вуҷуди ин, бо татбиқи барномаи сохтмони онҳо ҳамагӣ 5-7 фоизи захираҳои гидроэнергетикии мо мавриди истифода қарор гирифта, захираҳои азим боқӣ хоҳанд монд. Мувофиқи ҳисоби мутахассисон дар солҳои анҷомёбии сохтмони нерӯгоҳҳои зикршуда талаботи мамлакат ба қувваи барқ дар як сол 23-25 миллиард киловатт/соат ва ҳаҷми зиёдатии он 8-10 миллиард киловатт/соатро ташкил хоҳад дод. Ва табиист, ки ин дурнамо бевосита барои ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад.

Ҳангоми муайян намудани самтҳои ҳамкорӣ мо бояд махсус ба инобат гирем, ки танҳо талаботи Ҷумҳурии Исломии Покистон ба қувваи барқ то 4000 мегаваттро ташкил медиҳад, ки ин дар як сол ба 30 миллиард киловатт/соат баробар аст. Дар солҳои оянда ин талабот хоҳад афзуд. Ғайр аз ин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва умуман минтақаҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Ғарбӣ, ҳамчунин ноҳияҳои ҳаммарзи Осиёи Шарқӣ

ба қувваи барқ эҳтиёҷи рӯзафзун доранд. Бинобар ин моро лозим аст, ки барои қонеъ намудани талаботи кишварҳои номбаршуда бо дарназардошти имкониятҳои энергетикии Тоҷикистон барои зиёд намудани истеҳсоли барқ ҳамкории худро вусъат диҳем. Ҳоло ҷиҳати истифодаи ҳарчи бештари захираҳои гидроэнергетикии дарёҳои кишвари мо лоиҳаи як силсила нерӯгоҳҳои барқи обӣ таҳия гардидаанд, ки аз нигоҳи иқтисодӣ самаранокии ниҳоят зиёд ва аз нигоҳи техникӣ имкониятҳои хеле мусоид доранд.

Танҳо дар дарёи Панҷ, ки шохоби асосии Амударё мебошад, асосномаи техникиву иқтисодии бунёди 14 нерӯгоҳи дорои иқтидори гуногуни аз 300 то 4000 мегаватт ва истеҳсоли солонаи 86,3 миллиард киловатт/соат таҳия карда шудааст. Аз ҷумла, нерӯгоҳи калонтарине, ки асосномаи техникиву иқтисодии сохтмони он дар дарёи Панҷ омода гардидааст, нерӯгоҳи барқи обии Даштиҷум мебошад, ки иқтидораш 4000 мегаватт буда, дар як сол метавонад 15,6 миллиард киловатт/соат барқ истеҳсол намояд. Мувофиқи хулосаи мутахассисон нерӯгоҳи Даштиҷум яке аз нерӯгоҳҳои ниҳоят самаранок ва муҳимтарин маҳсуб мешавад. Бунёди он на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои кишварҳои минтақа, қабл аз ҳама барқарорсозӣ ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, обёрии ҳудуди якуним миллион гектар замин ва бо об таъмин гардидани садҳо ҳазор гектар заминҳо дар минтақа аҳамияти бузург ва аслан ҳаётӣ дорад. Татбиқи он ба беҳсозии шароити экологӣ ва иҷтимоӣ, таъмини аҳолии минтақа бо оби мусаффо ва рушди умумии иқтисодии минтақа мусоидати фаъол хоҳад намуд. Арзиши ин лоиҳа аз ҷониби коршиносон 3,2 миллиард доллари амрикоӣ муайян шудааст, ки сармоягузории нисбӣ ба он хеле паст буда, ба 1 кВт иқтидори муқарраршуда ҳамагӣ 800 доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Ва он нерӯгоҳи ниҳоят судовар хоҳад гардид. Лоиҳаи дигари муҳим – сохтмони нерӯгоҳи барқи обии "Шӯроб" бо иқтидори 850 мегаватт аст, ки бунёди силсилаи нерӯгоҳҳоро дар дарёи Вахш ҷамъбаст мекунад. Арзиши тахминии сохтмони ин нерӯгоҳ 980 миллион доллари амрикоӣ муайян шудааст. Ва он низ нерӯгоҳи ниҳоят судовар хоҳад гардид ва нерӯи арзони барқи он барои рушди умумии минтақа ва содирот ба Осиёи Ҷанубӣ истифода хоҳад шуд. Илова бар ин, дар дарёҳои дигари Тоҷикистон низ бунёди як қатор нерӯгоҳҳои нисбатан бузург ва миёнаи барқӣ пешбинӣ гардидааст, аз ҷумла: дар дарёи Хингоб сохтмони 5 нерӯгоҳ бо иқтидори умумии 3700 мегаватт;

– дар дарёи Сурхоб – 4 нерӯгоҳ бо иқтидори умумии 2050 мегаватт;

– дар дарёи Зарафшон – 6 нерӯгоҳ бо иқтидори умумии 640 мегаватт;

– дар Фондарё – 4 нерӯгоҳ бо иқтидори умумии 510 мегаватт.

Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки дар Тоҷикистон барои бунёди нерӯгоҳҳои хурд низ шароити ниҳоят мусоид қариб дар ҳамаи минтақаҳои кишвар вуҷуд дорад.

Шароити мавҷуда имконият медиҳад, ки бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии хурд ба таври саноатӣ ва дар чаҳорчӯби барномаҳои рушди комплексӣ амалӣ карда шавад. Дар ин ҳолат сохтмони онҳо ниҳоят арзон мегардад. Ҳаҷми имконпазири истеҳсоли нерӯи барқ дар ҳолати истифодаи пурраи захираҳои гидроэнергетикии дарёҳои хурд 184,5 миллиард киловатт/соатро ташкил медиҳад. Бо мақсади бо нерӯи барқи арзон таъмин намудани минтақаҳои дурдасти аҳолинишини кишвар Ҳукумати Тоҷикистон моҳи октябри соли 2006 Барномаи бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди барқиро аз ҳисоби сармоягузории ватаниву хориҷӣ дар давраи солҳои 2007-2020 тасдиқ намуд. Барномаи мазкур сохтмони 71 нерӯгоҳи хурдро дар бар мегирад, ки иқтидори умумии онҳо 76 мегаваттро ташкил дода, метавонанд дар як сол беш аз 480 миллион киловатт/соат қувваи барқ истеҳсол намоянд. Дар айни замон маблағгузории сохтмони 17 нерӯгоҳи хурд аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон ва институтҳои байналмилалии молиявӣ ҳаллу фасл шудааст ва онҳо то соли 2010 сохта, ба истифода дода мешаванд. Қобили зикр аст, ки бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ гуфтушунид дар мавриди сохтмони нерӯгоҳҳои нав, ба монанди нерӯгоҳи барқи обии "Помир-2" ба манзури таъмини пурраи сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо барқ ҷараён дорад ва мо умедворем муваффақона анҷом меёбад. Ва дар ояндаи наздиктарин ин минтақаи кӯҳистон ва зебои Ватан бо барқи арзон пурра таъмин хоҳад шуд. Дар маҷмӯъ барномаҳои сохтмони нерӯгоҳҳои мо асоснок, воқеъӣ ва ниҳоят судовар мебошанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мехоҳам махсус хотирнишон созам, ки мавқеи хоси ҷойгиршавии ҷуғрофии Тоҷикистон барои интиқоли нерӯи барқ ба кишварҳои ҳамсоя бо талафоти камтарин имконият

медиҳад. Ҳоло дар шабакаи энергетикии муштарак, ки солҳои Шӯравӣ барпо шуда буд, маҳдудиятҳои техникӣ ба вуҷуд омадаанд ва ин ҳолат чандин сол аст, ки ба Тоҷикистон барои содироти нерӯи барқ дар давраи тобистон имконият намедиҳад. Бо мақсади ҳалли проблемаи таъмини қисми шимоли кишвар бо нерӯи барқ ва интиқоли он ба кишварҳои шимоли Тоҷикистон, аз ҷумла Русия сохтмони хатти интиқоли барқи 500-киловолтаи "Ҷануб - Шимол" оғоз ёфтааст ва босуръат идома дорад. Ин хатти барқ ҳамчунин имконият фароҳам меорад, ки кишварҳои дигар, аз ҷумла Ҷумҳурии Кирғизистон нерӯи барқи худро тавассути кишвари мо ба Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Шарқӣ интиқол намоянд. Сохтмони хатти интиқоли барқи мазкур вазъи ҳамкории шабакаҳои энергетикии Тоҷикистон, Туркманистон, Қирғизистон, Русия ва ҷануби Қазоқистонро беҳтар намуда, имконияти интиқоли қувваи барқи арзони дар нерӯгоҳҳои барқи обии Тоҷикистон истеҳсолшударо ба ин кишварҳо фароҳам мегардонад. Ғайр аз ин, масъалаҳои интиқол ва содироти барқ аз нерӯгоҳҳои бунёдшавандаи "Роғун", "Сангтӯда-1" ва "Сангтӯда-2" ба шабакаҳои энергетикии ҷануби Қазоқистону Русия ва ҳамчунин бо дарназардошти дурнамо интиқоли он ба Афғонистон, Покистон, Эрон ва Ҳиндустон ҳаллу фасл хоҳанд шуд.

**Мӯҳтарам иштирокчиёни конфронс!**

Чунон ки дида мешавад, лоиҳаҳои зикршуда имрӯз ва дар ояндаи наздик барои Тоҷикистон ва тамоми минтаҚа манфиати фавқулодда зиёд доранд, ки онро метавон ба таври зерин хулоса кард:

**Нахуст,** имкони воқеии содироти нерӯи арзони барқи истеҳсолшаванда ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия ва бахусус Афғонистон, Покистон, Эрон ва Ҳиндустон фароҳам мегардад.

**Дуввум**, бунёди обанборҳо ва танзими резишгоҳҳо имкон медиҳад, ки масъалаи идоракунии босамар ва оқилонаи захираҳои ҳаётии об ҳал карда шавад ва таъминоти кишварҳои минтаҚа бо ин ресурси ниҳоят арзишманд беҳтар гардад.

**Севвум**, ҳамкориву ҳиссагузории кишварҳои минтаҚа дар татбиқи лоиҳаҳои зикргардида ва истифодаи муштараки захираҳои обии Тоҷикистон фаъолияти муштараки онҳоро дар бобати пешгирӣ кардани фалокатҳои экологии глобалӣ,

бахусус бӯҳрони ҳавзаи Баҳри Арал ва рафъи оқибатҳои эҳтимолии Кӯли Сарез густариш мебахшад.

**Чаҳорум,** татбиқи барномаҳои нерӯгоҳҳои бузурги Тоҷикистон омили муҳими рушди босубот ва босуръати минтақа ва густариши ҳамкории байниминтақавӣ хоҳад гардид.

Имрӯз аз касе пӯшида нест, ки вусъат додани ҳамкориҳои минтақавӣ дар шароити ҷаҳонишавии проблемаҳои ҷаҳонӣ талабот ва зарурати ҳаётии рӯз аст. Вусъати ҳамкориҳо дар айни замон ҷавобгӯи манфиатҳои миллии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубист, ки шумо – ширкаткунандагони мӯҳтарами конфронс аз онҳо намояндагӣ мекунед. Итминон дорам, ки мо бо дарки масъулияти таърихие, ки дар оғози ҳазорсолаи нав ба зимма дорем, ҳамкориву равобити гуногунсамтро густариш дода, самараҳои онро ба нафъи оромиву осудагии мардуми минтақа ва рушди минбаъдаи кишварҳоямон равона месозем. Ин ҳамзамон ҷавобгӯи амният ва суботи ҷаҳонист.

**Дар хотима ба ҳамаи шумо саломатӣ ва барори кор орзу менамоям.**

**Ташаккур!**

# ҲАМКОРИҲО БО СОЗМОНИ ОҒОХОНИ IV РУШДУ ГУСТАРИШ МЕЁБАНД

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ ОҒОЗИ РАСМИИ СОХТМОНИ МЕҲМОНХОНАИ "СЕРЕНА – ДУШАНБЕ" БАРОИ 120 ҶОЙ ДАР ХИЁБОНИ РӮДАКӢ, 14

30 октябри соли 2006

**Волоҳазрат!**
**Меҳмонони мӯҳтарам!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Пеш аз ҳама мехоҳам бо камоли эҳтиром ҳузури меҳмонони азизро дар оғози сохтмони меҳмонхонаи замонавӣ дар маркази шаҳри Душанбе хайра мақдам гӯям.

Нияти нек, кори шоиста ва иқдоми хотирнишини Волоҳазрат барои мо мояи ифтихор аст, чунки оғози сохтмони ин меҳмонхона бо ҷалби сармояи мустақими Созмони Оғохон оид ба рушд шурӯъ мегардад ва дар рушди пойтахти кишвари азизамон – шаҳри Душанбе саҳми арзанда хоҳад буд. Таҷрибаи ғании ин созмони бонуфуз дар бахши амалӣ намудани лоиҳаҳои ободонӣ дар кишварҳои мухталифи дунё имкон дод, ки он дар татбиқи лоиҳаҳои кӯмакҳои башардӯстона ва техникӣ, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, самаранок иштирок намояд.

Имрӯзҳо самтҳои ҳамкории мо бо Созмони Оғохон тавсеа ёфта, ботадриҷ қариб дар ҳамаи манотиқи ҷумҳурӣ амалӣ мегардад. Аз ҷумлаи корҳои азим ва шоёни ин созмон иштироки бевоситаи он дар сармоягузории сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Помир-1», тавсиаи системаи телекоммуникатсия, васеъ намудани инфраструктураи роҳҳо, ташкили шароити мусоид барои ба роҳ мондани тиҷорат ва

хизматрасонии туристӣ, ташкили Донишгоҳи Осиёи Марказӣ якҷоя бо ҳукуматҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон, инчунин таъсиси нахустин Бонки маблағгузориҳои хурд дар ҷумҳурӣ бо иштироки сармояи Бонки олмонии таҷдид ва рушд ба шумор мераванд.

Ҳоло ба маблағи беш аз 531 миллион сомонӣ сохтмони Маркази Исмоилияи шаҳри Душанбе идома дорад, ки аввалин маркази Исмоилия дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Ин иншоот моҳи сентябри соли 2007-ум ба истифода дода хоҳад шуд. Маросими имрӯзаи гузоштани хишти аввалини пойдевори меҳмонхонаи панҷситорадори "Серена – Душанбе" идомаи мантиқии амалӣ шудани ниятҳои неку холисонаи Волоҳазрат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Меҳмонхонаи мазкур аз 9 ошёна иборат буда, арзиши бунёди он беш аз 35 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад ва масоҳати он қариб 11 ҳазор метри мураббаъ аст. Мувофиқи лоиҳаи тасдиқгардида меҳмонхона дорои беш аз 100 ҳуҷра, маҷлисгоҳ, толори нишасти матбуотӣ, панҷ ҳуҷра барои вохӯриҳо, толори зиёфат, қаҳвахона ва чойхона мебошад, ки дар маҷмӯъ онҳо беш аз 600 ҷойи нишаст доранд.

Ҳамчунин дар иншооти мазкур бунёди утоқҳои корӣ, ҳавзи шиноварӣ, маҷмааи барқароркунии саломатӣ ва фурӯшгоҳ низ дар назар дошта шудааст. Мувофиқи ҳисобҳои пешакӣ сохтмони ин меҳмонхона баҳори соли 2009 ба анҷом мерасад. Дар раванди сохтмон то 300 нафар ва ҳангоми истифода ба ҳисоби миёна бевосита 135 нафар коргарони ватанӣ бо ҷойи кор таъмин карда мешаванд. Аз ин рӯ, сохтмони меҳмонхонаи мазкур метавонад дар бунёди зерсохтори замонавии рушди туризм ва эҷоди фазои корӣ дар кишвар нақши арзанда гузорад. Мехоҳам хотирнишон намоям, ки соли равон дар ҷумҳурӣ ҷиҳати бунёди зерсохтори замонавии меҳмонхонавӣ, ки асоси воқеии рушди туризм ба шумор меравад, корҳои зиёди муқаддамотӣ ба субут расонида шуданд. Аз ҷумла, ҳуҷҷатҳои зарурии меъёрӣ вобаста ба пешниҳод намудани имтиёзҳо дар соҳаи андоз барои сохтмони як қатор иншооти соҳаи туризм омода гардиданд.

Мо боварии комил дорем, ки дар оянда низ чунин иқдомоти сармоягузорони хорҷӣ идома ёфта, ҳамкориҳои мо бо Созмони бонуфузи Оғохон дар ин замина боз ҳам рушду густариш меёбанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Боиси қаноатмандист, ки солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи таҳкими ҷомеаи ҳуқуқбунёди дунявӣ ва ташкили иқтисодиёти бозорӣ қадамҳои устувор гузошта, ҳамкориро бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ густариш медиҳад. Бунёди чунин иншоотҳои муҳим дар ҷумҳурӣ, бешубҳа, барои рушди соҳибкорӣ ва тақвияти бахши хусусӣ, аз ҷумла дар соҳаи туризми байналмилалӣ шароити заруриро фароҳам хоҳад овард. Дар навбати худ Ҳукумати ҷумҳурӣ пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҷалби сармоягузории мустақимро дар самтҳои гуногуни иқтисодиёт мунтазам тавсеа бахшад. Далели ин гуфтаҳо таъсиси садҳо корхонаҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ дар ҳудуди кишвар мебошад, ки онҳо дар пешрафти иқтисодиёти кишвар ва дар густариши робитаҳои Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ нақши муҳим мебозанд.

**Меҳмонони азиз!**

Бояд зикр намуд, ки меҳмонхонаи панҷситорадори "Серена–Душанбе" аз ҷиҳати меъморӣ низ хеле диққатҷалбкунанда ва назаррабо хоҳад шуд. Масъалаи бунёди меҳмонхонаҳои замонавии шаҳри Душанбе дар маркази диққати роҳбарияти ҷумҳурӣ қарор дорад ва барои дастгирии ин соҳа тамоми шароити зарурӣ муҳайё мегарданд. Дар хотима мехостам бори дигар сипосгузории худро аз Волоҳазрат барои кӯшишҳои пайвастаашон дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа изҳор намоям ва ба ҳамкорони эшон дар бунёди маҷмааи "Серена-Душанбе" комёбиҳо ва муваффақиятҳои бузург орзумандам. Итминон дорам, ки меҳмонхонаи мазкур ба симои пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе ҳусни тоза ва таровати хоса бахшида, ҷиҳати рушди бозори хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

**Ташаккур.**

## СУХАНРОНӢ
## ДАР МАРОСИМИ БА ИСТИФОДА ДОДАНИ ПУЛИ МИЁНИ ТОҶИКИСТОНУ АФҒОНИСТОН ДАР НОҲИЯИ ИШКОШИМ

31 октябри соли 2006

**Волоҳазрат!**
**Ҷаноби олӣ!**
**Ҳамватанони арҷманд!**
**Меҳмонони гиромӣ!**

Пуле, ки мо имрӯз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба истифода медиҳем, пули сеюм буда, он на танҳо барои вилоят, балки барои тамоми қаламрави Тоҷикистон аҳамияти бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ, инчунин моҳияти транзити байналмилалӣ дорад. Бо камоли мамнуният ва сарафрозӣ маросими ба истифода додани ин пули нави ҳаётиро, ки рамзи пайвасткунандаи қалбҳо ва тавсеадиҳандаи муносибатҳои фарҳангии байни давлатҳо ва халқу миллатҳо мебошад, табрику таҳнийт мегӯям. Бо истифода аз фурсати муносиб ташрифи Волоҳазрат, шоҳзода Оғохони IV ва намояндаи Давлати Исломии Афғонистонро ба маросими кушодашавии пули миёни ин ду кишвари ҳамҷавору ҳамфарҳанг хайра мақдам гуфта, аз номи худам ва ҳамаи сокинони Тоҷикистон изҳори сипос менамоям.

Роҳҳову пулҳо бо мақсаде бунёд мегарданд, ки тавассути онҳо равобити ватаниву байналмилалӣ густариш меёбанд, мушкилоти рафтуомад, додугирифт ва ҳамлу нақли озоди мол осон мегардад ва дар оини деринаи мардуми тоҷику афғон сохтани онҳо кори неку савоб ва суннати ҷория ба ҳисоб меравад. Имрӯз вазъи сиёсии Афғонистон тадриҷан ба эътидол меояд ва Тоҷикистон дар раванди эҳё ва рушди ин кишвари дӯст ва ҳамсоя саҳми назаррас дорад, татбиқ кардани чунин лоиҳаҳо, бешубҳа, барои тавсиаи муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ, таъмини сулҳу субот ва

оромишу осоиш мусоидат хоҳанд кард. Итминони комил дорам, ки дар оянда низ ҳамкориҳои тарафайн ва муштараки Тоҷикистону Афғонистон дар ҳама соҳаҳо самараи нек ба бор меорад ва мо омода ҳастем барои рушди ин кишвар кӯмаки ҳамаҷонибаи худро расонем.

Бояд зикр кард, ки дар даврони истиқлолият Тоҷикистон дар бобати ба вуҷуд овардани инфраструктураи нақлиётӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, дар ин муддат роҳи мошингарди Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қароқурум, се пул дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ба истифода дода шуд, корҳои асосии сохтмонӣ дар нақби мошингарди Анзоб анҷом ёфтанд, оғози корҳои сохтмонӣ дар нақбҳои Шаҳристону Шаршар шурӯъ гардид, таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Нуробод-Ҷиргатол-Саритош ва азнавсозии шоҳроҳи Душанбе-Айнӣ-Истаравшан-Хуҷанд-Бӯстон-Чанак бо суръат идома доранд.

Бо дарназардошти ин, бунёд, таҷдид ва таъмири роҳу пулҳое, ки дорои аҳамияти дохилӣ ва байналмилалӣ ҳастанд, яке аз ҳадафҳои асосӣ ва стратегии Ҳукумати Тоҷикистон буда, барои аз чор тарафи мамлакат муҳайё кардани равобити нақлиётӣ шароит фароҳам оварда шуд. Ин иқдом дар шароити инкишофи равобити иқтисодии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ нақши созанда дорад. Зеро аксари кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бандарҳои баҳрӣ баромади мустақим надоранд, ба вуҷуд овардани шоҳроҳҳои ҷавобгӯ ба меъёрҳои нақлиётии байналмилалӣ барои мустаҳкам намудани мавқеи геополитикӣ ва иқтисодиву тиҷоратии минтақа дорои аҳамияти бузург аст. Дар айни замон Ҳукумати Тоҷикистон бо ҷалби сармояи институтҳои молиявии ҷаҳонӣ 12 лоиҳаи инвеститсиониро барои сохтмон ва таҷдиди роҳҳои мошингард ба маблағи қариб 2 миллиард сомонӣ амалӣ карда истодааст. Дар баробари ин, дар оянда сохтани силсилаи шоҳроҳҳо ва нақбу пулҳои замонавӣ имконият медиҳад, ки мо минтақаҳои озоди тиҷоратӣ, бахусус бозорҳои наздисарҳадиро ташкил намоем, инчунин онҳо барои афзудани иқтидори иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат хоҳанд кард.

Чуноне ки ҳангоми мулоқот бо фаъолони вилоят ду сол қабл аз ин зикр намуда будам, Ҳукумати Тоҷикистон дар назди худ мақсад гузоштааст, ки дар оянда Бадахшонро ба дарвозаи тиллоии кишварамон табдил дода, бо ҳамин васила мавқеи онро дар густариши муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон баланд бардорад. Аз ин рӯ, Ҳукумат бо ҷалби маблағҳои худӣ, дастгирии институтҳои молиявии

байналмилалӣ дар қаламрави Бадахшон ба сохтмони роҳҳо ва пулҳое, ки вилоятро бо дигар минтақаҳои мамлакат ва Тоҷикистонро бо дигар давлатҳо пайванд медиҳанд ва бунёди дигар иншооти муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ шурӯъ кардааст. Бо ташаббус ва иқдомҳои мунтазами ҳукумат роҳҳои мошингарди Кӯлоб - Қалъаи Хумб, Кулма - Қароқурум, пулҳои мошингузар дар дарёи Панҷ сохта ба истифода дода шуд, ки кишвари моро бо Хитой, Покистон ва Афғонистон пайваст намуда, барои ба роҳҳои обӣ пайвастани Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам меоваранд. Инчунин ҷиҳати ҳаракати доимии нақлиёт ва рафтуомади мусофирон дар ҳамаи фаслҳои сол бо пойтахт ва минтақаҳои дигари кишвар, бидуни шак ба рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоят такони тозае хоҳад бахшид. Имрӯз азнавсозии ин пули байнисарҳадӣ бо кӯмаку дастгирии Созмони бонуфузи Оғохон ба истифода дода мешавад. Дарозии умумии он 100 метр буда, бараш 5 метрро ташкил медиҳад. Барои азнавсозии пул беш аз 1 миллиону 200 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ гардидааст. Дар натиҷа иқтидори борбардории он аз 10 ба 30 тонна расонида шуд. Татбиқи ин лоиҳа аз ҷониби роҳсозони Идораи нақлиётии Помир бо сифати баланд ва меъёрҳои байналмилалӣ амалӣ гардид.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш мехоҳам барои дастгирии холисонаи Волоҳазрат, шоҳзода Оғохони IV арзи сипоси худро баён созам. Ҳамчунин ба ҳамаи коргарон, муҳандисон, роҳбарони масъули идораҳои роҳсозӣ, ки дар таҷдиду азнавсозии ин пул саҳмгузор ҳастанд, изҳори миннатдорӣ менамоям.

Итминони комил дорам, ки пули мазкур дар густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд, пешрафти иқтисодиёт ва таҳкими дӯстиву рафоқати мардуми ду кишвари ба ҳам дӯсту бародари Тоҷикистону Афғонистон мусоидат менамояд.

Ҳамеша хонаободу сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз ва бародарони гиромиқадр!

# ҲАДАФИ НИҲОИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИ ТОҶИКИСТОН ТАЪМИНИ ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ АСТ

## СУХАНРОНӢ ДАР МАҶЛИСИ ФАЪОЛОНИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

Хоруғ, 31 октябри соли 2006

**Ҳозирини мӯҳтарам!**
**Дӯстони азиз!**

Дар доираи вохӯриву мулоқоти ҳарсолаи худ бо фаъолони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо шумо мехостам ҳанӯз пеш аз ҷашни Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон чунин як нишасти васеъ доир карда, аз бурду бохтҳои понздаҳсолаи вилоят сӯҳбате дошта бошем. То ин ки дар марҳилаи минбаъда вазифаҳои хешро арзёбӣ, тарҳрезӣ ва муайян карда, дар асоси он дар тараққиёту инкишофи ҳар як соҳае, ки масъулияташро ба зимма гирифтаем, саҳми муносиб гузошта тавонем. Хушбахтона, ин имконият маҳз ҳамин рӯз фароҳам омад. Ҳамзамон бояд зикр кард, ки ба анҷом расидани мӯҳлат ва дар амал татбиқ гардидани қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи тараққиёти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 1995 ва то давраи соли 2000-ум" ва "Дар бораи суръат бахшидан ба ҷараёни рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон", инчунин моҳи июли соли ҷорӣ қабул карда шудани қарори нави Ҳукумати Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи то соли 2015-ум" моро водор месозанд, ки имрӯз натиҷаҳои барномаҳои ҳукуматиро баррасӣ карда, фаъолияти худро минбаъд дар доираи барномаи нави давлатӣ ба роҳ монем.

Қаблан мехоҳам таъкид намоям, ки татбиқи қарорҳои зикршудаи Ҳукумати Тоҷикистон воқеан дар пешрафту тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии вилоят натиҷаҳои назаррас доданд, вале дар баробари ин, бинобар бе дарназардошти имкониятҳои молиявӣ ба барномаҳо ворид гардидани баъзе тадбирҳо ва фаъолияти нокифояи вазорату идораҳои дахлдор иҷрои як қатор бандҳои алоҳидаи онҳо таъмин нагаштанд. Дар қатори татбиқи санадҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ, инчунин иҷрои як зумра нақшаҳою чорабиниҳое, ки дар асоси дастуру супоришоти Президенти мамлакат дар Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олӣ, ҷаласаҳои васеи ҳукумат ва дар ҷараёни сафарҳои кории худ ба вилоят додашуда таҳия ва тасдиқ гардида буданд, дар рушди бисёр соҳаҳои вилоят мусоидати ҷиддӣ намуданд.

Дар баробари он тадбирҳои татбиқшуда ва он маблағҳое, ки дар доираи барномаҳои ҳукуматӣ масраф гардидаанд, бо мақсади рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии вилоят дар давоми солҳои 2001 - 2005-ум ва нӯҳ моҳи соли 2006-ум аз ҳамаи манбаъҳои маблаггузориҳои давлатӣ зиёда аз 104 миллион сомонӣ маблағҳои иловагӣ ҷудо карда шудаанд, ки тамоми онҳо барои дастгирии буҷети вилоят, соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, сохтмони иншоотҳои дорои аҳамияти иқтисодиву иҷтимоӣ, кӯмак ба аҳолии ниёзманд ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ равона шуда буданд. Ҳамчунин дар шаш соли охир дар қаламрави вилоят барои ислоҳот ва беҳбудии вазъи соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, дастгирии хусусигардонии хоҷагиҳо, инкишофи истеҳсолоти кишоварзӣ, идоракунии ҳавзаҳои об ва барқарорсозии системаи ирригатсионӣ, системаи бақайдгирӣ ва кадастри замин, рушди устувори соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика, сохтмони роҳҳои автомобилгард бо маблағи умумии 380 миллион сомонӣ, ки 52 миллион сомонии он ҳиссаи Ҳукумати Тоҷикистон мебошад, 13 лоиҳаи инвеститсионӣ мавриди татбиқ қарор дода шудааст. Дар доираи онҳо пеш аз ҳама сохтмони иншоотҳои бузурги дорои аҳамияти стратегӣ, аз қабили нерӯгоҳи барқи обии «Помир-1», роҳи автомобилгарди Кӯлоб - Қалъаи Хумб - Хоруғ - Мурғоб - Кулма, инчунин пешгирии хавфи кандашавии Кӯли Сарез ба роҳ монда шуд. Дар шароите, ки буҷети солонаи вилоят дар маҷмӯъ 33 миллиону 680 ҳазор сомонӣ буда, зиёда аз 28 миллион сомонии он аз буҷети ҷумҳурӣ дода мешавад ва боқимондаи он, яъне ҳамагӣ 5 миллиону 336 ҳазор сомонӣ қисми даромади буҷети худи вилоят аст, чунин

маблағҷудокуниҳои иловагӣ ва ҷалби сармоягузориҳо иқдоми шоиста ва ғамхории пайвастаи Ҳукумати Тоҷикистон нисбат ба тараққиёти вилоят ва беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии он мебошад.

Ба ҷойи он, ки ҳоло дар вилоят вобаста ба афзун сохтани қисми даромади буҷет тадбирҳои муассир мавриди амал қарор дода шаванд, баръакс боз иҷрои нақшаи нӯҳмоҳаи андози ягона аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда нашудааст, ки ба ин асосан ноҳияҳои Шуғнон ва Ишкошим боис гардидаанд.

Ташаккули бақияпулиҳо аз ҳисоби андозҳо низ дар вилоят сол то сол зиёд шуда истодааст. То 1-уми октябри соли ҷорӣ маблағи бақияпулиҳо дар вилоят 185 ҳазор сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба нимсола 44 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он зарур аст, ки дар баробари иҷрои саривақтии нақшаи буҷет ва аз байн бурдани бақияпулиҳо аз андозҳо, инчунин доир ба афзун гардонидани қисми даромади буҷет низ андеша намоянд ва тадбирҳои муассирро қабул ва мавриди татбиқ қарор диҳанд. Яке аз омилҳои асосии ғанӣ гардонидани буҷет рушди соҳаҳои истеҳсолӣ мебошад. Дар айни замон дар вилоят барои густариши соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат имконияту захираҳои фаровон мавҷуданд. Зеро шароити иқлим, мавқеи ҷуғрофӣ ва боигариҳои табиии вилоят, бахусус барои тараққиёти кишоварзӣ, саноат ва энергетика мусоид аст. Имсол ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёда аз шаш фоиз афзуд. Вале сарфи назар аз имкониятҳои фаровон майдони умумии кишт, ҳосилнокии баъзе намудҳои зироатҳои кишоварзӣ ва саршумори чорвою парранда торафт кам мегардад. Аз ҷумла, истеҳсоли ғалла, ки дар соли 2004-ум ба 15 ҳазор тонна расида буд, соли гузашта нисбатан якуним ҳазор тонна кам шуда, дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ ҳамагӣ 9400 тоннаро ташкил дод.

Боиси қаноатмандист, ки солҳои охир дар вилоят ҳаҷми истеҳсоли картошка тадричан меафзояд. Агар дар қаламрави вилоят дар соли 1993-юм 6400 тонна картошка рӯёнида шуда бошад, пас ин рақам дар соли 2005-ум ба 35 ҳазор тонна расида буд. Афзудани ҳам майдони кишт ва ҳам ҳосилнокии картошка аз ҳисоби ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ ва азхуд намудани заминҳои бекорхобида мебошад.

Дар вилоят ҳанӯз захираҳои зиёди замин мавҷуданд. Мувофиқи маълумоти мутахассисон дар оянда дар он имконияти азхуд намудани беш аз 10 ҳазор гектар замин ва бунёди дуюним ҳазор гектар боғ вуҷуд дорад. Аз ҳисоби сохтани иншоотҳои гидротехникию соҳилбандии дарёҳо метавон боз то чоруним ҳазор гектар заминро азхуд намуд. Чунин заминҳо дар ҳудуди вилоят 12 ҳазор гектарро ташкил медиҳанд. Боиси таассуф аст, ки дар давоми солҳои 1993-2006-ум дар вилоят ҳамагӣ 28 гектар замини нав азхуд гардидааст, ки 20 гектари он дар ноҳияи Ванҷ худи ҳамин сол аз ҳисоби маблағҳои мутамарказонидашуда ба истифода дода шуд.

Дар соли 2007-ум аз ҳисоби маблағҳои мутамарказонидашуда дар ноҳияи Ванҷ обёрӣ намудани 100 гектар замин, дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ишкошим барқарорсозии се канал ва дар ноҳияи Рӯшон беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 200 гектар замин дар назар аст. Мувофиқи тавсияҳои олимони Пажӯҳишгоҳи биологии Помир дар баландии то 2500 метр аз сатҳи баҳр барои рушди соҳаи боғдорӣ, азхуд намудани заминҳои санглоху ноҳамвор ва дар онҳо бунёд намудани боғоти мева ва растаниҳои шифобахш тамоми имкониятҳо мавҷуданд. Мевашиносони институт аз рӯйи аломатҳои муфиди хоҷагидорӣ намудҳои зиёди чормағз, тут, зардолу, себ, нокро ҷудо намуда, барои боғдорӣ тавсия намудаанд.

Дар асоси селексияи юнучқа, ки барои хӯроки чорво зироати хуб аст, олимони институти мазкур собит намудаанд, ки дар шароити ноҳияи Ишкошим он ба ду-се дарав расида, ҳосилнокии умумиаш аз ҳар гектар 130-168 сентнериро ташкил медиҳад.

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро мо чунин имкониятҳои муфид ва самарабахши афзун сохтани маҳсулоти гуногуни кишоварзиро истифода намебарем? Бинобар ин, ба Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят зарур аст, ки дар ҳамкорӣ ва бо дарназардошти тавсияҳои Пажӯҳишгоҳи биологии Помир барои дар ҳудуди вилоят ба роҳ мондани парвариши зироатҳо, ниҳолҳои серҳосили мевадиҳандаи ба иқлим ва шароити кӯҳсор мутобиқ ва растаниву гиёҳҳои шифобахш тадбирҳо андешанд. Соҳаи чорводорӣ дар шароити қӯҳистон яке аз манбаъҳои даромади аҳолӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар бахши хусусӣ саршумори он хеле зиёд шудааст. Барои афзун намудани шумораи чорвою

парранда ташкил кардани фермаҳои хусусӣ ва хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва ба таври васеъ ба роҳ мондани қӯтоспарварӣ аз аҳамият холӣ нест ва бо ин восита мо метавонем тараққиёти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро низ таъмин созем.

Ҳамзамон бо дарназардошти захираҳои бойи табиӣ ва имкониятҳои энергетикӣ дар вилоят рушди соҳаи саноат ногузир аст. Аммо ҳоло дар вилоят ҳамагӣ 9 корхонаи саноатӣ фаъолият менамояд. Хуб аст, ки онҳо сол то сол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд менамоянд. Вале ҳанӯз имкониятҳо ва иқтидорҳои мавҷудаи корхонаҳои саноатии вилоят пурра мавриди истифода қарор нагирифтаанд ва кӯшиши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ доир ба таъсиси корхонаҳои нав бо ҷалби сармоягузориҳои хориҷиву дохилӣ чандон назаррас нест. Яке аз самтҳои рушди саноат истифодаи самараноку оқилонаи конҳои канданиҳои фоиданок мебошад. Ҷиҳати мавриди истифода қарор додани онҳо бояд корҳои зиёди иктишофи геологӣ сурат гиранд. Барои ин ҷалби сармоягузорӣ тақозо мегардад.

Бо дарназардошти ин, Ҳукумати Тоҷикистон ҳоло барои омӯзиши геологии кони маъдани ноҳияи Мурғоб ба сармоягузорони Қазоқистон иҷозатнома дода, вобаста ба омӯзиши захираҳои кони маъдани ноҳияи Ванҷ ва истихроҷи тиллои кони Ранкӯли ноҳияи Мурғоб дархостҳои дигар сармоягузоронро баррасӣ менамояд. Омили асосии рушди саноат таъминот бо қувваи барқ мебошад. Дар давраи соҳибистиқлолиятии Тоҷикистон, бахусус дар тӯли солҳои 1996-2005-ум дар ҳудуди вилоят як нерӯгоҳи пуриқтидор ва 20 нерӯгоҳҳои хурд сохта, ба истифода дода шуданд. Тавре ки соли гузашта айнан дар ҳамин рӯз, ҳангоми ба истифода додани навбати дуюми Нерӯгоҳи барқи обии "Помир-1" таъкид намуда будам, Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади беҳбудии вазъи таъминоти қувваи барқ дар ҳудуди вилоят дар асоси қарзҳои имтиёзнок ва саҳми созмонҳои байналмилалии молиявӣ дар бораи барқарорсозӣ ва беҳбудии системаи энергетикии Бадахшон тадбирҳои мушаххасро мавриди амал қарор додааст.

Дар доираи ин тадбирҳо ва дар асоси созишномаи консессионӣ бо Ширкати энергетикии "Помир", ки бо истифодаи маблағҳои ҷудокардаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва даромадҳои худ барқарорсозии системаи энергетикии вилоят, аз ҷумла сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ ва хатҳои интиқоли қувваи барқро таъмин менамояд, дар соли 2007-ум истеҳсоли

қувваи барқ дар вилоят ба 45 мегаватт расонида шуда, Бадахшон истиқлолияти энергетикиро ба даст хоҳад овард.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар марҳилаи созандагиву бунёдкорӣ, ки дар ҷараёни он дар кишварамон сохтмони иншоотҳои хурду бузург ва корҳои ободонӣ сурат мегиранд, дар ҳудуди вилоят низ бисёр ташаббусҳои нек мавриди татбиқ қарор гирифтаанд. Агар дар соли 1993-юм дар соҳаи сохтмони асосии вилоят аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 7 миллиону 430 ҳазор сомонӣ азхуд карда шуда бошад, пас ин рақам дар соли 2005-ум 72 миллиону 300 ҳазор сомониро ташкил дода буд.

Дар ин давра 320 ҳазор метри мураббаъ манзил, беш аз 5700 ҷойи нишасти таҳсил барои мактаббачагон, беморхонаҳо барои 346 кат, дармонгоҳҳо барои дар як баст қабул намудани 65 нафар беморон сохта ба истифода дода шуданд ва бунёду таҷдиди дигар иншоотҳои дорои аҳамияти иқтисодиву ичтимоӣ оғоз ёфтанд. Дар марҳилаи созандагӣ дар ҳудуди вилоят бештар аз ҳама дар соҳаҳои энергетика, пулу роҳсозӣ ва инфраструктураи ичтимоӣ сохтмони иншоотҳои азим ва бунёду таҷдиди муассисаҳои дорои аҳамияти ичтимоӣ ба вуқӯъ омаданд.

Бо ташаббусу саҳми Ҳукумати Тоҷикистон ва кӯмаку қарзҳои пешниҳоднамудаи ташкилоту созмонҳои байналмилалии молиявӣ дар солҳои 1993-2006-ум аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 128 километр роҳҳои автомобилгард ва 49 адад купрӯкҳо сохта ва барқарор карда шуданд. Яке аз муҳимтарин иншооте, ки вилояти Бадахшонро аз бунбасти коммуникатсионӣ баровард, ин кушода шудани шоҳроҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаи Хумб-Хоруғ-Мурғоб-Кулма буд. Дар айни замон барои ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани он дар доираи лоиҳаҳои инвеститсионӣ сохтмони марҳилаи якуми қисмати роҳҳои Шоҳон-Зиғар ва Шкев-Зиғар анҷом дода шуда, марҳилаҳои минбаъдаи бунёди онҳо ҳанӯз идома доранд. Дар рӯзҳои наздик оғози сохтмони марҳилаи дуюми роҳи Шоҳон-Зиғар дар назар дошта шудааст. Кушода шудани роҳи Мурғоб-Кулма бошад, на танҳо Бадахшонро, балки Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Покистон пайваст намуд. Бояд зикр намуд, ки барои таъмир ва беҳдошти ҳолати роҳҳои мавҷудаи ҳудуди вилоят агар дар соли 1993-юм аз буҷети мамлакат ҳамагӣ 90 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида бошад, пас ин

рақам дар соли ҷорӣ беш аз 3 миллиону 870 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ҳамзамон ба истифода дода шудани пулҳои байналмилалӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Дарвоз мустақиман роҳҳои кишвари моро ба Афғонистон кушоданд. Имрӯз бошад дар ноҳияи Ишкошим боз як чунин пулро ба истифода додем. Бо дастгирии молиявии Хазинаи Оғохон ҳоло боз сохтмони якчанд пулҳои дигар аз болои дарёи Панҷ ба нақша гирифта шудаанд.

Дар мавриди бунёд ва истифодаи самарабахши пулҳои зикршуда тиҷорати миёни Тоҷикистон ва Афғонистон вусъат меёбад ва ба беҳбудии сатҳи зиндагии мардуми Бадахшон ва ҳарду кишвари ҳамсоя мусоидат хоҳад кард. Манфиат ва самараи ин роҳу пулҳоро мо аллакай эҳсос мекунем. Хотирнишон намудан бамаврид аст, ки дар давоми нӯҳ моҳи соли ҷорӣ аз Ҷумҳурии Қирғизистон ба ноҳияҳои вилояти Бадахшон ба андозаи зиёда аз ду ҳазор тонна борҳои гуногун ва аз ҳудуди вилоят аз тариқи пулҳои болои дарёи Панҷ ба Афғонистон беш аз 730 адад нақлиёти автомобилӣ, аз ҷумла 545 адад нақлиёти боркаш ва 185 адад нақлиёти сабукрав интиқол дода шудаанд. Дар бобати беҳбудии робитаҳои телефонӣ, қабули барномаҳои радиову телевизиони мамлакат низ тадбирҳои мушаххас мавриди татбиқ қарор дода шудаанд. Соли 1996-ум дар вилоят таҷҳизоти наву муосири робитаҳои телефонии байнишаҳрӣ васл гардида буд, ки ин имконият дод аҳолӣ бо истифода аз алоқаи кайҳонӣ бо кишварҳои хориҷаи дуру наздик дар тамос шаванд. Барқароркунии хатҳои алоқаи телефонии байниноҳиявӣ низ дар муддати кӯтоҳ ба анҷом расонда шуд.

Ҳамчунин дар соли 2004-ум дар шаҳри Хоруғ ва дигар ноҳияҳои вилоят стансияҳои телефонӣ бо стансияҳои нави рақамӣ иваз карда шуданд ва сифати робитаи телефонӣ ба маротиб боло рафт. Дар ин марҳила дар ҳудуди вилоят зиёда аз 590 километр хатҳои алоқаи телефонӣ аз таъмири асосӣ ва 19500 километр аз таъмири ҳарсолаи ҷорӣ бароварда шуданд. Дар айни замон дар қаламрави Бадахшон 34 стансияи деҳотӣ ва шаҳрӣ вуҷуд дошта, дорои беш аз 15 ҳазор нуқтаи телефонӣ мебошанд. Шабакаи радиошунавонии симӣ бошад бо 35 шабакаи радиоӣ ва бо зиёда аз 29 ҳазор нуқтаи радио мавриди истифода қарор дорад. Пас аз соли 1996-ум, хусусан дар марҳилаи солҳои 2000-2006-ум бо насб карда шудани дастгоҳҳои нави мавҷгирии телевизионӣ дар қаламрави вилоят ҳудуди фарогирии барномаҳои телевизиони мамлакат зина ба зина зиёд карда шуд. Имрӯз дар вилоят тавассути 165

адад чунин таҷҳизот бо фарогирии 99 фоиз барномаҳои шабакаи аввали телевизиони кишвар пахш карда мешавад.

Барои қабули барномаҳои телевизиони "Сафина" бошад, моҳи сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Мурғоб дастгоҳҳои зарурӣ насб карда шуданд. Сокинони вилоят ҳоло тавассути 62 таҷҳизоти васлгардидаи мавҷгирии телевизионӣ бо фарогирии 79 фоиз барномаи телевизиони Россияро низ озодона тамошо менамоянд. Умуман, барои робитаи доимии вилоят бо пойтахт ва тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҳоло ягон монеа ва душвории ҷиддӣ вуҷуд надорад. Бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки вилояти Бадахшон пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ бароварда шуд ва инро бояд дастоварди бузурги даврони истиқлолияти давлатамон арзёбӣ кард.

**Дӯстони азиз!**

Ҳадафи ниҳоии сиёсати давлати Тоҷикистон аз вусъати созандагиву бунёдкорӣ фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ ва дар ниҳояти кор таъмини зиндагии шоистаи мардум мебошад. Дар ин замина Ҳукумати Тоҷикистон тамоми тадбирҳоро меандешад ва тадриҷан онҳоро дар амал иҷро менамояд, то ки ҳар шаҳрванди қобили меҳнати мамлакат бо ҷойи кор, бо маоши кофӣ таъмин ва аҳолӣ аз хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба таври шоиста бархурдор бошад. Яке аз мақсадҳои ҷамъомади имрӯзаи мо низ дар ҳамин аст. Зеро дар айни замон масъулияти сарварии мардумро ҳамаи мо, ки ҳоло дар ин толор ҷамъ омадаем, ба ӯҳда дорем. Аз ин нуктаи назар мо бояд ҳамеша дар пайи иҷрои софдилонаву содиқонаи вазифаи ба зиммадоштаи худ ва беҳбудии зиндагии аҳолӣ, инчунин рушду ободии Ватани азизамон бошем. Мувофиқи таҳлилҳо имрӯз ҳаҷми музди миёнаи меҳнати кормандони соҳаҳои иқтисодии вилояти Бадахшон қариб сад сомониро ташкил медиҳад. Гарчанде, он нисбат ба солҳои пешин хеле афзуда бошад ҳам, аммо дар робита ба нарху наво ҳанӯз паст мебошад. Дар чунин ҳолат боз он саривақт пардохта намешавад. Аз ин рӯ, дар вилоят бо дарназардошти қарзи солҳои гузашта маблағи қарз аз пардохти музди меҳнат ҳоло ба 520 ҳазор сомонӣ расидааст, ки 177 ҳазор сомонии он танҳо дар ҳашт моҳи соли равон ба вуҷуд омадааст. Ба роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо зарур аст, ки масъалаи аз

байн бурдани қарз аз музди меҳнатро ҳаллу фасл карда, дар бораи пардохти саривақтии маош тадбирҳо андешанд.

Вобаста ба ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои эҳтиёҷманди аҳолии вилоят аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад. Бо мақсади дастгирии моддии оилаҳои камбизоат ва фарзандони мактабхони онҳо дар ҳашт моҳи соли ҷорӣ зиёда аз 480 ҳазор сомонӣ пардохта шудааст. Дар қаламрави вилоят вобаста ба пардохти саривақтии нафақа ягон монеа вуҷуд надорад. Дар бораи беҳдошти вазъи хизматрасонии тиббӣ бошад, бояд гуфт, ки Ҳукумати Тоҷикистон бо таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои таҳкими заминаҳои моддию техникӣ ва беҳбудии шароити муассисаҳои тиббию санитарӣ, ҳифзи саломатии модару кӯдак, пешгирии беморихо, ташаккули тарзи ҳаёти солим, тарбияи мутахассисони ҷавон ва бо кор таъмин кардани онҳо як қатор чорабиниҳоро амалӣ гардонидааст. Дар доираи ҳадафҳои беҳтар намудани вазъи хизмати тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои вилоят шумораи муассисаҳои кӯмаки аввалия аз 149 ададе, ки дар соли 1991-ум мавҷуд буд ба 165 адад, беморхонаҳои минтақавӣ бошад аз 10 ба 18 адад расонида, дар шаҳри Хоруғ Маркази омори тиббӣ ва иттилоотӣ, инчунин беморхонаи байниноҳиявии наркологӣ ташкил карда шуданд.

Бо ҷалби маблағҳои давлатӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва кӯмаку дастгирии созмонҳои байналмилалӣ ҳоло аксарияти муассисаҳои тиббии вилоят таъмир ва бо таҷҳизоти муосири тиббию техникӣ, инчунин нақлиёт таъмин гардидаанд.

Бояд хотиррасон намуд, ки беҳбудии вазъи соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли наврасро мо дар мамлакат ба сатҳи сиёсати давлатӣ баровардаем. Бо мақсади ба эътидол овардани шароити муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар доираи созандагиву бунёдкорӣ дар баробари маблағгузории давлатӣ ҳар сол аз Фонди захиравии Президенти мамлакат маблағҳои мақсаднок ҷудо карда мешаванд. Аз ҷумла, барои таҷҳизонидан, таъмир ва сохтмони мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар соли 2004-ум 1 миллиону 600 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2005-ум 1 миллиону 610 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида буд. Дар тӯли шаш соли охир мактабҳои вилоят бо бештар аз 2100 адад мизу курсӣ, 907 компютер таъмин карда шуданд, ки ба ҳар 37 нафар хонанда як компютер рост меояд ва ин дар айни

замон дар мамлакат нишондиҳандаи нисбатан беҳтарин ба ҳисоб меравад.

Барои таҳсили духтарони вилоят дар маҷмӯъ дар мактабҳои олии кишвар 435 ҷой муқаррар гардидааст. Дар доираи татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ дар ноҳияи Роштқалъа дар соли нави таҳсил як мактаб сохта, ба истифода дода шуд ва ҳоло бинои се мактаб таъмир гардида, азнавсозӣ ва таҷҳизонидани 6 мактаби дигар ба нақша гирифта шудааст. Дар ноҳияи Ишкошим аз ҳисоби Бунёди миллии маблағгузории иҷтимоии Тоҷикистон барои сохтмони бинои иловагии мактаби №2-юм 212 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд. Вале дар баробари ин, ҳоло шароити на ҳамаи мактабҳои вилоят ба талабот ҷавобгӯ мебошанд. Аз ин рӯ, бо зикри мисолҳои мушаххаси зерин ҳоло мехоҳам таваҷҷӯҳи Вазорати маориф, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорону шахсони ҳуқуқиро ба вазъи ногувори баъзе муассисаҳои таълимии ноҳияҳои вилоят ҷалб намоям, то ин ки дар оянда масъалаҳои онҳо ҳаллу фасл карда шаванд. Чунончӣ, дар шаҳри Хоруғ бинои мактаби №10 фарсуда ва таъмирталаб мебошад. Ин муассисаи таълимӣ бо оби нӯшокӣ низ таъмин нест. Заминаи моддию техникии мактабҳои шаҳр аз ҷиҳати таъминот бо аёният ва дигар воситаҳои таълим дар сатҳи паст қарор дорад. Дар ноҳияи Шуғнон аз 55 мактаб 10 мактаб таъмири асосиро талаб мекунад. Сохтмони мактабҳои №1, 11, 54 то ҳол ба анҷом расонида нашудааст. Бинои дуюми мактаби таҳсилоти умумии №20 дар ҳолати садамавӣ қарор дорад. Дар соли таҳсили 2005-2006-ум 52 нафар омӯзгорони ин ноҳия тарки вазифа кардаанд.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 100 нафар омӯзгорони фанҳои забони англисӣ, забон ва адабиёти тоҷик, забони русӣ, технологияи информатсионӣ, ҷуғрофия, таърих, математика, технология, алифбои ниёгон намерасанд. Мактабҳои ноҳия ба 1200 адад миз ва 2400 курсӣ эҳтиёҷ доранд. Дар назди мактабҳои №12 ва 28 интернатҳо ташкил карда шудаанд, ки дар яке 64 нафар ва дар дигараш 55 нафар хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст. Барои таъмини хӯроки ҳар хонанда дар онҳо дар як рӯз ҳамагӣ 62 дирам хароҷот карда мешавад. Дар шаҳраки Навободи ноҳия сохтмони омӯзишгоҳи касбию техникӣ аз ҳисоби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ давом дорад. Дар ноҳияи Рӯшон боми аксарияти муассисаҳои таълимии водии Бартанг, ки бо гилу лой андова шудаанд, дар фасли боришот мечаканд. Мактабҳои ноҳия аз соли 1993-юм инҷониб бо

асбобҳои аёнӣ ва воситаҳои техникии таълим ва варзишӣ таъмин карда нашудаанд. Вазъи китобхонаҳои мактабӣ низ дар ҳоли харобӣ қарор доранд. Дар ҷамоатҳои Аличур, Ранкӯл, Шаймоқи ноҳияи Мурғоб 12 сол шуд, ки барқ нест. Дар ноҳия дар маҷмӯъ 79 нафар омӯзгорони фанҳои гуногун намерасанд.

Заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ хеле заиф мебошад. Аксарияти бинои мактабҳо ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доранд. Интернатҳои наздимактабӣ ва кӯдакистонҳо мунтазам фаъолият намекунанд, чунки маблағҳои ҷудогардида барои хӯроки яксолаи кӯдакон нокифоя аст. Барои мактабҳои ноҳия 18830 нусха китоб ба забони қирғизӣ ва 3660 нусха китоб ба забони тоҷикӣ намерасад.

Дар ноҳия ҳамагӣ як толори варзишӣ вуҷуд дорад, ки аз он тамоми сокинон истифода мебаранд. Мутаассифона, он ҳам дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, барои барқарор карданаш то ҳол ягон тадбир андешида нашудааст.

Воқеан, бинобар мавқеи ҷойгиршавии худ аксарияти соҳаҳои ноҳияи Мурғоб беҳбудӣ мехоҳад ва инро ба инобат гирифта, Ҳукумати Тоҷикистон моҳи апрели соли 2005-ум "Дар бораи тадбирҳои аввалиндараҷаи беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон" қарори махсус қабул намуд. Вобаста ба ин, бояд сохторҳои дахлдори давлатӣ татбиқи бандҳои қарори мазкурро саривақт ва дар мӯҳлатҳои муқарраршуда таъмин созанд. Ҳамзамон бо дарназардошти нуқсонҳои зикршуда ба Вазорати маориф ва Ҳукумати вилояти Бадахшон зарур аст, ки барои ба эътидол овардани вазъи ногувори муассисаҳои таълимии вилоят тадбирҳо андешида, барои ислоҳи онҳо манбаъҳои маблағгузориро пайдо кунанд ва дар мавриди зарурат ба Ҳукумати Тоҷикистон таклифҳои асосноки худро пешниҳод намоянд.

Вазъияти муассисаҳои фарҳангӣ низ дар қаламрави вилоят чандон хуб нест. Зеро ҳам дар шароити биноҳо ва ҳам дар фаъолияти коллективҳои онҳо норасоиву камбудиҳои зиёд мавҷуданд. Аз ин рӯ, бояд Вазорати фарҳанг ва ҳукуматҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба беҳдошти шароит ва кори муассисаҳои фарҳангӣ мусоидат кунанд, то ки имкониятҳои онҳо барои баланд бардоштани эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ, ваҳдати миллӣ, ватанпарастиву ватандӯстӣ ва завқи бадеии ҳар фарди Бадахшон самаранок истифода бурда шаванд. Зеро аз 191 муассисаи клубӣ, ки дар вилоят мавҷуд аст, як қисми онҳо ҳоло пурра аз фаъолият

бозмондааанд. Як қатор хонаҳои фарҳанг ва клубҳои деҳот дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон ва Мурғоб дучори ҳолати садамавӣ гардида, фаъолият надоранд. Мутаассифона, дар давоми ду соли охир имкониятҳои театри мусиқиву мазҳакавии шаҳри Хоруғ низ маҳдуд гардидааст. Зеро заминаи моддиву техникии он ҷавобгӯи талабот набуда, бинои театр ба таъмир эҳтиёҷманд аст. Соли 2006-ум аз буҷети вилоят барои театр ҳамагӣ сездаҳуним ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки он танҳо барои пардохти маоши нӯҳмоҳаи кормандон басанда асту халос.

Аз ин рӯ, шумораи мутахассисони соҳаи фарҳанги вилоят ҳамасола коҳиш меёбад, ҷавонон барои таҳсил ба муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳангу ҳунар ниҳоят кам ҷалб карда мешаванд. Дар вилоят 31 китобхонаи давлативу оммавӣ, 33 муассисаи клубӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, 76 китобхона, 108 муассисаи клубӣ таъмири асосиро талаб мекунанд.

Фаъолияти нашрияҳо ва матбааҳои вилоятӣ ва шаҳру ноҳиявӣ низ бинобар шароити номусоиди корӣ ба талаботи замон ҷавобгӯ набуда, дар бобати беҳдошти фаъолият ва фароҳам овардани имкониятҳои зарурии корӣ ба онҳо дар инъикоси ҳаёти рӯзмарра, дастовардҳои замони истиқлолият, камбудиву нуқсонҳои кори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар самти баланд бардоштани сатҳи худогоҳӣ, худшиносӣ, ҳуввияту вахдати миллӣ ягон тадбир андешида нашудааст. Ба ғайр аз Иттиҳодияи истеҳсолии матбааҳои вилоят ва матбааи ноҳияи Ишкошим дигар матбааҳо бинобар нарасидани қисмҳои эҳтиётӣ, набудани фармоишҳо ва барқи доимӣ дар чор-панҷ соли охир тамоман аз кор бозмондаанд.

Сифати кори Иттиҳодияи истеҳсолии матбааҳои вилоят аз сабаби кӯҳнаву фарсуда шудани таҷҳизоти полиграфӣ ниҳоят паст аст. Рӯзномаҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ соли панҷум аст, ки бе акс чоп ва ба хонанда пешкаш мешаванд ва аз нигоҳи полиграфӣ ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Бо дарназардошти ин камбудиҳо ба Вазорати фарҳанг ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он зарур аст, ки дар бобати беҳбудии шароити кори муассисаҳои фарҳангӣ, нашрияҳову матбааҳо ва таъмиру таҷҳизонидани биноҳои онҳо тадбирҳои амалӣ андешанд ва вобаста ба ташкили дурусти фаъолияташон ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодоти асоснок манзур намоянд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Амнияти мардум ва ҳифзи он аз ҳар гуна хатару таҳдидҳои табииву зуҳуроти номатлуби ҷомеа масъала ва вазифаи басо муҳим аст. Мувофиқи таҳқиқоти мутахассисон ҳоло дар қаламрави вилоят беш аз 120 мавзеъ таҳти хатари офатҳои табиӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳаллу фасли масъалаҳои аз вазъиятҳои фавқулодда эмин нигоҳ доштани аҳолӣ бояд самти муҳими фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он бошад. Ҳамзамон бояд таъкид дошт, ки амният, субот ва осоиши ҷомеа аз сатҳи пешгириву мубориза алайҳи ҷиноятқорӣ ва риояи қонунияту тартиботи ҷамъиятӣ вобаста аст. Гарчанде сатҳи ҷиноятқорӣ дар вилоят паст шуда бошад ҳам, вале масъалаҳои пурра риоя нагардидани талаботи қонунгузории ҷорӣ аз тарафи роҳбарони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаю муассисаҳои гуногуни вилоят, истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷетӣ, ҷиноятқории ноболиғон, ҷиноятҳои коррупсионӣ, ҳарбӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар намудҳои ҷиноятқориҳо боиси нигаронӣ мебошанд. Таҳлилҳо собит намуданд, ки дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят дар баробари камбудиҳо қонунвайронкуниҳо низ ҷой доранд. Яке аз шаклҳои паҳнгаштаи қонуншиканиҳо дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ ин муқаррар намудани ҳар гуна имтиёзҳои ғайриқонунӣ доир ба андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошад. Ҷараёни иҷрои талаботи қонунгузориҳои ҷорӣ дар мақомоти гумруку андози вилоят низ ба талабот пурра ҷавоб намедиҳад. Кормандони онҳо дар иҷрои вазифаҳои худ ба қонуншиканиҳо роҳ медиҳанд. Дар давоми солҳои 1995-2006-ум дар ҳудуди вилоят вобаста ба 457 ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ, аз ҷумла аз рӯйи 262 ҳодисаи азхудкуниву исрофкорӣ, як ҳодисаи тасарруфи пулу амвол, 161 ҳодисаи суиистифода аз мансаб ва баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ парвандаҳои ҷиноятӣ кушода, аксарияти онҳо мавриди баррасии судҳо қарор дода шудаанд. Ҳамзамон дар вилоят содиршавии ҷиноятҳои вазнин низ зиёд гардидааст. Агар соли гузашта дар қаламрави вилоят 28 ҷинояти вазнин содир гардида бошад, пас дар 9 моҳи соли ҷорӣ 56 ҳодиса ба қайд гирифта шудааст. Боиси ташвиш аст, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта дар вилоят ҷиноятқории ноболиғон ба андозаи 84 фоиз афзуда, бо

иштироки онҳо 24 ҷиноят содир гардидааст, ки бештари онҳо ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнини гурӯҳӣ мебошанд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки яке аз сабабҳои баланд гардидани сатҳи ҷинояткории ноболиғон беназорат мондани онҳо ва бемасъулиятии падару модарон ва фаъолияти сусти мактабҳо нисбат ба тарбия мебошад. Ҳодисаҳои ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир даст задани баъзе сокинони вилоят ва торафт густариш ёфтани нашъамандӣ низ боиси нигаронӣ мебошад. Дар давоми солҳои 1999-2006-ум 57 нафар сокинони вилоят барои ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир дар қаламрави Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил боздошт шудаанд.

Мувофиқи маълумоти Вазорати тандурустӣ шумораи нашъамандоне, ки муассисаҳои тандурустии вилоят ба қайд гирифтаанд, дар соли 2006-ум 742 нафарро ташкил медиҳанд ва ин нисбат ба соли 1998-ум 623 нафар зиёд мебошад. Тавре ки борҳо таъкид намудаем, ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир обрӯву нуфузи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ коҳиш медиҳад ва нашъамандӣ ба генофонди миллат таъсири манфӣ дорад. Аз ин рӯ, дар баробари мақомоти дахлдор доир ба пешгириву мубориза алайҳи ин зуҳуроти номатлуб бояд тамоми ҷомеа бо дарки масъулият муносибат дошта бошад. Боиси ташвиш аст, ки баъзе кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва хизматчиёни ҳарбӣ ба ҷойи садди роҳи қонуншиканиҳо ва халалдор нагардидани амнияти мардум бошанд, баръакс худашон даст ба ҷиноят мезананд.

Дар давраи пас аз соли 1993-юм дар қаламрави вилоят 30 нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои содир намудани ҷиноятҳои мансабӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд. Ҳамчунин дар байни хизматчиёни гарнизони ҳарбии Хоруғ низ ҷиноятҳои сӯиистифода аз мансаби хизматӣ, баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ ва фирору худсарона тарк кардани қисмҳои ҳарбӣ ҷой доранд. Барои мавҷудияти чунин камбудиҳо ва қонунвайронкуниҳо ду моҳ пеш прокурори ҳарбии гарнизони Хоруғ ва барои ба таври дахлдор ташкил карда натавонистани фаъолияти прокуратура прокурори вилоят аз вазифа сабукдӯш карда шуданд.

Албатта, беҳтарин ва муҳимтарин воситаи таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва амнияту суботи ҷомеа дар ҳар як давлат волоияти қонун ва риояи қонуният мебошад. Аз ин нуктаи назар, мо ҳама, сарфи назар аз синну сол, ҷинс, мансубияти

мазҳабиву нажодӣ, миллӣ ва мансабӣ бояд ҳамеша дар итоати қонун бошем.

Ва танҳо дар ҳамин доира мо эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро таъмин намуда, ба пешрафти миллату инкишофи давлати худ, сатҳи баланди зиндагии мардуми худ ва ободиву шукуфоии Ватани азизи худ мушарраф мегардем.

**Дӯстони мӯҳтарам!**

Ватандорӣ ва давлатдорӣ барои ҳар як миллат бахти бузург аст. Мо 15 сол қабл аз ин ба истиқлолияти давлати худ муяссар гардида, имрӯз бо шукргузорӣ аз он ба таҳкими пояҳои он, рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии он ва дар арсаи байналмилалӣ мавқеи сазовор пайдо кардани он кӯшишу талошҳои зиёд дорем. Барои ба ин мақсади худ расидан бояд ҳар яки мо Ватани худро бештар дӯст дорем, барои пешрафту тараққиёти он кору зиндагӣ намоем. Ояндаи Бадахшон дурахшон аст. Он душвориҳо ва он мушкилоте, ки ҳоло дар вилоят мавҷуданд, муваққатианд, барои бартараф кардани онҳо танҳо азму иродаи қавӣ ва меҳру садоқат нисбат ба Ватан ва миллати худ бояд дошт. Итминони комил дорам, ки ҳар фарди кишварамон, аз ҷумла тамоми сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фаъолияти худро танҳо ба манфиати Ватан, таҳкими истиқлолият, муттаҳидии миллат ва ободии Тоҷикистон равона месозанд. Дар ин роҳ ба ҳамаи шумо барору комёбиҳо мехоҳам.

**Саломат бошед!**

# ШОҲСУТУН ВА ШИНОСНОМАИ ДАВЛАТ

## ПАЁМИ ТАБРИКӢ
## БА МУНОСИБАТИ ДУВОЗДАҲУМИН
## СОЛГАРДИ РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯИ
## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе, 4 ноябри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**

Шашуми ноябр мо дувоздаҳумин солгарди рӯзи қабули Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки яке аз санаҳои муҳимтарини таърихи давлати муосирамон мебошад, ҷашн мегирем. Ба ин муносибат ҳамаи шумо – ҳамватанони гиромиро табрик мегӯям ва орзуманди саломативу сарбаландии ҳар кадоми шумо ҳастам. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо изҳори иродаи тамоми мардуми кишвар қабул гардид ва он поягузори истиқлолияти давлатии миллати тоҷикон, давлату давлатдории навин, таъминкунандаи асосҳои низоми сиёсиву ҳуқуқии кишвар ва муайянкунандаи самтҳои асосии таҳкиму пешрафти ҷомеа мебошад. Конституцсия ба сифати қонуни олии давлат принсипҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеаро муайян намуда, муносибатҳои вобаста ба татбиқи ҳокимияти сиёсӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро танзим мекунад. Қонуни асосии кишварамон рӯйи арзишҳои умумипазируфташудаи ҷаҳони мутамаддин устувор буда, дар бахшҳои алоҳидаи худ тартиби татбиқи онҳоро муқаррар намудааст. Яке аз самтҳои ифодакунандаи ин воқеият дар сатҳи Конституцсия сабт шудани эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин ҳама дар маҷмӯъ баёнгари амалан пайвастани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳон аст.

Дар иртибот бо ин арзишҳои умумипазируфташуда мо дар Конституцсияи худ андешаю мафҳумҳои комилан нави конституцсионӣ, аз ҷумла арзишҳои олӣ будани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он, давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, гуногунандешии сиёсию мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ, озодии эътиқод, сухан, матбуот, гуногуншаклии моликият бо эътирофи моликияти хусусӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкориро сабт намудем. Дар тӯли солҳои сипаришуда ба мо муяссар гардид, ки ин арзишҳои олиро пайваста татбиқ намуда, роҳҳои минбаъдаи рушду такомули онҳоро муайян созем.

Яке аз дастовардҳои бузургу барҷастаи ин раванд демократикунонии тамоми ҳаёти ҷомеа мебошад, ки аслу ҷавҳари онро арзиши олӣ эътироф шудани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он ташкил медиҳад, ки онҳо бо меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ, махсусан Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар, Қарордоди байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Қарордоди байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар санадҳои мӯътабари ҳуқуқи байналмилалӣ такя мекунанд. Конституцсия силсилаи мукаммали ҳуқуқу озодиҳои фардӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро эълон намуда, кафолати амалишавии онҳоро муқаррар кардааст, ки ин ҳама дар маҷмӯъ шароити заруриро барои инкишофи озодии инсон фароҳам меорад.

Эълон намудани Тоҷикистон ба сифати давлати иҷтимоӣ ва масъул сохтани он барои таъмини заминаи зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи иҷтимоии ҳар фарди ҷомеа аз хусусиятҳои башардӯстонаи Конституцсияи мо мебошад.

Созмон додани иқтисоди пешрафта, таҳкиму тақвияти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, тандурустӣ, маориф, илм, фарҳанг, эҳёи тамаддуни бостонии мардумамон ва пайвастани он бо арзишҳои умумибашарӣ унсурҳои муҳими давлати иҷтимоӣ мебошанд. Конституцсияи мо давлату давлатдории навинро асос гузошта, тамоми рукнҳои онро масъул сохтааст, ки дар чаҳорчӯбаи муайяншуда фаъолият намоянд. Дар ин замина рушду такомули доимии онҳо бо дарназардошти шароити иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангӣ, таърихиву анъанавӣ ва миллии кишварамон аз вазифаҳои муқаддаси мо мебошанд.

Қобили ифтихор аст, ки имрӯз давлати Тоҷикистон ба сифати созмони сиёсии муташаккил ва қудратманд қодир аст

тамоми самтҳои фаъолияти худро, ки Конституцсия муайян намудааст, иҷро намояд. Аз он ҷое, ки Конституцсия қонуни олии давлат эътироф шудааст ва муносибатҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеаро танзим мекунад, аз ин рӯ риоя ва татбиқи он вазифаи муқаддаси тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ва шаҳрвандон аст.

Дар воқеъ ҷомеае, ки волоияти Конституцсия, қонунҳо ва тартибу низомро ба сифати омили муайянкунандаи ҳаёташ мепазирад, дар он пешрафту тараққиёт таъмин мегардад. Бунёди чунин ҷомеа маҳз бо ҷидду ҷаҳд, кӯшишу талошҳои инсони озод ва созанда алоқаманд мебошад. Бинобар ин Конституцсия ба сифати санади муқаддас, ки имрӯз аз ҷониби аъзои ҷомеа мавриди дарку ҳазм ва омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст, минбаъд ҳам ин раванд бояд идома ёбад. Конституцсия, ки дар асл шоҳсутун ва шиносномаи давлат, санади тақдирсоз ва таъйинкунандаи сарнавишти миллати мо мебошад, барои ноил шуданамон ба ҳадафҳои бунёдкорию созандагии дар назди мо қарор дошта, ки мақсади ниҳоии онҳо эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад, мусоидат мекунад.

Бори дигар ҳамаи шумо – ҳамватанони азизро ба муносибати дувоздаҳумин солгарди Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ибтидои давлату давлатдории навини мо мебошад, табрик гуфта, ба ҳар хонадон сулҳу оромӣ, хушбахтӣ ва ободӣ орзу менамоям.

# СУХАНРОНӢ
# ДАР ҶАЛАСАИ ЯКҶОЯИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МУНОСИБАТИ САВГАНДЁДКУНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе, 18 ноябри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**

**Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз дар сарнавишти таърихии миллати тамаддунпарвар ва давлати мустақили Тоҷикистон рӯзи воқеан фаромӯшнашаванда аст. Мардуми шарифи Тоҷикистон дар фазои озоду демократӣ Президенти мамлакатро ба таври умумихалқӣ интихоб карда, ба ҷаҳониён ҷонибдории худро аз раванди сиёсати ваҳдати миллӣ, пойдории сулҳу субот, марҳилаи пайгиронаи созандагӣ ва бунёди ҷомеаи мутамаддини демократӣ собит намуд.

Дар ин лаҳзаҳои ҳаяҷонбахшу пурифтихор бо дарки амиқи аҳамият ва рисолати давлатдорӣ ва эҳсоси масъулият барои тақдири имрӯзу ояндаи миллат ва давлат ба тамоми халқи азизи Тоҷикистон, ки ба ман эътиқоду боварии бузург зоҳир карда, аз нав ба мақоми олӣ – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор донист, аз самими қалб миннатдорӣ баён менамоям. Бо камоли сарфарозӣ аз иродаи неку созанда, ширкати озоду фаъолона ва эътимоди шаҳрвандони мамлакат мехоҳам ба ҳар фарди бонангу номус ва огоҳу бедордили Ватан, падарону модарони бузургвор, бародарону хоҳарони арҷманд ва фарзандони азизу меҳрубон эҳтирому самимият ва орзуҳои беҳтарини худро иброз намоям.

Ман ба ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки берун аз марзҳои кишвар қарор доранд, барои ширкати фаъолонаашон

дар маъракаи интихобот ва табрикоти самимонаи онҳо сипоси бепоён изҳор медорам. Инчунин табрикоти самимонаи сарварони олимақоми кишварҳои дуру наздики олам ва роҳбарони созмонҳои бонуфузи байналмилалиро на фақат ба шахсияти Президенти Тоҷикистон, балки пеш аз ҳама чун ифодаи эҳтиром ба миллати куҳанбунёд ва тамаддунпарвари тоҷик медонам, ки маро мисли фарзанди худ ба камол расонидааст. Ман ҳанӯз моҳи ноябри соли 1992 дар иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд карда будам, ки тамоми нерӯву ғайрат ва зиёда аз ин, ҳастиамро барои ояндаи неки Ватан, пойдории сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азизам сарф мекунам.

Таърих бузургтарин ҳакам аст ва баъди солҳо ба ҳусну қубҳи фаъолияти роҳбарону пешвоён, аз ҷумла ба саҳми хоксоронаи ман дар мақоми олии Президенти Тоҷикистон баҳои арзанда медиҳад. Агар дар зарфи солҳои гузашта ба дастоварде ноил шуда бошем, ин қабл аз ҳама маҳсули талошу заҳмати фидокоронаи тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон аст. Вале имрӯз масъулияти бузурги маросими савгандёдкунӣ, пеш аз ҳама бовариву эътимоди халқи азизам, ки тақдири мамлакатро дар тӯли ҳафт соли оянда бар дӯши ман вогузор намуд, водор месозад, ки савганди аввалаамро такрор намоям: то вақте ки дил дар синаам метапад, тамоми қуввату ғайрат ва ҳастии худро барои ободии Ватан, пешрафту шукуфоии Тоҷикистони азиз ва осудагии миллати тамаддунсозу соҳибмаърифати тоҷик фидо мекунам.

**Дӯстони азиз!**

Интихоботи мо – оғози марҳалаи сифатан нав дар татбиқи усул ва арзишҳои эътирофшудаи ҷомеаи демократӣ мебошад. Ширкати озод ва масъулонаи интихобкунандагон ва ҷонибдории амалии стратегияи муосири давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ дастоварди арзишманди оғози ин марҳала аст.

Қобили зикр аст, ки дар давоми понздаҳ соли истиқлоли давлатӣ мо ба як силсила дастовардҳои таърихӣ ноил шудем ва заминаи амалии стратегияи навинро фароҳам овардем. Ҳама дар хотир доранд, ки мо дар оғози роҳи соҳибистиқлолӣ дар вазъи ниҳоят сангини дохилӣ ва минтақавӣ қарор гирифтем: кишвари мо, ки амалан ҷумҳурии камрушд ва дорои мушкилоти ниҳоят зиёди иҷтимоӣ,

иқтисодӣ ва коммуникатсионии собиқ Шӯравӣ буд, бо фурӯпошии он давлат ва шиддати муборизаи дохилӣ ба вазъи сангинтар гирифтор шуд. Ҳамзамон бо ин, афзоиши рӯзафзуни дахолати ҳалқаҳо ва қувваҳои муайяни давлатҳои хоричӣ бо ҳамдастии фаъоли баъзе гурӯҳҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар дохили кишвар омили шиддати бесобиқаи бӯҳрони сиёсӣ ва табдили он ба ҷанги шаҳрвандӣ гардид.

Дар чунин шароити ниҳоят вазнин ва ҳассос эҷоди стратегияи сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки бо дастгирии ҳамаҷонибаи халқи Тоҷикистон ва мусоидати хайрхоҳонаи кишварҳои олам ва ҷомеаи байналмилалӣ муваффақона татбиқ шуда, минбаъд ҳамчун таҷрибаи нодир эътироф гардид, миллати моро аз парокандагӣ ва кишвари азизамонро аз вартаи нобудӣ наҷот бахшид.

Бинобар ин, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ризоияти иҷтимоӣ барои мо дастовардҳои арзишманд ва муқаддас мебошанд. Гузашта аз ин, онҳо омили муҳимтарини рушди минбаъдаи кишваранд ва бояд пайгирона таҳвият дода шаванд.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш мехоҳам бори дигар таъкид намоям, ки таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ пеш аз ҳама хизмати бузурги мардуми солору сарбаланд ва хирадманди тоҷик мебошад. Дар давоми солҳои истиқлолият Тоҷикистон мушкилоти зиёди иқтисодиро паси сар карда, имрӯз ба кишвари дорои низоми муосири муносибатҳои бозаргонӣ, иқтисоди миллии рушдёбанда ва фазои мусоид барои татбиқи нақшаҳои бузурги пешрафт табдил ёфтааст.

Кишвари маҳбуби мо ҳоло имконияти воқеии гузаштан ба марҳалаи сифатан нави рушди иқтисодиву иҷтимоиро ноил гаштааст ва ояндаи он дурахшон мебошад. Таҳкурсии асосии бунёди давлати аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта ва мунтазам рушдёбанда ташаккули иқтисоди бозории қобили рақобат ва муосир мебошад ва барои ин ҳамаи самтҳои ислоҳоти иқтисодӣ, чораҳои бартараф намудани проблемаҳо, муборизаи бар зидди коррупсия суръатафзун ва мунтазам густариш дода мешавад. Таъмини бонизоми рушди иқтисодиёт, баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии мардум дар асоси қабул ва татбиқи Стратегияи миллии рушд дар давраи то соли 2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009, ки бо Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ҳамоҳанг мебошанд, амалӣ мегардад.

Дар ҳафт соли наздик ҳалли вазифаи ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии зерин, ки асоси рушди устувори иқтисоди

миллӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии мардум мебошанд, муҳим ва зарур аст. Ҷиҳати пурра таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ ва табдил додани Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои асосии содиркунандаи нерӯи барқ дар Осиё ҳамкорӣ бо давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ вусъат дода шуда, силсилаи нерӯгоҳҳои барқи обии хурду бузург ва хатҳои баландшиддати интиқоли барқ ба хориҷи кишвар бунёд мегарданд. Инчунин корҳои геологиву ҷустуҷӯӣ, коркарди конҳои ангишт, ки дар Тоҷикистон захираҳои бузург доранд ва истихроҷи газу нафт инкишоф дода мешаванд. Барои комилан раҳо намудани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ робитаи нақлиётии ҳамаи минтақаҳои кишвар дар тамоми фаслҳои сол, таҷдид ва сохтмони роҳҳои ҳозиразамони мошингард, бунёди нақбу пулҳо ва роҳҳо барои баромадан ба бандарҳои обии ҷаҳонӣ босуръат идома дода мешавад.

Татбиқи чорабиниҳо барои таъмин намудани амният ва истиқлолияти озуқавории кишвар босуръат идома дода мешавад ва дар ин самт оид ба ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, азхуд намудани заминҳои нав, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, муҳайё намудани низоми такмилёфтаи қарздиҳӣ ва суғурта, ворид намудани технологияи пешқадам ва техникаи муосир, афзун намудани истеҳсоли тамоми намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди саноатии он, зиёд намудани иқтидори содиротии соҳаи кишоварзӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, дастгирии давлатии он ҳамеша вусъат меёбад. Барои рушди афзалиятноки саноат, хусусан саноати сабук, хӯрокворӣ ва коркарди маъдан татбиқи чораҳои ба кор андохтани корхонаҳои саноатӣ ва ҳарчи пурра истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда, зиёд кардани корхонаҳои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, металлҳои ранга ва сангҳои қиматбаҳо, коркарди пурраи нахи пахта, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва ба рақобат тобовар, зиёд кардани корхонаҳои коркарди маъдан ва аз ин ҳисоб зиёд намудани ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши иқтидори содиротии кишвар вусъат дода мешаванд.

Ҷиҳати густариши фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкории хурду миёна дар кишвар фазои инвеститсионӣ ҳамаҷониба такмил дода шуда, барои ҷалби бештари сармояи ватаниву хориҷӣ ва технологияи муосир ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, инчунин ҷиҳати ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ,

минтақаҳои махсуси саноатӣ ва сайёҳӣ чораҳои мушаххас андешида мешаванд. Барои таъмини фаъолияти пурсамари бахши хусусӣ масъалаҳои татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ, ташкили сохтори нави молиявию бонкӣ барои дастгирии соҳибкорон, зиёд намудани имкониятҳои фаъолияти соҳибкорӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ, дастгирии давлатии бахш ва пешниҳоди қарзҳои хурд барои ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ҳаллу фасл карда мешаванд. Барои идораи бевоситаи раванди ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, инчунин ҷалби инвеститсияҳо сохтори алоҳида таъсис дода мешавад.

Бо мақсади густариши фаъолияти инвеститсионӣ ва соҳибкорӣ, ҳалли бонизоми масъалаҳои сармоягузорон ва соҳибкорон дар кишвар низоми соддагардида ташкил карда мешавад. Сиёсати буҷету андоз ва пулию қарзӣ бемайлон идома дода мешавад ва он дар асоси ҷорӣ намудани механизми нави ташаккули буҷети миёнамӯҳлат, татбиқи сиёсати мутавозини буҷетӣ, таъмини шаффофият ва самаранокии идораи молияи давлатӣ, нигоҳ доштани қобилияти харидории асъори миллӣ, сатҳи пасти таваррум, устувории фаъолияти бонкҳо ва сохторҳои молиявӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба системаи бонкӣ, тақвияти назорати бонкӣ, зиёд кардани ташкилотҳои маблағгузории хурд, дастрас будани қарзҳо, такмили системаи пардохт, рушди бозори коғазҳои қиматнок ва асъор амалӣ мегардад.

Ислоҳоти идораи давлатӣ ва сохтори идораи иқтисодиёт ба воситаи татбиқи чораҳо ҷиҳати ташкили хизмати давлатии касбӣ, ташаккули сохтори куллан нави идораи иқтисодиёт, такмили тартиби ҷобаҷогузории кадрҳо дар асоси салоҳияти касбӣ, бартараф намудани такрори вазифаҳо дар мақомоти гуногун, баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатии марказӣ ва маҳаллӣ, пурзӯр намудани мубориза бар зидди коррупсия ва ришвахӯрӣ амалӣ карда мешавад.

Мо роҳи ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули иқтисоди бозориро пеш гирифтаем, барои густариши он тамоми чораҳоро амалӣ мегардонем ва дар ин роҳ ҳамкориро бо созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ вусъат медиҳем. Мақсаду маромии аслии мо аз тамоми чорабиниҳо ва барномаҳо пеш аз ҳама баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон аст. Расидан ба ин ҳадафҳои инсонпарварона ва олӣ, чунон ки борҳо таъкид карда будам, бевосита ба рушди соҳаҳои илм, маориф, тандурустӣ ва

фарҳанг вобаста мебошад. Чунки кадрҳои донишманд ва мутахассисони варзидаи ватанпараст ба ҳалли проблемаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ қодир ҳастанд.

Бинобар ин, соҳаҳои мазкур афзалиятнок дониста шуда, ҳамеша таҳти назорат ва таваҷҷӯҳи Ҳукумат қарор гирифтаанд ва дар оянда ба онҳо диққати боз ҳам бештар дода хоҳад шуд. Ғамхории доимӣ ба собиқадорони ҷангу меҳнат, ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоату бесаробон аз вазифаҳои муҳими иҷтимоии давлат мебошад. Ба ин манзур дар солҳои оянда низ барои беҳбуди шароити зиндагӣ ва таъминоти онҳо тадбирҳои зарурӣ андешида, корҳои неки анҷомдодаамонро идома хоҳем дод. Ҳамчунин сиёсати мо нисбат ба ҷавонон ва занон мисли солҳои собиқ давом ёфта, ғамхорӣ ба онҳо ва таъмини иштироки фаъолонаашон дар корҳои идораи давлат ва ҳаёти ҷомеа мавриди диққати ҷиддӣ қарор мегирад. Ҷавонон нерӯи фаъолу боғайрат, қувваи созандаи ҷомеаи моро ташкил медиҳанд. Онҳоро хуб тарбия кардан ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намудан вазифаи муқаддаси ҳамаи аъзои ҷомеа аст. Зеро ҷавонон ободгарони Ватан, соҳибони ояндаи Тоҷикистони мустақилу демократӣ ва такягоҳи боэътимоди давлати соҳибистиқлол мебошанд. Рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ, аз ҷумла гуногунандешии сиёсиву мафкуравӣ, озодии эътиқод ва изҳори ақида, сухан, матбуот ва такмили дигар унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз вазифаҳои муҳиму доимии давлат мебошанд.

Дар ин самт нақш ва мавқеи ҳокимияти судӣ барои таъмини адолати иҷтимоӣ, қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд хеле муассир мебошад. Бинобар ин, бо мақсади рушду такомули минбаъдаи ҳокимияти судии кишвар ҳарчи зудтар Барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ қабул ва амалӣ гардонида шавад. Мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, аз ҷумла коррупсия, терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, одамфурӯшӣ ва ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки фаъолияти тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатии Тоҷикистон ва аъзои ҷомеа буда, тамоюли муайянкунандаи он пурзӯр намудани мубориза бар зидди ин падидаҳои номатлуб мебошад. Мо бояд возеҳан дарк намоем, ки дар оғози марҳалаи нисбатан тӯлонӣ қарор дорем. Мазмуни аслии ин марҳала бунёди ҷомеаи пешрафта ва муосири демократӣ мебошад. Ин ҷомеа бояд қодир бошад, ки барои ҳар фарди Ватан зиндагии озоду

шоиста ва пешрафти фарҳангиву маънавиро фароҳам ва таъмин намояд. Татбиқи ин ҳадафи воло стратегияи дарозмуддат ва асосноки рушди миллиро тақозо дорад. Мо чунин стратегияро тарҳрезӣ ва пешниҳод хоҳем намуд. Самти муҳимтарини фаъолияти мо таҳкими давлатдории навин ва низоми сиёсиву идории он мебошад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Ба шарофати истиқлоли Ватан, яъне баъди садсолаҳо имкони амалии он муяссар гардид, ки мо узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ гардем. Ин имкони заррини таърих ба давроне рост омад, ки таҳаввулоти амиқ ва ниҳоят зиддиятнок дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон ҷараён доштанд ва бӯҳрони сиёсӣ ба авҷи худ мерасид.

Дар чунин шароити ниҳоят ҳассос ва хатарнок мо стратегияи ҳамаҷониба асоснок ва санҷидаи минтақавӣ ва байналмилалиро таҳия ва амалӣ намудем, ки на фақат манфиатҳои олии миллии моро таъмин намуд, балки давлати тозаистиқлоли Тоҷикистонро ба узви фаъол ва соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил дод. Дар ин марҳалаи навини созандагии таърихӣ мо сиёсати "дарҳои кушода" ва прагматикии худро собитқадамона идома хоҳем дод. Мазмуни аслии он ҳамкории судманд ва беғаразона бо ҳама давлатҳои ҷаҳон аст. Мо ба ягон кишвар ва давлат ғарази сиёсӣ надорем ва хоҳони равобити нек, содиқона ва холисона бо ҳама давлатҳо мебошем.

Ба манзури таъмини шоиста ва зарурии манфиатҳои дарозмуддати худ мо дар чаҳорчӯбаи шарикии стратегӣ бо Федератсияи Россия ҳамкориҳои судманд хоҳем дошт. Ҳамзамон равобити фаъолу созанда ва рушдёбандаро бо кишвари бузурги ҳамсоя – Ҷумҳурии Халқии Чин таҳким бахшида, барои тавсеа ва густариши минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи худ бо Штатҳои Муттаҳидаи Амрико саъю кӯшиш ба харҷ хоҳем дод. Дар ин ҷода мо барпо намудан ва инкишофи матлуб бахшидан ба робитаву ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои аъзои он дар ҳамаи арсаҳо, бахусус дар соҳаҳои иқтисодӣ, ҷалби технологияҳои муосир ба манфиати тарафайн ва ҳамкории минтақавию ҷаҳонӣ мешуморем.

Таъмини сатҳи муосири ҳамкории васеъ дар минтақаи Осиёи Марказӣ вазифаи ниҳоят муҳим ва стратегии марҳалаи кунунӣ аст. Мо ҳамсояҳои таърихӣ мебошем ва абадан чунин

хоҳем монд. Ҳадафи мо ин аст, ки ҳамсояҳои воқеан ва амалан нек бошем, монеа ва мушкилоти ба таври сунъӣ эҷодшударо аз байн барем ва ҳамкории созандаву судмандро таъмин намоем.

Мо чунин мешуморем, ки танҳо чунин сатҳи ҳамкорӣ якҷоя бо сатҳи баланди эътимоду боварӣ метавонад рушди зарурӣ ва зиндагии шоистаи мардумони моро таъмин намояд. Самти дигари муҳими стратегияи дарозмуддати минтақавӣ ва байналхалқии мо вусъат бахшидан ба равобиту ҳамкории васеъ ва пайгирона рушдёбанда бо кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанг ва ҳамҷавор, бахусус Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, бо тамоми кишварҳои мусулмонӣ ва умуман Осиё аст, ки он бояд дар таъмини фазои хуби эътимод ва ҳамкориҳои дӯстона мусоидати фаъол намояд. Дар ин росто мо чунин меҳисобем, ки таъмини низоми босуботи амният ва ҳамкорӣ дар Осиё – ин қитъаи бузургтарини ҷаҳон бояд ҳадафи бузурги муштараки давлатҳои Осиё бошад. Бахши муҳими сиёсати хориҷии мо ҳамчунон ширкати васеъ ва созанда дар фаъолияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, қабл аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо, Созмони Конфронси исломӣ ва дигар институтҳои байналмилаливу минтақавӣ хоҳад буд. Дар айни замон зарур аст, ки ҳамкории мо бо институтҳои байналмилалии молиявӣ, бахусус Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки аврупоии таҷдиду тараққиёт, Бонки осиёии рушд, Бонки исломии рушд ва дигар созмонҳои минтақавию байналмилалии молиявӣ густариши бештар пайдо карда, ба пешрафти сохторҳои иқтисодии кишвар ва дар маҷмӯъ ба тараққиёти Тоҷикистон мусоидати фаъол намояд. Дар маҷмӯъ мо вазифадорем бо сиёсати ниҳоят санҷида, мутавозин ва созандаи хориҷӣ манфиатҳои миллии худро дар ҷаҳони дар ҳоли тағйиру таҳаввул таъмин намуда, ба мақоми шоиста ва сазовори Тоҷикистони соҳибистиқлол дар низоми нави ҷаҳонӣ комёб шавем. Ин ҳадафи ҷорӣ ва дарозмуддати стратегияи миллии мост.

**Ҳамватанони азиз!**

Ман чун як фарзанди миллат аз рӯзҳои аввали фаъолиятам дар маснади олии Сарвари давлат ва Президенти

мамлакат аз дастгириву пуштибонии халқ ва азму иродаи хайрхоҳонаи мардуми кишвар нерӯву мадори тоза гирифта, бо мадади рӯҳи бузургони гузашта ва дуои неки мӯйсафедон мушкилоти гарони иҷтимоиву иқтисодӣ ва муборизаҳои шадиди сиёсиро паси сар мекардам. Маҳз азму иродаи қавӣ ва ҷонибдории беғазаронаи шумо буд, ки мо дар тӯли понздаҳ соли истиқлолият на танҳо оташи ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандиро хомӯш кардем, балки сарҷамъии миллатро таъмин намуда, пойдевори давлату давлатдории мустақилро гузоштем ва бо дарки масъулияти таърихӣ сулҳу ризоият ва ваҳдати шикастнопазири миллиро фароҳам оварда, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мақоми шоиста пайдо кардем. Маҳз кору пайкори бардавом, саъю талоши пайгирона ва меҳнати ҳалолу бунёдкоронаи шумо буд, ки мо аз касодии иқтисодӣ ва бӯҳрони шадиди сиёсии дохилӣ раҳо ёфта, ба шоҳроҳи рушди босуръат ва устувори иқтисодӣ ворид шудем ва роҳи ободониву созандагиро пеш гирифтем. Мову шумо бо тақозои давр сӯйи ҷомеаи адолатноки шаҳрвандӣ қадам ниҳода, низоми муассири ҳифзи иҷтимоиро эҷод намудем, ки фарогири манфиатҳои ҳар фарди мӯҳтоҷ ва ниёзманд аст. Гузашта аз ин, барои рушди рӯзафзуни илму маориф, тандурустӣ, фарҳангу маънавиёт, суннату анъанаҳои писандида ва арзишҳои гуногуни миллӣ фазои мусоид фароҳам овардем.

Имрӯз рисолати бузургу пурифтихори савгандёдкунӣ ва бовариву эътимоди интихобкунандагон маро водор месозад, ки дар ҳафт соли оянда боз ба хиради азалӣ, азму иродаи созанда ва дастгириву пуштибонии беғаразонаи халқи азизам такя намоям. **Савганд ба номи поки Худо, савганд ба шири сафеди модарам, савганд ба дуои неки падарону модарон, савганд ба нону намаки дастархони пиру ҷавон, савганд ба обу хоки муқаддаси Ватан, ки масъулияти тақдири имрӯзу ояндаи давлату миллати тоҷикро бар дӯш мегирам.**

**Савганд ба ҷони ҳафт миллион фарзанди Тоҷикистони азиз, ки тамоми ҳастӣ, нерӯву ғайрат ва тачрибаву иродаамро барои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебахшам.**

## СУХАНРОНӢ
## ДАР МАРОСИМИ РАСМИИ САВГАНДЁДКУНИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ ДАР НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе, Майдони «Дӯстӣ», 18 ноябри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Мӯҳтарам ҳомиёни Ватан!**

Чанд лаҳза қабл ман дар ҳузури аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, доираи васеи намояндагони ҷомеаи Тоҷикистон ва корпусҳои дипломатии муқими кишварамон савганди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар шиносномаи давлат – Конституцсия сабт шудаасту онро Президенти навинтихобшуда пеш аз шурӯъ кардан ба иҷрои вазифа ёд мекунад, бо дарки масъулияти баланд дар назди миллати сарбаланди худ иброз доштам. Илова ба ин, дар баробари такроран таъкид намудани қасами 14 сол пеш ёдкардаи хеш, инчунин **ба номи поки Худо, ба шири сафеди модар, ба дуои неки падарону модарон, ба нону намаки дастархони пиру ҷавон, ба обу хоки муқаддаси Ватан, ба ҷони ҳафт миллион мардуми мамлакат** савганд ёд кардам, ки тамоми ҳастии худро ба Тоҷикистони азиз мебахшам. Шумо хуб медонед, ки баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон таҳдиди хатари парокандагии давлату миллати мо маҳз дар натиҷаи худро бетараф эълон намудани баъзе сохторҳои низомиву мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ба миён омада буд.

Ҳоло шумо – фармондеҳон, афсарон ва тамоми хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомии мамлакат мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи савгандёдкунии тантанавии хизматчиёни ҳарбӣ барои садоқат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" бояд дар бораи садоқати худ нисбат ба Ватани азиз, давлату миллат ва Сарвари давлати

навинтихобкардаи кулли мардуми кишвар дар назди Президенти Тоҷикистон савганд ёд менамоед ва бо ибрози он ҳар яки шумо дар ҳимояи давлату миллати худ масъулияти бузурги фарзандиро ба зимма мегиред. Маросими кунунӣ қисми таркибӣ ва муҳими суннати навин ва бошукӯҳи сиёсӣ ва расмист, ки имрӯз амалан бунёдгузорӣ мешавад. Шабеҳи ин маросим ва расми савгандёдкунии шумо бо изҳори садоқат ва вафодорӣ ба Президенти мамлакат дар давлатдории миллии мо анъанаи дерин, таърихӣ ва нек аст. Дар айни замон, ки Президенти Тоҷикистон дар интихоботи озоду демократӣ ва бо иродаи возеҳу қотеъи кулли мардум интихоб гардид, эҳёи ин анъанаи судманди таърихиро ба хотири таъмини боэътимоди амният ва ҳифзи суботи устувори давлату миллат муфид ва матлуб меҳисобам. Амният, сулҳу субот дар кишвар ва ваҳдату иттиҳоди миллӣ асоси пешрафту тараққиёти Ватан мебошад. Масъулияти азими ҳимоя ва таъмини онҳо ба зиммаи шумо – муҳофизони Ватан, яъне хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот гузошта шудааст. Мо ҳоло аз он қаноатмандем, ки нерӯҳои мусаллаҳи Тоҷикистон бе ягон таҳқурсии меросӣ ташаккулу такомул ёфта, дар барқарор, ҳифз ва устувор гардонидани суботи кишвар дар баробари саҳми беандоза доштан, инчунин дорои таҷрибаву маҳорати кофӣ гардид.

Бо истифода аз фурсат ба ҳамаи шумо барои садоқати шоиста ба Ватан, талоши пайваста барои ҳифзи суботу амнияти устувори Тоҷикистони азиз ва адои хизмати содиқонаи ҳарбӣ миннатдории худро иброз медорам.

**Дӯстони азиз!**

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳони муосир, ки дар он ошкорову ниҳонӣ падидаҳои номатлуб, аз ҷумла терроризм, экстремизм, ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ, қочоқи маводи мухаддир хатару таҳдидҳои навро ба миён овардаанд, мо бояд ба иқтидори мудофиавии кишвари худ таҳвият бахшем. Дар баробари ин, мо бояд хуб дарк намоем, ки нерӯ ва қудрати мудофиавии кишвар аз садоқату вафодории комили хизматчиёни ҳарбӣ, яъне аз сарбозони қаторӣ то афсарони баландрутбаи мамлакат нисбат ба Ватан ва давлату миллат вобаста аст. Низоми муташаккили Қувваҳои Мусаллаҳ бошад, дар риояи қатъии қонуният ва иҷрои ҳатмии талаботи оинномавию дастурии хизмати ҳарбӣ зоҳир

мегардад. Мо итминони комил дорем, ки шумо – муҳофизони Ватан бо эҳсоси баланди ин рисолат ва масъулияти таърихии фарзандӣ ба савганди ҳарбӣ ва ба савганди имрӯз дар назди Президенти Тоҷикистон ёдкардаи худ содиқ монда, ҳифзи боэътимоди марзу буми аҷдодӣ ва давлати соҳибистиқлоли худро аз тамоми манфиатҳо боло гузошта, ба таври шоиста таъмин менамоед. Ва дар адои ин қарзи муқаддас ва вазифаи шарафманду масъулиятнок ба ҳамаи шумо бурдборӣ, муваффақият ва сарбаландӣ орзумандам.

**Саломат бошед!**

# НЕРӮИ БУЗУРГИ ТАБИАТ ДАР ХИДМАТИ ИНСОН

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ БАСТАНИ МАҶРОИ ДАРЁИ ВАХШ

Сангтӯда, 15 декабри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонон ва ҳозирини мӯҳтарам!**

Имрӯз барои мардуми шарифи мо рӯзи гузоштани боз як қадами устувор ба сӯйи ободии Ватани аҷдодӣ ва таҳкими пояҳои давлати соҳибистиқлоли миллӣ мебошад. Ин лаҳзаҳо ба шарофати меҳнати содиқонаву софдилонаи мутахассисон ва бунёдкорони мо дарёи Вахш маҷрои табиии худро дигар мекунад ва нерӯи ин неъмати табиат ба манфиати ояндаи осудаи мардум равона мегардад.

Ба ин муносибат тамоми халқи Тоҷикистон ва ҳамаи мутахассисону коргарони ин сохтмони дар ҳақиқат бузурги асрро табрик мегӯям. Чунон ки борҳо гуфтаам, Тоҷикистон аз лиҳози захираҳои гидроэнергетикӣ дар миқёси минтақа ва ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. Истифодаи ҳарчи бештари ин захираҳо ва бунёди иншооти бузурги гидроэнергетикӣ ба дӯши насли мову шумо, яъне ҳамаи онҳое қарор гирифт, ки ба хотири мустаҳкам кардани асосҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва таъмин намудани сатҳи зиндагии шоистаи халқ заҳмат мекашанд.

Сохтмони нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» моро ба яке аз ҳадафҳои олӣ ва стратегиамон – таъмини истиқлолияти энергетикии кишвари азизамон хеле наздик месозад.

Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки маҷрои дарёи пурмавҷу нооромии Вахш имрӯз бори дуюм ба таври сунъӣ ва бо мақсади истифодаи қудрати он барои рушди иқтисодии мамлакат баста мешавад. Бори аввал ин кор моҳи марти соли

1966, яъне зиёда аз чил сол пеш барои сохтани сарбанди нерӯгоҳи барқи обии Норак сурат гирифта буд.

Дар бунёди ҳар системаи иқтисодӣ соҳаи стратегие вуҷуд дорад, ки рушди устувори минбаъдаи давлат ва беҳбудии миллатро муайян мекунад.

Нафту газ ва сарватҳои дигари табиӣ барои бисёр мамлакатҳо асоси рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ маҳсуб мешаванд. Тоҷикистон дар ин бахш истисно нест. Бино ба арзёбии мутахассисон, нерӯи гидроэнергетикии ҷумҳурӣ соле беш аз 527 миллиард киловатт/соатро ташкил дода, маҳаки муайянкунандаи рушди энергетикаи мамлакати мо мебошад. Вай кифоят мекунад, ки омили асосӣ ва нерӯи сифатан баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқ ва муҳаррики рушди устувори саноат, кишоварзӣ, бахши иҷтимоӣ ва тамоми маҷмӯи таъмини ҳаёти давлат гардад. Дар робита бо ин Ҳукумати мамлакат як қатор лоиҳаҳои иқтисодиро тарҳрезӣ ва рӯйи кор меорад, ки на фақат барои Тоҷикистон аҳамият доранд, балки бидуни шубҳа, барои рушду тараққии тамоми минтақа ҳам аҳамияти иқтисодии ҷуғрофӣ доранд.

Анҷоми сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2», нерӯгоҳи барқи обии Роғун ва ғайра имконият медиҳад, ки истеҳсоли нерӯи барқ сию чор миллиард киловатт/соат зиёд карда шавад. Дар чунин шароит, ки талаботи воқеии мамлакат бисту чор миллиард киловатт/ соат нерӯи барқ мебошад, мо имконият пайдо мекунем, ки бақияи онро дар ҳаҷми тақрибан 10 миллиард киловатт/соат дар як сол ба хориҷа содир кунем.

Сохтмони нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» дар ин амр мақоми хоса дорад, зеро иттифоқчии стратегӣ – Федератсияи Русия дар ин кор шарики мо мебошад. Мехостам саҳми Президенти Федератсияи Русия мӯҳтарам Владимир Владимирович Путинро дар амри давом додани сохтмони иншооти мазкур ва таҳкими ҳамкории иқтисодии байни мамлакатҳоямон ба таври махсус қайд намоям.

Мо аз раиси Раёсати Ҷамъияти саҳомии «Системаи ягонаи энергетикии Русия» мӯҳтарам Анатолий Борисович Чубайс барои саҳми шахсиаш дар тезонидани корҳои сохтмонии НБО «Сангтӯда-1» сипосгузорем. Мехостем умедвор бошем, ки захираҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон бо истифода аз имконияти Ҷамъияти саҳомии «Системаи ягонаи энергетикии Русия» ва бунёди нерӯгоҳҳои

нави барқӣ омили рушди иқтисодиёти мо ва афзоиши қудрати содиротии Тоҷикистон мегарданд.

**Дӯстони азиз!**

Имрӯз барои шаҳрвандони ҷумҳуриамон рӯзи махсусу фаромӯшнашаванда – рӯзест, ки инсон муҳити табииро бо мақсади сифатан беҳтар намудани худи табиати одам тағйир медиҳад. Мо барои он маҷрои дарёи бузурги Вахшро мебандем, ки ин нерӯи бузурги табиат ба нафъи инсон хизмат карда тавонад. Бастани маҷрои дарё баъди анҷоми сохтмони нақбҳои обгузар имконпазир гардид. Акнун то ба истифода додани гидроагрегатҳо оби дарёи Вахш тавассути ин нақбҳое ҷорӣ мегардад, ки дар натиҷаи кори диловаронаи ҳайати калони бинокорон, бастакорон, лоиҳакашон ва ҳамаи иштирокдорони дигари ин сохтмони бузург бунёд шудаанд. **Вазифаи худ мешуморам, ки ба ҳамаи онҳо барои меҳнати шуҷоатмандашон изҳори миннатдорӣ намоям.**

НБО «Сангтӯда-1», ки иқтидораш 670 мегаваттро ташкил медиҳад, дар силсилаи нерӯгоҳҳои барқии дарёи Вахш нерӯгоҳи панҷум буда, баъди ба истифода доданаш ҳар сол 2 миллиарду 733 миллион киловатт/соат қувваи барқ тавлид мекунад. Аз ҷумлаи ин ҳаҷм беш аз нисфаш дар фасли тирамоҳу зимистон ҳосил гардида, имкон медиҳад, ки камбуди мавсимии қувваи барқ рафъ карда шавад. Ва асосан, ин боз як қадами калонест, ки мамлакати моро ба сӯйи мустақилияти энергетикӣ наздик намуда, имкон медиҳад, ки иқтисодиёти тараққиёбандаи Тоҷикистон боз ҳам устувортар гардад. Ин вазифаи бароямон стратегист, ки дар назди Ҳукумати Тоҷикистон ва сохторҳои дахлдор гузошта шуда буд.

Ин вазифа дар Паёми Президент ба парлумони мамлакат дар соли ҷорӣ ва суханрониам дар маросими қасамёдкунӣ ба таври махсус зикр шуда буд. зеро аҳамияти ин нерӯгоҳи бузурги барқӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон басо бузург аст.

Мехоҳам боз як ҷиҳати муҳими ин сохтмонро қайд намоям. Ҳама хуб медонанд, ки талабот ба энергия масъалаи стратегии иқтисодиёти босуръат тараққиёбандаи қитъаи Осиё мебошад.

Дар марҳалаи ҳозира шавқу ҳаваси Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Русия, Чин, Ҳиндустон ва давлатҳои дигар ба масъалаи маблағгузорӣ намудани татбиқи

лоиҳаҳои ҳаҷман калони энергетикӣ дар Тоҷикистон хеле афзуд. Бино бар ин, самараи иқтисодии ҷуғрофии «Сангтӯда-1» барои кишварҳои минтаҚа ба рушди бозори минтаҚавии қувваи барқ, таҳкими ҳамкории миёни мамлакатҳои Осиёи Марказию Ҷанубӣ мусоидат мекунад.

Бояд зикр намуд, ки ҳанӯз дар марҳалаи аввали бунёди иншооти мазкур аҳдномаи байни Тоҷикистону Афғонистон дар бораи сохтмони хатти интиқоли барқи қудраташ 220 киловолт, ки маҳз аз ҳамин ҷойи имрӯз қарордоштаи мову шумо ибтидо мегирад, имзо шуда буд.

Он рӯз дур нест, ки ин хатти интиқоли барқ бо нерӯгоҳҳои барқи обии Нораку Роғун пайваст гардида, шабакаи боэътимоди бо барқ таъмин намудани давлатҳои минтаҚаро қавӣ гардонида ва фароҳам месозад. Сохтмони НБО «Сангтӯда-1» ҳамчунин аҳамияти зиёди иҷтимоӣ дорад. Имрӯз дар сохтмони иншооти мазкур беш аз дуввуним ҳазор кас кор мекунад, ки ду ҳазор нафари онҳо кадрҳои маҳаллианд.

Ғайр аз ин, аҳолии маҳаллӣ бо кор таъмин гардидааст, ки ин имконияти баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии онҳоро фароҳам меорад. Ин маркази сохтмон мактаби таълиму омӯзиши таҷрибаи пешқадами сохтмони иншоотҳои нодир аст. Дар ин ҷо садҳо нафар мутахассисони Федератсияи Русия кор карда, ихтисосу касбҳои навро омӯхта, сатҳи касбиашонро баланд мебардоранд.

Дар гузаштаи наздик сохтмони НБО Норак ва иншооти дигари гидроэнергетикӣ марказҳои тарбияи кадрҳо маҳсуб мешуданд. Ҳоло сохтмони НБО «Сангтӯда-1»-ро бо итминони комил мактаби тарбияи кадрҳои энергетикаи ояндаи Тоҷикистони мустақил шумурдан мумкин аст.

Метавонам бо камоли итминон бигӯям, ки имрӯз дар ин ҷо мутахассисону роҳбарони ояндаи сохтмони иншооти калони энергетикии Тоҷикистон, чун иншоотҳои барқии Роғун, Шӯрообод, Даштиҷум ширкат доранд. Халқи Тоҷикистон ҳалли проблемаҳои бо қувваи барқ таъмин намудани мамлакатро, ки анҷоми сохтмони НБО «Сангтӯда-1» ба он мусоидат мекунад, бесаброна интизор аст.

**Меҳмонони азиз, дӯстони мӯҳтарам!**

Ҳамаи шуморо ба ин воқеаи фаромӯшнашаванда – бастани маҷрои дарёи Вахш, ки Тоҷикистони маҳбубамонро

ба ҳолати таъмин будан бо қувваи барқи худӣ наздик месозад, муборакбод менамоям.

Ба ҳамаи шумо дастовардҳои нави меҳнатӣ, зудтар рӯйи кор овардани гидроагрегатҳо ва муваффақиятҳои бузургро таманно дорам!

**Ба шумо тансиҳатӣ ва саодату беҳбудӣ орзу мекунам.**

# ИДИ ҚУРБОН ТАҶАССУМГАРИ САДОҚАТУ ФИДОКОРӢ

## ТАБРИКОТ БА МУНОСИБАТИ ИДИ ҚУРБОН

28 декабри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати иди саиди Қурбон, ки яке аз маросимҳои мубораки дини мубини ислом буда, рӯзи 31-уми декабр таҷлил мегардад, табрику муборакбод менамоям. Иди Қурбон таҷассумгари садоқату фидокории мӯъминон дар назди Худованд буда, ҳамзамон дорои фазилатҳои меҳру саховат ва ҳимматбаландӣ мебошад.

Аз баракати истиқлолияти давлатӣ имрӯз сокинони мамлакатамон фаризаҳои асосии иди шарифи Қурбонро озодона ва бемамониат адо менамоянд. Дар баробари ба ҷо овардани аҳкоми ид ба аёдату табрики пайвандону наздикон, беморону пиронсолон ва зиёрати марқади гузаштагон рафтан, ба азодорон изҳори ҳамдардӣ кардан ва муҳимтар аз ҳама ба дармондагону ниёзмандон ва ашхоси камбизоат хайру эҳсон намудан ба урфияти неки мардуми Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Ҳазрати Муҳаммад (с) дар ҳадиси худ фармудааст: «Аввал чизе, ки Худованди таъоло дар тарозуи амал мениҳад, ахлоқи нек ва саховат аст».

Бузургони адабиёти оламшумули мо бошанд, ба даст овардани дили мӯъминонро бо ҳаҷҷи акбар баробар донистаанд.

Дар ин замина дар кишвари мо дар арафаи чунин идҳо дастгирии моддӣ ва кӯмак ба эҳтиёҷмандон ба ҳукми анъана даромадааст. Бахусус аз тарафи ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо ва шахсони саховатпешаву ҳимматбаланд чунин амали неку савоб бештар сурат мегиранд ва мо умедворем, ки

кӯмаки онҳо нисбат ба солҳои гузашта боз ҳам афзун мегардад.

Дар арафаи иди Қурбон ҳаҷгузорӣ яке аз рукнҳои асосӣ мебошад. Имсол Ҳукумати Тоҷикистон бо дарназардошти талабот ва эҳтиёҷоти рӯзафзуни шаҳрвандони кишвар барои адои маносики ҳаҷ маҳдудияти марбут ба шумораи ҳаҷкунандагонро аз байн бардошта, ба сокинони мамлакатамон имконияту шароити муносиби ҳаҷро фароҳам овард.

Ҳоло беш аз чоруним ҳазор сокини Тоҷикистон бо нияти адои маносики ҳаҷ ва зиёрати хонаи Худо ба Маккаи Мукаррама ва Мадинаи Мунаввара сафар карданд, ки шумораи онҳо нисбат ба соли гузашта ҳазор нафар зиёд аст.

Умед дорем, ки ҳар кадоми онҳо дар Каъбатуллоҳ ба хотири сулҳу суботи поянда, рӯзгори осудаи мардуми тоҷик ва ободии Ватани азизи худ дуои нек карда, пас аз бозгашт дар баробари талқини одобу ахлоқи ҳамида, заҳматписандӣ ва корҳои неку савоб ҷомеаро ба ваҳдати миллӣ, созандагиву бунёдкорӣ ва барои ободии сарзамини аҷдодӣ ҳидоят менамоянд.

Мехоҳам хотирнишон намоям, ки ҳоло кишвари мо дар марҳалаи бунёдкориҳои азим қарор дошта, роҳи пешрафтҳои рӯзафзун ва рушди устувори иқтисодиву иҷтимоиро пеш гирифтааст.

Дар ин марҳала аз ҳар фарди бонангу номус, худогоҳу худшинос, ватандӯсту ватанпараст тақозо мегардад, ки бо азму иродаи нек ва садоқату меҳнати софдилона дар ободиву шукуфоии Ватани азизи худ саҳмгузор бошанд.

Бори дигар шуморо бо иди шарифи Қурбон табрик гуфта, бароятон рӯзгори ободу осуда ва сарбаландиву комёбиҳо орзумандам.

**Ид муборак, ҳамдиёрони азиз!**

# ЗИНДАГИИ ШОИСТАРО ФАРОҲАМ ОВАРЕМ

## ПАЁМИ ТАБРИКӢ БА МУНОСИБАТИ ФАРОРАСИИ СОЛИ НАВИ 2007

Душанбе, 31 декабри соли 2006

**Ҳамватанони азиз!**

Дар ин лаҳзаҳои бисёр фараҳбахш, ки Соли нави милодии 2007-ум бо яке аз идҳои суннатии мусулмонони олам –иди Қурбон баробар омадааст, ҳамаи шуморо аз самими дил муборакбод мегӯям.

Ба якдигар баробар омадани ин ду ид фоли неку пешомади хайр аст ва аз расидани хушбахтиву саодати дучанд барои мардуми хайрхоҳ, сулҳдӯст ва фарҳангпарвари мо башорат медиҳад.

Воқеан, соле, ки пас аз чанд лаҳза ба поён мерасад, бо рӯйдодҳои бузургаш дар таърихи миллати тамаддунофари мо ҳамчун соли хотирмону фаромӯшнашаванда абадан сабт хоҳад шуд.

Мову шумо дар ин сол ҷашнҳои бошукӯҳи 15-солагии Истиқлолияти давлатӣ, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлобро таҷлил карда, дар пойтахти давлати соҳибистиқлоламон – шаҳри Душанбе Анҷумани навбатии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳонро доир намудем ва Президенти нави мамлакатамонро интихоб кардем.

Ин санаҳои муҳими сиёсиву фарҳангии дорои аҳамияти умумидавлативу умумимиллӣ дар таҳкими пояҳои давлатдории навини миллатамон, таҳвияти худшиносиву худогоҳӣ, пойдории ваҳдат ва болоравии ифтихори миллии мардуми шарифи Тоҷикистон нақши арзишманд гузоштанд.

Дарки амиқи моҳияти давлатдорӣ, огоҳӣ аз асл ва решаҳои таърихии худ дар шароити соҳибистиқлолии давлатамон ва соҳибдавлатии миллатамон ба мо имкон медиҳад, ки вахдати миллиро ҳарчи бештар таҳким бахшида, ҳамеша дар пайи ободӣ, пешрафту тараққиёт ва шукуфоии Ватани азизамон бошем.

Мехоҳам хотирнишон намоям, ки ҳанӯз соли 2005-ум дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ дар панҷ соли оянда таъмин намудани истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва таъмини амнияти озуқавориро ҳамчун вазифаҳои стратегӣ ва дорои аҳамияти ҳаётӣ таъкид карда будам.

Имрӯз бо қаноатмандӣ изҳор медорам, ки мо дар иҷрои ин вазифаҳои бузургу таърихӣ дар соли 2006-ум ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардидем.

Дар баробари татбиқи тадбирҳои муассир вобаста ба рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, Ҳукумат ба хотири тадриҷан таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва ба як қаламрави воҳид табдил додани он як силсила чорабиниҳои созандаро вусъат бахшид.

Маҳз имсол дар сохтмони нақби «Истиқлол» корҳои асосӣ ба анҷом расонида шудаанд ва дар таърихи Тоҷикистон ҳоло нахустин фасли зимистон аст, ки тавассути ин нақб рафтуои мошинҳо дар роҳи Душанбе-Хуҷанд идома дорад.

Ба истифода дода шудани пули сеюм дар болои дарёи Панҷ, ки марзҳои Тоҷикистону Афғонистонро ба ҳам мепайвандад, як қадами бузург ва устувор дар роҳи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакатамон гардид.

Чанде пеш барои бунёди сарбанди Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» баста шудани маҷрои дарёи Вахш низ воқеаи фаромӯшнопазири сол гардид. Зеро бо вусъат ёфтани корҳои сохтмонӣ дар ин нерӯгоҳ баъди як сол агрегати аввалини он ба кор оғоз карда, моро ба истиқлолияти энергетикӣ хеле наздик месозад.

Дар баробари ин, маҳз дар давоми соли 2006-ум мо ба сохтмони як қатор иншоотҳои бузург, аз ҷумла ба бунёди Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2», хатти интиқоли барқи Ҷануб-Шимол, марҳилаи дуюми таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Саритош, азнавсозии шоҳроҳи

Душанбе-Чанак ва сохтмони нақбҳои Шаҳристону Шаршар оғоз бахшидем.

Эътимоди шумо, ҳамватанони азиз, комил бошад, ки мо ҳамаи ин ва дигар иншоотҳои дорои аҳамияти стратегии мамлакатамонро дар мӯҳлатҳои муқарраргардида сохта, дар ояндаи наздик на танҳо эҳтиёҷоти худро бо қувваи барқ таъмин мекунем, балки Тоҷикистони азизи худро ба яке аз кишварҳои асосии истеҳсолкунандаи қувваи барқ дар минтақа ва қаламрави муҳими транзитӣ табдил хоҳем дод.

Дастовардҳои имсолаи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ низ назаррас мебошанд. Дар натиҷаи татбиқи пайгиронаи сиёсати хориҷӣ ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон бо дигар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, инчунин дар сатҳи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ густариши васеъ ёфтанд.

Баланд гардидани нуфузу эътибори Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳон боиси ифтихори ҳар фарди тоҷик аст, зеро ҳадафи асосии мо дар муносибатҳои байналмилалӣ пеш аз ҳама ҳифз ва таъмини манфиатҳои олии миллат ва давлатамон мебошад.

**Дӯстони азиз!**

Мушкилоту проблемаҳое, ки мардуми кишварамон дар зиндагии ҳаррӯзаи худ эҳсос мекунанд, мушкилоти даргузар ва муваққатӣ мебошанд.

Барои суръати тоза ва такони ҷиддӣ бахшидан ба рушди сифатан нави иқтисодиву иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мо чорабиниҳои навбатии муассирро дар амал татбиқ карда истодаем.

Ин корро мо аллакай аз ислоҳоти сохтории Ҳукумати Тоҷикистон, таъиноти ҳайати нави он ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин гузоштани вазифаҳои мушаххас дар назди онҳо оғоз намудем.

Дар марҳилаи кунунӣ ин вазифаҳо пеш аз ҳама дар доираи татбиқи ҳуҷҷатҳое, ки бо Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ҳамоҳанг мебошанд, бо нерӯи тозаи роҳбарӣ ва қувваҳои нави пешбаранда амалӣ карда хоҳанд шуд. Дар ин замина мо пайваста кӯшиш менамоем, ки барои зиндагии шоистаи мардум ва инкишофи озодонаи ҳар фарди ҷомеа тамоми шароити заруриро фароҳам оварем.

Тавре, ки ҳамаи ҳамватанони азиз дар хотир доранд, ман ҳамчун Президенти навинтихобшуда дар баробари

савганди расмӣ бо дарки амиқи масъулият дар назди давлату миллати худ ба номи муқаддасоти азизи инсонӣ савганди басо гарон ёд кардам.

Ва ин лаҳзаҳо мехоҳам таъкид намоям, ки садоқати худро ба савганди ёдкардаам бо муҳайё сохтани шароити арзандаи зиндагӣ ба халқи Тоҷикистон, таъмини ободии Ватани аҷдодӣ ва дар арсаи байналмилалӣ соҳибнуфузу баландовоза шудани Тоҷикистони соҳибистиқлол собит хоҳам кард.

Фикр мекунам, ки савганди ёдкардаи Президенти мамлакат савганди садоқати ҳар як фарди ватандӯсту ватанпарвар ва бонангу номуси миллати сарбаланди тоҷик аст. Зеро татбиқи он нақшаҳои созандагие, ки мо барои ояндаи ободи Ватанамон дар назди худ гузоштаем, фақат бо меҳнати содиқонаву софдилона ва масъулияти ҳар шахс барои фардои неку осудаи сарзамини куҳанбунёдамон ҷомаи амал пӯшида метавонад.

Ман ҳамчун Роҳбари давлат барои расидан ба ин ҳадафҳои стратегӣ ҳамеша ба азму иродаи неки шумо, мардуми шарифи Тоҷикистон, такя мекунам. Зеро ҳар иқдом ва ҳар амале, ки ба хотири таъмини манфиатҳои олии миллату давлатамон сурат мегирад, танҳо бо дастгирӣ ва иштироку саҳмгузории бевоситаи шумо анҷом дода мешавад.

Ҳамзамон бо ин, ҳамаи мо бояд дар хотир дошта бошем, ки пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон аз сулҳу ваҳдати поянда, оромиву суботи устувори ҷомеа, сатҳи худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ҳисси ватандӯстиву ватанпарастии ҳар шахси бонангу номуси Ватан вобаста аст.

Итминони комил дорам, ки мову шумо якҷоя тамоми мушкилоти мавҷудаи Тоҷикистонро дар солҳои наздик бартараф карда, на танҳо барои имрӯз, инчунин барои даҳсолаҳои минбаъда ва наслҳои ояндаи Ватани азизамон шароити зиндагии шоистаро фароҳам хоҳем овард.

Бо ҳамин орзую ниятҳои нек ба ҳамаи шумо дар Соли нав тандурустӣ, барори кор, рӯзгори осуда ва иқболи нек орзумандам.

Бигузор соли ҳафтуми милодии асри XXI бо иноятi Худои офарандаву меҳрубон барои ҳар фарди бонангу номуси миллат ва мардуми ватандӯсту ватанпарвари Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо соли неку бобарор, пур аз файзу баракат ва фатҳу кушоишҳои бузург гардад.

**Соли нав муборак, ҳамватанони азиз!**

# АФЗАЛИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ ҲАМКОРӢ

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ АНҶУМАНИ ТИҶОРАТИЮ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАҲРИ ПЕКИН

16 январи соли 2007

**Хонуми мӯҳтарам, муовини раиси Шӯрои давлатӣ!**
**Дӯстони азиз!**

**Лутфан, иҷозат диҳед, шуморо «хуш омадед» гуфта, ба Анҷумани нахустини тиҷоратию иқтисодӣ барору комёбӣ орзу намоям.**

Ман ба Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин ва ташкилкунандагони анҷуман барои муҳайё сохтани шароити мусоид ҷиҳати гузарондани он самимона изҳори сипос мекунам.

Ҷодаи бузурги абрешим халқҳо ва мамлакатҳои моро ба ҳамдигар пайваста, на танҳо пайвандгари муҳими иқтисодӣ, балки роҳи дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ гардид. Мо бо ҳукми тақдир дар ҳамсоягӣ зиндагӣ дорем ва аз ин ифтихор мекунем. Ифодаи рамзии чинӣ дар бораи он, ки «моро кӯҳҳои сарбаланд ва дарёҳои шӯхоби кӯҳистон ба ҳамдигар мепайванданд», на танҳо қаробати ҷуғрофии ҳар ду давлати моро аниқ ифода менамояд, балки қариб тамоми соҳаҳои ҳамкории гуногунҷанбаи мамлакатҳоямонро инъикос карда метавонад.

Имрӯз иқтисодиёти рӯ ба инкишофи Тоҷикистон бо иқтисодиёти муттасил тараққиёбандаи Ҷумҳурии Мардумии Чин аз бисёр ҷиҳат вобаста гардидааст.

Боварӣ дорам, ки мулоқоти имрӯза дар бобати муқаррар намудани соҳаҳои нави ҳамкорӣ дар байни тоҷирону соҳибкорони Тоҷикистон ва Чин иқдоми нави муҳим хоҳад гашт. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияташ сиёсати фаъолонаи таъмини

пешрафти иқтисодиётро амалӣ месозад. Имрӯз дар Тоҷикистон ҷараёни ислоҳоти фаъолонаи бахшҳои гуногун дар бобати такмил додани низоми идораи давлат давом дорад, соҳаҳои ёрирасони иқтисоди бозаргонӣ ташаккул меёбанд, фаъолияти мақомоти идораи давлат ба талаботи замон мувофиқ карда мешавад.

Қайд карданиам, ки шароити имрӯзаи ҷамъиятию сиёсӣ ва сармоягузорӣ, инчунин қабули санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ аз бисёр ҷиҳат ба иҷрои вазифаҳои бамиёнгузошта мусоидат менамоянд.

Иштирокчиёни мӯҳтарами анҷуман, мо ба хубӣ дарк менамоем, ки Тоҷикистон ҳамчун мамлакати дар марҳалаи гузариши иқтисодӣ қарордошта ба сармоягузорӣ эҳтиёҷи калон дорад. Ин ба мо имконият медиҳад, ки аз захираҳои мавҷудаи табиӣ ва инсонӣ барои таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ бо мақсади беҳтар сохтани шароити зиндагии аҳолии мамлакат самарабахш истифода барем. Вале имкониятҳои имрӯзаи давлат имкон намедиҳанд, ки соҳаҳои асосии иқтисодиёт мувофиқи талабот дастгирӣ карда ва тараққӣ дода шаванд.

Инчунин захираҳои сектори хусусӣ, ки дар мамлакат ба тозагӣ ташаккул меёбад, нокифоя мебошанд. Бинобар ин шарти муҳими таъмини тараққиёти муттасили иқтисодӣ ва иҷрои вазифаҳои зикршудаи стратегӣ ба даст овардани маблағ ва истифода аз технологияҳои муосир мебошад. Ҷидду ҷаҳди сохторҳои ҳукуматӣ ва соҳибкорону тоҷирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷрои ҳамин вазифа равона карда шудааст.

Дар робита зикр карданиам, ки айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳи шарикони чинӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти мамлакат қариб 50 барномаи муштарак амалӣ карда мешавад.

Мо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин ва доираҳои соҳибкории ин мамлакат махсусан изҳори сипос менамоем, ки сиёсати фаъолонаи сармоягузориро ба барномаҳои самарабахш пеш гирифта, барои амалӣ сохтани онҳо саҳми худро мегузоранд.

Ҳукумати Чин танҳо дар давоми панҷ соли охир ба мамлакати мо ба маблағи сӣ миллион доллари ИМА кӯмак расонда ё ёрии бебозгашт дода, ба маблағи бештар аз 600 миллион доллари ИМА қарзи имтиёзнок додааст.

Мо ҳамроҳи созмонҳои давлатӣ ва соҳибкорони Чин бо истифода аз техника ва технологияҳои навтарин дар соли

2006 ба иҷрои барномаҳое шурӯъ кардем, ки ҳадафи онҳо рушду нумӯи соҳаҳои ёрирасон мебошад.

Яке аз ин барномаҳо тармиму таҷдиди роҳи мошингарди «Душанбе-Чанак», ки сохтмони туннели «Шаҳристон»-ро бо дарозии бештар аз 5 километр, сохтмони 37 кӯпруки хурду калон ва зиёда аз 6 километр иншооти зидди ярч ва барфу тармаро дар бар мегирад, сохтмони хатти баландшиддати интиқоли қувваи барқи 500 - киловатаи «Шимол-Ҷануб» ва хатти баландшиддати интиқоли қувваи барқи 220-киловатаи «Лолазор-Хатлон» мебошад.

Дар баробари ин, аз ҳисоби кӯмаки дӯстона ва беғаразонаи мамлакати шумо туннели «Шаршар» сохта мешавад, ки ҷузъи таркибии роҳҳои мошингарди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, онро бо Ҷумҳурии Мардумии Чин мепайвандад ва дарозиаш қариб 2 километр аст.

Иҷрои ин барномаҳо рафтуомади нақлиётро дар давоми тамоми сол чӣ дар дохили мамлакат, чӣ дар байни Тоҷикистону Чин ва мамлакатҳои дигари ҳамсоя, инчунин роҳ ёфтан ба бандарҳои баҳриро таъмин карда, интиқоли баркро ба ҳамаи манотиқи ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар содир намудани онро имконпазир мегардонад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳайё сохтани шароити мусоид ҷиҳати сари вақт ва муваффақона амалӣ сохтани барномаҳои сармоягузорӣ дар сектори ғайридавлатӣ тамоми тадбирҳои заруриро меандешад.

Айни ҳол дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон бештар аз 40 корхона фаъолият дорад, ки бо ҷалби сармояи Чин сохта шудаанд. Ҷумҳурии Мардумии Чин дар байни мамлакатҳои ҷаҳон аз ҷиҳати хариду фурӯши мол бо Тоҷикистон яке аз ҷойҳои аввалиндараҷаро ишғол менамояд. Бояд гуфт, ки ҳаҷми мубодилаи мол дар байни мамлакатҳоямон тӯли 5 соли охир 20 маротиба афзудааст. Ин натиҷаи хеле хуб мебошад.

Дар ин маврид, ба ақидаи ман, ҳаминаш муҳим аст, ки афзоиши ҳаҷми тиҷорати дуҷониба бо такомули минбаъдаи сохторҳои он сурат гирад. Дар баробари ин гуфтан лозим аст, ки муваффақиятҳои бадастовардаи мо ба имкониятҳоямон пурра ҷавобгӯ намебошанд.

Бо қаноатмандӣ зикр карданиам, ки муносибатҳои фаъоли тиҷоративу иқтисодии мамлакатҳои мо ҳанӯз дар асрҳои VI ва VIII милодӣ оғоз ёфтаанд. Далелҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳокимони Суғд соли 718 ба тоҷирони Чин сипари зиреҳпӯшро тӯҳфа кардаанд. Аслиҳасозони Чин

аз рӯйи ҳамин намуна сипари зиреҳпӯш сохта, бо он артиши мамлакати худро мусаллаҳ сохтанд. Инчунин, асбобу анҷоми аз пӯст тайёркардашуда, маводи ороишӣ, меваҳои болаззат ва аспҳои зотии мамлакати мо дар сарзамини Чин шӯҳрати калон доштанд. Мо имрӯз ба анъанаҳои неки ниёгонамон пайравӣ карда, кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки муносибатҳои иқтисодии худро бештар аз пештар ривоҷ диҳем.

Бинобар ин, ба шумо, дӯстони азиз, муроҷиат карда, гуфтаниам, ки аз ин мулоқот умедҳои калон дорам. Ин мулоқот бояд ҳамкории тиҷоратию иқтисодии моро ба зинаҳои баланд барорад, зеро ки мо барои ин тамоми имкониятҳои заруриро дорем.

Мо ба муқаррар намудани самтҳои афзалиятноки ҳамкории иқтисодии мамлакатҳоямон шурӯъ кардем. Ин, пеш аз ҳама, соҳаҳои гидроэнергетика, истихроҷу коркарди маъдан, аз ҷумла мавриди истифода қарор додани конҳои ангишт, сохтмони нерӯгоҳҳои барқии бо ангишт коркунанда, коркарди нахи пахта ва аз он истеҳсол намудани маҳсулоти тайёр, коркарди меваю сабзавот, истеҳсоли маснуоти тайёр аз алюминий ва туризми байналхалқӣ мебошанд. Дар ин самт ташкил намудани се минтақаи озоди иқтисодӣ дар ҷойҳои гуногуни мамлакат иқдоми аввалин аст.

Ин тадбирҳо барои афзун гардондани истеҳсоли мол ва зиёд кардани ҳаҷми содироти он на танҳо аз Тоҷикистон, балки мамлакатҳои дигари Осиёи Марказӣ имконият фароҳам оварда, барои ташаккул ва рушди самтҳои зикршуда заминаи мустаҳкам хоҳанд гашт.

Диққати шуморо ҳамчун соҳаи ҳамкории самарабахш ба соҳаи асосии афзалиятноки иқтисодии ҷумҳурӣ – гидроэнергетика ҷалб карданиам. Мувофиқи пешгӯии мутахассисон, иқтисодиёти муттасил тараққиёбандаи бисёр мамлакатҳо, пеш аз ҳама, Чин, Ҳиндустон, Покистон ва мамлакатҳои дигар ба ҳаҷми хеле калони захираҳои энергетикӣ, хусусан қувваи барқ, эҳтиёҷи зиёд дорад. Тавре ки маълум аст, Тоҷикистон дорои захираҳои хеле бузурги гидроэнергетикӣ мебошад. Мамлакати мо аз рӯйи захираҳои умумии гидроэнергетикӣ дар миқёси ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. Мо имкон дорем, ки дар давоми сол 527 миллиард кВт-соат қувваи барқ истеҳсол кунем. Вале, мутаассифона, айни ҳол ҳамагӣ 6 фоизи захираҳои мавҷуда истифода карда мешаваду халос.

Мо ния дорем, ки то соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли қувваи барқро то 80 миллиард кВт-соат расонем. Дар робита

масъалаи ба мамлакатҳои дигар, аз ҷумла Афғонистону Покистон ва мамлакатҳои дигари ҳамсоя фурӯхтани қувваи барқ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Айни ҳол бо баъзе сармоягузорони эҳтимолӣ масъалаи сохтмони нерӯгоҳҳои нави барқи обӣ баррасӣ карда мешавад. Бояд гуфт, ки ин барномаҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаи калон расонда метавонанд: хароҷоти онҳо дар муддати кӯтоҳ бароварда шуда, баъдан дар давоми солҳои тӯлонӣ даромади калон медиҳанд. Илова бар ин, ба туфайли сохтани сарбандҳо ва обанборҳои ин нерӯгоҳҳо имконияти воқеии бо об таъмин намудани қариб 2 миллион гектар замин дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон фароҳам меояд.

Ҳукумати Тоҷикистон дар робита рушди соҳаи гидроэнергетикаро бо назардошти истифодаи оқилонаи захираҳои об дар минтақа баррасӣ менамояд. Бо истифода аз ин фурсат, ба ширкатҳои манфиатдор пешниҳод мекунам, ки дар ичрои ин барномаҳо саҳм гузоранд. Баъди чанд лаҳзаи суханронии ман роҷеъ ба захираю имкониятҳои соҳаи гидроэнергетикаи Тоҷикистон ва шароити ҳамкорӣ дар ин соҳа ба шумо маълумоти муфассал дода хоҳад шуд.

Дӯстони азиз, мо аз имкониятҳои соҳибкорони Чин ба хубӣ огох буда, умедвори вусъат ёфтани иштироки сармояи шумо дар бунёди корхонаҳои гуногун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошем. Чунин корхонаҳоро, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои коркарди ашёи хом, хусусан пахта ва алюминий, бунёд кардан мумкин аст. Шуморо даъват мекунам, ки ба иншооти саноати истихроҷи маъдан бевосита сармоя гузоред. Зеро дар қаламрави Тоҷикистон ҳавзаҳои фаровон ва аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданоки маъдан мавҷуданд.

Дар хотима дар бораи соҳаи туризм низ сухан гуфтаниам. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон туризмро ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат шумурда, барои тараққиёти минбаъдаи он пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад. Туризм барои мамлакатҳои мо омили муҳимтаринест, ки обрӯю эътибори онро баландтар бардошта, мароқи сармоягузоронро ҷалб намуда, ба ташкили ҷойҳои иловагии корӣ дар мамлакат мусоидат мекунад. Камбудии асосӣ набудани соҳаҳои ёрирасони туризм мебошад. Мо тайёрем, ки дар мавриди сохтмони комплексҳои туристӣ дар Тоҷикистон дар хатти сайри Ҷодаи бузурги абрешим, аз шаҳри таърихии Панҷакент сар карда, то Помир ва баъдан то Чин ва мамлакатҳои дигар бо истифодаи

ҳамаҷонибаи роҳи мошингарди «ағбаи Қулма-Қаросу» мусоидати ҳамаҷониба намоем.

Ба таври махсус таъкид мекунам, ки барқарор сохтани туризми байналхалқӣ дар Ҷодаи бузурги абрешим роҳи кӯтоҳтарин ва аз ҷиҳати иқтисодӣ муносибтарин аз Осиё ба Аврупо ва аз Аврупо ба Осиё буда, бо маълумоти нави иттилоотию рекламавӣ ғанӣ гардонидани он бояд дар оянда яке аз вазифаҳои муҳими муассисаҳои сайёҳии мамлакати мо гардад.

Дар фарҷоми суханронии хеш қайд карданиам, ки чунин мулоқотҳо дар байни соҳибкорон ҳамеша ҳамчун воситаи ба роҳ андохтани муносибатҳои нави самарабахш, ҷалби сармоя ва вусъат додани шаклу усулҳои нави ҳамкорӣ хоҳанд гашт. Умедворам, ки анҷумани имрӯза дар ин бобат нақши муҳим хоҳад бозид.

Ҳамчунин умедворам, ки корхонаю ширкатҳо ва соҳибкорони алоҳидаи мамлакати мо дар Намоишгоҳи умумиҷаҳонии «ЭКСПО-2010», ки дар Шанхай баргузор мегардад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар он иштирок хоҳад кард, баробари корхонаю ширкатҳо ва соҳибкорони ҷаҳон намунаҳои беҳтарини маҳсулоти худро намоиш хоҳанд дод. Шояд баъзеҳо гумон кунанд, ки мо ин мақсадҳоро аз рӯйи такаббуру ҳавобаландӣ ба миён гузоштаем, вале ҳаргиз ин тавр нест ва боварии комил дорам, ки онҳо иҷрошавандаанд.

Шуморо дилпур месозам, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои фаровони табиӣ ва иқтисодӣ мебошад, онҳоро барои вусъат додани ҳамкории байналхалқӣ истифода мебарад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои иштироки ҳамаи соҳибкорони манфиатдори Чин дар бобати сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ шароити зарурӣ муҳайё созад.

Аминам, ки анҷумани имрӯза барои вусъат додани равобит ва таҳкими боварии соҳибкорону тоҷирони мамлакатҳоямон, ҷустуҷӯ ва дарёфти соҳаҳо ва шаклу усулҳои нави ҳамкорӣ ва имзои қарордодҳои мутақобилан муфид имкон хоҳад дод.

Ба ҳамаи шумо барои густариш додани ҳамкории самарабахш ва равобити пурмаҳсул комёбиҳои калон орзумандам.

**Аз таваҷҷӯҳатон сипосгузорам.**

# ВАЗИФАИ АСОСӢ – РУШДИ СИФАТАН НАВИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОӢ

## СУХАНРОНӢ ДАР ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН ДОИР БА НАТИҶАҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ МАМЛАКАТ ДАР СОЛИ 2006 ВА ВАЗИФАҲОИ МИНБАЪДАИ ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе, 31 январи соли 2007

**Мӯҳтарам аъзои Ҳукумат!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Соли 2006-ум дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол давраи муҳими пешрафту инкишофи иқтисодиву иҷтимоии кишвар, соли дастовардҳои назаррас ва вусъати созандагиву бунёдкориҳо гардид.

Дар ин сол татбиқи чораҳои азиму назаррас вобаста ба таъмини истиқлолияти энергетикӣ, ҳалли проблемаҳои коммуникатсионии мамлакат мазмуни нав пайдо намуданд.

Ҳамчунин бо маблағҳои давлатӣ ва ҷалби сармояи хоричӣ садҳо иншооти дорои аҳамияти иҷтимоӣ, аз ҷумла мактабҳо, бемористонҳо, хонаҳои истиқоматӣ, хобгоҳҳо, қасрҳои фарҳангӣ сохта ва таъмир карда шуданд.

Татбиқи самарабахши сиёсати иқтисодии давлат ва кӯшишу талошҳои Ҳукумат оид ба рушди устувори иқтисодӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ, таҳкими нерӯи иқтисодии мамлакат ва созандагиву бунёдкориҳо ба мо имкон доданд, ки ба натиҷаҳои назарраси тараққиёт ноил гардем.

Дар баробари ин, мо имкон доштем, ки дастовардҳои худро аз ин ҳам бештар афзун гардонем. Вале, мутаассифона, татбиқи на ҳамаи супоришҳо ва вазифаҳое, ки мо дар маҷлиси васеи Ҳукумат 30 январи соли гузашта ба миён гузошта будем, аз ҷониби Ҳукумат, аъзои он, роҳбарони мақомоти

марказӣ ва маҳаллии идораи кишвар сари вақт ва бо сифати баланд таъмин карда шуданд.

**Дар натичаи иҷро нагардидани вазифаҳои гузошташуда мо вақт ва имкониятҳои зиёди тараққиёти иқтисодиро аз даст додем. Аз ин рӯ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатие, ки супоришоти зикршударо дар соли куҳан сари вақт ва ба таври зарурӣ иҷро накардаанд, бояд хулосаи даркорӣ бароварда, онҳоро имсол дар ҳамбастагӣ бо вазифаҳои нави минбаъда мавриди иҷрои ҳатмӣ қарор диҳанд.**

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Ҳарчанд ки Буҷети давлатӣ барзиёд иҷро шуда бошад ҳам, вале масъалаи сифат ва сатҳи иҷрои нақшаҳои баъзе намуди андозҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳанӯз низоми пешбинӣ кардани ҳаҷми даромади буҷет номукаммал буда, захираву имкониятҳои ҷамъоварии андозҳо пурра ба назар гирифта нашудаанд. Аз ин рӯ, ба вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо зарур аст, ки ба ин масъалаҳо диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Зарурати таъмини шаффофият ва такмили низоми хароҷоти маблағҳои буҷетӣ инчунин тақозо менамояд, ки Вазорати молия дар бораи гузариш ба меъёрҳои байналмилалии муҳосибот тадбирҳои зарурӣ андешад.

Барои дар амал татбиқ намудани чорабиниҳое, ки дар буҷети соли 2007-ум пешбинӣ карда шудаанд, вазорату идораҳои дахлдор, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо пеш аз ҳама бояд вазифаҳои зеринро иҷро намоянд:

**якум** – тавсеаи заминаи андозбандӣ ва объектҳои андозситонӣ, таъмини пурраи воридоти андозҳо ба буҷет ва пешгирии ҳолатҳои аз рӯйи андозҳо пайдо гардидани бақияпулиҳо;

**дуюм** – андешидани тадбирҳои хоса оид ба таъмин намудани истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳои буҷетӣ, бо дарназардошти раванди такмили буҷет ва нақши мақомоти давлатӣ дар он ҷиҳати марҳила ба марҳила гузаштан ба барномаи миёнамӯҳлати буҷетӣ, яъне истифодаи маблағҳои буҷетӣ дар асоси барномаҳои махсуси соҳавӣ;

**сеюм** – татбиқи механизми нави маблаггузории соҳаи тандурустӣ аз рӯйи самаранокии натиҷаҳои ниҳоии ҷорӣ ва

соҳаи маориф дар асоси маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

**чорум** – андешидани чораҳои зарурӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи эътимоднокӣ ба низоми бонкӣ, рушди минбаъдаи қарздиҳӣ, аз ҷумла қарздиҳии ипотекӣ барои манзил, паст намудани фоизи қарзҳо, бахусус ба соҳаҳои истеҳсолӣ;

**панҷум** – такмилу густариш додани бозори хизматрасонии суғуртавӣ ва мувофиқ кардани он ба талаботи замон.

Дар соли 2006-ум дар мамлакат миқдори корхонаҳои хурд ва шумораи соҳибкорони инфиродӣ зиёд шуд. Аммо то ҳанӯз омилҳое, ки садди роҳи рушди соҳибкорӣ мегарданд, хеле зиёданд.

Рушди соҳибкорӣ ба фаъолияти самараноки бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузор зич вобаста аст. Вале фаъолияти онҳо, бахусус дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон талаботи соҳибкоронро пурра қонеъ гардонида наметавонанд. Аз ин рӯ, ба мақомоти дахлдор зарур аст, ки ҷиҳати амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар рафти татбиқи баъзе лоиҳаҳои инвеститсионӣ вазъи азхудкунии маблағҳо ташвишовар мебошад. Сабаби ин, агар аз як тараф ба сатҳи пасти идоракунии лоиҳаҳо ва ҳамкории суст бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ вобаста бошад, аз тарафи дигар набудани ҳамкории судманд бо иҷрокунандагони кор, дахолати бевосита ба фаъолияти марказҳои татбиқи лоиҳаҳо ва ба эътибор нагирифтани расмиёти созмонҳои байналмилалии молиявӣ аз ҷониби баъзе вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аст.

Воқеияти ҷалби сармоягузориҳои ватанӣ ва мустақими хоричӣ мувофиқи талабот нест. Аз ин рӯ, дар доираи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ созмон дода шуд. Боварӣ дорам, ки дар натиҷаи фаъолияти пурсамари ин кумита фазои инвеститсионии кишвар ва ташкили кор оид ба ҷалби сармоягузории ватанӣ дар сатҳи дилхоҳ васеъ мегардад ва ба рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт имконият фароҳам меояд.

**Ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ зарур аст, ки якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ва**

**мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади ҷалби бештари сармоягузории мустақим дар бобати солҳои наздик дар қаламрави ҷумҳурӣ ташкил намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ чораҳои заруриро амалӣ намояд.**

Бо дарназардошти муҳимияти масъалаи зикршуда ба Кумитаи давлатии омор супориш дода мешавад, ки якҷоя бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор омори ҷалби сармоягузориҳоро такмилу пурра ва пешниҳоди онро ба таври фаврӣ таъмин намояд.

Дар соҳаи энергетика проблемаи талафоти қувваи барқ ва газ боиси ташвиш мебошад. Аз ин рӯ, ба Вазорати энергетика ва саноат зарур аст, ки аз ҳисоби беҳтар намудани ҳолати техникии хатҳои интиқоли қувваи барқ ва зеристгоҳҳои барқӣ, таъмини фарогирии пурраи ҳамаи истеъмолкунандагон бо ҳисобкунакҳо талафоти қувваи барқу газро кам карда, масъалаи таъминоти онҳоро дар фасли зимистон дар доираи имкониятҳои воқеӣ ҳаллу фасл намояд. Ҳамчунин ба сохтмони нерӯгоҳҳои хурду миёнаи барқи обӣ ва хатҳои интиқоли барқи бунёдшаванда суръати тоза бахшад.

Соҳаи истихроҷи нафту газ низ таваҷҷӯҳи хосаро талаб менамояд. Яке аз проблемаҳои асосии он зиёд будани чоҳҳои бекорхобида ва ба истифода надодани чоҳҳои нав мебошад. Ба вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки бо ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ корҳои геологию ҷустуҷӯӣ ва ба кор андохтани конҳои нави нафту газро вусъат диҳанд.

Масъалаи фурӯши маҳсулот барои ҳамаи корхонаҳои саноати ангишт проблемаи асосӣ гардидааст. Аз ин рӯ, ба Вазорати саноат ва энергетика зарур аст, ки барои аз истифодаи газ ба ангишт гузаштани марказҳои барқу гармидиҳӣ ва корхонаҳои алоҳидаи соҳаи саноат тадбирҳо андешида, онҳоро амалӣ гардонад ва афзоиши бемайлони истеҳсоли ангиштро таъмин намояд. Ҳамчунин татбиқи Консепсияи рушди саноати ҷумҳуриро, ки ҳанӯз соли 2003-юм қабул шуда буд, ба таври зарурӣ таъмин намояд.

Вазорати энергетика ва саноат, Корхонаи алюминийи Тоҷикистон якҷоя бо мақомоти дахлдор коркарди алюминийи хомро дар корхонаҳои саноатии кишвар дар асоси ворид намудани технологияҳои нав афзун намоянд.

Инчунин ба Вазорати энергетика ва саноат, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ супориш дода мешавад, ки барномаи махсуси таъминоти аҳолӣ бо гази моеъ

ва ангиштро якҷоя таҳия намуда, ба Ҳукумат пешниҳод намоянд.

Дар соҳаи кишоварзӣ проблемаҳо хеле зиёданд. Гарчанде маблағгузории давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳа сол то сол зиёд шуда бошад ҳам, таъминоти бозор бо маҳсулоти кишоварзӣ ва нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳа паст шуда истодааст.

Соли гузашта 26 ҳазор гектар замини пахта барои зиёд кардани истеҳсоли сабзавот, картошка ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ ҷудо шуда буд, аммо дар натиҷаи беэътиноии масъулони соҳа истеҳсолу пешниҳоди ин намудҳои маҳсулот ба аҳолӣ дар амал зиёд нашуд.

Бонки миллӣ, вазоратҳои кишоварзӣ ва ҳифзи табиат, молия, рушди иқтисод ва савдо, Комиссияи мустақил доир ба ҳалли қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ҷиҳати куллан тағйир додани тартиби маблағгузории хоҷагиҳои пахтакор чораҳои мушаххасро амалӣ намоянд.

Ба Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиат, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки якҷоя бо мақомоти дахлдор истифодаи натиҷабахши маблағҳои ҷудошуда, пешниҳоди қарзи аз ҷиҳати ҳаҷм ва мӯҳлат қобили қабули деҳқонон, лизинги техникаи кишоварзӣ, ташкили корхонаҳои хурд оид ба таъминоти деҳқонон бо техникаи кишоварзӣ, фурӯши тухмӣ, нуриҳои маъданӣ, моддаҳои заҳрнок, хариди маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди он, афзоиши истеҳсоли меваю сабзавотро ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилӣ ва содирот таъмин намоянд.

Инчунин бояд мақомоти дахлдор оид ба ҳалли масъалаҳои қарзи хоҷагиҳои пахтакор ҳарчи зудтар хулосаи ниҳоиро таҳия намуда, ба Ҳукумат пешниҳодоти мушаххаси худро диҳанд.

Вазоратҳои кишоварзӣ ва ҳифзи табиат, рушди иқтисод ва савдо, Академияи илмҳои кишоварзӣ ҷиҳати густариш додани тадқиқоти селексионӣ ва таъмини кишоварзон бо тухмӣ, хусусан чигит ва картошкаи тухмӣ, муҳофизати растаниҳо аз ҳашароти зараррасон ва касалиҳо, зиёд намудани чорвои хушзот, васеъ намудани боғҳое, ки маҳсули онҳо қобили содиротанд, тадбирҳои натиҷабахш андешанд.

Ҳангоми тақсимоти заминҳои гирду атрофи шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Варзоб, ҳамчунин дар мавриди ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ дар кишвар ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ дода шудаанд. Агентии заминсозӣ, геодезӣ ва

харитасозӣ якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ истифодаи қонунии заминро таъмин намояд.

Дар фаъолияти иқтисодии хоричӣ бояд мақсади стратегии вазорату идораҳо дар афзун гардонидан ва истифодаи оқилонаи имконоти содиротии кишвар таҷассум ёбад.

Барои татбиқи самарабахши сиёсати иқтисодии хориҷии Тоҷикистон бояд иҷрои вазифаҳои зерин таъмин карда шаванд:

**якум** – таъмини рушди афзалиятноки корхонаҳои содиркунанда, диверсификатсияи содирот ва азнавсозии сохтории иқтисоди миллӣ;

**дуюм** – тадричан бартараф намудани тамоюли содироти ашёи хом ва таъмини рушди мақсадноки соҳаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти дорои сатҳи баланди коркард;

**сеюм** – такмил додани низоми давлатии дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии иқтисодии содирот;

**чорум** – ба иқтисоди бозорӣ ва манфиатҳои кишвар мутобиқ кардани заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти иқтисодии хоричӣ;

**панҷум** – суръат бахшидан ба ҷараёни воридшавии кишвар ба Созмони умумиҷаҳонии савдо ва татбиқи маҷмӯи тадбирҳои ҳимояи бозори дохилӣ ва истеҳсолкунандагони моли ватанӣ.

Дар марҳилаи сифатан нави тараққиёти мамлакат мо бояд барои ташаккулу такомули низоми самараноки рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мутобиқи талаботи иқтисоди бозорӣ заминаи мусоид фароҳам оварем.

**Дар таъмини рушди иқтисодиёт, суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бояд масъулияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо баланд бардошта шавад. Ба вазорати мазкур зарур аст, ки ҳамеша равандҳо ва тамоюлоти рушди иқтисодии мамлакатро таҳти назорат ва таҳлили доимӣ қарор дода, вобаста ба таҳвияти нерӯи иқтисодӣ чораҳои зарурӣ андешад ва дар мавриди зарурӣ ба Ҳукумат пешниҳодоти мушаххаси худро ирсол намояд.**

**Ҳамчунин бояд вазорат лоиҳаҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2009-ро дар мӯҳлати кӯтоҳтарин таҳия ва ба Ҳукумат пешниҳод намояд.**

Яке аз вазифаҳои муҳими Ҳукумат дар доираи татбиқи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола амалӣ намудани чораҳои зарурӣ

ҷиҳати паст намудани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Дар айни замон дар бобати ҳалли ин масъала вазъи таъминоти бозори истеъмолӣ ва болоравии нархҳо дар он хеле ташвишовар мебошад.

Бинобар ин, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо зарур аст, ки якҷоя бо Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиат, Вазорати энергетика ва саноат, Бонки миллӣ, Тоҷикматлубот ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳлили доимии бозори истеъмолиро ба роҳ монда, дар бораи ба эътидол овардани вазъи он тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ислоҳоти иқтисодӣ ҳамчун воситаи таъмини рушди босуръати бахши воқеӣ ва иҷтимоии иқтисодиёт боқӣ мемонад. Вале мо то ҳол дорои ислоҳоти мутавозин ва самарабахш нагардидаем. Аз ин рӯ, бояд Ҳукумати ҷумҳурӣ, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо масъулони ислоҳоти иқтисодӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, инфраструктурӣ, идора, молия, пулу қарз бошанд.

**Дӯстони азиз!**

Сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва рушди устувори соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг нигаронида шудааст.

**Дар доираи он ба вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва энергетика, Бонки миллӣ ва Агентии сохтмон ва меъморӣ зарур аст, ки ҷиҳати боздошти тамоюли афзоиши қарздории соҳаҳои дахлдори худ аз пардохти музди меҳнат ва тадричан аз байн бурдани он тадбирҳои муассир андешанд.**

**Ҳамчунин бояд Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва «Амонатбонк» дар бобати пардохти саривақтии нафақа ва қарзи он чораҳои дахлдорро амалӣ гардонанд.**

Соли ҷорӣ мӯҳлати иҷрои Барномаи компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба итмом мерасад.

**Вобаста ба ин, ба Вазорати маориф зарур аст, ки дар бораи дар мӯҳлати муқарраршуда таъмин кардани иҷрои он, инчунин дар доираи талаботу эҳтиёҷоти Тоҷикистон ба роҳ мондани тарбияи кадрҳо ва мутахассисон дар хориҷи кишвар тадбирҳои мушаххас андешад. Ҳамчунин ҷараёни татбиқи Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010 ва Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010-ро таҳти назорати ҷиддӣ гирад**.

Масъалаҳои назорати ҷараёни таълим, тадрис, тарбия ва баланд бардоштани сифати онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти оливу миёна ва касбӣ беҳбудиро таҷозо доранд.

**Вазорати маориф бояд ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия усулҳои самарабахши онро ба таври васеъ ҷорӣ карда, танзими фаъолияти тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олӣ ва касбиро мувофиқи талаботи замон таъмин намояд.**

Дар соҳаи тандурустӣ бошад, ҳанӯз вазъи хизматрасонии тиббиву сифати он ва шароити на ҳамаи муассисаҳои тандурустӣ, хусусан дар шаҳру ноҳияҳо хуб аст.

**Вазорати тандурустӣ бояд дар баробари беҳбудии фаъолияти худ дар самти баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ, ташкили дурусти бозомӯзии кормандони тиб ва таъминоти муассисаҳои тандурустӣ бо таҷҳизоти зарурӣ, ҳамчунин дар бораи татбиқи самарабахши Консепсияи таҳсилоти тиббӣ ва фармасевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии бемориҳои сироятқунанда тадбирҳои муассир андешад.**

Ҳукумати Тоҷикистон ба рушди соҳаи фарҳанг таваҷҷӯҳи хоса дорад. Аммо сарфи назар аз мусоидат ва ғамхориҳои хосаи Ҳукумат ҳанӯз дар соҳаи мазкур камбудиву норасоиҳо ба назар мерасанд.

**Вазоратҳои фарҳанг, нақлиёт ва коммуникатсия, Кумитаи телевизион ва радио, инчунин нашрияву маҷаллаҳое, ки маблағгузориашон аз ҳисоби давлат сурат мегиранд, бояд дар бобати беҳбудии шароити муассисаҳои фарҳангӣ ва ба фаъолияти онҳо ҷалби кадрҳои ҷавон, дар соли 2007-ум таъмини фарогирии пурраи пахши барномаҳои телевизионҳои марказӣ дар тамоми қаламрави мамлакат, баланд бардоштани сифати пахши онҳо аз тариқи шабакаи кайҳонӣ, интихоби дурусти мавзӯъҳои муҳиму ҷолиби барномаҳои радио, телевизион, хабару мақолаҳо ва баланд бардоштани сифату мазмуни онҳо, инъикоси воқеии дастовардҳо ва камбудиву норасоиҳо, инчунин нуқсонҳои ҳаёти ҷомеа тадбирҳо андешида, онҳоро дар амал татбиқ намоянд.**

**Ҳамчунин, ба Вазорати маориф, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила зарур аст, ки фаъолияти худро вобаста ба тарбияи наврасону ҷавонон тақвият дода, бо истифода аз воситаҳои ахбори умум ва**

**бевосита бо ҷалби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ тарғиби арзишҳои волои милливу умумибашариро дар байни онҳо вусъат диҳанд.**

Пешрафту тараққиёти давлату миллат ва осоишу ризоияти ҷомеа ба татбиқи якхела ва риояи қатъии қонуният, ки асоси давлатдорӣ, тартибу низом ва суботи устувори ҷомеа мебошад, вобаста аст.

**Барои таъмини устувори онҳо бояд Прокуратураи генералӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба масъалаҳои риояи қонунгузорӣ оид ба истифодаи самараноки замин, пешгирии ҳодисаҳои истифодаи ғайримақсадноки замин, ғасби он, сохтмони худсаронаву ғайриқонунии манзилҳои истиқоматӣ ва дигар иншоотҳои хоҷагидорӣ, аз меъёри муқарраршуда бештар ҷудо кардани қитъаҳои замин, ришваситонии кормандони масъул ҳангоми ҷудо намудани қитъаҳои замин, хариду фурӯши он ва доир ба тақсимоти замин аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қабул карда шудани қарорҳои ғайриқонунию беасос таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд.**

Бо мақсади ташаккули дурусти пешгирӣ ва муборизаи самарабахш бар зидди истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷетӣ, тасарруфи воситаҳои пулӣ ва амволи давлатӣ, тамаъҷӯй, ришвадиҳиву ришваситонӣ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия таъсис дода шуд. Умедворем, ки сохтори нави зикршуда бо анҷом додани интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳои худ дар боздошти тамоюли густариши падидаи нангини коррупсия ва паст кардани сатҳи он саҳми назаррас хоҳад гирифт.

**Вазорати корҳои дохилӣ бояд дар таъмини фаъолияти самарабахши худ дар бораи пешгирии ҳолатҳои аз қайду ҳисоб пинҳон кардани ҷиноятҳо, тафтишоти рӯякӣ, бесифат, кашолкорӣ, бармаҳал рад ё оғоз кардани парвандаҳои ҷиноятӣ, беасос дастгиру ҳабс намудан, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ба суд додани шаҳрвандон, боздоштану қатъ намудани пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ тадбирҳои судманд андешад.**

**Барои таъмини волоияти қонун, риояи қатъии қонуният дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, ташкили дурусти пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҳар гуна қонуншиканиҳо ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқу тартибот зарур аст, ки пеш аз ҳама фаъолияти худро дар доираи қонунҳои амалкунанда, ваколату салоҳияти базиммадошта ва мувофиқи талаботу вазифаҳои бамиёнгузошташуда ба роҳ монанд.**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тавре ки борҳо таъкид доштем, вазифаи асосӣ ва муҳими Ҳукумат таъмин намудани рушди сифатан нави иқтисодию иҷтимоӣ, сатҳи баланди зиндагии мардум ва таҳвияти мавқеъ ва нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Таҳкурсии асосии ҳалли ин вазифаҳо ташаккули иқтисоди бозории қобили рақобат ва муосир мебошад ва барои ин бояд ҳамаи самтҳои ислоҳот, бартарафсозии проблемаҳои мавҷуда ва мубориза бар зидди коррупсия мунтазам густариш дода шавад.

Ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон дар солҳои наздик бояд вазифаҳои зерин мавриди баррасӣ ва иҷро қарор дода шаванд:

**якум** – таъмин намудани сиёсати мутавозини макроиқтисодию молиявӣ, бемайлон такмил додани он ва паст намудани сатҳи таваррум;

**дуюм** – густариши ҳамаҷонибаи фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкории хурду миёна, бахусус тавассути такмили сиёсати пулу қарз, рушди пешниҳодоти қарзи бонкӣ ва қарздиҳии хурд;

**сеюм** – рушди афзалиятноки саноат, хусусан саноати сабук, хӯрокворӣ, коркарди маъдан, истифодаи бештару самаранок ва оқилонаи сарватҳои табиӣ ва дар ин асос афзун намудани ҷойҳои нави корӣ ва таҳвияти иқтидори содиротии кишвар.

Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ бояд ҳамчун самти муҳим, афзалиятнок ва муайянкунандаи фаъолияти Хукумат боқӣ монад. Зеро мақсаду мароми ниҳоии мо баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии ҳар фарди ҷомеа ва муҳайё сохтани шароит барои зиндагии шоиста ва инкишофи озодонаи инсон аст.

Бояд тазаккур дод, ки иҷрои саривақтӣ ва босифати вазифаҳои зикршуда ба шумо, яъне аз ҳайати Ҳукумат ва роҳбарони тамоми зинаҳои ҳокимияти давлатӣ вобаста аст. Зеро шумо дар татбиқи амалии сиёсати пешгирифтаи давлат ва Сарвари он мавқеи асосӣ ва нақши ҳалкунанда доред.

Мехоҳам хотирнишон намоям, ки ҳар яки шумо соҳибмансаб ва хизматчии давлатӣ ҳастед, аз ин рӯ, бояд шумо нисбат ба иҷрои вазифаи давлатӣ ҳамеша муносибати софдилона дошта бошед. Чунки шумо мувофиқи сифатҳои

шахсиву касбӣ, маҳорату таҷрибаи корӣ ба ҳайати Ҳукумат ва сохторҳои давлатӣ шомил гардидаед.

Акнун то кадом андоза дар байни ҷомеа соҳиби ҳурмату эҳтиром ва эътибор пайдо кардани шумо аз худатон вобаста аст. Зеро обрӯ тавассути қарору фармон дода намешавад.

Барои татбиқи самарабахши сиёсати созандагии Ҳукумати Тоҷикистон ва иҷрои вазифаҳои бамиёнгузошташуда аз ҳар як аъзои Ҳукумат ва аз ҳар як хизматчии давлатӣ пеш аз ҳама дасту дили пок, нияти нек, садоқат ба давлату миллати худ, нангу номуси ватандорӣ, эҳсоси масъулияти базиммадошта тақозо мегардад.

Итминони комил дорам, ки ҳайати нави Ҳукумати Тоҷикистон, ашхоси ба роҳбарии вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъйингардида тамоми донишу маҳорат ва нерӯю ғайрати худро танҳо ва танҳо ба манфиати давлату миллат ва ободии Ватани азизи худ равона месозанд.

Зеро маҳз дар натиҷаи муносибати дилсӯзонаву софдилона ва содиқона нисбат ба иҷрои вазифа мо метавонем Тоҷикистонро аз тамоми мушкилот раҳо намуда, онро ба шоҳроҳи тараққиёти бузург барорем.

**Барои татбиқи воқеии ҳадафҳои муҳими Ҳукумати Тоҷикистон ба фаъолияти ҳамаи шумо барору комёбиҳо орзумандам.**

**Саломат бошед!**

# БА САВГАНДИ ЁДКАРДАИ ХУД ҲАМЕША СОДИҚ БОШЕМ

## СУХАНИ ТАБРИКОТӢ БА МУНОСИБАТИ 14-УМИН СОЛГАРДИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе, 23 феврали соли 2007

**Генералҳо, афсарон, прапоршикҳо ва сарбозони шуҷои Ватан!**
**Мӯҳтарам собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ!**
**Ҳамватанони азиз!**

Имрӯз мо якҷоя бо тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон чордаҳумин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвари соҳибистиқлоламонро дар фазои орому осоишта ва рӯҳияи ифтихор аз соҳибдавлатӣ ҷашн мегирем. Ба ин муносибат ҳамаи шуморо самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоматон сиҳатмандӣ, хушбахтӣ ва барори кор орзу менамоям.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш мехоҳам бо қаноатмандӣ зикр намоям, ки ҳоло давлати Тоҷикистон ва мардуми тоҷик дар симои Қувваҳои Мусаллаҳ ҳомиёни боэътимод ва муҳофизони фидокори марзу буми Ватан ва дастовардҳои истиқлолияти миллии худро мебинанд. Зеро маҳз бо хизмати содиқона ва бошарафонаи ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ артиши қобили ҳифзи Ватан ба камол расонида шуд, ки барои ин даҳсолаҳо лозим буданд.

Аз оғози таъсисёбӣ то имрӯз ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар дар лаҳзаҳои бисёр ҳассосу тақдирсоз борҳо садоқати худро ба Ватан ва миллати худ, Ҳукумат ва Президенти Тоҷикистон собит сохтааст.

Ба ибораи дигар, дар муддати чордаҳ соли гузашта ба дӯши хизматчиёни ҳарбии ҳамаи сохторҳои низомии мамлакат иҷрои вазифаҳое гузошта шуда буданд, ки тақдири миллат ва дастовардҳои истиқлолият аз ҳалли онҳо вобаста буд. Ва имрӯз метавонем бо сарбаландӣ изҳор намоем, ки онҳо ҳамеша аз ӯҳдаи иҷрои қарзи шаҳрвандӣ ва рисолати инсонии худ баромада тавонистанд.

Имрӯз низ вобаста ба авзои мураккаб ва ҳассоси ҷаҳон – вазъи шадиди геополитикии сайёра, афзудани таҳдиду хатарҳои минтақавию умумиҷаҳонӣ, пеш аз ҳама густариш ёфтани падидаҳои нангину хатарноки терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ дар назди ҳайати шахсии тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ вазифаҳои ниҳоят муҳим қарор доранд, ки иҷрои онҳо пеш аз ҳама зиракии сиёсӣ, хизмати ҳушёронаи шабонарӯзӣ, фидокорӣ ва мутобиқсозии оқилонаву муассири фаъолияти нерӯҳои дифоии мамлакатро таҳкозо мекунад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Соли гузашта ҳангоми суханронии худ дар ҳамин толор изҳор дошта будам ва ҳоло низ таъкид менамоям, ки хизмат кардан ба Ватан қарзи фарзандӣ ва рисолати шаҳрвандии ҳар як фарди бонангу номуси миллат, пеш аз ҳама ҷавонон аст.

Ҳифзи марзу буми Ватан, тамомияти арзии кишвар, сулҳу субот, оромии ҷомеа, осоиши мардуми сарзамини аҷдодӣ, таъмини волоияти қонунро танҳо ба василаи хизмати фидокоронаву намунавӣ, зиракиву ҷасорат ва малакаву маҳорати баланди касбӣ иҷро кардан мумкин аст.

Бинобар ин, бояд таваҷҷӯҳи асосии фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳ барои дар сатҳи баланди омодагӣ нигоҳ доштани ҳамаи ҷузъу томҳои низомӣ равона карда шавад. Дар ин раванд бо дарназардошти вазъи геополитикии ҷаҳони имрӯза як қатор чорабиниҳои муҳими ташкиливу амалӣ гузаронида шуданд.

Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хадамоти идоракунанда, дараҷаи омодагии касбии ҳайати шахсӣ, аниқ намудани нақшаҳои фаврӣ дар самтҳои хатарнок, ҷорӣ кардани усулҳои нави истифодаи қӯшунҳо ҳангоми ташкил ва гузаронидани амалиёти муштараки сохторҳои низомии мамлакат ва нерӯҳои ҳарбии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ба хеле таҳким ёфтани тайёрии мудофиавии

кишвар мусоидат намуданд. Мақсади асосии чунин чорабиниҳо – муқовимат бар зидди терроризми байналхалкӣ, экстремизм ва дигар зуҳуроти барои ҷомеа хатарнок ва дар маҷмӯъ таъмини амнияти миллӣ ва бехатарии Тоҷикистон мебошад.

Илова бар ин, дар Қувваҳои Мусаллаҳ ислоҳоти ҳарбӣ гузаронида, Сарситоди Қувваҳои Мусаллаҳ ба Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Ҳоло ба зиммаи Ситоди генералӣ вазифаҳои муҳимтарин, қабл аз ҳама роҳбарии мутамарказ ба ҳамаи ситодҳои сохторҳои қудратии мамлакат, омӯзиши вазъи ҳарбиву сиёсӣ, муайян кардани дараҷаи хатари ҳарбӣ ва омодагии фаврию тактикии ситодҳо ва қӯшунҳо вогузор шудаанд.

Ҳамзамон бо ин, бо мақсади таъмини идоракунии муассири ҳифзи сарҳади давлатӣ дар заминаи ду сохтори низомӣ Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳайати он Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ таъсис дода шуд.

Гузаронидани машқҳои муштарак бо иштироки ҷузъу томҳои вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, Агентии ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, Қӯшунҳои сарҳадӣ ва Гвардияи миллӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар аз ҷумлаи чорабиниҳои муҳиме мебошанд, ки бояд ба болоравии маҳорату малакаи ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ ва таҳкими ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо мусоидат намоянд. Зарур аст, ки ин анъанаи хуб минбаъд низ идома дода шавад.

Солҳои охир робитаҳои байналхалқии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, аз ҷумла бо кишварҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, махсусан бо Федератсияи Россия ва Қазоқистон, сохторҳои низомии давлатҳои ҳамсоя, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Фаронса, Ҳиндустон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Эрон хеле густариш ёфтанд.

Масъалаи тарбияи кадрҳои ҳарбӣ барои Қувваҳои Мусаллаҳ таҳти назорати доимии Ҳукумат қарор дорад. Ҳоло сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ бо хатмкардагони академияҳои гуногун, афсарони дорои маълумоти олии ҳарбӣ ва ҳарбии махсус, инчунин дастпарварони кафедраҳои ҳарбии мактабҳои олӣ хеле такмил дода шудаанд.

Имрӯз ба аксари вазифаҳои фармондеҳӣ ва роҳбарикунанда афсарони ҷавони лаёқатманд ва соҳибихтисос таъйин шудаанд.

Дар айни замон, зиёда аз 500 нафар хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар мактабҳои олии ҳарбии Федератсияи Россия, Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин таҳсилро идома дода истодаанд.

Дар робита бо масъалаи тарбияи кадрҳо мехоҳам таъкид намоям, ки риояи қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва интизоми ҳарбӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва рӯзмарра мебошад. Зеро сатҳи омодагии ҷангӣ ва мустаҳкамии қудрати мудофиавии мамлакат пеш аз ҳама бо интизоми ҳарбӣ вобаста аст. Ҳукумат ба ин масъала диққати ҷиддӣ медиҳад, то ки шаъну эътибори Қувваҳои Мусаллаҳ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар арсаи байналхалқӣ баланд гардад.

Чанд рӯз пештар ин масъалаҳо, инчунин проблемаҳои таъминоти моддиву техникии Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҷаласаи махсус дар назди Президенти Тоҷикистон бо иштироки роҳбарони вазорату идораҳои низомӣ ва дигар шахсони масъул мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Чунки ҳарчанд дар ин самт пешравиҳои назаррас ба даст омадаанд, вале онҳо маро ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ ҳанӯз ҳам қонеъ карда наметавонанд. Яке аз масъалаҳое, ки имрӯз аҳли ҷомеаро ҳамчун падидаи нангини иҷтимоӣ ба ташвиш овардааст, коррупсия мебошад.

Давлат бо тамоми имкониятҳо ва тавассути сохтору мақомоти дахлдори худ бар зидди ин падидаи хатарнок мубориза бурда истодааст.

Роҳбарони ҳамаи зинаҳо ва ҳайати шахсии сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки дар навбати аввал сафҳои худро аз мавҷудияти чунин унсурҳо тоза карда, ҳамчун ҳомиёни бехатарии давлат ва оромии ҷомеа барои қадам ба қадам маҳдуд кардан ва аз байн бурдани кирдору амалҳои коррупсионӣ ва умуман ҳама гуна қонуншиканиҳо саъю талош намоянд.

Мо масъалаҳои таъминоти ҷузъу томҳоро бо захираҳои моддиву техникӣ, озуқаворӣ, сарулибос ва техникаву таҷҳизот тадриҷан ва ба андозаи имкон ҳал мекунем. Вале дар навбати худ аз хизматчиёни ҳарбӣ низ талабот доир ба иҷрои вазифаҳои оинномавии онҳо, риояи тартибу интизом ва таҳкими қонуният торафт ҷиддӣ ва қатъӣ мешавад. **Иҷрои бечунучарои оинномаҳои ҳарбӣ, риояи қатъии қонун ва**

**тартиботи ҳуқуқӣ бояд меъёри зиндагӣ ва фаъолияти ҳаррӯзаи ҳар як хизматчии ҳарбӣ бошад.**

Аз ин рӯ, фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳ, роҳбарон, командирони ҳамаи зинаҳо ва масъулини корҳои тарбиявиро лозим аст, ки ҳамеша дар фикри тарбияи ҳайати шахсӣ бошанд.

Обрӯйи ҳар як шахсе, ки либоси низомӣ мепӯшаду мардум ба ӯ ҳамчун ҳомиву пуштибони худ нигоҳ мекунанд, дар дасти худи ӯст ва бевосита аз сатҳи донишу маърифат, малакаи касбӣ ва рафтору одоби ӯ вобаста аст.

**Итминон дорам, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ савганди бо тантана дар назди Президенти кишвар ёдкардаи худро ҳамеша азиз мешуморанд, ба халқу Ватан ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон содиқона хизмат мекунанд ва шарафу номуси ҳомии миллати куҳанбунёду фарҳангсози тоҷикро мардона пос медоранд.**

Барои обод кардани сарзамини аҷдодӣ ва ба як кишвари пешрафтаву нерӯманд табдил додани Тоҷикистони соҳибистиқлоламон ба мо зарур аст, ки мунтазам, софдилона ва содиқона заҳмат кашем. Дигар ин, ки барои ноил шудан ба нияту нақшаҳои тарҳрезӣ кардаамон зарур аст, ки суботи сиёсиву иҷтимоиро мисли неъмати азизтарин ҳифз кунем, ваҳдати миллиро рӯз то рӯз мустаҳкам намоем, дар ҷомеа эҳтироми қонун ва волоияти қонунро таҳким бахшем.

Дар иҷрои ин корҳои хайр, ки ояндаи ободу осудаи Ватани азизамон аз онҳо вобаста аст, мо пеш аз ҳама ба ору номус, ҳиммату ғайрат, ҷасорату шуҷоат ва далериву мардонагии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони озод умед мебандем.

Бо чунин нияти нек ва итминони комил ҳамаи шуморо бори дигар бо ҷашни бузург – 14-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон табрик менамоям. Ба ҳар кадоми шумо саломатӣ, сарбаландӣ ва барори кор мехоҳам.

**Идатон муборак ҳомиёни шуҷоъ ва далери Ватан!**

# ХИЗМАТИ МОДАР
# БАРОИ БАШАРИЯТ БЕҲУДУД АСТ

## СУХАНРОНӢ
## ДАР МУЛОҚОТ БО ЗАНОНИ МАМЛАКАТ

6 марти соли 2007

**Модарон, хоҳарон ва фарзандони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳамаи шумо ва тамоми бонувони иззатманди Тоҷикистонро ба муносибати Иди байналмилалии занон самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоматон бахту саодат, иқболи нек, сарбаландӣ, хонаободӣ ва осудаҳолӣ орзу менамоям.

Воқеан, зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад. Ба таъбири дигар зан-модар олиҳаи зебоӣ, манбаи меҳру муҳаббат ва раҳму шафқат буда, ҷаҳонро бо озодагиву нафосат ва назокату малоҳати худ рӯҳи тоза мебахшад.

Арҷ гузоштан ба мақому манзалат, қадру қимат ва иззату эҳтироми модарону занон қарзи фарзандӣ ва фарзи имонии ҳар як инсон аст. Ин рисолатро мо дар сурате адо карда метавонем, ки ба қадри шири поки модарон, меҳрубониву ғамхории самимии занон ва хоҳарону духтарони худ бирасем. Дар ситоиши зан-модар волотарин суханҳо гуфта шудаанд. Симои зани зебопарасту озоданажод, диловару муборизу, бонангу номус, далеру шуҷоъ, ватандӯсту ватанпараст, озодихоҳу адолатпарвар ва кадбонуву ҳунарманди тоҷик ҳанӯз се ҳазор сол қабл дар матнҳои суғдиву паҳлавӣ ба таври барҷаста тасвир ёфтааст. Зеро хизмати модар барои башарият беҳадду ҳудуд аст. Аз ин хотир меҳру муҳаббат ва ранҷи ӯ ҷуброннопазир мебошад. Дар ин бобат бузургони мо фармудаанд:

**Якшаба он ранҷ, ки модар кашид,**
**Бо ду ҷаҳонаш натавон баркашид.**

Гузашта аз ин, ашъори зиёди гузаштагони номдори мо, ки ба зебоиву назокат, хусну малоҳат, матонат ва садоқати занону духтарони тоҷик бахшида шудаанд, дар давоми садсолаҳо вирди забони мардум ҳастанд ва дар авроқи заррини таърих абадӣ боқӣ мондаанд. Имрӯз модари тоҷик бо сари баланд ифтихор дорад, ки ба монанди Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулфазли Балъамӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Имом ал-Бухорӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯнасри Фаробӣ, Муҳаммад Мӯсои Хоразмӣ, Баҳоваддини Нақшбанд, Абӯисои Тирмизӣ, Камолиддини Беҳзод, Сайидои Насафӣ, Носири Бухорӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода садҳо фарзандони фарзона, нобиғагони бузург ва номбардорони миллати худро ба дунё оварда, дар домани муҳаббати поки худ парваридааст ва онҳоро ба хизмати башарият додааст.

Бояд зикр кард, ки дар тамоми давраҳои таърихии миллатамон қадру қимати зани тоҷик ҳамеша баланд буд ва дар инкишофи тамаддуну фарҳанги миллӣ хизматҳои ӯ босазо ва бебадал мебошад.

Ба хотири таҳкими мақому манзалат ва таъмини риояи ҳуқуқҳои инсониву конституцсионии занон имрӯз давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон тамоми тадбирҳои зарурӣ ва имконпазирро андешида, мутобиқи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ онҳоро дар амал татбиқ менамояд.

Соли гузашта мо бо шумо ҳангоми мулоқот ба таври васеъ масъалаҳои муҳими ҳаёти занони кишварро мавриди баррасӣ қарор дода будем.

Дар асоси он як қатор тадбирҳои мушаххас амалӣ карда шуданд, ки қабул гардидани барномаи давлатӣ оид ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз ҳисоби занон, бунёди хобгоҳҳо барои донишҷӯйдухтарон, ҷудо намудани гранти Президентӣ барои инкишофи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъсиси маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон», барқарор намудани корхонаи коркарди мева дар ноҳияи Рашт, бо таҷҳизоти зарурии тиббӣ таъмин намудани беморхонаи ҷамоати деҳоти Сағирдашти ноҳияи Дарвоз, ба шабакаи Интернет пайваст кардани Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Мувофиқи нақшаи чорабиниҳо, ки дар доираи дастуру супоришоти дар вохӯрӣ додашуда таҳия ва қабул гардид, 22

масъалаи марбут ба занон мавриди ҳаллу фасл қарор дода шудааст.

Таъкид намудан бамаврид аст, ки дар шароити имрӯзаи мамлакатамон дар сабук намудани мушкилоти занон дар баробари давлат ва Ҳукумат, инчунин худи занон ва ҳар як фарди баору номусе, ки модари худро азиз медонад ва ватанпарасту ватандӯст ва худогоҳу масъулиятшинос аст, бояд саҳмгузор бошанд.

Ҳукумати Тоҷикистон дар давоми понздаҳ соли истиқлолият дар доираи сиёсати иҷтимоии худ ба масъалаҳо ва мушкилоти занон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, барои тадричан аз байн бурдани онҳо ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳад. Бо мақсади танзими ҳаёти занон ва ҳаллу фасли масъалаҳои онҳо ҳоло мо дар мамлакатамон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлативу миллиро қабул ва дар амал татбиқ намуда истодаем.

Илова ба ҳамаи он, барои ба таври шоиста баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа моҳи ноябри соли гузашта Ҳукумати Тоҷикистон тибқи қарори худ Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016-ро қабул кард, ки ҳоло татбиқи он оғоз ёфтааст.

Дар доираи татбиқи тамоми он ҳуҷҷатҳо масъалаҳои ҷалби занон ба корҳои давлатдорӣ, идораи соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ барои занон, тайёр намудани кадрҳои болаёқат аз ҳисоби ҷавондухтарон, беҳдошти хизматрасонии тиббӣ, пешгирӣ намудани фавти модару кӯдак ва риояи ҳуқуқҳои баробари занону мардон тадричан ба эътидол оварда мешаванд.

Дар заминаи тадбирҳои зикршуда ҳайати роҳбарикунандаи тамоми мақомоти идоракунии давлатӣ аз ҳисоби занон торафт афзун мегардад.

Дар натиҷаи ҷорӣ гардидани квотаи Президентӣ аз соли 1997-ум то инҷониб зиёда аз 6 ҳазор нафар духтарон ба мактабҳои олии мамлакат қабул карда шуданд.

Ҳамчунин аз тариқи додани афзалияти бештар барои аз ҳисоби ҷавондухтарони лаёқатманд тайёр кардани кадрҳои педагогиву тиббӣ, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намудани занону духтарон, ташкили корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, заргариву дӯзандагӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна мо масъалаҳои таъминоти занонро бо кор ва барои

онҳо фароҳам овардани ҷойҳои нави кориро тадричан вусъат медиҳем.

Бо мақсади инкишофи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намудани занону духтарон чун соли гузашта имсол низ барои додани 20 гранти Президентӣ 150 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Албатта, тадбирҳои андешидаи мо дар бобати баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа ҳанӯз кофӣ нест. Аз ин рӯ, ба Ҳукумати Тоҷикистон, Кумитаи оид ба корҳои занон ва оила, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, инчунин ҳамаи мақомоти марказиву маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зарур аст, ки дар баробари таъмини татбиқи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016, ҳамзамон дар бораи ба вазифаҳои роҳбарикунанда пешбариву таъин кардани занону духтарони соҳибмаърифату қобилиятнок, боиффат ва ба онҳо фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Мо мушкилоти имрӯзаи шуморо – занони мӯҳтарам, хуб медонем. Бо дарназардошти онҳо Ҳукумати Тоҷикистон ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба занонро самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии худ қарор додааст.

Бояд таъкид намуд, ки зани тоҷик дар баробари дили бузург доштан басо мушкилнописанд ва шукргузор аст. Ба ин, эътимоди ман пас аз сӯҳбат бо як гурӯҳ занону духтарони пахтакори хоҷагии ба номи Рӯдакии ноҳияи Ҷумсангир, ки моҳи октябри соли гузашта сурат гирифта буд, боз ҳам комил гашт. Зеро сарфи назар аз мушкилоту харобкориҳои пешовардаи заминларзаи рӯзи 29 июли соли 2006-ум ва каму костии зиндагии худ онҳо ба пурсишҳои такрор ба такрори ман «Мо ягон камбудӣ надорем» мегуфтанд. Гумон доштам, ки шояд ба онҳо шикояту гилагузорӣ накарданро таъкид намуда бошанд ва аз ин рӯ бо исрор талаб кардам, ки хоҳишу дархостҳои худро озодона гӯянд. Баъд онҳо чунин гуфтанд: «Ба мо Шумо сулҳ овардед, акнун танҳо бо барқ таъмин намоед, шуд».

Бо дарки масъулият дар назди шумо – модарону хоҳарони азиз бори дигар изҳор менамоям, ки ҳамаи мушкилоти мавҷудаи имрӯзаи мардуми кишвар муваққатӣ ҳастанд ва солҳои наздиктарин мо онҳоро бартараф хоҳем кард.

Аз кӯшишу талошҳои давлат ва Ҳукумат дар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон ҳар яки шумо огоҳӣ доред. Бо дарназардошти он, ки бе таҳкими иқтидори энергетикӣ пешрафту тараққиёти устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакатро таъмин кардан душвор аст, мо ҳоло ду нерӯгоҳи пуриқтидор, яъне Сангтӯда 1 ва 2-ро бо суръат сохта истодаем.

Ҳамчунин дар назди худ мақсад ва вазифаи қатъӣ гузоштаем, ки дар баробари нерӯгоҳи барқи обии Роғун боз якчанд нерӯгоҳҳои хурду бузургро ҳам бунёд намуда, на танҳо эҳтиёҷоти худ, балки дар ояндаи наздик кишварҳои ҳамсояро низ бо барқ таъмин намоем.

Дар айни замон барои сабук кардани мушкилоти иҷтимоии мардум ба роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва бонкҳо супоришоти қатъӣ дода шудаанд.

Мутобиқи онҳо дар ҳар як шаҳру ноҳияҳо нуқтаҳои фурӯши гази моеъ ва ангишт ташкил карда шуда, вобаста ба тағйир додани механизми маблағгузорӣ ва самарабахш гардонидани соҳаи пахтакорӣ, ки аксарияти кормандони онро занон ташкил медиҳанд, инчунин барои дар ноҳияҳои кӯҳистон густариш додани соҳибкории хурду миёна ба таври васеъ ҷорӣ кардани пешниҳоди қарзҳои хурд тадбирҳои мушаххас амалӣ карда мешаванд.

Итминони комил дорем, ки дар натиҷаи татбиқи ҳадафҳоямон, яъне рушди сифатан нави иқтисодиву иҷтимоӣ мо дар солҳои наздик сифати зиндагии мардум ва ободиву шукуфоии Ватани азизи худро ба сатҳи дилхоҳ хоҳем баровард.

Албатта, дар ин самт мо ба нерӯ, рисолати тарбиятгарӣ ва иқдому ташаббусҳои созандагиву бунёдкории шумо – модарон ва хоҳарону духтарони азиз такя менамоем. Зеро дар ҳама давру замон занон бо хислати наҷиби тарбиятгарии худ ҳамеша ҷомеаро ба пос доштани арзишҳои умумибашарӣ, сулҳу субот, ваҳдат, дӯст доштани Ватан, инчунин ба кору амалҳои неку созанда талқин мекарданд ва имрӯз низ ин рисолатро онҳо ба зимма доранд.

Бузургии зан – модар дар ҳамин хислати ӯ низ таҷассум меёбад. Агар чунин намебуд, дар китоби муқаддаси Қуръони маҷид яке аз сураҳои калонтарин, яъне Нисо, ки саросар дар бораи зан ва ҳуқуқҳои ӯ оят омадааст, нозил намешуд.

Дар он Худованд шаъну шарафи зан ва баробарҳуқуқии зану мардро ба таври возеҳ зикр намуда,

иззату эҳтиром ва дастгириву ғамхорӣ нисбат ба занонро аз ҷумлаи воҷиботи имонии ҳар як мусулмон фармудааст.

Пайғамбари дини мубини ислом ҳазрати Муҳаммад (с) низ дар ҳадиси худ чунин гуфтааст: «Ҳуқуқи зан муқаддас аст, пас ҳуқуқи ононро ба худашон бисупоред».

Имрӯз мавқеи занони тоҷикро дар тамоми корҳои давлативу ҷамъиятӣ ба таври мусбӣ метавон арзёбӣ намуд. Иштироки фаъолонаи онҳо дар чорабиниҳои муҳими сиёсиву фарҳангии кишвар, аз ҷумла дар интихоботи баргузоргардидаи Президенти Тоҷикистон намунаи шоистаи он мебошад.

Аз фурсати муносиб истифода карда, ба ҳамаи шумо – модарону хоҳарон ва духтарони арҷманди кишвар барои ширкати фаъол дар интихобот ва эътимоду боварие, ки ба ман зоҳир намудед, як ҷаҳон арзи сипосу миннатдорӣ менамоям.

Ба хотири тақдири имрӯзу ояндаи давлату миллати тоҷик дар баробари як қатор муқаддасот ман маҳз ба шири сафеди модар, ки неъмати азизтарину бузургтарини ҳаёти инсонист, қасам ёд карда, масъулияти азимро ба зиммаи худ гирифтаам.

Мо бо такя ба нексиришт ва азму талоши созандаи занон, ки воқеан илҳом ва тавонбахши ҷомеа мебошанд, Тоҷикистони азизи худро ба як давлати ободу зебо, пешрафтаву мутамаддин ва демокративу дунявӣ тадбил хоҳем дод.

Мо ҳама бояд хуб эҳсос ва дарк намоем, ки ободии Ватан аз ободии ҳар як хонадону ҳар як оила ва ҳар як манзили истиқоматӣ ибтидо мегирад. Ободии хонадон ба солимии ҷисму рӯҳ, дунёи маънавӣ, маърифат, ҳунари кадбонугӣ, ҳавсала ва завқи бадеии зан-модар вобаста аст.

Бо дарназардошти ин, ҳар як зани тоҷик, ки ободии Ватан ва хонадони худро мехоҳад, бояд пеш аз ҳама барои тозаву озода нигоҳ доштани маҳалли зисти худ, хонаву ҳавлии худ ва деҳаву ноҳияи худ кӯшиш ба харҷ диҳад. Зеро зан чароғи хонадон, машъалафрӯзи оила ва тароватбахши зиндагӣ аст.

Пойдорӣ ва солим будани муҳити оилавӣ, инчунин мавҷудияти низом ва сатҳи зарурии зиндагӣ дар ҳар як хонадон ба сатҳи маърифати занон марбут аст. Модари соҳибмаърифат соҳиби саломатии хуб, соҳиби фарзанду оилаи солим ва соҳиби зиндагии шоиста буда метавонад.

Яке аз омилҳои асосии рӯзгори бонизом ва некӯаҳволии хонадон масрафи оқилонаи буҷети оила мебошад, ки дар он нақши занон барҷаста аст.

Вале, афсӯс, ки ҳоло ҳам баъзе занону модарон барои намоиш додани сарватмандии хонадони худ маросимҳои оддии гаҳворабандону сартарошон, хатнатӯй, фотиҳатӯй, чойгаштак, арӯсталбону домодталбонро, ки бояд дар доираи оила сурат гиранд, бо даъват кардани меҳмонони зиёд, ҳатто аз шаҳру ноҳияҳои дигар, ба маъракаҳои калону пурдабдаба ва серхароҷот табдил медиҳанд.

Дар пайравӣ ба онҳо бошад баъзе оилаҳои дигар дучори мушкилоти молиявӣ мегарданд. Ҳол он, ки дар ҷомеаи дорои вазъи мӯътадили иҷтимоӣ, баръакс оилаҳои сарватманд дар масъалаи сарфакорӣ намуна ҳастанд.

Зан муназзими рӯзгори оила аст. Аз ин рӯ, бояд занону модарон бо дарназардошти ин рисолати худ ва имконияту вазъи оилавии худ дар танзими расму оинҳои мардумӣ, ки мо онро ба яке аз самтҳои сиёсати давлатӣ табдил додаем, саҳми бештар дошта бошанд.

Дар бораи мавқеи зан-модар дар пешгирии хароҷоти беҳудаи оилавӣ сухан ронда, мехостам нуктаеро низ зикр намоям, ки моҳияти таҷлили иди занон фақат аз харидану ба онҳо тақдим кардани тӯҳфаҳои гаронбаҳо иборат нест. Мо онро ба хотири ба қадру манзалат, меҳру муҳаббати поку самимии модарон, занону духтарон арҷ гузоштан ва ба онҳо изҳор кардани ҳурмату эҳтироми бепоёни худ ҷашн мегирем.

Аз ин нуқтаи назар бояд занону модарон ва хоҳарони мо хуб дарк намоянд, ки онҳо дар оила ва ҷомеа то кадом андоза соҳиби мартаба ва мавқеи баланд ҳастанд.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Нахустин мураббӣ ва муаллими фарзанд модар аст. Ба ибораи дигар, зан-модар миллат, вориси он ва ҳомии Ватанро тарбия менамояд. Аз ин рӯ, бояд занон соҳибмаърифат ва тибқи таомули шарқӣ хушодобу хушрафтор, хушгуфтору хушкирдор ва барои тарбияи хуби фарзандон, ба ҳаёти мустақилона ҳаматарафа омода кардани онҳо пеш аз ҳама худашон дорои донишу малакаи кофӣ, ҷаҳонбинии васеъ бошанд.

Нақши модар дар тарбия, нигоҳубину парасторӣ ва камолоти маънавию ҷисмонии фарзанди худ бузург мебошад. Сабақи аввалини модар ба фарзанд аз омӯзонидани забон шурӯъ мегардад ва бо нақли афсонаҳо ва қироати ашъору панди бузургон дар замири ӯ хислатҳои наҷиби инсониро ҷой медиҳад.

Фарзанди ҷисман ва аз ҷиҳати маънавӣ солим ва фарзанде, ки аз лаҳни ширини модар панду насиҳат мешунавад, ба қадри модари худ, миллати худ, Ватани худ, забони шевои модарӣ, таъриху адабиёт ва фарҳанги куҳанбунёди миллати тамаддунофари худ мерасад.

Ватани мо – Тоҷикистон гаҳвораи забони тоҷикӣ-форсӣ ва шеъри оламгири Рӯдакист. Ба хотири бузургдошти ашъори ноби тоҷикӣ-форсӣ ва забони модарӣ мо соли оянда 1150-солагии ҷашни Одамушшуаро Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва арҷ гузоштан ба шӯру шавқи калимоти орифонаи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ имсол 800-солагии ӯро таҷлил менамоем.

Модар гаҳворабони забони адабӣ аст. Бинобар ин, бояд ҳар як зану духтари тоҷик дар баробари хуб донистани забони адабӣ, таъриху адабиёт ва фарҳанги миллӣ, инчунин дар бобати поку беолоиш нигоҳ доштани забон, ҳифзи арзишҳои волои фарҳанг ва тамаддуни миллӣ аҳамияти хоса диҳанд.

Давлати Тоҷикистон ба заковати азалӣ ва нерӯи созандаи занони фарзона ва оқилаи тоҷик ҳамеша такя менамояд, зеро онҳо дар баробари ба ҷо овардани рисолати аслии худ – таҳкиму устувор гардонидани хонадон, тарбияи шоистаи фарзандони боодобу соҳибмаърифат, бонангу номус, ватандӯсту худшинос, инчунин бо заҳмату ташаббусҳои пайгиронаи худ дар рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар саҳми босазо хоҳанд гузошт.

**Дар охир шуморо – модарону хоҳарон ва фарзандони азиз, бори дигар ба ифтихори ҷашни пуршукӯҳатон ва фарорасии иди бузурги суннатиамон –Наврӯзи Аҷам, ки пас аз чанде бо қудуми фархундаи худ диёри биҳиштосои моро боз ҳам мунаввар месозад, самимона табрику муборакбод намуда, ба ҳамааатон тансиҳатӣ, хушбахтиву саодатмандӣ ва рӯзгори хушу осуда орзумандам.**

**Шумо – занону духтарони меҳрубон, гули ҷомеаи мо ҳастед. Бигзор чун гул чеҳраи шумо ҳамеша хандону шукуфон бошад!**

**Бигзор тамоми орзуву ормоне, ки дар дил доред, амалӣ гарданд!**

**Бигзор ҳамаи нияту нақшаҳои зиндагиатон ба воқеият табдил ёбанд!**

**Бигзор ба бахти ҳамсарону фарзандон, падарону бародарони худ саодати рӯзгор ва камолоти пирӣ насибатон гардад!**

**Саломат бошед!**

# МУШКИЛОТИ РӮЗГОРИ МАРДУМРО ОСОН ВА МАВҚЕИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОНРО БОЗ ҲАМ МУСТАҲКАМ ГАРДОНЕМ

## СУХАНРОНӢ ДАР МУЛОҚОТ БО НАМОЯНДАГОНИ ЗИЁИЁНИ МАМЛАКАТ

Душанбе, 20 марти соли 2007

**Ҳамватанони азиз!**
**Мӯҳтарам намояндагони аҳли зиё!**

Имрӯз мо дар остонаи иди бузургу бостонии миллиамон – Наврӯзи хуҷастапай бо рӯҳи болида ва шодиву нишоти наврӯзӣ барои мулоқоти анъанавии хеш бо намояндагони зиёиён гирди ҳам омадаем.

Наврӯзи Аҷам аз даврони бостон то ба имрӯз чун ҷашни Соли нави миллӣ ва тантанаи ваҳдати инсону табиат дар дили мардум беҳтарин орзуҳои созандагиро бедор карда, бо қудуми худ ҳар сол ба хонадони мо хушҳоливу шодмонӣ ва файзу баракати тоза меорад.

**Ба ин муносибат тамоми мардуми наҷибу бошарафи Тоҷикистони азиз, тоҷикону форсизабонони дунёро, ки Наврӯзи аҷдодиро мисли мову шумо бесаброна интизор мешаванд, инчунин кулли зиёиёни бедордили миллат – чароғҳои раҳнамои ҷомеаро самимона табрик гуфта, ба ҳама тани сиҳат, кушоиши кор ва бахту саодати наврӯзӣ мехоҳам.**

Воқеан, суннати ситоишу парастиши баҳор, фазилати анҷуманороӣ ва гирди хони наврӯзӣ бо нияти хайр нишастан дар шоҳкории беназири фарҳангии ниёгони мо – «Авесто» аз мавзӯъҳои асосист.

Дар аҳди Хусрави Парвиз ромишгари бузург Борбад дурдонаҳои беҳтарини савту навои наврӯзиро дар оҳангҳои

«Сози Наврӯз», «Наврӯзи бузург», «Наврӯзи Хоро» ва «Сабз андар сабз» фароҳам оварда, ба хизмати ояндагон гузоштааст. Беҳтарин баҳорияҳо, ситоиши Наврӯз ва баёни ормонҳои неки инсонӣ ашъори безаволи устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ, Сайидо ва дигар адибони номдори моро оро додаанд.

**Шояд дар олам мисли Наврӯз кам ҷашне вуҷуд дошта бошад, ки русуми дилчасп ва суннатҳои зиндагисози онро миллату халқҳои дигари олам чун дастоварди беназири фарҳангӣ пазируфта, бо ҳамин номи зебои тоҷикӣ таҷлил намоянд**.

Наврӯз инчунин аз оғози зуҳураш иди воқеии кишоварзон мебошад, ки нақши он пеш аз ҳама, дар шудгори замину пошидани донаи умед, шинондани ниҳолу тоза кардани наҳрҳо, кандани ҷӯйу пок доштани манбаъҳои об, ободонии маҳалли зисту тозаву озода кардани хона ва дигар корҳои хайр таҷассум меёбад. Наврӯз асолатан ибтидои корҳои наҷибу азму иродаи тоза, ҷашни парвариши рӯҳ ва маънавияти солим, пиндору гуфтору кирдори нек аст.

Ёди гузаштагону аёдати беморон, мадад ба барҷомондагону бепарасторон, дастгирии ятимону маъюбон, зоҳиру ботинро пок намудан, бахшоиши гуноҳ ва ба ин монанд фазилатҳои некро метавон ҳамчун як фарҳанги нодири инсондӯстиву самимияти миллати мо арзёбӣ кард.

**Бо истифода аз фурсати муносиб ман ба роҳбарони муассисаву идораҳо ва шахсони саховатпеша, ки дар арафаи Наврӯз ятимону маъюбон ва пирони бепарасторро ҷавонмардона дастгирӣ карданд, арзи сипос менамоям. Хайру эҳсони беминнат волотарин фазилати инсонист ва Худованд мардуми саховатпешаро ҳамеша азиз медорад.**

Илова бар ин, парвариши ниҳолу нигоҳубини зироат мисли сохтани хона ва тарбияи фарзанд қарзи ҳар як шаҳрванди солимфикру дурандеш аст. Мо бо ин амали хайр ҳам қарзи инсониямонро дар назди рӯҳи падарону модарон, ки барои мо боғу киштзорҳои обод бунёд кардаанд, адо мекунем ва ҳам барои фарзандону наберагон дарахти сабзу борвар ба ёдгор мемонем.

Аз ин лиҳоз, ба ҳамаи сокинони Тоҷикистон, ки дар маъракаи имсолаи ниҳолшинонӣ фаъолона ширкат меварзанд, изҳори ташаккур менамоям. Ва ба он умед мебандам, ки онҳо парваришу ба камол расонидани ниҳолҳои шинондаи худро фаромӯш намекунанд.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Мову шумо имсол ҷашни Наврӯзи оламафрӯзро дар марҳилаи сифатан нави ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол таҷлил мекунем.

Мехоҳам дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш аз татбиқи ҳадафу нақшаҳои бузурги созандагиамон аз Наврӯзи соли гузашта то имрӯз ёдовар шавам. Ин ҳам як суннати неки Наврӯз аст ва бузургонамон беҳуда таъкид накардаанд: «Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодиву хуррамӣ гузорад».

Соли сипаришударо бо қаноатмандӣ метавон ҳамчун соли нусрату дастовардҳои нави давлати Тоҷикистон дар бахшҳои сиёсат, иҷтимоиёт, сохтмони иншооти коммуникатсиониву энергетикӣ ва рушди маорифу фарҳанг арзёбӣ кард.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки ҳалли мушкилоти мавҷуда ва таъмини пешрафти кишвар фақат дар сурати рушди босуръати иқтисод, қабл аз ҳама, соҳаҳои афзалиятноки он имконпазир аст.

Мову шумо хуб медонем, ки татбиқи муваффақонаи барномаҳои бузурги энергетикӣ, инфраструктурӣ ва коммуникатсионӣ дар сатҳи ҷаҳони муосир ва бунёди иншоотҳои пешрафта кори осон нест. Дар шароити хоси Тоҷикистон ин ҳадаф боз аз он ҷиҳат мушкил аст, ки захираҳои сӯзишвории зеризаминӣ ва имкониятҳои молиявии мо нисбатан маҳдудтаранд.

Ҳамзамон талаботи аҳолӣ ба нерӯи барқ ва дигар манбаъҳои энергия сол ба сол афзуда, аз сабаби баландшавии нархҳо ва коҳидани интиқоли газу дигар маводи сӯзишворӣ бори рӯзафзуни он ҳангоми зимистонгузаронӣ асосан бар дӯши нерӯгоҳҳои барқи обии мамлакат зам шудааст.

Ба таври мисол, агар дар соли 1990 аҳолии кишвар 1 миллиарду 400 миллион киловатт - соат нерӯи барқ истифода бурда бошад, пас дар соли 2006 ин нишондод 3 миллиарду 600 миллион киловатт - соатро ташкил додааст, ки дуюним маротиба зиёд аст.

Аз рӯйи пешбинии мутахассисон барои пурра таъмин намудани талаботи аҳолӣ ва дигар эҳтиёҷоти иҷтимоӣ дар мамлакат бояд иловатан беш аз 4 миллиард киловатт-соат нерӯи барқ истеҳсол шавад, ки дар қиёси даҳ соли пеш 5,5 маротиба зиёд аст. Гузашта аз ин, имсол дар ҳавзаи дарёи Вахш, ки беш аз 90 фоизи истеҳсоли нерӯи барқи мамлакатро

фаро мегирад, аз сабаби яхбандӣ ва кам шудани боронгарӣ сатҳи захираи оби обанбори Норак то ҳадди аз ҷиҳати технологӣ хатарнок поин фаромадааст.

Дар чунин шароит мо ҳама тадбирҳои имконпазирро анҷом дода, интиқоли баркро тақрибан ба ҳама корхонаҳои саноатии кишвар амалан қатъ намудем. Ҳатто ба Заводи алюминийи тоҷик, ки коргоҳи фоидаовартарини кишвар мебошад, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта интиқоли шабонарӯзии барқ беш аз чор миллион киловатт-соат коҳиш дода шуд.

Ҳамзамон муддати зиёда аз панҷ моҳ аст, ки бо кишварҳои ҳамсоя барои транзит ва харидории нерӯи барқи иловагӣ гуфтушунид идома дорад. Вале он то ҳол ҳалли худро наёфтааст.

Бо вуҷуди ҳама монеаҳои объективӣ ман итминони комил дорам, ки мову шумо ин мушкилотро низ чун мушкилиҳои даҳшатноки солҳои гузашта бартараф менамоем. Ҳалли ниҳоӣ ва комёбонаи танқисии нерӯи барқу газ ва умуман масоили дигари рӯз аз ҳамаи мо иродаи қатъӣ, кору пайкори пайгиронаи созандагӣ, талоши фидокоронаи ҳамарӯзӣ, сабру таҳаммули солорона ва оқиливу дурандеширо тақозо дорад.

Маҳз ин фазилатҳо ва азму иродаи созандагӣ имкон доданд, ки бо вуҷуди набудани маблағҳои кофӣ ва нобоварии доираҳои гуногун мо нақби Истиқлол, нерӯгоҳи Помир-1, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа–Кӯлоб, объектҳои зиёди коммуникатсионӣ, роҳҳои байналмилалии нақлиётӣ, пулу фурудгоҳҳо ва иншоотҳои дигарро созем ва бунёди нерӯгоҳи «Сангтӯда-1»-ро вусъати ҳаматарафа бахшем.

Шумо хуб медонед, ки давлати абарқудрати Шӯравӣ нерӯгоҳи Норакро дар муддати қариб 20 сол сохт ва дар 14 соли сохтмони бунёди нерӯгоҳи Роғун ҳатто як агрегати он ба кор дароварда нашуд.

Мо азми қатъӣ дорем, ки дар тайи ду сол нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» ва дертар «Сангтӯда-2»-ро бисозем ва истиқлолияти энергетикии кишварро амалан таъмин намоем. Барои бартараф гардидани мушкилоти энергетикии мамлакат ба мо зарур аст, ки боз ду зимистони дигар сабру таҳаммул намоем.

Дар айни замон бо мақсади сабук намудани мушкилоти мазкур дар ҳар як шаҳру ноҳия кушодану зиёд намудани нуқтаҳои фурӯши гази моеъ ва ангишт идома дорад ва мо

тасмим гирифтаем, ки танҳо шумораи нуқтаҳои фурӯши гази моеъро дар қаламрави кишвар ба 226 адад расонем.

Ман эътимоди комил дорам, ки шумо–зиёиёни гиромӣ ва тамоми мардуми шарифи кишвар ин стратегияи созандагӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва дигар ҳадафҳои тақдирсози давлатдории миллиро ҳамаҷониба дастгирӣ менамоед.

Имрӯз дар мамлакат чандин нақшаҳои бузурги стратегӣ тадриҷан амалӣ мешаванд, ки анҷоми онҳо мушкилоти рӯзгори мардумро осон ва мавқеи Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам баландтар хоҳад кард.

Ҳамзамон баробари барномаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ба сиёсати иҷтимоии аҳолӣ ва зиёдшавии музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, аз ҷумла зиёён диққати махсус дода мешавад. Дар давоми се соли охир музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ ба ҳисоби миёна 3 баробар афзоиш ёфта бошад ҳам, ин ҳанӯз барои зиндагии осудаҳолона кам аст.

Бо Фармони навбатии Президенти мамлакат «Оид ба баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва андозаи нафақаи иҷтимоӣ» маоши хизматчиёни давлатӣ ва кормандони соҳаҳои буҷетӣ аз 1-уми апрели соли 2007 боз афзун гардид.

Дар асоси фармони зикршуда музди меҳнати кормандони соҳаи маориф зиёд карда шуд ва минбаъд маоши муаллимон тибқи нақшаи нави соддагардида, яъне аз рӯйи тахассус ва ду намуди иловапулӣ пардохта мешавад. Маоши кормандон ва мутахассисони Дастгоҳи марказии президиумҳои Академияи илмҳо, Академияи илмҳои педагогӣ ва Академияи илмҳои кишоварзӣ ба музди меҳнати кормандони роҳбарикунанда ва мутахассисони дастгоҳҳои марказии вазоратҳо баробар карда шуд.

Музди меҳнати кормандони муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию беҳдоштӣ бошад 30 фоиз, муассисаҳои тандурустӣ 10 фоиз, инчунин ҳамаи дигар кормандони соҳаҳои буҷетӣ 15 фоиз баланд гардид.

Ҳамчунин нафақаи иҷтимоӣ, ки он ба зиёда аз 67 ҳазор нафар шаҳрвандони мамлакат пардохта мешавад, 50 фоиз зиёд карда шуд. Дар маҷмӯъ барои дар амал татбиқ намудани тадбирҳои зикргардида дар соли 2007 аз ҳисоби буҷети давлатӣ иловатан зиёда аз 100 миллион сомонӣ равона карда мешавад.

Ба ғайр аз ин, Ҳукумати Ҷумҳурӣ вазифадор шудааст, ки барои аз 1-уми октябри соли 2007-ум боз зиёд намудани музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ маблағи иловагӣ дарёфт карда, таклиф пешниҳод намояд.

Чунон ки борҳо таъкид кардам, ҳоло Тоҷикистон дар оғози марҳилаи рушди устувор қарор дорад ва мо бо дарназардошти зарурату имкониятҳои худ бояд нақшаҳои созандагиву бунёдкории Ватанамонро зина ба зина тарҳрезӣ ва татбиқ намоем. **Ҳар хиште, ки мову шумо имрӯз ба пойдевори иншооти бузургу тақдирсози мамлакат мегузорем, ба хотири ободиву ояндаи неки Ватани азиз, ҳаёти осудаи наслҳои нав ва фарзандону наберагони мардуми шарафманди кишварамон аст**.

**Дӯстони арҷманд!**

Миллати мо аз қадимулайём тамоми масъалаҳои ҳаётӣ ва дигар масоили муҳими рӯзгори худро бо роҳи маслиҳату машварат бо донишмандону дӯстон ва шахсони мӯътабару рӯзгордида ҳал мекунад.

Баргузории мулоқоти ҳарсола бо зиёиёни мамлакат, гузаронидани маъракаҳои фарҳангӣ дар пойтахт ва минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон низ идомаи ҳамин анъанаи нек мебошад. Дар ҷараёни чунин вохӯриҳо мо имконият пайдо мекунем, ки дар хусуси бурду бохти сиёсати пешгирифтаамон ва роҳҳои пешрафти мамлакатамон мубодилаи афкор намоем ва ҳамзамон бо ин, риштаҳои ҳамдигарфаҳмиву ҳамкориҳои мардумамон бо аҳли зиё қавитар гарданд.

Мо аз доир намудани ин гуна маъракаҳо ҳамчунин умед дорем, ки раванди таҳкими вахдати миллӣ, болоравии эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, пойдории сулҳу субот ва ободониву созандагӣ вусъату қувваи тоза мегирад ва торафт нерӯманд мегардад. Зеро ғояҳои ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, эҳтироми суннатҳои фарҳанги миллӣ, эҳтиром гузоштан ва ҳифз кардани анъанаҳои таърихӣ ва тамаддуни ниёгон ҳама дар маҷмӯъ қисми таркибии сиёсати мо оид ба таъмини рушди фарҳанги миллӣ, таҳкими истиқлолият ва давлатдории навини миллии мо мебошанд.

Ба ҳамин хотир низ мо соли гузашта ҷашнҳои 15-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Соли тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб ва Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳонро бо иштирок ва

саҳмгузории фаъолонаи аҳли ҷомеа қайд намудем, ки, албатта, зиёиён ҳуснбахши ин маъракаҳо буданд.

Аслан ҳадаф аз ин чорабиниҳо ҳаргиз ягон ғарази сиёсӣ ва идеологӣ, кӯшиши бузургманишии миллӣ ва ё дар рӯҳияи бузургтарошии бепоя тарбия кардани ҷавонони миллат ва насли наврас набуду нест.

**Мо дар баробари дигар миллатҳои соҳибфарҳанги олам ҳуқуқи таърихию маънавӣ дорем, ки тамаддуни гузаштаи хешро омӯзем, аз таҷрибаи таърихии ниёгони худ баҳравар шавем, беҳтарин падидаҳои ҳаётбахши онро бо истифода аз дастовардҳои замони нав дар пешрафту камолоти худ ва сарсабзии фарзандонамон истифода намоем.**

Дар баробари ин, мо бояд як далели таърихиро фаромӯш насозем, ки ягон миллати дигари дунё мисли тоҷикон ба таъқибу фишорҳои нажодпарастона ва бузургманишиҳои миллӣ гирифтор гардида, аз ҳаводиси миллаткуши таърих ранҷ накашидааст. Ҳатто дар гузаштаи начандон дур, ҳангоми таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон, доираҳои миллатгаро кӯшишҳои зиёде ба харҷ доданд, ки асолати фарҳангӣ ва ҳастии таърихии миллати тоҷикро инкор намоянд.

Дар чунин даврони ҳассос ва тақдирсоз як гурӯҳ зиёиёни ватанпараст бо роҳбарии устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Ширишоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ва Абдуқодир Муҳиддинов дар саҳнаи пайкори муқаддаси миллӣ муборизаҳои ҷасурона бурданд.

Миллати тоҷик, ки дар тӯли асрҳо аз омӯзиши таъриху фарҳанги бостонии хеш дар канор монда буд, баъди истиқлолият ба омӯзиши давраҳои давлатдории қадим ва наваш ниёзи бештар пайдо кард. Зеро баррасиву таҳқиқи сарнавишти ибратомӯзи ниёгон ва донистани таърихи меҳан, бигзор талху пурфоҷиа ҳам бошад, инчунин сабақ гирифтан аз иштибоҳоти гузашта миллати моро бедору огоҳ, зираку ватандӯст ва пухтаву дурандеш месозад.

Бо ҳамин мақсад мо ҷашни шаҳрҳои бостонии Истаравшан ва Кӯлобро баргузор намудем, ки дар натиҷа ин гӯшаҳои Ватанамон ба марказҳои зебои замонавии дорои биноҳои маъмурӣ, фарҳангӣ ва тиҷоратӣ табдил ёфтанд ва ёдгориҳои бостониву осорхонаҳо хеле обод шуданд.

Дар айни ҳол доир ба таҳқиқ ва кофтукови осори таърихии ниёгони мо ба Академияи илмҳо ва Пажӯҳишгоҳи таъриху бостоншиносӣ маблағҳои кофӣ ҷудо кардем, ки дар натиҷа рисолаву китобҳои арзишманд нашр шуданд,

ёдгориҳои нодир ва осори бостонии асрҳои гузашта бозёфт гардиданд. Олимони мо ҳам аз Истаравшану Панҷакент, ҳам аз Кӯлобу Ҳулбук ва ҳам аз Саразму Тахти Сангин осори беназири фарҳангу таърихи миллатро кашф карданд, ки ин ҳама гувоҳи раднопазири тамаддуни куҳани миллати мо мебошад.

Ҳукумати Тоҷикистон дар давоми даҳ соли охир барои ҳифз кардан ва тармиму барқарорсозии даҳҳо ёдгориҳои таърихиву меъморӣ, аз ҷумла қалъаҳои куҳану осори меъмории Истаравшан, Хуҷанд, осори таърихиву меъмории Панҷакент, пӯшонидани болои шаҳристони қадимаи Саразм, ҳамчунин тармиму бозсозии қалъаи Ҳулбук, ёдгориҳои Тахти Сангин, мақбараҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Мазори Ҳазрати Султон, чандин музею осорхонаҳо ва дигар ёдгориҳои меъмориву таърихӣ маблағи зиёд ҷудо кард.

Ҳамзамон барои ба феҳристи ёдгориҳои ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид кардани чандин ёдгориҳои нодири таърихиву меъмории кишвар ва шоҳкории мусиқии миллии мо – «Шашмақом» як силсила корҳо анҷом ёфта, чандин китобу маълумотномаҳои мусаввари ёдгориҳои Тоҷикистон интишор гардиданд.

Ҳукумати мамлакат сиёсати ҳифзи ёдгориҳои таърихиву меъморӣ ва осори қадимаи ниёгонро минбаъд низ пайгирона идома медиҳад ва раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро вазифадор месозад, ки ҳифзу ободонии ёдгориҳоро вазифаи муқаддаси худ шуморанд.

**Осори куҳан ва ёдгориҳои таърихӣ забони гӯёи фарҳанги миллат мебошанд. Қарзи мову шумост, ки ин гуна осори нодири фарҳангиро ҷустуҷӯву пайдо намоем, онҳоро ҳифз кунем, омӯзем, омӯзонем ва барои болоравии сатҳи умумии маърифату эҳсоси худшиносии миллӣ истифода барем.**

Мардуми мо одоби баланди муошират, фарҳанги инсондӯстӣ ва дигар анъанаҳои неки миллие дорад, ки онҳоро бо дастовардҳои ҷаҳони муосир пайванд додан, ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии мардумро васеъ кардан, ба манфиати миллат истифода бурдани арзишҳои беҳтарини умумибашарӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси зиёиён мебошад.

Аслан, афрӯхтани шӯълаи ифтихори миллӣ, парвариши эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ ва дигар фазилатҳои неки инсонӣ аз синни кӯдакӣ дар оила ва таҳсил дар мактаб оғоз меёбад.

Таъсис додани шабакаи махсуси телевизиони давлатӣ барои кӯдакону наврасон бо номи «Баҳористон» иқдоми

навбатии давлат дар ҳаққи насли оянда мебошад. Акнун хурдсолону хонандагони мактабҳои мо соҳиби майдону минбар шуданд ва умед аст, ки ин шабака ба тарбияи маънавию ахлоқии кӯдакону наврасон, кашфи истеъдодҳо ва сайқали маҳорати онҳо ҳамаҷониба мусоидат мекунад.

Дар ин самт роҳнамоӣ, ҳамкорӣ ва мадади устодони фозилу рӯзгордида, шахсиятҳои маъруф ва аҳли зиё бо шабакаҳои телевизионии мамлакат бояд ба воситаи муҳими таълиму тарбияи наврасону ҷавонон табдил дода шавад.

Барои таъмини самаранокии ин кор роҳбарони вазоратҳои энергетика ва саноат, нақлиёт ва коммуникатсия, Кумитаи телевизион ва радио, инчунин дигар сохторҳои масъули давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати пурра фаро гирифтани қаламрави кишвар бо барномаҳои телевизионӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Барномаҳои ҳаррӯзаи Шабакаи аввал, «Сафина», «Баҳористон», шабакаи радио, рӯзномаву маҷаллаҳо ва дигар воситаҳои иттилоот фаъолияти худро бояд барои ошноӣ пайдо кардани наврасону ҷавонони мо бо кашфиёти навтарини башарият ва омӯхтани илму техника ва технологияи муосир равона созанд, то ки аз байни онҳо дар оянда шахсиятҳои донову тавоно, зираку соҳибмаърифат, ватандӯстони асил ва ҳомиёни миллату давлат ба камол расонида шаванд.

**Мо ба мақсадҳои олии худ – таҳкими дастовардҳои истиқлолияти кишвар, таъмини рушду нумӯи давлатдории миллӣ, амнияти давлат ва миллат, пойдории сулҳу субот, пешрафти иқтисодиёту татбиқи ҳадафҳои марҳилаи созандагӣ, беҳбудии зиндагии мардум ва ҳалли даҳҳо масъалаҳои дигари ҳаётӣ танҳо аз ҳамин роҳ расида метавонем**.

**Дӯстони гиромӣ!**

Илму маориф аз самтҳои хеле муҳими сиёсати давлатӣ буда, пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон ба рушди маорифи миллӣ ва беҳдошти заминаи таълим вобаста мебошад. Маҳз омӯзгорони соҳибмаърифату бофарҳанг ва устодони донишманду ватанпараст савияи таълиму дониши хонандагонро баланд бардошта, онҳоро ба забондонӣ, илмомӯзӣ ва худшиносиву ҷаҳоншиносӣ раҳнамоӣ карда метавонанд.

Замони мо замони дастовардҳои бузурги илмиву техникӣ ва кашфиёти нав ба нави ақли инсонӣ мебошад, ки

роҳ ба сӯйи онҳо аз мактабу маориф ва низоми дурусту муосири таълим ибтидо мегирад. Дастовардҳои илмӣ ва маҳсулоти фаъолияти зеҳнӣ имрӯз дар бозори ҷаҳонӣ бо нархи гарон хариду фурӯш мешаванд. Аз ин хотир, мусоидат кардан ба ислоҳоти соҳаҳои маорифу тандурустӣ, муассисаҳо ва пажӯҳишгоҳҳои Академияи илмҳо, инчунин тарбияи кадрҳои баландихтисос, соҳибмаърифат, ба меъёрҳои муосир ҷавобгӯ ва дорои ҷаҳонбинии васеъ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини зиёиён, бахусус олимону омӯзгорон аст.

Имрӯз ба низом ва усулҳои байналмилалии таълим гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар сатҳи баланд омода намудани мутахассисон таҷозои замон аст. Зеро равандҳои ҷаҳонишавии бозори умумии интеллектуалӣ ва меҳнат дар назди мутахассисони оянда талабот ва меъёрҳои торафт ҷиддӣ пеш мегузоранд. Бинобар ин, ба роҳбарони донишкадаву донишгоҳҳо зарур аст, ки таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таълимии кишварҳои тараққикардаро омӯзанд ва дар ҷараёни таълим истифода намоянд. Гузаштан ба низоми кредитии таълим дар таҷрибаи ҷаҳонӣ торафт вусъат меёбад, ки ин таҷрибаро баъди озмоиш дар панҷ муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар бояд Вазорати маориф ва дигар вазоратҳои дахлдор ҷорӣ намоянд.

Масъалаи дигар ва хеле муҳими соҳаи маориф – мувофиқи талаботи замон омода кардан ва аз чоп баровардани китобҳои дарсӣ мебошад. Аслан китоби дарсӣ бояд донишу малакаи пешиниён ва рӯҳи замони муосирро фаро гирифта, барои даҳсолаҳо навишта шавад.

Дар марҳилаи имрӯза вазифаи навбатии олимону мутахассисон ва адибону омӯзгорон таҳия ва нашри китобҳои дарсие мебошад, ки дастовардҳои илми муосир, фарҳангу арзишҳои миллӣ ва арзишҳои эътирофгардидаи умумибашарӣ, рамзу оинҳои давлатдорӣ, қадр намудани истиқлолияти давлатӣ, волоияти қонун, эҳтироми меъёрҳои умумии ҳуқуқи инсон ва дигар паҳлӯҳои ҳаёти гузашта, имрӯза ва ояндаи моро фаро гиранд.

Дар айни замон таҳияи «Энсиклопедияи бузурги тоҷик» ё худ «Қомуси бузурги миллӣ» таҷозои замон мебошад, чунки шиносномаи комили ҳар як миллат қомуси таърихан ва илман асосноки он аст. «Энсиклопедияи советии тоҷик», ки солҳо қабл аз ин нашр шудааст, ҳоло ба меъёрҳои замони истиқлол ҷавобгӯ нест. Аз ин лиҳоз, ба Академияи улум, вазоратҳои маориф, фарҳанг ва дигар мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки нерӯи мавҷудаи илмии қомуснигорон ва дигар

имкониятҳои зеҳниро истифода карда, ин корро оғоз намоянд.

Ҳамзамон бо ин, ба Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо супориш дода мешавад, ки таҳияи фарҳанги мукаммали забони тоҷикиро дар муқоиса бо луғатномаҳои мавҷудаи тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ бо дарназардошти таҷриба ва меъёрҳои «Фарҳанги забони тоҷикӣ» шурӯъ намояд. Фаромӯш набояд кард, ки забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз қадимтарин забонҳои зиндаи ҷаҳон маҳз дар Мовароуннаҳру Хуросон ташаккул ёфта, ба эҳёи тафаккури миллии форсизабонон ва густариши адабиёти классикии тоҷику форс замина гузоштааст. Зимнан ба сохтору муассисаҳои дахлдор лозим аст, ки истилоҳоти мувофиқи илмиву техникии замони муосирро пазируфта, дар тарҳрезии барномаву расмулхати тоҷикии компютерӣ ва китобҳои илмиву таълимии минбаъда тадриҷан ҷорӣ намоянд.

Чандин сол аст, ки мо барои мактабҳои умумии мамлакат ҳазорҳо адад компютер мехарем, вале аксари онҳо то имрӯз барномаи ягонаи тоҷикӣ надоранд. Минбаъд кӯшиш бояд кард, ки ширкатҳои тиҷоратӣ ҳангоми ворид сохтани технологияи компютерӣ мавҷудияти барномаи ягонаро ба забони давлатӣ ба инобат гиранд.

Ниёзмандии мардуми мо ба китобу маориф аз қаъри асрҳо ибтидо гирифта, дар марҳилаи имрӯзии рушди ҷомеа ва истиқлолияти миллӣ бештар эҳсос мегардад. Соли гузашта танҳо нашриёти «Адиб» аз ҳисоби маблағҳои фонди эҳтиётии Президент беш аз ҳаштод номгӯй китобро аз чоп баровард.

**Имсол низ ман тасмим гирифтам, ки ин ташаббус идома ёбад. Бинобар ин, барои чопи китобҳои адибони тоҷик 500 ҳазор сомонӣ ҷудо намудам**.

Ба ғайр аз ин, чунонки соли гузашта пешниҳод карда будам, осори адибони классик ва муосирро солҳои наздик дар 50 ҷилд ба табъ расонда, муаллимони мактабҳои олию миёна, донишҷӯёну хонандагони сершуморро аз ганҷинаи бузурги фарҳангиву адабии миллатамон баҳравар намудан як амри зарур барои боло бурдани сатҳи ифтихори миллӣ ва тарбияи маънавии мардумамон, бахусус ҷавонон мебошад.

Ба назари ман, агар чопи ин ҷилдҳо аз осори устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ оғоз гардад, кори хеле хуб мешавад ва ба истиқболи ҷашни 1150-солагии Одамушшуаро тӯҳфаи муносибе омода мегардад. Ман барои ҷилдҳои аввалини ин силсила 235 ҳазор сомонӣ ҷудо кардам. Ба комиссияи интихобу ба чоп тавсиякунандаи ин асарҳо,

Иттифоқи нависандагон, Вазорати фарҳанг, нашриёти «Адиб» супориш дода мешавад, ки дар интихобу пешниҳоди асарҳои ҷовидонаи классиконамон ва адибони муосирамон хеле ҷиддӣ ва серталаб бошанд. Сифати чопи китобҳо низ бояд дар сатҳи баланд сурат гирад. **Азбаски ин силсила осори ситораҳои дурахшони адабиёти беш аз ҳазорсолаи моро дар бар мегирад, ман пешниҳод менамоям, ки «Ахтарони адаб» номгузорӣ шавад**.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар замони пурталотуми ибтидои асри XXI робитаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва иттилоотиву фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои гуногуни олам рӯз ба рӯз вусъат меёбад.

Дар чунин шароит ва дар замоне, ки таблиғи аъмоли зишт ва ба фарҳанги миллии мо бегона аз тариқи воситаҳои иттилооти ҷаҳонӣ ва барномаҳои телевизионии хориҷӣ афзоиш ёфтааст, мо бояд тарбияи ахлоқиро дар навбати аввал гузорем. Ҳарчанд қонунҳои Тоҷикистон озодии андеша ва рафторро кафолат медиҳанд, ин озодӣ чунин маънӣ надорад, ки ҷавонони ҳунарманди мо бо таклид аз фарҳанги ифротгароёна унсурҳои ахлоқи ҳамидаи милливу суннатии мардуми Тоҷикистонро нодида гиранд.

Ба ин манзур вазоратҳои фарҳангу маориф, Академияи илмҳо, Кумитаи радио ва телевизион, иттифоқҳои нависандагон, бастакорон ва дигар созмонҳои илмиву эҷодӣ бояд афзудани шумораи асарҳои хоми бадеиву мусиқӣ ва намоишномаҳои сусту камарзиши адабиву ҳунариро пешгирӣ намоянд. Гузашта аз ин, забони матбуот, китобу рисолаҳо, барномаҳои радиову телевизиони тоҷик рӯз ба рӯз мавриди интиқод ва эроди хонандаву бинанда шуда истодааст.

Солҳои охир дарку ҳазми мақолаву хабарҳои рӯзномаву маҷаллаҳо, ҳатто ҳарфзании ровиёну гӯяндагон на танҳо барои мардуми оддӣ, балки шахсони босавод ва забондон низ мушкил мегардад. Дар атрофи ин масъалаҳо бояд ҷиддӣ фикр кард.

Дар айни ҳол мову шумо дар масъалаи ному номгузорӣ низ набояд бетараф бошем. Номгузорӣ як рукни муҳими забон ва инъикоскунандаи асолати милливу фарҳанги миллат мебошад. Номҳои тоҷикӣ ганҷинае мебошанд, ки дар тӯли асрҳо сайқал ёфта, бо сарнавишт ва ташаккули таърихии миллат иртиботи узвӣ пайдо кардаанд.

Сараввал бояд таъкид намуд, ки шинохт ва эҳёи асолати миллӣ вазифаи муқаддаси имрӯзаи мову шумост. Асолат омили пойдории ниҳоди давлат ва миллат аст ва шинохту татбиқу таҳвияти огоҳонаи он бақо ва ҳастии миллати соҳибистиқлолро ифода мекунад. Агар нектар назар кунем, ном воқеан ҳусни сират аст.

Дар ниҳоди номҳои миллӣ орзую омол, эътиқоду эҳтиром, наҷобату шараф, арзишҳои иҷтимоӣ, завқ ва салиқаи зебоишиносии миллӣ инъикоси возеҳ ёфтаанд. Бахусус, номгузории ашхос ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ қисми ниҳоят муҳим ва арзишманди суннати номгузории мост, ки меъёрҳояш дар Қонуни забон зикр шудааст.

**Бинобар ин, вақти он расидааст, ки дар навиштани ному насаб аз имкониятҳои забони тоҷикӣ ва низоми таърихан ташаккулёфтаи миллӣ истифода барем. Татбиқи оқилона ва санҷидаи ин сиёсат ба эҳё ва таҳвияти асолати миллӣ мусоидати матлуб хоҳад намуд**.

Дар бораи номгузорӣ сухан ронда, таваҷҷӯҳи зиёиёни арҷманди миллатро ба як масъала ҷалб карданӣ ҳастам. Номгузории хиёбонҳо, кӯчаҳо, боғҳо, донишгоҳҳо, мактабҳо, муассисаҳо ва монанди инҳо бояд мутобиқ ба хизмати таърихӣ ва мақому манзалати шахсиятҳои сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии давлатамон бошад.

Хидмати ҷоннисорона ва миллатдӯстонае, ки устод Садриддин Айнӣ барои нигоҳ доштан ва ривоҷи забону адабиёт, таърихи фарҳангамон ва умуман тарбияи таърихнигорон, рӯзноманигорон, шоирону нависандагон ва арбобони давлати ҷавони тоҷик кардааст, қобили ҳама гуна қадршиносист. Бинобар ин пешниҳод мекунам, ки аввалин мактаби олии маорифи кишвар, яъне Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи устод Садриддин Айнӣ номгузорӣ шавад.

Ҳамзамон ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе супориш дода мешавад, ки ба номи Қандил Ҷӯраев – шахсияти шинохтаи илмӣ ва давлатӣ яке аз ҷойҳои муносиби пойтахтро гузорад. То ҳол мо хидмати устоди бузурги мусиқӣ ва санъати миллатамон Акашариф Ҷӯраевро ба таври бояду шояд қадршиносӣ накардаем. **Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба шарафи устод Акашариф Ҷӯраев номгузорӣ гардад.**

**Дӯстони иззатманд!**

Имсол низ гузаронидани ҷашну маъракаҳои бузурги фарҳангиву сиёсиро дар нақша дорем, аз ҷумла моҳи июн даҳсолагии имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро ҷашн хоҳем гирифт. Нақши таърихии ин санад дар лаҳзаҳои басо душвори сарнавишти миллат ва дар таъмини ҳамдигарфаҳмии мардуми Тоҷикистон хеле бузург аст.

**Дастгирии ин созишнома ва пуштибонии сулҳу ваҳдат чун роҳи ягонаи наҷоти миллату давлат пеш аз ҳама хизмати бузургу қаҳрамононаи кулли мардуми шарифи Тоҷикистон аст.**

Илова бар ин, 800-солагии орифи бузург Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ бо қарори ЮНЕСКО дар саросари ҷаҳон таҷлил мегардад. Шинохти олами афкор ва ашъори оламгири ин нобиғаи инсонпарвар, ки суннати некмазҳариву покманишӣ ва дӯстиву бародарии ҳамаи қавму мазҳабу миллатҳоро тарғиб мекард, дар роҳи худшиносӣ ва ифтихори миллии мо боз як марҳилаи тозае хоҳад шуд.

Соли оянда бошад ҷашни бузурги 1150-солагии устод Абӯабдулоҳи Рӯдакӣ ба иди ҳақиқии адабиёту фарҳанги бостонии тоҷикону форсизабонони ҷаҳон табдил хоҳад ёфт.

**Бо дарназардошти нақши ин озодамардони миллат дар таърихи тамаддуни башарӣ ва ба муносибати ин чорабиниҳои бузурги фарҳангӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2008 дар Тоҷикистон «Соли бузургдошти фарҳанг» эълон карда шавад**.

Бовар дорам, ки ин тадбир мақоми илму фарҳанг ва арзишҳои миллии моро рушду нумӯи тоза бахшида, шукӯҳу шаҳомати маъракаҳои дарпешистода, аз ҷумла ҷашни қофиласолори адабиёти классикии тоҷику форс – устод Рӯдакиро болотар хоҳад бурд.

Ҳамчунин ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе супориш дода мешавад, ки тармиму таҷдиди боғи марказии истироҳату фароғат ва бунёди ҳайкали Рӯдакиро дар сатҳи баланд ба анҷом расонад. **Ин боғро ба шарафи ҷашни бошукӯҳи миллӣ «Боғи устод Рӯдакӣ» номгузорӣ хоҳем кард**.

Рисолати миллии аҳли илму адаб, фарҳангу ҳунар ва умуман зиёиён, пеш аз ҳама иштироки фаъолона ва ҳадафманди онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат аст.

Ҳар як зиёии арҷманди мо бояд дар кору пайкори созандагӣ ба хотири шукуфоии Ватан, аз ҷиҳати маънавию

ахлоқӣ роҳнамоӣ кардани ҷомеа, эҷоди асарҳои илмиву бадеии сазовори замон, рушди бештари фарҳангу ҳунар ва парвариши истеъдодҳои ҷавон фаъолона саҳмгузор бошад.

Зиёиёни ватанпараст бояд шахсан ташаббус нишон диҳанд, мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби кишварро ба миён гузоранд ва роҳу воситаҳои ҳалли онҳоро низ пешниҳод кунанд. Маҳз дар ҳамин сурат мо нақшаҳои бузурги созандагиро тадриҷан татбиқ намуда, Ватани азизамонро ободу зеботар месозем ва зиндагии осудаву рӯзгори ободи мардумамонро таъмин карда метавонем.

**Дар хотимаи сухани худ бо эҳсоси шукргузорӣ аз истиқлолияти Ватан ва орзуву умедҳои неки наврӯзӣ тамоми мардуми шарифи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва зиёиёни сарбаланди тоҷикро бори дигар табрик гуфта, дасти дуо мебардорам, ки Худованд сафи афроди бедордилу равшанзамир, бонангу номус, соҳибмаърифату ватанпарастро зиёд гардонад ва ба ҳар хонадони тоҷик саодати рӯзгору файзу баракатро насиб созад**.

**Дар остонаи Наврӯзи эҳёгар ва Соли нави миллӣ ба ҳамаи зиёиёни мамлакат асарҳои пуразиш, андешаҳои тоза ва ихтирооту кашфиёти нав орзумандам. Ҳамчунин орзу менамоям, ки ба эҷоди шумо рӯҳи оламгири устод Рӯдакӣ ва Мавлонои бузург мададрасон бошад!**

**Ҳамду сано ба зиёиёни сарбаланди миллат – эҷодгарону ҳомиёни забон, адабиёт ва фарҳанги безаволи мо!**

**Ҳамду сано ба миллати сарбаланду тамаддунсози тоҷик!**

**Наврӯзи ҳуҷастапай муборак бод!**

# НАВРӮЗ – ДАЛЕЛИ ОФАРИНИШИ ҶАҲОН

## СУХАНРОНӢ ДАР МАРОСИМИ ҶАШНИ НАВРӮЗИ ДУШАНБЕ

21 марти соли 2007

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳамаи шумо ва тамоми мардуми шарифи Тоҷикистонро ба муносибати фарорасии соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи фаррухпай, ки бо қадами хуҷастааш ба табиати зебои сарзамини хуршедиямон муждаи тоза ва ҳусни нав, ба хонадони мардумамон файзу баракат ва шодиву нишот, ба дили пиру ҷавон умеду орзуҳои начиб меорад, самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоматон тани сиҳат, хотири ҷамъ, саодати рӯзгор ва барори кор орзу менамоям.

Воқеан, ҷашни Наврӯз аз замони пайдоишаш то имрӯз моломоли зебоиву накӯӣ буда, бузург доштани инсону табиат ва сифатҳои эҳёгарӣ ҷузъи ҷудонопазири он будааст. Бинобар ин, фасли баҳорро арӯси сол ва Наврӯзро зебу ҷалоли он гуфтаанд.

Ниёгони соҳибмаърифати мо дар ин рӯзи нав нахуст оташ меафрӯхтанд, зеро он нишонаи ҳаёт ва рамзи офтоби оламафрӯз аст. Бо фурӯзон кардани оташ дилу нияти худро равшанӣ мебахшиданд ва рӯзгорашонро бо ростиву накӯкорӣ, сулҳу сафо, озодагиву зебоипарастӣ ва инсондӯстиву созандагӣ ороста медоштанд.

Ба таъбири дигар онҳо Наврӯзро ҳамчун муждаи аввалини баҳори хуҷастапай, эҳёи табиат, бедоршавии замин ва оғози киштукор истиқбол мегирифтанд ва гиромӣ медоштанд. Ин амал пеш аз ҳама шӯълаи меҳру муҳаббатро дар дил мепарварад ва ғубори кинаву кудуратро аз байн мебарад.

Махсусан ёди гузаштагон, эҳтироми бузургсолон, афви гуноҳ, тозаву озода кардани хона ва ашёи рӯзгор, обод кардани маҳалли зист, пошидани тухми умед ба замин, шинондани ниҳол, ба тартиб овардани роҳу пулҳо, зиёрати пирони барнодил, ранҷурону беморон, хайру сахо ба шахсони бепарастор, оилаҳои камбизоат ва ятимону маъюбон аз ҷумлаи анъаноти нек ва суннатҳои писандидаи Наврӯзи Аҷам маҳсуб меёбад.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки Наврӯз на танҳо ҷашни баҳор, балки тарғибгари беҳтарин суннатҳои воло, фарҳанги барҷастаи инсонӣ ва саршори ормонҳои начиби башардӯстӣ мебошад.

Дар асотири қадимаи тоҷикон сабт гардидааст, ки Худованди якто ҷаҳонро дар муддати шаш рӯз офарида ва рӯзи шашум ба нахустин рӯзи фарвардин рост омадааст. Ба ин хотир Наврӯзро далели пайдоиш ва офариниши ҷаҳон донистаанд.

Мардуми ориёӣ ин шаш рӯзи муборакро ҳамчун аркони муқаддас то кунун истиқбол мегиранд ва ҷашни Наврӯзи Бузург низ аз панҷ шашрӯза иборат аст, ки дар навбати худ ҳар рӯзи он ба худ номи алоҳидае дорад. Яъне Наврӯзи Хурдак шаш рӯз аст, ки ба фосилаи рӯзҳои асотирии офариниши ҷаҳон баробар меояд.

Онҳо дар хонаҳову даштҳо гулхани наврӯзӣ афрӯхта, бо паёми писандидаи «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» дилҳоро сурур мебахшанд, инчунин сабқати ҷавонмардиву паҳлавонӣ меороянд ва ойину суннатҳои писандидаи Наврӯзи Аҷамро азизу гиромӣ медоранд.

Аксари таърихнигорон ва донишмандон бар он ақидаанд, ки асосгузори Наврӯз Ҷамшеди пешдодӣ аст. Аз он рӯзгор базмҳову ҷашнҳои пуршукӯҳу ҷалол ба ёдгор мондаанд, ки саодату сафои он ҳама то имрӯзу фардо равшангари дилҳои башарият ба шумор мераванд ва суннатҳои созандаи Наврӯз, аз қабили ҳамраъйиву ҳамдастӣ ва дӯстиву бародариро гарм пазироӣ менамоянд.

Бузургони адабиёти оламшумули тоҷик, бахусус олимону шоирон дар рисолаву таълифоти илмӣ ва ашъору осорашон асрори ҳикматҳои Наврӯзро таъбир ва васф кардаанд.

Ин анъана аз аҳди бостон аз китоби «Авасто» ибтидо гирифта, дар шоҳасарҳои суханварони бузург ва рисолаҳои арзишманди донишмандони маъруф – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни

Сино, Мӯсои Кисравӣ, Умари Хайём ва минбаъд низ идома ёфтааст.

Ниёгони мо расму оинҳои наврӯзӣ, аз ҷумла бо ҳафтшину ҳафтсин оростани дастархони наврӯзӣ, суманакпазиҳои занону духтарон, рақсу суруди гирди оташи фурӯзон, сурудҳои «Фалак»-у «Шашмақом», ҷуфтронии деҳқонон, гӯштингириву аспдавонии паҳлавононро гиромӣ доштаанд, ки то замони мо омада расидааст.

Мо ворисони тамаддуни ориёӣ, баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ин суннати писандидаро аз нав эҳё намуда, Наврӯзро ба иди умумимиллӣ ва умумидавлатӣ табдил додем, ки ин суннати нек дар таҳкими пояҳои давлатдории навини миллатамон, таҳвияти худшиносиву худогоҳӣ, пойдории ваҳдат ва болоравии ифтихори миллии мардум нақши босазо гузошт.

Бояд зикр кард, ки яке аз суннатҳои маъруфи наврӯзӣ ба ёд овардани нақшаву корҳои аз Наврӯзи пешин то Наврӯзи навин ба анҷомрасида ва тарҳрезии ҳадафҳои нав мебошад.

Аз ин рӯ, агар мо ба роҳи тайкардаи ҷомеаи Тоҷикистон аз Наврӯзи соли 2006 то имрӯз назар афканем, мебинем, ки дар ин муддат як силсила пешравиҳои назаррас ба вуқӯъ омадаанд.

Дар марҳалаи кунунӣ мақсади асосӣ ва ниҳоии Ҳукумат баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии шоистаи мардум мебошад.

Итминони комил дорам, ки барои расидан ба ин ҳадаф ва баҳри ободиву шукуфоии Ватани азизамон фарзандони баору номус ва ватандӯсту ватанпарасти мо минбаъд низ бо дасту дили гарм фидокорона заҳмат мекашанд.

Зеро Ватан барои ҳар фарди кишвари мо муқаддас аст ва дар урфият онро «як рукни имон» гуфтаанд.

Наврӯз ҷашни озодагӣ ва озодагон аст. Мардуми шарифи Тоҷикистон бо фаро расидани баҳор ба киштукори баҳорӣ, шинонидани ниҳолҳои гуногун, тоза кардани ҷӯйбору корезҳо ва ободу зебо гардонидани маҳалли зисти худ ва ҳар ваҷаб хоки диёри зебоманзарамон шурӯъ менамоянд.

Қарзи шаҳрвандӣ ва маданияти шаҳрдорӣ ҳар як фарди бонангу номус, ватанпарвар ва худогоҳу ҳимматбаландро водор месозад, ки ақаллан як ниҳол шинонад, табиатро сарсабзу зеботар намояд, кӯчаю хиёбон, ҷойи кор ва гузару маҳалли зисти худро ба тартиб орад, хулоса дар ҷабҳаи ободонии Ватан ва диёри азизамон саҳмгузор бошад.

Умедворам, ки Наврӯзи имсола ба мардуми бунёдкор ва меҳнатқарини кишварамон бахту саодат ва файзу баракати тоза меоварад.

Ҳамаи шуморо бори дигар бо фарорасии Наврӯзи Бузурги Аҷам – соли нави аҷдодӣ табрик гуфта, бароятон саломативу сарбаландӣ, хонаободӣ ва комёбиҳои нав ба нав орзу менамоям.

**Наврӯзи фархундапай ва ҳумоюнқадам ба ҳар кадоми шумо хуҷаста бод, ҳамватанони азиз!**

## ПАЁМИ ТАБРИКӢ
## БА МУНОСИБАТИ ИДИ НАВРӮЗ

Турсунзода, 21 марти соли 2007

**Ҳамватанони азиз!**
**Дӯстони гиромӣ!**

Ҷашни Наврӯз яке аз оинҳои бостонии ниёгони тамаддунпарвар ва соҳибфарҳанги мо аст, ки аз фаро расидани соли нави хуршедӣ ва навбаҳори зебову хучастапай мужда медиҳад. Ин пайки шодмонӣ ва шодкомӣ рамзи офариниши ҷаҳон, осмону ситорагон, гулу гиёҳ ва муҳимтар аз ҳама мавҷудияти инсон буда, ба зиндагӣ оғози нав ва накҳати тоза мебахшад.

Бинобар ин дар гузашта тоҷикон ба ҷашни Наврӯз даҳ рӯз пештар омодагӣ медиданд ва Рӯзи навро бо шодиву фараҳ дар хонаҳову наврӯзгоҳҳо пешвоз мегирифтанд. Ҳоло низ бо фаро расидани фасли баҳор ҳар як хонадони кишвари мо иди Наврӯзро бо расму оинҳои суннатии аҷдодӣ истиқбол мегиранд ва азизу гиромӣ медоранд.

Маросими ҷумҳуриявии таҷлили ҷашни Наврӯзи Аҷам, ки бо тасмими мо имрӯз дар шаҳри Турсунзода баргузор мегардад, шукӯҳу ҷалоли оини наврӯзӣ, посдории ганҷинаи пурарзиши фарҳангӣ ва сароғози моҳи фарвардинро боз ҳам афзун менамояд.

Бо истифода аз фурсати муносиб ҷашни фархундапайи Наврӯзи Аҷамро ба ҳамаи сокинони меҳмоннавозу сарбаланди шаҳр ва ба тамоми мардуми саодатманду соҳибфарҳанги Тоҷикистон табрик гуфта, ба ҳар хонадони тоҷик иқболи нек, рӯзгори осуда ва файзу баракати наврӯзӣ орзу дорам.

Миллати куҳанбунёд ва фарҳангсолори тоҷик иди Наврӯзро ҳанӯз аз аҳди давлатдории Ҷамшед истиқбол намуда, бо вуҷуди нобарориҳо ва истилои фоҷиабору

харобкоронаи аҷнабиён дар ҳама давру замонҳо бо ифтихори беандоза ва шукӯҳу ҷалоли хоса ҷашн мегирифт.

Дар даврахои минбаъда, аз ҷумла дар замони Каёниён, Сосониён ва Сомониён Наврӯзи Аҷам ба худ мақоми умумимиллӣ касб карда, бо арзишҳои волояш ба муттаҳидсозии халқҳои ориёинажод ва устувор намудани пояҳои давлатдории онҳо мусоидат намудааст. Бинобар ин, Наврӯз бо ҳама расму суннатҳояш дар шарёни мардуми мо зинда монд ва ҳатто баъди истилои сарзамини аҷдодии мо, аҷнабиён, ки рӯҳи миллии гузаштагонамонро шикаста натавонистанд, онро бо номи аслияш, яъне Наврӯз пазируфтанд.

Аз ин нукта, Наврӯз баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, сиришти ахлоқӣ, орзую ормон, расму оин, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии миллатамон буда, дар тӯли мавҷудияташ арзишҳои фарҳангию миллии моро дар таркиби худ ҳифз кардааст.

Боиси ифтихор ва сарфарозии мардуми мост, ки Наврӯз ҳамчун иди баҳор, эҳёи табиат ва фарорасии соли нав ба таърихи бисёр халқу миллатҳои ҷаҳон ворид гашта, ҳаёти онҳоро рангу таровати тоза бахшидааст.

Ҳоло иди Наврӯз дар ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, Қафқоз, Эрону Афғонистон, Туркия ва бархе аз мамолики араб бо шукӯҳу ҷалоли хоса таҷлил мегардад.

Воқеан баъди ба даст овардани истиқлолият мо суннати гузаштагонамонро идома дода, ба иди Наврӯз мақоми умумимиллӣ ва умумидавлатӣ додем.

Имрӯз дар ҳама гӯшаву канори Тоҷикистон ин суннати деринаи аҷдодонамонро мардуми кишвар ба таври васеъ ҷашн мегиранд. Аз рӯйи анъанаи дерин дар остонаи иди мубораку фархундаи Наврӯз ҳар як фард ботини худро аз кинаву кудурат пок карда, манзилу хонаи зист, сарулибос ва тамоми ашёи рӯзгорашонро тозаю ороста менамоянд.

Тибқи таомули қадима хонаҳоро сафед мекунанд, то бахти сафед ҳамеша ёрашон бошад; дастархон меороянд, то файзу баракат аз хонадонашон канда нашавад; гул мегардонанд, то гули бахташон шукуфон бимонад; об мепошанд, то ҳама сол сероб гардад; донаи умед мекоранд, то файзи хирману баракати ҳосил дучанд афзояд.

Муҳимтар аз ҳама дар остонаи иди Наврӯз бо меҳру шафқат ба якдигар оғӯш мекушоянд, беморону ранҷурон ва пирони барнодилро зиёрат менамоянд, ба ятимону бепарасторон кӯмак мерасонанд ва амалҳои неку

писандидаро вазифаи муқаддас ва қарзи инсонии хеш мешуморанд.

Дар маҷмӯъ Наврӯз рамзи рӯзи нав, ибтидои соли нав, қосиди баҳор, мабдаи ҳаёт, эҳёи табиат ва иқдому амалҳои нави ободонию тозакориҳо мебошад.

**Дӯстони гиромӣ!**

Сарзамини куҳанбунёди мо аз ҷумла водии Ҳисори Шодмон, ки ҳудуди имрӯзаи шаҳри Турсунзодаро низ дар бар мегирад, дорои таърихи бостонӣ ва ғановатманд мебошад. Дар гузашта қаламрави Ҳисор ба ҳайати давлатҳои Бохтар, Ҳахоманишиҳо, Кӯшониён, Ҳайтолиён, Сомониён, Чағониён ва Аморати Бухоро шомил буд ва яке аз марказҳои илмиву адабӣ ва тиҷоратии Хуросони шарқӣ ба ҳисоб мерафт.

Ҳисори Шодмон бо санъати баланди шаҳрсозӣ, раставу гузарҳои косибиву ҳунармандӣ ва намояндагони намоёни илму адаб шӯҳрат дошт.

Мероси таърихӣ ва илмиву адабии намояндагони маркази адабии Ҳисор – Дарвешмуҳаммади Ҳисорӣ, Хоҷа Самандари Тирмизӣ, Ёрмуҳаммади Ҳисорӣ, Парии Ҳисорӣ, Мавлоно Хиргаҳӣ, Волаи Ҳисорӣ, Ҳасани Ҳисорӣ, Комили Ҳисорӣ ва дигарон, ки аз талқини ғояҳои башардӯстӣ, омӯзиши илму дониш ва ташвиқи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ иборатанд, дар густариши забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ мақоми шоиста доранд.

Махсусан шӯҳрати устод Мирзо Турсунзода, ки бо ашъори дилпазир, афкори ватандӯстона ва тарғиби сулҳу амонӣ Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст, дар асри гузашта басо баланд гашта буд.

Шаҳри Турсунзода ҳоло яке аз дарвозаҳои асосии Тоҷикистон ва маркази бузурги саноатии мамлакат маҳсуб ёфта, бо мардуми бонангу номус ва заҳматкаши худ, бо табиати хушманзара, боду ҳавои мусоид, меваҳои шаҳдбор шӯҳрати дерина дорад.

Дастовардҳои шоистаи заҳматкашони шаҳри Турсунзода солҳои охир дар рушди соҳаҳои пахтакорӣ, сабзавоткорӣ ва боғдориву ангурпарварӣ таҷассум мегардад.

Деҳқонон ва кишоварзони ботаҷрибаи ноҳия бо маданияти баланди заминдорӣ ва истифодаи оқилонаи он, имконият доранд, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро боз ҳам афзун гардонанд. Зеро аз заминҳои водии Ҳисор дар як сол се ҳосил ба даст овардан мумкин аст.

Чунонки борҳо таъкид кардаам, рушди устувор ва бонизоми иқтисодиёт боиси баланд гардидани сатҳ ва сифати зиндагӣ мегардад. Бинобар ин, мову шумо дар арафаи Иди Наврӯз бояд бо дарки рисолати таърихӣ ва қарзи шаҳрвандии худ, инчунин бо ҳисси ифтихор аз истиқлолияту давлатдории миллӣ, барои ободиву шукуфоии кишвар нерӯву ғайрати худро дареғ надорем ва фаъолияти бунёдкориро ба меъёри ҳаррӯзаи зиндагӣ табдил диҳем.

Ҳамзамон ҳифзи муқаддасоти миллӣ – мероси таърихию фарҳангӣ ва баланд бардоштани худшиносиву худогоҳӣ, эҳсоси ватандӯстиву ифтихори ватандорӣ вазифаи муқаддаси ҳар фарди бофарҳанг ва бонангу номуси Тоҷикистон аст.

Имрӯз фурсате расидааст, ки мову шумо барои рушди устувори иқтисодиёт, ободии мамлакат, амнияти пойдор, зиндагии шоиста ва ҷомеаи тараққикардаю мутамаддин ҳамарӯза софдилона ва фидокорона меҳнат намоем.

Махсусан таҳкими амнияти миллӣ, тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва идомаи бунёдкориҳо маҳз аз нигоҳ доштани ваҳдати миллӣ ва пойдории сулҳу субот вобаста аст.

Боварӣ дорам, ки сокинони шаҳри Турсунзода дар баробари тамоми халқи кишвар барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пешрафти иқтисодиёт, беҳдошти сатҳи зиндагӣ нерӯю ғайрати хешро дареғ намедоранд.

Наврӯзи имсола бо қадами муборакаш аз фаро расидани мавсими ниҳолшинонию кабудизоркунӣ ва зебову озода намудани манзилу макони зист мужда медиҳад ва аллакай дар аксари шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ин маъракa босуръат ҷараён дорад. Дар баробари анҷом додани ин кори савоб барои парвариши минбаъдаи дарахтон масъулони соҳа аҳамияти ҷиддӣ диҳанд.

Дар охир мехоҳам ба ҳамаи онҳое, ки дар фароҳам овардани шароити мусоид барои таҷлили имрӯзаи Иди Наврӯз, оростани ин маъракаи муҳими миллӣ ва корҳои ободонӣ ҳисса гузоштаанд, арзи сипос намоям.

Бигзор, ҷашни Наврӯзи Бузург ба ҳар кадоми шумо тандурустиву хушбахтӣ, рӯзгори ободу осуда, иқболи неку толеи баланд ва дастархони пурфайзу баракат ато намояд.

Дар урфият мегӯянд, ки «соле, ки накӯст аз баҳораш пайдост». Бигзор Наврӯзи имсола барои мардуми сарбаланди Тоҷикистон соли бобарори бунёдкорӣ ва фатҳу нусратҳои нав гардад.

Бигзор дар Наврӯзи фархундапайи имсола дуои Сардафтари адабиёти оламгири тоҷику форс Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки омадани баҳори хуррамро бо рангу бӯйи тоза ва бо сад ҳазор накҳату ороиши аҷиб тасвир кардааст, мустаҷоб гардад ва ҳамчун иди шодиву нишот, дӯстиву ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ ба сарзамини хуршедии мо – Тоҷикистон созандагӣ ва шукуфоӣ армуғон оварад.

**Наврӯзатон фирӯз бод, ҳар рӯзатон Наврӯз бод, ҳамватанони азиз!**

## МЕРОСИ ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ ВА ҶАҲОНИ МУОСИР

«Садои «мардум», 29 марти соли 2007

Даврони начандон тӯлонии истиқлолияти миллии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки мо ба таърихи илму фарҳанги хеш, ки таърихи чандинҳазорсола дорад, аз мавқеи тоза назар андозем ва аз ин ганҷинаи пурбори сухану маънӣ боз ҳам сермаҳсултар истифода намоем. Дар ин муддат мардуми тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ чандин ҷашнвораҳои бузургро, ки ба посдории ниёгон бахшида шуда буданд, гузаронид ва ҷаҳонро бо дастовардҳои дирӯзи дуру наздики худ шинос кард.

Қобили қайд аст, ки дар вақти тарҳрезии ҳар гуна ҷашнвораҳо қабл аз ҳама мақсад гузошта мешавад, ки мардум боз як бори дигар ба мероси гузаштаи худ рӯй ованд ва барои имрӯзу фардои хеш ва умуман ҳалли масъалаҳое, ки ҷомеаи имрӯза дар пеши аҳли башар мегузорад, ҷавоб пайдо кунанд. Аз ҷониби ЮНЕСКО ба феҳристи ҷашнҳо шомил шудани 800-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (1207-1273), чорабиниҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои гуногун барои таҷлили 800-умин солгард аз мавлуди ин фарзанди барӯманди тоҷик ба нақша гирифта, ба иҷро расонида истодаанд, дар қатори он ҷашнвораҳои дигар боз аз нав имкон доданд, ки ҳамаи мо ба гузаштаи худ дар мисоли ҳаёт ва осори ин мутафаккир бо диди нав назар андозем ва барои маънидоди воқеияти ҷаҳони муосир дар андешаҳои ӯ барои худ ғояҳои нав ба нав ҷустуҷӯ намоем.

Орифи бузург Мавлонои Румӣ дар тамоми ақсои Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гаштааст ва шеъру андешаҳои фалсафии ӯро дар тамоми олам бо завқу шавқи беандоза, чи пиру чи ҷавон, чи марду чи зан, новобаста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинии худ мутолиа мекунанд. Як сабаби асосии ба эҷодиёти мутафаккир рӯ овардани мардуми зиёде дар кишварҳои гуногуни олам ба он алоқаманд аст, ки ӯ

аксарияти масъалаҳои ҳаётан муҳимро воқеъбинона тафсир кардааст. Ин воқеъбинӣ дар қолаби ирфонӣ инъикос ёфта бошад ҳам, на танҳо бо ҷаҳонбинии аҳли тасаввуф ва тафаккури шахсии ин марди донишманд, балки бо тарзи ҳаёт ва шароити таърихию иҷтимоие, ки мутафаккир дар он тарбия ёфтааст, сахт алоқамандӣ дорад. Ин аст, ки андешаҳои зиёди ирфонии Мавлоно то кунун ҳам аҳамияти худро гум накардаанд ва аксарияти он дархӯри ниёзмандӣ ва эҳтиёҷоти фикрию ахлоқии ҷаҳони муосир аст.

Аз тарафи дигар, таълимоти Ҷалолуддини Балхӣ, паҳлӯҳои гуногуни зиндагии инсон, андеша, тафаккур ва талаботи рӯзмарраи аҳли башарро фаро мегирад. Бо такя ба ҳамин маънӣ ва нерӯи фарогирандаи осори Мавлоноро ба назар гирифта, таълимоти ӯро аксари муҳаққиқон «баҳр дар кӯза» номгузорӣ кардаанд, ки ба ҳақиқати ҳол комилан мувофиқ аст. Аз ин рӯ, ақидаву афкори мутафаккирро бо як ирфон, ки одатан дур аз воқеият шумурда мешавад, маҳдуд кардан нашояд. Барои таълимоти ӯ нақши ҳиссу ақл дар масъалаҳои маърифати олам, мақоми муҳит ва тарбия дар ташаккули ахлоқи инсон ва дигар омилҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти мардум низ хеле муҳим аст.

Омезиши ирфону ақлоний ва ахлоқу иҷтимоиётро дар андешаҳои Мавлонои Румӣ мушоҳида намуда, месазад, ки ба таърихи афкори ниёгони худ ва мавҷудияти мактабу равияҳои гуногуни фикрӣ дар он муроҷиат намоем. Ба ақидаи муҳаққиқони зиёд дар таърихи афкори иҷтимоӣ ва фалсафии халқи тоҷик, ки даврони дурударозеро дар бар мегирад, асосан се навъи равия ва мактаби фикрӣ ба назар мерасад: динӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ.

Равияҳои динӣ ё рӯҳонии мактабҳои фикрии тоҷикони имрӯз ва ниёгони дури мо аз ориёиёни қадим, Зардушт, Монӣ ва Маздаку дигар мутафаккирони пешазисломӣ, баъд аз интишори ислом бошад, аз аркони ин дини мубин ғизо мегиранд ва боварию эътиқод ва маънидоди тамоми масъалаҳои фалсафию иҷтимоӣ аз нигоҳи дин асоси ин навъ ҷаҳонбиниро ташкил медиҳад. Дар равияҳои фалсафӣ ё ақлонӣ бошад, агарчи маънидоди динӣ ё рӯҳонии масъалаҳо низ ҷой дорад, вале бо такя ба мантиқу ақл ҷавоб ҷустан ҷавҳари ин навъи ҷаҳонбинӣ ҳисоб меёбад, ки ҳаёти илмиву иҷтимоии инсон онҳоро ба миён меоварад. Ба ибораи дигар, ин амр ақлгароӣ дар таърихи афкори ниёгони мо буда, на танҳо бо такя бар ақидаву афкори худӣ, балки бо истифода аз мантиқу фалсафаи юнониёни қадим ва дигар дастовардҳои

аҳди атиқаву асрҳои миёнаи мардуми гуногуни олам сурат гирифтааст.

Ва ниҳоят, равияи сеюм дар таърихи илму фалсафаи мардуми мо ин роҳи ирфонии тафсири воқеияти иҷтимоии инсон аст, ки дар худ ба тарзи махсусе ду роҳи қаблан зикршуда – рӯҳонӣ ва ақлониро фаро мегирад. Ба ибораи дигар, ирфон ё тасаввуф мактабе буд, ки ақидаҳои динҳои гуногун, аз қабили буддоия, зардуштия, ислом, масеҳият ва ғайраро бо ақлгароӣ, аз як тараф ва роҳҳои фавқулақлонии маърифат, аз дигар тараф, омезиш дод.

Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ маҳз ҳамин роҳи сеюмро намояндагӣ мекунад ва ба ҳамин сабаб таълимоти ӯро, чуноне ки қаблан зикр гардид, бо як ирфон маҳдуд кардан ва дур аз воқеияту ақлоният шумурдан, ё худ сирф динӣ маънидод кардан чандон дуруст нест. Қобили қайд аст, ки чунин тавзеҳҳои таълимоти Румӣ ҳанӯз аз замони худи мутафаккир вуҷуд доштанд ва ин боис шудааст, ки шоҳасари ӯ – «Маснавии маънавӣ»-ро, аз як тараф, «Қуръон дар забони паҳлавӣ» хондаанд ва аз тарафи дигар, «Каломи сӯфиёни шум» ном гузоштаанд. Имрӯз бошад, ба муҳаққиқон ва умуман ба ҳамаи онҳое, ки ба таълимоти Мавлонои Рум муроҷиат менамоянд, зарур аст, ки дар баҳодиҳии он аз яктарафагӣ даст кашида, тамоми ҷанбаҳои таълимоти ӯро бубинанд ва бештар ба он мавзӯъҳое, ки ба муносибати дину мазҳабҳои гуногун, мушкилоти иҷтимоиву ахлоқӣ ва масъалаҳои зиёди дигари дархури воқеияти муосир нигаронида шудаанд, таваҷҷӯҳ намоянд.

Албатта, ҷанбаи ирфонии таълимоти Ҷалолуддини Румӣ дар осораш беш аз тарафҳои дигари ҷаҳонбинии ӯ зуҳур мекунад ва инро наметавон нодида гирифт. Пӯшида нест, ки масъалаҳои дарёфти ҳақиқат, ишқи илоҳӣ ва амсоли он дар эҷодиёти мутафаккир, хусусан дар саҳифаҳои «Маснавӣ», мақоми беандоза бузурге доранд. Вале дар ин самт як нукта қобили қайд аст: вақте ки Мавлоно дар бораи дарёфти ҳақиқат сухан мегӯяд, ӯ инсонро ба таҳқиқи олами ботинии худ водор месозад. Чунон ки маълум аст, барои Румӣ ва мутафаккирони дигари ҳаммашраби ӯ ҳиссу ақл ҳамчун воситаҳои маърифат бо олами моддӣ маҳдуданд. Олами маънӣ ва зуҳуроти маънавӣ бошад, аз нигоҳи онҳо, маҳз тавассути таҳқиқи олами ботинии инсон, ё ба истилоҳи илми имрӯза, тавассути баррасиҳои равоншиносӣ фаҳмида мешаванд. Ба ибораи дигар, дарёфти маънавиёт аз диди

Мавлоно ин шинохти инсон ё худ худшиносист. Ин масъала имрӯз ҳам аҳамияти хосаеро дорост.

Ҷиҳати хеле ҳам арзишманди ирфони Мавлоно дар алоқамандии қавии он бо инсону ниёзмандиҳои ӯ мебошад ва аз воқеияти рӯзгори башар гусастагие надорад. Худшиносӣ, расидан ба дарёфти ҳуввияти хеш ва умуман, ба ҳуввияти инсон масъалаҳоеанд, ки то ҳол ҳам аҳамияти амалии худро аз даст надодаанд. Беҳуда набуд, ки минбаъд дар таълимоти мутафаккирони Ғарб ҳам саволи «Инсон чист?» ба масъалаи муҳимтарини илмҳои иҷтимоӣ мубаддал гашт.

Дар иртибот бо масъалаи инсон ва олами маънавии ӯ қайд кардан зарур аст, ки ин мавзӯъ дар таърихи фарҳанги мо, аз ҷумла дар осори Мавлавии Румӣ, асосан аз диди илмҳои иҷтимоӣ баррасӣ шудааст. Вале аз нигоҳи илми имрӯза дар ин самт бе тадқиқоти табиатшиносӣ пеш рафтан хеле душвор аст. Иҷрои ин вазифаи муҳим ва умуман инкишофи минбаъдаи ҷомеа бошад, қабл аз ҳама, рушди худи илмҳои табииро талаб мекунад. Маҳз ҳамин гуна омилҳоро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар солҳои охир дар баробари нақшаҳои компютерикунонӣ, ҳамчунин барномаҳои мушаххасеро оид ба инкишофи илмҳои дақиқ қабул намуд. Имрӯз мо ниёз ба он дорем, ки дар шароити инкишофи босуръати техника ва технология дар ҷаҳон чунин барномаҳоро пурмаҳсултар дар амал татбиқ намоем. Танҳо ҳамин гуна муносибат ба мо имконоти бештаре фароҳам меорад, ки на танҳо рушди иқтисодии кишвари худро таъмин намоем, балки дар ҳалли муаммоҳои зиёди илмие, ки оид ба инсон ва маънавиёти ӯ мутафаккироне чун Мавлонои Румӣ садсолаҳо муқаддам кӯшида буданд, таҳқиқоти мукаммалтареро аз нигоҳи ҳам илмҳои иҷтимоӣ ва ҳам табиатшиносӣ анҷом бидиҳем.

Осори Румӣ гувоҳи равшани он аст, ки ӯ оид ба масъалаҳои гуногун ибрози ақида карда, ҳатман сари мавзӯи инсон меояд. Беҳуда нест, ки баъзе муҳаққиқон ҳатто илоҳиёти мутафаккирро инсоншиносӣ ҳисобидаанд. Ҳамаи ин бошад, аз он башархоҳӣ, инсондӯстӣ ва гуманизме дарак медиҳад, ки хоси тамоми қисматҳои таълимоти Мавлоно буда, то кунун қимати беандоза бузурге дорад. Дар шароити кунунӣ, ки дар тамоми давлатҳои мутамаддин, аз ҷумла дар Тоҷикистони тозаистиқлоли мо, инсон ва ниёзмандиҳои он дар ҷавҳари сиёсати дохиливу хориҷии ҳукумат қарор гирифтааст, истифода аз ақидаҳои гуманистии Мавлоно ва даҳҳо мутафаккирони дигар ба монанди Абдуллоҳи Ансорӣ, Ҳаким Саноӣ, Фаридуддини Аттор, Мавлавӣ Ҷомӣ, ки дар

таърихи фарҳанги ниёгонамон дар радифи ӯ қарор доранд, метавонад чунин сиёсати пешгирифтаро аз ҷиҳати мӯҳтаво боз ҳам ғанитар гардонад.

Чи тавре ки қаблан зикр гардид, таълимоти Румӣ бо шароити таърихӣ ва иҷтимоии давронаш пайванди ногусастанӣ дорад. Дар Вахшонзамин таваллуд ёфта ва минбаъд дар Руму Шом таҳсили илм карда, ӯ дар тӯли ҳаёти пурмаҳсули маънавию иҷтимоияш бо намояндагони қавму миллат ва дину мазҳабҳои гуногун дар муносибати наздике буд. Тоҷикони муҳоҷир аз Вахшонзамину Самарқанд ва Балху Бухоро, туркони салҷуқии Осиёи Сағир, юнониён ва дигар қавмҳои масеҳии Рум, муғулҳо, курдҳо, арабҳо, яҳудиён – чунин аст рӯйхати начандон пурраи он намояндагони халқҳо, ки мутафаккир ва орифи бузурги мо дар байни онҳо зиставу эҷод кардааст ё ки дар маъхазҳо ва осори худи мутафаккир зикр гардидаанд. Маҳз ҳамин пайвастагӣ бо қавмҳои гуногун Румии тоҷикиаслро водор намуд, ки як таълимоти дархури ниёзҳои мардуми мухталиф ва умуман барои тамоми аҳли башар муносибро асос диҳад. Байти зерини мутафаккир, ки аз тарафи муҳаққиқони осори ӯ хеле зиёд иқтибос мешавад, гувоҳи ҳамин маънист:

Аз Хуросонам кашидӣ то бари юнониён,
То даромезам бад-эшон, то кунам хуш мазҳабе.

Чунон ки аён мегардад, Румӣ бо намояндагони қавмҳои гуногун, ки бо забонҳои мухталиф ҳарф мезаданд, дар муносибати ҳамарӯза будааст. Худ, чунон ки аз тарҷумаи ҳолаш бармеояд, бо забонҳои тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ ва юнонӣ сухан мегуфт. Вале мавзӯи ҳамзабониро ӯ ҳеҷ гоҳе маҳдуд нафаҳмида, ба масъалаи марказии таълимоташ мубаддал накардааст. Барои Румии инсонпарвар масъалаи ҳамдилӣ аз ҳама болотар меистод.

Ҳамзабонӣ хешиву пайвандӣ аст,
Мард бо номаҳрамон чун бандӣ аст.
Ай басо ҳиндуву турки ҳамзабон,
Ай басо ду турк чун бегонагон.
Пас забони маҳрамӣ худ дигар аст,
Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст.

Таърихи ҷаҳони муосир, ки дар он фарҳангу динҳои мухталиф амал мекунанд ва сарнавишти мардуми олам, ки бо зиёда аз шаш ҳазор забони гуногунреша ҳарф мезананд,

имрӯз боисрор таъкид месозанд, ки барои пешрафти минбаъдаи башарият барқарор сохтани ҳамдилӣ байни фарҳангу динҳо ва мардуми гуногунзабон чун обу ҳаво зарур аст. Барои ин бошад гуфтугӯи фарҳангҳо аз мақоми баробар бояд дар мадди аввали ҳар гуна сиёсате, ки кишварҳои муосир онро пеша кардаанд, қарор бигирад.

Қобили қайд аст, ки Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти миллии худ як қатор чораҳоро андешид, то барои муколамаи фарҳангҳо дар ин сарзамин заминаҳои муайяне ба вуҷуд оянд ва мардуми кишвар дар маҳдудияти фарҳангӣ қарор нагирад. Ба ин мақсад равобити дӯстонаи иқтисодиву фарҳангӣ бо аксарияти давлатҳои Шарқу Ғарб барқарор шуданд ва ҷумҳурӣ узви ташкилоти зиёди бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ гардид. Барномаҳои давлатӣ оид ба омӯзиши забонҳо ва чорабиниҳои зиёди дигари фарҳангӣ низ дар мадди аввал ба мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои мардуми тоҷик, хусусан насли наврас, нигаронида шудаанд, то онҳо барои дарки тамаддуни халқҳои дигар, муколамаи фарҳангҳо ва чунон ки Румӣ фармудааст, барои барқарор кардани ҳамдилӣ байни қавмҳои мухталиф, омода бошанд.

Вобаста ба ҳамдилӣ Мавлонои Румӣ дар таълимоти худ масъалаи баробарии дину мазҳабҳои гуногун ва дар ин поя мавзӯи таҳаммулпазирии динӣ, мазҳабӣ ва қавмиро ба миён гузоштааст. Пӯшида нест, ки мутафаккир худ намояндаи дини ислом аст ва масъалаҳои зиёди фалсафию иҷтимоиро аз нигоҳи ҳамин дин ҳал мекунад. Вале дар баробари ин андешаҳои ӯ дар бораи динҳои дигар, хусусан масеҳият ва муносибат бо ҳомилони чунин динҳо дар таърихи асрҳои миёнаи на танҳо Шарқ, балки Ғарб ҳам хеле навоварона буда, аз фарҳанги воло ва ахлоқи ҳамидаи соҳиби чунин таълимот дарак медиҳанд. Ҳақиқат барои ин мутафаккир «на ғарбию на шарқӣ» аст. Дар ин поя, агар ҳаёт ва фаъолияти Мавлоно Балхиро як навъ оғози муколамаи Шарқу Ғарб дар таърихи афкори иҷтимоию сиёсӣ қаламдод намоем ҳам, иштибоҳе нахоҳад шуд.

Ки аз он сӯ ҷумлаи миллат якест,
Сад ҳазорон солу як соат якест.

Ё худ:

З-он ки худ мамдӯҳ ҷуз як беш нест,
Кешҳо з-ин рӯй ҷуз як кеш нест

– чунинанд он ақидаҳои ҷавҳарии таълимоти Румӣ, ки боиси иброзе афкори ӯ оид ба баробарии дину миллатҳои мухталиф гашта, мавқеи мутафаккирро дар таҳаммулпазирии динӣ, мазҳабӣ ва қавмӣ муайян сохтаанд. Ин гуна ақида ва мисолҳои зиёде аз ҳаёти шахсии мутафаккир гувоҳи онанд, ки ӯ тавонистааст дар шароити боло будани як дин (дақиқтараш, ислом) бар динҳои дигар дар минтақаи онзамонии Рум чунин ҳавзаеро эҷод созад, ки барои он эътирофи баробарии мардуми гуногунмазҳаб нишонаи асосӣ будааст. Ин гуна андеша ва муносибатро ӯ на танҳо эҷод кард, балки ба шогирдони худ низ омӯхт ва сабабгори садсолаҳо идома ёфтани ин амр дар минтақаи фарохи фарҳангӣ гардид. Беҳуда нест, ки пайравони Мавлонои Румӣ дар ибтидои асри бистум низ иброз доштаанд, ки расонидани хадамоти илмӣ ва инсонӣ ба кулли инсоният, бидуни таваҷҷӯҳ ба ихтилофи ҷинсу мазҳаб, асоси мактаби фикрии Мавлоно, яъне тариқати мавлавия, дар тамоми давраи фаъолияти он будааст.

Ҷалолуддини Балхӣ дар давроне зистааст, ки пур аз воқеа ва моҷароҳои сиёсиву иҷтимоӣ буд. Ҳаёт ва фаъолияти ӯ бо таърихи давлати Хоразмшоҳиён ва Ғӯриён дар Осиёи Марказӣ, Салҷуқиёни Рум, ҳуҷуми ӯрдуи муғул ба Осиёи Марказӣ ва Осиёи Сағир иртиботи қавие дорад. Дар ин даврон, дар ибтидои асри XIII даставвал Муҳаммади Хоразмшоҳ Ҳирот, Самарқанд, Балх ва Вахшонзаминро, ки тобеи хонадони Ғӯриён буд, бо ҷангҳои хунин ба тасарруфи худ даровард. Аз соли 1218 то соли 1221 бошад, Осиёи Миёна ва Афғонистонро муғулҳо ваҳшиёна забт карданд. Тақдири ҳукмронии Салҷуқиёни Рум – Султонати Қуния низ, ки Мавлоно бо пайравонаш дар пойтахти он фаъолият мебурд, бо ҳуҷумҳои хунини ҳамин ӯрду анҷом ёфт.

Ҳамаи ин гувоҳи равшани он аст, ки Ҷалолуддини Румӣ ҳанӯз аз даврони кӯдакияш шоҳиди ҷангу ҷидолҳои ваҳшиёна будааст ва табиист, ки ин наметавонист ба эҷодиёти ӯ бетаъсир бимонад. Аз ин рӯ, рӯҳияи зиддиҷангӣ ва муқобилат бар зӯроварӣ ба тамоми ҷанбаҳои таълимоти мутафаккир хос аст:

То ғилоф андар бувад, боқиммат аст,
Чун бурун шуд, сӯхтанро олат аст.

Румӣ ҷангу хунрезиро дар ашъори худ як роҳи «ҷумла бемаъниву бемағз»-и ҳалли масъалаҳо ҳисобидааст ва ба ин

сабаб дар чунин андеша аст, ки мардуми бо фарҳангу маънавиёт машғул ҳангоми зӯроварию хунрезиҳо маҷбуран тарки Ватан мекунанд:

По тиҳӣ гаштан беҳ аст аз кафши танг,
Дарди ғурбат беҳ, ки андар хона ҷанг.

Ин гуфтаҳои Мавлонои Румиро оид ба оқибатҳои сангини ҷанг ва даст кашидан аз зӯроварӣ дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ таърихи начандон дури тоҷикон ба куллӣ исбот кард. Дар охирҳои қарни гузашта бо кӯшиши гурӯҳҳои муайяне дар ин сарзамини куҳанбунёд зӯрию зӯроварӣ боло гирифт ва бар асари ҷанги бародаркушӣ ҳазорон намояндагони миллат, аз ҷумла зиёиён ва аҳли илму фарҳанг, ҷилои Ватан карданд. Вале халқи тоҷик, халқе, ки анъанаҳои қадимии сулҳу сулҳхоҳӣ ва муборизa алайҳи ҷангу зӯроварии худро дар таълимоти Румӣ ва садҳо мутафаккирони дигар таҷассум сохтааст, бо такя ба ин таҷрибаи бойи ниёгон ва талоши пайвастаи фарзандони асили Ватан тавонист, ки аз роҳи ҷанг баргардад ва дар кишвари худ сулҳу осоиш ва ваҳдатро барқарор созад. Қобили қайд аст, ки агар мардуми тоҷик чунин анъанаҳои сулҳхоҳӣ намедошт ва ба он такя намекард, шояд маҷрои таърихи муосири он ранги дигар мегирифт. Истифода аз ин анъанаҳо бошад, як махсусияти таҷрибаи сулҳи тоҷикон буд, ки метавонад барои кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла барои Афғонистони имрӯза, низ ибратомӯз бошад, зеро гузаштагони ин мардум ҳам бо мо муштараканд ва дар мисоли орифи Балхӣ ва мутафаккирони дигар сулҳу мадороро афзалтар аз ҷангу зӯроварии «бемаъниву бемағз» эътироф кардаанд.

Як ҷиҳати дигари таълимоти Румӣ, ки барои ҷаҳони муосири мо ва инсони асри кайҳон ҳам то ҳанӯз муҳим аст, ин афкори ахлоқии ӯст. Мутафаккир ба бузургтарин анъанаҳои ахлоқии ниёгони мо ва таълимоти мухталифи шарқиву ғарбӣ такя карда, дар осори худ чун маддоҳи некиву накӯкорӣ ва адолати иҷтимоӣ баромад кардааст. Некӣ, ки аз рӯйи таълимоти ӯ дар ниҳоди инсон фитрии модарзод аст, бояд дар ҳар сурате бар бадӣ, ки дар рафти ҳаёти иҷтимоии инсон ба вуҷуд меояд, ғалаба кунад. Барои тарбияи инсон дар рӯҳи некиву накӯкорӣ ва дур сохтани ӯ аз роҳи бад бошад, мутафаккир нақши оила ва муҳитро муҳим шумурдааст. Ҳамчунин, ҳанӯз дар шароити асрҳои миёна ин донишманди

нобиға ба дарки нақши ногузири мактаб дар ташаккули ахлоқии инсон расида буд ва аз ин рӯ, худ соҳиби мактаб, усули таълими хоса ва омӯзгору муаллифи воситаҳои таълим буд. Аксари осори ӯ ҳам маҳз барои таълими шогирдон таълиф шуда буданд.

Румӣ тарғибгари ахлоқи ҳамида, чун вафодорӣ, шафқат бар заифон, эҳтироми худ ва дигарон, рostӣ, эҳсон, хоксорӣ, саховату каромат ва ғайра буд. Ӯ ахлоқи бад – молу ҷоҳпарастӣ, ҳасад, ҳирсу тамаъ, ришвахорӣ ва амсоли онро мазаммат мекунад. Баъзе афкори мутафаккир, ки дар саҳифаҳои пур аз маъонии бикр – «Маснавӣ», «Девони кабир» ва осори дигари ӯ омаданд, то ҳанӯз ҳам барои муосирони мо метавонанд дастури муфиди ахлоқӣ бошанд. Ҳар як фард, чи хидматчии давлатию динӣ, чи омӯзгору чи шогирд, имрӯз метавонад аксари чунин ақидаҳои мутафаккирро сармашқи кори худ қарор диҳад. Кофист, ки ҳамчун мисол як байти машҳури ӯ дар бораи бо роҳи маслиҳату машварат ҳал намудани масъалаҳо хотиррасон гардад:

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлро мар ақлҳо ёрӣ диҳад.

Ҷолиби қайд аст, ки дар таълимоти ахлоқии Румӣ ва умуман осори тамоми гузаштагони мо масъалаи тарбия мақоми асосиро ишғол мекунад. Вале, мутаассифона, ин мероси бузург на ҳама вақт аз тарафи муосирони мо самаранок мавриди истифода қарор мегирад. Масалан, чаро мо наметавонем дар асоси ин таълимоти ахлоқии дорои аҳамияти умумибашарӣ нақшаҳои мушаххас таҳия карда, барои пурмаҳсултар амалӣ сохтани Консепсияи миллии тарбия, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурӣ қабул шудааст, саҳмгузор бошем? Ва ё мисоли дигар: дар Тоҷикистон ҳоло, аз як тараф, стратегияи паст бурдани сатҳи камбизоатӣ амалӣ шуда истода бошад, аз тарафи дигар, барномаҳои гуногуни дастгирии ятимону бепарасторон ва эҳтиёҷмандон ба ичро мерасанд. Вале чаро ҳамаи ин кор танҳо ба дӯши давлат гузошта мешавад? Дар кишвари мо корхонаву муассисаҳои ғайридавлатӣ ва соҳибкорони саховатпешае ҳастанд, ки метавонанд дар ин кори хайр саҳм бигиранд. Фаромӯш набояд кард, ки саховат ва каромат, дастгирии заифону дармондагон ва амсоли он чузъи чудонашавандаи анъанаҳои ахлоқии миллати мост. Пос доштани анъанаҳои неки ниёгон

бошад, вазифаи муқаддаси ҳар як намояндаи ин миллат аст. Гузаштагони шӯҳратманди мо, аз қабили Мавлонои Румӣ, дар осорашон моро маҳз ба иҷрои чунин қарзи инсонии худ даъват кардаанд.

Ҷалолуддини Румӣ як шахсияте буд, ки бо ҳокимони замонааш, давлату давлатдорон ва рӯҳониён алоқаҳои мустаҳкаме дошт. Маҳз ба ҳамин сабаб ӯ шоҳиди бевоситаи ҷараёни ҳодисаҳои сиёсӣ ва динии даврон буд. Дар баробари ин ӯ беадолатии зиёди иҷтимоиро низ мушоҳида мекард. Дар ин асос мутафаккир адл ва адолатро бо ҳақиқат ҳаммаъниву ҳампоя дониста, дар таълимоти худ на танҳо масъалаи роҳҳои расидан ба ҳақиқат, балки расидан ба адолатро низ гузоштааст. Мавлоно, аз ҷумла, гуфтааст:

Адл чӣ б-вад? Об деҳ ашҷорро.
Зулм чӣ б-вад? Об додан хорро.

Ба ибораи дигар, мутафаккир ба он эътиқод дорад, ки суст шудани пояҳои адл решаи асосии ҳар гуна нобаробарӣ, номувозинатӣ ва сабаби беадолатӣ дар ҳар навъ ҷомеа аст.

Мавлоно шоҳиди беадолатӣ дар илму фарҳанг ҳам буд. Дар ин самт ақидаи ӯ дар бораи парҳез кардан аз тақлидкорӣ ва аз диди шахсии худ тафсир намудани масъалаҳо муҳим аст. Чи тавре ки маълум аст, дар байни донишмандони соҳаи дин дар он даврон зиёд буданд нафароне, ки беадолатона ба сӯйи тақлид ба пешиниён, дақиқтараш, кӯр-кӯрона фаҳмидани масъалаҳои муҳими дин ҳидоят намуда, инсони қаториро аз фаҳмиши шахсии хештан ва соҳиб будан ба ақидаи худ маҳрум мекарданд. Румӣ акси онҳо рафтор намуда, инсонро ба сӯйи мустақилона маънидод кардани ҳар гуна масъалаҳо ҳидоят месозад. Дарки моҳияти чунин мавзӯъҳо барои ҷаҳони муосири мо низ, хусусан аз тарафи насли ҷавон, аз фоида холӣ нест:

Чашм дорӣ, ту ба чашми худ нигар,
Мангар аз чашми сафеҳе бехабар.

Мавлоно Ҷалолуддин худ аз аҳли Хуросон бошад ҳам, ҳамчун шоиру мутафаккир дар муҳити дигаре, ки аз шароити ин минтақа тафовут дошт, ба воя расид. Дар замони ӯ мардуми зиёде аз хавфи хунрезиҳои ӯрдуи Чингизхон аз қаламрави эроннажодон ба Рум ва дигар минтақаҳои дуру наздики он муҳоҷират карда буданд. Падари Румӣ – Баҳоуддини Валад (1149/50-1232), ки худ низ аз

донишмандони шинохта аст, Бурҳонуддини Муҳаққиқ (с.в. 1240), Шамси Табрезӣ (1187/88 – 1245) ва садҳо дигар олимону шоирон дар асри XIII ва минбаъд бошад, авлодони ин муҳоҷирони нахустин, аз қабили писари Мавлоно – Султонвалад (1226-1312), набераaш – Орифи Чолабӣ (1272-1320) ва даҳҳо намояндагони дигари мавлавия дар ин ҷо як ҳавзаи бузурги илмӣ ва фарҳангии тоҷику форсизабононро асос гузоштанд. Ба шарофати онҳо илму адабиёти хаттии мардуми туркӣ ҳам маҳз дар ҳамин даврон ташаккул ёфт. Ба ибораи дигар, Румӣ ва атрофиёни ӯ на танҳо дар нигаҳдошти илму фарҳанги ниёгони худ, балки дар инкишофи тамаддуни мардуми ба худ ҳамсоя низ хидмати бузурги таърихиро ба анҷом расониданд. Ин таҷрибаи бузурги онҳо, ки ба мардуму қавмҳои дигар сухан ва фарҳанг бурдаанд, на шамшеру ҷанг, боз ҳам барои ҷаҳони муосири мо хеле ибратомӯз аст.

Чуноне ки маълум аст, имрӯзҳо шаҳрвандони зиёди Тоҷикистон ба хориҷи кишвар сафарҳои хидматӣ мекунанд ё ба сайёҳат мераванд. Қисмате аз ҳамватанони мо дар кишварҳои гуногун ҳамчун муҳоҷирони меҳнатӣ муваққатан иқомат доранд. Ва табиист, ки ҳамаи ин фурсати муносибе барои чунин шахсон аст, то ба мисли Мавлонои Румӣ, шогирдон ва ҳамақидагони ӯ таблиғкунандаи беҳтарин анъанаҳои фарҳангии мардуми тоҷик дар замони муосир бошанд.

Чанд сухане, ки дар боло омад, ба куллӣ равшан месозад, ки таълимоти Мавлонои Румӣ гуногунҷабҳа буда, масъалаҳои зиёди ҷовидонаро фаро мегирад. Ӯ на танҳо ақидаи гузаштагони худро ҷамъбасту хулоса кард, балки масъалаҳоеро гузошт, ки дар таърихи афкори иҷтимоии аҳли башар нав буданд. Беҳуда нест, ки минбаъд дар илми ҷаҳонӣ чунин мавзӯъҳо, ҳам дар зери таъсири таълимоти Мавлавии Румӣ, ҳам мустақилона, аз нав гузошта шуда, ҳалли худро ёфтанд. Муҳаққиқони имрӯз чунин масъалаҳои муҳимро, аз ҷумла, дар таълимоти Г. Гегел (1770-1831), Ч. Дарвин (1809-1882), М.Иқбол (1877–1938) ва мутафаккирони дигари шарқию ғарбӣ дидаанд. Ҳамаи ин баръало аҳамияти оламшумули таълимоти Ҷалолуддини Балхиро нишон медиҳад.

Дар ибтидои сухан аз шӯҳрати осори Мавлоно дар байни мардуми кишварҳои мухталиф ёдоварӣ шуд. Дар ҳақиқат ҳам имрӯз на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб низ осори чопшудаи Румӣ харидорони сершуморе дорад ва маълумоти зиёде дар бораи ҳаёт, фаъолият ва шеъри

оламгири ӯ пайваста нашр мешаванд ё тавассути ҳазорон саҳифаҳои интернетӣ паҳн мегарданд. Аз замони худи мутафаккир дар байни мардум румихонӣ (шамситабрезихонӣ), ҳамчун ҳофизхонӣ, шӯҳрат пайдо карда буд ва имрӯзҳо ҳам ин кор идома дорад. Ғазалҳои ширадори ӯро, ки бо забони ноби тоҷикӣ садо медиҳанд, чи овозхонони мардумӣ ва чи оҳангсозони касбӣ дар Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон, Туркия, Ҳиндустон ва кишварҳои зиёди Аврупову Амрико месароянд ва мардум аз онҳо ҳаловат мебаранд. Шахсият ва мероси мутафаккир боиси эҷоди садҳо мусаввараҳо аз тарафи рассомони даврахои гуногун гаштааст. Ҳамаи ин гувоҳи эътирофи Румӣ ба ҳайси як мутафаккир ва шоири барҷаста дар ақсои ҷаҳон аст.

Дар хотимаи сухан бори дигар сазовори таъкид аст, ки Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ фарзанди замонааш буд ва дар таълимоти ӯ воқеияти ҳамон даврон, даҳиқтараш, муҳит ва шароити хоси асрҳои миёна, таъсири бузурге дорад. Вале ҳамчун донишманди нобиға ӯ ба мисли мутафаккирони дигари ҳамрадифи худ масъалаҳоеро низ баррасӣ ва ҳаллу фасл намудааст, ки онҳо дар ҳар давру замон ҷой дошта, инсониятро ҳамчун мавзӯъҳои абадӣ ором намегузоранд. Имрӯз мо бояд маҳз ҳамин ҷанбаҳои ҳаёт ва фаъолияти чунин абармардонро биомӯзем ва дар амалияи ҳаррӯзаи иҷтимоию фарҳангии худ мавриди истифода қарор бидиҳем. Таҷлили 800-умин солгард аз зодрӯзи донишманди бузург Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ бояд баҳри ҳар як фарди тоҷик боз як фурсати муносибе барои чунин муносибати воқеъбинона ба мероси ниёгон ва боиси боло рафтани ифтихори солими миллӣ бошад.

# БАРНОМАИ ҶАЛБИ ИНВЕСТИТСИЯҲО ҚИСМИ ТАРКИБИИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АСТ

## СУХАНРОНӢ ДАР АНҶУМАНИ НАХУСТИНИ ИҚТИСОДИЮ ТИҶОРАТӢ

Дубай, 11 апрели соли 2007

**Дӯстони азиз!**

Қабл аз ҳама шумо, иштирокчиёни Анҷумани нахустини иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Арабро самимона шодбош гуфта, таманнои онро дорам, ки ин анҷумани самимӣ ва созанда оғозгари марҳалаи сифатан нави ҳамкориҳои судманди иқтисодию тиҷоратии ду кишвари дӯст гардад.

Ман аз роҳбарияти Амороти Муттаҳидаи Араб, бахусус бародари арҷманд, Раиси Амороти Муттаҳидаи Араб, масъулин ва созмондиҳандагон барои дар сатҳи баланд омода намудан ва фароҳам овардани шароити муфиди кории анҷуман сидқан сипосгузорам.

Имрӯз барои ҳамагон возеҳ аст, ки Амороти Муттаҳидаи Араб дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ ба кишвари пешрафта ва босуръат рушдёбанда, маркази маъруфи тиҷорати ҷаҳонӣ ва инфраструктураи фарогири сатҳи муосир табдил ёфт.

Ин дастовардҳои бузурги таърихӣ натиҷаи талоши созандаи раҳбарӣ ва тамоми мардум, бахусус шумо, қисми фаъоли ҷомеа аст. Мардуми шумо мақоли хуб дорад: «Як таҷрибаи андӯхта аз ҳафт қоидаи ҳикмат муқаддам аст». Таҷрибаи андӯхтаи Амороти Муттаҳидаи Араб барои кишвари мо арзишманд ва омӯзанда аст.

Ҳамзамон бо ин манфиатҳои возеҳи амалӣ кишварҳо ва халқҳои мо пайвандҳои амиқи таърихӣ, ҷиҳатҳои зиёди муштарак, суннати дерини дӯстӣ ва ҳамкорӣ доранд.

Ман итминон дорам, ки мо қодирем бо истифодаи оқилона ва дурандешонаи онҳо, бо талоши пайгир ва фаъолияти созанда ба уфуқҳои навини дӯстӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба устуворона ва комёбона пеш равем.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Дар ин маҳфили самимӣ мехостам бо шеваи возеҳ ва корӣ таваҷҷӯҳи шуморо ба амалҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон барои фароҳам овардани муҳит ва шароити созгор ва мусоиди сармоягузорӣ андешида мешаванд, ҷалб намоям.

Қобили зикр аст, ки аз оғози истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати фаъолонаеро пеш мебарад, ки ба таъмини рушди муназзам ва босуръати иқтисодиёт нигаронида шудааст.

Мо мехоҳем пешрафти матлубро дар низоми навини иқтисодӣ ва сатҳи муосири фаъолияти иқтисодӣ таъмин намоем. Ва талош дорем қисми таркибии низоми иқтисоди ҷаҳонӣ бошем. Бад-ин манзур дар Тоҷикистон ҷараёни фаъоли ислоҳоти институтсионалӣ ва сохторӣ идома дошта, инфрасохтори иқтисоди бозоргонӣ босуръат ташаккул меёбад.

Муҳимтар аз он, мо дар чаҳорчӯби Стратегияи миллии рушд суръати баланд ва босуботи рушди иқтисодиро таъмин намудем.

Дар солҳои 2000-2006 суръати миёнаи солонаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 9 фисадро ташкил дод. Маҳсулоти дохилӣ дар ин давра маҷмӯан беш аз 80 фисад, маҳсулоти саноатӣ қариб ду маротиба, тиҷорати хориҷӣ беш аз 2 маротиба афзудааст. Ҳамзамон қарзи хориҷии мо, ки дар оғози ин давра ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар буд, дар охири соли 2006 то 30 фисади нисбати маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ поин омад.

Ин ҳама имкон доданд, ки мо ба татбиқи барномаҳои бузурги иқтисодӣ ва инфраструктурӣ фаъолона оғоз намоем, ки онҳо сатҳи навини пешрафти кишвари моро таъмин хоҳанд кард ва аҳамияти хоси минтақавӣ ва байниминтақавӣ хоҳанд дошт.

Барномаи ҳадафманд ва асосноки ҷалби инвеститсияҳо ва ҳамкории васеи иқтисодӣ қисми таркибии Стратегияи рушди миллии мост. Дар чаҳорчӯби он барои ҳимоя ва

ташвиқи манфиатҳои сармоягузорони дохилию хориҷӣ тамоми заминаҳои ҳуқуқии ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй фароҳам гардидааст ва иқдомоти зарурӣ амалӣ мешаванд. Зеро мо хуб дарк менамоем, ки иқтисодиёти ҳар кишвар, бахусус кишвари рушдёбанда ба сармоягузориҳои васеъ ва гуногун ниёз дорад.

Ҷалби сармояи хориҷӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва инсонии кишвар имконият медиҳанд, ки онҳо ба манфиати мардуми он истифода шаванд ва дар ҳамкории мутақобилан судманд сармоягузорон низ аз ин самара бархӯрдор бошанд.

Бар асари сиёсати ташвиқи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси мамлакат зиёда аз 50 лоиҳаи муштарак дар соҳаҳои гуногуни иқтисод, қабл аз ҳама дар бахшҳои нақлиёт, энергетика, коммуникатсия, сохтмон ва дигар соҳаҳо татбиқ мешаванд. Қобили зикр аст, ки фақат кишвари бузурги Чин барои амалӣ намудани онҳо ҳудуди 1 миллиард доллар маблағгузорӣ менамояд.

Мо маҷмӯан беш аз 400 барномаи инвеститсионӣ таҳия намудем. Барои онҳо беш аз 4 миллиард доллар ҷалб гардидааст. Дар байни барномаҳои инвеститсионӣ барномаҳои бузург ва ниҳоят судовар ҳастанд. Ва онҳо омили рушди умумӣ ва ҳамкории ҳамаҷонибаи дӯстона мегарданд. Агар равобити иқтисодии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб аз ин сатҳ баррасӣ шавад, мебинем, ки бо вуҷуди афзоиши даҳкаратаи мубодилаи мол дар панҷ соли охир ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии давлатҳоямон ҷавобгӯи имконоти ду кишвар ва ниёзҳои муосир нест. Дар айни замон дар Тоҷикистон ҳамагӣ 6 корхона бо иштироки сармоягузорони Амороти Муттаҳидаи Араб фаъолияти худро дар соҳаҳои гуногуни иқтисод амалӣ менамоянд. Албатта, ин тамоман ғайрикофӣ аст. Бо истифода аз ин имкони мусоид ба шумо, дӯстони азаз, муроҷиат намуда, бояд бигӯям, ки аз ин мулоқот ман дар ҳамкории тиҷоратию иқтисодиамон пешравии назаррасро чашмдорам ва барои ин аз тарафи мо ҳамаи заминаҳои зарурӣ муҳайё шудаанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мехоҳам таваҷҷӯҳи шуморо ба самтҳои афзалиятноке, ки аз нигоҳи сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон ниҳоят судовар ва самаранок ба шумор мераванд, ҷалб намоям.

Самти афзал ва муҳимтарин гидроэнергетика аст. Тавре ки маълум аст, Тоҷикистон дорои захираҳои азими гидроэнергетикӣ мебошад. Аз рӯйи захираҳо ва потенсиали гидроэнергетикӣ кишвари мо дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Мо метавонем то 527 миллиард киловат-соат нерӯи барқро дар як сол истеҳсол намоем. Мутаассифона, дар айни замон аз набудани иқтидорҳои энергетикӣ ҳамагӣ 5-6% аз ин нерӯи азими имконпазир истеҳсол мешавад.

Мутобиқи барномаи стратегии мо то соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ ба 80 миллиард киловатт-соат дар сол расонида шуда, на фақат талаботи иқтисодиёти кишвар пурра таъмин мегардад, балки ниёзҳои рӯзафзуни Афғонистон, Покистон ва дигар кишварҳои ҳамсоя амалан қонеъ мегарданд.

Дар айни замон, мо бо сармоягузорони потенсиалӣ силсилаи нерӯгоҳҳоро бунёд менамоем. Масоили сохтмони силсилаи дигари нерӯгоҳҳо бо сармоягузорони хоричӣ ҳаллу фасл мешаванд.

Қобили зикр аст, ки барномаҳои гидроэнергетикии мо суди бузург ва чандкарата меоранд. Онҳо хароҷоти худро дар мӯҳлати кӯтоҳтарин бароварда, барои чанд даҳсолаҳо фоидаи собит ва мунтазам меоранд.

Иловатан бо бунёди сарбандҳо ва обанборҳои бузург ин барномаҳо барои обёрӣ намудани қариб ду миллион гектар замини Осиёи Марказӣ ва Афғонистон имконияти воқеӣ ба вуҷуд меоранд.

Мехоҳам таъкид кунам, ки Ҳукумати Тоҷикистон рушди гидроэнергетикаро дар якҷоягӣ бо истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ баррасӣ менамояд ва ҳалли ин масъалаҳоро яке аз вазифаҳои стратегии худ меҳисобад.

Ба назардошти ин нукоти мусаллам ба ширкатҳои манфиатдор пешниҳод менамоям, ки дар амалӣ намудани лоиҳаҳо дар ин бахш фаъолона иштирок намоянд. Лоиҳаҳои инвеститсионӣ нисбати захираҳои потенсиалӣ ва имкониятҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон ба шумо пешниҳод шудаанд ва шумо, дӯстони гиромӣ, имкони интихоби муфид ва судмандро доред.

Самтҳои дигари афзал – саноати кӯҳӣ, металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз алюминий, коркарди саноатии маҳсулоти меваю сабзавот, нахи пахта ва ашёи хоми бозоргир мебошанд.

Мо роҳи матлуби татбиқи барномаҳои босамари инвеститсиониро дар барпо кардани се минтақаи озоди иқтисодӣ дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ мебинем. Ин минтақаҳо омили муҳими рушд хоҳанд шуд. Амороти Муттаҳидаи Араб дар ин самт таҷрибаи калон дорад. Ман аз шумо даъват менамоям, ки дар татбиқи лоиҳаҳои мазкур ширкати фаъол намоед.

Стратегияи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо он асоснок карда мешавад, ки мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон ҳамчун чорроҳии ЕврАзия, Шарқи Наздик ва Осиёи Ҷанубӣ аст. Ин минтақаҳо бо ширкати фаъоли шумо на танҳо ба рушди содиротии Тоҷикистон ва давлатҳои Осиёи Марказӣ замина мегузоранд, балки таҳкурсии устуворе баҳри ташаккул ва рушди ҳамкориҳои гуногунҷабҳа бо Амороти Муттаҳидаи Араб мегарданд.

**Дӯстони гиромӣ!**

Соҳаи муҳими ҳамкории мо ва сармоягузории судовари хоричӣ соҳаи туризм аст. Иқлими мусоид, табиати кӯҳсор, чашмаҳои шифобахш ва маҳсулоти хушсифат ва аз нигоҳи экологӣ тозаи Тоҷикистон барои рушди туризм, бахусус туризми кӯҳӣ ниҳоят мусоид мебошанд.

Камбудии асосӣ дар ин бахш мавҷуд набудани инфрасохтори замонавӣ ба ҳисоб меравад ва дар ин самт низ бо иштироки сармоягузорон корҳо идома доранд. Умедворам шумо дар ин амри муҳим ва судовар ширкати фаъол меварзед.

Сармоягузорон метавонанд дар арсаҳо ва соҳаҳои дигар ба нафъи худ, пешрафти кишвари мо ва ҳамкории васеи дуҷониба ва бисёрҷониба саҳми боарз ва шоиста гиранд.

Мехоҳам шуморо бовар кунонам, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамкориҳои судманд дар соҳаҳои зикршуда захираҳои нодири табиию иқтисодиро дорост ва барои сатҳи муосири ҳамкории иқтисодӣ ва муносибатҳои дӯстона бо Амороти Муттаҳидаи Араб ҳадди бузурги мусоидатро хоҳад кард.

**Дӯстони арҷманд!**

Мо анҷуманҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва инвеститсиониро падидаи арзишманд ва механизми муассири ҳамкории васеъ ва босамари дӯстона медонем. Мутмаинам,

ки ин анҷумани нахустини иқтисодӣ ба таҳкими робитаҳо ва тақвияти эътимод дар байни ҷомеаҳои соҳибкорӣ ва иқтисодии кишварҳои мо, дарёфти соҳаҳо ва шаклҳои нави ҳамкорӣ, таҳия ва имзои санадҳои ҳамкории босамар мусоидати фаъол ва созанда хоҳад намуд.

Ба ҳамаи шумо барору муваффақият ва комгорӣ таманно дорам. Аз ҳамаи шумо самимона даъват менамоям ба кишвари зебо ва бостонии мо ташриф оред, бо имконоти он мустақиман ошно шавед ва мо Анҷумани дувуми иқтисодию тиҷоратиро дар пойтахти Ватани мо –шаҳри Душанбе доир намоем.

Мо метавонем ва бояд ба сатҳи воқеан муосири ҳамкории дӯстона дастёб шавем. Дар ин амри нақиб ба шумо рӯҳи қавӣ, ғайрат, талош ва комёбиҳои рӯзафзун хоҳонам.

**Ташаккур.**

# ПОЙГОҲИ АСОСИИ ОМОДАСОЗИИ КАДРҲОИ МИЛЛӢ ДАР СОҲАҲОИ БУНЁДИИ ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

## СУХАНРОНӢ ДАР МАҶЛИСИ БОШУКӮҲ БАХШИДА БА 50-СОЛАГИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АКАДЕМИК М.С.ОСИМӢ

Душанбе, 17 апрели соли 2007

**Устодони гиромӣ!**
**Донишҷӯёни азиз!**
**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Ҷамъомади имрӯзаи мо давоми мантиқии он мулоқотест, ки дар арафаи Наврӯзи Аҷам бо намояндагони зиёиёни мамлакат доштем. Мақсади асосии мо аз таҷлили ҷашни 50-солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи мутахассисон ва мувофиқи талаботи замон тайёр кардани кадрҳоро барои соҳаҳои саноату энергетика, сохтмону нақлиёт ва техникаву технологияи самти афзалиятноки соҳаи маорифи кишвар арзёбӣ намуда, ба он такони ҷиддӣ бахшидан мебошад.

**Дар навбати аввал ҳамаи шумо – олимону устодон ва омӯзгорону донишҷӯёнро ба муносибати ҷашни донишгоҳ, ки он воқеан маркази бузурги илмӣ ва тарбияи кадрҳои зарурии замони муосир аст, табрику муборакбод намуда, ба ҳамаатон сиҳатии комил, рӯзгори осуда, хонаободӣ ва дар фаъолияти илмиву омӯзгорӣ, инчунин донишандӯзӣ дастоварду комёбиҳо орзумандам.**

Бояд зикр намуд, ки дар Тоҷикистон агар таъсиси нахустин донишкадаҳои омӯзгориву кишоварзӣ ва тиббӣ ба рушди соҳаҳои маориф, кишоварзӣ, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳим мусоидат карда бошанд, пас

Донишкадаи техникӣ барои инкишофи саноат, нақлиёт, сохтмон ва энергетикаи мамлакатамон ибтидо гузошта буд. Дар натиҷаи фаъолияти он кадрҳое рӯйи кор омадаанд, ки ба бунёди иншоотҳои азими кишвар такон бахшида тавонистанд.

Дар тӯли таърихи мавҷудияти худ Донишгоҳи техникӣ зиёда аз 45 ҳазор нафар мутахассисонро тарбия ва тайёр кардааст, ки аксарияти онҳо ҳоло ҳам дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ва берун аз он кору фаъолият доранд. Имрӯзҳо саҳми назарраси хатмкардагони донишгоҳро, ки дар байни онҳо олимони номдор ва мутахассисони варзида кам нестанд, дар рушди соҳаҳои муҳими мамлакат – саноат, энергетика, сохтмон, нақлиёт ва алоқа баръало мушоҳида намудан мумкин аст. Зеро Донишгоҳи техникӣ ҳамеша яке аз беҳтарин ва бонуфузтарин мактабҳои олии Тоҷикистон маҳсуб меёфт ва дар он ҷавонони болаёқат, соҳибмаърифат ва ба омӯзиши илмҳои дақиқ рағбатдошта таҳсил мекарданд.

Дар айни замон дар донишгоҳ аз рӯйи 47 ихтисос кадрҳо тайёр карда мешаванд ва дар сохтори он филиали дар шаҳри Хуҷанд амалкунандаи донишгоҳ, коллеҷҳои техникӣ ва политехникии шаҳри Душанбе низ шомиланд.

Боиси қаноатмандист, ки ҳоло дар донишгоҳ аз рӯйи ихтисосҳои наву барои кишварамон басо зарурӣ, ба монанди телекоммуникатсия, технологияи химиявӣ, металлургия, менеҷмент, сохтмони зеризаминӣ, полиграфия, ки пештар дар хориҷи кишвар сурат мегирифтанд, мутахассисон тайёр карда мешаванд. Ҳайати профессорону устодони донишгоҳ нерӯи бузурги илмиро ташкил дода, дар тайёр намудани олимони ҷавон ва кадрҳои баландихтисос саҳми босазо доранд. Ба донишҷӯён ҳоло зиёда аз 380 нафар омӯзгорон дарс мегӯянд, ки 128 нафар ё худ 32 фоизашон дорои унвонҳои доктору номзади илм мебошанд. Теъдоди умумии донишҷӯён бошад, қариб 8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Робитаи донишгоҳ бо мактабҳои олӣ ва марказҳои бузурги илмии кишварҳои хориҷӣ васеъ гардида, қабул ва таълими шаҳрвандони хориҷӣ низ барқарор карда шудааст. Донишгоҳ бо зиёда аз 30 мактаби олии Федератсияи Россия, Украина, Белорусия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва дигар мамлакатҳои хориҷи дуру наздик робитаҳои илмиву таълимӣ ва ҳамкориҳои тарафайн дошта, имрӯз ин робитаҳо дар тайёр намудани кадрҳои илмию педагогии он мусоидат

менамоянд. Ҳоло дар донишгоҳ то андозае заминаи кофии моддиву техникии таълим фароҳам оварда шуда, мутобиқи имкониятҳои мавҷуда дар ҷараёни таҳсили донишҷӯён технологияҳои наву замонавӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Ҳамчунин он дорои теъдоди кифояи китобҳои дарсиву илмӣ ва дастурҳои таълимиву методӣ мебошад.

Мо хуб медонем, ки қисме аз онҳо ҳоло кӯҳна ва ба пешрафти босуръати илму технологияи навин ҷавобгӯ нестанд. **Аз ин рӯ, ба Вазорати маориф ва роҳбарияти донишгоҳ зарур аст, ки барои нав ва пурра намудани фонди китобхона, инчунин ташкили китобхонаи электронӣ, ки тамоми навигариҳои илму техникаи муосирро дар бар гирифта метавонад, чораҳои зарурӣ андешанд.**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар марҳилаи кунунии тараққиёти илму техника, ки бо суръати баланд пеш меравад, азхуд намудани технологияи ҳозиразамону ташаккули фарҳанги техникии ҷомеа, тарбияи мутахассисони бомаҳорат, омӯхтану истифода кардани дастовардҳои илм ва дар ин замина таъмини рушди босуръати иқтисодии Ватани азизамон аҳамияти муҳим пайдо намудааст. Ҳамзамон тағйирёбии глобалии арзишҳои сиёсиву маънавӣ, ҷаҳонишавӣ, зеҳникунонии раванди меҳнат ва дигар шаклҳои фаъолияти ҷомеа баланд бардоштани мақоми нерӯи зеҳнӣ ва сатҳи маърифатнокии мардумро тақозо менамояд. Дар чунин раванд сатҳи фарҳанги техникии ҷомеаи мо ҳанӯз ҷавобгӯи талаботи замон набуда, моро қонеъ карда наметавонад. Ин аз як тараф, ба дараҷаи зарурӣ зоҳир нагаштани қобилият ва натиҷаи тадқиқоти илмиву техникии онҳое, ки дар ҳамин соҳа фаъолият дошта, маҳсули корашон меҳнати мардумро сабук мегардонад, вобаста бошад, аз тарафи дигар, мардуми мо ҳанӯз қимати боигариҳои табииву техникиашро дарк накардаву истифодаи мақсадноки онҳоро ёд нагирифтааст. А**з ин рӯ, мо бояд ҷавонони мамлакати худро бештар ба омӯхтану аз худ кардани фанҳои дақиқ, техникиву технологияи нави муосир ҳидоят намоем.** Ҳамчунин вақти он расидааст, ки Академияи илмҳо, Маркази миллии патенту иттилоот, донишгоҳҳои техникиву технологӣ доир ба ихтирооти техникаву технологияи нав дар соҳаҳои саноат, энергетика, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт тадбирҳое андешанд, ки ҳавасмандии ҳам олимону ихтироъкорон ва ҳам

мардумро таъмин карда тавонад. Дар ин бобат Донишгоҳи техникии Тоҷикистон метавонад ташаббускор бошад.

Солҳои охир дар соҳаҳои таъриху адабиёт, ҳуқуқу иқтисодиёт китобҳои зиёди илмиву оммавӣ нашр шудаанд. Аммо вобаста ба соҳаҳои техникиву технологӣ интишори китобҳо қариб вонамехӯрад. Ягона маҷаллаи илмиву оммавии техникӣ –«Илм ва ҳаёт», ки соле чор маротиба нашр мешавад, ягон мақола ё маълумоти илмиву техникии ба талабот ҷавобгӯ надорад. Дар бораи дигар воситаҳои инъикоскунандаи дастовардҳои илму техника бошад, ҳоҷати гап ҳам нест.

Яке аз роҳҳои дастрасу озмудашудаи ташаккули фарҳанги техникии ҷавонон омӯзиши илмҳои табиатшиносиву техникӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ мебошад, ки он низ ҷавобгӯи замон нест. Ҳарчанд ки мактабҳо бо компютерҳои замонавӣ тадриҷан таъмин карда шаванд ҳам, вале сатҳи таълими фанҳои техникиву табиатшиносӣ, умуман фанҳои дақиқ паст, ҳолати лабораторияҳои фаннӣ хароб, кори маҳфилҳои эҷодии техникӣ хеле суст мебошанд.

Дар такмилу инкишофи фарҳанги техникии ҷомеа мақоми институтҳои илмиву таҳқиқотии Академияи илмҳо, мактабҳои олӣ бояд назаррасу муайянкунанда гардад. Хусусан Донишгоҳи техникии Тоҷикистон метавонад дар ин самт мавқеи пешбару ҳамоҳангсозро касб намояд. Вобаста ба ин зарур аст, ки дар худи донишгоҳ сифати таълиму тарбия баланд бардошта шуда, таҷрибаи пешқадами марказҳои илмиву таълимии ҷаҳон омӯхта, ҷиҳатҳои манфиатноку барои кишвари мо мувофиқу самарабахши онҳо мавриди истифода қарор дода шаванд.

Барои мутобиқи талаботи бозори меҳнат тайёр намудани мутахассисон ва ташаккули фарҳанги техникӣ ҳамеша аз дастовардҳои илмҳои муосир огоҳ ва бархӯрдор будан лозим аст. Аз ҷониби дигар вобаста ба кашф, эҷод, озмоиш ва дар амал ҷорӣ намудани технологияҳои самарабахши истеҳсолӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои илмиву амалии донишгоҳ бо корхонаҳои азими соҳаҳои саноат, энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия вазифаи афзалиятнок аст. Ҳамчунин иштироки донишҷӯён дар сохтмони Нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва нақбҳои бунёдшавандаи мамлакат ба такмил ёфтани дониши назариявию амалии онҳо мусоидат хоҳад кард.

Бидуни робитаи назария бо амалия, яъне бе истифодаи озмоишгоҳҳову лабораторияҳо ва истеҳсолот дар мактабҳои олии техникӣ тайёр намудани мутахассисони дорои маҳорату малакаи баланди касбӣ душвор аст. Бо дарназардошти ин, бо ҳидояти мо маъмурияти сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» лабораторияҳои донишгоҳро бо таҷҳизоти наву муосир таъмин намуд. Ҳамзамон бояд зикр кард, ки дар ҷараёни сафари худ ба Ҳиндустон дар бораи дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон бунёд намудани як маркази муҳандисиву техникӣ мувофиқа ҳосил шуда буд ва мо умедворем, ки он амалӣ хоҳад шуд. Инчунин бо ҷониби Ҷумҳурии мардумии Чин низ мо дар бораи дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ташкил намудани маркази муштараки таълимӣ музокирот доштем. Ҳукумати Тоҷикистон пайваста кӯшишу талош дорад, ки барои тарбияву тайёр кардани мутахассисони бомаҳорат ба донишгоҳу донишкадаҳои кишвар дар ҳалли масъалаҳои фароҳам овардани шароиту имкониятҳои зарурӣ мусоидат намояд.

**Дар баробари ин, ба Вазорати маориф, Вазорати энергетика ва саноат, Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки барои бо таҷҳизоту асбобҳои замонавӣ муҷаҳҳаз гардонидани тамоми лабораторияву озмоишгоҳҳои умумитаълимиву тахассусии донишгоҳ ва густариши ҳамкориҳои илмиву амалии он бо корхонаҳои саноативу сохтмонии мамлакат тадбирҳои зарурӣ андешанд.**

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон барои мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ тайёр кардани кадрҳои касбӣ бояд дорои нерӯи пуриқтидори илмиву зеҳнӣ, заминаи моддиву техникӣ ва шароиту фазои мусоид бошад. **Аз ин рӯ, таҳкими захираи кадрҳои илмӣ, гузаштан ба низоми кредитии таълим ва баланд бардоштани эътибори донишгоҳ дар арсаи байналмилалӣ бояд ба ҳадафи асосии роҳбарият ва ҳайати олимони он табдил дода шавад.**

Яке аз масъалаҳои беҳтар гардонидани сифати тайёркунии мутахассисон муҳайё намудани шароити мусоид барои таҳсили донишҷӯён, аз ҷумла бо хобгоҳ таъмин кардани онҳо мебошад. Мо хуб медонем, ки аксари хобгоҳҳои Донишгоҳи техникӣ дар шаҳраки Ҷавонони пойтахт воқеъ буда, ба таъмир ниёз доранд. Агар ҳамаи онҳо таъмир ва барои истифода мувофиқ карда шаванд, беш аз ду ҳазор нафар донишҷӯён, аспирантон ва омӯзгорони ҷавонро мо бо манзили зист таъмин карда метавонем.

**Аз ин рӯ, ба Вазорати маориф, Вазорати молия, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва роҳбарияти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон супориш дода мешавад, ки масъалаи барқарорсозии хобгоҳҳои мавҷудаи донишгоҳро ҳаматарафа мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, дар баробари дарёфти маблағ, инчунин таъмиру тармими онҳоро дар соли 2008-ум таъмин созанд.**

Вазъи биноҳои асосӣ ва таълимии донишгоҳ низ ҷавобгӯи замон нест. Шумо хуб медонед, ки ҳоло дар шаҳраки «Ҳаёти нав» барои донишҷӯёни факултаи сохтмону меъмории донишгоҳ бунёди бинои таълимӣ оғоз шудааст ва баъди ба истифода додани он шароити таҳсил боз ҳам беҳтар хоҳад гашт.

**Дар айни замон ба Вазорати молия, Вазорати маориф, Маъмурияти сохтмони иншоотҳои ҳукуматии назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникӣ супориш дода мешавад, ки ҳуҷҷатҳои лоиҳавию хароҷотии сохтмони бинои нимсохти факултаи зикршудаи донишгоҳро таҳия карда, дар бораи маблағгузории он ба Президенти Тоҷикистон пешниҳод манзур намоянд.**

Муҳайё намудани шароити хуби таълим барои донишҷӯён аз як тараф барои баланд шудани сифати тарбияи мутахассисони ҷавон мусоидат намояд, аз тарафи дигар барои ба таҳсил дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон мароқи бештар пайдо кардани шаҳрвандони хориҷӣ имконият фароҳам меояд.

Донишгоҳи техникӣ яке аз он мактабҳои олии мамлакатамон аст, ки шаҳрвандони зиёди кишварҳои хориҷӣ хоҳиши дар он таҳсил карданро доранд. Солҳои охир шӯъбаи тайёрии онро зиёда аз ду ҳазор нафар шаҳрвандони хориҷӣ хатм намуда, сипас ба мактабҳои олии дигар кишварҳо дохил шудаанд. Ҳамзамон беш аз 500 нафари онҳо баъди хатми донишгоҳи мазкур ва аспирантураи он дар кишварҳои худ, аз ҷумла дар Англия, Миср, Сурия, Бангладеш, Афғонистон, Гвинея, Исроил, Непал, Лаос, Ҳиндустон ба ҳайси олим ва мутахассис фаъолият доранд.

Ҳоло дар шӯъбаи тайёрӣ ва факултаҳои донишгоҳ зиёда аз 100 нафар донишҷӯёни хориҷӣ таҳсил менамоянд. Шумораи донишҷӯёни хориҷӣ, хусусан аз мамлакатҳои ҳамсоя, аз ҷумла аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон метавонад аз ин ҳам бештар бошад ва барои ин ҳатто кӯшиш бояд кард. Зеро дар созишномаҳое, ки мо бо Афғонистон дорем, тайёр намудани мутахассисон низ дар назар дошта

шудааст. Илова бар ин. Донишгоҳи техникӣ муассисаи илмӣ ва таълимиест, ки тавассути дар он гирифтани имтиҳон довталабону хоҳишмандон ба мактабҳои олӣ ва аспирантураву докторантураҳои кишварҳои хориҷӣ қабул ва фиристода мешаванд.

Шумораи ҷойҳое, ки мувофиқи квотаи байнидавлатӣ барои таҳсили ҷавонони Тоҷикистон дар мактабҳои олии кишварҳои хориҷӣ ҷудо карда мешаванд, сол аз сол меафзояд. Хусусан дар мактабҳои олии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон ҷойҳои бештар ҷудо мегарданд. Вале, мутаассифона, сатҳи тайёрӣ ва дониши довталабони онҳо ҳанӯз қаноатбахш нест. Бинобар ин, барои бо сифати баланд тайёр кардани мутахассисони зарурӣ мо тасмим гирифтаем, ки минбаъд ба мактабҳои олии хориҷи Тоҷикистон бештар донишҷӯёни лаёқатманди курсҳои якуму дуюми муассисаҳои олии таълимии кишварамон фиристода шаванд.

Ҳоло бо дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон расман 1608 нафар ҷавонони мамлакатамон дар муассисаҳои олии кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар Федератсияи Россия, Украина, Қазоқистон, Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Хитой, Япония, Германия, Франсия, Италия, Словакия, Миср, Сурия, Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Корея ва дигар кишварҳо таҳсил доранд. Мо умедворем, ки онҳо дар оянда мутахассисони хуб шуда, ба Ватани худ бармегарданд.

Дар бораи қабули довталабон ба мактабҳои олӣ сухан ронда, мехостам қайд намоям, ки ташкили дурусти имтиҳонҳои қабул, таъмини шаффофияти он ва интихоби донишҷӯёни болаёқат яке аз масъалаҳои мубрами фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳои кишвар мебошад. Ҳарчанд ки сифати қабулу шаффофияти он дар аксари мактабҳои олӣ нисбат ба солҳои пешин то андозае беҳтар шуда бошад ҳам, вале дар ин самт ҳанӯз камбудиву норасоиҳои зиёд мавҷуданд. Зеро то ҳол дар мактабҳои олӣ дар байни омӯзгорону донишҷӯёни онҳо ҳодисаҳои тамаъҷӯӣ, шиносбозиву миёнаравӣ аз байн нарафтаанд. Сабаби асосии зуҳур ёфтани чунин омилҳои номатлуб паст будани сатҳи дониши довталабону донишҷӯён аст. Агар сатҳи дониши ҷавонони мо баланд бошаду онро дар назди омӯзгорон собит намуда тавонанд ва озмунҳо, санҷишу имтиҳонот воқеӣ гарданд, ҳатман чунин ҳодисаҳои нангин аз байн хоҳанд рафт.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳи малакаи донишҷӯён ва маҳорати мутахассисони оянда таъмини

шаффофияту воқеияти имтиҳонҳои қабул ва ҷараёни таҳсил, инчунин ташкили дурусти онҳо мебошад. **Аз ин рӯ, ба Вазорати маориф ва роҳбарияти мактабҳои олӣ зарур аст, ки роҳҳои беҳтар намудани сифати қабул ва таъмини шаффофияти санҷишу имтиҳонотро пайдо карда, онро дар амал ҷорӣ намоянд.**

Омӯзгорӣ касби пуршараф аст. Заҳмати муаллим дар роҳи таълиму тарбия боиси қадрдонии ҳар як фарди ҷомеа мебошад. Мо аз он омӯзгорону устодоне, ки таълиму тарбияи насли наврас ва мутахассисони ҷавонро вазифаи муқаддас дониста, дар ташаккули шахсияти соҳибмаърифату соҳибтахассус ва худшиносу ватандӯст саҳми босазо доранд, ҳамеша миннатдор ҳастем ва бо онҳо ифтихормандем. Дар марҳилаи кунунӣ ҷомеаи мо бештар ба муаллимони асил ниёз дорад. Зеро ҳам дар мактабҳои олӣ ва ҳам таҳсилоти умумии мамлакатамон нарасидани кадрҳои бомаҳорати педагогӣ ба мушоҳида мерасанд.

Аз ҷумла, ҳоло таъминоти Донишгоҳи техникӣ бо омӯзгорон ҳамагӣ 57 фоизро ташкил медиҳад, ки ин ба ҷараён ва сифати таълиму тарбияи кадрҳои ҷавон бетаъсир намемонад.

Сабаби асосии нарасидани кадрҳои педагогиро бисёриҳо ба кам будани музди меҳнат нисбат медиҳанд. Ҳол он ки ба омӯзгорони мактабҳои олӣ аз ҳисоби маблағҳои таълими шартномавӣ ба андозаи се-чор маоши кормандони соҳаҳои бучетӣ иловапулӣ пардохта мешаванд. Илова бар ин, Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи тадричан баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаи маориф пайваста кӯшиш менамояд.

Бояд таъкид намуд, ки сабабҳои асосии дар айни замон дар Донишгоҳи техникӣ нарасидани кадрҳои педагогӣ ин аз як тараф дар солҳои нобасомониҳои мамлакатамон тарки Тоҷикистон намудани беш аз сад нафар омӯзгорони он бошад, аз ҷониби дигар бинобар мавҷудияти таълими ихтисосҳои якхела дар дигар мактабҳои олӣ тақсим шудани муаллимони соҳаҳои техникист.

**Аз ин рӯ, ба Вазорати маориф, Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия супориш дода мешавад, ки масъалаи муттаҳид кардани Донишгоҳи техникиро бо Донишкадаи нақлиёт мавриди баррасӣ қарор дода, ба Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳоди мушаххас манзур намоянд. Ҳамзамон бо мақсади зиёд намудани сафи кадрҳои педагогии соҳибунвону варзидаи соҳаҳои техникӣ, аз ҷумла энергетика, технологияи иттилоотӣ,**

**нақлиёт, коммуникатсия ва технологияи ҳозиразамон фаъолияти аспирантураву докторантураҳои мактабҳои олии кишвар тақвият дода шаванд.**

Мо борҳо таъкид доштаем, ки рушди соҳаи маориф яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳи маърифату маънавиёти ҷомеа, ба камол расидани кадрҳои баландихтисос ва аз тариқи онҳо мувофиқи талаботи замон таъмин кардани тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар мебошад. Бо мақсади беҳтар намудани шароити таълимии мактабҳои олии мамлакат ҳоло Ҳукумати Тоҷикистон барномаи ҷудогонаро қабул намуда, дар доираи он як қатор чораҳои мушаххасро амалӣ мегардонад.

**Барои он, ки мавқеъ, саҳм ва рисолати Донишгоҳи техникӣ дар густариши илму техника, технология ва тарбияи кадрҳо боз ҳам баланд гардад, бояд барномаи рушди он қабул ва мавриди татбиқ қарор дода шавад. Бо дарназардошти ин, ба Вазорати маориф ва Донишгоҳи техникӣ зарур аст, ки барномаи рушди Донишгоҳи техникиро таҳия намуда, ба баррасии Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод созанд.**

**Ҳозирини арҷманд!**

Шумо хуб медонед, ки дар айни замон Тоҷикистон ба марҳилаи тараққиёти устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва созандагиву бунёдкорӣ ворид шуда, рушди сифатан навро мақсади асосии худ қарор додааст. Дар доираи ин ҳадаф мо дар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ пурра раҳо кардани Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии мардум қадамҳои устувору эътимодбахш гузоштаем.

Сохтмони иншоотҳои гидроэнергетикии хурду калон, хатҳои дохиливу байнидавлатии интиқоли нерӯи барқ, шоҳроҳҳои автомобилӣ, нақбҳои мошингузар, иншоотҳои дорои аҳамияти иҷтимоиву истеҳсолӣ, таҷдиду ободонии марказҳои маъмурӣ ва деҳот аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки босуръат амалӣ мегарданд.

Албатта, барои мутобиқи талаботи замон ба вуқӯъ пайвастани тараққиёти Тоҷикистон ва дар масъалаи аз худ намудани техникаву дар амал ҷорӣ кардани технологияҳои ҳозиразамон, ҳамқадами ҷаҳони муосир гардидани мо олимону мутахассисони асил нақши басо муҳим доранд. Рисолати таълиму тарбия ва ба камол расонидани кадрҳои

соҳаҳои техникиву технологиро бошад, дар мамлакатамон асосан Донишгоҳи техникӣ ба зимма дорад.

Боиси қаноатмандист, ки ҳоло хатмкардагони зиёди Донишгоҳи техникӣ дар пешрафти соҳаҳои муҳими кишвар ва дар бунёди иншоотҳои дорои аҳамияти стратегӣ саҳми шоиста мегиранд. Вале дар баробари ин, мо ба кадрҳои баландихтисосу корозмудаи соҳаҳои энергетика, техникаву технология, саноати маъдани кӯҳӣ, сохтмону меъморӣ ва шаҳрсозӣ эҳтиёҷи бештар дорем. Аз ин рӯ, дар аксар ҳолатҳо баъзе корҳои марбут ба сохтмону меъморӣ, аз ҷумла таҳияи лоиҳаҳои иншоотҳои стратегии Тоҷикистонро мутахассисону коршиносони хориҷӣ бачо меоранд. Дар ин маврид бояд зикр намуд, ки нерӯи зеҳнии техникии кишвар асосан дар Донишгоҳи техникӣ ташаккул ёфтааст. Аз ин лиҳоз олимони донишгоҳ метавонанд тарҳу лоиҳаҳои беҳтарини иншоотҳои гуногуни бунёдшавандаро таҳия ва пешниҳод карда, дар озмунҳо фаъолона иштирок намоянд.

**Ҳамзамон ба Ҳукумати Тоҷикистон, Вазорати маориф ва дигар сохторҳои марбута зарур аст, ки чиҳати ташаккули зумраи меъморону лоиҳакашон, муҳандисону эҷодкорони соҳаҳои гуногуни техникии Тоҷикистон имкониятҳои ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар тайёр кардани онҳоро самаранок истифода бурда, интихоб ва ҷалби ҳар чӣ бештари ҷавонони соҳибихтисоси лаёқатмандро ба вазифаҳо ва корҳои эҷодиву таҳқиқотӣ таъмин созанд.**

Тавре, ки борҳо таъкид намудаем, ҷавонон ояндаи мо ҳастанд. Дар оянда тақдири давлату миллати мо ба зиммаи онҳо вогузор мегардад. Барои он, ки онҳо ҳамчун ворисони сазовори Тоҷикистони соҳибистиқлол ва миллати тамаддунофари худ ба камол расанд, мо ҳоло вазифадор ҳастем, ки таълиму тарбияашонро бо дарназардошти тараққиёти ҷаҳони муосир ба роҳ монем.

**Дар навбати худ ба шумо, донишҷӯёни азиз, зарур аст, ки нисбат ба рисолати имрӯзаи хеш, яъне донишандӯзӣ муносибати чиддӣ дошта бошед. Аз фурсат ва шароиту имкониятҳои бароятон фароҳамовардашуда самарабахш истифода бурда, касби пешакардаи худро бо тамоми нозукиҳояш азбар намоед.**

Ҳамчунин фаромӯш набояд кард, ки бидуни аз худ намудани дастовардҳои илму техникаву технологияи ҳозиразамон ва забонҳои хориҷӣ мутахассиси комил шудан душвор аст. Дар баробари ин, донистани таъриху фарҳанги куҳанбунёду оламшумули миллати худ ба шумо имконият

медиҳад, ки Ватани худро бештар дӯст дошта, бо садоқати беандоза барои пешрафту тараққиёт ва ободии он хизмат намоед. Дар ин бобат дар айни ҳол барои шумо донишгоҳ даргоҳест, ки дар он барои хизмат ба халқу миллат ва давлати худ, инчунин ба ҳаёти мустақилона ҳамаҷониба омода мегардед.

Боварии комил дорем, ки устодону олимони арҷманди мо бо истифода аз таҷрибаи 50-солаи Донишгоҳи техникӣ таълиму тарбияи шоистаи мутахассисони ҷавонро мувофиқи талаботи замон ба роҳ монда, дар ташаккули шахсиятҳои воқеан ватандӯсту ватанпарвар ва фаъоли ҷомеа нерӯи худро дареғ намедоранд.

**Дар охир бори дигар ҳамаи шуморо ба муносибати ҷашни 50-солагии Донишгоҳи техникӣ табрику таҳният гуфта, бароятон тандурустӣ, саодати зиндагӣ ва сарбаландиву комёбиҳо орзумандам.**

**Саломат бошед!**

# ПАЁМ
# БА МАҶЛИСИ ОЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе, 30 апрели соли 2007

**Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Соли гузашта, яъне соли 2006-ум, барои кишвари соҳибистиқлоли мо боз як соли пешрафт ва дастовардҳои назаррас дар самтҳои гуногуни сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ буд.

Дастовардҳои мо дар бахшҳои мухталифи иқтисоди миллӣ дар ҷаласаи ҷамъбастии сол ба таври муфассал таҳлил гардида, проблемаҳои мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд ва вазифаҳо барои соли 2007 мушаххас ва муайян карда шуданд.

**Маъракаҳои бузурги сиёсиву фарҳангии соли гузашта**, пеш аз ҳама 15-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб **собит намуданд, ки барои мардуми шарифи кишвар сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва оромиву пешрафти ҷомеа арзишҳои муқаддас ва азизанд**.

Аъзои Парламент ва мардуми Тоҷикистон дар ёд доранд, ки ба хотири рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар соли гузашта дар Паёми Президент силсилаи чораҳои бунёдкориву созандагӣ пешбинӣ гардида буданд. Иҷрои онҳо ба пешравии кишвар ва ҳалли проблемаҳои мубрами он заминаи қавӣ гузошт. Дар соли сипаришуда чунин дастовардҳо назаррас буданд:

– раванди ислоҳот дар ҳамаи қисмҳои таркибии иқтисодиёт суръати тоза гирифта, дар бахшҳои алоҳидаи он дигаргуниҳо дар сатҳи сифатан нав татбиқ гардиданд;

– ҷиҳати аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат нақби «Истиқлол» асосан ба истифода дода шуда, бунёди ду нақби дигар оғоз ёфт ва сохтмону таҷдиди роҳҳои

автомобилгард ба сӯйи Чин, Афғонистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон суръати тоза гирифт;

– таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон дар асоси сохтмони як қатор нерӯгоҳҳои хурду миёна, ҳамчунин хатҳои баландшиддати интиқоли барқ дорои имкони воқеии рушд гардид;

– барои инкишофи соҳаҳои саноати сабук, махсусан коркарди пурраи нахи пахта ва меваю сабзавот дар кишвар сохтмони якчанд корхонаву таҷҳизонидани онҳо бо технологияи муосир оғоз карда шуд;

– дар кишвар барои бунёди меҳмонхонаҳои ҳозиразамон ва дигар иншооти инфраструктураи иҷтимоӣ қадамҳои нек гузошта шуданд;

– ба ислоҳоти сохтори идоракунӣ суръат бахшида шуд, ки ин раванд ба ҳалли вазифаҳои таъмини шаффофияти фаъолияти ҳамаи шохаҳои ҳокимият ва сохтору мақомот, рафъи такроршавии вазифаҳо, муборизаи бар зидди коррупсия ва мутобиқшавӣ бо иқтисоди бозорӣ мусоидат намуд;

– вазифаҳои оид ба зиёд намудани музди меҳнат ва таъминоти иҷтимоии аҳолӣ зина ба зина иҷро шуда истодаанд.

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият мушкилоти сангини зиёдро аз сар гузаронида, ҳоло дар ибтидои марҳилаи нави тараққиёт қарор дорад. Хусусияти асосии ин марҳила ба воситаи ташаккули иқтисоди бозории муосир ва қобили рақобат дар устувор гардонидани рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар зоҳир мегардад.

Ҷиҳати ташкили муназзаму илман асосноки рушди ояндаи кишвар аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барномаҳои дарозмуддату миёнамӯҳлат – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009 таҳия шуда, ба баррасии Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардиданд.

Барномаҳои мазкур дар муддати чор сол аз тарафи олимон, мутахассисони варзида ва коршиносони кишвар бо иштироки бевоситаи ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таҳия гардида, баъди муҳокимаи ҳамаҷониба дар минтақаҳои гуногуни мамлакат ва вохӯриҳо бо намояндагони ташкилотҳои мададрасон дар ҷаласаи Ҳукумат маъқул дониста шуданд.

Мақсади асосии амалӣ намудани ин стратегияҳо таъмини рушди бонизоми иқтисодиёт ва баланд бардоштани

сатҳу сифати зиндагии мардуми Тоҷикистон буда, онҳо бо Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ҳамоҳанганд.

Бо истифода аз фурсат изҳори итминон менамоям, ки санадҳои мазкурро вакилони мардумӣ дар муддати кӯтоҳ баррасӣ ва тасдиқ мекунанд.Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳое, ки дар асоси барномаҳои зикршуда муайян гардидаанд, таъмини афзалиятҳои миллии зерин пешбинӣ мешаванд:

**Якум.** Ислоҳоти идораи давлатӣ идома дода мешавад, ки он ба такмили низоми идоракунӣ нигаронида шуда, хусусияти хосаш шаффофияти фаъолияти тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ва мубориза бар зидди коррупсия мебошад.

**Дуюм.** Рушди соҳибкории хурду миёна ва густариши ҷалби сармоя таъмин карда мешавад, ки ба тавсеаи озодиҳои иқтисодӣ, таҳкими ҳуқуқи моликият, риояи қонуният дар ин самт ва рушди ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ асос ёфтааст.

**Сеюм**. Инкишофи нерӯи инсонӣ бо роҳи зиёд кардани ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, иштироки фаъолонаи аҳолӣ дар раванди рушди давлат ва таҳкими шарикии иҷтимоӣ таъмин карда мешавад.

Татбиқи афзалиятҳои зикршуда барои бунёди давлати пешрафта ва ташаккули ҷомеаи мутамаддин шароит фароҳам меорад, ки дар он ҳамаи аъзои ҷомеа барои истифодаи дастовардҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ имкониятҳои баробар хоҳанд дошт.

Амалӣ гардонидани стратегияҳои миллии рушд ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ бояд бо дарназардошти талаботи зайл таъмин карда шавад:

**Якум.** Мақсадҳо, афзалиятҳо ва самтҳои асосии ин санадҳо барои дигар барномаҳои мӯҳлатноки давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ, инчунин барои барномаҳои кӯмаки беруна ба кишвар заминаи асосӣ ба ҳисоб мераванд.

**Дуюм.** Стратегияҳои мазкур бо роҳи таъмини рушди босуръати иқтисодиёт, ки ба истифодаи самарабахши захираву имкониятҳои мавҷуда, ҳамчунин сармояи беруна асос ёфтааст, татбиқ карда мешаванд.

**Сеюм.** Ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи шарикони рушд дар асоси принсипи баробарҳуқуқии бахши давлатӣ ва хусусӣ сурат мегирад.

**Чорум.** Бо мақсади ташаккули низоми рушди миллӣ салоҳият, вазифа ва нақши мақомоти марказӣ ва маҳаллии

идоракунии давлатӣ такмил дода мешавад, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷалби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҷараёни муҳокимаи қарорҳои қабулшаванда ва татбиқи онҳо таъмин мегардад.

Дар самти такмили низоми идоракунии давлат алҳол корҳои назаррас анҷом дода шуданд. Миқдори вазорату кумитаҳои давлатӣ аз 25 то 17 ва идораҳои назди Ҳукумат аз 17 то 13 воҳид кам карда шуданд.

Бо мақсади ҷалби бештари инвеститсияҳо, фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ, таъмини истифодаи самараноки амволи давлатӣ ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ташкил карда шуд.

Ҷиҳати таъмини истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти назоратӣ, бартараф намудани тафтишҳои молиявии дубора ва такрори вазифаҳо, беҳтар намудани мубориза бо коррупсия Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия таъсис ёфт.

Айни ҳол Ҳукуматро зарур аст, ки ҷиҳати бо фаъолияти сохторҳои навтаъсис мутобиқ гардонидани қонунгузории амалкунанда чораҳои зарурӣ андешида, онҳоро ба баррасии Парламент пешниҳод намояд.

Бахшҳои Стратегияи миллии рушд, ки вазифаҳоро дар самти ислоҳоти идораи давлатӣ, беҳбуди фазои инвеститсионӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ дар бар мегиранд, барои фароҳам овардани шароити умумии сохторӣ пешбинӣ гардидаанд, ки ҳама дар маҷмӯъ ба пешрафти иқтисоди кишвар мусоидат мекунанд.

Мувофиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ пешбинӣ мегардад, ки то охири соли 2009 суръати миёнаи рушди солонаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи на камтар аз 7 фоиз нигоҳ дошта шуда, ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ то 20 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, нишондиҳандаи миқдори пул то 15 фоиз ва ҳиссаи хароҷоти буҷети давлатӣ то ба 21 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ расонида шавад. Ҳиссаи бахши хусусӣ аз 43 фоизи соли 2005 то 55 фоиз дар охири соли 2009 афзоиш меёбад.

Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 43 миллиард сомонӣ ҷалб карда мешавад, ки аз он 24 миллиард сомонӣ

маблағҳои худӣ мебошанд. Ҷиҳати иҷрои ин вазифаҳо Шӯрои рушди миллӣ таъсис дода мешавад, ки он барои ҳамоҳангсозии умумии раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ дар мамлакат нақши муҳим хоҳад бозид. Ба ҳайати ин Шӯро намояндагони Ҳукумат, Парламент ва ҷомеаи шаҳрвандӣ шомил карда мешаванд. Ин иқдом имконият хоҳад дод, ки асосҳои демократии дигаргунсозиҳои навин васеъ ва мустаҳкам гардонида шаванд.

Дар доираи сиёсати макроиқтисодӣ иҷрои вазифаҳои вобаста ба рушди механизмҳои танзими муносибатҳои бозаргонӣ, баланд бардоштани самаранокии идораи маблағҳои давлатӣ ва андозбандӣ, такмили низоми муайян намудани дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, омор, сиёсати молия ва пулу қарз пешбинӣ шудаанд.

Дар буҷети соли 2007 бори аввал бо мақсади таъмини шаффофият ва истифодаи самараноки захираҳои молиявии давлатӣ ҳамаи манбаъҳои даромад муттаҳид карда шуданд, ки дар маҷмӯъ 3 миллиарду 300 миллион сомониро ташкил дод. Вале бояд қайд кард, ки ҳанӯз на ҳамаи захираҳои молиявии воқеӣ пурра ба буҷет ҷалб карда мешаванд.

Бинобар ин, ба вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, омор ва Кумитаи андози назди Ҳукумат супориш дода мешавад, ки баҳисобгирии муҳосибавӣ ва ҳисоботдиҳии дақиқро дар фаъолияти тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ ҳарчи зудтар ва дуруст ба роҳ монда, ҷараёни гузаришро ба меъёрҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ таъмин намоянд.

Дар баробари ин, ба Ҳукумат лозим аст, ки масъалаи пурра ба ҳисоб гирифтани андозсупорандагон ва манбаъҳои андозситонӣ, самаранокии андозбандии истифодабарандагони қаъри замин ва додани имтиёзҳоро оид ба андоз мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Инчунин зарур мешуморам, ки андозбандии субъектҳои хоҷагидорӣ, бахусус дар соҳаи савдо ва дигар намудҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ки бо усули патентӣ ё дигар низоми соддакардашуда андозбандӣ мешаванд, баррасӣ гардида, дар ҳолати зарурӣ ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ пешниҳодоти мушаххас манзур карда шаванд. Инчунин ҷиҳати ташкили шабакаи ягонаи иттилоотӣ ва таъмини мубодилаи маълумоти электронӣ дар мақомоти гумрук, андоз ва молияи кишвар чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Таъмини иқтисодиёт бо пул ва маблағҳои қарзӣ, нигоҳдории сатҳи мӯътадили таваррум ҷузъҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ мебошанд. Бонки миллӣ барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳо дар доираи барномаи рушди низоми бонкӣ бояд чораҳои амалӣ андешад.

Муҳимтарини онҳо фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби амонатҳо, зиёд кардани рақобати солим бо роҳи кушодани бозори молиявӣ барои воридшавии бонкҳои хоричӣ, зиёд намудани ҳаҷми маблағгузории қарзӣ, алалхусус қарздиҳии хурд дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон мебошанд. Низоми бонкии мамлакат бояд дар иҷрои вазифаи мусоидат ба рушди иқтисодиёт ва ворид кардани технологияҳои нав ҳарчи бештар фаъол бошад.

Дар кишвар соли 2006 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо ба корхонаҳои хурду миёна ва шахсони алоҳида 530 миллион сомонӣ қарзҳои хурд пешниҳод шуда буданд ва онҳо бояд дар давоми соли ҷорӣ ду маротиба, яъне то 1 миллиарду 100 миллион сомонӣ зиёд карда шаванд.

Рушди соҳаҳои бахши воқеии иқтисод – комплекси сӯзишвориву энергетикӣ, саноат, кишоварзӣ ва инфраструктура имкон медиҳад, ки тавассути густариш додани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин ҷалби сармоя, аз ҷумла сармоягузориҳои мустақим барои рушди устувор ва босуръати иқтисоди мамлакат асоси боэътимод гузошта шавад.

Яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисод ҷалби инвеститсияҳо мебошад. Солҳои охир воридшавии сармоя, аз ҷумла сармоягузории мустақим ба соҳаҳои иқтисодиёт афзоиш ёфта истодааст. Дар соли 2006 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо беш аз 2 миллиард сомонӣ инвеститсияҳо дохил гардидаанд, ки аз он 1,3 миллиард сомониро сармоягузории мустақим ташкил медиҳад. Вале марҳилаи нави рушди иқтисодиёт зарурати ҷалби бештари инвеститсияҳо ва такмил додани механизми воридсозии сармояро талаб менамояд.

Аз ин рӯ, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия ва дигар мақомоти дахлдор лозим аст, ки вобаста ба самаранокии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва шартҳои маблағгузории онҳо пешниҳодоти мушаххас таҳия ва манзур намоянд. Бо мақсади беҳтар кардани фазои инвеститсионӣ, сари вақт мутобиқ гардонидани қонунгузории кишвар бо талаботи замон зарур аст, ки дар назди Президенти мамлакат

Шӯрои машвараті оид ба беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ташкил карда шавад.

Дар самти тараққӣ додани инфраструктура барои солҳои наздик вазифаҳои асосӣ аз гузаронидани ислоҳоти сохторӣ, татбиқи чорабиниҳои индустриаливу инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии захираҳои мавҷуда ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии нав иборатанд.

Дар шароити кунунӣ лозим аст, ки раванди таҷдиди сохтори корхонаҳои саноатӣ ва рушди бозори коғазҳои қиматнокро тезонида, қисми саҳмияҳои корхонаҳои саноатиро бо мақсади ҷалб намудани инвеститсияҳо равона карда, дар ин замина барои густариши истеҳсолоти рақобатнок шароит фароҳам оварда шавад.

Аз ин лиҳоз, ба вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Бонки миллӣ супориш дода мешавад, ки барои иҷрои ин вазифаҳо чораҳои мушаххас андешанд. Инчунин дар ин ҷода ба Ҳукумат супориш дода мешавад, ки ҳарчи зудтар доир ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ тадбирҳои лозимӣ андешад.

Бо мақсади таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва ба яке аз кишварҳои асосии содиркунандаи нерӯи барқ табдил додани Тоҷикистон ислоҳоти сохтории соҳа ва ба воситаи ташкил намудани консорсиумҳои молиявии байналмилалӣ сохтмони якчанд нерӯгоҳҳои барқи обӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар доираи лоиҳаҳои инвеститсионии давлатӣ ва сармоягузории мустақим ба ин мақсад дар се соли оянда зиёда аз 4,5 миллиард сомонӣ равона карда мешавад.

**Дар баробари ин, ба Ҳукумат супориш дода мешавад, ки тартиби иштироки молиявии шаҳрвандон ва корхонаю ташкилотҳои ватаниро новобаста аз шакли моликияташон дар бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ бо дарназардошти ҳавасмандгардонии онҳо баррасӣ намуда, пешниҳоди мушаххас манзур намояд.**

Зарур аст, ки дар ин бахш таҳияву татбиқи Консепсияи рушди энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 амалӣ карда шавад. Дар ин раванд ба масъалаҳои таъмини пурраи эҳтиёҷоти кишвар ва зиёд кардани содироти нерӯи барқ аҳамияти аввалиндараҷа дода хоҳад шуд.

Ҳукумати Тоҷикистон барои рушди энергетика ҳамчун самти афзалиятноки иқтисоди миллӣ ба маблағи беш аз 1 миллиарду 800 миллион сомонӣ сармоягузории давлатиро равона карда, инчунин барои сохтмони нерӯгоҳи «Сангтӯда-

1» ду миллиарду 70 миллион сомонӣ ва «Сангтӯда-2» ҳафтсаду шаст миллион сомониро чун сармоягузории мустақим ҷалб намудааст.

Татбиқи барномаҳо доир ба сохтмони нерӯгоҳҳо, аз ҷумла 17 нерӯгоҳи хурд, ки дар мамлакат сохта шуда истодаанд, имконият фароҳам меоварад, ки масъалаи таъминоти барқи ноҳияҳои дурдасти кишвар беҳтар карда шавад. Минбаъд ба масъалаи кам кардани талафоти технологии қувваи барқ аҳамияти махсус дода хоҳад шуд.

Бо дарназардошти захираҳои бойи ангиштсанги мамлакат, ки 4,5 миллиард тоннаро ташкил мекунад ва имкониятҳои ба истифодаи ангиштсанг гузаронидани марказҳои гармидиҳӣ ва баъзе корхонаҳо таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ бо истифодаи ангиштсанг мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шаванд.

Бояд қайд кард, ки дар се соли оянда барои рушди соҳаҳои энергетика, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, коммуникатсия ва соҳаҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти сармоягузории хориҷӣ ба маблағи умумии 9 миллиард сомонӣ 82 лоиҳаи муштарак татбиқ карда хоҳад шуд, ки аз онҳо ҳоло 50 лоиҳа ба маблағи 7,4 миллиард сомонӣ мавриди амал қарор дорад.

Муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурди саноатӣ на танҳо ба беҳтар шудани вазъи шуғли аҳолӣ, балки ба пешрафти бемайлони иқтисодиёти кишвар мусоидат хоҳад кард.

Барои истифодаи афзалиятҳои истеҳсолии Тоҷикистон ва дастгирии соҳаҳои муҳимтарини саноат маҷмӯи чорабиниҳо, аз ҷумла пешниҳоди лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи саноати сабук ва хӯрокворӣ бояд пешбинӣ шаванд. Бо дарназардошти афзоиши талаботи иқтисодиёт ба саноати масолеҳи сохтмон низ диққати махсус дода мешавад.

Дар соҳаи аграрӣ бо мақсади таъмин кардани бехатарии озуқавории кишвар татбиқи чорабиниҳои мушаххас, аз ҷумла таҳия ва қабули барномаҳои бехатарии озуқаворӣ ва рушди истеҳсолу содироти маҳсулоти кишоварзӣ барои давраи то соли 2015 дар назар аст.

**Баланд бардоштани самаранокии соҳаи пахтакорӣ пеш аз ҳама бо роҳи ҳал кардани проблемаи қарзи хоҷагиҳои пахтакор дар асоси иҷрои нақшаи чорабиниҳои Ҳукумат оид ба ҳалли он, таъмини озодии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кам**

**кардани дахолати мақомоти маҳаллӣ ба фаъолияти онҳо пешбинӣ шудааст.**

Вобаста ба ин, зарур аст, ки дар хусуси таъмини истифодаи оқилонаи замин, механизми нави маблағгузории истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин андешидани чораҳо барои истифодаи мақсадноки маблағҳо пешбинӣ гардад.

Дар се соли оянда ба соҳаи кишоварзӣ барои беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо, азхудкунии заминҳои нав ва кадастри замин аз ҳисоби сарчашмаҳои маблағгузории давлатӣ зиёда аз 900 миллион сомонӣ, аз ҷумла дар соли 2007-ум 200 миллион сомонӣ равона карда мешавад.

Баробари ин зарур аст, ки аз тарафи вазорату идораҳои дахлдор, инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар доир ба тезонидани татбиқи «Барномаи рушди соҳаи коркард ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ барои солҳои 2007-2015» тадбирҳои амалӣ андешида шаванд.

Бо дарназардошти ин, ки ҳамгирой бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ омили муҳими рушди иқтисодии Тоҷикистон мебошад, зарур аст, ки татбиқи чорабиниҳои вобаста ба ҳамгироии кишвар дар доираи созмону ташкилотҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ, раванди озод кардани савдои хориҷӣ ва ҷорӣ намудани тарзу усулҳои муосири ҳамкориҳои байналмилалӣ идома ёбад. Ҳоло раванди музокирот оид ба дохилшавии Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Савдо ба таври мусбат идома дорад. Дар тезонидани ҳалли маҷмӯи масъалаҳои вобаста ба ҳамоҳангсозии низоми қонунгузорӣ ва фаъолияти иқтисоди миллӣ бо шароити Созмони Ҷаҳонии Савдо Ҳукумат ва Парламент бояд нақши асосӣ дошта бошанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо дарназардошти аҳамият ва зарурати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ Ҳукумати кишвар солҳои охир беҳтар кардани вазъи молиявии ин бахшро дар мадди аввал мегузорад. Вале ҳарчанд ки хароҷоти иҷтимоии давлат дар соли 2006 панҷоҳ фоизи хароҷоти буҷетро ташкил намуда, дар ин самт як силсила қонунҳо ва барномаҳои нав қабул карда шуданд, дар соҳа ҳанӯз пешравиҳои назаррас мушоҳида намешаванд. Илова бар ин, вобаста ба омилҳои демографӣ ва афзоиши шумораи аҳолӣ талабот ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ сол ба сол бештар мегардад. (**Аҳолӣ соли 1992 5**

**миллиону 572 ҳазор нафар буд, соли 2007 ба 7 миллиону 200 ҳазор расид. Афзоиш қариб 1 миллиону 700 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки ин баробари аҳолии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад**).

Дар чунин шароит татбиқи чорабиниҳои дар Стратегияи миллии рушд ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ пешбинишуда имкон медиҳад, ки нерӯи инсонӣ баланд бардошта, имкониятҳои он васеъ карда шаванд.

Дар соҳаи маориф, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мебошад, дар солҳои наздик муқаррар намудани стандартҳои маълумоти кафолатноки аз нигоҳи молиявӣ асоснокро пешбинӣ намудан ва дар айни замон таҷдиди назар кардани қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти соҳа зарур аст. Ин иқдом имконият хоҳад дод, ки мустақилияти муассисаҳои таълимӣ дар ҳамаи сатҳҳо баланд бардошта шавад.

Дар мавриди пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ аз тарафи бахши хусусӣ тадбирҳо андешидан зарур аст. Бо ин мақсад бояд стандартҳои ҳамаи дараҷаҳои таълим бо дарназардошти дастгирии молиявии давлат ва рушди демографӣ таҷдиди назар гардида, мазмуну мундаричаи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ, инчунин воситаҳои аёнӣ ва асбобу ашёи таълимӣ ба талаботи давлати миллии муосир мутобиқ карда шаванд.

Ҷиҳати татбиқи барномаҳои нав оид ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи идоракунии маориф, пайвастшавии муассисаҳои таълимӣ ба шабакаи интернет, баланд бардоштани дараҷаи маълумоти хонандагон дар самти ҳуқуқи инсон, тарзи ҳаёти солим ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси омӯзгорон тадбирҳои мушаххас амалӣ мегарданд.

Ҳамчунин пешбинӣ мешавад, ки инвентаризатсия ва омӯзиши ҳолати инфраструктураи соҳаи маориф ва заминаи моддиву техникии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ гузаронида шавад.

Имсол татбиқи «Барномаи компютерикунонии мактабҳои маълумоти асосӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2007» ба охир мерасад. Бо дарназардошти ҳолати иҷрои санади мазкур Вазорати маориф бояд марҳалаи дуюми ин ислоҳотро барои солҳои 2008-2015-ум таҳия ва пешниҳод намояд.

Маблаггузории соҳаи маориф сол ба сол зиёд мегардад. Агар дар соли 2006-ум 336 миллион сомонӣ маблаг ҷудо шуда

бошад, дар соли 2007 он ба 506 миллион сомонӣ расонида шуд.

Барои сохтмони мактабҳо ва чопи китобҳои дарсӣ аз ҳисоби буҷет ва дигар манбаъҳо 52 миллион сомонӣ сарф гардид. Дар натиҷа 125 иншооти соҳаи маориф сохта, таъмир ва аз нав барқарор карда шуданд.

Дар солҳои охир шумораи мактабҳои типи нав, гимназия, литсей ва мактабҳои хусусӣ зиёд шуда истодааст. Имрӯз дар кишвар 84 гимназия, 50 литсей ва 9 мактаби хусусӣ фаъолият дорад. Дар ин муассисаҳо низоми таълим бо равия ва усулҳои нав ба роҳ монда шудааст. Ғайр аз ин, имсол дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе бунёди гимназияи ҷумҳуриявӣ барои мактаббачагони болаёқат бо ҳазор ҷойи нишаст оғоз гардид, ки соли оянда ба истифода дода мешавад.

Инчунин сохтмони мактаб-интернати Президентӣ барои кӯдакони ятим дар шаҳри Қӯрғонтеппа оғоз шуд, ки он низ то охири соли оянда мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

Лоиҳакашии сохтмони биноҳои Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ба охир расида истодааст, ки мувофиқи он ҳар сол як корпуси таълимӣ ва як хобгоҳи он ба истифода дода хоҳад шуд.

Ҳамчунин имсол сохтмони Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талаботи меъёрҳои муосир оғоз меёбад. Соли оянда бунёди корпусҳои нави таълимии Донишгоҳи техникӣ ва таъмири хобгоҳҳои он барои бештар аз 2 ҳазор донишҷӯ шурӯъ мегардад. Худи ҳамин сол сохтмони филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи устод Айнӣ дар ноҳияи Рашт оғоз мешавад.

Ҳоло теъдоди таълимгоҳҳои касбӣ дар кишвар зиёд шудааст. Имрӯз дар макотиби олӣ ва таълимгоҳҳои касбӣ беш аз 202 ҳазор донишҷӯ соҳиби ихтисос мешавад. Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз 69 ҳазори соли 1991 ба 141 ҳазор нафар расидааст, ки афзоиши қариб дуюним баробарро ташкил медиҳад.

Дар баробари зиёд гардидани шумораи хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ роҳбарони муассисаҳои таълимӣ беш аз ҳама, бояд ба сифати таълиму тарбия таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намоянд, барои таҳвият додани асосҳои моддиву техникии таълимгоҳҳо, бунёди лабораторияҳо, кабинетҳои методӣ,

устохонаҳои таълимӣ, китобхонаҳои электронӣ ва таъмиру бунёди хобгоҳҳои замонавӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Моро лозим аст, ки масъалаи тайёр намудани кадрҳоро пеш аз ҳама дар дохили кишвар дуруст ба роҳ монем. Кӯшиш намоем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат мутахассисони ба рақобати бозори меҳнат тобоварро тарбия кунем. Онҳо бояд ду-се забони хорӣ ва технологияи муосирро азхуд карда бошанд.

Дар баробари ин барои дар хорӣ кишвар тарбия кардани кадрҳо аз рӯйи ихтисосҳое, ки мо имкони тайёр кардани онҳоро надорем, тадбирҳо андешидан зарур аст. Бо вуҷуди чорабиниҳои то имрӯз андешидашуда дар соҳаи маориф сифати таълим ҳанӯз ҳам ба талабот ҷавобгӯ набуда, ҷараёни таълим ва фаъолияти роҳбарони муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилот беҳбудии ҷиддӣ мехоҳад.

Илова бар ин, вақти он расидааст, ки аз роҳбарони Вазорати маориф, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ҳамаи зинаҳо ва идораву муассисаҳои дахлдор сар карда, то **мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, зиёиён, падару модарон ва умуман аҳли ҷомеа ба масъалаи сифати таълиму тарбия диққати ҷиддӣ дода, барои баланд бардоштани маърифатнокию ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва масъулияти шаҳрвандии фарзандон саҳми арзанда гузоранд**.

**Мӯҳтарам намояндагони халқ!**

Барои солҳои наздик самтҳои асосии рушди илм ҳамчун яке аз бахшҳои муҳими сиёсати давлат пеш аз ҳама аз истифодаи самараноки иқтидорҳои илмӣ ва таҷдиди заминаи моддиву техникии муассисаҳои илмӣ, густариши раванди ҳамгироии илми ватанӣ ва вусъат додани ҳамкориҳои байналмилалии илмиву техникӣ иборат хоҳанд буд.

Бо ин мақсад зарур аст, ки ба ислоҳоти бахши илм ҳам дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳам дар академияҳо ва институтҳои илмию таҳқиқотии соҳавию мактабҳои олӣ вусъати тоза бахшида шавад. **Зеро пешрафти ҷомеаро бе тараққиёти истеҳсолот, бахусус саноат таъмин кардан ғайриимкон мебошад. Барои пешрафти истеҳсолот бошад, инкишофи илм, инноватсия ва ихтироъкориҳо заруранд. Маблаггузории илм сол ба сол бештар мешавад.**

**Зарур аст, ки илм умуман ва илмҳои табиатшиносиву техникӣ махсусан, ба рушди истеҳсолот нигаронида шавад.**

**Фаъолияти Академияи илмҳо дар ин самт ҳанӯз ҷавобгӯи талабот нест ва ба василаи нерӯдиҳандаву навсозандаи технология табдил наёфтааст.**

**Институтҳои тадқиқотии Академияи илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ самаранокии тадқиқоти илмӣ ва навҷӯиро бояд зиёд кунанд. Тарзи роҳбарӣ ба онҳо низ такмил мехоҳад. Дар ин роҳ аз усулҳои кӯҳнашуда бояд даст кашида шавад. Ба соҳаҳои афзалиятноке, ки ба пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ бевосита таъсир мерасонанд, диққати асосӣ додан лозим аст.**

Суръат бахшидан ба ислоҳоти бунёдии низоми тандурустӣ, ки ҳадафи он васеъ гардонидани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ мебошад, таҳия ва татбиқи консепсияи ислоҳоти тандурустӣ, барномаи базавии расонидани кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ бо ҷорӣ намудани тартиби такмилдодашудаи пешниҳоди намудҳои кафолатноки хизматрасониҳои тиббӣ ва такмили марҳила ба марҳилаи меъёрҳои тандурустӣ аз вазифаҳои муҳими мо мебошад.

Ҳукумат танҳо барои соли гузашта ва имсол ба соҳаи тандурустии кишвар ба маблағи умумии 465 миллион сомонӣ 80 лоиҳаи инвеститсиониро ҷалб кардааст, ки онҳо асосан дар шакли грант татбиқ мегарданд.

Беҳтар кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ бо роҳи тақсимоти оқилонаи захираҳои молиявӣ, аз ҷумла бо истифодаи усулҳои маблаҳгузории сарикасӣ дар сатҳи кӯмаки аввалияи санитариву тиббӣ ва хароҷот дар беморхонаву дармонгоҳҳо ба роҳ монда мешавад. Ин амал ба шаффофияти истифодаи маблаҳҳои буҷетӣ мусоидат намуда, робитаи бевоситаи маблаҳгузориро бо натиҷаҳои ниҳоии кори муассисаҳои тиббӣ таъмин мекунад.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ Вазорати тандурустӣ якҷоя бо Вазорати молия усулҳои нави маблаҳгузории соҳаро бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ тезонида, ба баррасии Ҳукумат пешниҳод намояд.

Барои беҳтар намудани сифат ва самаранокии хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ давра ба давра ҷорӣ кардани шаклҳои нави кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ пешбинӣ мегардад.

Бинобар ин, ба Ҳукумат зарур аст, ки якҷоя бо мақомот ва сохторҳои дахлдор лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тибби оилавӣ»-ро таҳия намояд. Инчунин

зарурати таҳияи қонунҳо «Дар бораи суғуртаи ихтиёрии тиббии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи суғуртаи тиббӣ» ба миён омадааст. Ичрои чорабиниҳои зикршуда имкон медиҳад то соли 2009 нишондиҳандаҳои тандурустии аҳолии мамлакат, ки дар ҳуҷҷати Ҳадафҳои рушди ҳазорсола пешбинӣ гардидаанд, тадричан таъмин карда шаванд.

Ислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо қабули консепсияи нави рушди бахш ва такмили қонунгузорӣ, консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, давра ба давра ҷорӣ намудани тартиби устувори маблаггузории нафаҚа ва низоми ҳисоби инфиродии шахсони суғурташуда амалӣ мегардад.

Илова бар ин, низоми ягонаи байниидоравии додугирифти маълумот байни мақомоти шуғли аҳолӣ, муҳоҷират, суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти нафаҚа таъсис дода мешавад.

Барои фарогирии ҳарчи бештари аҳолӣ бо шуғл ва татбиқи сиёсати давлат дар бахши муҳоҷирати меҳнатии хоричӣ маҷмӯи чорабиниҳо оид ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ пешбинӣ мешаванд, аз ҷумла мусоидат ба бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузориҳо, дастгирии машғулиятҳои инфиродӣ ва шуғли занҳо, инчунин инкишофи ҳунарҳои халқӣ ва меҳнати хонагӣ, бозомӯзии корҷӯён бо касбҳои нав, ки ба онҳо дар бозори меҳнат талабот зиёд аст ва шаклҳои шуғли муваққативу мавсимӣ васеъ истифода мегарданд.

Дар робита бо ин масъала ба Бонки миллӣ, Амонатбонк ва Вазорати молия супориш дода мешавад, ки дар хусуси солҳои наздик се-чор баробар зиёд кардани қарзҳои имтиёзнок ва қарзҳои хурд тадбирҳои муассир андешанд. Ғайр аз ин, бо мақсади осон гардонидани ҷараёни ҷустуҷӯи кор ва таъмини корхонаҳо бо қувваи корӣ шабакаи хизматрасониҳои машвараті дар хадамоти шуғл васеъ карда мешавад.

Татбиқи тадбирҳои аввалиндараҷа дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар солҳои наздик имкон медиҳад, ки самаранокии идораи маблағҳои давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва умуман низоми нафаҚа баланд бардошта, миқдори шахсони бо суғуртаи давлатии иҷтимоӣ фаро гирифташуда афзоиш ёбад. Аз ин ҳисоб воридоти пардохтҳо афзун ва сатҳи бекорӣ паст карда мешавад.

Маблаггузории ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бемайлон зиёд гардида, дар соли ҷорӣ 450 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки аз он 44 миллион сомонӣ барои пардохти

ҷубронпулӣ ва кӯмакпулиҳо ба оилаҳои камбизоат равона карда мешавад. Ин чорабиниҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ барои беҳбудии зиндагии беш аз 650 ҳазор нафар пиронсолону маъюбон ва ятимону оилаҳои бесаробон равона гардидаанд.

Иҷрои саривақтӣ ва самарабахши тадбирҳои андешидашуда пеш аз ҳама ба фаъолияти мақсаднок ва масъулонаи Ҳукумат, махсусан Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вобаста мебошад.

Дар баробари ин, вазифаи муқаддаси роҳбарони идораву ташкилотҳои давлатӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, ҳамчунин соҳибкорон ин аст, ки бунёди корхонаҳои хурду миёнаро зиёд карда, воридоти технологияҳои навро афзоиш диҳанд ва бо ҳамин роҳ шумораи ҳарчи бештари аҳолиро бо ҷойи кор таъмин намоянд. **Ин саҳми бузурги ватанпарастонаи онҳо дар ҳалли проблемаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ мешавад**.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Тоҷикистон дар баробари ин, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон аз низому меъёрҳои умумипазируфташудаи байналмилалӣ пайравӣ мекунад, рушди минбаъдаи давлат ва пешрафти ҷомеаи кишварро дар заминаи истифодаи васеъ аз фарҳангу анъана ва суннатҳои таърихиву миллӣ таъмин менамояд. Зеро кишвари мо дар шароит ва марҳалаи эъмори давлати соҳибистиқлол ва муосири миллӣ қарор доранд.

Ташаккули давлати миллӣ ва эҷоди пояҳову анъанаҳои давлатдории миллӣ бо раванди тавсеаи ҳисси худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шинохти таърих ва арзишҳои ахлоқии ниёгонамон робитаи мустақим доранд.

**Дар ин раванд мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки тоҷикон ҳамчун яке аз қавмҳои қадимаи мардуми ориёинажод соҳиби таърихи беш аз панҷҳазорсолаи тамаддун ва фарҳанги давлатсозиву давлатдорӣ мебошанд.**

Дар тӯли асрҳои зиёд аҷдоди хирадманди мо дар қаламрави зисти худ ва ҳатто берун аз он дар саргаҳи инқилобҳои бузурги зеҳниву ақлӣ қарор доштаанд ва эҷодгарони фарҳанги пешрафта, бунёдгузорони давлатҳои соҳибқудрат ва муназзам, муаллифони осори ҷовидонаи илмҳои фалсафа, ҳуқуқ, тиб ва табиатшиносӣ будаанд, ки ин

осор садсолаҳои дароз хизмати инсониятро ба ҷо оварда ва имрӯз низ аҳамияти худро аз даст надодааст.

Чорабиниҳои бузурги фарҳангӣ, аз ҷумла таҷлили солгарди фарзандони фарзонаи миллат, ҷашни шаҳрҳои бостонии кишвар ва ба ин монанд маъракаҳо аз як тараф арҷгузории шоиста ва ба ҷо овардани эҳтиром ба гузаштаи худамон бошад, аз тарафи дигар тарбияи эҳсоси гарми ватандориву ватандӯстӣ дар қалбҳои мардум, пеш аз ҳама ҷавонон, таҳвияти худогоҳиву худшиносӣ ва ифтихори миллии ҳар як фарди бонангу номус мебошад.

Итминон дорем, ки дар сатҳи арзанда доир намудани ҷашнҳои 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва 1150-солагии қофиласолори адабиёти классикии тоҷику форс – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ боиси боз ҳам афзудани эҳсоси худшиносиву ватанпарастии аҳли ҷомеаи мо хоҳанд шуд. **Чунки ин ҳар ду абармарди олами ирфону адаб фарзандони миллати куҳанбунёди тоҷик мебошанд**.

Масъалаи дигаре, ки мазмуну мӯҳтавои тарбияи наслҳои имрӯзу оянда ба ҳалли он иртиботи ногусастанӣ дорад, баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум аст.

Нақши китоб ва китобхонаҳо барои ин мақсад хеле муҳим аст. Бинобар ин Ҳукумати Тоҷикистон ду барномаро барои рушди фаъолияти китобдорӣ барои солҳои 2006-2015 қабул намуд, ки маблағи умумии онҳо ҳашт миллион сомонӣ мебошад.

Имрӯз дар кишвар 1330 китобхонаи оммавӣ фаъолият дорад, ки фонди китобҳои онҳо бештар аз 13 миллион нусха мебошад.

Бо вуҷуди ин, табъу нашри китоб ва масъалаи таблиғи китобхонӣ таваҷҷӯҳи ҷиддиро талаб мекунад. Китобхонӣ ҷузъи муҳими тарбияи насли наврасро бояд ташкил диҳад. Миллати мо бо китоб ва китобхонӣ, заковат ва маърифатнокии худ дар ҷаҳони мутамаддин мақоми шоиста касб кардааст.

**Бо дарназардошти аҳамияти бузурги китобу китобдорӣ ва донишу маърифат пешниҳод менамоям, ки дар қатори идҳои дигар рӯзи оғози сохтмони Китобхонаи миллӣ ҳамчун Рӯзи китоб муқаррар карда шавад.**

Ҳамчунин зарур аст, ки «Барномаи давлатии рушди саноати полиграфӣ барои солҳои 2008-2015» таҳия гардад ва барои минбаъд дар дохили кишвар нашр намудани адабиёти бадеӣ ва илмиву таълимӣ, коғазҳои қиматнок ва умуман ҳамаи намудҳои маводи чопӣ бо ворид кардани таҷҳизоти

муосир заминаи мусоиди моддиву техникӣ ба вуҷуд оварда шавад.

Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, фарҳанг, маориф ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барои амалӣ намудани ин барнома пешниҳодоти зарурӣ манзур намоянд.

Дар раванди бунёди ҷомеаи муосир, ташаккули ҷаҳонбинии васеи ҷавонон воситаҳои иттилоот, радио ва телевизион ҳамчун оинаи ҳаёти ҳаррӯзаи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат бояд ҳарчи фаъолтар саҳмгузор бошанд.

Ташаккул ва рушди сиёсати иттилоотӣ чун қисми таркибии сиёсати дохиливу хориҷии давлат бояд ба амалигардонии талаботи Конституцияи Тоҷикистон дар бобати бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба таври муассир мусоидат намояд.

Дар фаъолияти воситаҳои иттилооти омма пеш аз ҳама бояд низоми мукаммали таҳияи мавод оид ба тарбияи худшиносии миллӣ ва ватанпарастӣ ташаккул ёфта, тарғиби анъанаву суннатҳои асили фарҳанги миллӣ бо дарназардошти талаботи замони пешрафт ва дастовардҳои беҳтарини фарҳанги башарӣ ба роҳ монда шавад.

Илова бар ин, дар заминаи фазои солими иттилоотӣ таъмин кардани ҳуқуқҳои конституционии шаҳрвандони мамлакат ба иттилоот ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дастрас намудани маълумоти воқеӣ дар бораи муҳимтарин воқеаҳои ҳаёти Тоҷикистон ба Ҳукумат супориш дода мешавад, ки Консепсияи сиёсати иттилоотии давлатиро таҳия намояд.

**Давлат минбаъд низ сиёсати демократикунонии ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаро устуворона идома медиҳад. Дар доираи ин сиёсат қонунгузории мамлакат мунтазам такмил ёфта, озодиву ҳуқуқҳои шаҳрвандон вусъат пайдо хоҳанд кард**.

Мо дар ин самти стратегӣ то имрӯз корҳои зиёдеро анҷом додем. Вале бояд таъкид кард, ки ин роҳ хеле дуру дароз, пур аз мушкилот ва шебу фароз буда, мо ҳанӯз дар оғоз ё саргаҳи он қарор дорем ва барои расидан ба ин мақсади олӣ заҳмати шабонарӯзӣ ва талошу ташаббуси ҳар як корманди давлатӣ ва тамоми ҷомеа зарур аст.

**Таҳкурсии чунин давлатро ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ташкил медиҳад, ки он аз одамони озод, баробарҳуқуқ, соҳибмаърифат ва эҷодгару ташаббускор иборат аст.**

Дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тарбияи аъзои фаъоли он дар баробари сохтору мақомоти масъули давлатӣ ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ ба сифати унсурҳои фаъоли ҷомеа бояд нақши арзанда дошта бошанд.

Дар раванди созмон додани ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши қонун, эҳтиром, риоя ва иҷрои он ниҳоят бузург аст. Маҳз аз ин рӯ, ман борҳо таъкид кардаам, ки қонун бояд меъёри муайянкунандаи рафтори ҳаррӯзаи шахс, фаъолияти ташкилоту муассисаҳо ва воситаи танзимкунандаи муносибатҳои ҷомеа бошад.

Зеро қонун меъёрест, ки бо дарназардошти манфиатҳои умумиҷамъиятӣ, принсипҳои ҳақиқат ва адолат ҳамчун заминаи асосии пешравии ҷомеа, ризоияти умум ва суботу оромӣ таҳия карда мешавад.

Дар ин самт ба масъалаи эҷоди қонунҳо ва ҷараёни муҳокимаву мувофиқа кардани онҳо эътибори ҷиддӣ бояд дод. Мо бояд ҳамеша талош намоем, ки қонунҳои қабулшаванда бечунучаро мукаммал бошанд ва муносибатҳои ҷамъиятиро дақиқу аниқ танзим намоянд.

Маҷлиси Олии мамлакат ва пеш аз ҳама Маҷлиси намояндагон дар ин ҷода бояд нақши ҳалкунанда бозад.

Ҳарчанд ки то имрӯз аз ҷониби Парламенти кишвар садҳо қонуни фароҳаморандаи заминаҳои ҳуқуқии суботу оромӣ, рушду такомули ҷомеа ва танзимкунандаи муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ қабул карда шудаанд, вале ин ҳанӯз басанда нест.

Таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ҳадафҳои таърихии мо талаб менамоянд, ки асноди қонунгузории соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, пулию қарзӣ ва сиёсати инвеститсионӣ пайваста такмил дода шаванд, зеро соҳаҳои зикршуда тез инкишоф меёбанд ва зарур аст, ки бо такмили қонунгузорӣ танзими ҳуқуқии онҳоро сари вақт таъмин намоем.

Аз байн бурдани мухолифати миёни қонунҳо ва ба шароити имрӯза мутобиқ намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи қонунгузорӣ мебошад.

Ба ин масъала мо борҳо ишора карда будем, вале ихтилофи байни асноди қонунгузорӣ дар амалияи ҳуқуқӣ ҳанӯз ҳам ба мушоҳида мерасад.

Илова бар ин, зарурати ҷиддии ба ҳам мувофиқ сохтани қонунҳои миллӣ бо усулу меъёрҳои умумипазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ эҳсос мегардад. Воқеан, мо афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро

нисбат ба қонунҳои миллӣ эътироф кардаем, аз ин рӯ, бояд оид ба ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир намоем.

Амалӣ гардидани мақсадҳои олии мо бе таъмини волоияти қонун ва иҷрои бечунучарои он, бе мавҷудияти тартиботи ҳуқуқӣ ва фазои орому босуботи ҷомеа ғайриимкон аст. Дар ин ҷода мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакат корҳои муҳим ва назаррасро анҷом додаанд.

Барои таҳкими минбаъдаи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини суботу оромии ҷомеа бояд бар зидди ҷиноятҳои хавфноки муосир – терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, одамфурӯшӣ ва дигар ҷиноятҳои трансмиллӣ муборизаи қатъӣ бурд.

Сол ба сол зиёд шудани истеҳсоли маводи мухаддир дар Афғонистон хатари ин ҷиноятҳоро боз ҳам меафзояд, ки он ба оромию суботи минтаҚа ва умуман ҷаҳон таҳдид менамояд.

Зарур аст, ки мақомоти номбурда барои муборизаи самаранок бурдан бо ин хатарҳои ҷаҳонӣ дар ҳамоҳангии фаъолияти байниҳамдигарӣ ва ҳамкорӣ бо мақомоти марбутаи дигар кишварҳо амал намоянд.

Барои дар сатҳи баланд иҷро намудани вазифаҳои хизматии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ зарур аст, ки онҳо дорои таҳсилоти зарурии касбӣ, сифатҳои кордонию ташкилотчигӣ, ҳисси баланди ватандорию ифтихори миллӣ бошанд ва талаботи қонунҳо ва оинномаҳои хизматии худро бечунучаро ба ҷо оранд. Яке аз омилҳои муҳими таъмини авзои босуботи ҷомеа таҳкими ҳокимияти судӣ мебошад. Илова ба тадбирҳои то имрӯз дар ин самт андешидашуда Барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ таҳия гардидааст, ки дар он роҳҳо ва мӯҳлатҳои мушаххаси таҳким ва рушди минбаъдаи мақомоти судӣ пешбинӣ шудаанд.

**Таъмин намудани қонуният ва адолат аз ҷониби ҳокимияти судӣ шарти муҳимтарини пешрафти мамлакат ва расидан ба мақсадҳои ниҳоие мебошад, ки мо дар назди худ гузоштаем**.

Вобаста ба мавзӯи ҳуқуқ ва фаъолияти қонунэҷодкунии давлат мехоҳам як масъаларо хотирнишон созам, ки он ба вазъи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар кишварамон дахл дорад.

Давлати мустақили Тоҷикистон содиқ будани худро ба ӯҳдадориҳои байналмилалии ба зимма гирифтааш дар амал

нишон дода, то имрӯз талаботи ҳамаи конвенсияҳои оид ба ҳуқуқи инсонро ичро карда истодааст.

Дар татбиқи ҳадафҳои ин самти ҳаёти давлат ҳамаи рукнҳои ҳокимият, инчунин институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳмгузор мебошанд. Гузашта аз ин, ман ҳамчун Президент вазифаи худ медонам, ки меъёрҳои Конституцсияи мамлакат оид ба арзиши олӣ эътироф шудани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ пайваста ва пайгирона татбиқу таъмин карда шаванд.

**Бо мақсади пурзӯр намудани фаъолият дар ин бахш ва густариши минбаъдаи раванди демократикунонии ҷомеа, инчунин баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи инсон чунин мешуморам, ки дар мамлакатамон вақти ҳалли масъалаи таъсис додани институти миллии ваколатдори ҳуқуқи инсон расидааст**.

Ин сохтор ҳамчун яке аз институтҳои демократӣ бояд робита ва ҳамкории мақомоти давлатиро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ боз ҳам тақвият диҳад. Зарур аст, ки барои таъсиси чунин сохтор тадбирҳои ташкиливу ҳуқуқӣ андешида шаванд.

Дигар масъалае, ки ҳамчунин кӯшиши якҷояи ҳамаи рукнҳои ҳокимият, аҳзоби сиёсиву иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои иттилооти омма, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёнаи касбӣ ва таҳсилоти умумӣ, зиёиён ва умуман аҳли ҷомеаро талаб мекунад, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ ва зина ба зина баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии мардум ва пеш аз ҳама ҷавонон аст.

**Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Низоми навини равобити байналмилалӣ имрӯз ҷиддан тақозо дорад, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳимтарин ҳадафҳои миллии худ, яъне таъмини истиқлолияту озодӣ, ҳифзи амнияту суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишварро дар асоси стратегияи фарогир ва санҷида амалӣ намояд.

Бинобар ин, сиёсати хориҷии мо, ки қабл аз ҳама ба фароҳам овардани шароити созгор ва мусоид барои инкишофи иқтидори моддиву маънавии кишвар равона шудааст, бояд бо тақозои вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯз, таҳлилу баррасии равандҳои ҷадид дар муносибатҳои байналмилалӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу василаҳои беҳтарини татбиқи манфиатҳои миллӣ ва тақвият додани фазои

дӯстонаи ҳамкориву равобит бо кишварҳои дигар пеш бурда шавад.

Чунонки борҳо иброз доштаам, раванди дар ҳаёти байналмилалӣ ҳокими асри мо ҷаҳонишавист, ки ҳамзамон бо нақши мусбати бештар табиати иқтисодидоштаи худ ба ҷанбаи маънавии ҳаёти инсоният фишори рӯзафзун эҷод менамояд.

**Дар чунин шароит ҳифзи асолат ва ҳуввияти миллӣ, арзишҳои волои фарҳангӣ ва дастовардҳои тамаддун, ҳимояи хусусиятҳои суннативу ахлоқӣ амри таъхирнопазир ва ҳаётӣ мегардад.**

Торафт шиддат пайдо кардани зиддиятҳо ва рақобати қудратҳои мухталифи ҷаҳонӣ, ба андозаи назаррас коҳиш ёфтани суботи байналмилалӣ ва авҷ гирифтани фаъолияти гурӯҳу ҷунбишҳои миллатгарову нажодпараст аз зуҳуроти хатарноки олами имрӯз аст, ки аз ҳамаи мо зиракии сиёсӣ, мавқеъгирии усулӣ ва кӯшишҳои қотеъонаро тақозо дорад.

Ҳамзамон бо тамоюлҳои дигари ҷаҳонишавӣ раванди тозае низ арзи вуҷуд кардааст, ки он дар асоси манфиатҳои минтақавӣ ба ҳам омадани гурӯҳи давлатҳост.

Мисоли равшани он минтақаҳои Аврупои Ғарбӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Амрикои Лотинӣ ва монанди инҳост.

**Бо дарназардошти хусусиятҳои ин раванди муҳим самти афзалиятноки сиёсати хориҷии мо ҳамоно таҳкими равобит бо кишварҳои минтақа аст.**

**Тоҷикистон мисли пештара эътиқодманд аст, ки вусъат додани ҳамкории ҳамаҷониба, истифодаи нерӯву имкониятҳои умумӣ бо такя бар анъанаву суннатҳои ғановатманди таърихи муштараки мо метавонад симои Осиёи Марказиро ба куллӣ дигаргун созад**. Вале имрӯз хатари маҳз ба манбаи ашёи хом табдил ёфтани минтақаи мо басо ҷиддист ва фақат саъю талоши муштарак, татбиқи ҳамгироии ҷиддӣ ва босамар, аз байн бардоштани монеаҳои ба таври сунъӣ эҷодшуда метавонад моро ба иқтисоди глобалӣ чун шарикони комилҳуқуқ ворид намояд.

**Агар мо ба масъалаи ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ фарохтар назар афканем, зарурати эҷоди созмони хосе барои таҳкиму густариши ҳамгироии минтақавӣ эҳсос мешавад, ки берун аз ҳар гуна идеология буда, ҳадафи асосиву афзалиятноки он равобити маҳз иқтисодӣ мебошад.**

**Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки дар минтақа чунин созмоне таъсис дода шавад, ки хусусиятҳои асосии онро метавон ба шакли зайл шарҳ дод:**

**Якум. Дар ин созмон кишварҳои минтақа дар асоси ҳуқуқу вазифаҳои мутлақан баробари ҳамаи аъзоёнаш гирди ҳам оянд.**

**Дуюм. Аъзои созмон қабл аз ҳама барои ба миён овардани фазои ягонаи ҳуқуқӣ саъю кӯшиш ба харҷ диҳанд.**

**Сеюм. Созмон бояд интиқоли озодонаи сармояву хизматрасонӣ, молу маҳсулот ва нерӯи кориро байни кишварҳои узв таъмин намояд.**

**Чорум. Ҳадафи умдаи он иборат аз истифодаи оқилонаи захираҳои обу энергетикӣ ва сарватҳои минералии минтақа бошад.**

**Панҷум. Ин созмон бояд эҷоди фазои ягонаи илмиву фарҳангӣ ва гуманитариро таъмин намояд.**

**Тоҷикистон чун кишвари ҷонибдори чунин ҳамгироӣ боварии комил дорад, ки амният ва суботи минтақа, рушди устувори иқтисодии Осиёи Марказӣ, рафъи мушкилоти давраи гузариш ва дар маҷмӯъ таъмини истиқлолияти сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои мо метавонад танҳо аз тариқи ҳамкории фаъол, муассир ва пурсамари минтақавӣ амалӣ гардад.** Вале, мутаассифона, чунин муносибат ба ин масъалаи доғи рӯз аз ҷониби ҳамаи кишварҳои минтақа яксон ва умумӣ нагаштааст ва ҳанӯз масоили ҷузъӣ ва сунъӣ дар роҳи густариши ҳамкориҳо садду монеаҳои ҷадид эҷод менамоянд.

Як мисоли мушаххас. Чандест, ки шабакаҳои электронии ахбор дар бораи захираҳои оби Осиёи Марказӣ маводи ғаразнокеро паҳн мекунанд. Менависанд, ки Тоҷикистон нерӯгоҳҳои барқии нав месозад ва гӯё ин кор пеши роҳи оби минтақаро гирифта, барои кишварҳои дигар бӯҳрони танқисии обро эҷод мекарда бошад. Ҳар фарди солимфикр медонад, ки нерӯгоҳи барқӣ обро фурӯ намебарад, балки барои гардиш ёфтани турбинаҳо ва истеҳсол кардани барқ об бояд пайваста ҷорӣ бошад.

**Дуюм** ин, ки ҳеҷ нерӯи абарқудрат наметавонад пеши роҳи миллиардҳо метри мукааб обро баста, онро аз ҷорӣ шудан боздорад.

**Сеюм** ин, ки истгоҳи барқӣ бояд пайваста кор кунад, об ҳамеша ҷорӣ бошад ва маблағҳои аз тавлиди барқ бадастоянда дар муддати муайян харҷҳои пештараро пӯшонанд.

**Ба назари ман, мушкилоти танқисии об ва интиқоли маводи энергетикиву сӯзишворӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд омили пешбарандаи танзими иттиҳоду ҳамкориҳо гардад.**

**Хуб мешуд, ки мо муносибатҳои холисона, содиқона ва ҳақиқатан дӯстонаву бародаронаро ба роҳ монда, проблемаҳои мавҷударо бо риояи ҳусни ҳамсоягӣ, густариши ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳамоҳанг сохтану татбиқ кардани манфиатҳои муштараки минтақавӣ ҳал намоем. Тоҷикистон ҷонибдори қатъӣ ва эътиқодманди қавии танҳо ва танҳо чунин ҳамкорӣ ва чунин ҳамгироиҳост.**

Ба хотири таъкиди ин нукта, ки суханҳои дар боло зикршуда калимоти хушку холӣ нестанд, чанд сухане якҷоя бо пешниҳодоти мушаххас гуфтанӣ ҳастам. Таърих гувоҳ аст, ки асрҳои тӯлонӣ оби дар Тоҷикистон тавлидшаванда ташнагии ҳамаи мардумони Осиёи Марказиро мешикасту даштҳои сӯзонро шодоб мекард. Сарзамини биҳиштосои мо ҳанӯз ҳам ин рисолати инсонпарваронаи худро бо сари баланд адо менамояд.

Мо ҳеҷ гоҳ бар зарари мардумони бародари минтақа ба иқдоме даст нахоҳем зад, баръакс омодаи ҳар гуна ҳамкорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамгирои ҳастем. **Тоҷикистон ҳамоно ҷонибдори таъсис додани Консорсиуми обу энергетикаи Осиёи Марказӣ аст.** Вале ба касе пӯшида нест, ки дар минтақа аллакай мушкилоти об ва алалхусус оби тозаи нӯшокӣ вуҷуд дорад ва ба таври табиӣ сол аз сол ҷиддитар хоҳад шуд.

**Барои ҳалли ин масъалаи мубрам Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки кишварҳои Осиёи Марказиро аз кӯли Сарез бо чунин оби аълосифати аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намояд.**

Аксарияти мо огоҳ ҳастем, ки кӯли Сарез дар баландии қариб 3300 метр ҷойгир буда, 17 миллиард метри мукааб оби софу аълосифат дорад. Аз рӯйи ҳисоби мутахассисон, агар мо кубури оберо, ки иқтидораш 50 метри мукааб дар як сония бошад, устувор намоем, ин об барои ба таври доимӣ ва ҳамеша таъмин кардани қариб нисфи аҳолии Осиёи Марказӣ кофист. Аз кӯл то сарҳади Тоҷикистону Ӯзбекистон 600 километр масофа аст.

Баландии ин манбаи об имконият медиҳад, ки об аз боло бо харҷи камтарин ба манотиқи зарурӣ ҷорӣ гардад. Дар ҳолати ҳосил шудани ризоияти кишварҳои Осиёи Марказӣ, **мо омода ҳастем Консорсиуми муштараке созмон диҳем ва бо кӯмаки институтҳои байналмилалии молиявӣ чунин як лоиҳаи азими инсонпарвариро, ки ба нафъи ҳар як сокини минтақа аст, амалӣ намоем. Чунки ташнагонро об додан дар дини мубини ислом аз савобтарин корҳо дониста шудааст**.

Ҳалли ин масъала барои рафъи мушкилоти дар экосистемаи минтақа ҷойдошта ва аз байн бурдани хатари ба ҳамагон маълуми хароб шудани сарбанди Сарез низ мусоидат хоҳад кард.

**Дӯстони азиз!**

Бо дарназардошти ҳамаи ин масоил, рақобати тезу тунди геополитикӣ дар саҳнаи ҷаҳонӣ ва тақвияти рӯзафзуни кӯшишҳои беруна бо мақсади аз худ намудани ин захираву имкониятҳо водор месозад, ки Тоҷикистон ҷонибдори равандҳои ҳамгиройӣ дар доираи минтақа, аз ҷумла тавассути истифодаи воситаву механизмҳои **Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё** бошад.

Ҷиҳати таъмини шоиста ва зарурии манфиатҳои дарозмуддати худ, мо дар доираи ин созмон равобити худро бо кишварҳои узв таҳким хоҳем бахшид.

Дар айни замон рушду густариши минбаъдаи равобити ҳамаҷониба, амиқтар сохтани ҳамкориҳои низомию сиёсӣ, густурдатар намудани пайвандҳои иқтисодӣ ва алоқаҳои гуманитарӣ бо **Федератсияи Россия** аз ҳадафҳои умдаи мо хоҳад буд.

Ҳамкории фаъол ва муассири мо бо Созмони ҳамкориҳои Шанхай аз фаъолияти муштараки аъзои ин ташкилот дар мавриди мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории трансмиллии муташаккил оғоз шуда, идома ёфтааст.

Имрӯз муносибатҳои мо дар доираи ин созмон ғайр аз масоили зикршуда равобити судманди иқтисодиро низ дар бар мегиранд.

Аз ин рӯ, **мо ҳамкории худро ҳам дар чаҳорчӯбаи ин сохтор ва ҳам мустақиман бо ҳар як кишвари узви он рушду нумӯъ мебахшем ва ҷонибдори таҳкими ин робитаҳо ҳастем**.

Бахусус сатҳ ва мӯҳтавои робитаҳои мо бо ҳамсояи бузурги шарқиамон – **Ҷумҳурии Мардумии Чин** боло рафт ва дар самти муҳимтарин лоиҳаҳои ҳамкории барои Тоҷикистон муфиду пурсамар ғанӣ гашт. Соли гузашта барои ҳамкориҳои мо соли хеле пурбаракат буд. Бо имзои Аҳдномаи ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкории миёни ду кишвар ҳангоми нахустин сафари давлатии Президенти Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин марҳалаи сифатан нави равобит ва шарикии минтақавӣ оғоз гардид.

**Мо итминон дорем, ки ин ҳамкории созанда ва робитаҳои судманд намунаи муносибатҳои неки ду кишвари ҳамсоя буда, ба нафъи ҳам мардумони мо ва ҳам минтақаву ҷаҳон аст**.

Чун сухан дар бораи равобити мо бо кишварҳои минтақа меравад, бояд таъкид кард, ки мо ҷонибдори содиқи ҳамкориҳои минтақавӣ ҷиҳати боло бурдани сатҳи зиндагии халқҳоямон ва таъмини амнияту осудагӣ ва суботи минтақа ҳастем. Мо ин амну амониро таҷзия ва тақсим намекунем, балки чунин мешуморем, ки оромии ҳар як кишвар василаи амнияти ҳамсояи ӯст ва дар ин замина бо эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ, ки ҳадафи асосии он муборизаи бар зидди хатару таҳдидҳои муосир дар минтақа аст, ҳамкории созанда дорем.

Аз ин лиҳоз, мо бо кишварҳои Ғарб, ки имрӯз таъмини амнияти Афғонистон ва муборизаи бо хатару таҳдидҳои муосирро ба дӯш гирифтаанд, равобити худро густариш хоҳем дод. **Чи дар масоили иқтисодӣ ва чи дар ҳалли мушкилоти мубрами башарият мо ҳамкориҳои худро бо кишварҳои Ғарб ва бахусус Штатҳои Муттаҳидаи Амрико бештар тақвият хоҳем бахшид.**

Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ дорад ва таҳкими муносибатҳо бо ин Иттиҳод, инчунин тавсеаи беш аз пеши онҳо ба манфиати ҳамагон хоҳад буд.

Дар ин раванд мо муносибати дуҷониба ва равобити шарикиро бо ҳамаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо инкишоф хоҳем дод.

Мо ҳамкориҳои дӯстона, муассир ва созандаро бо кишварҳои ҳамҷавори худ дар минтақа – Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон ва Туркия мисли пештар самти афзалиятноки сиёсати худ медонем.

Дар айни замон табиист, ки инкишофи робитаҳои анъанавӣ бо Япония ва кишварҳои дигари Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар сиёсати хориҷии мо минбаъд низ нақши афзал хоҳад дошт.

Ман дар паёмҳои пешин зарурати инкишоф ва густариши муносибатҳоро бо кишварҳои олами ислом, аз ҷумла давлатҳои араб, чун самти муҳими равобит хотирнишон карда будам.

Эҳёи робитаҳои анъанавии таърихӣ, истифода аз имконоти муштарак ва ҷалби сармояи ин кишварҳо ба нафъи

инкишофи Тоҷикистон дар маркази диққати сиёсати хориҷии кишвар қарор дорад ва амалан татбиқ мегардад.

**Дӯстони азиз!**

Замони мо – замони муттаҳид сохтани саъю талошҳо ва ба ҳам овардани кӯшишҳои муштарак дар самти ҳаллу фасли масоили умдаи инсоният аст, ки созмонҳои минтақавию байналмилалӣ таҷассумгар ва ҳамоҳангсози чунин фаъолиятҳо мебошанд.

Аз ин ҷост, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар кори ин созмонҳо ширкати фаъолона дошта, хоҳони густариши ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Созмони конфронси исломӣ ва Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ аст.

Мо равобити созандаи худро бо тамоми институтҳои байналмилалии молиявӣ ҳамоно таҳвият хоҳем бахшид.

Мо чун узви комилҳуқуқи созмонҳои байналмилалӣ бояд дар асоси риояи қотеъонаи санадҳои умумибашарӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо бо манфиатҳои олии миллат ва давлат амал намоем, ҳамчунин ҷузъиёти мушаххаси ширкати Тоҷикистонро дар фаъолияти ин созмонҳо пешбинӣ созем.

Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вазифадоранд, ки ҳамчун сохторҳои ба ҳифзи ин манфиатҳо дахлдор чораҳои мушаххас андешида, онҳоро ҷиҳати пешбурди чунин сиёсат амалӣ намоянд.

Меҳвари асосии чунин сиёсатро бояд дипломатияи иқтисодӣ ташкил диҳад, ки он ба рушду нумӯи Тоҷикистони азизи мо такони тоза бахшида, мақому манзалати онро дар арсаи байналмилалӣ боло барад.

**Дар робита бо ин, мехоҳам бори дигар таъкид намоям: мо ҷонибдори низоми одилона ва демократии ҷаҳон мебошем, ки дар он барои ҳаллу фасл намудани мушкилоту проблемаҳои кишварҳои рӯ ба тараққӣ бояд заминаи мусоид мавҷуд бошад.**

Ин қабл аз ҳама ба мушкилоти ҳалли қарзҳои берунаи чунин давлатҳо марбут аст, ки ин проблема алҳол дар роҳи рушди минбаъдаи онҳо ба монеаи бузурге мубаддал гаштааст.

**Вакилони мӯҳтарам!**
**Ҳамватанони азиз!**

Аз он рӯзе, ки сиёсати «дарҳои кушода» аз ин минбари баланд эълон гардид, панҷ сол сипарӣ шуд. Имрӯз мо шоҳиди дурустии ин сиёсат буда, рушди равобити Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар чорроҳаи байналмилалӣ мавқеъ дорад, бо ҳамаи кишварҳои Шарқу Ғарб мебинем ва мисли пештара ҷонибдори чунин муносибатҳои созандаву беғараз, холисонаву содиқона бо тамоми кишварҳои ҷаҳон ҳастем.

Ватани азизи мо – Тоҷикистон имрӯз узви фаъол, эътирофшуда ва соҳибэҳтироми ҷомеаи байналмилалист. **Ин мавқеи воло аз ҳар як фарзанди бонангу номуси миллат ва аз ҷумла вакилони мардумӣ таҳкозо дорад, ки барои имрӯзу фардои Ватан ва пешрафти Тоҷикистони азиз, инчунин барои сари баланду садои буррои он дар арсаи байналмилалӣ пайваста саъю кӯшиш ва талош намояд.**

Масъулияти Ватану ватандорӣ аз ҳар яки мову шумо меҳнати софдилона, садоқати фарзандӣ, заҳмати бунёдкоронаву талошҳои созанда, масъулияти бузургу азму иродаи қавӣ, ифтихори милливу маърифати баланд ва ниҳоят дасту дили тозаву нияти некро таҳкозо мекунад.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, ки марҳилаи созандагиву бунёдкорӣ пайгирона идома дорад ва мо сӯйи ҳадафҳои стратегии истиқлолияти энергетикиву коммуникатсионӣ ва озуқаворӣ зина ба зина пеш меравем, нақши мақомоти ҳокимияти қонунгузор низ тадриҷан меафзояд.

Албатта, расидан ба ин ҳадафҳои олӣ ва таъмини нақшаҳои бузурги созандагӣ кори осон ва яксолаву дусола нест, балки вазифаи доимӣ ва ҳамарӯзаи мову шумо буда, аз ҳар як фарди бонангу номуси миллат, аз Роҳбари давлат, аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Ҳукумат сар карда, то роҳбарону мутахассисон ва масъулони зинаҳои поёнӣ, умуман тамоми аҳли ҷомеа заҳмати содиқонаву софдилонаро талаб мекунад.

Агар мову шумо корҳои аз оғози истиқлолият то имрӯз анҷомдода, яъне роҳи тайкардаи понздаҳсолаи кишварро пеши назар орем ва онро холисона арзёбӣ намоем, мебинем, ки ба хотири таъмини истиқлолияти Ватани азиз, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ободиву шукуфоии сарзамини аҷдодӣ ва осудагии мардуми шарифамон кам кор накардаем.

Дар давоми ин солҳо нерӯи созандагӣ ва саъю кӯшишҳои бунёдкоронаи мардуми сарбаланди тоҷик барои ободонии кишвар дучанд афзуда, сатҳи худшиносӣ, ифтихори миллӣ, масъулияти ватандорӣ ва шаҳрвандии онҳо хеле боло рафт.

**Маҳз азму иродаи қавӣ, ҷонибдории самимона ва меҳнати ҳалолу бунёдкоронаи мардуми шарифи Тоҷикистон буд, ки мову шумо пойдевори давлату давлатдории мустақилро гузоштем, сулҳу ризоият ва ваҳдати шикастнопазири миллиро фароҳам овардем, ба шоҳроҳи рушди мӯътадил ва устувори иқтисодӣ ворид шудем, раванди бебозгашти ободониву созандагиро пеш гирифтем, ба сӯйи ҷомеаи боадолати шаҳрвандӣ, пешрафти рӯзафзуни илму маориф ва фарҳангу маънавиёт рӯ овардем**.

**Имрӯз сад шукри сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, истиқлолияти комил ва соҳибдавлатӣ, ки Тоҷикистони азизи мо дар марҳилаи сифатан нави рушди иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангӣ қарор дорад ва ба кишвари дорои низоми муосири муносибатҳои бозаргонӣ, иқтисоди миллии рушдёбанда ва фазои мусоид барои нақшаҳои бузурги пешрафту созандагӣ табдил ёфтааст.**

**Ман ҳамчун Роҳбари давлат итминони комил дорам, ки бо дастгириву пуштибонии мардуми хирадманд, хайрхоҳ ва соҳибмаърифати тоҷик дар давоми панҷ соли оянда Тоҷикистон ба марҳилаи комилан нави рушди иқтисодиву ичтимоӣ, тарзи давлатдории мукаммалу пешрафта ва сатҳи зиндагии шоиставу озодона хоҳад расид.**

**Мо ба оянда назари нек дорем ва сӯйи ҳадафҳои бузурги созандагӣ дилпурона қадам мегузорем. Асри нав барои мо асри таҳкими дастовардҳои истиқлолият ва рушду нумӯи давлатдории миллӣ хоҳад шуд.**

**Барои расидан ба ин рӯзи нек ва рӯзгори босаодат ба ҳамаатон саломатӣ, барори кор ва сарбаландӣ орзумандам**.

**Бигузор парчами истиқлолият ва сулҳу ваҳдат раҳнамову ҳидоятгари мо ба сӯйи ояндаи нек ва зиндагии осоиштаву осудаҳолона бошад!**

**Ташаккур!**

## МУНДАРИҶА

Суханронӣ дар ҳузури омӯзгорон ва донишҷӯёни
Донишгоҳи Аврупою Осиёи ба номи
Л.Н.Гумилёв, Остона, 5 майи соли 2006……..3

Суханронӣ дар ҳузури иштирокчиёни Анҷумани
соҳибкорон, Остона, 5 майи соли 2006……12

Иди Зафар иди абадист. Табрикот ба шарафи
Рӯзи Ғалаба, Душанбе, Боғи Ғалаба,
9 майи соли 2006……17

Суханронӣ дар Конфронси байналмилалӣ оид
ба муборизаи зидди маводи нашъаовар,
Душанбе, 15 майи соли 2006……...21

Созмони Ҳамкории Шанхай дар ҳалли масоили
ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозад. Ҷавобҳо ба
саволҳои гурӯҳи хабарнигорони воситаҳои
ахбори оммаи Ҷумҳурии Халқии Хитой,
Душанбе, 22 майи соли 2006……...28

Нақши таърихии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.
Суханронӣ дар ҳузури иштирокдорони маҷлиси
Шӯрои Сарони ҳукуматҳои ИДМ,
Душанбе, 25 майи соли 2006……...37

Суханронӣ ба муносибати Рӯзи сарҳадбонон,
Душанбе, 28 майи соли 2006……...41

Кӯшишҳои мо самараи дилхоҳ медиҳанд.
Суханронӣ дар маҷлиси Сарони давлатҳои
аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай бахшида
ба панҷсолагии ташкили СҲШ,
Шанхай, 15 июни соли 2006….....47

Ин танҳо оғози кор аст. Ҷавобҳо ба саволҳои
мухбирони Ширкати телевизионии «Феникс»-и
Ҷумҳурии Мардумии Чин,
Шанхай, 15 июни соли 2006……53

Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ.
Андешаҳо дар остонаи бузургдошти
Соли тамаддуни ориёӣ,
17 июни соли 2006……60

Суханронӣ дар ҷаласаи Машварати
ҳамгирої ва чораҳои боварӣ дар Осиё,
Алмаато, 17 июни соли 2006……..85

Иттиҳоди иқтисодии мо иттиҳоди ояндадор аст.
Суханронӣ дар маҷлиси Шӯрои байнидавлатии
Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё,
Минск, 23 июни соли 2006……..90

Роҳ пайвандгари қалбҳову марзҳо ва оину
фарҳангҳост. Суханронӣ ба муносибати оғози
марҳилаи дуюми таҷдиди роҳи автомобилгарди
«Душанбе-Саритош»,
Нуробод, 27 июни соли 2006……..94

Нусратулло Махсум – ҷонфидои миллат.
Суханронӣ дар маросими кушодани
нимпайкараи Нусратулло Махсум,
Рашт, 27 июни соли 2006……98

Сулҳу ваҳдат – бахти миллат. Суханронӣ дар
маросими таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ,
Рашт, 27 июни соли 2006……...101

Мӯҳлати таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Чанак
ду сол аст. Суханронӣ дар маросими оғози
татбиқи лоиҳаи таҷдиди шоҳроҳи
автомобилии Душанбе-Чанак,
Варзоб, 11 июли соли 2006……112

Суханронӣ дар маросими хатми корҳои асосии
нақби Анзоб, Айнӣ, 26 июли соли 2006……..117

Нобиғаи шеър ва пайвандгари ду кишвар.
Суханронӣ дар марқади Мирзо
Абдулқодири Бедил,
Деҳлӣ, 6 августи соли 2006……122

Ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодиро густариш
бахшем. Суханронӣ зимни мулоқот бо
намояндагони доираҳои соҳибкории
Ҳиндустон, Деҳлӣ, 7 августи соли 2006……..125

Барои сармоягузорон Осиёи Марказӣ чун
бозори умумӣ ҷаззобият дорад. Суханронӣ
дар семинари бахшида ба нақши Тоҷикистон
дар ҳамкории минтақавӣ, ……129
Деҳлӣ, 7 августи соли 2006.

Роҳсозиву роҳкушоӣ – нишонаи рушди
Тоҷикистон. Суханронӣ дар ҷамъомади
тантанавӣ бахшида ба ифтитоҳи бунёди
нақби мошингарди Шаҳристон,
22 августи соли 2006……...138

Бинои нави мактаб – армуғони ҷашнӣ.
Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи бинои
нави мактаби миёнаи №53-и ноҳияи Ғончӣ,
22 августи соли 2006……...142

Аз сабақҳои бузурги таърихӣ истифода намоем.
Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи осорхонаи
вилоятӣ дар шаҳри Хуҷанд,
23 августи соли 2006……...145

Арзишҳои ориёӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ.
Чанд андешаи дигар дар остонаи ҷашни
Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ,
29 августи соли 2006……...148

Фарҳанги сулҳ. Маърӯзаи илмӣ дар Рӯзи
Дониш дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон,
1 сентябри соли 2006……..169

Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи «Телевизиони кӯдакону наврасон – «Баҳористон»,
Душанбе, 4 сентябри соли 2006……180

Шукри Истиқлолияти давлатӣ, шукри сулҳу ваҳдати миллӣ. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 15-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ,
Душанбе, 8 сентябри соли 2006……185

Рӯ ба барномаҳои муштараки иқтисодиву иҷтимоӣ биорем. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон,
Душанбе, 8 сентябри соли 2006……213

Нақши Артиши миллӣ дар таҳкими Истиқлолият. Суханронӣ дар паради ҳарбӣ ба муносибати 15-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон,
Душанбе,Майдони «Дӯстӣ»,
9 сентябри соли 2006……..223

Паёми табрикӣ ба шарафи таҷлили 15-солагии Истиқлолият ва Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ дар варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе,
9 сентябри соли 2006……..227

Ҳар иншооти ин муҷтамаъ рамзи худро дорад. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи маҷмааи меъмории «2700-солагии Кӯлоб»,
Кӯлоб, 10 сентябри соли 2006……..231

Паёми табрикӣ ба шарафи 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб ҳангоми вохӯрӣ дар майдони Ҷавонон, Кӯлоб, 10 сентябри соли 2006…….235

Ҷашни Кӯлоби бостонӣ иди таъриху фарҳанг аст. Суханронӣ дар маросими бошукӯҳи таҷлили ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб,
10 сентябри соли 2006……241

Ифтитоҳи мактаби нав – яке аз чорабиниҳои
ҷашнӣ. Суханронӣ ба муносибати ба истифода
додани мактаби нави таҳсилоти умумӣ барои
640 ҷой дар шаҳри Кӯлоб,
11 сентябри соли 2006……250

Ҳамкорӣ ривоҷ меёбад. Суханронӣ дар ҳузури
иштирокдорони Шӯрои Сарони ҳукуматҳо –
Сарвазирони кишварҳои узви СҲШ,
Душанбе, 15 сентябри соли 2006……..254

Тоҷикистони соҳибистиқлол 15-сола шуд.
Мақола дар фаслномаи илмии «Ирано-
Славика», Москва, 2 (10), 2006……258

Паёми табрикӣ ба муносибати фарорасии моҳи
шарифи Рамазон, 22 сентябри соли 2006……265

Шумо масъулияти бузургеро ба зиммаи ман
мегузоред. Суханронӣ дар Анҷумани IX
Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон,
Душанбе, 23 сентябри соли 2006……..267

Бозсозии низоми соҳаи маориф – тақозои замон.
Суханронӣ дар маросими ҷашни 10-солагии
рӯзи таъсис ёфтани Донишгоҳи славянии
Тоҷикистону Русия, 25 сентябри соли 2006……...283

Муаллим – равшангари ақлҳо ва тарбиятгари
маънавии миллат. Суханронӣ дар ҷамъомади
тантанавӣ бахшида ба Рӯзи омӯзгорон,
Душанбе, 29 сентябри соли 2006……..289

Ҳадафи асосӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ
раҳоӣ додани Тоҷикистон аст. Суханронӣ дар
маросими оғози сохтмони туннели «Шаршар»,
20 октябри соли 2006……..297

Паёми табрикӣ ба муносибати иди саиди Фитр,
23 октябри соли 2006……..301

Минтақаро бо нерӯи барқи арзон таъмин
намоем. Суханронӣ дар Конфронси дуввум
оид ба фурӯши нерӯи барқ миёни кишварҳои
Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ,
Варзоб, 27 октябри соли 2006……...304

Ҳамкориҳо бо созмони Оғохони IV рушду
густариш меёбанд. Суханронӣ дар маросими
оғози расмии сохтмони меҳмонхонаи «Сирена-
Душанбе» барои 120 ҷой дар хиёбони Рӯдакӣ,
14, 30 октябри соли 2006……312

Суханронӣ дар маросими ба истифода додани
пули миёни Тоҷикистону Афғонистон дар
ноҳияи Ишкошим, 31 октябри соли 2006……...315

Ҳадафи ниҳоии сиёсати давлати Тоҷикистон
таъмини зиндагии шоистаи мардум аст.
Суханронӣ дар маҷлиси фаъолони Вилояти
Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Хоруғ,
31 октябри соли 2006……..318

Шоҳсутун ва шиносномаи давлат.
Паёми табрикӣ ба муносибати дувоздаҳумин
солгарди рӯзи Конституцсияи Ҷумҳурии
Тоҷикистон, Душанбе, 4 ноябри соли 2006……...333

Суханронӣ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии
Тоҷикистон ба муносибати савгандёдкунии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Душанбе, 18 ноябри соли 2006……336

Суханронӣ дар маросими расмии савгандёдкунии
хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ дар
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Душанбе, Майдони «Дӯстӣ»,
18 ноябри соли 2006……345

Нерӯи бузурги табиат дар хидмати инсон.
Суханронӣ дар маросими бастани маҷрои дарёи
Вахш, Сангтӯда, 15 декабри соли 2006……...348

Иди қурбон таҷассумгари садоқату фидокорӣ.
Табрикот ба муносибати Иди қурбон,
28 декабри соли 2006……..353

Зиндагии шоистаро фароҳам оварем. Паёми
табрикӣ ба муносибати фарорасии Соли нави 2007,
Душанбе, 31 декабри соли 2006……355

Афзалиятҳои иқтисодии ҳамкорӣ. Суханронӣ
дар маросими ӣфтитоҳи Анҷумани тиҷоратию
иқтисодӣ дар шаҳри Пекин,
16 январи соли 2007……359

Вазифаи асосӣ – рушди сифатан нави иқтисодию
иҷтимоӣ. Суханронӣ дар ҷаласаи васеи Ҳукумати
Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву
иҷтимоии мамлакат дар соли 2006 ва вазифаҳои
минбаъдаи Ҳукумати Тоҷикистон,
Душанбе, 31 январи соли 2007……365

Ба савганди ёдкардаи худ ҳамеша содиқ бошем.
Сухани табрикотӣ ба муносибати 14-умин
солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Душанбе, 23 феврали соли 2007……...376

Хизмати модар барои башарият беҳудуд аст.
Суханронӣ дар мулоқот бо занони мамлакат,
6 марти соли 2007……381

Мушкилоти рӯзгори мардумро осон ва мавқеи
байналмилалии Тоҷикистонро боз ҳам
мустаҳкам гардонем. Суханронӣ дар мулоқот
бо намояндагони зиёиёни мамлакат,
Душанбе, 20 марти соли 2007……...389

Наврӯз – далели офариниши ҷаҳон. Суханронӣ
дар маросими ҷашни Наврӯз Душанбе,
21 марти соли 2007……....404

Паёми табрикӣ ба муносибати Иди Наврӯз,
Турсунзода, 21 марти соли 2007……..408

Мероси Ҷалолуддини Балхӣ ва ҷаҳони муосир,
«Садои Мардум», 29 марти соли 2007……413

Барномаи ҷалби инвеститсияҳо қисми таркибии
стратегияи рушди миллии Тоҷикистон аст.
Суханронӣ дар Анҷумани нахустини
иқтисодию тиҷоратӣ,
Дубай, 11 апрели соли 2007……..425

Пойгоҳи асосии омодасозии кадрҳои миллӣ
дар соҳаҳои бунёдии иқтисоди Тоҷикистон.
Суханронӣ дар маҷлиси бошукӯҳ бахшида
ба 50-солагии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ,
Душанбе, 17 апрели соли 2007……431

Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Душанбе, 30 апрели соли 2007……442

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

*ИСТИҚЛОЛИЯТИ*
*ТОҶИКИСТОН*
*ВА*
*ЭҲЁИ МИЛЛАТ*

Муҳаррирон *А.Асадов,*
*С.Қодиров, Б.Абдураҳмонов*

Муҳаррири ороиш *А.Исоев*
Муҳаррири техникӣ *К.Эгамбердиев*

БИ № 3515

Ба матбаа 21.05.07 супурда шуд. Ба чоп 25.05.07 имзо шуд. Андозаи 84Х108 1/32. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 30,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 23,0. Адади нашр 2000. Супориши № . Нархи шартномавӣ.

Муассисаи нашриявии “Ирфон”-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17.

ҚСШК «Матбуот»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.